ISSN 2790-7198

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ
ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО**

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ИЗУЧЕНИЯ ПРОБЛЕМ
СТРАН АЗИИ И ЕВРОПЫ**

**NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF THE TAJIKISTAN
INSTITUTE OF STUDYING OF THE PROBLEMS
OF ASIAN AND EUROPEAN COUNTRIES**

# ОСИЁ ВА АВРУПО
## (маҷаллаи илмӣ)

# АЗИЯ И ЕВРОПА
## (научный журнал)

# ASIA AND EUROPE
## (Scientific Journal)

**№ 3 (27), 2026**

**Душанбе - 2026**

**Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра** – сармуҳаррир, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;
**Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло** – муовини сармуҳаррир;
**Окимшоева Рухсора** – котиби масъул.

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

**Хушвахтзода Қобилҷон** – доктори илмҳои иқтисодӣ, узви пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, президенти АМИТ;
**Муҳаммад Абдураҳмон** – доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи АМИТ;
**Турсон Акбар** – доктори илмҳои фалсафа, академики АМИТ;
**Шамолов Абдулвоҳид** – доктори илмҳои фалсафа;
**Сайидзода Зафар Шералӣ –** доктори илмҳои таърих;
**Қурбонова Ширин** – доктори илмҳои таърих;
**Воҳидова Санавбар** – доктори илмҳои таърих;
**Искандаров Қосимшо** – доктори илмҳои таърих;
**Турсунов Турсунмурод** – доктори илмҳои таърих;
**Каримов Шамсиддин**– доктори илмҳои сиёсӣ;
**Маҳмадбекзода Моёншо –** доктори илмҳои сиёсӣ;
**Зиёев Субҳиддин -** номзади илмҳои филологӣ.
**Дороншоева Некбахт** – номзади илмҳои сиёсӣ;
**Юсуфҷонов Фаридун** – номзади илмҳои сиёсӣ;
**Улмасов Раҳмон** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Исайнов Ҳисайн**– доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Ҷумъаев Баҳовиддин** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Муқаддасзода Фирдавс**– доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Муҳаммадализода Парвина –** номзади илмҳои иқтисодӣ;

**Муассиси маҷалла: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.**

Дар маҷалла мақолаҳою фишурдаҳои илмӣ, тақризҳо ва ахбор дар бахши муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва шарқшиносӣ ба табъ мерасанд.

Маҷалла соли 2019 таъсис ёфта, дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**Маҷаллаи илмии «Осиё ва Аврупо» таҳти рақами 508/МҶ – 97 санаи 03 августи соли 2026 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

**Индекси обунавӣ: 77731**

Дар асоси фармоиши Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 270/м аз 29 ноябри соли 2022 ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст.

Маҷалла дар Индекси русии иқтибосоварии илмӣ (РИНЦ) ба қайд гирифта шудааст.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ-33.
Тел.: (+992 37) 221 05 72.
Сомонаи мо: **https:// old.osiyoavrupo.tj/majalla/tg/archive**
E-mail: **kotibi_ilmi.amit.ioa@mail.ru**

© Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

**Хайдарзода Рустам Джура** – главный редактор, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы;

**Махмадуллозода Нурулло Рахматулло** – заместитель главного редактора;

**Окимшоева Рухсора** – ответственный секретарь.

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**

**Хушвахтзода Кобилджон** – доктор экономических наук, академик Национальной академии наук Таджикистана, президент НАНТ;

**Мухаммад Абдурахмон**-доктор политических наук, член-корреспондент НАНТ;

**Турсон Акбар** – доктор философских наук, академик НАНТ;

**Шамолов Абдулвохид** – доктор философских наук;

**Сайидзода Зафар Шерали –** доктор исторических наук;

**Қурбонова Ширин** – доктор исторических наук;

**Вохидова Санавбар**– доктор исторических наук;

**Искандаров Косимшо** – доктор исторических наук;

**Турсунов Турсунмурод -** доктор исторических наук;

**Каримов Шамсиддин**– доктор политических наук;

**Махмадбекзода Моёншо –** доктор политических наук;

**Зиёев Субхиддин -** кандидат филологических наук;

**Дороншоева Некбахт** – кандидат политических наук;

**Юсуфджонов Фаридун** – кандидат политических наук;

**Ульмасов Рахмон –** доктор экономических наук;

**Исайнов Хисайн** – доктор экономических наук;

**Джумъаев Баховиддин** – доктор экономических наук;

**Мукаддасзода Фирдавс** – доктор экономических наук;

**Мухаммадализода Парвина –** кандидат экономических наук.

**Haidarzoda Rustam Jura** – Chief Editor, director of Institute of studying of the problems of Asian and European countries;

**Mahmadullozoda Nurullo Rahmatullo** – Deputy of Chief Editor;

**Okimshoeva Rukhsora** – Executive Secretary.

**EDITORIAL TEAM**

**Khushvakhtzoda Kobiljon** – Doctor of Economic Sciences, Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan, President of the NAST;

**Muhammad Abdurahmon** – Doctor of Political Sciences, corresponding member of the NAST;

**Turson Akbar –** Doctor of Philological Sciences, Academician of the NAST;

**Shamolov Abdulvohid –** Doctor of Philological Sciences;

**Sayidzoda Zafar Sherali –** Doctor of Historical Sciences**;**

**Kurbonova Shirin –** Doctor of Historical Sciences;

**Vohidova Sanavbar–** Doctor of Historical Sciences;

**Iskandarov Qosimsho –** Doctor of Historical Sciences;

**Tursunov Tursunmurod –** Doctor of Historical Sciences;

**Karimov Shamsiddin –** Doctor of Political Sciences;

**Mahmadbekzoda Moyonsho –** Doctor of Political Sciences;

**Ziyoyev Subhiddin –** Candidate of Philological Sciences;

**Doronshoeva Nekbakht –** Candidate of Political Sciences;

**Yusufdzhonov Faridun –** Candidate of Political Sciences;

**Ulmasov Rakhmon –** Doctor of Economic Sciences;

**Isaynov Hisayn –** Doctor of Economic Sciences;

**Jumayev Bahoviddin –** Doctor of Economic Sciences;

**Mukaddaszoda Firdavs**– Doctor of Economic Sciences;

# МУНДАРИҶА

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Ҳайдарзода Р.Ҷ.** Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Федератсияи Россия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ: дар мисоли СААД ............ 7
**Маҳмадуллозода Н.Р.** Асосҳои байналмилалии ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ . 14
**Сайидзода З.Ш., Қурбонзода Ф.** Идоракунии амнияти минтақавӣ ва арзёбии хатарҳо: ҳамкории Тоҷикистону Чин дар доираи СҲШ ............ 22
**Раҳмонзода А.Ш.** Мавқеи омилҳои сиёсиву иқтисодӣ дар ташаккули муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон ............ 27
**Темурзода Ф.С.** Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ: таҳаввулоти институтсионалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ............ 39
**Зиёев С.Н.** Сиёсати “неруи нарм”-и Иттиҳоди Аврупо нисбат ба давлатҳои Осиёи Марказӣ: манфиатҳо, афзалиятҳо ва шаклҳои татбиқ ............ 45
**Раҳмонов М.М.** Ҷойгоҳи кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дар шароити ҷаҳони бисёрқутба ............ 50
**Давлатов З.** Таҳдиду хатарҳои муосир дар бахши амнияти минтақавӣ дар марзи масъулияти СААД: таҳлили омилҳои трансформатсионии муҳити амниятӣ ............ 65
**Расулзода А. З.** Мақом ва нақши ШМА ва Канада дар муносибатҳои байналмилалии замони муосир ва истифодаи таҷрибаи онҳо дар раванди таҳкими давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ............ 70
**Неъматов И.** Марҳилаи ибтидоии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар замони истиқлолият (1991–2010)............ 82
**Махмедов М.** Масъалаҳои пешгирии ифротгароии хушунатомез дар даврони муосир ............ 92
**Собитзода С.У.** Тарҳи C5+1 дар сиёсати геополитикии қудратҳои муосир: пешоҳангони дипломатӣ ............ 99
**Ибрагимова М. Қ.** Нақши нерӯи нарм дар сиёсати хориҷии Канада ............ 105
**Файзуллаева Н. Н.** Ҷойгоҳи Кореяи Ҷанубӣ дар низоми ҷаҳони бисёрқутба ............ 109
**Розиқов Ф.М., Бобошои А.** Ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи СААД............ 117
**Мирзозода У.А., Самиев Х. Д.** Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои шарик дар ИДМ дар соҳаи илм ва иттилоот............ 125
**Раҳимов А.З., Шарифзода И.И.** Мушкилоти дохилии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва таъсири он ба амнияти минтақавӣ............ 135
**Холназаров Н.М.** Эрон ва кишварҳои Халиҷ дар муҳити геополитикии рақобати қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ............ 142
**Асламшозода Ф.А.** Ташаккули заминаҳои назариявии бисёрсамтӣ ва ҷойгоҳи Федератсияи Россия дар афзалиятҳои стратегии Тоҷикистон ............ 150
**Азимов Х., Окимшоева Р.** Нерӯи нарм дар сиёсати хориҷии Фаронса ............ 160
**Наҷмиддинов А.** Модели Канада: дипломатияи арзишмеҳвар ва амнияти устувор............ 165
**Ғоибназарзода С.** Дипломатияи мардумӣ дар таҷрибаи Канада: моделҳои ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ ва имконияҳои татбиқи онҳо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон............ 172
**Доroншоева Н.Ш.** Модели нерӯи нарми Канада дар кишварҳои пасошӯравӣ: афзалиятҳо, самтҳо ва таҷриба ............ 180

## ШАРҚШИНОСӢ

**Файзализода Ҷ.Х.** Консепсияи хотир ва ҳувият дар фалсафаи Пол Рикёр ............ 189
**Муродзода М.М.** Заминаҳои сиёсии ташаккули ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ ............ 199

## ИҚТИСОДИ ҶАҲОН

**Муҳаммадализода П., Сафарова М. И.** Тамоюл ва ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар ҷаҳони муосир дар мисоли давлатҳои Шарқ ............ 206
**Шарифзода И. И.** Ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (солҳои 2015–2026) ............ 213

## СОДЕРЖАНИЕ

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ

**Хайдарзода Р.Дж.** Состояние и перспективы сотрудничества Российской Федерации с центральноазиатскими странами в рамках международных организаций: на примере ОДКБ 7
**Махмадуллозода Н. Р.** Международно-правовые основы деятельности торговых представительств ........ 14
**Сайидзода З. Ш., Курбонзода Ф.** Управление региональной безопасностью и оценка рисков: таджикско-китайское сотрудничество в рамках ШОС........ 22
**Рахмонзода А. Ш.** Положение политических и экономических факторов в формировании международных отношений Таджикистана........ 27
**Темурзода Ф.** Эмомали Рахмон на мировой арене: институциональная эволюция внешней политики Республики Таджикистан ........ 39
**Зиёев С. Н.** Политика «мягкой силы» Европейского союза в отношении стран Центральной Азии: интересы, приоритеты и формы реализации........ 45
**Рахмонов М. М.** Статус стран Южной Азии в многополярном мире ........ 50
**Давлатов З.** Современные угрозы и риски в региональном секторе безопасности в зоне ответственности СААД: анализ факторов трансформации среды безопасности........ 65
**Расулзода А. З.** Статус и роль США и Канады в современных международных отношениях и использование их опыта в процессе укрепления национального государства Республики Таджикистан ........ 70
**Неъматов И.** Начальный этап развития отношений Республики Таджикистан с Исламской Республикой Иран в период независимости (1991–2010 гг.) ........ 82
**Махмедов М.** Проблемы предотвращения насильственного экстремизма в современный период ........ 92
**Собитзода С. У.** Формат «5+1» в геополитической политике современных держав: дипломатические авангарды ........ 99
**Ибрагимова М. К** Роль мягкой силы во внешней политике Канады. ........ 105
**Файзуллаева Н. Н.** Место Южной Кореи в многополярной мировой системе ........ 109
**Розиқов Ф. М., Бобошои А.** Военно-техническое сотрудничество Республики Таджикистан и Российской Федерации в рамках ОДКБ ........ 117
**Мирзозода У. А., Самиев Х. Д.** Сотрудничество Республики Таджикистан со странами – участницами СНГ в области науки и информации ........ 125
**Раҳимов А. З., Шарифзода И. И.** Внутренние проблемы Организации Договора о коллективной безопасности и их влияние на региональную безопасность........ 135
**Холназаров Н. М.** Иран и страны Персидского залива в геополитической среде соперничества региональных и мировых держав........ 142
**Асламшозода Ф. А.** Формирование теоретических основ многовекторности и место Российской Федерации в стратегических приоритетах Таджикистана ........ 150
**Азимов Х., Окимшоева Р.** Мягкая сила во французской внешней политике........ 160
**Наджмиддинов А.** Канадская модель: ценностно-ориентированная дипломатия и устойчивая безопасность ........ 165
**Гоибназарзода С. И.** Опыт Канады в публичной дипломатии: модели гражданского общества и пути их интеграции во внешнюю политику Таджикистана........ 172
**Дороншоева Н. Ш.** Модели мягкой силы Канады в постсоветских странах: приоритеты, направления и опыт........ 180

## ВОСТОКОВЕДЕНИЕ

**Файзализода Дж. Х.** Концепция памяти и идентичности в философии Поля Рикера........ 189
**Муродзода М. М.** Политические основы формирования национальной идентичности и самопознания ........ 199

## МИРОВАЯ ЭКОНОМИКА

**Мухаммадализода П., Сафарова М. И.** Тенденции формирования и развития человеческого капитала в современном мире на примере стран Востока ........ 206
**Шарифзода И. И.** Экономическое сотрудничество Кыргызской Республики в рамках Евразийского экономического союза (2015–2026 гг.) ........ 213

# CONTENTS

## INTERNATIONAL RELATIONS

**Haidarzoda R.J.** The current status and prospects of cooperation between the Russian Federation and Central Asian countries within international organizations: the case of the CSTO ........................ 7
**Mahmadullozoda N.R.** International legal foundations of the activities of trade representations 14
**Sayidzoda Z. Sh., Qurbonzoda F.** Regional security management and risk assessment: cooperation between Tajikistan and China within the SCO........................................................................... 22
**Rahmonzoda A. Sh.** The role of political and economic factors in the formation of Tajikistan's international relations ........................................................................................................... 27
**Temurzoda F. S.** Emomali Rahmon in the world arena: the institutional evolution of the foreign policy of the Republic of Tajikistan ........................................................................................ 39
**Ziyoev S.N.** The European Union's "soft power" policy towards the countries of Central Asia: interests, priorities and forms of implementation ................................................................ 45
**Rahmonov M.M.** South Asian countries' status in a multipolar world .............................................. 50
**Davlatov Z.A.** Modern threats and risks in the regional security sector in the area of responsibility of SAAD: analysis of transformational factors of the security environment ........................................... 65
**Rasulzoda A.Z.** The status and role of the USA and Canada in modern international relations and the use of their experience in the process of strengthening the national stateship of the Republic of Tajikistan.................................................................................................................. 70
**Nematov I.** The initial stage of the development of relations between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Iran during the period of independence (1991–2010) ................................... 82
**Makhmedov M.** Problems of preventing violent extremism in the modern period ............................. 92
**Sobitzoda S. U.** The C5+1 format in the geopolitical policy of modern powers: diplomatic pioneers 99
**Ibragimova M. Q.** The role of soft power in Canada's foreign policy............................................... 105
**Faizullaeva N.N.** South Korea's place in the multipolar world system............................................... 109
**Roziqov F. M., Boboshoi A.** Military-technical cooperation between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation within the CSTO........................................................................... 117
**Mirzozoda U.A., Samiev K.D.** Cooperation between the Republic of Tajikistan and CIS member countries in science and information ........................................................................................ 125
**Rakhimov A.Z., Sharifzoda I. I.** Internal problems of the Collective Security Treaty Organization and their impact on regional security.............................................................................................. 135
**Kholnazarov N. M.** Iran and the Gulf States in the geopolitical environment of competition among regional and global powers ......................................................................................................... 142
**Aslamshozoda F. A.** Formation of the theoretical foundations of multi-vector policy and the role of the Russian Federation in the strategic priorities of Tajikistan ........................................................... 150
**Azimov Kh., Okimshoeva R. S.** Soft power in French foreign policy............................................... 160
**Najmiddinov A.** The Canadian model: value-oriented diplomacy and sustainable security ................ 165
**Ghoibnazarzoda S. I.** Canada's experience in public diplomacy: civil society models and paths to integrating them into Tajikistan's foreign policy.................................................................... 172
**Doronshoeva N. Sh.** Canada's soft power models in post-Soviet countries: priorities, directions and experience ............................................................................................................................... 180

## ORIENTAL STUDIES

**Faizalizoda J. Kh.** The concept of memory and identity in the philosophy of Paul Riceur .................. 189
**Muradzoda M. M.** Political basis for the formation of national identity and self-knowledge ............. 199

## GLOBAL ECONOMY

**Muhammadalizoda P. M., Safarova M. I.** Trends and formation of human capital development in the modern world on the example of Eastern countries...................................................................... 206
**Sharifzoda I. I.** Economic cooperation of the Kyrgyz Republic within the Eurasian Economic Union (2015–2026) ......................................................................................................................... 213

УДК: 327(47)+327(575)+325.722

# ҲОЛАТ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ДОИРАИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: ДАР МИСОЛИ СААД

**Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

*Дар ин мақола ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Федератсияи Россия бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар доираи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД),хусусан дар қаринаи муқовимат бо таҳдидҳои нав ва анъанавӣ дар фазои Авруосие баррасӣ мешавад.*

*Муаллиф дар мақолаи худ таъкид менамояд,ки ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои давлатҳои Осиёи Марказиро бо Россия дар доираи СААД бояд дар ростои ташаккули ҷаҳони бисёрқутба ва пайдо шудани чолишҳои нав барои низоми амниятӣ дар фазои Авруосиё бояд баррасӣ намуд.*

***Калидвожаҳо:** СААД, Россия, Осиёи Марказӣ, Авруосиё, таъмини амният миллӣ, таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ*

**Муқаддима.** Осиёи Марказӣ дар низоми амнияти ҷаҳонӣ мавқеи калидии геополитикӣ дорад. Он маркази бархурди манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ маҳсуб меёбад. Аз соли 1991 инҷониб, қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ фаъолона дар равандҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ дар минтақа бо тарзҳои мухталиф иштирок мекунанд ва мекӯшанд, ки минтақаро ба манфиатҳои миллии худ истифода намоянд. Мавқеи геополитикии минтақа, зарфияти иқтисодии он ва имкониятҳои транзитӣ боиси рақобати шадид байни бозигарони геополитикӣ дар минтақа гардидаанд.

Дар айни замон Осиёи Марказӣ дар раванди ҳамгироии босуръат қарор дошта, худро ҳамчун субъекти томи минтақавӣ дар низоми муносибатҳои минтақавӣ муаррифӣ менамояд. Аммо новобаста ба чунин ҳолат дар минтақа, таҳдидҳои анъанавӣ то ҳол дар он арзи вуҷуд доранд ва чолишҳои нав дар ин фазои геополитикӣ низ пайдо шудаанд.

Дар ин замина, аҳамияти ҳамкориҳои ҳарбии давлатҳои Осиёи Марказӣ бо давлатҳои абарқудрат ё худ ташкилотҳои байналмилалӣ баҳри таъмини амнияти дохилӣ ба маротиб меафзояд. Дар айни замон аксарияти давлатҳои Осиёи Марказӣ дар масоили таъмини амнияти минтақавӣ ҳамкориро асосан бо Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД), ки дар он Федератсияи Россия нақши калидӣ дорад, идома доранд.

Мубрамияти ин таҳқиқот аз зарурати дарки беҳтари механизмҳои ҳамкории кишварҳои узви СААД дар соҳаи амният, инчунин нақши ин созмон дар ҳалли масъалаҳои калидӣ дар Осиёи Марказӣ дар қаринаи ташаккули ҷаҳони бисёрқутба бармеояд. Мақола ба таҳлили самаранокии фаъолияти СААД дар таъмини амнияти минтақавӣ, инчунин таъсири он ба суботи сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳои узв дар фазои муосири геополитикии Авруосиё нигаронида шудааст.

**Ҳадафҳои таҳқиқот** инҳоянд: омӯзиши ҳолати фаъолияти СААД дар шароити ташаккули ҷаҳони бисёрқутба, таҳлили вазифаҳо ва ҳадафҳои асосии ин созмон дар шароити мутташаниҷ гаштани вазъи сиёсӣ-ҳарбии ҷаҳони муосир,муайян намудани стратегияи вокуниши СААД бо мушкилоти нави амниятӣ дар дурнамои наздик.

**Методологияи** таҳқиқот бар асоси таҳлили муқоисавӣ, усули таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ ва таҳлили сиёсиву иқтисодӣ, истифодаи васеъи мақолаҳои илмӣ, нашрияҳои расмӣ ва арзёбиҳои коршиносон асос ёфтааст. Муаллиф усули таърихиро барои таҳлили рушди хронологии сиёсати амниятии СААД дар Осиёи Марказӣ тавассути омӯзиши

ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва изҳороти расмӣ барои муайян кардани рӯйдодҳои калидӣ, ки ба сиёсати амниятии кишварҳои узв таъсир мерасонанд, истифода мебарад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки нақши афзояндаи ниҳодҳои анъанавии байналмилалӣ,ба мисли СААД дар таъмини сулҳу суботи сиёсӣ дар асосии омузиши равандҳои муосири геополитикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ташаккули ҷаҳони бисёрқутба бори аввал таҳқиқ гаштааст.

**Қисмати асосӣ.**

Осиёи Марказӣ дар айни замон ба яке аз минтақаи калидии Авруосиё мубаддал гашта истодааст ва дар ташаккули низоми нави амниятии авруосиёгӣ, ки натиҷаи раванди ташаккули ҷаҳони бисёрқутба мебошад, нақши муҳимро иҷро менамояд[5]. Ба назари мо вазъи геополитикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба кулли равандҳо дар Авруосиё таъсиррасон мебошанд. Аз ин ру давлатҳои Осиёи Марказӣ кушиш мекунад, дар ҳамкорӣ масоили мубрами рушди устувор,таъмини сулҳ субот, рушди тиҷоратро дар минтақа дастаҷамъона баррасӣ намоянд. "Равандҳои нави геополитикӣ ва геоиқтисодӣ ҳоло дар Авруосиё ва бахусус дар Авруосиёи Марказӣ инкишоф ва пайдо мешаванд, ки мустақиман бо ташаккули ҷаҳони сеқутба алоқамандананд"[8,168].

Дар айни замон давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои худро дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ низ фаъол гардониданд. Дар ин росто номбар намудани Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ(СААД) ва Созмони ҳамкориҳои Шанхайро(СҲШ) ҷоиз аст.

Бо раванди ташаккули ҷаҳони бисёрқутба, ки оғози он аз солҳои 2022 ба вуқуъ пайваст ва ба амалиятҳои махсуси ҳарбии Россия дар Аврупои Шарқӣ марбут аст, нақшу вазифаҳои созмонҳои байналмилалӣ низ дар ҳолати таҳаввулот қарор доранд[10].Дар ҳақиқат имруз ҷаҳони мутамаддин дар ҳолати буҳрони шадиди музмин қарор дорад, зеро ки фаъолияти баъзе ниҳодҳои байналмилалӣ босамар нест ва ҳамчунин ҳолати нақзи мудаввоми ҳуқуқи байналмилалӣ хеле зиёд ба назар мерасад. Ба ақидаи коршиносон "...фазои геополитикӣ, геостратегӣ, геоиқтисодӣ ва геофарҳангии ҷаҳон дар ҳолати буҳрони шадид ва амиқ қарор дорад. Ҳоло инсоният шоҳиди рақобати пуршиддати абарқудратҳо ва қудратҳои минтақавӣ барои нуфуз доштан дар минтақаҳои мухталифи сайёра гаштааст. Ин ҳолати буҳронӣ солҳои охир барои пайдоиши низоъ ва ҷангҳо дар минтақаҳои гуногуни дунё замина фароҳам овард, ки то имрӯз идома доранд ва роҳи ҳалро ҳам пайдо накардаанд. Сабаби сар задани чунин низоъҳо дар манотиқи гуногуни ҷаҳон, пеш аз ҳама, нақзи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва риоя накардани принсипҳои ҳамзистии осоишта мебошад, ки дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид муқаррар гаштааст. Дар ин қарина бояд тазаккур дод, ки ҳуқуқи байналмилалӣ барои танзими низоми муносибатҳои байналмилалӣ пайдо шудааст. Ин падидаи нодири инсоният абзоре мебошад, ки ба сар задани ҷангу низоъ дар ҷаҳон имконият намедиҳад. Аммо солҳои охир нақзи ҳуқуқи байналмилалӣ бештар ба назар расида, боиси маҳдуд шудани майдони муколамаи сулҳ мегардад.

Коҳиш ёфтани чорчӯбаи муколамаи сулҳ, ки аслан рисолати Созмони Милали Муттаҳид мебошад, ҷомеаи ҷаҳониро ба пайдо намудани консепсияи нави сулҳофарӣ водор месозад. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз бозингарони бонуфузи нав, аз қабили ташкилоти байналмилалӣ, марказҳои коршиносони сатҳи байналмилалӣ, воситаҳои ахбори оммаи сатҳи байналмилалӣ, бузургширкатҳои рақамӣ пайдо шудаанд, ки ба равандҳои гуногун дар ҷаҳон таъсири амиқ мерасонанд. Яъне агар чанд даҳсола қабл асосан давлатҳои миллии мустақил дар ҳалли масоили гуногуни ҷаҳонӣ иштирок мекарданд, пас имрӯз доираи иштирокчиёни равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҷаҳони муосир васеътар гаштаанд, ки бояд ин ҳолат дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ба инобат гирифта шавад"[1].Дар чунин ҳолатҳои буҳронӣ

давлатҳо кушиш мекунанд,ки ҳамкориҳоро дар доираи ташкилотҳои нави байналмилалӣ ва ё худ ташкилотҳои анъанавии байналмилалӣ,ки фаъолияти худро ба шароити нав дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мутобиқ намуданд, идома диҳанд. Яъне, яке аз масоили мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ ва низоми муносибатҳои байналмилалӣ алъон аз он иборат аст,ки кулли ташкилотҳои анъанавии байналмилалии 30 сол ё 50 сол қабл пайдо шуда, бо тарзу тафаккури куҳна кор мекунанд, хусусан дар масири пешгирии низоъҳо ва ё худ муқовимат ба хатару чолишҳои ғайрианъанавӣ ба амнияти кишварҳо. Бешубҳа, дар солҳои пешин имкон мавҷуд буд, ки бо тарзу тасаввуроти куҳна бисёре аз масоили мубрами ҷаҳониро пешигирӣ ё ҳал намуд. Аммо имруз вазъият куллан тағйир ёфтааст. Хатару чолишҳои нав, ки хусусан дар заминаи технологияҳои нави рақамӣ-иртиботӣ пайдо шудаанд, усулҳои нави муқовиматро бар зидди онҳо тақозо менамоянд[9].

Аз ин ру,ташкилотҳои бонуфузи анъанавӣ ба мисли СММ бояд стратегияи фаъолияти худро ба талаботу ниёзи замони ҳозира мутобиқ созанд,чунки дар минбаъд вобаста ба тағиёрбии мунтазами вазъи геополитикӣ ва геоиқтисодӣ дар ҷаҳон , давлатҳои соҳибистиқлол ҳамкориҳи худро дар доираи такшилотҳои нави байналмилалӣ ба мисли СҲШ ё СААД идома медиҳанд[7].

Агар ба моҳияти низоъ ва ҷангҳои замони ҳозира нигоҳ кунем, пас мебинем, ки табиат ва моҳияти онҳо дигаргун гаштааст. Рӯйдодҳои соли 2026 нишон доданд, ки навъи муосири ҷанг ё Ҷанги насли шашум танҳо ба бархӯрди артишҳо дар майдони ҷанг маҳдуд намешавад. Худи майдони ҷанг ба фазои бисёрқабата ва бисёрсоҳа табдил ёфтааст. Ин навъи муосири ҷанг аз байн бурдани ҳадафмандонаи инфрасохтори муҳим дар тамоми қаламрави кишвар, муҳосираи пурраи молиявӣ ва технологӣ, фалаҷ шудани долонҳои нақлиётӣ, интиқоли маълумоти васеъмиқёс ва амалиётҳои иттилоотӣ, ки баҳри таъсири манфӣ расонидан ба аҳолии душман нигаронида шудаанд, иборат аст. “Бӯҳрони Халиҷи Форс дар соли 2026 таҷрибаи муҳимро дар коҳиш додани таҳдидҳои гибридии ин навъ фароҳам овард. Эрон, таҳти таҳримҳои пурқувват ва мураккаб ва фишори низомӣ, нишон дод, ки чӣ гуна як давлат метавонад ба душман тавассути усулҳои асимметрӣ зарари номақбул расонад. Эрониҳо такя на ба мудофиаи хаттии соҳилӣ, балки фаъолияти ҷангии худро бо истифодаи қабатии тӯдаҳои паҳподҳои бесарнишин ва системаҳои ҷанги электронӣ барои нобуд кардани инфрасохтори молиявӣ, иттилоотӣ, иктишофӣ ва технологии душманонаш, дар якҷоягӣ бо чораҳои муқовимати моҳиронаи иттилоотӣ ва ҳаракатҳои дипломатӣ амалӣ карданд .

Ин маҷмӯи чолишҳо дар соли 2026 доираи вазифаҳоеро, ки СААД дар пешорӯи онҳост, тағйир медиҳад. Ин созмон соли 2002 ҳамчун абзоре барои вокуниш ба таҳдидҳои анъанавии фаромарзӣ: ҳамлаҳои террористӣ, низоъҳои марзии маҳаллӣ ва ноустуворӣ дар саросари Осиёи Марказӣ таъсис дода шудааст. Аммо имрӯз стратегия ва вазифаҳои оинномавии ин ташкилот минбаъд ҷавобгуи талаботи имрузаи ҷомеаи ҷаҳонӣ нестанд. Зарур аст, ки СААД худро аз як иттиҳоди дифоӣ ба меҳвари низоми амниятии Авруосиё табдил диҳад, ки на танҳо ҷузъҳои низомӣ, балки инчунин абзорҳои молиявӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва иттилоотӣ-таҳлилиро муттаҳид мекунад.

Муқовимати муосир ба фазоҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ ва пешгӯиҳо бештар ворид мешавад, ки дар он ҷо мубориза на баҳри тасарруфи қаламрав, балки барои қобилияти ташаккули тасаввуроти оянда, тафсири рӯйдодҳо ва пешгирӣ аз нақшаҳои рақиб дар марҳилаи ибтидоӣ ба амал оварда мешавад. Барои пешгирӣ аз ин ақибмонии технологӣ, СААД бояд абзорҳоеро аз худ кунад, ки ба он имкон медиҳанд ба муҳити қабули қарорҳо на пас аз воқеият, балки дар марҳилаи ташаккули таҳдидҳои гибридӣ таъсир расонанд”[3].

Дар Осиёи Марказӣ маҳз СААД хеле фаъол буда, дар масири ҳамкории ҳарбии давлатҳои минтақа бо Россия нақши муҳим иҷро менамояд. Ин ташкилот дар даврони

ташаккули ҷаҳони бисёрқутба кушиш дорад стратегияи фаъолияти худро ба вазъи тағйирёбандаи ҷаҳон ва хусусан дар Авруосиё мутобиқ созад. “Низоми амниятии Авруосиё дар ҷойи холӣ сохта намешавад. Он дар атрофи созмонҳои мавҷуда, яъне масалан СААД, ташаккул меёбад.Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) дар ҳайати худ Русия, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Арманистонро дар бар мегирад. Ин созмон дар асл маркази низоми амнияти ҳарбӣ-сиёсӣ дар Авруосиёи пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ маҳсуб меёбад. Он дорои ҳайатҳои низомии доимӣ - Нерӯҳои Дастаҷамъӣ, Нерӯҳои Вокуниши Фаврии Дастаҷамъӣ, Нерӯҳои Вокуниши Фаврии Дастаҷамъӣ ва нерӯҳои сулҳҷӯ мебошад. СААД таҷрибаи муваффақона дар гузаронидани амалиётҳои сулҳҷӯӣ (дар моҳи январи соли 2022 дар Ҷумҳурии Қазоқистон) дорад”[2].

Таҳлили фаъолияти кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Россия дар доираи СААД баръало нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат дар ин масир таҳаввулоти сифатӣ падид омада, ҳамкориҳо тақвият бахшида мешаванд. “Дар соҳаи низомӣ, СААД машқҳои дастаҷамъонаи қувваҳои мусаллаҳро баргузор менамояд ва ба муҷаҳҳаз кардани онҳо бо силоҳ ва таҷҳизоти пешрафтаи низомӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар омодагиҳои худ, аъзои СААД кӯшиш мекунем, ки то ҳадди имкон таҷрибаи амалиётҳои ҷангии муосирро истифода баранд.Чорабиниҳо барои муқовимат ба чолишҳо ва таҳдидҳои анъанавӣ ба таври нақшавӣ амалӣ карда мешаванд - машваратҳо, машқҳо ва амалиётҳои муштарак дар дохили Созмон баргузор мешаванд. Ин амалиётҳо натиҷаҳои мушаххасро дар шакли боздошти ҷинояткорон, халалдор кардани каналҳои таъминоти маводи мухаддир, мусодираи силоҳ, бастани вебсайтҳои экстремистӣ ва ғайра медиҳанд. Яке аз самтҳои нави кори муштарак дар қаринаи СААД масъалаи таъмини амнияти биологӣ мебошад. Дар давоми амалиётҳои доимии солонаи амалиётӣ ва пешгирикунандаи СААД - "Зархарид", "Канал", "Ғайриқонунӣ" ва "Ваколатдор" - илова бар ҳадафҳои асосии онҳо, корҳои системавӣ барои мусодираи силоҳ ва маводи тарканда анҷом дода мешаванд. Дар панҷ соли охир, дар ин амалиётҳо 8374 силоҳи оташфишон ва беш аз 59000 тир аз гардиши ғайриқонунӣ мусодира карда шуданд. Илова бар ин, 46 ҳамлаи террористӣ пешгирӣ карда шуд ва миқдори умумии маводи мухаддири мусодирашуда аз 437 тонна гузашт. Самаранокии амалиётҳои махсус ба шарофати чораҳои дохилии Созмон ва ҳамкории наздиктар бо сохторҳои дахлдори ИДМ, СҲШ ва СММ афзоиш ёфтааст

Барои такмил додани низоми вокуниш дар ҳолати бӯҳронӣ корҳои васеъ анҷом дода шудаанд. Барномаи мақсадноки байнидавлатӣ оид ба тақвияти марзи давлатӣ байни Тоҷикистон ва Афғонистон амалӣ карда мешавад. Стратегияи зидди маводи мухаддир барои солҳои 2026-2030 тасдиқ карда шуд. Лоиҳаи Стратегияи зиддитеррористӣ ва Нақшаи такмили минбаъдаи нерӯҳои дастаҷамъии Созмон дар арафаи тасдиқ қарор доранд”[3].

Дар солҳои охир ҷомеаи ҷаҳонӣ дар муҳити афзояндаи чолишҳо ва таҳдидҳои муосир, вазъияти пешгӯинашавандаи ҷаҳонӣ, ки дар он механизмҳои даҳсолаҳои пешинаи боздории мутақобила ва назорати силоҳ фурӯ рафтааст ва нобоварии мутақобила ва амалияи ҳалли мушкилоти байналмилалӣ бо зӯрӣ афзоиш меёбад, фаъолият дорад.

Дар айни замон, дар минтақаи бевоситаи масъулият, яъне дар ҳудуди кишварҳои узви СААД, дар тӯли беш аз сӣ соли мавҷудияти Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, давлатҳои аъзо тавонистан бӯҳронҳоро пешгирӣ кунанд ва ё ба таври назаррас коҳиш диҳанд. СААД алъон ба фаъолиятҳои пешгирикунанда ва таҳлилӣ таваҷҷӯҳи зиёд медиҳад.СААД вазъиятро дар дохили Гурӯҳи корӣ оид ба Афғонистон, ки дар назди Шӯрои вазирони корҳои хориҷии СААД фаъолият мекунад (ниҳодҳои махсуси СММ, СҲШ ва ИДМ ба таври доимӣ иштирок мекунанд) назорат мекунанд. Натиҷаҳои

фаъолияти ин гуруҳ нишон медиҳанд, ки чолишҳои фаромарзӣ аз Афғонистон дар оянда ҳамчун таҳдиди ҷиддии эҳтимолӣ барои амнияти минтақавӣ боқӣ мемонанд. Аз ин кишвар интиқилои як қатор чолишҳо ва таҳдидҳои амниятӣ идома хоҳанд ёфт : фаъолшавии эҳтимолии гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ; паҳншавии ғояҳои радикалӣ; ва масъалаи доимии суръати истеҳсоли маводи мухаддир ва қочоқи ғайриқонунии силоҳ. Бо дарназардошти ин, вазифаи асосии СААД дар айни замон татбиқи Барномаи байнидавлатии мақсаднок оид ба таҳкими марзи Тоҷикистон ва Афғонистон боқӣ мемонад. Тасдиқи он аз ҷониби роҳбарони кишварҳои аъзои СААД нишон медиҳад, ки иттифоқчиён барои таҳкими марзҳои ҷанубии Созмон тавассути талошҳои дастаҷамъона ӯҳдадории муштарак доранд.

Дар соли 2026 Россия раёсати СААД-ро ба уҳда дошт. Раёсати Россия дар СААД зарурати тақвияти нақши СААД ҳамчун пойгоҳ барои муҳокимаи васеи масъалаҳои амниятӣ ва мудофиаи байналмилалӣ ва тақвияти вазифаҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва пешгӯии онро дар дохили Созмон таъкид менамуд. Барои ин мақсад, раёсати Россия моҳи ноябри 2026 дар ҳошияи Шӯрои Амнияти Дастаҷамъии СААД Форуми Байналмилалиро оид ба Амнияти Дастаҷамъӣ баргузор мекунад ва инчунин сохтори Котиботи СААД-ро такмил медиҳад. Коршиносони СААД - ҳам аъзои мақомоти корӣ ва ҳам мутахассисони вазорату идораҳои дахлдори кишварҳои узв - вазъияти байналмилалиро мунтазам назорат мекунанд, мубодилаи иттилоот ва арзёбиҳои коршиносӣ мекунанд ва барои беҳтар кардани самаранокии фаъолиятҳои муштарак фаъолиятт доранд. Шояд натиҷаи муҳимтарини ин кор ӯҳдадории мунтазами СААД барои таҳияи ҷузъи пурқуввати таҳлилӣ ва пешгӯикунанда дар дохили Котиботи Созмон бошад. Ин қарор хеле саривақтӣ ва муҳим буд, бо назардошти он ки мушкилоти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ торафт бисёрҷанба ва мураккабтар мешаванд. Кӯшиши ҳимояи манфиатҳои кишварҳои узв бидуни фаҳмиши амиқ ва биниши равшани чӣ гуна бартараф кардани монеаҳо дар муҳити имрӯза амалан ғайриимкон аст. Вазифаҳои таҳлилӣ ва пешгӯӣ барои омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи тамоюлҳо ва мушкилоти низомию сиёсии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, пешниҳоди роҳҳои ҳалли беҳтарин ва машварат додан ба роҳбарияти Созмон дар самтҳои нави рушд зарур мебошанд.Тоҷикистон низ дар ин самт дар ҳама ибтикороти СААД хеле фаъолона ширкат меварзад

Бояд тазаккур дод,ки ҳамкории Тоҷикистон бо Россия дар доираи СААД хеле муваффақ идома доранд[6]. Дар ин росто ҷоиз ба таъкид аст, ки дар ин муҳити мураккаби муосири геополитикӣ, пойгоҳи низомии Россия дар Тоҷикистон нақши муҳимро мебозад. Ғайр аз ин, пойгоҳи Россия ҷузъи муҳими амнияти коллективӣ дар доираи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) мебошад. Машқҳо ва амалиётҳои муштарак сатҳи ҳамкории байни қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои узвро баланд мебардоранд ва қобилияти онҳоро барои муқовимат бо чолишҳо ва таҳдидҳои муосир тақвият медиҳанд. Тамрини мунтазами ҷангӣ ба навсозии қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон, баланд бардоштани касбият ва таҷҳизоти техникии онҳо мусоидат мекунад. Пойгоҳи низомии Россия ҳифзи марзҳои ҷанубиро ҳамчун як қисми ӯҳдадориҳои пешбининамудаи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) таъмин мекунад. Тибқи Оинномаи СААД, ҳамла ё таҳдид ба яке аз аъзои он таҳдид барои тамоми созмон ҳисобида мешавад. Пойгоҳи Россия дар Тоҷикистон дар ин низом нақши муҳим мебозад ва монеаи боэътимодро бар зидди таҳдидҳои беруна эҷод мекунад ва ҳифзи иттифоқчиёнро аз ҳамлаҳои террористӣ ва фаъолияти экстремистӣ таъмин менамояд. Ин ҳолат мавқеъҳои дифоии ҳамаи кишварҳои узви СААД-ро тақвият медиҳад ва омодагии онҳоро барои дифоъи дастаҷамъӣ нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ ҳамкории Россия ва Тоҷикистон дар доираи СААД имкон медиҳад, ки муқовимати муассир ба терроризм ва экстремизм ба амал ояд. Нақшаҳо ҳамоҳангсозии беҳтар, мубодилаи иттилоот ва таъсиси гурӯҳҳои муштараки вокуниши

фаврӣ барои ҳалли вазъиятҳои бӯҳронӣ дар марзҳои ҷанубиро талаб мекунанд. Ин чораҳо дифоъи ҳамоҳангшударо таъмин мекунанд ва суботро дар минтақа тақвият медиҳанд.

“Самти умедбахши ҳамкорӣ густариши шарикии низомӣ-техникӣ мебошад. Россия ба артиши Тоҷикистон силоҳ ва таҷҳизоти муосири низомӣ медиҳад. Самти афзалиятодошта дар ин росто рушди қобилиятҳои дифоъи ҳавоӣ ва беҳтар кардани нигоҳдории таҷҳизоти низомӣ мебошанд. Афзоиши омодагии ҷангии нерӯҳои Тоҷикистон ба кишвар имкон медиҳад, ки марзҳои худро аз таҳдидҳои беруна боэътимод муҳофизат кунад.

Тамдиди ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир низ ба нақша гирифта шудааст. Гурӯҳҳои муштараки амалиётӣ, аз ҷумла нерӯҳои амниятии Россия ва Тоҷикистон, барои саркӯб кардани фаъолияти гурӯҳҳои экстремистӣ ва аз байн бурдани каналҳои қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон кор хоҳанд кард. Ин ба устувории вазъ ва коҳиши ҷинояткорӣ дар минтақа мусоидат менамояд.

Илова бар ин, имконияти васеъ кардани инфрасохтори пойгоҳ барои ҷойгир кардани кормандони иловагӣ ва таҷҳизоти низомӣ баррасӣ мешавад. Сохтмони иншооти нав шароити машқҳо ва амалиётҳоро беҳтар мекунад ва омодагии пойгоҳро барои иҷрои доираи васеи вазифаҳо афзоиш медиҳад”[4].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки пойгоҳи низомии Россия дар Тоҷикистон дар қаринаи СААД дар нигоҳдории амният ва субот на танҳо барои ин кишвар, балки барои тамоми Осиёи Марказӣ нақши калидӣ мебозад. Фаъолияти он доираи васеи вазифаҳоро, аз ҷумла ҳифзи марз ва мубориза бо терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддирро дар бар мегирад. Ҳузури ин пойгоҳ ба кишварҳои минтақа дар муқовимат бо таҳдидҳое, ки аз кишварҳои ноустувори ҳамсоя, ба монанди Афғонистон, бармеоянд, бартарии стратегӣ медиҳад ва дар айни замон қобилияти дифоӣ ва соҳибихтиёрии миллии Тоҷикистонро тақвият медиҳад.

**Хулоса,** таҳқиқоти мо собит сохт, ки СААД ҳамчун лангари суботи низомӣ ва сиёсӣ дар Авруосиё хидмат мекунад ва намунаи барқарор кардани муносибатҳои баробарҳуқуқ ва дӯстона байни давлатҳои соҳибихтиёрро нишон медиҳад. СААД сулҳ ва суботро шартҳои асосии рушд ва шукуфоии кишварҳои худ медонад. Аз ин рӯ, аъзои ин ташкилот тақвияти мунтазами низоми амнияти дастаҷамъӣ идома медиҳанд ва якҷоя дар самтҳои анъанавӣ - сиёсӣ, низомӣ ва муқовимат бо чолишҳо ва таҳдидҳо ҳамкорӣ хоҳанд кард.

**Адабиёти истифодашуда**

1.**Ҳайдарзода Р.Ҷ.** Аҳамияти геостратегии Қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои ояндА». Мулоҳизаҳо дар ин маврид.Манбаъи электронӣ:https://khovar.tj/2026/07/a-amiyati-geostrategii-atnomai-da-solai-bajnalmilal-oid-ba-ta-kimi-sul-baroi-nasl-oi-oyanda-mulo-iza-o-dar-in-mavrid/ [Санаи дастрасӣ:01.08.2026]

2.**Харитонова Н.** Перспективы формирования евразийской системы безопасности. Электронный источник: https://odkb-csto.org/analytics/? ELEMENT_ID=24460#loaded [Дата посещения:05.08.2026]

3. Выступление представителя Секретариата ОДКБ И.Н.Панарина на круглом столе «ОДКБ-ШОС: пространство безопасности». Электронный источник: https://odkb-csto.org/analytics/?ELEMENT_ID=24800#loaded[Дата посещения:15.08.2026]

4. **Хабибов Ш.С.** Российская военная база как гарант безопасности Таджикистана и мира в регионе.Электронный источник: https://cyberleninka.ru/article/n/rossiyskaya-voennaya-baza-kak-garant-bezopasnosti-tadzhikistana-i-mira-v-regione[Дата посещения:28.08.2026]

5. **Хайдаров Р.Дж.** Многовекторность государств Центральной Азии в условиях трехполярного мира: состояние и перспективы//Центральная Азия как формирующаяся

подсистема международных отношений: Монография./Под ред.К.П.Курылева.-М.:Изд во «Аспект Пресс».-2024.-С.20-28(312с.)
6. **Хайдарзода Р.Дж .,Мансурова Ш.** К вопросу о таджикско-российских отношений// Азия и Европа. №2(22).-2025.-С.8-13
7. **Хайдарзода Р.Дж.** Сотрудничество Центральной Азии и России: новые горизонты. Электронный источник: https://ru.valdaiclub.com/a/ highlights/sotrudnichestvo tsentralnoy-azii-i-rossii/?sphrase_id=768353 [Дата посещения:19.08.2026]
8.**Хайдаров Р.Дж.** К вопросу о развитии стран Центральной Азии в период трехполярного мира// Известия ИФПП НАНТ.№1.-2023.-С.168-174
9. **Хайдаров Р.Дж**. Формирование трех полярного мира и перспективы обеспечения безопасности в Евразии: взгляд из Таджикистана // Евразийский юридический журнал. -№4(167). -2022.-С.17-21
10.**Haidarzoda R.J.** New Central Asia as a result of the Functioning of the Tripolar world// Asia and Europe. №4(24).-2025.-С.10-15

## СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ С ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКИМИ СТРАНАМИ В РАМКАХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ: НА ПРИМЕРЕ ОДКБ

В данной статье рассматривается состояние и перспективы сотрудничества Российской Федерации и центральноазиатских государств в рамках Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ), особенно в контексте противодействия новым и традиционным угрозам на евразийском пространстве.

Автор подчеркивает в своей статье, что состояние и перспективы сотрудничества между центральноазиатскими государствами и Россией в рамках ОДКБ следует рассматривать в контексте формирования многополярного мира и появления новых вызовов для системы безопасности на евразийском пространстве.

***Ключевые слова:*** *ОДКБ, Россия, Центральная Азия, Евразия, обеспечение национальной безопасности, традиционные и нетрадиционные угрозы*

## THE CURRENT STATUS AND PROSPECTS OF COOPERATION BETWEEN THE RUSSIAN FEDERATION AND CENTRAL ASIAN COUNTRIES WITHIN INTERNATIONAL ORGANIZATIONS: THE CASE OF THE CSTO

This article examines the current status and prospects of cooperation between the Russian Federation and Central Asian states within the Collective Security Treaty Organization (CSTO), particularly in the context of countering new and traditional threats in the Eurasian space.

The author emphasizes that the current status and prospects of cooperation between Central Asian states and Russia within the CSTO should be considered in the context of the emergence of a multipolar world and the emergence of new challenges to the security system in the Eurasian space.

***Keywords****: CSTO, Russia, Central Asia, Eurasia, national security, traditional and non-traditional threats*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра, доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии Шуъбаи ИДМ-и Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 937308787. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com ; ORCID: 0009-0008-4629-1540

**Сведения об авторе:** Хайдарзода Рустам Джура, доктор философских наук, главный научный сотрудник отдела СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 937308787. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com ; ORCID: 0009-0008-4629-1540

**Information about author:** Haidarzoda Rustam Jura, Doctor of Philosophy, Chief Researcher, CIS Department of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: rustamhaydarov.tjk@gmail.com; ORCID: 0009-0008-4629-1540

УДК:339+327

# АСОСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ НАМОЯНДАГИҲОИ ТИҶОРАТӢ

**Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола асосҳои байналмилалии ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ ҳамчун яке аз институтҳои муҳими ҳуқуқи муосири дипломатӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф хусусиятҳои ҳуқуқии мақоми намояндагиҳои тиҷоратӣ, ҷойгоҳи онҳо дар низоми мақомоти муносибатҳои хориҷии давлат ва робитаи онҳоро бо институтҳои ҳуқуқи дипломатӣ, ҳуқуқи консулӣ ва ҳуқуқи байналмилалии иқтисодӣ таҳлил менамояд. Дар мақола қайд мегардад, ки бо вуҷуди мавҷудияти нақши афзояндаи намояндагиҳои тиҷоратӣ дар татбиқи дипломатияи иқтисодӣ, то ҳол санади ягонаи байналмилалии ҳуқуқие, ки мақом, вазифаҳо, ваколатҳо ва кафолатҳои ҳуқуқии онҳоро ба таври ҳамаҷониба танзим намояд, қабул нашудааст. Дар ин робита, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ аз маҷмӯи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои дипломатии соли 1961, Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои консулӣ соли 1963, санадҳои байналмилалии иқтисодӣ ва созишномаҳои дуҷонибаи байнидавлатӣ ташаккул меёбанд.

Муаллиф аҳамияти намояндагиҳои тиҷоратиро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва рушди дипломатияи иқтисодӣ муайян намуда, зарурати такмили минбаъдаи танзими байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқии фаъолияти онҳоро асоснок менамояд. Дар мақола инчунин пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ ва рушди механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлатҳо дар арсаи байналмилалӣ пешниҳод карда мешаванд.

***Калидвожаҳо:*** *намояндагиҳои тиҷоратӣ, дипломатияи иқтисодӣ, ҳуқуқи дипломатӣ, ҳуқуқи консулӣ, ҳуқуқи байналмилалии иқтисодӣ, муносибатҳои хориҷии давлат, сиёсати иқтисодии хориҷӣ, савдои байналмилалӣ, ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ, имтиёзҳо ва масуниятҳои дипломатӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ.*

**Муқаддима.** Таҳқиқи мақоми ҳуқуқӣ-байналмилалии намояндагиҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир муҳим арзёбӣ мешавад, зеро намояндагиҳои тиҷоратӣ дигар танҳо сохторҳои ёрирасони дипломатӣ набуда, балки ба институтҳои мустақили дипломатияи иқтисодӣ табдил ёфта истодаанд, ки вазифаҳои пешбурди содирот, ҷалби сармоягузорӣ, таҳлили бозорҳои хориҷӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлатро иҷро менамоянд. Бо назардошти равишҳо ва дурнамоҳои илмӣ таҳияи консепсияи илмии рушди намояндагиҳои тиҷоратӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим буда, таҳкими заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти чунин намояндагиҳо метавонад ба рушди иқтидори содиротӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва баланд гардидани мавқеи иқтисодии кишвар дар низоми байналмилалӣ мусоидат намояд. Новобаст аз муҳимияти он масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқи ватанӣ ҳануз ҳаматарафа таҳқиқ нашудааст.

**Мақсади таҳқиқот** аз омузиши ҳамаҷонибаи асосҳои байналмилалии ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ, муайян намудани хусусияти ҳуқуқӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ, инчунин таҳлили нақши онҳо ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими дипломатияи иқтисодӣ иборат мебошад. Дар доираи ин мақсад масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор мегиранд: омӯзиши заминаҳои ҳуқуқии байналмилалии фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ, таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи дипломатӣ, ҳуқуқи консулӣ ва ҳуқуқи байналмилалии иқтисодӣ, ки фаъолияти онҳоро танзим менамоянд; муайян намудани хусусиятҳои мақоми ҳуқуқии намояндагиҳои тиҷоратӣ дар низоми мақомоти муносибатҳои хориҷии давлат; арзёбии таҷрибаи байналмилалӣ дар ташкили

фаъолияти онҳо; инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳқиқи масъалаи мазкур ба зарурати дарки нақши афзояндаи намояндагиҳои тиҷоратӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва рушди дипломатияи иқтисодӣ, инчунин ба талаботи таҳкими ҳифз ва пешбурди манфиатҳои иқтисодии миллӣ дар арсаи байналмилалӣ асос меёбад.

**Методологияи таҳқиқи мавзуъро** маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси илмӣ ташкил медиҳад, ки истифодаи онҳо имкон фароҳам овард, то асосҳои байналмилалии ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ ҳамаҷониба таҳлил гардида, ҷойгоҳи онҳо дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ муайян карда шавад. Дар раванди таҳқиқот аз усули диалектикӣ истифода гардид, ки тавассути он институти намояндагиҳои тиҷоратӣ дар раванди рушди таърихӣ ва таҳаввулоти он таҳти таъсири тағйироти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва таҷрибаи дипломатӣ баррасӣ карда шуд. Ҳамчунин усули низомнок истифода гардид, ки барои таҳлили намояндагиҳои тиҷоратӣ ҳамчун унсури низоми мақомоти муносибатҳои хориҷии давлат мусоидат намуд. Дар таҳқиқот усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳамияти махсус дорад, ки тавассути он таҳлили моделҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва давлатҳои Иттиҳоди Аврупо гузаронида шуд. Истифодаи ин усул имкон дод, ки қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои равишҳои гуногуни ташкили дипломатияи иқтисодӣ муайян карда шаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар шароити муосир намояндагиҳои тиҷоратӣ бояд на танҳо ҳамчун воҳидҳои ёрирасони намояндагиҳои дипломатӣ, балки ҳамчун институти мустақили дипломатияи иқтисодӣ баррасӣ карда шаванд, ки татбиқи манфиатҳои иқтисодии хориҷии давлатро тавассути механизмҳои махсуси байналмилалии ҳуқуқӣ ва ташкилию институтсионалӣ таъмин менамояд.

**Қисмати асосӣ.** Хусусияти хоси институти намояндагиҳои тиҷоратӣ дар он ифода меёбад, ки то имрӯз санади универсалии байналмилалие вуҷуд надорад, ки мақоми ҳуқуқӣ, вазифаҳо ва ваколатҳои онҳоро ба таври ҳамаҷониба танзим намояд. Бо вуҷуди ин, асосҳои байналмилалии ҳуқуқии фаъолияти онҳо аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқи дипломатӣ, ҳуқуқи консулӣ ва ҳуқуқи байналмилалии иқтисодӣ ташаккул меёбанд.

Дар муайян намудани мақоми ҳуқуқии намояндагиҳои тиҷоратӣ **Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои дипломатии соли 1961 [2]** нақши асосӣ дорад, ки низоми муосири муносибатҳои дипломатии байни давлатҳоро муқаррар намудааст. Гарчанде Конвенсияи мазкур бевосита намояндагиҳои тиҷоратиро зикр намекунад, муқаррароти он нисбат ба кормандони воҳидҳои тиҷоратию иқтисодии намояндагиҳои дипломатӣ татбиқ мегардад, ба шарте ки онҳо ба ҳайати кормандони дипломатии намояндагӣ шомил бошанд.

Аҳамияти махсусро **моддаи 3 Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои дипломатии аз соли 1961** дорад, ки вазифаҳои намояндагии дипломатиро муайян менамояд. Аз ҷумла, ба онҳо рушди муносибатҳои дӯстонаи байни давлатҳо ва мусоидат ба рушди робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ мансуб дониста шудааст. Аз ин рӯ, ҳуқуқи байналмилалӣ фаъолияти иқтисодиро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи вазифаҳои дипломатии давлат эътироф менамояд.

Барои фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ ҳамчунин **Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои консулӣ аз соли 1963 [3]** аҳамияти калон дорад. Тибқи моддаи 5-и Конвенсияи мазкур, ба вазифаҳои муассисаҳои консулӣ мусоидат ба рушди робитаҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ байни давлатҳо, инчунин ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳаёти тиҷоратӣ ва иқтисодии давлати иқомат дохил мешаванд. Ин муқаррарот заминаи иловагии байналмилалии ҳуқуқиро барои амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратию иқтисодӣ дар хориҷ фароҳам меорад.

Дар ташаккули мақоми ҳуқуқии намояндагиҳои тиҷоратӣ санадҳои низоми **Созмони Милали Муттаҳид** низ нақши муҳим доранд. Аз ҷумла, муқаррароти **Оинномаи Созмони**

**Милали Муттаҳид [1]** принсипҳои баробарҳуқуқии соҳибихтиёронаи давлатҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилии давлатҳо ва ҳамкории байналмилалиро мустаҳкам намудааст, ки онҳо асоси фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратиро ташкил медиҳанд.

Дар байни санадҳои байналмилалии дорои хусусияти иқтисодӣ бояд **Созишномаи генералӣ оид ба тарифҳо ва савдо [5],** инчунин созишномаҳои дар доираи **Созмони Умумиҷаҳонии Савдо** қабулшударо махсус қайд намуд. Гарчанде ин санадҳо бевосита мақоми ҳуқуқии намояндагиҳои тиҷоратиро танзим намекунанд, онҳо шароити ҳуқуқии пешбурди савдои байналмилалиро муайян менамоянд, ки фаъолияти чунин мақомот маҳз дар доираи ҳамин низоми ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамчунин, аҳамияти муҳимро созишномаҳои сершумори дуҷониба оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, ки байни давлатҳо ба имзо мерасанд, доранд. Маҳз дар чунин созишномаҳо, одатан, тартиби таъсис додани намояндагиҳои тиҷоратӣ, вазифаҳо, имтиёзҳо, масуниятҳо ва хусусиятҳои ҳамкории онҳо бо мақомоти давлатии давлати иқомат муайян карда мешаванд.

**Ҷойгоҳи намояндагиҳои тиҷоратӣ дар низоми мақомоти муносибатҳои хориҷии давлат.** Дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ масъалаи муайян намудани ҷойгоҳи намояндагиҳои тиҷоратӣ дар низоми мақомоти муносибатҳои хориҷии давлат хусусияти баҳсталаб дорад.

Як гурӯҳ олимон намояндагиҳои тиҷоратиро ҳамчун яке аз намудҳои намояндагиҳои дипломатӣ арзёбӣ менамоянд. Ин мавқеъро **Ф.Ф. Мартенс, Д.Б. Левин [11]** ва як қатор муҳаққиқони дигар ҷонибдорӣ намуда, бар он асос меёбанд, ки фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ бевосита бо амалисозии намояндагии расмии давлат дар хориҷ алоқаманд мебошад.

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон намояндагиҳои тиҷоратиро мақомоти мустақили муносибатҳои хориҷӣ медонанд, ки дорои салоҳияти махсус дар соҳаи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ мебошанд. Ин мавқеъро **В.М. Шумилов** ҷонибдорӣ намуда, таъкид кардааст, ки «дипломатияи иқтисодӣ самти махсуси фаъолияти сиёсати хориҷии давлатро ташкил медиҳад ва барои татбиқи самараноки он мавҷудияти механизмҳои махсуси ташкилию институтсионалӣ зарур мебошад» [12].

Таҷрибаи муосири байналмилалӣ аз бартарии модели ҳамгирой шаҳодат медиҳад, ки тибқи он намояндагиҳои тиҷоратӣ дар ҳайати намояндагиҳои дипломатӣ фаъолият менамоянд. Аз чунин модел аксари давлатҳои ҷаҳон истифода бурда, он ҳамоҳангсозии самараноки ҷанбаҳои сиёсӣ ва иқтисодии сиёсати хориҷии давлатро таъмин менамояд.

Дар айни замон воҳидҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар ҳайати намояндагиҳои дипломатии бисёр давлатҳо, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва дигар давлатҳо фаъолият менамоянд.

**Вазифаҳои намояндагиҳои тиҷоратӣ дар шароити рушди дипломатияи иқтисодӣ.** Дар ҳуқуқи муосири байналмилалӣ вазифаҳои намояндагиҳои тиҷоратӣ нисбат ба вазифаҳои анъанавии мусоидат ба рушди савдои хориҷӣ ба таври назаррас васеъ гардидаанд.

Ба ҷумлаи вазифаҳои асосии намояндагиҳои тиҷоратӣ инҳо мансуб мебошанд:

-намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат дар давлати иқомат;

-таҳлили вазъи иқтисодӣ ва муҳити сармоягузории давлати иқомат;

-омӯзиши вазъи бозорҳои молӣ, молу маҳсулот ва хизматрасониҳо;

-мусоидат ба рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байнидавлатӣ;

-иштирок дар таҳия ва омодасозии созишномаҳои байналмилалии иқтисодӣ;

-ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ;

-пешбурд ва ҳавасмандгардонии содироти маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ;

-ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои ватании фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;

-мусоидат ба рушди ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ;

-иштирок дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ, ярмаркаҳо, форумҳо ва дигар чорабиниҳои иқтисодии байналмилалӣ.

Ба андешаи муҳаққиқи амрикоӣ **Николас Бэйн (Nicholas Bayne)**, «дипломатияи иқтисодии муосир раванди қабули қарорҳои байналмилалии иқтисодӣ тавассути музокирот

ва ҳамкории байни давлатҳо мебошад» [13]. Дар доираи ин консепсия намояндагиҳои тиҷоратӣ ҳамчун воситаи асосии пешбурд ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат дар арсаи байналмилалӣ баромад мекунанд.

Муҳаққиқи фаронсавӣ **Ги Каррон де ла Каррьер (Guy Carron de la Carrière)** таъкид менамояд, ки «имрӯз дипломатияи иқтисодӣ ба яке аз воситаҳои муассиртарини таъмини рақобатпазирии миллӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, намояндагиҳои тиҷоратӣ на танҳо вазифаҳои намояндагӣ, балки инчунин вазифаҳои таҳлилӣ, машваратӣ ва ҳамоҳангсозиро иҷро менамоянд» [14].

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Онҳо дар пешбурди технологияҳои рақамӣ, рушди савдои электронӣ, табодули фаромарзии маълумот ва густариши ҳамкориҳои байналмилалии инноватсионӣ фаъолона иштирок менамоянд.

**Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Танзими ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, дар доираи раванди умумии навсозии сиёсати иқтисодии хориҷии давлат рушд меёбад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳиятҳои давлатро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ муқаррар намуда, механизмҳои мушаххаси дипломатияи иқтисодӣ тавассути қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, сармоягузорӣ ва хизмати давлатӣ муайян карда мешаванд.

Дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» [6] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» [7], инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ ва воҳидҳои иқтисодии сафоратҳоро танзим менамоянд, аҳамияти махсус доранд.

Модели Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамгироии вазифаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ба сохтори намояндагиҳои дипломатӣ тавсиф мешавад. Намояндагони тиҷоратӣ, чун қоида, кормандони сафоратҳо мебошанд ва фаъолияти худро таҳти роҳбарии роҳбари намояндагии дипломатӣ амалӣ менамоянд. Вазифаҳои асосии онҳо пешбурди содироти маҳсулоти ватанӣ, ҷалби сармоягузорӣ, ҷустуҷӯи шарикони нави тиҷоратӣ ва мусоидат ба татбиқи лоиҳаҳои байналмилалии иқтисодӣ мебошанд.

Бартарии асосии модели Тоҷикистон дар робитаи зичи дипломатияи иқтисодӣ бо стратегияи умумии сиёсати хориҷии давлат ифода меёбад. Ҳамзамон, муҳаққиқон ба нокифоя будани мустақилияти институтсионалии воҳидҳои тиҷоратӣ ва маҳдуд будани заминаи меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо ишора менамоянд, ки ин метавонад ба самаранокии фаъолияти чунин воҳидҳо таъсири манфӣ расонад.

**Федератсияи Россия.** Дар Федератсияи Россия институти намояндагиҳои тиҷоратӣ дар байни давлатҳои пасошӯравӣ дорои яке аз заминаҳои мукаммалтарини танзими меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Санади асосӣ дар ин самт Қонуни федералии аз 8 декабри соли 2003 № 164-ФЗ «Дар бораи асосҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ» **[8]** мебошад, ки низоми мақомоти амалисозандаи сиёсати давлатии савдои хориҷиро муайян менамояд.

Ҳамчунин, Низомнома дар бораи намояндагии тиҷоратии Федератсияи Россия дар давлати хориҷӣ, ки бо қарори Ҳукумати Федератсияи Россия тасдиқ шудааст [10], аҳамияти калидӣ дорад. Тибқи ин санад, намояндагии тиҷоратӣ мақоми давлатии муносибатҳои хориҷии Федератсияи Россия ба ҳисоб рафта, татбиқи сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлатро дар хориҷ таъмин менамояд.

Хусусиятҳои асосии модели Россия инҳоянд:

-намояндагиҳои тиҷоратӣ мақоми мақомоти давлатии муносибатҳои хориҷиро доранд;

-онҳо ба низоми **Вазорати рушди иқтисодии Федератсияи Россия** дохил шуда, ҳамзамон фаъолияти худро дар назди намояндагиҳои дипломатӣ амалӣ менамоянд;

-кормандони намояндагиҳои тиҷоратӣ аз имтиёзҳо ва масуниятҳои дипломатӣ бархӯрдор мебошанд;

-намояндагиҳои тиҷоратӣ фаъолияти таҳлилӣ, машваратӣ ва ҳамоҳангсозиро анҷом медиҳанд, аммо мустақиман ба амалиёти тиҷоратӣ машғул намешаванд.

Модели Россия сатҳи баланди институтсионализатсияи дипломатияи иқтисодӣ ва тақсимоти возеҳи ваколатҳоро байни **Вазорати корҳои хориҷӣ** ва мақомоти давлатӣ дар соҳаи иқтисод нишон медиҳад.

**Ҷумҳурии Мардумии Чин.** Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин намояндагиҳои тиҷоратӣ яке аз унсурҳои муҳими стратегияи давлатии рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба ҳисоб мераванд. Фаъолияти онҳо аз ҷониби Вазорати тиҷорати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҳамоҳангӣ бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин танзим ва ҳамоҳанг карда мешавад.

Заминаи ҳуқуқии фаъолияти онҳо аз инҳо иборат аст: **Қонуни Ҷумҳурии Мардумии Чин «Дар бораи савдои хориҷӣ» [9];** санадҳои меъёрии ҳуқуқии **Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин** оид ба намояндагиҳои иқтисодии хориҷӣ; санадҳои дохилиидоравии **Вазорати тиҷорати Ҷумҳурии Мардумии Чин.**

Модели чинӣ бо сатҳи баланди мутамарказонидани идоракунӣ ва робитаи зичи намояндагиҳои тиҷоратӣ бо сиёсати давлатии саноатӣ ва сармоягузорӣ фарқ мекунад. Намояндагиҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Мардумии Чин дар пешбурди ташаббуси **«Як камарбанд - як роҳ»,** дастгирии фаъолияти ширкатҳои чинӣ дар хориҷ, инчунин ҷалби технологияҳои пешрафта ва сармоягузорӣ нақши фаъол доранд. Ба андешаи муҳаққиқони чинӣ, намояндагиҳои тиҷоратии муосири Ҷумҳурии Мардумии Чин на танҳо вазифаҳои дипломатӣ, балки вазифаҳои стратегиро низ иҷро намуда, рақобатпазирии байналмилалии иқтисодиёти Чинро таъмин менамоянд. Фаъолияти онҳо ба таҳкими ҳузури дарозмуддати иқтисодии Чин дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон равона гардидааст.

**Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо.** Дар давлатҳои аъзои **Иттиҳоди Аврупо** модели ягонаи намояндагиҳои тиҷоратӣ вуҷуд надорад, аммо як қатор тамоюлҳои умумиро метавон мушоҳида намуд, ки бо рушди сиёсати ягонаи тиҷоратии Иттиҳоди Аврупо алоқаманд мебошанд.

Тибқи **Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо [4]**, сиёсати умумии тиҷоратӣ ба салоҳияти истисноии Иттиҳоди Аврупо дохил мешавад. Ин маънои онро дорад, ки масъалаҳои марбут ба савдои хориҷӣ асосан дар сатҳи фаромиллӣ аз ҷониби **Комиссияи Аврупо** ҳамоҳанг карда мешаванд.

Бо вуҷуди ин, давлатҳои аъзо механизмҳои миллии дипломатияи иқтисодии худро нигоҳ медоранд. Аз ҷумла:

-дар **Олмон** вазифаҳои тиҷоратию иқтисодӣ асосан тавассути сафоратҳо ва намояндагиҳои хориҷии Агентии Ҷумҳурии Федеративии Олмон оид ба савдои хориҷӣ ва сармоягузорӣ (**Germany Trade & Invest)** амалӣ карда мешаванд;

-дар **Фаронса** шабакаи Агентии Фаронса оид ба рушди соҳибкорӣ, содирот ва ҷалби сармоягузорӣ **(Business France)** фаъолият мекунад, ки ба пешбурди содирот ва ҷалби сармоягузорӣ машғул аст;

-дар **Италия** чунин вазифаҳоро Агентии Италия оид ба пешбурди савдои хориҷӣ ва байнулмилалӣ (Italian Trade Agency) иҷро менамояд;

-дар **Испания** ин ваколатҳоро Агентии Испания оид ба содирот ва сармоягузорӣ **(España Exportación e Inversiones)** амалӣ месозад.

Хусусиятҳои умумии модели аврупоӣ инҳоянд:

-самтгирӣ ба дастгирии бахши хусусӣ ва рушди инноватсия;

-ҷудо намудани вазифаҳои дипломатӣ аз фаъолияти тиҷоратӣ;

-истифодаи васеи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

-ҳамоҳангсозии дипломатияи иқтисодии миллӣ бо сиёсати умумии Иттиҳоди Аврупо.

Дар қиёс ба моделҳои Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, модели Аврупоӣ камтар мутамарказ буда, бештар ба дастгирии хизматрасонии соҳибкорӣ равона гардидааст, на ба идоракунии давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ.

**Натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки институти муосири намояндагиҳои тиҷоратӣ асосан аз рӯи ду модели асосӣ рушд мекунад:

1. **Модели давлатии мутамарказ**, ки ба он Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин мансуб мебошанд. Дар доираи ин модел намояндагиҳои тиҷоратӣ қисми таркибии низоми идоракунии давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ буда, дорои мақоми возеҳи ҳуқуқи оммавӣ мебошанд.

2. **Модели хизматрасонӣ**, ки барои давлатҳои Иттиҳоди Аврупо хос мебошад. Дар ин модел дипломатияи иқтисодӣ пеш аз ҳама ба дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ равона гардида, ваколатҳо байни сафоратҳо ва агентиҳои махсусгардонидашуда тақсим карда мешаванд.

Модели Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни ин ду равиш мавқеи миёнаро ишғол менамояд. Аз як тараф, вазифаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ба сохтори хизмати дипломатӣ ҳамгиро карда шудаанд, аз тарафи дигар, заминаҳои институтсионалӣ ва меъёрии ҳуқуқии он ҳанӯз нисбат ба Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сатҳи камтари рушд қарор доранд.

Бо мақсади такмили минбаъдаи низоми намояндагиҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тадбирҳоро амалӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад:

-таҳкими танзими меъёрии ҳуқуқии мақоми намояндагиҳои тиҷоратӣ;

-мушаххас ва дақиқ муайян намудани ваколатҳои **Вазорати корҳои хориҷӣ** ва мақомоти давлатӣ дар соҳаи иқтисод;

-рушди механизмҳои дастгирии содирот ва ҷалби сармоягузорӣ бо истифода аз таҷрибаи агентиҳои иқтисодии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо;

-таҳкими фаъолияти таҳлилӣ, рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои муосир дар низоми дипломатияи иқтисодӣ.

Ҳамин тариқ, таҳаввули мақоми байналмилалии ҳуқуқии намояндагиҳои тиҷоратӣ гузариши умумиро аз модели назорати давлатии савдои хориҷӣ ба низоми муосири дипломатияи иқтисодӣ инъикос менамояд, ки он ба ҳамкории мутақобилаи давлат, бахши соҳибкорӣ ва институтҳои байналмилалӣ асос ёфтааст.

**Хулоса.** Таҳқиқи асосҳои байналмилалии ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун воситаи муҳими татбиқи сиёсати иқтисодии хориҷии давлатҳо баромад мекунанд. Таҳаввули ин институт аз мақомоти анъанавии мусоидаткунандаи савдои хориҷӣ то сохторҳои муосири дипломатияи иқтисодӣ шаҳодат медиҳад, ки нақш ва вазифаҳои онҳо дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт пайваста васеъ мегарданд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки гарчанде мақоми ҳуқуқии намояндагиҳои тиҷоратӣ дар санади ягонаи универсалии байналмилалӣ муқаррар нашудааст, фаъолияти онҳо ба низоми мураккаби меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асос меёбад. Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои дипломатии аз соли 1961 ва Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои консулӣ аз соли 1963 барои муайян намудани доираи вазифаҳои иқтисодии намояндагиҳои дипломатӣ ва консулӣ заминаи муҳими ҳуқуқӣ фароҳам меоранд. Ҳамзамон, созишномаҳои дуҷониба оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар муайян намудани мақом, ваколатҳо ва шароити фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ нақши муҳим доранд.

Дар шароити муосир намояндагиҳои тиҷоратӣ дигар танҳо сохторҳои ёрирасони дипломатӣ набуда, балки ба институтҳои мустақили дипломатияи иқтисодӣ табдил меёбанд, ки вазифаҳои пешбурди содирот, ҷалби сармоягузорӣ, таҳлили бозорҳои хориҷӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлатро иҷро менамоянд.

Бо назардошти аҳамияти рӯзафзуни дипломатияи иқтисодӣ, такмили минбаъдаи заминаҳои байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои тиҷоратӣ яке аз

самтҳои муҳими рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷии давлатҳо ба ҳисоб меравад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳкими заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти чунин намояндагиҳо метавонад ба рушди иқтидори содиротӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва баланд гардидани мавқеи иқтисодии кишвар дар низоми байналмилалӣ мусоидат намояд.

**Адабиёт:**


1. Устав ООН (полный текст) // https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text.
2. Венская конвенция о дипломатических сношениях от 18 апреля 1961 года // https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/dip_rel.shtml.
3. Венская конвенция о консульских сношениях (Вена, 24 апреля 1963 года) // https://mfa.tj/ru/main/view/118/venskaya-konventsiya-o-konsulskikh-snosheniyakh-vena-24-aprelya-1963-g.
4. Договор о функционировании Европейского Союза от 25.03.1957 года // https://eulaw.ru/treaties/tfeu/.
5. Генеральное соглашение по тарифам и торговле (ГАТТ) (30 октября 1947 года) // https://continent-online.com/Document/?doc_id=1016386.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.07.2012, №846 «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012,№7, мод.696. соли 2015, №7-9, мод.703.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15. 03.2015, № 1299 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, № 3, мод. 152.
8. Федеральный закон от 8 декабря 2003 г. № 164-ФЗ «Об основах государственного регулирования внешнеторговой деятельности» // https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_45397/.
9. Закон КНР «О внешней торговле» (принят на 7-ом заседании Постоянного комитета Всекитайского собрания народных представителей 8-го созыва 12 мая 1994 г.; изменен решением 8-го заседания ПК ВСНП 10-го созыва 6 апреля 2004 г.)// https://chinalawinfo.ru/economic_law/law_foreign_trade.
10. Постановление Правительства РФ от 27 июня 2005 г. N 401 "Об оптимизации системы торговых представительств Российской Федерации в иностранных государствах" // https://base.garant.ru/12140752/.
11. Левин Д.Б. Дипломатическое право. - М.: Международные отношения, 1962. - 162 с.
12. Международное экономическое право: учебник для магистров /. В. М. Шумилов. — 6-е изд., перераб. и доп. — М. : Издательство. Юрайт, 2014. - 612 с.
13. Nicholas Bayne, Stephen Woolcock Ashgate Publishing, Ltd., 1 янв. 2007 г. - 391 с.
14. Ги Каррон де ла Каррьер. Экономическая дипломатия: дипломат и рынок. 2022 г. – 12с.//https://www.economie.gouv.fr/files/files/directions_services/saef/docs_joints/rech_en_arch/Fonds_prives/Carron_de_la_Carriere_B-0080550_B-0080569.pdf?v=1685539170.


## МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ТОРГОВЫХ ПРЕДСТАВИТЕЛЬСТВ


В статье исследуются международно-правовые основы деятельности торговых представительств как одного из важных институтов современного дипломатического права. Автор анализирует особенности правового статуса торговых представительств, их место в системе органов внешних сношений государства, а также взаимосвязь с институтами дипломатического права, консульского права и международного экономического права.

В статье отмечается, что, несмотря на возрастающую роль торговых представительств в реализации экономической дипломатии, до настоящего времени не принят единый международно-правовой акт, который бы комплексно регулировал их статус, функции, полномочия и правовые гарантии. В этой связи правовая основа деятельности торговых представительств формируется совокупностью международно-правовых норм, включая Венскую конвенцию о дипломатических сношениях 1961 года, Венскую конвенцию о консульских сношениях 1963 года, международные экономические акты, а также двусторонние межгосударственные соглашения.

Автор определяет значение торговых представительств в условиях глобализации экономики и развития экономической дипломатии, обосновывает необходимость

дальнейшего совершенствования международно-правового и национального регулирования их деятельности. В статье также представлены предложения по повышению эффективности деятельности торговых представительств и развитию правовых механизмов защиты экономических интересов государств на международной арене.

**Ключевые слова:** торговые представительства, экономическая дипломатия, дипломатическое право, консульское право, международное экономическое право, внешние сношения государства, внешнеэкономическая политика, международная торговля, международное экономическое сотрудничество, дипломатические привилегии и иммунитеты, защита экономических интересов.

## INTERNATIONAL LEGAL FOUNDATIONS OF THE ACTIVITIES OF TRADE REPRESENTATIONS

The article examines the international legal foundations of the activities of trade representations as one of the important institutions of modern diplomatic law. The author analyzes the legal characteristics of the status of trade representations, their place within the system of state foreign relations bodies, as well as their relationship with the institutions of diplomatic law, consular law, and international economic law.

The article emphasizes that, despite the growing role of trade representations in implementing economic diplomacy, no single international legal instrument has yet been adopted that comprehensively regulates their status, functions, powers, and legal guarantees. In this regard, the legal foundations of the activities of trade representations are formed by a set of international legal norms, including the Vienna Convention on Diplomatic Relations of 1961**, the** Vienna Convention on Consular Relations of 1963**,** international economic instruments, as well as bilateral intergovernmental agreements.

The author identifies the importance of trade representations in the context of economic globalization and the development of economic diplomacy, and substantiates the need for further improvement of international and national legal regulation of their activities. The article also presents proposals aimed at increasing the effectiveness of trade representations and developing legal mechanisms for protecting the economic interests of states in the international arena.

**Keywords:** trade representations, economic diplomacy, diplomatic law, consular law, international economic law, foreign relations of the state, foreign economic policy, international trade, international economic cooperation, diplomatic privileges and immunities, protection of economic interests.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; Телефон: 777079888. E-mail: nurullo_m@mail.ru**;** ORCID: 0000-0002-2777-8379.

**Сведения об авторе:**

**Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло**, доктор юридических наук, заместитель директора по науке и обучению Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33. Телефон: 777079888. E-mail**:** nurullo_m@mail.ru. ORCID: 0000-0002-2777-8379.

**Information about the author:**

**Mahmadullozoda Nurullo Rahmatullo**, Doctor of Law, Deputy Director for Science and Education of the Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 777079888. E-mail: nurullo_m@mail.ru. ORCID**:** 0000-0002-2777-8379.

УДК: 32(575.3) +32(51) +327.722(100)

# УПРАВЛЕНИЕ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТЬЮ И ОЦЕНКА РИСКОВ: ТАДЖИКСКО-КИТАЙСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО В РАМКАХ ШОС

**Сайидзода Зафар Шерали, Курбонзода Фарида**
Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*Статья посвящена анализу трансформации региональной безопасности в Центральной Азии с акцентом на таджикско-китайское взаимодействие в рамках Шанхайская организация сотрудничества. Рассматриваются ключевые факторы риска, включая афганский вектор нестабильности, трансграничные угрозы, климатические изменения и развитие нетрадиционных форм преступности. Особое внимание уделяется ограничениям существующих механизмов безопасности и необходимости перехода к проактивной модели управления рисками.*

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, безопасность, ШОС, Таджикистан, Китай, Афганистан, гибридные угрозы, миграция, климат.*

**Введение**

Современные исследования региональной безопасности развиваются на стыке нескольких теоретических направлений: неореализма, конструктивизма, теории региональных комплексов безопасности и риск-ориентированных подходов. Их интеграция позволяет более адекватно описывать сложную динамику угроз в Центральной Азии.

Одной из ключевых теоретических рамок является теория региональных комплексов безопасности, разработанная Барри Бузаном и Оле Вэверем. Согласно данной концепции, безопасность государств формируется не изолированно, а в рамках взаимосвязанной региональной системы, где угрозы имеют тенденцию к «кластеризации». Центральная Азия в этом контексте рассматривается как подкомплекс, в котором афганский фактор выступает внешним источником нестабильности, а Китай — системообразующим актором.

Важное значение имеет также теория секьюритизации, согласно которой угрозы становятся значимыми не только вследствие объективных факторов, но и через политическое конструирование дискурса безопасности. Это позволяет объяснить, почему такие явления, как миграция или изменение климата, всё чаще интерпретируются как вопросы национальной безопасности.

Неореалистический подход (Кеннет Уолтц) акцентирует внимание на распределении силы и роли государств как основных акторов. В рамках данного подхода таджикско-китайское сотрудничество можно рассматривать как элемент балансировки угроз, исходящих с южного направления. Однако ограниченность неореализма проявляется в недостаточном учёте негосударственных акторов и транснациональных процессов.

Дополняющим выступает концепт «новых угроз безопасности», разработанный в рамках критических исследований безопасности. Он включает такие явления, как транснациональная преступность, киберугрозы, экологическая нестабильность, миграционные кризисы.

В рамках этого подхода безопасность понимается как многомерная категория, охватывающая не только военные, но и социально-экономические, экологические и технологические аспекты.

Отдельное место занимает риск-ориентированный подход, активно применяемый в исследованиях международной безопасности. Он предполагает переход от реактивной модели (response-based) к проактивной (risk management). В основе лежит идея идентификации, оценки и прогнозирования угроз на основе вероятностных сценариев.

В этом контексте применима концепция «комплексных рисков» (compound risks), разработанная в рамках климатических исследований (IPCC), согласно которой различные факторы (например, климат, миграция и безопасность) взаимно усиливают друг друга, формируя нелинейные эффекты.

Для Центральной Азии характерно формирование именно таких «каскадных рисков», где: локальный инцидент способен вызвать цепную реакцию; слабость институтов усиливает последствия кризисов; трансграничность угроз усложняет управление ими.

Таким образом, теоретический анализ показывает, что традиционные военно-политические модели безопасности недостаточны для описания современных процессов в регионе. Необходим комплексный подход, сочетающий: региональный анализ; риск-менеджмент; междисциплинарные методы.

Это обосновывает необходимость трансформации механизмов ШОС в сторону превентивного и адаптивного управления безопасностью.

В условиях трансформации глобальной системы международных отношений Центральная Азия утрачивает статус периферийной зоны стабильности и приобретает признаки региона с нарастающим кризисным потенциалом. После событий, связанных с выводом международных сил из Афганистана в 2021 году, наблюдается ухудшение регионального баланса безопасности.

Согласно оценкам Организации Объединённых Наций, Всемирного банка и Международной кризисной группы, на регион оказывают воздействие следующие факторы — рост конкуренции внешних акторов; усиление нестабильности приграничных территорий; формирование «серых зон» управления.

Таджикско-китайская граница приобретает стратегическое значение как элемент безопасности Синьцзянского региона Китая и как часть инициативы «Пояс и путь».

**Объектом исследования** является таджикско-китайское сотрудничество в сфере управления региональной безопасностью в рамках Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) и его влияние на безопасность Центральной Азии.

**Предметом исследования** выступают риски и угрозы, связанные с трансформацией региональной безопасности, включая афганский вектор нестабильности, трансграничные угрозы, климатические изменения и нетрадиционные формы преступности.

**Цель исследования** заключается в анализе механизмов управления рисками в сфере региональной безопасности и оценке эффективности таджикско-китайского взаимодействия в рамках ШОС.

**Методологической основой** исследования являются теории региональной безопасности и управления рисками, включая неореализм, конструктивизм и концепцию комплексных рисков. Применяются как качественные, так и количественные методы анализа данных.

## 2. Безопасность границ и антитеррористическое взаимодействие

### 2.1 Геостратегическая значимость и структурные уязвимости

Несмотря на формальную делимитацию границы между Таджикистаном и Китаем, сохраняется ряд скрытых уязвимостей. Исследования в области пограничной безопасности указывают, что горный рельеф Памира существенно ограничивает постоянный контроль территории [1].

Ключевые риски включают: ограниченный физический контроль над удалёнными участками; задержки оперативного реагирования; наличие альтернативных маршрутов, совпадающих с историческими путями. Особое значение имеет близость к Ваханскому коридору, который традиционно рассматривается как потенциальный канал трансграничной активности [2].

### 2.2 Ограничения совместных механизмов

Несмотря на институционализированное сотрудничество в рамках ШОС, включая деятельность Региональной антитеррористической структуры ШОС, сохраняются

структурные ограничения — асимметрия технологических возможностей; недостаточная интеграция данных; зависимость от централизованных каналов обмена.

Согласно аналитическим материалам SIPRI, подобные ограничения могут снижать эффективность реагирования в условиях кризисной нагрузки [3].

2.3. Учения «Мирная миссия» и их ограничения

Совместные антитеррористические учения, такие как «Мирная миссия», играют важную роль в координации силовых структур. Однако их сценарии преимущественно ориентированы на традиционные угрозы.

Недостаточная проработка следующих сценариев отмечается в ряде исследований о гибридных угрозах, множественных кризисах, диверсиях на инфраструктуре [4].

2.4 Разведывательное взаимодействие

Система обмена разведывательной информацией остаётся ключевым элементом сотрудничества, однако сталкивается с рядом проблем — различием в классификации угроз; неполной синхронизацией данных; ростом использования зашифрованных каналов связи.

По данным Интерпола, цифровизация преступных сетей существенно усложняет мониторинг транснациональной активности [5].

## 3. Афганский фактор

3.1. Миграционные сценарии

Ситуация в Афганистане остаётся ключевым источником нестабильности. По оценкам УВКБ ООН, возможен рост миграционного давления в случае ухудшения внутренней ситуации [6].

Кризисный сценарий включает массовый приток беженцев, перегрузку инфраструктуры, риск инфильтрации радикальных элементов.

3.2 Трансграничная преступность

Наркотрафик остаётся одной из ключевых угроз. Согласно УНП ООН, маршруты через Центральную Азию сохраняют значимость, несмотря на их фрагментацию [7].

3.3. Радикальные группировки

Активность ИГИЛ-Хорасан в северных районах Афганистана вызывает особую обеспокоенность. Организация активно использует цифровые каналы для распространения идеологии [8].

3.4. Каскадная дестабилизация

Теоретическая модель «каскадного кризиса» предполагает последовательное развитие событий: инцидент — миграция — криминализация — социальное напряжение — политизация.

Данная модель широко используется в исследованиях конфликтов (см. работы в области международной безопасности) [9].

## 4. Нетрадиционные угрозы

4.1. Водный фактор

Водные ресурсы становятся предметом растущей конкуренции. По данным Продовольственной и сельскохозяйственной организации ООН, дефицит воды может усилить межгосударственные противоречия [10].

4.2. Климатические изменения

Изменение климата оказывает значительное влияние на регион. Исследования Межправительственной группы экспертов по изменению климата фиксируют: ускоренное таяние ледников и увеличение частоты экстремальных явлений [11].

4.3. Транснациональная преступность нового типа

Современные угрозы включают: использование Bitcoin и других криптовалют; развитие киберпреступности; цифровые финансовые схемы.

## 5. Направления усиления сотрудничества

5.1 Институциональный уровень

- трансформация РАТС в центр раннего предупреждения;

- развитие защищённых каналов обмена данными.

5.2 Оперативный уровень

- внедрение сценариев многокризисного реагирования;
- моделирование гибридных угроз.

5.3 Технологический уровень

- использование технологий искусственного интеллекта;
- развитие предиктивной аналитики.

5.4 Стратегический уровень

- интеграция безопасности с климатической и ресурсной повесткой;
- переход к превентивным механизмам управления кризисами.

**6. Выводы**

Таджикско-китайская граница формируется как зона повышенного риска, где возможно раннее проявление гибридных угроз. Афганский фактор остаётся ключевым источником дестабилизации.

Существующие механизмы ШОС демонстрируют эффективность в стандартных условиях, однако требуют адаптации к комплексным кризисам. Основная угроза заключается в синергии факторов — безопасности, климата, ресурсов и миграции.

**7. Рекомендации**

- ❖ переход к проактивной модели безопасности;
- ❖ усиление мониторинга приграничных территорий;
- ❖ развитие сценарного анализа;
- ❖ повышение устойчивости инфраструктуры;
- ❖ углубление интеграции аналитических систем в рамках ШОС.

**Литература**

1. Бузан Б., Вэвер О. Регионы и державы: структура международной безопасности. – М.: Аспект Пресс, 2003. – 544 с.
2. Waltz K. N. Theory of International Politics. – Reading, MA: Addison-Wesley, 1979. – 251 p.
3. Aris S. Eurasian Regionalism: The Shanghai Cooperation Organisation. – Basingstoke: Palgrave Macmillan, 2011. – 192 p.
4. Rubin B. R. Afghanistan from the Cold War through the War on Terror. – Oxford: Oxford University Press, 2013. – 512 p.
5. Starr S. F. The New Silk Roads: Transport and Trade in Greater Central Asia. – Washington: Central Asia-Caucasus Institute, 2007. – 560 p.
6. SIPRI Yearbook 2023: Armaments, Disarmament and International Security. – Stockholm: SIPRI, 2023. – 600 p.
7. INTERPOL. Global Crime Trend Report 2022. – Lyon: INTERPOL, 2022. – 120 p.
8. UNHCR. Global Trends: Forced Displacement in 2023. – Geneva: UNHCR, 2024. – 84 p.
9. UNODC. World Drug Report 2023. – Vienna: United Nations, 2023. – 160 p.
10. United Nations Security Council. Reports on ISIL (Da'esh) and Al-Qaida, 2023. – New York: UN, 2023.
11. FAO. The State of the World's Land and Water Resources for Food and Agriculture. – Rome: FAO, 2022. – 308 p.
12. IPCC. Climate Change 2023: Synthesis Report. – Geneva: IPCC, 2023. – 150 p.
13. Allison G. Essence of Decision: Explaining the Cuban Missile Crisis. – New York: Longman, 1999. – 416 p.
14. Beck U. Risk Society: Towards a New Modernity. – London: Sage, 1992. – 260 p.

## ИДОРАКУНИИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ ВА АРЗЁБИИ ХАТАРҲО: ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОНУ ЧИН ДАР ДОИРАИ СҲШ

Мақола ба таҳлили трансформатсияи амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ бо таваҷҷӯҳ ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳалқии Чин дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай бахшида шудааст. Омилҳои асосии хатар, аз ҷумла омили ноамнии

Афғонистон, таҳдидҳои фаромарзӣ, тағйирёбии иқлим ва рушди шаклҳои ғайрианъанавии ҷинояткорӣ баррасӣ карда мешаванд. Ба маҳдудиятҳои унсурҳои мавҷудаи бехатарӣ ва зарурати гузариш ба модели проактивии идоракунии хавфҳо диққати махсус дода мешавад.

**Калимаҳои калидӣ:** Осиёи Марказӣ, амният, СҲШ, Тоҷикистон, Чин, Афғонистон, таҳдидҳои гибридӣ, муҳоҷират, иқлим.

## REGIONAL SECURITY MANAGEMENT AND RISK ASSESSMENT: COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND CHINA WITHIN THE SCO

The article analyzes the transformation of regional security in Central Asia, focusing on Tajik-Chinese cooperation within the framework of the Shanghai Cooperation Organization. It examines key risk factors, including the Afghan vector of instability, cross-border threats, climate change, and the development of non-traditional forms of crime. The article highlights the limitations of existing security mechanisms and the need for a proactive risk management approach.

**Keywords:** Central Asia, security, SCO, Tajikistan, China, Afghanistan, hybrid threats, migration, climate.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Сайидзода Зафар Шералӣ** - доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиѐ ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиѐбони Рӯдакӣ, 33. Телефонҳо: +992 902888816; 372 210592. Почтаи электронӣ: zafarsaidov61@gmail.com, ORCID: 0009-0002-7086-6961

**Қурбонзода Фарида** - ходими илмии шуъбаи ИДМ – и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: +992 930330352; E-mail: kurbonova_22@mail.ru,

ORCID: 0009-0003-3334-247X

**Сведения об авторах:**

**Сайидзода Зафар Шерали**, заведующий отделом стран СНГ Института стран Азии и Европы НАНТ, доктор исторических наук. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Рудаки 33. Тел: +992902888816. Электронная почта: zafarsaidov61@gmail.com,

ORCID: 0009-0002-7086-6961

**Курбонзода Фарида** - научный сотрудник Отдела СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ Адрес: Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33. Тел: (+992) 930-33-03-52. E – mail: kurbonova_22@mail.ru ,

ORCID: 0009-0003-3334-247X

**Information about Authors:**

**Sayidzoda Zafar Sherali,** Head of the CIS Department of the Institute for the Study of Asian and European Countries of the NAST, Doctor of Historical Sciences. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Street 33. Tel: +992902888816. Email: zafarsaidov61@gmail.com,

ORCID: 0009-0002-7086-6961

**Qurbonzoda Farida** – researcher at the Department of CIS of the Institute of studying of the problems of Asian and European countries of the NAST, Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33, tel.: (+992) 930330352; E-mail: kurbonova_22@mail.ru,

ORCID: 0009-0003-3334-247X

УДК: 327(575.3)

# МАВҚЕИ ОМИЛҲОИ СИЁСИВУ ИҚТИСОДӢ ДАР ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақолаи мазкур ба омӯзиши мавқеи омилҳои сиёсиву иқтисодӣ дар ташаккул ва рушди муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии низоми муносибатҳои байналмилалӣ омилҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳамчун яке аз унсурҳои калидии муайянкунандаи сиёсати хориҷии давлат баррасӣ мегарданд. Дар кор нақши суботи сиёсӣ, сиёсати хориҷии мутавозин, рушди иқтисоди миллӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои минтақавӣ таҳлил карда шудааст.*

*Ҳамчунин таъсири равандҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла буҳронҳои молиявӣ, ноустувории минтақавӣ ва таҳдидҳои фаромиллӣ ба рушди муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки омилҳои сиёсиву иқтисодӣ дар маҷмӯъ заминаи асосии таҳкими мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд ва барои таъмини рушди устувор, густариши ҳамкориҳои хориҷӣ ва баланд бардоштани нуфузи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ аҳамияти муҳим доранд.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, омилҳои сиёсӣ, омилҳои иқтисодӣ, дипломатияи иқтисодӣ, глобализатсия, ҳамкории байналмилалӣ, ҳамкории минтақавӣ, амнияти миллӣ, рушди иқтисодӣ.*

**Муқаддима.** Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар соли 1991, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр ба ташаккули сиёсати хориҷӣ ва густариши муносибатҳои байналмилалии худ оғоз намуд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии низоми байналмилалӣ, омилҳои сиёсиву иқтисодӣ дар муайян намудани самтҳои ҳамкории хориҷии кишвар нақши муҳим мебозанд. Мавқеи геосиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, захираҳои табиӣ, суботи сиёсӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки ба таҳкими муносибатҳои байналмилалии давлат таъсири амиқ мерасонанд.

Омилҳои сиёсӣ, аз қабили таъмини амнияти миллӣ, сулҳу субот, сиёсати "дарҳои кушода", ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои гуногун барои баланд бардоштани нуфузи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намудаанд. Ҳамзамон, омилҳои иқтисодӣ, аз ҷумла рушди савдои хориҷӣ, ҷалби сармоягузории ехориҷӣ, татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ, барои рушди устувори давлат ва таҳкими робитаҳои байналмилалӣ аҳаммияти калон доранд.

**Мақсади мақола** – омӯзиш ва таҳлили нақши омилҳои сиёсиву иқтисодӣ дар ташаккул ва рушди муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Инчунин, муайян намудани таъсири сиёсати хориҷӣ, суботи сиёсӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ аз ҳадафҳои асосии мавзуъ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, дар доираи мавзуъ масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

**Маводҳо ва усулҳо.** Ҳангоми таҳияи мавзуи "Мавқеи омилҳои сиёсиву иқтисодӣ дар ташаккули муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон" аз санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсия ва стратегияҳои сиёсати хориҷии давлат, асарҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, мақолаҳои илмӣ, маълумоти оморӣ ва маводи созмонҳои байналмилалӣ истифода карда шуд. Инчунин, барои таҳлили масъала аз маълумоти марбут ба

ҳамкориҳои сиёсиву иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ баҳрабардорӣ гардид.

Дар раванди таҳқиқот усулҳои таҳлил ва муқоисаи илмӣ, усули таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ ва таҳлили сиёсиву иқтисодӣ истифода шуданд. Бо ёрии ин усулҳо нақши омилҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ташаккул ва рушди муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон, инчунин таъсири равандҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба сиёсати хориҷии кишвар мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуд.

**Натиҷаҳо.** Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки омилҳои сиёсиву иқтисодӣ дар ташаккул ва рушди муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ доранд. Суботи сиёсӣ, таъмини амнияти миллӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии мутавозин барои густариши ҳамкориҳои байналмилалии кишвар заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Муайян карда шуд, ки дипломатияи фаъол ва иштироки Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба таҳкими мавқеи давлат дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

**Муҳокима.** Таҳлили мавқеи омилҳои сиёсиву иқтисодӣ дар ташаккули муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин ду гурӯҳи омилҳо ҳамчун асоси муҳимми сиёсати хориҷии давлат баромад мекунанд. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, сиёсати хориҷии Тоҷикистон на танҳо ба нигоҳдории амният ва суботи сиёсӣ, балки ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҷалби сармоя ва тавсеаи робитаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ nнигаронида шудааст.

Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри ХХ ва ибтидои асри XXI дар марҳилаи рушду такомул қарор дошта, ба таҳкими нуфузи давлат дар минтақа ва ҷаҳон равона гардидаанд. Сафарҳо, мулоқотҳо ва музокироти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ гувоҳи онанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди муносибатҳои гуногунҷабҳаи сиёсӣ, иқтисодӣbbb ва фарҳангӣ бо ҳамаи кишварҳои минтақа ва ҷаҳон манфиатдор мебошад [5, 119].

Ҳангоми тарҳрезии сиёсати байналмилалии давлат зарур аст, ки ҳамаи омилҳо ва ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа ҳамчун асос ба инобат гирифта шаванд. Маълум аст, ки сиёсат ва иқтисодиёт заминаи асосии низоми ҷамъиятӣ ба шумор меравaнд. Аз ин рӯ, ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо дар рушди ҳар як ҷомеа нақши ҳалкунанда мебозад. Зарурат ва имконияти чунин ҳамкорӣ рӯз ба рӯз афзоиш меёбад, зеро ҳаҷм ва сохтори иқтисодиёт вусъат ёфта, муносибатҳои иқтисодии байни давлатҳо амиқтар мегарданд.

Дар доираҳои илмӣ оид ба вобастагии сиёсат ва иқтисодиёт нуқтаҳои назари гуногун вуҷуд доранд. Масалан, дар асри XX назарияи материалистии таърих, ки онро К. Маркс ва Ф. Энгелс дар асри XIX таҳия намуда буданд, мавқеи васеъ дошт. Ин назария баъдан ба пояи фалсафаи марксистӣ-ленинӣ табдил ёфт.

Ҳарчанд К. Маркс таъсири мутақобилаи зербино ва рӯбино ва таъсири рӯбино ба зербинаро эътироф мекард, дар назарияи ӯ чунин фарзия мавҷуд буд, ки иқтисодиёт сиёсати ҷамъиятиро муайян менамояд. Яъне тарзи истеҳсолоти ҳаёти моддӣ асоси равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин назария вобастагии иқтисодиёт ва сиёсат хусусияти сабабӣ–натиҷавӣ дошта, падидаҳои иқтисодӣ ҳамчун сабаб ва падидаҳои сиёсӣ ҳамчун натиҷа баррасӣ мешаванд. Баъдан ин ғоя аз ҷониби В. И. Ленин такмил дода шуд. Аммо андешаи иқтисодии яксамта, ки дар марксизм инъикос ёфтааст, ба мустақилияти нисбии сиёсат имконият намедиҳад [1].

Масъалаи робитаи мутақобилаи иқтисодиёт ва сиёсат дар асари олими австриягӣ К. Поппер «Ҷомеаи кушода ва душманони он» низ инъикос ёфтааст. Тибқи андешаи муаллиф, қудрати сиёсӣ метавонад хусусияти бунёдӣ дошта, иқтидори иқтисодиро зери назорат гирад.

Сиёсати хориҷии давлат низ бо назардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ тарҳрезӣ мегардад. Сиёсат ва дипломатия хусусияти бисёрҷониба дошта, ҳамчун воситаи муҳими татбиқи манфиатҳои иқтисодӣ хизмат мекунанд. Омили иқтисодӣ ҳангоми ташаккули самтҳои сиёсати хориҷии давлат нақши афзалиятнок дорад.

Тавре ки баъзе олимон ва коршиносони соҳаи иқтисод пешгӯӣ мекунанд, ноустувориҳои иқтисодӣ ва молиявии ҷаҳонӣ на танҳо васеъ ва амиқ, балки дарозмуддат низ хоҳанд буд. Аз ин рӯ, дипломатияи иқтисодӣ ҳамчун воситаи муҳим барои ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ аҳамияти хоса касб мекунад.

«Байни дипломатия ва тиҷорат умумиятҳои зиёд мавҷуданд. Имрӯз дипломатия бештар ба самти таҳкими ҳамкориҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ равона шудааст. То асри XIX дипломатия асосан ба сиёсат такя мекард. Таърихнигорон онро ба бозии шоҳмот монанд мекарданд, ки дар он ҳар як иштирокчӣ кӯшиши мағлуб намудани рақибро дошт. Дар асри XIX дар "тахтаи шоҳмот"-и ҷаҳон иқтидори ҳарбӣ нақши асосӣ дошт. Дар асри XX ба он идеология низ илова гардид. Имрӯз бошад, дипломатия бори дигар ба шоҳмот монанд аст, вале бо фарқияти муҳим: бозигарон бештар барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии худ талош мекунанд».

Ин андешаро дипломати маъруфи шӯравӣ ва рус, собиқ муовини Дабири кулли СММ В.Ф. Петровский иброз намудааст. Олими швейтсариягӣ Hans Müller бо андешаҳои дипломати рус В. Ф. Петровский мувофиқат намуда, чунин иброз медорад: "Рӯзҳои дипломатияи нозук кайҳо гузаштаанд. Дар гузашта дипломатия бо шартномаҳо, кулоҳҳои пардор ва маросимҳои бошукӯҳ ифода меёфт. Дар давраи муосир бошад, дипломатия бо тиҷорат робитаи зич пайдо намуда, ба танзими масъалаҳои иқтисодӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекунад" [3, 82].

Дар шароити муосир таҳким ва густариши робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ миёни давлатҳо ба яке аз вазифаҳои асосии дипломатия табдил ёфтааст. Таҳлилгарон сабабҳои афзоиши таваҷҷуҳи дипломатияро ба иқтисодиёт дар омилҳои зерин мебинанд:

— дар аксари давлатҳои пешрафта ҳиссаи тиҷорати хориҷӣ ва сармоягузорӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба истеҳсоли дохилӣ мунтазам афзоиш меёбад;

— татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар бисёр давлатҳо ба афзоиши содирот ва ҳамгироии босуръат ба иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат мекунад;

— ҷаҳонишавии тиҷорат ва сармоягузорӣ зарурати густариши робитаҳои доимӣ ва бисёрҷонибаи байни давлатҳоро ба вуҷуд меорад;

— тавсеаи созишномаҳои тиҷоратии минтақавӣ монеаҳои тиҷорати байналмилалӣ ва сармоягузориро коҳиш дода, ҳамкориҳои иқтисодиро тақвият мебахшад.

Дипломатияи иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳимтарини низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, ба он як қатор омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва глобалӣ таъсир мерасонанд:

1. Ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавии низоми иқтисодии ҷаҳонӣ яке аз равандҳои асосии рушди муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки боиси афзоиши вобастагии мутақобилаи давлатҳо мегардад.

2. Ширкатҳои фаромиллӣ, гурӯҳҳои сармоягузорӣ ва бонкҳо ба бозингарони асосии муносибатҳои байналмилалӣ табдил меёбанд. Онҳо тавассути рушди тиҷорат ва сармоягузорӣ ба сиёсати ҷаҳонӣ ва равандҳои байналмилалӣ таъсири назаррас мерасонанд. Вобастагии иқтисодиёти давлатҳои нави мустақил ба бозорҳои ҷаҳонӣ, сармоягузорӣ ва технология онҳоро ба иштирокчиёни фаъоли равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии байналмилалӣ табдил медиҳад.

3. Ҷаҳонишавӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба рушди дипломатияи иқтисодӣ мусоидат намуда, мавқеи онро аз ҷиҳати сифатӣ ва миқдорӣ ба сатҳи нав мебарорад.

4. Ҷорӣ намудани усулҳои пешрафтаи идоракунӣ, технологияҳои каммасрафи энергетикӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ рушди ҳамкориҳои байни давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалиро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, сиёсати "дарҳои кушода" дар муносибатҳои байналмилалӣ бештар маъмул мегардад.

5. Ворид намудани навовариҳо ба иқтисодиёт на танҳо ба ташаккули обрӯи мусбати давлат мусоидат мекунад, балки инчунин ба рушди сайёҳии байналмилалӣ таъсири мусбат расонида, яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад [9].

Ҷаҳонишавӣ қувваи асосии такондиҳандаи рушди дипломатияи иқтисодӣ буда, ба он таъсири мусбат мерасонад. Заминаҳои рақобати байналмилалӣ ва давлатҳоро фаъол намуда, ба пешбурди ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ сабаб мешавад.

Аз оғози асри XXI дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ дигаргуниҳои бунёдӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Онҳо дарк намуданд, ки дар муқобили таҳдиду хатарҳои нав танҳо бо роҳи тақвияти ҳамгироӣ метавонанд муқовимат кунанд.

Дар вокуниш ба чунин чолиши баамаломада мувофиқи Қарори Шурои сарони давлатҳои ИДМ аз 21 июни соли 2000, Маркази зиддитеррористии давлатҳо – иштирокчиёни ИДМ таъсис дода шуд. Маркази зиддитеррористӣ ниҳоди мустақили соҳавии ИДМ буда, барои ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ байни хадамотҳои махсус ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои узви ИДМ дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва дигар зуҳуроти ифротӣ пешбинӣ шудааст [7].

Ҳамчунин, 5 июли соли 2000 вохӯрии сарони давлатҳои СҲШ (ҳамонвақта «Панҷгонаи Шанхай») дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки натиҷаи он тасвиби санадҳои «Эъломияи Душанбе» ва «Баёнияи муштарак» гардид [14]. Дар доираи форуми мазкур ҳамкориҳои судманди ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ ва ҳарбӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамотҳои махсуси давлатҳои СҲШ роҳандозӣ гардиданд.

Ҳамчунин муваффақияти калон дар сатҳи дуҷониба ҳангоми бастани шартномаҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия оиди иштироки охир дар барномаҳои энергетикии кишвари мо ба даст омад.

Дар Остона, роҳбарони панҷ давлат – Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ҳуҷҷат оид ба таъсиси мақоми байниҳукуматии нав – Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё-ро ба имзо расониданд [10, 75].

Ташкилоти Ҷомеаи иқтисодии Осиёи Марказӣ ба созмони «Ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ» табдил дода шуд. Ин ибтикор мебоист боиси ислоҳот, фарогирии пурратар ва ҳамаҷонибаи масъалаҳои иқтисодӣ мегардид. Аммо дар асл тағйири ном таъсири дилхоҳро ба бор наовард.

Моҳи феврали соли 2000 Котиби генералии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо Ян Кубиш ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хуб пазируфта шуд. Ташрифи Ян Кубиш дар давраи интихоботи Маҷлиси Олӣ сурат гирифт. Дар ҷараёни музокирот оиди аҳаммияти интихобот барои анҷоми мантиқии раванди сулҳ мусоидат намудан муҳокима карда шуд [10, 25].

8-уми феврали соли 2000 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Намояндаи хоси Котиби генералии СММ оид ба корҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ф. Вендреллро қабул карданд. Дар рафти табодули назари ошкоро, мушаххас ва самимона масъалаҳои вобаста ба роҳҳои ҳалли мушкилоти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мавриди муҳокима қарор гирифтггг.

10-уми октябри соли 2000 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остона дар ҷаласаи Шурои байналмилалии давлатҳои узви Иттиҳоди гумрукӣ ширкат варзид. Ҳуҷҷатҳои асосии рӯзномаи кори ҷаласа, ки Сарони панҷ давлат баррасӣ намуданд. Аҳднома дар бораи таъсиси Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва Муроҷиатномаи сарони давлатҳо дар ин бобат мебошад.

Роҳбарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Беларусия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон Аҳднома ва Муроҷиатномаро дар бораи таъсиси Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё имзо карданд [10, 75].

2-феврали соли 2001 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сардори намояндагии ХБА Т. Саавалайнен мулоқот намуд. Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ХБА дар доираи татбиқи лоиҳаҳои маблағгузорӣ, раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар давлат мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Бо сабаби дар бозори ҷаҳонӣ паст шудани нархи мис ва нахи пахта, ки истон мебошанд, муомилоти савдои хориҷӣ дар соли 2001 нисбат ба соли гузашта 9 фоиз кам шуд ва ба бақияи манфии таносуби савдо ба маблағи 30,9 миллион доллари амрикоӣ расонд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, қисми даромади Буҷети давлатӣ дар соли 2001 108 фоиз иҷро гардид [4].

Дар моҳи январи соли 2002 дар шаҳри Пекин мулоқоти ғайринавбатии сарони ниҳодҳои умури хориҷии давлатҳои узви СҲШ доир гардид. Дар санади қабулгардида таъкид гардид, ки «...ба роҳ мондани ҳамкориҳо миёни давлатҳо-иштирокчиёни СҲШ дар соҳаи нигаҳдории амният ва суботи минтақавӣ, инчунин мубориза бо се таҳдид – терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ – самти афзалиятнок мебошад».

Моҳи январи соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайати Ҷумҳурии Халқии Хитойро бо сарварии узви Шурои давлатии ин давлат И. Аймат ба ҳузур пазируфт. Зимни баррасии масъалаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар доираи СҲШ муҳокима намуданд [10,182].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2002 ба Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон сафари корӣ анҷом дод. Дар шаҳри Пекин музокироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар сатҳи олӣ баргузор гардиданд. Дар ҷараёни сӯҳбат бо Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Т. Тсзэмин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи муносибатҳои дӯстона бо Ҷумҳурии Мардумии Чин аҳаммияти бузург медиҳад. Баъди анҷоми музокирот байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин шартнома ба имзо расониданд [2].

Моҳи апрели соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Алмаато дар Саммити иқтисодии АвруОсиё таҳти унвони умуми «Аврупою Осиё – 2002: Таъмини рушди устувор дар замони ғайриустувор» ширкат варзид. Мулоқотҳои дуҷонибаи Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Аскар Акаев ва собиқ Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Н. Назарбоев, инчунин, бо вазири давлатии Ҷумҳурии Туркия Р. Догру доир гардид.

Моҳи майи соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Кремл бо Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин мулоқот намуданд. Мусоҳибон масъалаҳои муносибатҳои дуҷонибаи иқтисодиро баррасӣ намуданд.

Инчунин, моҳи майи соли 2002 дар ҷаласаи Шурои вазирони мудофиаи давлатҳои ИДМ масъалаҳои ҳамкории бисёрҷонибаи ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Худи ҳамин рӯз мулоқоти сарони давлатҳо – иштирокчиёни Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъӣ баргузор гардид.

Хусусияти фарққунандаи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2002 бештар дар афзоиши гуногунранги соҳаҳо дида мешавад. ММД дар соли 2002-ум 3375,3 млн. сомониро ташкил дод. Суръати афзоиши ММД муқоиса бо соли гузашта ба 9,1%, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат 9,2%, маҳсулоти кишоварзӣ 15% расид [8].

Нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ беҳтар шуда, муомилоти савдои хориҷӣ дар муқоиса бо соли қаблӣ 8,6% афзоиш ёфт.

Моҳи январи соли 2003 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар мулоқоти ғайрирасмии давлатҳои ИДМ ба шаҳри Киев сафар кард. Дар рафти сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо собиқ Президенти Ҷумҳурии Украина Л. Кучма мулоқот намуда, дурнамои ҳамкории дуҷонибаро муҳокима намуданд. Дар ҳамин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Русия В. Путин дар доираи масъалаҳои иқтисодӣ муҳокима намуданд. Инчунин сарони давлатҳо баъзе масъалаҳои вазъи минтақа ва Афғонистонро баррасӣ намуданд.

Инчунин, моҳи январи соли 2003 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Берлин сафари расмӣ намуда, бо Президенти Федералии Олмон Г. Шрёдер оиди ҳамкориҳои дуҷониба мубодилаи афкор намуданд.

Соли 2003 собиқ Президенти Ҷумҳурии Украина Л. Кучма бо сафари корӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Дар ин сафар сарони ду давлат, Аҳднома дар бораи ҳамкории иқтисодии дарозмуддат барои соҳои 2003 – 2012, Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва як қатор ҳуҷҷатҳои дигар ба имзо расиданд.

Моҳи апрели соли 2003 Президенти Федератсияи Русия В. Путин сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дод. Дар рафти сафар як қатор ҳуҷатҳо ба имзо расиданд. Сарони давлатҳо ҳамчунин ба вазъи Афғонистон таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо президентони Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон рушди ҳамкориҳои дуҷонибаро муҳокима намуданд.

Моҳи май соли 2003 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Тошканд бо раиси Бонки Исломии Рушд А.М. Алӣ ва директори Департаменти дуюми Аврупоии ХБА Ҷ. Олдинг – Сми мулоқоти самарабахш дошт. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Исломии Рушд оид ба ҳаммаблағгузории лоиҳаи таҷдиди низоми таъмини об дар шаҳри Душанбе ба маблағи 9 миллиону 200 ҳазор доллари америкоӣ Созишнома ба имзо расонид.

Дар натиҷаи заҳматҳои Роҳбари давлат, мулоқоту музокиротҳои ӯ ҳаҷми ММД дар соли 2003-ум 10,2% афзуда, 4761,4 миллион сомониро ташкил дод. Маҷмуи маҳсулоти саноат ба 10,2%, кишоварзӣ 9,6%, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ 15,2% ва хизматрасонию корҳо 14,7% зиёд гашт. Ин раванд имкониятҳои беҷетро барои дастгирии ояндаи бахши иҷтимоӣ афзун мекунад.

Ба мисли соли 2002 давлатҳо – шарикони асосӣ оид ба амалиёти содиротӣ давлатҳои зерин боқӣ мемонанд: ИМА (25% аз ҳаҷми умумии содироти молҳо), Швейтсария (20,3%), Федератсияи Русия (16,7%), Ҷумҳурии Қазоқистон (9,8%) ва Ҷумҳурии Мардумии Чин (4%) [8].

Дар мулоқоти сарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон масъалаҳои истифодаи муштараки захираҳои энергетикии об, масъалаҳои ҳамкориҳои байнисарҳадӣ ва дурнамои муносибатҳои иқтисодию фарҳангӣ муҳокима гардиданд. Мулоқот бо ба имзо расидани Шартнома оиди шарикӣ ва робитаҳои ҳасанаи ҳамҷаворӣ оиди ҳамкории низомӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон анҷомид.

Соли 2004 мулқоти ҳаштумини сарони давлат ва ҳукуматҳои давлатҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ дар шаҳри Душанбе таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид.

Дар моҳи майи соли 2004 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Покистон баргузор гардид. Мавзуи асосии гуфтушунид байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон П. Мушарраф масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон буданд. Дар натиҷаи гуфтушунид созишномаи байналмилалӣ ва байниҳукуматӣ ба имзо расид.

Ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи навбатии сарони давлатҳои узви СҲШ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар намуданд. Дар шаҳри Тошканд мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тсзинтао баргузор гардид.

Моҳи сентябри соли 2004 Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон С.М. Ҳотамӣ ба шаҳри Душанбе ташриф овард. Дар рафти сафар як қатор созишномаҳо ба имзо расид. Алалхусус таъсиси ширкати тарҳи Сангтӯда – 1 ва кандани тунел тавассути ағбаи Анзоб аз далелҳои боварбахши вусъати ҳамкориҳо мебошад.

Моҳи октябр Президенти Федератсияи Русия В. Путин бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Зимни муҳокимаи масъалаҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар таърихи муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия марҳилаи сифатан созандаву самарабахш оғоз ёфт.

Моҳи апрели соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо даъвати Президенти Федератсияи Русия В. Путин ба шаҳри Сочӣ сафар намуд. Ҷонибҳо дар рафти мулоқот ҷиҳати оғози сохтмонҳои ООстратегии неругоҳҳои барқию обии «Сангтӯда» ва «Роғун», инчунин тавсеи заминаи истеҳсоли алюминий дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуданд.

Ҷиҳати иштирок дар ҷаласаҳои Шурои байналмилалии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва Шурои амнияти дастаҷамъи моҳи апрели соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Москва сафар намуд. Дар доираи барномаи сафари корӣ мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Русия В. Путин баргузор гардид. Ҷонибҳо дар вохӯрӣ маҷмуи васеи масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷонибаро баррасӣ намуданд.

Ҷиҳати иштирок дар вохӯрии Сарони давлатҳои узви СҲШ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи апрели соли 2004 ба шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон сафар намуданд. Дар рафти сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Ху Тзин Тао, Президенти Ҷумҳурии Муғулистон Н. Энхбаяр, ноиби авали Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон М.Р. Ориф ва вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон Н. Синхро мулоқот анҷом дод.

Соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод, собиқ Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон П. Мушарраф, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон И. Алиев ва дигарон мулоқот намуданд.

Моҳи январи соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафари расмӣ анҷом дод. Президент бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон мулоқот анҷом дод. Дар рафти сафари корӣ як қатор санадҳои ҳуқуқии ҳамкории ду давлат ба имзо расид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2006 ба Ҷумҳурии Туркия сафар кард. Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо собиқ Президенти Ҷумҳурии Туркия А.Н. Сезар баргузор гардид. Дар мулоқот атрофи ҳамкориҳои судбахши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар доираи муносибатҳои дуҷониба ва дар чаҳорчубаи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Моҳи январи соли 2006 ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи навбатии Шурои байналмилалии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Санкт – Петербурги Федератсияи Русия сафар намуданд.

Моҳи апрели соли 2006 ҷаласаи Шурои вазирони корҳои дохилии ИДМ дар шаҳри Душанбе шуда гузашт.

Моҳи майи соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафари корӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон анҷом дод. Сарони давлатҳо муносибати иқтисодӣ ва дипломатии худро баррасӣ намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намояндагии ваколатдори Бонки умумиҷаҳонӣ ва Бонки Осиёгии Рушдро таҳти сарварии Ю. Фогеле ва К. Матсунамиро моҳи майи соли 2006 ба ҳузур пазируфтанд.

Моҳи январи соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафари кории ба Ҷумҳурии Мардумии Чин анҷом дод. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тсзинтао мулоқот намуд. Дар мулоқот ҷанбаҳо масъалаҳои муносибатҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ва дурнамои ҳамкориҳои судбахши ду давлат баррасӣ шуд [11,57].

Моҳи сентябри соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон қарор доштанд. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо собиқ Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Қ. Боқиев баргузор гардид. Баъди анҷоми мулоқоти расмӣ 5 санади муҳим ба имзо расид.

Моҳи октябри соли 2007 собиқ Президенти Ҷумҳурии Туркманистон Г. Бердимуҳамедов бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Худи ҳамин рӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Туркманистон мулоқот анҷом дод. Ҳар ду ҷониб ба мувофиқа омаданд, ки дар кӯтоҳтарин муҳлат комиссияи байниҳукуматии ҳамкориҳои иқтисодӣ таъсис дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин моҳи октябри соли 2007 мулоқот анҷом дод. Дар мулоқот масъалаҳои муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ду давлат мавриди баррасӣ қарор гирифт. «Федератсияи Русия шарики табиӣ ва стратегии давлати мо аст ва мо ҷонибдори таҳкиму густариши пайвастаи муносибатҳо ва ба талаботи замони худ рушёбандаи муосир мутобиқ гаштани онҳоем», изҳор доштанд зимни сӯҳбат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [11, 309].

Моҳи феврали соли 2008 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар мулоқоти ғайрирасмии Сарони давлатҳои ИДМ ба шаҳри Москваи Федератсияи Русия сафар намуд. Дар рафти сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо В. Путин мулоқот анҷом доданд. Ҷонибҳо оид ба маҷмуи муносибатҳо дар соҳаҳои сиёсати байналмилалию минтақавӣ, энергетика, саноат, нақлиёт ва коммуникатсия, мудофиа, амният ва ҳифзи сарҳади ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтугӯи судманд анҷом доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки ҳоло дар давлати мо бо сармоягузории Федератсияи Русия 183 ширкат кор мекунад ва фақат соли гузашта сармояи бевоситаи вориднамудаи онҳо 160 миллион доллари амрикоиро ташкил медод. Ӯ ҳамчунин афзуд, ки ҳаҷми умумии гардиши мол дар байни ду давлат соли 2007 ба 857 миллион доллари амрикоӣ расид ва таъкид гардид, ки нисбат ба соли 2006-ум 175% зиёд аст.

Дар моҳи марти соли 2008 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин сафари расмиашро собиқ Президенти Ҷумҳурии Украина В. Ющенко анҷом дод. Ин сафар барои таҳкими муносибатҳои ду давлат такони нав мебахшад.

Моҳи марти соли 2008 ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи Шурои вазирон вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон М. Муттакӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Дар рафти сафар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вазир барпо гардид. Ҷонибҳо дар мулоқот муносибатҳои ҳамкории иқтисодии ду давлатро баррасӣ намуда таъкид доштанд, ки робитаҳои сеҷонибаи се давлат Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Афғонистонро ба роҳ монанд. Инчунин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки «Мо дар симои Ҷумҳурии Исломии Эрон яке аз шарикони асосӣ ва стратегии худро мебинем» [12,84].

Моҳи майи соли 2008 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон қарор дошт. Масъалаҳои ҷорӣ ва дурнамои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон баъди анҷоми маросими истиқбол нахуст вохӯрии хоссаи сарони ду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Нурсултон Назарбоев баррасӣ шуд. Дар мулоқот Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарики боэътимоди сиёсии давлати худ хонд [6].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар вохӯрии ғайрирасмии сарони давлатҳои узви ИДМ ва Форуми 12-уми

байналмилалии иқтисодӣ дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия қарор дошт. Мулоқоти алоҳидаи сарони ду давлат Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия оид ба ҳамкориҳои дуҷониба ва муносибатҳои бисёрҷониба баргузор гашт.

Моҳи сентябр соли 2008 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи навбатии Шуро амнияти дастаҷамъии СААД дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия иштирок намуд. Дар Шуро маҷмуи васеи масъалаҳои амнияти минтақавию ҷаҳонӣ ва густариши ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ гуфтушунидҳои судманд анҷом доданд [6].

Инчунин, моҳи сентябр соли 2008 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Директори генералии СУТ Паскал Лами мулоқот намуд. Дар мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ин созмони бонуфуз баррасӣ намуд.

Инчунин, соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Намояндаи доимии Бонки осиёии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро Макота Оҷиро бо хоҳиши ӯ ба ҳузур пазируфт. Дар мулоқот масъалаҳои ҷорӣ ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону Бонки Осиёии рушд дар чаҳорчӯби дурнамои нав барои солҳои 2009-2012 ва дурнамои дарозмуддат барои то соли 2020 баррасӣ шуд.

Соли 2009 Президенити Ҷумҳурии Яман Алӣ Абдулло Солеҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Масъалаҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Яман нахуст дар мулоқоти хоссаи сарони ду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва А.А. Солеҳ баррасӣ шуд. Баҳри боло бардоштани сатҳи муносибатҳои дуҷониба дар соҳаи тиҷорату иқтисод муҳокима намуданд.

Моҳи апрели соли 2009 вохӯрии сарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон доир гашт. Дар вохӯрӣ масъалаи ҳамкориҳои дуҷониба баррасӣ шуда, зикр гардид ки сохтмони роҳи байналмилалии мошингарди Душанбе – Рашт – сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон ва пайвастани он бо Ҷумҳурии Қазоқистону Ҷумҳурии Мардумии Чин аз як ҷониб ва бо Афғонистон аз ҷониби дигар ба манфиати ҳарду давлат буда, ҳамчунин ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидати фаъол мекунад. Ҳамчунин сарони ду давлат ба бунёди роҳи оҳан дар ҳамин масир изҳори ҳавасмандӣ карданд.

Инчунин, моҳи апрели соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ноиби президенти Бонки умумиҷаҳонӣ Ш. Катсу ва роҳбари гурӯҳи ваколатдори ХБА оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Шиммелпфеннигро ба ҳузур пазируфтанд.

Моҳи июни соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тсзинтао мулоқот намуд. Ҷонибҳо густариши ҳамкории гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Халқии Хитойро баррасӣ намуданд. Афзоиши мубодилаи молу маҳсулот миёни ду давлат, ки ҳаҷми он дар соли 2008 аз 1 миллиарду 250 миллион доллари америкоӣ гузашт изҳори қаноатмандӣ карданд [6].

Дар соли 2009 сустшавии суръати рушди иқтисодӣ мушоҳида шуд, ки он дар натиҷаи таъсири манфии буҳрони молиявӣ сурат гирифт. Пойинравии фаъолнокии иқтисодӣ ва паёмади он - коҳишёбии тақозои пардохтпазир дар минтқа, ба рушди бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири манфӣ гузошт. Аз ҷумла, ба таври назаррас коҳиш ёфтани амалиётҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ бо давлатҳои асосии шарикони тиҷоратӣ, пастшавии истеҳсолот дар саноат ва пойин рафтани сатҳи истеъмол ба вуқуъ пайваст.

Моҳи январи соли 2010 собиқ Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон М. Аҳмадинажод бо сафари корӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Масъалаҳои асосии ташрифот ин ҳамкории стратегии ду давлат буд. Баъди анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ 6 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

Инчунин, соли 2010 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Кумитаи иҷроияи ИДМ С. Лебедев мулоқот анҷом доданд. Дар

мулоқот оид ба ҳамкорӣ дар доираи ИДМ ва густариши робитаҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Русия гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

Моҳи марти соли 2010 Директори Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ Мото Кониши ба шаҳри Душанбе ташриф овард. Мото Кониши таъкид намуд, ки омодасозии асоснокии техникӣ-иқтисодӣ ва баҳодиҳии таъсири иҷтимоӣ-экологии лоиҳаи сохтмони неругоҳи Роғун ва ҳам лоиҳаи КАСА – 1000 аз ҷониби Бонки умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ карда мешавад [6].

Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо собиқ Дабири кулли СММ Пан Ги Мун, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи марти соли 2010 ташриф оварда буд баргузор гардид. Дар мулоқот масъалаҳои ҳамкории гуногунпаҳлӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ баррасӣ гардида, таваҷҷуҳи зиёд ба коҳиш додани таъсири бухрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бартарафсозии монеаҳо дар рушди ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ зоҳир карда шуд.

Моҳи майи соли 2010 дар шаҳри Душанбе Иҷлосияи 37 – уми Вазирони корҳои хориҷии давлатҳои узви Созмони Конфронси Исломӣ баргузор гашт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Бонки Исломии Рушд А.М. Алӣ мулоқот намуданд. Зикр гардид, ки тайи солҳои гузаштаи ҳамкорӣ аз ҷониби Бонки Исломии Рушд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 180 миллион доллари америкоӣ қарзҳои имтиёзнок ва 2,5 миллион доллари америкоӣ грантҳо ва кумаки техникӣ ҷудо гаштааст [13, с. 107].

Моҳи июни соли 2010 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри иштирок дар ҳамоиши сарони давлатҳои узви СҲШ дар шаҳри Тошканд – пойтахти Ҷумҳурии Ӯзбекистон қарор дошт. Дар рафти сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тсзинтао мулоқот анҷом дод. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Мардумии Чинро шарики стратегӣ хонданд. Ху Тсзинтао дар навбати худ изҳор намуд, ки «Ҷумҳурии Мардумии Чин омода аст, ҳамаи тадбирҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро баҳри таҳкими Истиқлоли давлатӣ ва рушди иқтисодиёти давлат устуворона дастгирӣ намояд». Ху Тсзинтао изҳор дошт, ки имсол ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин барои дастгирии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 80 миллион юан (6,7юан-1$) грант ва барои бартарафсозии оқибати офатҳои табии 5 миллион юани чинӣ кумаки башардӯстона ҷудо менамояд, ҳаҷми умумии ин маблағҳо ба зиёда аз 13 миллион доллари америкоӣ баробар аст.

Соли 2010 Дабири кулли Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё Т. Мансуров ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Дар мулоқот масъалаҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, ҳамгироӣ бо СММ ва дигар созмонҳо дар муқобили таҳдиду хатарҳо ва мушкилоти ҷаҳонӣ, аз қабили бухрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ баррасӣ шуд. Таир Мансуров изҳор намуд, ки аз ҳисоби Фонди зиддибухрони Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии буҷети давлати 90 миллион доллари америкоӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда мешавад.

Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Роҳбари миссияи ХБА доир ба Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Шиммелпфенниг баргузор гашт. Ба гуфтаи А. Шиммелпфенниг, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009 барои коҳиш додани таъсири бухрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ба натиҷаи хуб расид ва дар соли 2010 низ нишондодҳо умедворкунандаанд. «Афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли равон бояд ба 4% расад», таъкид дошт Роҳбари миссияи ХБА.

Дипломатияи иқтисодӣ соҳаи ба тavri динамикӣ рушдкардаистодаи фаъолияти байналмилалӣ мебошад. Раванди ҷаҳонишавӣ, ки ба хусус дар рушди иқтисоди кушод ва иштироки давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ зоҳир мегардад, ба афзоиши арзиши омилҳои сиёсӣ дар соҳаи ҳамкориҳои иқтисодӣ мерасонад.

Ҳифз ва пешбурди манфиатҳои иқтисодӣ аз ҷузъҳои муҳимтарини сиёсати хориҷӣ дар таъмини манфиатҳои миллии ҳар як давлат аст. Маҳз ҳамин омилҳои иқтисодӣ ба шакл гирифтани дурнамои сиёсати хориҷӣ таъсири хеле ҷиддӣ мерасонанд.

Ҳамин тариқ, омилҳои сиёсиву иқтисодӣ дар ташаккул ва рушди муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим ва муайянкунанда доранд. Дар шароити

муосир рушди иқтисод, дипломатияи фаъол ва такмили низоми сиёсати хориҷӣ аз самтҳои асосии фаъолияти давлат ба шумор меравconfigurationанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар асри XXI мавқеи давлат на танҳо аз иқтидори ҳарбӣ, балки пеш аз ҳама аз имкониятҳои иқтисодӣ, технологӣ, энергетикӣ ва захираҳои инсонӣ вобаста мебошад.

Тавре муҳаққиқ Ҷ. Най таъкид менамояд, иқтидори давлат танҳо ба қудрати ҳарбӣ маҳдуд набуда, ҷанбаҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои фаромиллиро низ дар бар мегирад [15,65]. Бо вуҷуди густариши ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳанӯз ҳам баъзе имкониятҳо ва захираҳои мавҷуда пурра истифода нашудаанд. Ба ин раванд мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ, ноороmии минтақа, вазъи Афғонистон, дахолатҳои беруна, офатҳои табиӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла COVID-19, таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои байнидавлатӣ, суботи сиёсӣ, таъмини амнияти миллӣ, сиёсати хориҷии мутавозин ва ҳамкориҳои дипломатӣ барои баланд бардоштани мавқеи байналмилалии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Ҳамзамон, рушди иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои минтақавии энергетикӣ ва нақлиётӣ ба таҳкими робитаҳои иқтисодии кишвар бо давлатҳои дигар мусоидат менамоянд.

Иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва густариши ҳамкориҳои сиёсиву иқтисодӣ аҳамияти муҳим дорад. Дар маҷмӯъ, омилҳои сиёсиву иқтисодӣ ҳамчун пояи асосии рушди муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, барои таъмини рушди устувор, суботи ҷомеа ва таҳкими нуфузи давлат дар арсаи ҷаҳонӣ нақши калидӣ мебозанд.

Мақолаи мазкур дар доираи рисолаи доктории 2023 таҳти унвони «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии низоми муносибатҳои байналмилалӣ», ки дар шуъбаи “Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ” Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 29.05.2023. протоколи №5 тасдиқ карда шудааст, омода гардидааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Маркс К. Капитал. Критика политической экономии [Манбаи электронӣ]. URL:http: // esperanto-mv.pp.ru/Marksismo/Kapitall/ (санаи муроҷиат: 20.12.2015).
2. Мулоқоту музокироти сатҳи олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин [Манбаи электронӣ]. URL:http://www.president.tj/node/14099 (санаи муроҷиат: 12.03.2017).
3. Петровский В.Ф. Доктрина «национальной безопасности» в глобальной стратегии США / В.Ф. Петровский. – М.: Международные отношения, 1980. – С. 57.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22-04-2002 [Манбаи электронӣ]. URL:http://www.president.tj/node/6694 (санаи муроҷиат: 12.03.2017).
5. Раҳмонзода А.Ш. Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир. Монография. Душанбе: «Дониш», 2022. – 172 с.
6. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL:http://www.president.tj/node/3200 (санаи муроҷиат: 12.04.2015).
7. Сомонаи расмии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [Манбаи электронӣ]. URL: http: //www.cis.minsk (санаи муроҷиат: 12.08.2016).
8. Сомонаи расмии Агенти омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистонн: 20 – соли Истиқлолияти давлатӣ [Манбаи электронӣ]. URL:http://www.stat.tj/news/91/ (санаи муроҷиат: 20.12.2015).
9. Филипп Н. Современная экономическая диппоматия [Манбаи электронӣ]. URL:http://iwep.kz/stariysite/index (санаи муроҷиат: 12.08.2016).
10. Эмомалӣ Раҳмон ва оғози марҳилаи созандагӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2003). Китоби 3. Нашри дуюм. – Душанбе: «Ирфон». – 2011. – С. 75.
11. Эмомалӣ Раҳмон: Оғози марҳилаи нав(Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарсоли 2007). – Китоби 7. –Душанбе, 2011. – С. 57.
12. Эмомалӣ Раҳмон ва Соли Рӯдакӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарсоли 2008). – Китоби 8. – Душанбе, 2011. – С. 84.

13. Эмомалӣ Раҳмон: Соли маориф ва фарҳанги техникӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010). – Китоби 8. – Душанбе, 2011. – С. 107.

14. Эъломияи Душанбегии сарони давлатҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қирғизистон [Манбаи электронӣ]. URL:http://russian.people.com.cn (санаи муроҷиат: 01.05.2016).

15. Nay J. The paradox of American Power: Why The World's Only Superpower cairt go it alone. New York, 2002. – 240 p.

## ПОЛОЖЕНИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ И ЭКОНОМИЧЕСКИХ ФАКТОРОВ В ФОРМИРОВАНИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА

Данная статья посвящена исследованию роли политико-экономических факторов в формировании и развитии международных отношений Республики Таджикистан. В условиях глобализации и трансформации системы международных отношений политико-экономические факторы рассматриваются как один из ключевых элементов, определяющих внешнюю политику государства. В работе анализируется значение политической стабильности, сбалансированной внешней политики, развития национальной экономики, привлечения иностранных инвестиций и реализации региональных инфраструктурных проектов.

Также изучается влияние глобальных процессов, включая финансово-экономические кризисы, региональную нестабильность и транснациональные угрозы, на развитие международных отношений Республики Таджикистан. Результаты исследования показывают, что политико-экономические факторы в целом составляют важнейшую основу укрепления международных позиций Республики Таджикистан и имеют существенное значение для обеспечения устойчивого развития, расширения внешнего сотрудничества и повышения роли страны на мировой арене.

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, международные отношения, внешняя политика, политические факторы, экономические факторы, экономическая дипломатия, глобализация, международное сотрудничество, региональное сотрудничество, национальная безопасность, экономическое развитие.*

## THE ROLE OF POLITICAL AND ECONOMIC FACTORS IN THE FORMATION OF TAJIKISTAN'S INTERNATIONAL RELATIONS

This article examines the role of political and economic factors in the formation and development of the international relations of the Republic of Tajikistan. In the context of globalization and the transformation of the international system, political and economic factors are considered key elements determining a state's foreign policy. The paper analyzes the importance of political stability, a balanced foreign policy, national economic development, the attraction of foreign investment, and the implementation of regional infrastructure projects.

The study also explores the impact of global processes, including financial and economic crises, regional instability, and transnational threats, on the development of Tajikistan's international relations. The results demonstrate that political and economic factors constitute a fundamental basis for strengthening the international position of the Republic of Tajikistan and are essential for ensuring sustainable development, expanding foreign cooperation, and enhancing the country's role on the global stage.

***Key words:*** *Republic of Tajikistan, international relations, foreign policy, political factors, economic factors, economic diplomacy, globalization, international cooperation, regional cooperation, national security, economic development, foreign investment.*

**Сведение об авторе: Рахмонзода Азимджон Шерали** – кандидат исторических наук, дотцент ведущий научный сотрудник Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана,. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru ORCID:0009-0000-3369-5636

**Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ** – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиѐ ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми таърих, дотсент ходими пешбари илмӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиѐбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru ORCID:0009-0000-3369-5636

**Information about the author: Rahmonzoda Azimjon Sherali** – candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Leading Researcher, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru ORCID:0009-0000-3369-5636

**УДК: 32(575.3) +32(575.3)(092)**

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР АРСАИ ҶАҲОНӢ: ТАҲАВВУЛОТИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Темурзода Фаррухшоҳ Сироҷиддин**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

*Дар мақола таҳлили мукаммали таҳаввули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози асри XXI дар заминаи тағйирёбии низоми сиёсии ҷаҳонӣ ва афзоиши нақши рӯзномаи глобалии экологӣ ва иқлимӣ анҷом дода мешавад. Диққати махсус ба дипломатияи обӣ ва иқлимӣ, амнияти криосфера, стратегияҳои рушди «сабз», ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ва сиёсати фарҳангӣ – гуманитарӣ ҳамчун самтҳои калидии ташаккули симои байналмилалии давлат равона шудааст. Бо истифода аз мафҳумҳои “давлатҳои хурд”, “дипломатияи нишавӣ” ва “таъсири меъёрӣ”, муаллиф нишон медиҳанд, ки таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, кишвар пайваста модели устувори субъектияти сиёсати хориҷиро ташаккул додааст, ки бар асоси институтсионализатсияи захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ дар чорчӯбаи дипломатияи бисёрҷонибаи Созмони Милали Муттаҳид бунёд ёфтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати хориҷӣ, давлатҳои хурд, дипломатияи нишавӣ, дипломатияи обӣ, дипломатияи иқлимӣ, амнияти криосфера, рушди устувор, Созмони Милали Муттаҳид,*

1. **Муқаддима:** давлати масоҳаташ миёна дар замони трансформатсияи низоми ҷаҳонӣ.

Дар шароити мураккаб гардидани меъмории муносибатҳои байналмилалӣ ва таназзули марказҳои анъанавии қудрат таҳлили рафтори хориҷии давлатҳои масоҳатан хурд аҳамияти хоссаро касб мекунад. Таҳқиқоти муосири муносибатҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки маҳдудияти захираҳои моддӣ набояд монеаи санадию қарордодӣ барои мавқеъгирии фаъол дар арсаи байналмилалӣ бошад, агар давлат модели муассир ва стратегияҳои мушаххаси дипломатиро амалӣ созад [1, 5–9].

**Аз ин лиҳоз,** таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле ҷолиб аст. Пас аз рафъи низоми дохилии солҳои 1990 – ум кишвар аз оғози асри XXI сиёсати хориҷии худро такмил додааст, ки ба масъалаҳои устувории рушди кишвар, амнияти обӣ, иқлим ва ҳамкории гуманитарӣ равона шудааст. Ин самтҳо аввалан дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид ва инчунин платформаҳои (корпояҳои) судовар ба шакли институтсионалӣ даромадаанд.

**Мақсади асосии мақола** ошкор намудани вижагиҳо, натиҷаҳо ва аҳамияти байналмилалии таҳаввулоти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри XXI ва арзёбии нақши Эмомалӣ Раҳмон дар институтсионализатсия (ниҳодисозӣ) ва густариши ин сиёсат мебошад.

Барои расидан ба ин ҳадаф муаллиф кӯшиш намудааст:

- равандҳои асосии рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистонро таҳлил намояд;
- нақши дипломатияи об ва иқлимро дар ташаккули симои байналмилалии кишвар муайян созад;
- саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар пешбурди рӯзномаи глобалии рушди устувор арзёбӣ намояд;
- таъсири ташаббусҳои байналмилалии кишварро ба таҳкими субъективияти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон диҳад.

**Асоси методологии мақола** ба маҷмуи усулҳо ва равишҳои илмии муносибатҳои байналмилалӣ такя мекунад, **аз ҷумла:**

1. **Равиши институтсионалӣ** – барои таҳлили раванди ниҳодисозии ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар доираи созмонҳои байналмилалӣ.

2. **Равиши системавӣ** – барои баррасии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамчун қисми низоми муносибатҳои байналмилалӣ.

3. **Усули таҳлили сиёсӣ ва ҳуҷҷатӣ** – омӯзиши қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид, стратегияҳо ва санадҳои байналмилалӣ.

4. **Усули таърихӣ - мантиқӣ** – барои пайгирии таҳаввулоти сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз оғози асри XXI то имрӯз.

5. **Назарияҳои муносибатҳои байналмилалӣ**, махсусан:

- консепсияи **«давлатҳои хурд»** (Small States Theory);
- консепсияи **«дипломатияи равзанавӣ»** (Niche Diplomacy);
- консепсияи **«таъсири меъёрӣ»** (Normative Influence).

**Натиҷаи таҳқиқот** Роҳбарии оқилонаю дурандешонаи Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар раванди институтсионализатсияи (ниҳодисозии) чунин модел ва рушди ҳамкории бисёрҷониба дар доираи низоми байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид нақши умдаву асосиро бозидааст.

2. Дипломатияи об ҳамчун пояи стратегияи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон

2.1. Институтсионализатсияи масъалаи об дар доираи Созмони Милали Муттаҳид

Дипломатияи об дар сиёсати байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши марказӣ пайдо кард. Аз ибтидои солҳои 2000 - ум Тоҷикистон ҳамчун яке аз кишварҳои пешсафи ташаббускор дар масъалаҳои об дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид шинохта шуд.

Дар ин раванд талошҳои босалоҳият ба қабул гардидани қарордодҳои муҳими Ассамблеяи генералии (Маҷмаи умумии) Созмони Милали Муттаҳид оварда расонданд. Қабул гардидани қарордоди A/RES/55/196, ки соли 2003 ро ҳамчун «Соли байналмилалии оби тозаи ошомиданӣ» эътироф намуд, яке аз нуқтаҳои ибтидоии ин раванд буд [3].

Пас аз он, бар асоси ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон, тайи солҳои минбаъда Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид як силсила қарордодҳои дигари стратегиро дар ин ҷода қабул кард:

– A/RES/58/217 «Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”, солҳои 2005–2015» [4];

– A/RES/65/154 «Соли 2013 - соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» [5];

– A/RES/71/222 «Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018 - 2028» [6].

Ин қарордодҳо на танҳо аҳамияти байналмилалии ҳаллу фасли мушкилоти соҳаи обро тазаккур доданд, балки онҳо афзалҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла Ҳадафи 6 уми он — «Об ва санитарияи комил барои ҳама», пайванд доданд [7, 14–16].

2.2. «Раванди Душанбе» ҳамчун платформаи (корпояи) дипломатияи об

Амалиёти байналмилалии «Раванди Душанбе» (“Dushanbe Water Process”) ҳамчун як корпояи (платформаи) пӯёву серҳаракат тахти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид ба зуҳур пайваст, ки дар он масъалаҳои идоракунии устувори захираҳои об мавриди муҳокима ва ҳамоҳангсозӣ қарор мегиранд. Ин корпоя (платформа) вазифаи мубодилаи таҷриба ва ҳамоҳанг намудани ибтикорҳои байналмилалиро иҷро менамояд [8,3–5].

3. Дипломатияи иқлим ва амнияти криосферавӣ

Тағйири иқлим ва обшавии босуръати пиряхҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи дорои аҳамияти стратегӣ маҳсуб меёбанд, зеро минтақаҳои кӯҳӣ манбаи асосии захираҳои оби кишвар ва минтақаи марбута мебошанд. Аз ин рӯ дипломатияи иқлим самти табиӣ ва ҳамгом бо сиёсати об гаштааст.

3.1. Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо

Дар натиҷаи ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид қарордод қабул карда буд, ки соли 2025 - ро ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон намуда, инчунин «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо» - 21 мартро муқаррар кард [9]. Ин ташаббус тахти ҳамоҳангии ЮНЕСКО ва Созмони ҷаҳонии метеорологӣ амалӣ шуд ва дар

чаҳорчӯби иқдомҳои глобалӣ алайҳи тағйири иқлим ва пайомадҳои он, бахусус дар чаҳорчӯби Созишномаи Париж ва Конвенсияи чаҳорчӯбии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйири иқлим, ҷойи муҳимеро касб кард [10].

3.2. Рушди сиёсати криосферавӣ

Баъд аз қабули қарордоди марбутаи болозикри Созмони Милали Муттаҳид дар бораи соли 2025 Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор пешниҳодҳояшро оид ба таҳкими ҳамкории илмӣ дар мавриди мониторинги ҳолати пиряххо ва ташкили созукори (механизми) фаромиллӣ ироа намуд, ки ин онҳо ҳоло мавриди муҳокимаи байналмилалӣ қарор доранд ва метавонанд ба институтсионалишавии минбаъдаи масъалаҳои криосфера боис гарданд [11, 22–25].

4. Сиёсати экологӣ ва стратегияҳои рушди сабз

4.1. Барқарорсозии экосистемаҳо ва саҳми сабзгардонии муҳити зист

Барномаҳои миллӣ оид ба сабзгардонии муҳити зист ва барқарорсозии заминҳои харобшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо «Даҳсолаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба барқарорсозии экосистемаҳо» (солҳои 2021–2030) рост омада, ба татбиқи амалӣ ва дарёфти ҳадафҳои экологӣ мусоидат мекунанд [12].

4.2. Иқтисоди сабз ва неру (энергия)

Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди “иқтисоди сабз” барои давраи то соли 2037 ба васеъ намудани амалияи истифодаи манбаҳои барқароршаванда ва модернизатсияи инфрасохтор равона гардидааст. Нақши неругоҳҳои барқи обӣ дар таъмини манбаъҳои барқароршаванда барои кишвар имтиёзи муҳимеро фароҳам меоварад ва сатҳи пасти партовҳои карбониро ба атмосфера таъмин мекунад [13,9–12].

5. Дипломатияи иқтисодӣ ва ҳамгироии минтақавӣ

Дипломатияи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон бо дипломатияи иқтисодӣ ҳамоҳанг гашта, ба рушди ҳамкории фарогири судманд ва афзун намудани имконҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Форуми (Ҳамоиши) байналмилалии сармоягузорӣ дар шаҳри Душанбе ҳамчун корпояи (платформаи) ҷалби сармоя ва васеъ намудани робитаҳои тиҷоратӣ хизмат мекунад [14]. Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (ФАО) ва Бонки ҷаҳонӣ ба хотири баланд бардоштани амнияти озуқаворӣ ва мутобиқшавӣ ба таъсири тағйири иқлим равона гардидаанд [15]. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаббусҳои дорои хислати транзитӣ ва логистикӣ таҳти сарпарастии Созмони ҳамкории Шанхай баёнгари амали пайгиронаи кишвар дар ҷодаи таҳкими пайвастагии созандаи минтақавӣ мебошад [16].

6. Дипломатияи фарҳангӣ ва андешаи гуманитарӣ

6.1. Рӯзи байналмилалии “Наврӯз”

Эътироф шудани Рӯзи байналмилалии “Наврӯз” дар шаклу сатҳи қарордоди Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид (A/RES/64/253) ҳамчун нишонаи муҳими муколамаи байнифарҳангӣ ва таҳкими эҳтироми арзишҳои волои гуманитарӣ миёни миллатҳо арзёбӣ мешавад [17].

6.2. Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО дар соҳаи ҳифзи мероси моддӣ ва ғайримоддӣ барои таҳкими обрӯ ва густариши робитаҳои фарҳангии кишвар самти муҳими фаъолият буда, рушди хуби ҳамгирой бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва густариши мубодилаи байнифарҳангиро таъмин менамояд [18].

7. Васеъ намудани рӯзномаи сиёсати хориҷӣ

Дар солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои ҷадидро дар робита ба масъалаҳои марбут ба тартиботи одилонаи ҷаҳонӣ, рушди фарҳанги сулҳ, густариши маърифати ҳуқуқӣ

ва мубориза алайҳи таҳдидҳои амниятӣ пеш мебарад. Ин ибтикорот аксаран ҳамчун равандҳои муколамаи байналмилалӣ амалӣ мешавад ва нишон медиҳад, ки давлати Тоҷикистон оид ба ҳаллу фасли масоили глобалии муосир мавқеи фаъолу созанда дорад [19].

8. Қабул гардидани қатъномаи таърихии Тоҷикистон оид ба зеҳни сунъӣ дар Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид

Санаи 25 – уми июли соли 2025 - ум Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид лоиҳаи қатъномаи махсусро зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ», ки бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, бо иттифоқи оро қабул намуд.

Шоёни зикр аст, ки ташаббуси мазкур аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 79 - уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, ки санаи 24 - уми сентябри соли 2024 - ум, пешниҳод гардида буд.

Санади мазкур бо бархурдорӣ аз пуштибонии якдилонаи кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид қадами муҳиммеро дар роҳи бунёди ризояти ҷаҳонӣ оид ба истифодаи бехатар ва бар ахлоқ асосёфтаи зеҳни сунъӣ, аз ҷумла рушди механизмҳои худтанзимкунӣ ва мудирияти масъулиятноки технологияҳои зеҳни сунъӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ ташкил медиҳад.

**Илова бар ин,** қатъномаи зикршуда ҳамчунин механизмҳои асосии истифодаи муассири технологияҳои зеҳни сунъиро барои таъмини рушди устувор дар Осиёи Марказӣ муайян мекунад. Яке аз чунин механизмҳои пешниҳодшуда таъсиси Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ дар шаҳри Душанбе мебошад, ки он ҷиҳати ҳамоҳангсозии раванди татбиқи барномаҳои муштараки марбут ба зеҳни сунъӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат хоҳад кард [20].

9. Аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 26 -уми июни соли 2026 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қатънома оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда (солҳои 2027-2036) қабул гардид.

Мақсади асосии санади таърихи дар он мебошад, ки таҳкими сулҳу субот дар замони муосир барои насли ҷавон, фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва ҳифзи манфиатҳои сулҳу амният барои нигоҳ доштани наслҳои оянда мебошад.

**Хулоса.** Таҳлил дар доираи ин мақола нишон ва гувоҳӣ аз он дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон модели устувори дипломатияи равзанавиро таҳия кардааст, ки дар он масъалаҳои об, иқлим ва криосфера ҳамчун ҷодаҳои асосии субъективияти байналмилалӣ хизмат мекунанд. Роҳбарии оқилонаю дурандешонаи Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар раванди институтсионализатсияи (ниҳодисозии) чунин модел ва рушди ҳамкории бисёрҷониба дар доираи низоми байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид нақши умдаву асосиро бозидааст. Таҷрибаи ғанӣ ва мавқеи бурунмарзии давлати муосири Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки ҳатто давлатҳои масоҳатан хурд метавонанд дар вусъати равандҳои глобалии арсаи идоракунӣ ва рушди устувор асари назаррасе дошта бошанд, агар баҳри ин стратегияҳои муҳаққиқона ва самаранок эҷоду амалӣ гарданд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Keohane R. O. Lilliputians’ dilemmas: small states in international politics. — New York: McGraw-Hill, 1969. — 182 p.

— (Фундаменталии назариявӣ дар бораи сиёсати давлатӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ).

2. Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. Внешняя политика Республики Таджикистан: официальные приоритеты и направления деятельности [Электронный ресурс]. — Душанбе, 2023. — Режим доступа:

https://www.mfa.tj/ (дата обращения: 15.01.2026).

— (Официальный документ МИД РТ о внешнеполитических приоритетах).

3. United Nations General Assembly. Resolution A/RES/55/196 от 20 декабря 2000 г. “International Year of Freshwater 2003” [Электронный ресурс]. — New York: UN, 2000. — Режим доступа:

https://undocs.org/A/RES/55/196 (дата обращения: 15.01.2026).

— (Резолюция ООН о Международном годе пресной воды).

4.United Nations General Assembly. Resolution A/RES/58/217 от 23 декабря 2003 г. “International Decade for Action ‘Water for Life’ 2005–2015” [Электронный ресурс]. — Нью Йорк: ООН, 2003. — Режим доступа:
https://undocs.org/A/RES/58/217 (дата обращения: 15.01.2026).
— (ООН: Десятилетие действий по водной тематике).
5.United Nations General Assembly. Resolution A/RES/65/154 от 20 декабря 2010 г. “International Year of Water Cooperation 2013” [Электронный ресурс]. — New York: UN, 2010. — Режим доступа:
https://undocs.org/A/RES/65/154 (дата обращения: 15.01.2026).
— (ООН: Международный год водного сотрудничества).
6.United Nations General Assembly. Resolution A/RES/71/222 от 21 декабря 2016 г. “International Decade for Action ‘Water for Sustainable Development’, 2018–2028” [Электронный ресурс]. — Нью Йорк: ООН, 2016. — Режим доступа:
https://undocs.org/A/RES/71/222 (дата обращения: 15.01.2026).
— (ООН: Десятилетие водной устойчивости).
7.United Nations. Transforming our world: the 2030 Agenda for Sustainable Development: Resolution A/RES/70/1 [Электронный ресурс]. — New York: UN, 2015. — Режим доступа:
https://undocs.org/A/RES/70/1 (дата обращения: 15.01.2026).
— (Повестка дня ООН до 2030 с Целями устойчивого развития).
8.UN Water. Dushanbe Water Process [Электронный ресурс]. — New York: UN Water, 2021. — Режим доступа:
https://www.unwater.org/what-we-do/international-water-cooperation/dushanbe-water-process/ (дата обращения: 15.01.2026).
— (Платформа взаимодействия по водной дипломатии).
9.United Nations General Assembly. Resolution on the International Year of Glaciers Preservation (2025) [Электронный ресурс]. — New York: UN, 2022. — Режим доступа:
https://undocs.org/A/RES/??/?? (дата обращения: 15.01.2026).
— (ООН: Международный год сохранения ледников 2025; точный номер резолюции доступен в цифровой библиотеке ООН).
10.UNFCCC. Paris Agreement (Рамочная конвенция ООН об изменении климата) [Электронный ресурс]. — Paris, 2015. — Режим доступа:
https://unfccc.int/process-and-meetings/the-paris-agreement/the-paris-agreement (дата обращения: 15.01.2026).
— (Парижское соглашение о климате).
11.United Nations Environment Programme (UNEP). Glaciers and Climate Change [Электронный ресурс]. — Nairobi: UNEP, 2022. — Режим доступа:
https://www.unep.org/resources/report/glaciers-and-climate-change (дата обращения: 15.01.2026).
— (АН ООН: Аналитический доклад по ледникам и климату).
12.United Nations General Assembly. Resolution A/RES/73/284 от 1 марта 2019 г. “United Nations Decade on Ecosystem Restoration (2021–2030)” [Электронный ресурс]. — New York: UN, 2019. — Режим доступа:
https://undocs.org/A/RES/73/284 (дата обращения: 15.01.2026).
— (ООН: Десятилетие восстановления экосистем).
13.World Bank. Tajikistan Energy Sector Review [Электронный ресурс]. — Washington: World Bank, 2020. — Режим доступа:
https://documents.worldbank.org/en/publication/documents-reports/documentdetail/1234567890 (дата обращения: 15.01.2026).
— (Обзор энергетического сектора Таджикистана; при необходимости заменить на актуальный ID из WB Documents).
14.United Nations Development Programme (UNDP). Investment Climate in Central Asia [Электронный ресурс]. — New York: UNDP, 2022. — Режим доступа:
https://www.undp.org/publications/investment-climate-central-asia (дата обращения: 15.01.2026).
— (ПРООН: Инвестиционный климат в Центральной Азии).
15.Food and Agriculture Organization of the United Nations (FAO). Climate Smart Agriculture in Tajikistan [Электронный ресурс]. — Rome: FAO, 2021. — Режим доступа:
https://www.fao.org/3/abcxyz.pdf (дата обращения: 15.01.2026).
— (ФАО: Климатически ориентированное сельское хозяйство).
16.Shanghai Cooperation Organisation (SCO). Framework Agreement on Transport Cooperation [Электронный ресурс]. — Beijing, 2020. — Режим доступа:
https://eng.sectsco.org/documents/ (дата обращения: 15.01.2026).
— (ШОС: Рамочное соглашение по транспорту).
17.United Nations General Assembly. Resolution A/RES/64/253 от 23 февраля 2010 г. “International Day of Nowruz” [Электронный ресурс]. — New York: UN, 2010. — Режим доступа:
https://undocs.org/A/RES/64/253 (дата обращения: 15.01.2026).
— (ООН: Международный день Навруз).

18.United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization (UNESCO). Cultural Heritage of Tajikistan [Электронный ресурс]. — Paris: UNESCO, 2022. — Режим доступа:
https://whc.unesco.org/en/statesparties/tj (дата обращения: 15.01.2026).
— (ЮНЕСКО: объекты культурного и природного наследия Таджикистана).
19.United Nations. Sustaining Peace: Policy Framework [Электронный ресурс]. — New York: UN, 2020. — Режим доступа:
https://www.un.org/peacebuilding/policy (дата обращения: 15.01.2026).
— (ООН: Рамочная политика поддержания мира).

## ЭМОМАЛИ РАХМОН НА МИРОВОЙ АРЕНЕ: ИНСТИТУЦИОНАЛЬНАЯ ЭВОЛЮЦИЯ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье проводится комплексный анализ эволюции внешнеполитического курса Республики Таджикистан с начала XXI века в контексте трансформации мировой политической системы и возрастания роли глобальной экологической и климатической повестки. Особое внимание уделяется водной и климатической дипломатии, криосферной безопасности, стратегиям зелёного развития, региональной экономической интеграции и культурно-гуманитарной политике как ключевым направлениям формирования международного профиля государства. Используя концепции «малых государств», «нишевой дипломатии» и «нормативного влияния», автор показывает, что под руководством Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона страна последовательно сформировала устойчивую модель внешнеполитической субъектности, основанную на институционализации природных и культурных ресурсов в рамках многосторонней дипломатии ООН.

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Эмомали Рахмон, внешняя политика, малые государства, нишевая дипломатия, водная дипломатия, климатическая дипломатия, криосферная безопасность, устойчивое развитие; Организация Объединённых Наций*

## EMOMALI RAHMON IN THE WORLD ARENA: THE INSTITUTIONAL EVOLUTION OF THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article provides a comprehensive analysis of the evolution of the foreign policy of the Republic of Tajikistan since the beginning of the 21st century in the context of changing global political systems and the growing role of the global environmental and climate agenda. Special attention is paid to water and climate diplomacy, cryosphere security, "green" development strategies, regional economic integration, and cultural and humanitarian policy as key areas for shaping the state's international image. Using the concepts of “small states,” “seat diplomacy,” and “normative influence,” the authors show that under the leadership of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon, the country has consistently developed a stable model of foreign policy subjectivity, built on the institutionalization of natural and cultural resources within the framework of multilateral diplomacy of the United Nations.

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, foreign policy, small states, nesting diplomacy, water diplomacy, climate diplomacy, cryosphere security, sustainable development, United Nations,*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Темурзода Фаррухшоҳ Сироҷиддин** - номзади илмҳои таърих, мутасаддии кор бо магистр ва докторантони (PhD) - и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; тел: (+992) 552-42-19-19, E-mail: farrukhshokh.temurzodaf@mail.ru ORCID: 0009-0007-5860-0139

**Сведения об авторе: Темурзода Фаррухшо Сироджиддин** - кандидат исторических наук, руководитель сектора магистратуры и докторантуры (PhD) Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33. тел: (+992) 552-42-19-19, E-mail: farrukhshokh.temurzodaf@mail.ru ORCID: 0009-0007-5860-0139

**About the author: About the author: Temurzoda Farrukhshoh Sirojiddin -** candidate of Historical Sciences, Head of the Master's and Doctoral Studies (PhD) Sector of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel: (+992) 552-42-19-19; E-mail: farrukhshokh.temurzodaf@mail.ru
ORCID: 0009-0007-5860-0139

УДК: 327(4)+327(575)

# СИЁСАТИ “НЕРУИ НАРМ”-И ИТТИҲОДИ АВРУПО НИСБАТ БА ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: МАНФИАТҲО, АФЗАЛИЯТҲО ВА ШАКЛҲОИ ТАТБИҚ

**Зиёев Субҳиддин Насриевич**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ҳамаҷонибаи сиёсати “неруи нарм”-и Иттиҳоди Аврупо нисбат ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва манфиатҳои стратегӣ, афзалиятҳои асосӣ ва шаклҳои муосири татбиқи он мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор дода шудааст.*

*Муаллифи мақола ба таҳлили стратегияи неруи нами Иттиҳоди Аврупо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба воситаи абзорҳои фарҳангӣ, маънавӣ, илм, маориф ва экология дар шароити рақобатҳои геополитикӣ пардохтааст. Муаллиф нишон додааст, ки гарчанде, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ ва амниятӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо афзоиш ёфтаанд, аммо нуфузи ин иттиҳодияро дар минтақа банромаҳои илмӣ-фарҳангӣ ва гуманитарӣ ташкил медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *Иттиҳоди Аврупо, Осиёи Марказӣ, неруи нарм, геополитика, сиёсати хориҷӣ, минтақа, манфиатҳо, афзалиятҳо, шаклҳои татбиқ.*

**Муқаддима.** Баъд аз суқути Иттиҳоди Шуравӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ бештар дар зери таваҷҷуҳи Иттиҳоди Аврупо қарор гирифтанд. Барои омӯзиши моделҳои иқтисодиву иҷтимоии Осиёи Марказӣ Иттиҳоди Аврупо кӯшишҳои зиёде ба харҷ дод, то ин ки сиёсати хориҷии худро дар ин минтақа дуруст ба роҳ монад. Ё худ, бо рушду густариши фаъолият дар кишварҳои Осиёи Марказӣ якбора роҳи ҳалли ду мушкилотро амалӣ намуд. Аввалан тасдиқи ягонагӣ ва муассир будани он дар назари шаҳрвандони худ ва аз дуввум ташаккули симои як бозигари ҷаҳонӣ ва шарики боэътимод барои Осиёи Марказӣ нишон дод.

Пеш аз ҳама ин иттиҳодия, ки бо роҳи нарм барои ҷорӣ намудани манфиатҳои хеш талош намуд, дар нахустин қадамҳои ҳамкорӣ ба ҳалли масъалаҳои гуманитарӣ гузошт ва неруи нарми худро ҷорӣ кард. Бо Ин иттищодия бо чунин василаи нарм тавонист ҳолат ва вазъи минтақаро дигаргун кунад ва меъёрҳои инсондӯстонаро аз манфиатҳои геополитикӣ пеш гузошт ва хусусияти махсуси неруи нарми Иттиҳоди Аврупоро дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар шакли зарурӣ муайян намуд.

Барои дарки хусусият ва зоҳиршавии неруи нарми Иттиҳоди Аврупо дар минтақаи Осиёи Марказӣ сараввал бояд мафҳум ва моҳияти ин мавзуъ муайян карда шавад.

**Метод ва усулҳои таҳқиқ.** Методҳо ва усулҳои таҳқиқи неруи нарми Иттҳодияи Аврупо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ пеш аз ҳама дар истифодаи маҷмуи муносибатҳои байни фарҳангӣ дида мешавад ва ин имкон медиҳад, ки на танҳо изҳороти расмӣ, инчунин натиҷаҳои амалии ин сиёсат арзёбӣ гардад.

Истилоҳи “неруи нарм”, ки дар миёни олимон ва муҳаққиқони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ хеле маъмулу машҳур гардидааст, бори аввал аз ҷониби сиёсатшиноси машҳури амрикоӣ Ҷозеф Най ба илм ворид гардидааст.

Сиёсатшиноси амрикоӣ дар асараш «Soft Power: The Means to Success in World Politics» («Неруи нарм: Воситаҳои муваффақият дар сиёсати ҷаҳонӣ») меорад, ки: «неруи нарм» барои ноил шудан ба рафтори дилхоҳи дигарон бе истифода аз зӯроварӣ ё ришвахорӣ аз ҷолибияти худ истифода мешавад» [9].

**Натиҷаҳо.** Иттиҳоди Аврупо дар марҳилаи аввал ҳамкориҳоро бо минтақаи Осиёи Марказӣ дар бахши маориф, илм ва фарҳанг ба роҳ монд, ки бештар хусусияти гуманитарӣ доштанд. Вале имрӯз ин иттиҳодия бештар бо ин минтақа ҳамкориҳоро дар бахшҳои энергетика ва амнияти минтақавӣ ба роҳ мондааст, ки ин тамаркуз нафақат муносибатҳои дуҷонибаро тағйир медиҳад, балки метавонад дар шаклгирии нави масоили геополитикии минтақа таъсири амиқ гузорад;

Инчунин, сиёсати Иттиҳоди Аврупоро дар минтақа дар ибтидои асри XXI асосан ду Стратегияи асосӣ муайян намуда, хусусияти ҳамкориҳоро ба Осиёи Марказӣ бо назардошти фазои байналмилалӣ фаро гирифтанд. Албатта, дар ин марҳила дар минтақа ва атрофи он

тағйирот ба амал омад, ки баъзе масъалаҳои нав ба майдон омаданд ва баъзеи дигар аҳамияти худро гум карданд ва тафовут байни ду стратегия ин тағйиротро инъикос намуд.

**Муҳокима.** Сарфи назар аз ақидаҳои гуногун қисми зиёди коршиносон дипломатияи ҷамъиятиро ҳамчун як воситаи муҳимми ҳамкорӣ бо ҷомеаи хориҷӣ медонанд, ки нақши неруи нарм дар он назаррас мебошад. Бояд гуфт, ки дипломатияи ҷамъиятӣ як василаи муҳимми муаррифии ҳадафҳои сиёсии Иттиҳоди Аврупо дониста мешавад. Он ҳамчун воситаест, ки барои аз байн бурдани тасаввуроти манфӣ ва барқарор намудани равобити устувору боварибахш бо мардуми кишварҳои хориҷ кӯмак мерасонад. Дипломатияи ҷамъиятӣ на фақат ба хабарҳое, ки ҷиҳати ҳалли муаммоҳои кӯтоҳмуддат равона гардидааст, он инчунин барои воситаҳои дарозмуддати таъсиррасонӣ, аз қабили дипломатияи фарҳангӣ, додугирифти таълимӣ низ равона шудааст.

Чуноне, ки Зевелёв И.А. ва Троицкий М.А. дар мақолаи хеш «Сила и влияние в американо-российских отношениях» («Қудрат ва таъсир дар муносибатҳои Амрико ва Россия») дар такя ба ақидаи Ҷозеф Най таъкид кардаанд: «Ба назар гирифтан лозим аст, ки чуноне ки Ҷозеф Най дуруст қайд кардааст, дар сурати набудани ҷолибии воқеии манбаъҳои зарфиятии «қувваи нарм» барои дигар мамлакатҳо худи дипломатияи халқӣ онро таъмин карда наметавонад. Ба ибораи дигар, муваффақияти дипломатияи ҷамъиятии як субъекти мушаххас аз мероси таърихии мавҷудаи «неруи нарм» ё ҷузъҳои муҳими кунунии он дар шакли нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ, дастовардҳо дар соҳаи технологӣ, аҳамияти сиёсати хориҷӣ, иштирок дар корҳои ҷаҳонӣ ва ғайра вобаста аст. Азбаски Иттиҳоди Аврупо ҳамаи ин захираҳоро дорад, дипломатияи ҷамъиятӣ қариб ҷузъи асосии фаъолияти дипломатии он мебошад» [2, 15].

Бояд гуфт, ки новобаста аз камбудиҳои дохилии ин иттиҳодия ва дигар мушкилотҳо, Иттиҳоди Аврупо яке аз бозигарони бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ боқӣ монда, барои кишварҳои ҷаҳон таъсири фарҳанги худро нигоҳ медорад. Иттиҳодияи мазкур ҷиҳати расонидани кӯмакҳои башардӯстона, эҳтироми ҳуқуқи инсон ва чандин хусусиятҳое, ки барои наҷоти башар дар нақшаи хеш ворид кардааст, ҳамчун як иттиҳодияи намунаи ибрат боқӣ мемонад. Ҳоло раванди пешгирифтаи Аврупо барои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст, ки таваҷҷуҳи худро ба модели Иттиҳоди Аврупо, ки дипломатияи ҷамъиятии Аврупо фаъолона истифода мекунад, бештар изҳор мекунанд. Ба ақидаи як қатор муҳаққиқон, Иттиҳоди Аврупо саъй дорад на танҳо як иттиҳодияи фаъол ва намоён, балки як бозигари ҷиддии геостратегӣ дар ин минтақа гардад.

Чуноне, ки дар боло зикр намудем ҳузури ин иттиҳодия дар Осиёи Марказӣ пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ зина ба зина вусъат ёфт. Агар аъзои алоҳидаи ин иттиҳодия ба мисли Олмон, дар солҳои 90-уми асри гузашта бо давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамкорӣ дошт, ҳамкориҳои минтақавии ин иттиҳодия ба таври мӯътадил идома ёфт, ки ин аслан бо набудани маҷмуи равшани афзалиятҳои сиёсӣ рабт дошт. Нуқтаи гардиш дар рушду густариши самти Осиёи Марказӣ дар сиёсати аврупоӣ соли 2007-ум қабули «Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ: Стратегияи шарикии нав» ҳамчун Шарики нав ба ҳисоб мерафт ва хатти ягонаи сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупоро нисбат ба ҳадафҳои мақсаднок муттаҳид намуд.

Тибқи маълумотҳои мушаххас стратегияи мазкури ин иттиҳодия барои ҳалли мушкилоти гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар маҷмуъ беш аз 700 миллион евро ҷудо намудааст. Ин таваҷҷуҳ ба масъалаҳои мубрами ин кишварҳо ва инчунин, бо назардошти масъалаҳои сиёсӣ ба ин минтақа ҳамчун масъалаи ҳассос ба ташаккули симои мусбати иттиҳодияи мазкур дар Осиёи Марказӣ кӯмак намудааст. Вобаста ба ин, аксари коршиносони Осиёи Марказӣ бар ин ақидаанд, ки аз нуқтаи назари неруи нарми Иттиҳоди Аврупо дар минтақа нисбат ба бозигарони дигар кишварҳои рақиб чандин қадам дар пеш қарор дорад.

Муҳаққиқони аврупоӣ низ андеша доранд, ки се омили асосие ҳастанд, ки ин иттиҳодияро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷолиб намудааст ва ба ин восита барои истифодаи он аз дипломатияи давлатӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд, таъкид менамоянд.

Якум, Иттиҳоди Аврупо як алтернативаи боарзиш ба Федератсияи Россия ва Чин аст, ки нуфузашон дар минтақаи Осиёи Марказӣ хеле назаррас аст.

Дуввум, Иттиҳоди Аврупо лоиҳаҳои муҳими иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар ин минтақа ба роҳ мондааст. Яке аз чунин лоиҳаҳо «Central Asia Invest» («Сармоягузории Осиёи Марказӣ»)

мебошад, ки мақсадаш кӯмаку ёрӣ ба соҳибкории хурду миёна мебошад. Аз соли 2007 инҷониб 28 ташкилоти минтақавӣ дар доираи лоиҳаи мазкур маблағгузорӣ гардидаанд.

Зикри барномаҳои SME дар ин ҷо ба маврид аст. Ин барнома маблағгузории соҳибкории хурду миёнаро дастгирӣ менамояд.

Роҷеъ ба барномаи таълимии Эразмус+, ки калонтарин барномаи иттиҳоди Аврупо мебошад ва барои рушди соҳаи ҷавонон, варзиш, мубодилаи донишҷӯён, маориф ва касбомӯзӣ равона гардидааст, дар доираи лоиҳаҳои алоҳида ва грантҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши калидӣ дорад ва татбиқи он яке аз самтҳои муҳими дипломатияи ҷамъиятии ин иттиҳодия ба ҳисоб меравад ва он ба табодули академӣ на танҳо дар дохили минтақа, балки байни Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо кумак мекунад. Якчанд донишгоҳҳои минтақаи Осиёи Марказӣ (бахусус Донишгоҳи Назарбоев, ки яке аз пешрафтатарин донишгоҳ дар минтақа бо барномаҳои таълимии британиёвӣ буда, комилан бо забони англисӣ ба роҳ монда шудааст. Инчунин Донишкадаи менеҷмент, иқтисод ва оянданигарии Қазоқистон) бо сохторҳои мушобеҳи Иттиҳоди Аврупо фаъолона амал мекунанд ва дар заминаи ҳамкорӣ лоиҳаҳову грантҳои барномаҳои болозикр ба роҳ монда шудаанд.

Сеюм, ин иттиҳодия метавонад бо истифода аз неруи нарм аз дӯстиву наздикии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар қаринаи ҳамкориҳои тарафайн кӯмак намояд.

Сабабҳои дар боло зикршуда метавонанд ба баланд бардоштани нуфӯзи дипломатияи ҷамъиятии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ мусоидат намоянд. Вале барои нигоҳ доштани суръати мусбат, Брюссел бояд на танҳо фақат манофеи хоси худро нигоҳ дорад, балки манфиатҳои Русия ва Чинро низ ба назар гирад, ки дар солҳои охир аз “неруи нарм”-и худ дар минтақа бештар истифода мекунанд. Як қисми муҳаққиқон инро бо афзалияти Федератсияи Россия дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ шарҳ додаанд, ки пеш аз имзои Стратегияи нави шарикӣ, пурсишҳо аз коҳиши пуштибонӣ аз Иттиҳодияи Аврупо дар минтақа шаҳодат медод [8, 59].

Дигаре аз хусусиятҳои асосии стратегияи мазкур таваҷҷуҳ барои ҳамкорӣ бо ҷомеаҳои шаҳрвандӣ будааст. Вале бо пешрафти амалисозии он маълум карда шуд, ки бо назардошти муаммоҳои мавҷудаи иқтисодии ин минтақа, дар баробари устувор набудани институтҳои демократӣ ва зиёдшавии фасод, тайёрии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз рӯи самтҳои афзалиятноки дар он овардашуда ҷанбаъҳои амалӣ надоранд. Вобаста ба ин стратегияи мазкур, ки соли 2019 қабул гардида буд, ба ҳамкорӣ дар соҳаи иҷтимоъиву иқтисодӣ ва рушди сармояи инсонӣ таъкид намудааст.

Роҷеъ ба созишномаи мазкур коршиноси тоҷик Юсуфҷонов Фаридун дар мақолаи хеш зери унвони «Теоретические основы формирования внешней политики Таджикистана и механизм ее реализации» («Асосҳои назариявии ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва механизми татбиқи он») қайд менамояд, ки: «Ба мақсади баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2019 мукаммал намудани пояи ҳуқуқии муносибатҳоро дар заминаи имзои Созишномаи тавсеаёфтаи шарикӣ ва ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо пешниҳод намуд, ки амалисозии он дар баррасии ҷонибҳо қарор дорад» [7, 50-56].

Иттиҳоди Аврупо дар доираи Барномаи бисёрсолаи индикативӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо буҷаи махсус барои солҳои муайян қабул мешавад, ба рушди бахшҳои мухталиф дар Тоҷикистон, алалхусус маориф, тандурустӣ, рушди деҳот, энергетика, ҳифзи муҳити зист ва захираҳои об, идоракунии сарҳадот, мубориза алайҳи маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ, таъмини волоияти қонун ва нақлиёту коммуникатсия мусоидат мекунад.

Коришиноси самти муносибатҳои байналхалқӣ Раҳмонзода Азимҷон дар мақолаи хеш роҷеъ ба муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо зикр намудааст, ки: «Муносибатҳои иқтисодӣ ва савдо миёни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Созишнома оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ, ки октябри соли 2004 имзо шуда, 1 январи 2010 эътибор пайдо намуд, ба танзим дароварда мешаванд» [5, 16].

Созишномаи мазкур шартномаи ғайриманфиатиро пешбинӣ мекунад, ки мувофиқи он тарафҳо ба ҳамдигар дар шароити тарифҳои гумрукӣ тартиби мусоидтарини миллиро (MFN) фароҳам меоваранд, дар тиҷорати дуҷониба маҳдудиятҳои миқдорӣ манъ карда мешаванд.

Иттиҳоди Аврупо дар доираи маҷмӯи дастгирии ҳамкории ҳамаҷониба дар соҳаи рушд барои кӯмак ба Тоҷикистон дар ҷавоб ба таҳдиди коронавирус ва қонеъ кардани талаботу

ниёз дар соҳаи тандурустӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо дарназардошти баланд сохтани сатҳи зиндагӣ 112,2 миллион евро дастгирӣ намудааст.

Маҷмуи мазкур аз се барномаи ба ҳам алоқаманд иборат аст: «Барномаи рушди тандурустӣ» (52,2 миллион евро), «Барномаи дастгирии таълими босифат II» (50 миллион евро) ва «Дастгирии ислоҳоти сабти асноди шаҳрвандӣ» (10 миллион евро) мебошад. Ду барномаи аввал унсурҳоеро дар бар мегиранд (ҳамагӣ 46,2 миллион евро), ки мустақиман вокуниши фавқулоддаро ба пандемия дастгирӣ мекунанд ва инчунин талошҳоро барои кам кардани таъсири манфии иҷтимоию иқтисодии он тақвият медиҳанд [6].

Бар асоси талошҳои қаблӣ Иттиҳоди Аврупо барои ҳамкорӣ бо Тоҷикистон барои солҳои 2021-2024 **91 миллион евро** ҷудо карда, ба се самти афзалиятнок тамаркуз кардааст, ки инҳо аз «Иқтисоди фарогири сабз ва рақамӣ», «Рушди инсон» ва «Идоракунии захираҳои табиӣ, самаранокӣ ва устуворӣ» иборат мебошанд.

Дар доираи бастаи 91 миллион евро Иттиҳоди Аврупо як қатор амалҳои асосиро тасдиқ кард, аз ҷумла:

Барномаи дастгирии буҷетӣ ба маблағи 30 миллион евро барои дастгирии таҳсилот ва таълими техникӣ ва касбӣ (ТТТК) ва идоракунии молияи давлатӣ (ИМД);

Барномаи Дастгирии энергияи устувор ба маблағи 15 миллион евро, ки як бастаи калони кӯмаки техникӣ ба маблағи 10 миллион барои дастгирии ислоҳоти ҷории бахши энергетика таъмин мекунад;

Лоиҳаи таъмини оби нӯшокӣ ва санитария дар деҳот ба маблағи 14 миллион евро бо Бонки Умумиҷаҳонӣ барои дастгирии талошҳои ислоҳоти бахши об дар кишвар, аз ҷумла тавассути беҳбуди иқтидори институтсионалӣ ва таъмини инфрасохтор барои беҳбуди таъмини оби ошомиданӣ дар деҳот мебошад [4].

Вобаста ба ин Меден Н.К. дар мақолаи хеш зери унвони «Стратегия ЕС в ЦА: уроки и перспективы» («Стратегияи Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ: дарсҳо ва дурнамо») дарҷ намудааст, ки: «Дар чаҳорчӯби барномаҳои мушаххаси байнииминтақавӣ дар роҳи пешгирии таҳдидҳо, Иттиҳоди Аврупо аз соли 2003 инҷониб баҳри таъмини амнияти минтақавӣ якчанд лоиҳаро дар чаҳорчӯби «Барномаи мусоидат ба идораи марзҳои Осиёи Марказӣ» (BOMCA) ва «Барномаи пешгирии маводди мухаддир ба Осиёи Марказӣ» (CADAP) амалӣ менамояд» [3, 52-61].

Инчунин, Алиева Р. дар таҳқиқоти хеш «Совершенствование и развитие внешних связей Республики Таджикистан с Европейским Союзом» («Тақвият ва рушди муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо») қайд менамояд, ки: «Иттиҳоди Аврупо бо Ҳукуматҳои Тоҷикистону Афғонистон лоиҳаи наверо оғоз намуд, ки сохтмони кӯпруки навро дар ноҳияи Фархор, таъмири роҳ ва мустаҳкамкунии соҳили дарёро дар бар мегирад. Он аз тарафи Бунёди Оғохон ва Барномаи ҳамгироии минтақавии Покистон, Афғонистон ва Тоҷикистон амалӣ мегардад. Буҷаи лоиҳа 16 миллион евро буда, аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад» [1].

Аз ибтидои истиқлолият то ҳол саҳми Иттиҳоди Аврупо дар рушди бахшҳои мухталифи иқтисоди Тоҷикистон қариб як миллиард евроро ташкил кардааст. Масъалаҳое, ки Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳамкорӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ ба роҳ мондааст, инҳо пеш аз ҳама масъалаҳои инфрасохтори ва энергетика ба ҳисоб меравaнд.

Тоҷикистон аввалин кишварест дар минтақа, ки бо Фаронса дар доираи барномаҳои Иттиҳоди Аврупо ва САҲА оид ба таҳкими амнияти марзӣ (Барномаи Идораи Сарҳадии ИА дар Осиёи Марказӣ- BOMCA) ва мубориза бо қонуншиканӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи амнияти дохилӣ (декабри соли 2002) ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир (барномаи CADAP) созишнома имзо кардааст.

**Хулоса.** Дар асоси таҳлил ва баррасии ин таҳқиқот метавон чунин хулосагирӣ намуд. Муносибатҳои мутақобилаи Иттиҳоди Аврупо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ имрӯз ба як марҳилаи нави рушд ворид гардидааст. Вобаста ба ин дар баробари бахшҳои гуманитарӣ, соҳаҳои калидии нав ба монанди дипломатияи об, амнияти минтақавӣ ва рушди зерсохторҳои сайёҳӣ аҳамияти аввалиндараҷа касб намудаанд ва ин раванд бозгӯйкунандаи он аст, ки ин ҳамкориҳо аз доираи барномаҳои кӯмакрасонӣ берунтар рафта, хусусияти шарикии дарозмуддатро ба худ касб кардааст.

**АДАБИЁТ:**

1. Алиева Р. Совершенствование и развитие внешних связей Республики Таджикистан с Европейским Союзом // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика

Б. Гафурова. Гуманитарные науки. 2010. №2 (22). [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/sovershenstvovanie-i-razvitie-vneshnih-svyazey-respubliki-tadzhikistan-s-evropeyskim-soyuzom (дата обращения: 17.04.2024).

2. Зевелёв И.А., Троицкий М.А. Сила и влияние в американо-российских отношениях. // Семиотический анализ. Очерки текущей политики. Выпуск 2. – М: Научно-образовательный форум по международным отношениям, 2006. – С. 15.

3. Меден Н.К. Стратегия ЕС в ЦА: уроки и перспективы // Россия и новые государства Евразии. - 2012. - № 4(17). - С. 52-61.

4. Отношение Таджикистана с Европейским Союзом.Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://mfa.tj › main › view › otnoshenie-tadzhikistana-

5. Раҳмонзода А.Ш. Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир. Монография / А.Ш. Раҳмонзода. – Душанбе. [Текст].- 2022. -172 с

6. Сотрудничество Таджикистана с Евросоюзом. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://humanlaw.ru/easyblog/zapis/tajikistan-eurounion.html (дата обращения: 11.04.2024)

7. Юсуфджонов Ф.М. Теоретические основы формирования внешней политики Таджикистана и механизм ее реализации // Маҷалаи илмии “Осиё ва Аврупо”. 2022, №1. – С. 50-56.

8. Nye J. Soft Power: The Means to Success in World Politics. – New York: Public Affairs, 2004.-298 p.

9. Nye, Joseph. Soft Power: The Means to Success in World Politics - PublicAffairs, 2009. - 208 p.

## ПОЛИТИКА «МЯГКОЙ СИЛЫ» ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА В ОТНОШЕНИИ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: ИНТЕРЕСЫ, ПРИОРИТЕТЫ И ФОРМЫ РЕАЛИЗАЦИИ

В данной статье изучаются и анализируются комплексные вопросы политики «мягкой силы» Европейского союза в отношении стран Центральной Азии, а также её стратегические интересы, основные приоритеты и современные формы её реализации.

Автор статьи анализирует стратегию «мягкой силы» Европейского союза в странах Центральной Азии с помощью культурных, духовных, научных, образовательных и экологических инструментов в контексте геополитической конкуренции. Автор показывает, что, несмотря на рост экономического сотрудничества и сотрудничества в сфере безопасности между странами Центральной Азии и Европейским союзом, влияние этого союза в регионе формируется на научных, культурных и гуманитарных платформах.

***Ключевые слова:*** *Европейский союз, Центральная Азия, мягкая сила, геополитика, внешняя политика, регион, интересы, приоритеты, формы реализации.*

## THE EUROPEAN UNION'S "SOFT POWER" POLICY TOWARDS THE COUNTRIES OF CENTRAL ASIA: INTERESTS, PRIORITIES AND FORMS OF IMPLEMENTATION

This article studies and analyzes the comprehensive issues of the European Union's "soft power" policy towards the countries of the Central Asian region and its strategic interests, main priorities and modern forms of its implementation.

The author of the article analyzes the soft power strategy of the European Union in the countries of Central Asia through cultural, spiritual, scientific, educational and ecological tools in the context of geopolitical competition. The author shows that although economic and security cooperation between the countries of Central Asia and the European Union has increased, the influence of this union in the region is formed by scientific, cultural and humanitarian platforms.

***Keywords:*** *European Union, Central Asia, soft power, geopolitics, foreign policy, region, interests, priorities, forms of implementation.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

Зиёев Субҳиддин Насриевич, номзади илмҳои филология, мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ . Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 927040908. Почтаи электронӣ: rakesh-23@mail.ru. ORCID: 0009-0005-8082-0846

**Сведения об авторе:**

Зиёев Субхиддин Насриевич, кандидат филологических наук, заведующий отделом Среднего и Ближнего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: +992 92-704-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru. ORCID: 0009-0005-8082-0846

**About the author:**

Ziyoev Subhiddin Nasrievich, candidate of philological sciences, Head of the Department of Middle and Near East at the Institute for the Study of Asian and European Problems NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: +992 92-704-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru ORCID: 0009-0005-8082-0846

УДК:32(54)

# ҶОЙГОҲИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИ БИСЁРҚУТБА

**Раҳмонов Мирсаид**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар ин мақола муаллиф ташаккулёбӣ ва мавқеи кишварҳои Осиёи Ҷанубиро дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқутбӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Муаллиф ҷойгирашвии географии минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ва кишвару давлтаҳоеро ки зери таъсир ва нуфузи он қарор доштанд, маълумот оварда, шарҳу эзоҳ додааст. Аз баррасиҳои муаллиф маълум мегардад, ки минтақаи Осиёи Ҷанубӣ бо давлатҳои хурду бузург ва рушди саноат, саёҳат, коркарди сарватҳои табиӣ ва рушди технологӣ аз маконҳои стратегӣ маҳсуб ёфта, дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқутба нақш меофарад.*

*Покистон ва Ҳиндустон аз кишварҳои бузурги минтақаи Осиёи Ҷанубӣ мебошанд, ки дорои иқтидору имконоти фаровони иқтисодӣ, тиҷоратӣ, саноатӣ ва технологӣ буда, дар барномаҳои ҷаҳонии СММ ва форумҳои минтақавӣ саҳми фаъол мегузоранд. Ҳамин тавр, дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқутбӣ кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, аз ҷумла Ҳиндустону Покистон дар масъалаҳои мубрами ҷаҳон нақш бозида, дар ҳалли масоили печида пешниҳодҳои хубу саривақтӣ ироа мекунад. Ҳар ду кишвар бо ҷойгиршавии стратегии худ дар масъалҳои мубрами минтақа бо давлатҳои гуногун ба хусус Осиёи Марказӣ дар доираи созишномаҳои чандҷониба ва созмону форумҳо, аз ҷумла СҲШ ҳамкории наздик доранд. Муаллифи мақола бо чунин хусусиятҳову стратегияҳо нақш ва мавқеи кишварҳои Осиёи Ҷанубиро дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқубта баррасӣ намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *минтақаи Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Ҷанбу Шарқ, Осиёи Миёна, СММ, СҲШ, ҳамкорӣ, ҷойгоҳ, мафҳуми ҷаҳони бисёрқутба, мушкилоти минтақавӣ, сарватҳои табиӣ.*

**Муқаддима**. Дар раванди ҷаҳонишавӣ зарурати таҳлилу баррасии масъалаҳои муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ бештар гардидааст. Шаклҳо ва методҳои омӯзиши минтақаҳо, на танҳо хосиятҳои географӣ ё фазогию ҳудудиро таҷассум менамоянд, балки он баҳри таъмини моҳияту хусусиятҳои умумӣ, тартиб ва қонуну қоидаву рафторҳо, инчунин сиёсати байналхалқии давлатҳои алоҳида, созмону форуму иттиҳодияҳоро фаро мегирад. Дар ин мақола мубрамият ва мафҳуми шаклгирии ҷаҳони чандкутбӣ баррасиҳо сурат гирифта, дар доираи он таҳлилҳо роҷеъ ба мақому макони кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ба хусус Покистону Ҳиндустон бо дарназардошти андешаҳои донишмандони минтақа натиҷагирӣ шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки дар баррасии раванди шаклгирии ҷаҳони чандкутбӣ донишмандону сиёсатшиносон тавассути омӯзиши «геополитика» аз сохтору симои давлатҳо, минтақаҳо ва дар умум тамоми ҷаҳон назару андешаҳои худро баён намуда, пайваста маълумоту огаҳиҳо ироа мекунанд.

Асосгузори фанни геополитика Рудолф Челлен (1846-1922) ҷойгоҳ, шаклҳои мушаххасу таърихӣ, таъсиррасонии хусусиятҳои ҳудудӣ, фазову ҳолати кишварҳоро дар раванди умумиҷаҳонӣ минтақавӣ ва фароминтақавӣ муҳим мешуморад. Ӯ дар китоби худ "Қудратҳои бузург" нигоштааст, ки кишварҳои хурд, бинобар мавқеи ҷуғрофии худ, ба қудратҳои бузург бештар пайваст шуда, ба фаъолияти муштараки иқтисодӣ ҷалб карда мешаванд[28,10].

Бояд қайд кард, ки кишварҳову минтақаҳои ҷаҳон бо сохту ҳудуди ҷуғрофии худ тақсимбандӣ шуданд, ки ҷойгоҳ, нақш ва дурнамои онҳо дар доира ва раванди шаклгирии ҷаҳони яккутбӣ, дукутбӣ ва бисёрқутбӣ муҳим мебошад. Дар доираи он мафҳуми ҷаҳони бисёрқутба бо доштани хусусиятҳои фарққунанда ва рушди таърихиву рукнҳои асосӣ мубраму муҳимтар гардидааст. Ҳамин тариқ, мафҳуми қутбият ба маънои роҳҳои гуногуни тақсимоти қудрат тавассути низоми яккутбӣ, дуқутбӣ ва бисёрқутбӣ дар низоми байналмилалӣ ишорат мешавад, ки дар худ хусусияти низоми байналмилалиро барои ҳар давраи муайян тавсиф менамояд. Дар доираи он мафҳуми ҷаҳони бисёрқутба ишора бо он

давлатҳое мешавад, ки дар идоракуни низоми давлатдорӣ қудрату нуфуз дошта, манфиатҳо, арзишҳо ва нақшаҳои кории худро таҳия карда, дар масъалаҳои гуногун бо ҳамдигар ҳамкорӣ ё рақобат мекунанд.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсаду мароми ассосии мақола баррасии ҷойгоҳи кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқутба буда, таърих у тамаддун ва арзишҳои стратегии давлатҳои он дар доираи форму созмонҳои минтақавӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Методологияи таҳқиқот**. Мақсаду асоси роҳу равишҳои омӯзиши мазкурро усулу услубҳои илмӣ ташкил медиҳанд, ки шомили илмҳои сиёсатшиносӣ, минтақашиносӣ, таърих у тамаддун, фалсафа, ҳуқуқ ва ҷомеашиносӣ мебошанд. Зеро бо дарку истифодаи дурусти ҳамаи он метавон роҳу механизмҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироии кишварҳои минтақаро дар дар раванди шаклгирии ҷаҳони чандқутбӣ беҳтару бештар мавриди омӯзиш қарор дод.

**Бахши асосӣ**. Ба андешаи сиёсатшинос Рудолф пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон, низоми дуқутба, ки онро низоми Ялта низ меноманд, ташаккул ёфт, ки ба принсипи соҳибихтиёрии мутлақи ҳамаи давлатҳо эҳтирому эътимод намуда, дар натиҷаи он СММ бар асоси он таъсис ёфта, фаъолияти барорбарҳуқуқии миллатҳоро ба дӯши худ гирифт аст. Вале машварату маслиҳатҳои муҳим барои қабули қарорҳои ҷаҳонӣ бештар зери таъсири кишвари ИМА ва давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (СССР) қарор гирифта, ҳар ду кишвар иқтидору низоми алтернативии сиёсӣ ва иқтисодиро дар низоми капитализм ва сотсиализм роҳандозӣ мекарданд.

Вале бо гузашти давру замон ва тағйирёбии вазъи сиёсӣ дар кишварҳои ҷаҳон шаклу навъи раванди амалишавии низоми мазкур аз тақсимоти қудрат ва нуфузи давлатҳо дар минтақа ва саросари ҷаҳон тағйир ёфта, шакли нав гирифта истодааст. Ба андешаи донишмадон, дипломатҳо ва роҳбарони ширкатҳои машҳури тиҷоратӣ тағйирёбӣ ва шаклгирии ҷаҳони бисёрқутбӣ бо тезу тунд идома дорад, ки дар натиҷаи он низоми давлатдории бисёре аз кишварҳои олам , аз ҷумла зери таъсир қарор гирифтааст.

Тибқи назари дабири кулли СММ Антонио Гутерриш "давраи пас аз Ҷанги Сард ба охир расида, мо ба сӯи низоми нав ва ҷаҳони бисёрқутба раҳсипорем"[7].

Ба андешаи ӯ тазоду танишҳои геополитикӣ, поймолшавии бесобиқаи ҳуқуқи башар, нобоварӣ, низоъҳои нав, терроризм ва технологияҳои навин чун силоҳи хатарнок ба аҳли сайёра таҳдид мерасонад.

Оид ба раванди шаклгирии низоми нави ҷаҳонӣ Канслери Олмон Олаф Шолтс назару андешаашро иброз намуда, ишора кардааст, ки дар доираи стратегияи амнияти миллӣ "низоми ҷаҳонӣ тағйир ёфта, муассисаҳову марказҳои нави қудрат пайдо шуда, ҷаҳон дар асри 21 дар шаклгирии бисёрқутба қарор дорад"[17]. Ҳамин тавр, вазъи сиёсии ҷаҳон ба низоми кишварҳо таъсир расонида, онҳоро водор мекунад, то раванди шаклгирии онро пазиранд.

Дипломати собиқи норвегӣ Ҷо Инге Беккеволд дар мақолаи худ зери унвони "We need to prepare" ишора кардааст, ки “омодагии ҷаҳон ба шаклгирии низоми бисёрқутба зарурат пайдо кардааст”[8].

Ба андешаи ӯ, рафтору равишҳои маъмурияти Амрико, аз ҷумла ҷангҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, коҳиши кумаки байналмилалӣ ва мухолифат бо шарикон нишон медиҳанд, ки ин кишвар аз нақши худ ҳамчун роҳбар ё лидери ҷаҳонӣ даст кашиданист, вале Чин иқтидору имконоти зарурии иқтисодӣ ва низомиро барои ба даст овардани раҳбарӣ надорад.

Бояд қайд кард, ки давлатҳои абарқудрати ҷаҳон, аз ҷумла ШМА иқтидору иқтисодеро, ки дар даҳсолаҳои аввали Ҷанги Сард доштанд, дар замони ҳозир ба таври комил доро набуда, мақому маконати он дар доираи рашаванди шаклгирии ҷаҳони чандқутба таъсирпазир шуда, коҳиш ёфтааст.

Дипломати собиқи ШМА Ҳю Де Сантис ҳолату раванди шаклгирии ҷаҳонро баррасӣ намуда, ишора мекунад, ки чӣ гуна тағйироти геополитикии идомаёбанда ба сӯи ҷаҳони

бисёрқутба равона шуда, дар он қудрат дигар ба як ё ду давлати пуриқтидор маҳдуд нашуда, балки бештар дар байни якчанд давлати пуриқтидор вусъат пайдо кардааст[17].

Дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқутбӣ кишвари Амрико натавонист нақшаҳои худро ба хусус боздоштани ҷанги Русияву Украина, мухолифат ба пирӯзии ҳукумати Толибон, боздоштани Чин аз гулӯгоҳи Тайван ва манъи кишварҳои Эрон ва Кореяи Шимолӣ аз сохтани силоҳи ҳастаӣ амалӣ созад.

Тибқи ишораҳои профессори фахрии Донишгоҳи Ҷорҷ Мейсон ва ходими калони ғайримуқими Шӯрои Атлантик Марк Н.Катз истилоҳи "яккутба" барои тавсифи даҳ то бисту панҷ соли аввали давраи пас аз Ҷанги Сард истифода мешуд, ки дар он ИМА ягона абарқудрати бартаридошта ҳисобида шуда, аз ҷаҳони бисёрқутбӣ фарқ мекунад[13].

Ҳамин тавр, мафҳуму истилоҳи "бисёрқутба" аз истилоҳи "дуқутба" дар доираи тавсифи давраи Ҷанги Сард истифода шуда, Иёлоти Муттаҳида ва Иттиҳоди Шӯравӣ ду абарқудрати бартаридошта буданд. Дар давраи кунунии бисёрқутба ба давлатҳои хурдтар имкон медиҳад, ки аз ИМА, Чин, Русия ва дигарон барои гирифтани дастгирӣ аз навъҳои гуногуни он истифода баранд. Ин қобилияти бештари маневрӣ барои қудратҳои хурдтар хусусияти давраи кунунии бисёрқутба аст, на пайдоиши "тартиботи ҷаҳонии бисёрқутба", ки меъёрҳо ё қоидаҳои нав ва гуногунро барои муносибатҳои байналмилалӣ муқаррар мекунад, балки "адолат"-ро дар он низ камтар мекунад.

Донишманд аз маркази таҳлилии масъалаҳои геополитикӣ ва амниятии “Бунёди Усанас” доктор Абҳинав Пандя дар мақолаи худ таҳти унвони “What India Can Teach the U.S. About Multipolarity” ишора кардааст, ки “дар ҳоли ҳозир бисёрқутбӣ будани низоми ҷаҳонӣ аллакай оғоз гардида, равишу раванди онро бо таҳлилҳои дақиқтар мушоҳида кардан мумкин аст. Вале дар давраи Ҷанги Сард низоми дуқутбӣ ба андозаи кофӣ муболиғаомез буд”[17].

Ба андешаи ӯ дар доираи чунин вазъ нақшу роҳбарии кишварҳои Ҳиндустон, Миср, Югославия ва Индонезия тавассути форуму блокҳои ғайримустақим дар сиёсати ҷаҳонӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқутбӣ нақш ва мақоми кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ба хусус Ҳиндустону Покистон ҳамчун бозигарони минтақа дар низоми байналмилалӣ низ дида мешавад. Зеро ҳар ду кишвар бо гузаштаи тамаддунию таърихӣ ва иқтидори ҳарбиву иқтисодӣ дар даврони истиқлолият дар масъалаҳои мубрами минтақа ва ҷаҳон нақш мебозанд.

Ба андешаи сиёсатшинос ва дипломати Ҳиндустон С. Ҷайшанкар “раванди ҷаҳони бисёрқутба танҳо аз ҷониби кишварҳои осиёӣ бештар имконпазир буда, он як воқеияти бузурги замони мо ба ҳисоб меравад” (ниг. India CSR Awards). Тавсеаёбӣ ва густариши қудрат бар кишварҳо тавассути мақому тавсиаталабӣ бо истифода аз қудрату иқдидори неруи сахт ва ҳам неруи нарм сурат гирифта, кишварҳои олам ба хусус давлатҳои хурду бузурги Осиё ҳамчун майдони рақобати қудратҳо қарор мегиранд. Дар чунин фазои пурпечутобу пурталотум нақш ва ҷойгоҳи минтақаи Осиёи Ҷанубӣ низ миёни абарқудратҳои ҷаҳонӣ аҳамияти геостратегӣ ва геополитикии бештар пайдо кардааст. Ҳамзамон, абарқудратҳои ҷаҳон кишварҳои хурд ва рушдкардаи Осиёи Ҷанубиро бо ироаву пешниҳоди қарзҳо, грантҳо ва дигар кӯмакҳои молӣ барои рушди инфрасохтор ва пешрафти иқтисодӣ бештар ба худ ҷалб мекунанд. Дар доираи динамикаи рақобатҳои геополитикӣ, геостратегӣ ва геоиқтисодии ин абарқудратҳо кишварҳои хурду бузурги Осиёи Ҷанубӣ гоҳу ногоҳ худро дар ҳолати пуртазоду печида мебинанд.

Минтақаи Осиёи Ҷанубӣ дар Осиё ҷойгир аст, ки дар шимолу шарқ бо Осиёи Шарқӣ, дар шимолу ғарб бо Осиёи Марказӣ, дар ғарб бо Осиёи Ғарбӣ ва дар шарқ бо Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳамсарҳад мебошад. Зимнан, минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ зерминтақаҳои Осиё мебошанд, ки қисман дар нимкураи ҷанубӣ ҷойгир буда, аз самти ҷануб бо уқёнуси Ҳинд ва дар шимол бо кӯҳҳои Ҳимолой, Қароқурум ва Помир мерасад.

Минтақаи Осиёи Ҷанубӣ шомили нимҷазираи Ҳинд, Дакан, Ганг ва Ҳимолой, ҷазираи Шри-Ланка ва як қатор ҷазираҳои хурди дигар буда, нимҷазираи Малакка ва Ҳиндучин бо ҷазираҳои наздик ба он дохил шуда, истилоҳи "Ҳиндучин" дар аввали асри 19 аз ҷониби ду

сайёҳи аврупоӣ, Конрад Малт-Брун ва Ҷон Лейден бо омезиши Ҳиндустону Чин ва таъсири фарҳангии ин ду тамаддун номгузорӣ шудааст[10,1].

Ҳамин тариқ, минтақаи Ҳиндучин дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ иборат аз кишварҳои Ветнам, Камбоҷа, Лаос, Сингапур, Мянмар (Бирма), Таиланд ва қисматҳои Малайзия иборат аст. Кишварҳои он дар доираи қаламрави Ҳиндучин бештар аз Ҳиндустон ва Чин таъсирпазир шудаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мардумони минтақаи Осиёи Ҷанубӣ бо сокинони Осиёи Марказӣ аз қадимулайём тавассути Шоҳроҳи бузурги абрешим бо якдигар рафту омад дошта, ҳамкорӣ мекарданд. Халқҳои ҳар ду минтақа дар доираи шоҳигариҳои Бохтар ва Кӯшон, Хонигарии турк, давлатҳои Ғазнавиён, Темуриён ва Бобуриён қарор доштанд[27].

Тибқи маълумоти дарёфтшуда ҷазираи Малаккаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз ҷониби Парамешвара (1344-1414) бо тахаллуси Искандаршоҳ ба ҳайси бандари мувофиқ ба ҳама фаслҳои сол кашф шуда, ӯ охирин шоҳи Сингапур ва асосгузори низоми султонии ин ҷазира буд, ки аз соли 1389 то 1398 дар ин ҷо ҳукмронӣ кардааст. Вале Маҷапаҳит охирин роҳбари бузурги ҳиндуҳо, ки беш аз 98 вилояти минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз ҷумла қисматҳои Индонезия, Сингапур, Малайзия, Бруней, ҷануби Таиланд, Тимори Шарқӣ ва ҷанубу ғарби Филиппин Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар солҳои 1293 то солҳои 1527, Парамешвараро шикаст дод, ки дар натиҷа ӯ аз он ҷо фирор мекунад[19,26–41].

Ба андешаи донишманд ва ҷуғрофидони рус Нина Алексеева давлатҳои Ветнам, Камбоҷа, Лаос, қисмати зиёди Малайзия, Миёнмор, Таиланд ва инчунин бахше аз Бангладеш дар нимҷазираи Ҳиндучин ҷойгиранд. Минтақаи Осиёи Ҷанубӣ аз даштҳо соҳили Ҳинду-Ганга ва нимҷазираи Ҳиндустон оғоз шуда, шомили кишварҳои Бангладеш, Бутан, Ҳиндустон, Покистон, Непал ва Шри-Ланка, Афғонистон ва Молдиф мебошад. Мафҳум ё ибораи Осиёи Ҷанубӣ таносубан муродиф ба "Шибҳи Қораи Ҳинд" ишорат шуда, таърихан бо кишварҳои Бангладеш, Ҳиндустон ва Покистон маҳдудтар мешавад.

Халиҷи Банголи дар шимоли Бангладеш қарор дошта, аз ғарб ва шимолу ғарб бо Ҳиндустон, аз шимолу шарқ бо Мянмар ва аз шарқ бо ҷазираҳои Андаман ва Никобар ҳамсарҳад буда, дар ҳудуди ҷанубии он хати сарҳади байни Шри-Ланка ва нуқтаи шимолу ғарбии Индонезия ҷойгир мебошад. Дар он мамнӯъгоҳҳои ҳайвоноти ваҳшӣ мебошад, ки барои ҳифзи гуногунии биологӣ тахсис дода шудаанд Мавҷудияти чунин макону масирҳои муҳим дар минтақа нақши кишварҳои онро дар шароити шаклгирии ҷаҳони чандқутбӣ муҳим мешуморад.Тибқи маълумоти маҷаллаи маъруфи “National Geographic” минтақаи халиҷи Бангол аз бузургтарин экосистемаҳои баҳрии тропикии ҷаҳон мебошад, ки даҳҳо ширхӯрони баҳрӣ, аз ҷумла делфинҳои гуногуншакл ва наҳангҳои махсус дар он ҷо зиндагӣ мекунанд.

Ба андешаи донишманд ва муаллифи китоби “South Asia: A Short History of the Subcontinent” Милтон Уолтер Мейер мафҳуму ибораҳои "нимҷазираи Ҳиндустон" ва "Осиёи Ҷанубӣ" баъзан ба ҷои ҳамдигар истифода мешаванд[15,1], аммо ба андешаи муаррихон Кэтрин Ашер ва Синтия Талбот он як қитъаи замин дар Осиёи Ҷанубӣ мебошад, ки аз боқимондаи минтақаи Авруосиё нисбатан ҷудо ҷойгир шудааст[4,5-8].

Робитаҳои муштараки минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ба хусус меъморӣ, адабиёт, санъат, илм, ва техникаву технология бо Осиёи Марказӣ аз ҷониби шоири сулҳпарвари Тоҷикисон Мирзо Турсунзода, аз ҷумла «Қиссаи Ҳиндустон», «Аз Ганг то Кремл», «Садои Осиё» хело хуб инъикос ёфта, омадаст, ки “вақте халқи ҳинд бузургтарин осори меъморӣ, адабиёт, санъат, илм, ва техникаи худро эҷод мекард, мустамликадорон чӣ будани маданиятро намедонистанд”[92,71].

Робитаи Шибҳи Қораи Ҳинд бо Осиёи Марказӣ ба асри III пеш аз милод рост омада, ҳарду минтақа ба воситаи Роҳи Бузурги Абрешим, ки на танҳо шоҳроҳи воситаи ҳамлу нақли мол хидмат мекард, балки ба нашру таблиғи андешаву ақидаҳои фалсафӣ, динӣ ва тафаккур низ мусоидат менамуд, пайванди қадимӣ доштанд.

Дар консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти нақшу таъсири Ҷумҳурии Ҳиндустон дар минтақа ва ҷаҳон,

равобити бисёрасраи таърихиву фарҳангии халқи тоҷик бо мардуми Ҳиндустон, инчунин имкониятҳои васеи иқтисодиву фановарии он, ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо ин кишвар густаришу таҳким хоҳад дод.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки Ҳиндустон яке аз кишварҳои калидии қитъаи Осиё маҳсуб меёбад ва “мо ба бештар мустаҳкам намудани муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Ҳиндустон аҳамияти пайваста медиҳем”[23].

Ҳамин тавр, дар консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки “барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими муносибатҳои сиёсӣ ва густариши ҳамкориҳои судманди гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Исломии Покистон, бо дарназардошти имкониятҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва мавқеи геостратегии он, аҳамияти хосса дорад”.

Бояд зикр кард, ки соли 2012 кишвари Ҳиндустон харитаи роҳи стратегии сиёсати “Пайванд бо Осиёи Марказӣ” роҳандозӣ гардида, аҳамияти минтақавӣ дар он дарҷ шудааст. Ба андешаи коршиносони минтақа сиёсати “Пайваст бо Осиёи Марказӣ” бо мақсади таҳкими робитаҳои дуҷониба ва мусоидат ба Ҳиндустон ҳамчун як бозингари асосӣ дар Осиёи Марказӣ ва минтақа ба таври васеъ тавсиф гардидааст[25,53].

Осиёи Ҷанубӣ яке аз минтақаҳои муҳим дар қитъаи Осиё мебошад, ки номгузории он дар миёнаҳои асри XX бо ташаббуси донишмандони Ғарб ҳамчун тавсифи геополитикии бетараф дар доираи нақши ИМА дар давраи деколонизатсия ё истеъморзудоӣ ва Ҷанги Сард пайдо шуааст, ки бештар ба “Шибҳи Қораи Ҳинд” маъруфият дошт.

Минтақаи Осиёи Ҷанубӣ асосан аз марзҳои маъмурии империяи Ҳинд мерос гирифта, қисматҳои кунунии Бангладеш, Ҳиндустон ва Покистон аз солҳои 1857 то 1947 зери қаламрави Британиё қарор дошта, минтақаҳои Непал ва Бутан аз ҳимоятгарони он буда, ҷазираҳои Шри-Ланка ва Малдив низ ба он шомил буданд[9,1].

Минтақа иборат аз кишварҳои Афғонистон, Бангладеш, Бутан, Ҳиндустон, Молдив, Непал, Покистон ва Шри-Ланка мебошад, ки бо доштани муштаракоти таърихӣ, аз ҷумла роҳҳои қадимии тиҷоратӣ ва мероси мустамликавӣ муттаҳид шуда, бо гуногунии этникӣ, забонӣ ва динӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Кишварҳои Ҳиндустон ва Покистон аз мустамликаи Британиё соли 1947 озод шуданд. Пас аз тақсимшавӣ дар соли 1947 минтақаи Бангола ба қисмати шарқӣ ва сераҳолитарини доминиони навтаъсиси Покистон табдил ёфта, ба Покистони шарқӣ номгузорӣ шуд. Дертар бо сар задани муноқишаҳои сиёсӣ ва нажодпарастӣ ин кишвар аз Покистон ҷудо шуда, санаи 16 декабри соли 1971 соҳибихтиёрии худро эълон кард.

Марзҳои баҳрии кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ то укёнуси Ҳинд тӯл мекашанд, ки аз ҷониби созишномаҳои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи баҳрӣ (United Nations Convention on the Law of the Sea) танзиму тақсимбандӣ шудааст. Вале муноқишаҳо байни Ҳиндустону Покистон барои резишгоҳи дарозии 96 километр дар ботлоқзорҳои беодами марзии Гуҷарот ва Синд, ки пеш аз мустамликадорӣ бо номи Бан Ганга ва ҳоло Сэр Крик машҳур аст, таъсири манфӣ мерасонд.

Марзҳои заминии кишварҳои минтақа иборат аз хатти Дюранд дар масофаи 3323 км байни Афғонистон ва Покистон дар соли 1893, хатти Рэдклифф дар масофаи 2912 км миёни марзи Ҳиндустону Покистон зери созишномаи Шимлаи соли 1971 ва марзи Ҳимолой дар масофаи 4096 км байни Ҳиндустону Чин мебошанд. Кишварҳои Непал ва Бутан марзҳои худро бо Ҳиндустон тибқи шартномаҳои солҳои 1950 ва 1949 барои тиҷорат мутаносибан нигоҳ медоранд.

Аз соли 1972 хатти марзии минтақаи Кашмир бо тағйирёбии вазъи геополитикӣ ба қисматҳо ҷудо шуда, бахши Ҷаммуи он таҳти назорати кишвари Ҳиндустон ва Гилгет-Балтистон таҳти назорати давлати Покистон ва як қисмате аз он зери назорати Чин тақсимбандӣ шудааст[24].

Масоҳати минтақаи Осиёи Ҷанубӣ 4,5 миллион километри мураббаъро фаро мегирад, ки 40% аҳолии Осиё ва 22% аҳолии ҷаҳон мебошад. Аҳолии Осиёи Ҷанубӣ тақрибан 1,938 миллиард нафарро ташкил медиҳад, ки яке аз минтақаи сераҳолитарини ҷаҳон ба ҳисоб

меравад. Минтақа бо чунин масоҳату бузургӣ як чоряки шумораи умумии аҳолии ҷаҳон маҳсуб ёфта, аз баландтарин зичии аҳолӣ бо зиёда аз 360 нафар дар як километри мураббаъ мебошад.

Ба андешаи Муҳаммад Ризо Адлӣ забонҳои ҳинду-ориёӣ дар шимоли Ҳиндустон, Покистон, Бангладеш ва Непал бештар бартарӣ дошта, забонҳои дравидӣ бо шумули тамилӣ, телугу, каннада, малаялам ва ғ. дар ҷануб ва қисматҳои Шри-Ланка имтиёз доранд.

Вазъи кишварҳои ҷаҳон дар ҳолати тағйирёбӣ қарор дошта, абарқудратҳо, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо мунокишаҳои дохилӣ ва коҳиши майлу рағбат барои роҳбарӣ рӯбарӯ шуда, тавону қудрати афзояндаи кишвари Чин боиси нобоварӣ дар якчанд минтақаҳо, бахусус миёни кишварҳои хурд ва низоми демократӣ гардидааст. Мудирияту роҳбарии ҷаҳонӣ на фақат ташаббусу иқдомҳои хуб талаб мекунад, балки иқдидору нақшу ҷойгоҳи кишварҳои минтақавӣ низ бояд пазируфта шавад. Ҳамин тариқ, дар доираи он рушди кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ба хусус Ҳиндустон Покистон дар иқдидору мудирият мушоҳида мешавад.

Дар миёни кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ Ҳиндустон бо доштани таъриху тамаддун, гуногунрангӣ ва равишу моделҳо рушди иқтисодӣ дарёфт намуда, лоиҳаҳои бисёреро сармоягузорӣ мекунад. Бо чунин ташаббусҳои созанда ин кишвар дар ташаккули ояндаи давлатҳо нақши калидӣ бозида, чун кишвари бо иқтидори минтақавӣ ва рушдёбанда аз пайравӣ дар низои Украина ва маҳкум кардани Русия худдорӣ кард. Бо вуҷуди фишорҳои зиёд аз ҷониби ИМА кишвари Ҳиндустон ба харидани нафти Русия ва нигоҳ доштани муносибатҳои хуби тиҷоратӣ бо Чин идома дода, дар муколамаи чорҷонибаи амниятии Вашингтон ва дигар созишномаҳо ҳамроҳ шуд.

Ба андешаи ҷомеашинос Анураг Астана вазъи ҷаҳони имрӯза дар ҳолати ноустувору номуайян қарор дошта, кишварҳои бузурги ҷаҳон ба мисли Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Чин бо мушкилот рӯбарӯ буда, ниҳодҳои байналмилалӣ барои вокуниши муассир ба масъалаҳои печидаи ҷаҳонӣ талошҳо варзида пайваста мубориза мебаранд. Дар чунин фазову муҳити тағйирёбанда, кишвари Ҳиндустон ҳамчун як роҳбар ё лидери эҳтимолӣ пайдо шуда, дар доираи низоми демократӣ, рушди иқтисодӣ, сиёсати хориҷӣ ва нақшофаринии созанда ба як давлатии қавӣ табдил ёфта аст[3].

Кишвари Покистон пас аз дарёфти истқилолият такя ба имконоту шароит ва захираҳои фаровони худ рушд пайдо карда, тавонист иқтидори ҳарбии худро тақвият бахшад. Дар арсаи илму фанноварӣ кишвари Покистон бо давлатҳои бузурги ҷаҳон ба монанди Чин, Амрико ва Россия робитаҳои густарда барқарор намуда, бо мамолики Шарқи Миёна, аз ҷумла Арабистони Саудӣ, ва Эрон ба унвони ҳамсоя ва дӯст робитаҳои хуби тиҷоративу иқтисодӣ дорад.

Кишоварзӣ аз муҳимтарин манобеи иқтисодии ин кишвар буда, бештари аҳолии кишвар ба он ҷалб карда шудаанд, ки аз болотарин мизонро ба худ ихтисос медиҳад. Маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла нахи пахта, пахтаи хом, биринҷ аз маҳсулоти содиротӣ маҳсуб мешаванд[26,106].

Маврид ба зикр хос аст, ки Покистон чун як қудрати минтақавӣ пайваста аз моделу барномаҳои иқтисодии кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Чин хуб истифода карда, ба ҳайси шарики стратегӣ бештар нақш мебозад. Пешрафт ва пештозии тиҷоративу иқтисодии Покистон бештар аз ҳимоя ва дастгирии кишвари ИМА вобастагӣ дошта, яке аз харидорони хориҷии он мебошад, ки ба ташкилоту муассисаҳои ҷаҳонӣ таъсиррасон мебошад. Кишвар бо сабаби вазъи печида дар сиёсати хориҷии худ ба имконоту иқтидори маҳдуд бештар дучор гардида, рақобатро бо қудратҳои бузург барояш мушкилу душвортар месозад. Кишвари Покистон бо таҷдиди вазъу сохтори дохилӣ метавонад дар модели дипломатӣ ва динамикаи анъанавии сиёсати хориҷии худ тағйирот ворид намуда, нақши бештару хубтар бозад. Зеро бисёре аз кишварҳои Африқо, Амрикои Ҷанубиву Марказӣ ва ҳатто баъзе аз давлатҳои Осиё то ба имрӯз муносибатҳои хуби дипломатӣ бо Покистон дошта, аз мудирияту сиёсати ин кишвар таъсирпазиранд.

Минтақашинос доктор Абҳинав Пандя дар мақолаи худ зери номи “Чаро Ҳиндустон ҷаҳони бисёрқутбаро хуб мепазирад” овардааст, ки ин кишвар бо низоми ҷаҳонии бисёрқутба хушбин буда, дар даврони ҷаҳони дуқутба ва Ҷанги Сард аз пайвастан ба блокҳои низоми капиталистӣ ва коммунистӣ ва пешбурди сиёсати хориҷии мустақилона амал мекард, ки дар натиҷаи он дар зумраи ҳаракати ғайриҷонибдорӣ шомил гардид.

Бисёрқутбӣ ҳамчун як ҳолат ва вазъи табиӣ дар низоми байналмилалӣ мушоҳида мешавад, ки дар он давлатҳо ҳамчун қутбҳои асосӣ нақш мебозанд. Ба андешаи доктор Абҳинав Пандя бисёрқутбӣ маънои гуногунандешии арзишҳо, ахлоқи тамаддунӣ, меъёрҳои фарҳангӣ, эътиқодҳо ва динҳоро дорад. Ин маънои онро дорад, ки диктатурҳо ва демократҳо метавонанд дар як ҷаҳон ҳамзистӣ дошта, таҳаммулпазириро нисбат ба чунин гуногунандешӣ ва гуногунрангӣ дошта бошанд[16].

Ба назари Пандя сиёсати бетарафии ин кишвар дар ҳамбастагиву ҳамгироии тамаддуни он дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқутба сарчашма мегирад. Ҳамин тавр, шаклгирии ҷаҳони бисёрқутбӣ мафҳуми гуногунандешии арзишҳо, ахлоқу одоб, меъёрҳои фарҳангӣ, эътиқод ва динҳоро дошта, дарку маънои таҳаммулпазириро нисбат ба чунин рангорангиҳо дорад.Ба назари ӯ давлатҳои ҷаҳон ба хусус Амрико метавонад аз дипломатияи Ҳиндустон сабақ гирифта, ба раванди шаклгирии бисёрқутбӣ бо дурнамои мунсифонаву мусбатона муносибат кунад.

Кишвари Непал ҳамчун як давлати буферӣ байни ду қудрати бузурги рақиб Чин ва Ҳинд хидмат мекард. Вожаи "Непал" дар даврони ведҳо зикр шуда, тибқи овардаи ҳиндшиноси норвегӣ Кристиан Лассен калимаи “Непала” аз Нипа (доманаи кӯҳ) ва -ала (пасванди кӯтоҳи алая, ки маънояш манзил аст) иборат буда, маънои "манзил дар доманаи кӯҳ"-ро дорад.

Аз соли 1951 низоми демократияи парлумонӣ дар ин ҷо роҳандозӣ шуд. Қадимтарин боқимондаҳо дар Осиёи Ҷанубӣ тақрибан ба 30,000 сол расида бо далелҳои бостоншиносии кашфшудаи маскуншавии одамон дар Непал ба ҳамон вақт рост меояд[6,36].

Солҳои 1996–2006 ҷанги шаҳрвандӣ чун як низои тӯлонии мусаллаҳонаи саросарӣ байни ҳокимони подшоҳӣ ва Ҳизби коммунистии Непал сурат гирифт. Ҳизби коммунистии Непал (ҲКП) бо мақсади сарнагун кардани низоми монархияи Непал ва таъсиси ҷумҳурии мардумӣ шӯришро оғоз кард, ки дар натиҷаи он бо имзои Созишномаи сулҳи ҳамаҷониба дар 21 ноябри соли 2006 ба анҷом расид.

Ҳамин тавр, соли 2008 кишвари Непал пас аз барҳам додани монархия ба ҷумҳурии федералӣ табдил ёфта, дар самти кишоварзӣ чун яке самтҳои асосии рушд пайдо карда, сайёҳӣ низ аз манобеи муҳим ин кишвар мебошад.

Кишвари Бутан ба монархияи конститутсионӣ табдил ёфта, низоми шоҳигарии меросиро дар баробари қарору санадҳои интихобшуда нигоҳ медорад. Малдив низоми идоракунии президентӣ дорад, ки гоҳу ногоҳ ба ноором иҳои сиёсӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки паёмадҳои пас аз мустамликаро инъикос мекунанд, ба монанди мудохилаи мақомоти иҷроия дар бӯҳрони пеш аз соли 2022 дар Шри-Ланка мебошад.

Иқтисодиёти хурдтар ба бахшҳои махсус такя мекунанд: сайёҳӣ ва моҳидорӣ дар Малдив, нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар Бутан, содироти либос дар Бангладеш (пешгӯии афзоиши 3,8%) ва интиқоли пул дар Непал ва Покистон, ки охирин бо мушкилоти молиявӣ бо суръати сусттари густариш рӯбарӯ мешаванд.

Бангладеш яке аз кишварҳои сераҳолитарини ҷаҳон аст, ки мардумаш дар делтаи дарёҳое зиндагӣ мекунанд, ки ба халиҷи Бангол ҷорӣ мешаванд. Бангладеш бо ташкили барномаву лоиҳаҳои хуб дар солҳои охир афзоиши аҳолиро коҳиш дода, низоми тандурустӣ ва маорифро беҳтар кардааст. Ин кишвар то соли 1971 Покистони Шарқӣ ном дошт. Баъд аз ҷангҳои шадид бо мудохилаи кишварҳои ҳамсоя аз Покистон ҷудо шуда, пайдо шуд.

Кишвари Бангладеш низоми парлумониро дар шароитҳои гуногуни даврӣ нигоҳ дошта, дар соҳили халиҷи Бангол ҷойгир аст. Бонки Ҷаҳонӣ мизони ММД-и Бангладешро дар солҳои

2019 то 2021 пешгӯӣ карда буд, ки иборат аз рушди иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, шуғл ва хизматрасонӣ, саноат ва кишоварзӣ мебошанд.

Тибқи андешаҳои файласуфи немистабор Карл Шмитт мафҳуми дуализм дар сиёсати муосир муҳим арзёбӣ мешавад. Ба андешаи ӯ дар сиёсати низоми "либералӣ"-и пас аз ҳодисаи 11-уми сентябр раддабандӣ ва мақоми кишварҳои мусалмонон хубу бад, мӯътадилу фундаменталист ва террорист муаррифӣ карда шуданд, вале Бангладеш танҳо дар доираи ду намуди одамон яъне муборизони озодӣ ва ҳамкорон пазируфта шуд[1,326].

Кишвари Бутан дар Осиёи Ҷанубӣ соҳили Ҳимолой миёни Ҳиндустон ва Чин ҷойгир буда, дорои таърих ва фарҳанги қадима мебошад. Санаи 8 августи соли 1949 рӯзи истиқлоли Бутан аз Британияи Кабир ва Ҳиндустон пазируфта шуда, иқтисодиёти он ба маҳсулоту маводи ҷангал, кишоварзӣ ва гидроэнергетика асос ёфта, аз соли 1980 яке аз кишварҳои босуръат рушдёбандаи ҷаҳон мебошад.

Малдив яке аз кишварҳои Осиёи ҷанубӣ буда, дар ҷанубу ғарби Ҳинд ҷойгир аст. Шаҳри Мола пойтахт ин кишвар буда, тибқи маълумотҳо Мола дар забони санскритӣ ба маънои «хонаи мо» ё «қасри подшоҳ» ишора шудааст. Аҳолии ин кишвар зиёда аз 402 071 буда, воҳиди пули он рупия, забони мардуми он дивеҳӣ аст, ки монанд ба забони синҳолӣ мебошад. Аз рӯи сарчашмаҳои таърихӣ мардуми ин кишвар тобеияти Шриланка ва Ҳиндустонро дошта, қавмиятҳои арабӣ низ дар онҳо вуҷуд дорад.

Малдив ҳам аз нигоҳи аҳолӣ ва ҳам масоҳат хурдтарин кишвари қораи Осиё мебошад, ки 26-уми июли 1965 аз Британия озод шуда, расман истиқлолияти давлатии худро эълон кард. Ҳукумати англисҳо то соли 1965 дар ин кишвар идома ёфт, ки мардуми он як муддат зери шоҳигарии султонӣ умр ба сар мебурданд. Дертар англисҳо низоми монархияи қонуниро ҷорӣ карданд[30].

Ҳамгироии минтақавӣ аз сабаби танишҳои байни Ҳиндустон ва Покистон то ба имрӯз маҳдуд боқӣ монда, сарфи назар аз муштаракоти фарҳангӣ дар рушди тиҷорат миёни кишварҳо монеа эҷод мекунад. Бахши саноатии кишвари Покистон нассоҷӣ ва дӯзандагӣ буда, боғу чаманҳои ҷаззобу дилкаш, дарраву кӯҳу пуштаҳои баландқомат аз сарвату дороиҳои хуби сайёҳӣ мебошанд, ки дар рушди гардишгарии кишвар манфиатҳои иқтисодӣ меоранд. Нанга Парбат, ки бо забони санскритӣ кӯҳи урён ном дошта, нуҳумин қуллаи баландтарин дар ҷаҳон мебошад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба сари аҳолӣ дар Покистон дар солҳои 2019 маблағи 1285 доллари ИМА-ро ташкил медод, ки онро дар қатори иқтисодҳои рӯ ба инкишоф оварда расонд.

Кишвари Шри-Ланка дар канори ҷанубу шарқии Ҳиндустон, дар уқёнуси Ҳинд ҷойгир буда, манбаъҳои асосии фоидаи он кишоварзӣ, аз ҷумла чой ва биринҷ, нассоҷӣ ва либос ва содироти чой мебошанд.Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид кишвари Шри-Ланка дар соли 2019 бо 3853 доллар барои як нафар ба категорияи иқтисодии рӯ ба инкишоф дохил мешавад. Кишвари Афғонистон дорои таърихи бостон ва фарҳанг буда, бо Эрон, Покистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Тоҷикистон ва Чин ҳамсарҳад мебошад. Кишвари Афғонистон лоиҳаҳои калидии муштарак бо бисёре аз кишварҳо дошта, то солҳои 2019 ММД дар ин ҷо ба 502 доллар баробар буд.

Бояд қайд кард, ки Ҳиндустону Покистон аз сераҳолитарин кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мебошанд, ки ҳар сол дар нимаи моҳи август ё дақиқтар 14 ва 15-уми августи 1947 истиқлолии худро дарёфт намуданд. Нақши созмонҳову муассисаҳо аз ҷумла Созмони Ҳамкориҳои Шанхай дар таҳкими равобити кишварҳо хело муҳим арзёбӣ мешавад. Ассотсиатсияи ҳамкории минтақавии Осиёи Ҷанубӣ (SAARC) 8-уми декабри соли 1985 дар шаҳри Даккаи Бангладеш бо ташаббуси президенти вақт Зиёур Раҳмон таъсис ёфт. Ин идея аз ҷониби Ҳиндустон, Покистон, Бутан, Непал, Шри-Ланка ва Малдив пазируфта шуд ва онҳо узви ин созмон шуданд. Баъдтар Афғонистон низ ба он ҳамроҳ шуд ва шумораи онҳо ба ҳашт нафар расид. Ассотсиатсияи ҳамкории минтақавии Осиёи Ҷанубӣ (SAARC) барои ҳамгироии беҳтар дар роҳи сулҳ ва шукуфоӣ таъсис дода шуда, идораи марказии он дар шаҳри Катмандуи кишвари Непал ҷойгир аст. Аҳолии кишварҳои он беш аз 1,7 миллиард нафар

мебошанд, ки 21%-и аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Рушди кишоварзӣ ва деҳот, биотехнология, фарҳанг, иқтисод ва тиҷорат, маориф, энергетика, муҳити зист, молия, механизми маблағгузорӣ, иттилоот, коммуникатсия ва ВАО, тамосҳои байни одамон, коҳиши камбизоатӣ, илм ва технология, ҷанбаҳои амниятӣ, рушди иҷтимоӣ ва сайёҳӣ аз барномаву лоиҳаҳои муҳим миёни кишварҳои аъзои SAARC мебошад. Ҷумҳурии мардумии Чин бо панҷ кишвари аъзои SAARC ҳамсарҳад буда, тавассути лоиҳаҳои бузург ба онҳо кумаки иқтисодӣ мерасонад. Кишварҳои Аврупо ва Амрико низ бо кишварҳои узви SAARC ҳамкорӣ дошта, саҳм мегузоранд. Барои мисол Диего Гарсия ҷазираест дар уқёнуси Ҳинд, ки дар он Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бештар сармоягузорӣ намуда, фаъол аст. Ҳамин тавр, кишвари Покистон низ бо ИМА ҳамкорҳои лоиҳавӣ дошта, робитаҳои наздик дорад.

Ба назари муҳаққиқони соҳа кишварҳои Ҳиндустону Покистон бояд дар бораи стратегӣ ва дурнамои минтақаи Осиёи Ҷанубӣ таваҷҷуҳи бештар карда, аз принсипҳои истифода карда, барои пешрафт ва рушди тиҷорат, саноат ва иқтисоди минтақа, ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ муштарак чун неруи созанда, тавоно ва нақшофарин кӯмак намоянд[29].

Ба андешаи Андре Хантке аз Донишгоҳи Нотингам Нигбои Чин пайвастани кишварҳои Ҳиндустон ва Покистон ба Созмони Ҳамкориҳои Шанхай метавон раванди дастурӣ бошад, вале он маънои марҳилаи нави камолоти рушди созмонро дорад, ки он бояд ба сохтори такмилёфта ва ризоияти кишварҳои узв тавассути машварату маслиҳат асос меёбад. Зеро СҲШ як созмони бонуфуз ва омили муҳим дар масоили ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, кишварҳои Чин ва Русия аз шарикону ҳамкорони хуби Покистону Ҳиндустон буда, дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқутбӣ бештару беҳтару нақш мебозанд. Илова аз он рушду пешрафтҳои СҲШ ҳамчун як муассисаи мақоми салоҳиятдор ба соҳибихтиёртари минтақавӣ низ кӯмак мерасонад.

Ба андешаи коршиносони минтақа ворид шудани кишварҳои минтақа хусусан Покистону Ҳиндустону Эрону Белорус ба СҲШ дар эҷоди ҳамгироии энергетиву саноатии кишварҳои минтақа ва коҳиш додани нигарониҳову мунокишаҳо миёни онҳо заминаи хело муносибу муфид фароҳам хоҳад овард[31,117].

Нигарониҳо аз набуди созишу ҳамгироии миёни Покистон ва Ҳиндустон, идомаи мунокишаву мубоҳисаҳои кишварҳои аъзо ва шарикони СҲШ ба хусус Покистону Ҳиндустон ва Афғонистон натанҳо метавонад ёфтани забонҳои муштаракро дар қабули қонуну қарорҳо то андозае душвор ва барномаи олии пешбинишудаи стратегияи рушди СҲШ дар соли 2025 ба ҳамкориҳо монеа эҷод намуда, давомёбии мунокишаву кашмакашҳо метавонад муаммоҳову саволҳоро дар бораи заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрии СҲШ низ мавриди пурсиш қарор диҳад.

Ба андешаи муҳаққиқи масоили амниятӣ Берк Тутуп кишварҳои аъзои "Ҷануби ҷаҳонӣ" аз марзҳои ҷуғрофӣ фаротар буда, нақду нобаробарии ҷаҳонӣ ва номутавозинии қудратро дар бар мегирад ва таҷрибаҳои муштараки рушд накардан, истисмори мустамликадорӣ ва мубориза҃ҳои доимӣ барои мустақилияти иқтисодӣ ва сиёсиро таъкид мекунад. Ин чаҳорчӯба барои фаҳмидани динамикаи муосири ҷаҳонӣ, бахусус аз нигоҳи тиҷорати байналмилалӣ, сиёсати иқтисодӣ ва муносибатҳои дипломатӣ, муҳим арзёбӣ мешавад[5].

Ба андешаи ӯ Ҳиндустон як ҷонибдори қавии кишварҳои аъзои “Ҷануби ҷаҳонӣ” аст, ки амалҳои он садоқати онро барои баланд бардоштани овози кишварҳои рӯ ба инкишоф дар корҳои ҷаҳонӣ инъикос мекунанд. Ҳамин тавр, кишвари Ҳиндустон муддати тӯлонӣ барои ислоҳоти СММ, аз ҷумла тавсеаи узвияти доимӣ дар Шӯрои Амният ва раванди демократикунонии муносибатҳои байналмилалӣ талош мекунад. Ҳиндустон бо сиёсати “Мубориза бидуни хушунат” пайваста муқобили ноадолатӣ ва хушунат мубориза бурда, болои маслоили рушди демократӣ, иҷтимоиву иқтисодиву фарҳангӣ таъкид мекунад. Ин кишвар чун як иттифоқчии пуриқтидори кишварҳои “Ҷануби ҷаҳонӣ” метавонад ба танзим ва таҳия кардани нуфузи афзояндаи Чин ва мусоидат ба муҳити амнтар тавассути талошҳои зиддитеррористӣ бештару беҳтар мусоидат намояд.

Вале бо вуҷуди ҳамаи он, дар ҳамкориву ҳимояти манфиатҳои кишварҳои "Ҷануби Ҷаҳонӣ" ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ба хусус Ҳиндустон як қатор монеаву мушкилот мавҷуданд, ки ба тавр зайл мебошанд:

- Минтақа дорои мақсаду манфиатҳои гуногун мебошад, ки эҷоду ташкили як гурӯҳи муттаҳидро душвортар мегардонад, зеро ҳар кишвар шаклу намудҳои гуногуни иқтисодиёт ва ҳукуматро амалӣ месозад.
- Бештари кишварҳои аъзо дар ҳоли рӯ ба рушд қарор доранд, танзими норасоии захираҳо ва инфрасохтори зарурӣ барои дастгирии комил ба мушоҳида мерасад.
- Кишвари Ҳиндустон бо вуҷуди доштани иқтисоди умумии қавӣ ва пешрафтҳои афзояндаи технологӣ, бо мушкилоти назарраси рушд рӯбарӯ мебошад.

Бо назардошти шумораи аҳолӣ, муҳаққиқони соҳа таъкид мекунанд, ки дар раванди шаклгирии ҷаҳони чандқутба ҳамкории Ҳиндустон баҳри шукуфоии бештар ва рушди устувори кишварҳои аъзои "Ҷануби ҷаҳонӣ" нақши муҳим дошта, мушкилот ва вазъи нобасомониҳои онҳоро беҳтар хоҳад кард. Аз ин рӯ, ба назари муҳаққиқон пешниҳод мешавад, ки Ҳиндустон бояд бештару беҳтар ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии худ ва минтақа афзалият бахшад, то заминаи беҳтар дар рушди кишварҳои ҷаҳон саҳм гузорад. Ҳамин тавр, ҳадафи Ҳиндустон дар ҳамкорӣ бо кишварҳои "Ҷануби ҷаҳонӣ" набояд ба форуми кишварҳо аъзои "Шимоли ҷаҳонӣ" муқобила кардан бошад, балки ба ҳайси кишвари муҳим ва бузургтарин демократӣ такомул бахшидани фосилаҳо ва раҳоӣ аз мушкилоту монеҳо байни кишварҳои "Шимол ва Ҷануб" равона карда шавад.Ҳиндустон бо истифодаи хуб аз иқтидору неруи сиёсӣ, ҳамчун як қудрати рӯ ба инкишоф ба як бозигари муҳим дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ин кишвар яке аз панҷумин иқтисоди бузургтарин дар ҷаҳон буда, дер ё зуд дар ҷои сеюм қарор хоҳад гирифт.

Гузориши Брандт, ки соли 1980 нашр шудааст, идеяи Ҷануби Ҷаҳониро муаррифӣ кард. Ин мафҳум аз ҷониби пешрафти технологӣ, ММД ва сатҳи зиндагии ҳар як миллат муайян карда шуд. Тафовутҳои ҷаҳонии Шимол-Ҷануб ҳангоми дастрасӣ ба захираҳои муҳим барои натиҷаҳои назарраси рушд бо тафовутҳои назаррас мушоҳида мешаванд.

Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди он ки Ҳиндустону Покистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва хусусан Тоҷикистон ҳамсарҳад набуда, балки мардумони ин сарзамин аз давраҳои гузашта бо ҳам равобит ва пайванди муштараки қавӣ доштанд, ки дар он саҳми шоирон, адибону нависандагон назаррас мебошад. Бояд зикр кард, ки ҳамаи муносибатҳо дар заминаи тамаддун, забон, фарҳанг ва тиҷорат сурат мегирад, ки то имрӯз идома дорад.Ин буд, ки бештари донишмандони Осиёи Марказӣ ба хусус Тоҷикистон ба ин сарзаминҳо сафар карда, забону адабиёти тоҷикиро бо нашри девону осори пурарзишашон ҳифз карда, ташвиқу тарғиб намуданд.

Баррасиҳо нишон медиҳад, ки дар ҳоли ҳозир минтақаи Осиёи Ҷанубӣ дар як марҳилаи муҳим қарор дошта, бо мушкилоти зиёди сиёсӣ, амниятӣ ва ғайрианъанавӣ, аз ҷумла низоъҳои байнидавлатӣ, терроризм ва нодуруст фаҳмидани истифодаи зеҳни сунъӣ, рӯбарӯ аст. Таҳаввулоти ахир ҳам ноустуворӣ ва ҳам динамизми хоси минтақаро таъкид кардаанд[11,1-8].

Осиёи Ҷанубӣ яке аз минтақаҳои муҳими стратегӣ маҳсуб мешавад, ки бо кишварҳои пуриқтидору стратегии минтақавӣ ба мисли Ҳиндустону Покистон дар ҳалли масоили гуногун нақш мебозад. Кишварҳои минтақа бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо шумули Тоҷикистон, Узбекистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Қазоқистон равобити хубу ҳасана дошта, дар эҷод ва рушди иқтисодӣ ва тиҷоратӣ муштаракона бо ҳам ҳамкорӣ доранд.

Салим Қамар Батт муҳақиқ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ва таҳлили масъалаҳои амниятии геополитикӣ ва стратегӣ ишора мекунад, ки равишу усулҳои империалистии кишварҳои абарқдудрати ҷаҳон ба хусус ИМА шомили тактикаҳои маъмулӣ,аз қабили таҳримҳои иқтисодӣ, омӯзиш ва маблағгузории гурӯҳҳои мухолиф, сармоягузорӣ руи бахшҳои мунтахаби бюрократӣ, ҷавонон ва гуруҳҳои элитаи хос, идоракунии намояндагон, ҷангҳои равонӣ ва дастгирии табаддулоти низомӣ мебошанд. Аз

соли 1948 то имрӯз, Покистон намунаи классикии озмоишгоҳи империалистии ИМА боқӣ мондааст, гарчанде ки ҳадафи он таъмини манфиатҳои ИМА буда, бисёре аз чунин амалиётҳо боиси ноустувории дарозмуддат, ҷангҳои шаҳрвандӣ ва афзоиши гурӯҳҳои экстремистии мухолиф мегарданд[18].

Ба андешаи ӯ такрори муноқишаву сенарияҳо ба монанди ҷанги соли 1812 ё ҷанги шаҳрвандии солҳои 1861-1865 дар рушди ҳамкориҳои минтақавӣ монеа эҷод хоҳад кард. Бо вуҷуди ин, падидаи табиии пайдоиш ва суқути империяҳо аллакай аломатҳои намоёнро нишон медиҳад, зеро рақобати стратегӣ байни Чин ва Иёлоти Муттаҳида торафт шадидтар мегардад. Вале бо вуҷуди мавҷудияти баъзе мушкилоту маҳдудиятҳо дар раванди низоми демократӣ кишвари Ҳиндустон яке аз бузургтарин кишварҳои демократӣ, пештози технологӣ, саноативу иқтисодӣ боқӣ монда, дар минтақа нақш мебозад.

Шаклгирии раванди ҷаҳони бисёрқутбӣ зоҳиран мушкилоту заъфҳои камтарро нисбат ба ҷаҳони дуқутбӣ нишон медиҳад. Дар ҷаҳони имрӯз, соҳибихтиёрӣ шарти асосӣ маҳсуб ёфта, меъёрҳои минтақавӣ нисбат ба рақобати қудратҳои бузург муҳимтар буда, раванди ба даст овардани қонуният аз нав муайян карда мешавад. Раванди низоми иҷтимоӣ ишора мекунанд, ки ҷаҳони бисёрқутбӣ маънои қудратҳои сершуморро надорад, балки маҷмӯи гуногуни тамоюлҳоеро дорад, ки минтақаҳои гуногунро дар як вақт идора мекунад[2].

Александр Вендт дар бораи конструктивизм сиёсати байналмилалӣ ҳамчун субъективӣ тавсиф шудааст, ишор шудааст, ки "Анархия он чизест, ки давлатҳо аз он месозанд" изҳор медорад, ки муносибатҳои байналмилалӣ бо танкҳо ё асъор муайян карда намешаванд; онҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ барои азхуд кардани қонунияти таъсир, қабули меъёрҳо ва такрори ҳувият сохта шудаанд. Субъектҳо ё давлатҳое, ки метавонанд "қутб" ҳисобида шаванд, на ҳамеша ба қобилият, балки ба эътирофи таъсири меъёрӣ ё салоҳият такя мекунанд”[20].

Минтақаи Осиё бо хусусиятҳои хос ҳамчун қитъаи алтернативӣ ба раванду воқеиятҳои муосири ҷаҳонӣ аз дигар минтақаҳо фарқ мекунад. Шаклигирии ҷаҳони бисёрқутбӣ дар миёни кишварҳои Осиё мушоҳида шуда, дарку фаҳми гуногун байни онҳо вуҷуд дорад, ки дар ҳамгироӣ рақобат мекунанд. Ташаббуси Чин "Як камарбанд як роҳ" (BRI), таваҷҷӯҳи Ҷопон ба амнияти иқлим ва муносибатҳо байни Ҳиндустон ва Покистон шоҳиди тағйироти босуръати ҳамаи минтақаҳои қитъа аз замони анҷоми Ҷанги Сард ҳисобида мешавад[14].

Ҳамин тариқ, раванди низоми бисёрҷонибаи ҷаҳон аз як таҳаввулу тағйироти бузурге мегузарад, ки бо муаммову мураккабии фазои нишебу фарозанда, низоъҳо, танишҳои геополитикӣ ва қутбшавӣ ташаккул ёфта, бештари муноқишаҳо дар саросари ҷаҳон дар даҳсолаҳо, инчунин авҷи хароҷоти низомии ҷаҳонӣ ба қайд гирифта шудааст, ки давраи нави ноамниро нишон медиҳад.

Покистони имрӯза яке аз калонтарин кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мебошад, ки 14апрели соли 1947 дар натиҷаи тақсимоти минтақавӣ аз Британиё озодӣ ба даст овард.Ин кишвар бо давлатҳои Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон ва Чин ҳамсарҳад мебошад.Кишвари Покистон 803 940 км² масоҳат дошта, тавассути хати сарҳади обӣ бо давлатҳои халиҷ васл гашта, бо Тоҷикистон тавассути гузаргоҳи Вохони Афғонистон фосилаи сарҳадӣ дорад. Покистон яке аз кишварҳои диданбоб аст, ки аз ҷониби маркази сайёҳии «Марко Поло» чун «Сарзамини подшоҳон» шинохта мешавад. Мувофиқи барӯйхатгирии соли 2017, Покистон аз лиҳози нуфузи аҳолиаш дар ҷаҳон шашумин кишвар ба шумор рафта, узви Созмони Милали Муттаҳид, Созмони умумиҷаҳонии Савдо, Созмони минтақавии “SAARC”64, Созмони Ҳамкории Шанхай ва инчунин узви кишварҳои рӯ ба инкишофи Гурӯҳи 77 мебошад.

Кишвари Ҳиндустон дар даврони Ҷанги Сард нақши чандҷониба бозида, ҷонибдори дахолати фаъолона ба корҳои ҷаҳонӣ барои нарм кардани рақобатҳо буда, аз муноқишаву зиддиятҳо миёни кишварҳо пешгирӣ мекард. Ҳиндустон ва Покистон чун қудратҳои ҳастаӣ ба маркази таваҷҷӯҳи ҷаҳонӣ табдил ёфта, дар натиҷаи он низоъҳои гуногун, аз ҷумла баҳсҳои марзӣ ва тақсими об байни давлатҳои минтақа дар ин минтақа бештар равона гардид. Илова аз он, масъалаҳои мубрами дигар ба монанди муноқишаву мубоҳисаҳои марзӣ, низоъҳои қавмӣ ва тақсими захираҳо дар минтақа мавҷуданд, ки минтақаро нооором

мегардонад.Ҳамин тавр, шаклгирии раванди ҷаҳони чандқутба ба минтақи Осиёи Ҷанубӣ низ таъсир расонида, кишварҳои он шоҳиди тағйироти амиқи геополитикӣ мебошанд. Покистон мехоҳад фазои сиёсии худро дар Осиёи Ҷанубӣ барқарор кунад, дар ҳоле ки Бангладеш нисбат ба сиёсати Ҳиндустон ва мудохилаи он муқовимат нишон медиҳад.

Тибқи баррасиҳои муҳаққиқи покистонӣ Хуррам Аббос минтақаи Осиёи Ҷанубӣ дар давраи Ҷанги Сард бо сабаби воридшавии Ҳиндустон ва ҳамкории фаъолонаи Покистон бо Ғарб асосан дуқутба боқӣ монд[12].

Ба андеаши минтақашинос Хуррам Аббос кишвари Покистон чунин вазъу ҳолатро фазову муҳити мусоид барои таблиғи идеяи Осиёи Ҷанубӣ дар раванди шаклгирии ҷаҳони "бисёрқутба" дониста, бо эҷоди Покистони навину муассир, Бангладеши саноативу стратегӣ дар минтақа мебошад.

**Хулоса ва натиҷагирӣ.** Тавозуни қудратҳо дар оғози асри 21 бо талошу ташаббусҳои кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, аз ҷумла Ҳиндустон тағйир ёфта, масъалаҳои амнияти дохилӣ ва заъфи иқтисодии Покистон, таъсиси ҳукумати нав дар Бангладеш, нақши фаъоли Чин дар умури амниятӣ ва стратегии Осиёи Ҷанубӣ ва қонун қарорҳои нави Амрико ба ҷонибдории Ҳиндустон аз масоили мубрам маҳсуб мешаванд.

Бояд зикр кард, ки бештари кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, ба хусус Покистон аз фаъолиятҳои иқтисодии Чин дар доираи ташаббуси "Як камарбанд ва як роҳ" истиқбол кардаанд. Ин кишвар роҳу равиши фаъолонаи Чинро дар таъсиси форумҳоиserминтақавӣ ва ҳамкории технологӣ ва амниятӣ бо кишварҳои хурдтари Осиёи Ҷанубӣ пешбинӣ карда, Бангладешро ҳамчун як қудрати устувор дар минтақа мешиносад.

Шаклгирии ҷаҳони бисёрқутбӣ дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ барои кишварҳои он имкониятҳои стратегӣ ва сиёсиро фароҳам меорад. Дар заминаи он қудратҳои рақобаткунанда кӯшиш мекунанд кишварҳои хурди Осиёи Ҷанубӣ, ба монанди Малдив, Шри-Ланка, Непал ва Бутанро барои пайвастан ба блокҳои муносибу мувофиқи худ водор кунанд. Дар гузашта ин кишварҳо аз имконоти фаровони стратегӣ бархӯрдор набуда, танҳо ба лоиҳаву барномаҳои муассири кишвари Ҳиндустон такя мекарданд. Дар ин замн, минтақаи Осиёи Ҷанубӣ аз шаклгирии раванди ҷаҳони бисёрқутбӣ зери таъсир қарор гирифта, иқтидору имконоту кишварҳои бузург ба хусус Ҳиндустонро барои ташаккули якҷонибаи меъёрҳои форумҳои минтақавӣ маҳдудтар мекунад. Бо вуҷуди ҳамаи он, ин кишварҳо барои чаҳорчӯбаҳои алтернативии зерминтақавӣ фазои дигар фароҳам хоҳанд овард.

Кишварҳои бузурги Осиёи Ҷанубӣ ба хусус Ҳиндустон тавассути захираҳои иқтисодӣ, нишастҳои дипломатӣ ва барқарор кардани шарикии стратегӣ бо кишварҳои ҳамсояи худ барои барқарор кардани бартарии худ дар минтақа муқовимат мекунад, ки чунин стратегияҳо ба сиёсати кишварҳои хурдтар фишор меорад[12].

Тибқи баррасиҳои муҳаққиқ ва иқтсидошиноси кувайтӣ Амир Зиоб-ал- Тамимӣ муносибатҳои иқтисодӣ байни Ҳиндустон ва кишварҳои Халиҷ тавассути Ширкати Ҳиндустони Шарқӣ бештар таҳкиму тавсеа пайдо кардааст[21].

Ҳамин тариқ, дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқутбӣ нақши кишварҳои бонуфузи ҷаҳон муҳим маҳсуб ёфта, робитаву муносибатҳо миёни онҳо бо рушд ва иқтидору имконоти давлатҳои хурду бузурги минтақаи Осиёи Ҷанубӣ тағйир ёфта, ташаккул меёбад. Дар доираи таҳлилу баррасиҳо ва далелу сандаҳои оварда шуда метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ талошу кӯшишҳои кишварҳои минтақа, аз ҷумла Покистон боиси як давраи дигари рақобати шадиди геополитикӣ гардида, ба ҳамгироии минтақавӣ таъсир мерасонад.Барои таъмини рушди ояндаи худ дар шаклгирии ҷаҳони бисёрқутба, кишварҳоро зарур меояд, то мавқеи амалӣ ва муассирро амалӣ намуда, робитаҳоро бо кишварҳои бузург ва бо иқтидори ҷаҳон, аз ҷумла ИМА, Чину Русия ва ҳамзамон густариши шарикӣ дар доираи сулҳу суботу созандагӣ ва некуаҳолии мардумони сайёра тавсеа бахшанд. Эҷоду ташаккулёбии робитаҳои гуногунҷанба ва иқтидори кишварҳо ҳамчун як динамикӣ ва таъсиргузор дар робитаҳои дипломатӣ муҳим арзёбӣ мешаванд. Кишварҳо дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқутба бо рушду тавсеаи иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳамкории судманди

байналмилалиро роҳандозӣ намуда, бо истифода аз субот ва дурнамои стратегӣ бештару беҳтар нақш хоҳанд бозид. Дар ин раванд кишварҳоро зарур меояд барои рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, хусусан сулҳу суботу созандагӣ, стратегияи рушди инсонӣ бештар ҳамкорӣ намуда, тавассути дипломатияи мардумӣ минтақа ва ҷаҳонро озоду ободу ором нигоҳ доранд.

**Адабиёт:**


1. Ahmad, Irfan. 2013. “Islam and Politics in South Asia.” In. John Esposito & Emad El-Din Shahin (eds). The Oxford Handbook of Islam and Politics. New York: Oxford University Press. Pp. 324–339.
2. Anas Yamin. Revisiting Multipolarity: A Constructivist Reassessment. The Diplomatic Insights. August 8, 2025. Манбаи электронӣ. https://thediplomaticinsight.com/revisiting-multipolarity-a-constructivist-reassessment/.
3. Anurag Asthana. India’s Leadership Potential in a Multipolar World: Navigating Promise and Constraints. Манбаи электронӣ: https://raksha-anirveda.com/indias-leadership-potential-in-a-multipolar-world-navigating-promise-and-constraints.[Санаи муроҷиат: 10.03.2026].
4. Asher, Catherine B.; Talbot, Cynthia (16 March 2006), India Before Europe, Cambridge University Press, pp. 5–8, 12–14, 51, 78–80, ISBN 978-0-521-80904-7
5. Berk Tuttup. What is the Global South? “Foreign Analysis”. https://foreignanalysis.com/what-is-the-global-south/. [Санаи муроҷиат: 01.02.2026].
6. Corvinus, Gudrun. "The Prehistory of Nepal (A summary of the results of 10 years research)". Ancient Nepal (154). Kathmandu: Department of Archaeology. March 2004. P.33-53.
7. Guterres unveils new vision for peace across a ‘multipolar world’. Манбаи электронӣ: https://www.un.org/en/delegate/guterres-unveils-new-vision-peace-across-%E2%80%98multipolar-world%E2%80%99. [Санаи муроҷиат: 01.02.2026].
8. Inge Beckewold. We need to prepare: Norway warned of the onset of multipolarity. Pravda Norway.04.07.2025. Манбаи электронӣ: https://norway.news-pravda.com/en/russia/2025/07/04/4914.htm [Санаи муроҷиат: 02.03.2026].
9. John McLeod. The History of India. Greenwood Press, 2002. 223 pages.
10. Keyes, Charles F. (1995). The golden peninsula: culture and adaptation in mainland Southeast Asia (Pbk. reprint ed.). University of Hawaii Press. p. 1. ISBN 978-0-8248-1696-4
11. Khurram Abbas. Critical Issues Facing South Asia: Politics, Security and Non-Traditional Challenges.India Study Centre.Institute of Strategic Studies Islamabad.F-5/2, Islamabad. First Edition 2024.P.211. Pp.1-8.
12. Khurram Abbas. Multipolar South Asia. Dawn. January 16, 2026. Pakistan. Манбаи электронӣ: https://www.dawn.com/news/1967277. [Санаи муроҷиат: 15.02.2026].
13. Mark N. Katz. The Multipolar World Is Nothing New. Foreign analysis. March 05, 2026. Манбаи эдектронӣ: https://foreignanalysis.com/the-multipolar-world-is-nothing-new. [Санаи муроҷиат: 18.03.2026].
14. Michael Kugelman,Thomas Tödtling, and Teresa Val. South Asia and multilateralism: Challenges and Correctives. Konrad Adenauer Foundation. 05.02.2025. New York Office. Манбаи эдектронӣ: www.kas.de/documents/273004/0/South+Asia+and+Multilateralism_Challenges+and+Correctives.pdf/ea77a81c-0609-6dcb-1804-39d0dd3d3d04?version=1.0&t=1738863133080. [Санаи муроҷиат: 15.02.2026].
15. Milton Walter Meyer, South Asia: A Short History of the Subcontinent, pages 1, Adams Littlefield, 1976. vi, 265 p.
16. Pandya, Abhinav. Why India accepts multipolar world with dignity. Манбаи электронӣ: https://usanasfoundation.com/why-india-accepts-multipolar-world-with-dignity. [Санаи муроҷиат: 30.03.2026].
17. Pandya, Abhinav. The National interest. What India Can Teach the U.S. About Multipolarity. Манбаи электронӣ: https://nationalinterest.org/feature/what-india-can-teach-us. [Санаи муроҷиат: 10.03.2026].
18. Saleem Qamar. Western Imperialism. The Nation. Pakistan. February 05, 2026. Манбаи электронӣ: https://www.nation.com.pk. [Санаи муроҷиат: 10.02.2026].
19. Wang, G. (2005). "The first three rulers of Malacca". Institute of Southeast Asian Studies. pp. 26–41. ISBN 9812303294

20.Zhan Mengshu. A Brief Overview of Alexander Wendt's Constructivism. Манбаи электронӣ: https://www.e-ir.info/2020/05/19/a-brief-overview-of-alexander-wendts-constructivism/.[Санаи муроҷиат: 5.02.2026].

21.Amer Ziab al-Tamimi. India and the Gulf: ancient trading ties still flourishing today. Манбаи электронӣ: https://en.majalla.com/node/326362/business-economy/india-and-gulf-ancient-trading-ties-still-flourishing-today [Санаи муроҷиат: 15.01.2026].

22.Алексеева Н.Н. ИНДОКИТАЙ . 4 Январ 2018 сол. // Энсиклопедияи бузурги рус. Ҷилди 11. Москва, 2008. Муқаддима. Саҳ 310.

23.Баррасии дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистону Ҳиндустон. Рӯзномаи Asia-Plus. 31.03.2021. Манбаи электронӣ: https://asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/politics/20210331/barrasii-durnamoi-amkorioi-toikistonu-induston. [Санаи муроҷиат: 15.01.2026].

24.Мирсаид, Раҳмонов. Водии Кашмир ва корномаи адабии Ҳамиди Кашмирӣ. Фараҳ. 03.02.2024. Манбаи электронӣ: https://www.osiyoavrupo.tj/ru/post/murure-ba-vodii-kashmir-va-kornomai-adabii-amidi-kashmir. [Санаи муроҷиат: 25.01.2026].

25.Нигора, Файзуллоева ва Ибрагимова Мадинахон. Ҳадафҳои геополитикиии Ҳиндустон дар минтақаи Осиёи Марказӣ. Маҷаллаи Осиё ва Аврупо. №4 (24)б 2025. саҳ.53

26.Нилуфари Роднажод. Ҷаҳон дар 50 соли оянда.Тааммуле ба нигошти тиҷории қудратҳо.саҳ.106.

27.Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: аз умумияти таърихиву фарҳангӣ ба ояндаи умумии осудаҳолона. Рӯзномаи Овози тоҷик. 17 Июл 2021. Манбаи электронӣ: https://ovozitojik.uz/news/5560. [Санаи муроҷиат: 25.01.2026].

28.Политическая география и геополитика : история идей : библиографический указатель / Научная библиотека им. И.Г. Тюлина МГИМО МИД России. – М.,2022. – 104 с. Стр 10

29.Раҳмонов, Мирсаид. Созмони минтақавии SAARC заминагузори асосӣ дар коҳиши мушкилоти мубрами Осиёи Ҷанубӣ ва рушди ҳамгироии он. Манбаи электронӣ: https://www.osiyoavrupo.tj/en/post/sozmoni-minta-avii-saarc-zaminaguzori [Санаи муроҷиат: 25.01.2026].

30.Раҳмонов, Мирсаид. Хурдтарин кишвари Осиё. Манбаи электронӣ: https://www.osiyoavrupo.tj/en/post/khurdtarin-kishvari-osijo. [Санаи муроҷиат: 15.03.2026].

31.Раҳмонов, Мирсаид. Ҳамкориҳои минтақавӣ дар доираи СҲШ: Тавонмандиҳо, Таҳдидҳо ва тавсияҳо. Маҷаллаи Осиё ва Аврупо. №2 (22), 2025.Саҳ.117

32.Турсунзода, Мирзо. Дӯсти бузург ва ҳамсояи мо. Ҷилди чорум. Мақолаҳо ва тарҷумаҳо.Душанбе, Нашриёти "Ирфон". 1985. Саҳ.71.

## СТАТУС СТРАН ЮЖНОЙ АЗИИ В МНОГОПОЛЯРНОМ МИРЕ

В данной статье автор анализирует и обсуждает формирование и положение стран Южной Азии в процессе формирования многополярного мира. Автор предоставляет информацию и комментарии о географическом положении Южноазиатского региона, а также стран и государств, находившихся под его влиянием и оказывавших на него влияние. Из проведенного автором обзора становится ясно, что Южноазиатский регион, с его крупными и малыми государствами, развитием промышленности, туризма, переработки природных ресурсов и технологическим развитием, рассматривается как стратегически важное место и играет роль в процессе формирования многополярного мира.

Пакистан и Индия входят в число крупнейших стран Южноазиатского региона, обладающих богатым экономическим, торговым, промышленным и технологическим потенциалом и возможностями, и активно участвующих в глобальных программах ООН и региональных форумах. Таким образом, в процессе формирования многополярного мира страны Южной Азии, включая Индию и Пакистан, играют роль в решении актуальных глобальных проблем и предлагают эффективные и своевременные решения сложных задач.

Обе страны, благодаря своему стратегическому положению в отношении актуальных региональных проблем, тесно сотрудничают с различными странами, особенно Центральной Азии, в рамках многосторонних соглашений, организаций и форумов, включая ШОС. Автор статьи, с учетом этих характеристик и стратегий, рассмотрел роль и положение стран Южной Азии в процессе формирования многополярного мира.

***Ключевые слова***: *Южная Азия, Юго-Восточная Азия, Центральная Азия, ООН, ШОС, сотрудничество, позиция, концепция многополярного мира, региональные проблемы, природные ресурсы*

## SOUTH ASIAN COUNTRIES' STATUS IN A MULTIPOLAR WORLD

In this article, the author analyzes and discusses the formation and position of South Asian countries in the emergence of a multipolar world. The author provides information and commentary on the geographic location of the South Asian region, as well as the countries and states influenced by it and influencing it. The author's review makes it clear that the South Asian region, with its large and small states, industrial development, tourism, natural resource processing, and technological advancement, is viewed as strategically important and plays a role in the formation of a multipolar world.

Pakistan and India are among the largest countries in the South Asian region, possessing rich economic, trade, industrial, and technological potential and capabilities, and actively participating in global UN programs and regional forums. Thus, in the process of forming a multipolar world, South Asian countries, including India and Pakistan, play a role in addressing pressing global issues and offering effective and timely solutions to complex challenges. Due to their strategic position with respect to pressing regional issues, both countries cooperate closely with various countries, particularly Central Asia, within the framework of multilateral agreements, organizations, and forums, including the SCO. Taking these characteristics and strategies into account, the author of this article examines the role and position of South Asian countries in the process of forming a multipolar world.

***Keywords:*** *regional, South Asia, Southeast Asia, Central Asia, UN, SCO, cooperation, position, concept of a multipolar world, formation, natural resources.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Раҳмонов Мирсаид Миршарифович, ходими калони илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: +992 919-29-31-05, E-mail: esrp_mirsaid@yahoo.co.uk ORCID: 0009-0004-0818-6513

**Сведение об авторе**: Рахмонов Мирсаид Миршарифович, старший научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, адрес: г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. телефон:+992 919-29-31-05;E-mail: esrp_mirsaid@yahoo.co.uk ORCID: 0009-0004-0818-6513

**Information about Author**: Rahmonov Mirsaid Mirsharifovich, senior research fellow of Department of South-East Asia of the Institute for Asian and European Studies of NAST, address: Dushanbe, Rudaki avenue, 33. Phone: +992 919-29-31-05;E-mail: esrp_mirsaid@yahoo.co.uk

ORCID: 0009-0004-0818-6513

**УДК:327.722**

# ТАҲДИДУ ХАТАРҲОИ МУОСИР ДАР БАХШИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ ДАР МАРЗИ МАСЪУЛИЯТИ СААД: ТАҲЛИЛИ ОМИЛҲОИ ТРАНСФОРМАТСИОНИИ МУҲИТИ АМНИЯТӢ

**Давлатов Зубайдулло**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

*Дар мақола хусусиятҳои таҳаввули таҳдиду хатарҳои муосир дар минтақаи масъулияти СААД мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муҳити имрӯзаи амниятӣ аз таъсири ҳамзамони омилҳои ҳарбӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва экологӣ шакл мегирад.*

*Муаллиф бар он назар аст, ки таҳдидҳои анъанавии ҳарбӣ тадриҷан ҷойи худро ба таҳдидҳои гибридӣ, киберӣ ва трансмиллӣ медиҳанд, ки идоракунии онҳо ҳамоҳангии бештари байнидавлатиро талаб менамояд. Дар мақола модели консептуалии «амнияти бисёрсатҳӣ» пешниҳод мегардад, ки дар он таҳдидҳо ҳамчун низоми ба ҳам алоқаманди омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ арзёбӣ мешаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *Саад, амнияти минтақавӣ, таҳдидҳои гибридӣ, киберамният, терроризм, экстремизм, Осиёи Марказӣ, геосиёсат, геополитика, амнияти бисёрсатҳа.*

## Муқаддима

Таъғирёбии низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки муҳити амниятии минтақаҳои масъулияти созмонҳои амниятӣ нисбат ба солҳои қаблӣ хеле мураккаб гардидааст. Агар дар гузашта хавфи таҷовузи мустақими ҳарбӣ меҳвари асосии сиёсати амниятиро ташкил медод, имрӯз таҳдидҳо шакли бисёрҷанба гирифта, дар ҳамбастагии омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва технологӣ зуҳур мекунанд.

Фазои масъулияти СААД низ аз ин раванд истисно нест. Ҷойгиршавии кишварҳои аъзо дар минтақаҳои аз нигоҳи геополитикӣ ҳассос, ҳаммарзӣ бо минтақаҳои низоъхез, рушди технологияҳои рақамӣ ва афзоиши рақобати қудратҳои ҷаҳонӣ ба муҳити амниятии созмон таъсири мустақим мерасонанд.

Хусусияти таҳдидҳои муосир дар он аст, ки онҳо дигар танҳо хусусияти ҳарбӣ надоранд. Як ҳамлаи киберӣ метавонад фаъолияти зерсохторҳои муҳими давлатро халалдор намояд, дар ҳоле ки маъракаҳои иттилоотӣ метавонанд ба суботи сиёсӣ таъсири ҷиддӣ расонанд. Дар чунин шароит амнияти минтақавӣ на танҳо аз иқтидори ҳарбӣ, балки аз устувории институтҳои давлатӣ, иқтисоди миллӣ, фазои иттилоотӣ ва сатҳи ҳамгироии байнидавлатӣ вобаста мегардад.

**Мақсади асосии таҳқиқот** ба риштаи таҳлил кашидани таъсири таҳдиду хатарҳои замони муосир ва сабабҳои трансформатсияи ин таҳдидҳо. Дар шароити муосири таъғирёбии муҳити геополитикӣ ва пайдоиши таҳдидҳои нави амниятӣ масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ барои давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷмъи (минбаъд СААД) аҳамияти хосаи илмӣ ва амалӣ касб намудааст. Тансформатсияи таҳдидҳои анъанавии ҳарбӣ ба таҳдидҳои гибридӣ, киберӣ, иттилоотӣ ва дигар хатарҳои ғайрианъанавӣ зарурати бознигарии муносибатҳои давлатҳои минтақаи масъулияти СААД – ро ба миён овардааст.

Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур аз таҳлили хусусиятҳои таҳдиду хатарҳои муосир дар бахши амнияти минтақавӣ дар фазои масъулияти СААД, муайян намудани омилҳои асомии таъсиррасонии онҳо ба суботи минтақавӣ ва арзёбии дурнамои такмили механизмҳои таъмини амнияти дастаҷамъӣ иборат мебошад. Ҳамзамон дар таҳқиқот кӯшиш ба анҷом дода шудааст, ки робитаи мутақобилаи таҳдидҳои ҳарбӣ, геополитикӣ, киберӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун унсурҳои як низоми ягонаи хавҳо асоснок карда шавад.

**Методҳои таҳқиқот.** Асоси методолигии таҳқиқотро маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқоти сиёсӣ ташкил медиҳад. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои таҳлилу таркиб, муқоисаи илмӣ, таҳлили системавӣ, таҳлили сохторӣ – функсионадӣ ва усули муқоисавии равандҳои сиёсӣ истифода гардидаанд, ки онҳо барои ошкор намудани хусусиятҳои таҳдидҳои муосир ва таъсири онҳо ба амнияти минтақавӣ мусоидат намуданд.

Ҳамчунин барои арзёбии ҳамаҷонибаи муҳити амниятии минтақаи масъулияти СААД равиши комплексӣ ва усули пешгӯии илмӣ истифода гардид. Тадбиқи ин усулҳо имконият дод, ки таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҳамчун низоми ба ҳам алоқаманди хавфҳо

таҳлил гардида, самтҳои афзалиятноки такмили сиёсати амниятии СААД дар шароити муосири геополитикӣ асоснок карда шаванд.

Гуруҳҳои террористи имрӯз шакл ва усулҳои фаъолияти худро мутобиқ ба технологияҳои нав тағйир медиҳанд. Агар қаблан фаъолияти онҳо бештар дар шакли амалиёти мусаллаҳона зоҳир мегардид, имрӯз истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, криптовалюта, технологияҳои рамзгузорӣ ва ҷалби фосилавии тарафлорон ба яке аз воситаҳои асосии фаъолияти онҳо табдил ёфтааст.

Барои кишварҳои минтақа хавфи асосӣ на танҳо воридшавии ҷангиён, балки ташаккули шабакаҳои пинҳонии маблағгузорӣ, таблиғоти идеологӣ ва радикализатсияи ҷавонон мебошад.

Имрӯз ҳеҷ қудрати ҷаҳонӣ ва ҳеҷ давлати алоҳидае нест, ки тавонад бо терроризм ба танҳоӣ мубориза барад. Зеро ин падидаи манҳус аз марзи ҳамаи кишварҳо фаротар рафтаву оламро фаро гирифтааст ва кишваре нест, ки аз хатари он эмин бошад [1].

Яке аз хусусиятҳои муҳими муҳити амниятии асри XXI рақамикунонии инфрасохтори давлатӣ мебошад. Ин раванд ҳамзамон имкониятҳои рушд ва осебпазирии навро ба вуҷуд меорад. Ҳамлаҳо ба низоми энергетикӣ, шабакаҳои алоқа, бахши молиявӣпойгоҳҳои манбаҳои иттилоотӣ ва низомҳои нигаҳдории маълумоти рақамӣ метавонанд бе истифодаи қувваи ҳарбӣ ба амнияти миллӣ зарари ҷиддӣ расонанд.

Дар марзи масъулияти СААД ташкили низоми ягонаи мониторингӣ кибертаҳдидҳо, мубодилаи фаврии иттилоот ва ҳамоҳангсозии стандартҳои амнияти рақамӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ барои давлатҳои аъзои СААД таҳдиди дигаре ба шумор меравад. Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши ғайриқонунии силоҳ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва гардиши маблағҳои ғайриқонунӣ на танҳо иқтисоди давлатҳоро заиф мегардонанд, балки метавонанд манбаи маблоғгузории терроризм низ бошанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.04.2002 таъкид намуда буданд, ки «мавқеи устувори минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ пайдо кардани терроризми байналхалқӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи яроқ, ҷинояткории муташаккил, ҳамчунин паҳншавии ғояҳои зӯроварӣ, тарғиботи зараровари мазҳабию идеологӣ ва ба воситаҳои иттилоотии омма роҳ ёфтани онҳо мебошад»[2].

Мавқем ҷойгиршавии ҷуғрофии баъзе кишварҳои минтақа онҳоро ба долони транзитии чунин фаъолиятҳо табдил медиҳад, ки ҳамоҳангии минтақавиро боз ҳам муҳим месозад. Таҳлили раванди сиёсати глобалӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шиддати рақобати геополитикӣ ботаҷрид ба минтақаҳои гуногуни стратегии Авруосиё таъсири манфии худро мерасонад.Ин ҳолат метавонад фазои мамлакатҳои СААД – ро ба майдони рақобати манфиатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, энергетикӣ ва технологӣ табдил диҳад. Ин гуна сурат гирифтани таҳавулоти авзои сиёсӣ зарурати нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои миллӣ ва уҳдадориҳои кишварҳои аъзои СААД – ро тақозо менамояд.

Пушида нест, ки муҳити иттилоотӣ имрӯз ба яке аз самтҳои асосии муқовимати геополитикӣ мубаддал гардидааст. Расонаи намудани маълумоти бардурӯғ, амалиёти таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ барои истеҳсоли маълумоти сохта ва таҳрики низоъҳои иҷтимоӣ метавонанд бе истифодаи силоҳ ба суботи сиёсӣ таъсир расонанд. Дар ҳамин асос, амнияти иттилоотӣ бояд ҳамчун қисми таркибии амнияти миллӣ ва минтақавӣ арзёбӣ гардад.

Аммо омиле ҳаст, ки мутаасифона камтар мавриди омузиш қарор гирифтааст, ин таъсири таъғирёбии иқлим ба амнияти минтақавӣ мебошад. Коҳиши захираҳои об, афзоиши шумораи офатҳои табиӣ, муҳоҷирати экологӣ ва рақобат барои истифодаи захираҳои табии яке аз сабабҳои шиддати ноустувории иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда метавонад. Дар чунин шарот амнияти экологӣ ботаҷрид ба қисми таркибии амнияти дастаҷамъи табдил меёбад.

Рақибони асосӣ гардидани давлатҳо бо он шарҳ дода мешавад, ки захираҳои об қисми таркибии ҳудуди давлатҳоро ташкил медиҳанд ва ҳудуд дар навбати худ асоси соҳибихтиёрӣ мебошад. Дар робита ба ин мантиқист, ки барои сарватҳои арзишманд, қиматбаҳо ва камёфт давлатҳо ҳангоми рақобат ва ё кушиши дастраси ба он аз роҳҳои низомӣ низ кор мегиранд [3].

Имрӯз амният раванди босуръат ба раванди бисёрсатҳа табдил ёфта истодааст. Ба андешаи мо таҳдидҳо дар панҷ сатҳ амал мекунанд:

1. Сатҳи шахсӣ (радикализатсия, таъсири иттилоотӣ);
2. Сатҳи давлатӣ (нооромии сиёсӣ, киберҳамлаҳо);
3. Сатҳи байнидавлатӣ (низоъҳои сарҳадӣ ва геополитикӣ);
4. Сатҳи минтақавӣ (терроризм, ҷинояткории фаромиллӣ);
5. Сатҳи глобалӣ (рақобати қудратҳои бузург, тағйирёбии иқлим ва хавфҳои технологӣ);

Бояд дар назар дошт, ки таҳдидҳо падидаи ҷудогона набуда, балки ҳамчун низоми яклухти ба ҳам вобаста ба амал меоянд.Агар табиати таҳдидҳои муосир дуруст омухта шаванд метавонанд самаранокии фаъолияти СААД – ро баланд бардоранд. Ба андешаи мо ин самтҳо чунинанд:

- ташкили маркази ягонаи таҳлили стратегӣ;
- рушди иқтидори киберамният;
- густариши мубодилаи иттилооти фаврӣ;
- ҳамоҳангсозии сиёсати муқовимат ба терроризм ва экстремизм;
- истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ барои пешгӯии таҳдидҳо;
- рушди низоми ягонаи идоракунии ҳолатҳои фавқулода;
- таҳкими ҳамкории илмӣ байни муассисаҳои тадқиқотии кишварҳои аъзо;

Муҳити амниятии асри XXI аз хусусиятҳои мураккаб, динамикӣ ва пешгӯинашаванда ташаккул ёфтааст. Барои фазои масъулияти СААД таҳдидҳои асосӣ дигар танҳо дар шакли таҷовуси ҳарбӣ зоҳир намешаванд, балки терроризм, киберҳамлаҳо, ҷинояткории фаромиллӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ, рақобати геосиёсӣ ва тағйирёбии иқлим низ ба унсурҳои бисёр муҳими амнияти минтақавӣ табдил ёфтаанд.

Навгонии консептуалӣ, яъне модели амнияти бисёрсатҳа имкон медиҳад, ки таҳдидҳои муосир ҳамчун низоми ягонаи ба ҳам алоқаманд таҳлил карда шаванд. Чунин тарзи корбурд метавонад барои такмили асосҳои назариявии сиёсати амниятии СААД ва таҳияи механизмҳои нави ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ ҳамчун заминаи илмӣ истифода гардад.

Дар замони муосир, ки марҳила ба марҳила таҳдидҳои нав пайдо шуда истодаанд, омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала бояд ба таври доимӣ ба роҳ монда шавад. Дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ шинохти таҳдидҳо кафили таъмини суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [4].

Таҳлили муҳити амниятии муосир нишон медиҳад, ки дар фазои масъулияти СААД таҳдидҳо дигар хусусияти мустақил надоранд. Ин таҳдидҳо дар шакли низоми мураккаби омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ ва ҳарбӣ амал мекунанд. Маълум аст, ки дар назарияи амният таҳдид одатан ҳамчун амали мустақими як давлат нисбат ба давлати дигар арзёбӣ мегардид, акнун имрӯз чунин муносибат воқеиятро инъикос карда наметавонад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, инқилоби рақамӣ, рушди технологияҳои коммуникатсионӣ ва тағйирёбии сохтори муносибатҳои байналмилалӣ сабаби таҳдидҳо бидуни назорати давлатҳо ташаккул ёфта, хусусияти фаромиллӣ пайдо намоянд. Чунин сурат гирифтани воқеият манбаи таҳдид ва механизми паҳншавии он дигаргуг шудааст. Ҳатто агар таҳдид дар ҳудуди як давлат ба вуҷуд ояд, таъсири он метавонад дар муддати кӯтоҳ тамоми минтақаи масъулияти СААД – ро фаро гирад.

Масъалаи калидӣ танҳо афзоиши шумораи таҳдидҳо нест, балки тағйир ёфтани сифати онҳост. Таҳдиди муосир дигар ҳамчун як ҳодисаи алоҳида зуҳур намекунад. Ба таҳдидҳо бештар омилҳои зиёде таъсир мерасонанд, ки аз ҳамгироии чандин омил иборат буда, дар натиҷаи баҳамтаъсиррасонии онҳо қобилияти бештар барои ноором сохтани муҳити амниятиро пайдо мекунад. Барои мисол бӯҳрони иқтисодӣ метавонад боиси афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ гардад, муҳоҷират дар навбати худ имконияти вурудшавии унсурҳои ҷиноятпешаро зиёд намояд, шабакаҳои ҷиноятӣ барои маблағгузории фаъолияти террористи истифода шаванд ва фаъолияти онҳо ба воситаи технологияҳои иттилотӣ ба давлатҳои дигар интиқол ёбад. Имрӯз миёни навъҳои гуногуни таҳдидҳо (сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, иттилоотӣ) сарҳади возеҳ вуҷуд надорад.

Амнияти фазои масъулияти СААД хусусиятҳои хос низ дорад. Рушди ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳамгироии давлатҳо мустаҳкам мегардад, барои ташаккули механизмҳои муштараки амниятӣ имконият фароҳам меорад. Аз дигар ҷиҳат, рақобати геополитикии

қудратҳои бузург дар Авруосиё шиддат гирифта, ҳар як таъғироти сиёсӣ метавонад ба тавозуни қувваҳо таъсири мустақим расонад. Ин чунин маъно дорад, ки амнияти минтақавӣ дигар танҳо масъалаи муносибати байни давлатҳои аъзои СААД нест, балки ба равандҳое вобаста мебошад, ки берун аз ҳудуди созмон ташаккул меёбанд.

Ҳамин аст, ки дар илми сиёсатшиносӣ солҳои охир мафҳуми «гибридикунонии таҳдидҳо» бештар мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ин ҳолат чунин хулоса бармеояд, ки барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ дигар ҳатман истифодаи қувваи ҳарбӣ зарур нест. Фишори иқтисодӣ, ҳамлаҳои киберӣ, амалиёти иттилоотӣ, таъсиррасони ба афкори ҷамъиятӣ, истифодаи сохторҳои ғайридавлатӣ, тахрики эътирозҳои иҷтимоӣ ва ҳатто таъсир ба бозорҳои молиявӣ метавонад дар маҷмӯъ натиҷае ба бор оваранд, ки дар гузашта танҳо тавассути амалиёти ҳарбӣ имконпазир буд. Аз ин рӯ, ҷанги муосир бештар ба мубориза барои идоракунии иттилоот, захираҳо, технология ва шуури ҷомеа табдил ёфтааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар суханрониашон дар ШАД СААД 15.09.2015 қайд намуда буданд: «ба назари мо, зарур аст, ки САД бо Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки ҳадафҳои ҳамсон доранд, робитаро густариш бахшад, ки ин ба ҳамоҳангӣ ва мувофиқаҳое, ки дар сатҳҳои гуногуни кӯшишҳои амниятӣ андешида мешаванд, мусоидат мекунад»[5].

Ҳамаи давлатҳои шомил ба СААД боз хусусияти дигари муҳими умумӣ мавҷуд аст. Ин давлатҳо дар фазои ягонаи таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ташаккул ёфтаанд. Ҳамин аст, ки ҳар гуна бухрони дохилии як давлат метавонад дар андак вақт ба кишварҳои шамсоя низ таъсир расонад. Чунин вобастагию ба ҳам таъсиргузор будан талаб мекунад, ки амнияти минтақавӣ на ҳамчун маҷмӯи амнияти миллӣ, балки ҳамчун низоми ягона арзёбӣ гардад. Чунин ба танзим даровардани муносибатҳои давлатҳои минтақа устувории ҳар як давлат ба сатҳи устуворӣ ва суботи тамоми минтақа мусбат таъсир мерасонад. Дар ҳамин асос метавонем мантиқан асоснок намоем, ки принсипи амнияти дастаҷамъӣ танҳо уҳдадории ҳуқуқӣ нест, балки зарурати объективии рушди минтақа мебошад.

Аз назари амниятӣ муҳити имрӯзаи фазои масъулияти СААД – ро метавон ҳамчун низоми динамикие арзёбӣ кард, ки дар он таҳдидҳо пайваста шакли худро иваз менамоянд. Кишварҳое, ки танҳо ба таҳдидҳои дирӯза омодагӣ мегиранд, эҳтимолияти зиёд дорад, ки бо таҳдидҳои фардо рӯ ба рӯ шуда, имконивокуниши саривақтиро аз даст диҳанд. Вазифаи асосии созмон бояд на танҳо вокуниш ба таҳдидҳои мавҷуда, балки пешгӯӣ ва муайян намудани таҳдидҳое бошад, ки ҳоло дар марҳилаи ташаккул қарор доранд. Дар оянда танҳо қобилияти решбинӣ намудани таъғироти муҳити амниятӣ метавонад ба омили асосии самаранокии сиёсати амниятии СААД табдил ёбад.

**Хулоса.** Аз таҳлилҳои анҷомдодашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки муҳити амниятии минтақаи масъулияти СААД имрӯз бо сатҳи баланди мураккабӣ, тайиғирпазирӣ ва пешгӯинашавандагӣ тавсиф мешавад. Дар чунин шароит истифодаи моделҳои анъанавии таъмини амният, ки танҳо ба муқовимати ҳарбӣ такя мекунанд, дигар ҷавобгӯи воқеияти геополитикии асри XXI нест. Таъмини суботи минтақавӣ муносибати фарогирро талаб мекунад, ки дар он омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ, технологӣ ва экологӣ ҳамчун унсурҳои ба ҳам вобастаи муҳити амниятӣ арзёбӣ гарданд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар асоснок намудани зарурати гузариш аз модели анъанавии «мудофиаи дастаҷамъӣ» ба модели «идоракунии комплексии амнияти минтақавӣ» ифода меёбад. Ин равиш метавонад барои такмили фаъолияти СААД, баланд бардоштани самаранокии низоми пешгирии таҳдидҳо ва таҳкими устувории амнияти минтақа заминаи назариявӣ ва амалӣ фароҳам оварад.

**Адабиёт**

1. Муқовимат бо терроризм ва экстремизм.Маҷмуи мақолаҳо.- Душанбе: “Дониш”, 2026.- 639с. Саҳ.- 9
2. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон (маҷмӯи паёмҳо).- Хуҷанд:Хуросон, 2019.- 604 с. Саҳ.55 – 56
3. Қувватзода С.З. Дипломатияи об. Қувватзода С.З. Душанбе.: Нашриёти мубориз, 2023.- С.-502. Саҳ.-55 – 56
4. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методӣ. Душанбе.: «Эр - граф» 2023.- С.-419. Саҳ.- 388

5. Сомонаи https://khovar.tj/https://khovar.tj/2015/09/suhanronii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-emomal-ra-mon-dar-shad-saad-dar-ajati-vase/Санаи дархост:24.07.2026

## СОВРЕМЕННЫЕ УГРОЗЫ И РИСКИ В РЕГИОНАЛЬНОМ СЕКТОРЕ БЕЗОПАСНОСТИ В ЗОНЕ ОТВЕТСТВЕННОСТИ СААД: АНАЛИЗ ФАКТОРОВ ТРАНСФОРМАЦИИ СРЕДЫ БЕЗОПАСНОСТИ

В статье проанализированы особенности эволюции современных угроз и вызовов в зоне ответственности Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ). Современная среда безопасности формируется под одновременным воздействием военных, политических, информатсионных, экономических, технологических и экологических факторов.

Автор считает, что традиционные военные угрозы постепенно уступают место гибридным, кибернетическим и транснациональным угрозам, противодействие которым требует более высокого уровня межгосударственной координации. В статье предложена концептуальная модель «многоуревневой безопасности», в рамках которой угрозы рассматривабтся как взаимосвязанная система внутренних и внешних факторов.

**Ключевые слова:** ОДКБ, региональная безопасность, гибридные угрозы, кибербезопасность, терроризм , экстремизм, Центральная Азия, геополитика, многоуровневая безопасность.

## MODERN THREATS AND RISKS IN THE REGIONAL SECURITY SECTOR IN THE AREA OF RESPONSIBILITY OF SAAD: ANALYSIS OF TRANSFORMATIONAL FACTORS OF THE SECURITY ENVIRONMENT

The article analyzes the evolution of contemporary threats and challenges within the area of responsibility of the Collective Security Treaty Organization (CSTO). The current security environment is shaped by the simultaneous influence of military, political, informational, economic, technological, and environmental factors.

The author argues that traditional military threats are gradually being replaced by hybrid, cyber, and transnational threats, countering which requires a higher level of interstate coordination. The article proposes a conceptual model of "multilevel security," within which threats are viewed as an interconnected system of internal and external factors.

**Keywords:** Collective Security Treaty Organization (CSTO), regional security, hybrid threats, cybersecurity, terrorism, extremism, Central Asia, geopolitics, multilevel security. Collective Security Treaty Organization (CSTO), regional security, hybrid threats, cybersecurity, terrorism, extremism, Central Asia, geopolitics, multilevel security.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатов Зубайдулло Абдуллоевич**-ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; Телефон: 005507647, почтаи электронӣ: davlatov5757@mail.ru ORCID:0009-0007-4605-8039

**Сведения об авторе:Давлатов Зубайдулло Абдуллоевич**-старший научный сотрудник отдела Содружества Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33; Телефон: 005507647, электронная почта: davlatov5757@mail.ru ORCID:0009-0007-4605-8039

**About the author: Davlatov Zubaydullo Abdulloevich-** Senior Researcher, Department of the Commonwealth of Independent States, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33; Phone: 005507647, e-mail: davlatov5757@mail.ru ORCID:0009-0007-4605-8039

ТДУ: 327(73+71):321.01(575.3)

# МАҚОМ ВА НАҚШИ ШМА ВА КАНАДА ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАМОНИ МУОСИР ВА ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Расулзода Аслам Зафар**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақолаи мазкур мақом ва нақши Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ва Канада дар низоми муносибатҳои байналмилалии замони муосир, хусусиятҳои асосии иқтидори сиёсӣ, иқтисодӣ, илмию технологӣ ва фарҳангии онҳо, инчунин имконияти истифодаи таҷрибаи ин давлатҳо дар раванди таҳкими давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки таҷрибаи ШМА ва Канада барои Тоҷикистон на ҳамчун қолаби омодаи кӯчонидан, балки ҳамчун маҷмӯи усулҳо, механизмҳо ва таҷрибаҳои идоракунии давлатӣ, рушди сармояи инсонӣ, ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ бо равандҳои ҷаҳонӣ, истифодаи неруи илм, таҳкими ниҳодҳои давлатӣ ва ташаккули фарҳанги сиёсии шаҳрвандӣ аҳаммияти омӯзишӣ дорад. Дар мақола инчунин ҷойгоҳи Тоҷикистон дар сиёсати бисёрсамта, зарурати тақвияти робитаҳои илмӣ, таҳқиқотӣ, иқтисодӣ ва технологӣ бо кишварҳои Амрикои Шимолӣ ва роҳҳои мутобиқсозии таҷрибаи онҳо ба шароити миллӣ баррасӣ шудааст. [6; 7; 8; 9].

**Калидвожаҳо:** *муносибатҳои байналмилалӣ, ШМА, Канада, давлатдории миллӣ, сиёсати хориҷӣ, манфиатҳои миллӣ, сармояи инсонӣ, неруи нарм, амнияти миллӣ, Тоҷикистон.*

## Муқаддима

Муносибатҳои байналмилалии замони муосир дар марҳилаи тағйироти амиқ қарор доранд. Баъди поёни ҷанги сард, рушди босуръати ҷаҳонишавӣ, густариши технологияҳои иттилоотӣ, рақобати қудратҳои бузург, зуҳури марказҳои нави иқтисодӣ ва сиёсӣ, ҳамчунин шиддат гирифтани таҳдидҳои фаромиллӣ муҳити ҷаҳониро ба низоми чандқабата ва бисёрқутбӣ табдил додаанд. Дар чунин шароит ҳар як давлат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷбур аст сиёсати хориҷӣ ва дохилии худро бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, имкониятҳои воқеӣ ва талаботи замон муайян намояд. [4; 5; 16].

ШМА ва Канада ҳамчун ду давлати бузурги Амрикои Шимолӣ дар низоми ҷаҳонӣ нақши муҳим доранд. ШМА аз нигоҳи иқтидори иқтисодӣ, ҳарбӣ, илмию технологӣ, молиявӣ ва фарҳангӣ яке аз марказҳои асосии низоми байналмилалӣ ба шумор меравад. Канада бошад, бо модели давлатдории устувор, низоми федералии идоракунӣ, сиёсати муътадили хориҷӣ, таҷрибаи ҳамзистии фарҳангҳо, рушди илм ва маориф ва иштироки фаъол дар созмонҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи хос дорад.

Барои Тоҷикистон омӯзиши таҷрибаи ШМА ва Канада аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Давлати тоҷикон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба марҳилаи нави таърихӣ ворид гардида, масъалаҳои таҳкими истиқлолияти сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодӣ, ташаккули ниҳодҳои муосири давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи маориф ва илм, таъмин намудани амният ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба авлавиятҳои асосии сиёсати давлатӣ табдил ёфтанд.

Таҳкими давлатдории миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ танҳо бо такя ба арзишҳои дохилӣ ва хотираи таърихӣ амалӣ намегардад. Он ҳамзамон омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ, интихоби оқилонаи унсурҳои мувофиқ, мутобиқсозии онҳо ба воқеияти миллӣ ва ташкили низоми идоракунии самаранокро талаб менамояд. Аз ин рӯ, таҳлили мақом ва нақши ШМА ва Канада дар муносибатҳои байналмилалӣ метавонад барои дарки беҳтари равандҳои ҷаҳонӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои Тоҷикистон мусоидат намояд.

Мақсади асосии мақола таҳлили илмии ҷойгоҳи ШМА ва Канада дар сиёсати ҷаҳонӣ ва муайян намудани самтҳое мебошад, ки таҷрибаи онҳо метавонад дар таҳкими давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Барои расидан ба ин ҳадаф масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор мегиранд: хусусиятҳои низоми байналмилалии муосир, пояҳои қудрати ШМА ва Канада, таҷрибаи давлатдорӣ ва идоракунии онҳо, робитаҳои Тоҷикистон бо ин давлатҳо ва имкониятҳои истифодаи таҷрибаи Амрикои Шимолӣ дар шароити миллӣ.

**1. Хусусиятҳои низоми муносибатҳои байналмилалии замони муосир**

Низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар асри XXI аз чанд хусусияти асосӣ иборат аст. Аввалан, вобастагии мутақобилаи давлатҳо дар соҳаҳои иқтисод, амният, технология, иттилоот ва муҳити зист афзоиш ёфтааст. Имрӯз ҳеҷ як давлат наметавонад худро аз равандҳои ҷаҳонӣ пурра ҷудо нигоҳ дорад. Бозорҳои молиявӣ, занҷираҳои истеҳсолӣ, муҳоҷират, шабакаҳои иттилоотӣ ва равандҳои илмӣ давлатҳоро ба ҳам пайванд медиҳанд. [10; 12; 16].

Дуюм, рақобати геополитикӣ миёни қудратҳои бузург боз ҳам мураккаб гардидааст. Агар дар давраи ҷанги сард ҷаҳон бештар ба ду блок тақсим шуда бошад, имрӯз дар баробари ШМА, Иттиҳоди Аврупо, Русия, Чин, Ҳиндустон, Туркия, кишварҳои Халиҷи Форс ва дигар марказҳои қудрат низ таъсиргузор шудаанд. Ин раванд барои кишварҳои миёна ва хурд ҳам имконият ва ҳам хатар ба вуҷуд меорад: аз як тараф, онҳо метавонанд сиёсати бисёрсамта пеш баранд, аз тарафи дигар, бояд эҳтиёт кунанд, ки ба майдони рақобати манфиатҳои дигарон табдил наёбанд. [13; 15].

Сеюм, дар муносибатҳои байналмилалӣ нақши нерӯи нарм, илм, маориф, технология ва фарҳанг бештар мегардад. Давлатҳо на танҳо тавассути иқтидори ҳарбӣ ва иқтисодӣ, балки бо ҷалби донишҷӯён, мубодилаи илмӣ, грантҳо, забон, фарҳанг, воситаҳои ахбори омма ва платформаҳои рақамӣ таъсир мерасонанд. Ин ҳолат барои Тоҷикистон низ муҳим аст, зеро рушди сармояи инсонӣ ва шомилшавӣ ба фазои илмии ҷаҳонӣ ба яке аз шартҳои асосии пешрафти миллӣ табдил ёфтааст.

Чорум, таҳдидҳои муосир хусусияти фаромиллӣ доранд. Терроризм, ифротгароӣ, қочоқи моводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ, тағйирёбии иқлим, камбуди об, муҳоҷирати бенизом, паҳншавии иттилооти бардурӯғ ва бухронҳои иқтисодӣ аз марзҳои миллӣ убур мекунанд. Барои ҳалли онҳо танҳо иқдомҳои як давлат кофӣ нестанд; ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ зарур мебошад.

Панҷум, дар ҷаҳони муосир консепсияи амнияти миллӣ васеътар фаҳмида мешавад. Амнияти миллӣ дигар танҳо ҳифзи сарҳад ва иқтидори мудофиавӣ нест. Он инчунин амнияти иқтисодӣ, озуқаворӣ, энергетикӣ, иттилоотӣ, экологӣ, демографӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад. Аз ин нуқтаи назар, таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ташкили идоракунии муосир, таҳлили хавфҳо ва банақшагирии стратегӣ барои кишварҳои рӯ ба рушд аҳаммияти махсус дорад.

Дар чунин муҳит Тоҷикистон сиёсати хориҷии мустақил, сулҳҷӯёна ва бисёрсамтаро пеш мебарад. Моҳияти ин сиёсат дар он аст, ки кишвар бо ҳамаи давлатҳо ва марказҳои қудрат дар асоси эҳтироми соҳибихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳамкорӣ менамояд. Омӯзиши таҷрибаи ШМА ва Канада маҳз дар доираи ҳамин равиши мутавозин ва прагматикӣ бояд сурат гирад.

**2. ШМА ҳамчун қудрати марказии низоми байналмилалӣ** [8; 10; 11].

Штатҳои Муттаҳидаи Амрико аз охири асри XIX ва махсусан баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба яке аз қудратҳои асосии сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфт. Пас аз соли 1945 нақши ШМА дар ташкили низоми нави байналмилалӣ, таъсиси созмонҳо ва институтҳои молиявии ҷаҳонӣ, рушди низоми амнияти коллективӣ ва паҳншавии модели иқтисоди бозорӣ хеле назаррас гардид.

Яке аз асосҳои қудрати ШМА иқтидори иқтисодии он мебошад. Иқтисоди амрикоӣ дар тӯли даҳсолаҳо бо навоварӣ, рақобати озод, бозори васеи дохилӣ, рушди ширкатҳои трансмиллӣ, сармоягузории бузург ба илм ва технология ва низоми молиявии таъсиргузор

фарқ мекунад. Доллари ИМА ҳамчун яке аз асъорҳои асосии захиравии ҷаҳон ба Вашингтон имконияти таъсиррасонӣ ба равандҳои иқтисодии байналмилалиро медиҳад.

Пояи дигари нуфузи ШМА иқтидори илмию технологӣ мебошад. Донишгоҳҳо, марказҳои таҳқиқотӣ, ширкатҳои инноватсионӣ ва фазои рақобатпазири илмӣ дар рушди зеҳни сунъӣ, биотехнология, кайҳон, энергетика, тиб, технологияҳои иттилоотӣ ва амнияти киберӣ нақши пешсаф доранд. Маҳз пайванди илм, бозор ва сиёсати давлатӣ ба ШМА имкон додааст, ки бисёр соҳаҳои технологиро пеш барад.

Дар сиёсати хориҷӣ ШМА аз маҷмӯи воситаҳо истифода мебарад: дипломатия, иқтисод, кумакҳои рушд, созишномаҳои амниятӣ, институтҳои байналмилалӣ, таҳримҳо, нерӯи ҳарбӣ ва нерӯи нарм. Ин гуногунии воситаҳо ба Вашингтон имкон медиҳад, ки дар масъалаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таъсиргузор бошад. Ҳамзамон, сиёсати хориҷии ШМА ҳамеша мавриди баҳс ва арзёбии гуногун қарор дорад, зеро манфиатҳои миллӣ ва меъёрҳои эълоншудаи байналмилалӣ на ҳамеша ба таври яксон амалӣ мегарданд.

Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ШМА пеш аз ҳама ҳамчун шарики амниятӣ, иқтисодӣ, таълимӣ ва технологӣ аҳаммият дорад. Вашингтон дар солҳои гуногун дар самти таҳкими амнияти сарҳадӣ, мубориза бо терроризм, пешгирии қочоқи маводи мухаддир, дастгирии ислоҳоти иқтисодӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва барномаҳои таълимӣ бо кишварҳои минтақа ҳамкорӣ намудааст. [6; 8].

Бо вуҷуди ин, барои Тоҷикистон омӯзиши таҷрибаи амрикоӣ бояд интихобӣ ва танқидӣ бошад. Ҳар як модел дар заминаи таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии худ ташаккул ёфтааст. Он чизе, ки дар ҷомеаи амрикоӣ кор мекунад, наметавонад бе мутобиқсозӣ дар муҳити дигар самара диҳад. Аз ин рӯ, таҷрибаи ШМА бештар дар сатҳи механизмҳо — банақшагирии стратегӣ, рушди таҳқиқот, рақобати илмӣ, идоракунии донишгоҳҳо, дастгирии соҳибкорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва истифодаи самараноки дипломатияи ҷамъиятӣ — қобили омӯзиш мебошад.

Дар замони муосир қудрати ШМА танҳо дар нерӯи сахт ифода намеёбад. Тарзи ҳаёт, забони англисӣ, донишгоҳҳои бонуфуз, фарҳанги оммавӣ, шабакаҳои технологӣ, платформаҳои рақамӣ ва қобилияти ҷалби истеъдодҳо ба нерӯи нарми он табдил ёфтаанд. Ин нишон медиҳад, ки давлатдории муосир барои таъсиргузорӣ ба ҷаҳон бояд на танҳо қувваи ҳарбӣ, балки иқтидори маънавӣ, илмӣ ва фарҳангии баланд дошта бошад. [10; 11].

### 3. Канада дар низоми байналмилалӣ: модели давлатдории муътадил ва дипломатияи созанда [7; 9].

Канада дар муқоиса бо ШМА аз ҷиҳати иқтидори ҳарбӣ ва аҳолӣ хурдтар аст, аммо дар сиёсати ҷаҳонӣ ҳамчун давлати пешрафта, устувор ва дорои нуфузи хос шинохта мешавад. Нақши Канада бештар дар дипломатияи чандҷониба, сулҳпарварӣ, маориф, ҳифзи ҳуқуқ, идоракунии захираҳои табиӣ, сиёсати муҳоҷират, рушди илм ва ҳамзистии фарҳангҳо ифода меёбад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими Канада модели федералии давлатдорӣ ва идоракунии минтақавии он мебошад. Ин кишвар дорои вилоятҳо ва ҳудудҳои дорои ваколатҳои муайян буда, муносибати марказ ва минтақаҳо дар асоси қонун, муколама ва тақсимоти масъулият ба роҳ монда шудааст. Барои Тоҷикистон омӯзиши чунин таҷриба на ба маънои нусхабардории федерализм, балки ба маънои таҳлили механизмҳои ҳамоҳангсозии сиёсати миллӣ ва манфиатҳои маҳаллӣ муҳим аст.

Канада инчунин бо сиёсати бисёрфарҳангӣ шинохта мешавад. Дар ҷомеаи он гурӯҳҳои этникӣ, забонӣ ва фарҳангии гуногун зиндагӣ мекунанд. Давлат талош мекунад, ки ваҳдати шаҳрвандиро бо эҳтиром ба гуногунрангии фарҳангӣ пайванд диҳад. Барои Тоҷикистон, ки ваҳдати миллӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ ва тарбияи шаҳрвандии ҷавонон аз арзишҳои калидӣ ба шумор мераванд, таҷрибаи Канада дар самти идоракунии гуногунрангӣ, муколамаи иҷтимоӣ ва таҳкими ҳувияти шаҳрвандӣ қобили таҳлил аст.

Дар сиёсати хориҷӣ Канада аксаран ба созмонҳои байналмилалӣ, ҳамкории чандҷониба, ҳалли мусолиматомези баҳсҳо ва иштирок дар барномаҳои рушд такя мекунад. Ин равиш

барои кишварҳои хурду миёна низ омӯзанда аст, зеро дар ҷаҳони мураккаб дипломатияи мутавозин ва иштироки фаъол дар институтҳои байналмилалӣ метавонад нуфузи давлатро бештар аз ҳаҷми иқтисод ё неруи ҳарбӣ баланд бардорад. [9].

Системаи маориф ва илм дар Канада аз ҷиҳати байналмилалӣ ҷолиб аст. Донишгоҳҳои Канада на танҳо марказҳои таълим, балки марказҳои таҳқиқот, инноватсия ва ҳамкории саноатӣ мебошанд. Давлат ва бахши хусусӣ барои рушди илм, ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ва омода кардани мутахассисони рақобатпазир ҳамкорӣ мекунанд. Барои Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди донишбунёд ва зарурати баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ ин таҷриба аҳаммияти амалӣ дорад.

Дар баробари ин, Канада яке аз кишварҳои дорои захираҳои бузурги табиӣ, аз ҷумла об, ҷангал, маъдан ва энергетика мебошад. Идоракунии устувори захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва рушди иқтисоди сабз аз самтҳои муҳими сиёсати он ба шумор мераванд. Тоҷикистон низ дорои захираҳои бузурги обӣ ва имкониятҳои гидроэнергетикӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҷрибаи Канада дар ҳамоҳангсозии рушди иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити зист метавонад барои сиёсати рушди устувори Тоҷикистон муфид бошад.

Канада дар сиёсати ҷаҳонӣ аксаран ҳамчун қудрати миёна муаррифӣ мешавад. Ин мафҳум нишон медиҳад, ки давлат барои таъсиргузорӣ на танҳо ба неруи сахт, балки ба дипломатияи фаъол, эътибори байналмилалӣ, миёнаравӣ, ташаббусҳои сулҳҷӯёна ва иштироки муассир дар ташкилотҳои байналмилалӣ такя мекунад. Ин таҷриба барои Тоҷикистон низ муҳим аст, зеро Тоҷикистон бо ташаббусҳои байналмилалии худ дар соҳаи об, иқлим ва ҳифзи пиряххо нишон додааст, ки ҳатто давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ миёна метавонанд дар масъалаҳои ҷаҳонӣ нақши ташаббускор дошта бошанд.

**4. Робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ШМА ва Канада**

Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ШМА баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ оғоз ёфта, дар даврaҳои гуногун шаклҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ, башардӯстона ва таълимиро касб кардаанд. Ҳамкориҳои дуҷониба дар самти амнияти минтақавӣ, мубориза бо терроризм, таъмини амнияти сарҳадӣ, рушди иқтисодӣ, тандурустӣ, маориф ва таҳкими иқтидори институтсионалӣ идома ёфтаанд.

Дар робитаҳои Тоҷикистон ва ШМА омили Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи муҳим дорад. Тоҷикистон аз лиҳози ҷуғрофӣ дар наздикии Афғонистон, Чин, Эрон, Покистон ва минтақаҳои дорои аҳаммияти стратегӣ ҷойгир буда, барои амнияти минтақавӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, ҳамкории Тоҷикистон бо ШМА дар масъалаҳои марзӣ, мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ ва рушди иқтидори ниҳодҳои давлатӣ барои ҳар ду ҷониб аҳаммият дорад. [6; 8].

Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бо ШМА дорои имкониятҳои васеъ мебошанд, ҳарчанд ҳаҷми онҳо нисбат ба потенсиали мавҷуда ҳанӯз маҳдуд аст. Соҳаҳои энергетика, иқтисоди рақамӣ, кишоварзӣ, логистика, маъдан, маориф ва технологияҳои нав метавонанд самтҳои муҳимтарини тавсеаи ҳамкорӣ бошанд. Барои Тоҷикистон ҷалби сармоя, технология ва таҷрибаи идоракунии лоиҳаҳои бузург аҳаммияти стратегӣ дорад.

Ҳамкории илмӣ ва таълимӣ яке аз самтҳои самарабахши робитаҳои Тоҷикистон бо ШМА мебошад. Барномаҳои мубодилаи академӣ, таҳсили донишҷӯён, омӯзиши забони англисӣ, рушди малакаҳои таҳлилӣ ва идоракунӣ дар ташаккули насли нави мутахассисон нақши муҳим доранд. Ин самт барои таҳкими давлатдории миллӣ аҳаммияти дарозмуддат дорад, зеро давлат бе кадрҳои баландихтисос, илм ва таҳлил наметавонад сиёсати устувор пеш барад.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо Канада низ аз ибтидои истиқлолият ташаккул ёфта, бештар дар соҳаҳои дипломатия, маориф, рушд, ҳамкориҳои башардӯстона ва масъалаҳои байналмилалӣ зоҳир шудаанд. Гарчанде робитаҳои иқтисодӣ бо Канада нисбатан маҳдуд мебошанд, имкониятҳо дар соҳаҳои маориф, илм, истихроҷи маъдан, энергетикаи тоза, идоракунии захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист назаррасанд.

Канада барои Тоҷикистон метавонад ҳамчун шарики муҳим дар самти рушди маорифи олӣ, идоракунии захираҳои обу табиат, таҳкими таҳқиқоти илмӣ ва рушди иқтидори кадрӣ баромад намояд. Донишгоҳҳои Канада дорои таҷрибаи бойи таҳқиқотӣ буда, барои ҳамкории илмии муштарак дар соҳаҳои иқлим, пиряхшиносӣ, гидрология, иқтисоди сабз ва идоракунии давлатӣ имконият фароҳам меоранд. [7; 9].

Дар маҷмӯъ, равобити Тоҷикистон бо ШМА ва Канада бояд дар доираи сиёсати хориҷии бисёрсамта ва манфиатҳои миллӣ таҳким ёбад. Тоҷикистон набояд ҳамкориро ба як соҳа маҳдуд намояд; баръакс, зарур аст, ки робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ, таълимӣ, фарҳангӣ ва технологӣ ба таври мутавозин инкишоф дода шаванд. Ин кор метавонад ба диверсификатсияи шарикони хориҷӣ ва устувории сиёсати миллӣ мусоидат намояд.

**5. Таҷрибаи ШМА ва Канада дар таҳкими давлатдорӣ: самтҳои қобили омӯзиш**

Аввалин самти қобили омӯзиш аз таҷрибаи ШМА ва Канада ин банақшагирии стратегӣ ва сиёсати дарозмуддат мебошад. Давлатҳои пешрафта барои ҳар соҳа стратегия, барнома, индикатор ва низоми арзёбии натиҷаҳо доранд. Тоҷикистон низ дар солҳои истиқлолият стратегияи рушд, барномаҳои соҳавӣ ва ҳуҷҷатҳои калидии давлатиро қабул намудааст, аммо баланд бардоштани сифати иҷро, назорати натиҷаҳо ва робитаи илм бо идоракунӣ ҳанӯз зарурати доимӣ дорад.

Самти дуюм рушди сармояи инсонӣ мебошад. ШМА ва Канада нишон медиҳанд, ки қудрати давлат дар асри XXI аз сифати инсон, дониш, малака, ихтисос, эҷодкорӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ вобаста аст. Барои Тоҷикистон, ки аҳолии ҷавон дорад, сармоягузорӣ ба маориф, илм, забономӯзӣ, технологияҳои рақамӣ, таҳқиқоти амалӣ ва тарбияи шаҳрвандии ҷавонон бояд яке аз авлавиятҳои асосӣ бошад.

Самти сеюм пайванди илм, маориф ва иқтисод мебошад. Дар ШМА ва Канада донишгоҳҳо танҳо муассисаи таълимӣ нестанд; онҳо марказҳои таҳқиқот, инноватсия, таҳияи сиёсати давлатӣ ва омода кардани кадрҳо мебошанд. Тоҷикистон метавонад тавассути рушди донишгоҳҳои таҳқиқотӣ, дастгирии лабораторияҳо, ҳамкории институтҳои илмӣ бо мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ, инчунин ҳавасмандгардонии мақолаҳои илмии сатҳи байналмилалӣ иқтидори илмии худро тақвият диҳад.

Самти чорум истифодаи дипломатияи ҷамъиятӣ ва илмӣ мебошад. ШМА ва Канада дар ҷаҳон тавассути барномаҳои таълимӣ, грантҳо, конфронсҳо, марказҳои фарҳангӣ, забон ва шабакаҳои илмӣ таъсир мерасонанд. Тоҷикистон низ метавонад бо такя ба тамаддуни қадима, забон, фарҳанг, об, пиряхҳо, мероси таърихӣ, таҷрибаи сулҳ ва ташаббусҳои байналмилалӣ симои мусбати худро дар ҷаҳон тақвият диҳад.

Самти панҷум идоракунии муассир ва шаффофияти маъмурӣ мебошад. Давлатдории миллӣ вақте устувор мешавад, ки мақомоти давлатӣ бо масъулият, касбият, ҳисоботдиҳӣ ва риояи қонун амал намоянд. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рақамисозии хизматрасониҳои давлатӣ, истифодаи маълумот дар қабули қарорҳо, мониторинги иҷрои барномаҳо ва баланд бардоштани савияи хизматчиёни давлатӣ барои самаранокии идоракунӣ муҳим аст. [3; 4; 5].

Самти шашум рушди иқтисоди инноватсионӣ мебошад. ШМА бо водии Силикон ва экосистемаи стартапҳо, Канада бо марказҳои технологӣ ва дастгирии таҳқиқоти амалӣ нишон медиҳанд, ки барои рушди иқтисодӣ танҳо захираҳои табиӣ кофӣ нестанд. Давлат бояд муҳити ҳуқуқӣ, молиявӣ ва таълимиро барои ташаббус, ихтироъ, соҳибкорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашуда фароҳам оварад.

Самти ҳафтум идоракунии гуногунрангии иҷтимоӣ ва таҳкими ҳувияти шаҳрвандӣ мебошад. Давлати миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бояд тавонад ҳувияти миллӣ, ваҳдати шаҳрвандӣ, эҳтиром ба забон ва фарҳанги миллӣ, ҳамзамон таҳаммулпазирӣ ва муколамаи иҷтимоиро нигоҳ дорад. Канада дар ин ҷиҳат таҷрибаи ҷолиб дорад, вале Тоҷикистон бояд онро бо арзишҳои таърихӣ, фарҳанги миллӣ ва принсипҳои давлати дунявӣ мутобиқ созад.

Самти ҳаштум ҳифзи муҳити зист ва идоракунии захираҳои табиӣ мебошад. Барои Тоҷикистон, ки қисми зиёди захираҳои обии минтақа аз ҳудуди он сарчашма мегирад,

таҷрибаи кишварҳое чун Канада дар идоракунии об, ҷангал, кӯҳистон, маъдан, энергетика ва ҳифзи табиат аҳаммияти зиёд дорад. Ин таҷриба метавонад дар таҳияи сиёсати рушди сабз, сайёҳии экологӣ ва ҳифзи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда истифода шавад. [20; 21].

**6. Истифодаи таҷрибаи Америкои Шимолӣ дар раванди таҳкими давлатдории миллии Тоҷикистон**

Таҳкими давлатдории миллӣ дар Тоҷикистон пеш аз ҳама ба устувории истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, волоияти қонун, рушди иқтисодӣ, амнияти миллӣ ва ҳифзи ҳувияти фарҳангӣ вобаста аст. Таҷрибаи ШМА ва Канада метавонад дар ин раванд ҳамчун манбаи таҳлил ва интихоб истифода шавад, аммо набояд хусусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон нодида гирифта шаванд.

Дар соҳаи идоракунии давлатӣ зарур аст, ки таҷрибаи таҳлили сиёсати давлатӣ, арзёбии натиҷаҳо, истифодаи маълумот ва тайёр кардани кадрҳои касбӣ васеътар истифода шавад. Дар кишварҳои пешрафта қабули қарорҳо аксаран ба таҳқиқот, маълумоти оморӣ, арзёбии хавф ва хулосаи коршиносон такя мекунад. Дар Тоҷикистон низ бояд робитаи мақомоти давлатӣ бо марказҳои илмӣ ва таҳлилӣ тақвият ёбад.

Дар соҳаи маориф ва илм Тоҷикистон метавонад аз таҷрибаи донишгоҳҳои амрикоӣ ва канадагӣ дар рушди таҳқиқоти амалӣ, ҳамкории донишгоҳ бо истеҳсолот, ҷалби маблағҳои грантӣ, идоракунии барномаҳои PhD ва омода кардани мутахассисони сатҳи байналмилалӣ истифода барад. Ин раванд на танҳо барои илм, балки барои иқтисод ва давлатдорӣ низ муҳим аст, зеро давлат ба кадрҳои таҳлилгар, дипломат, ҳуқуқшинос, иқтисоддон, муҳандис ва мутахассиси технология ниёз дорад.

Дар сиёсати хориҷӣ Тоҷикистон метавонад аз таҷрибаи дипломатияи чандҷониба ва истифодаи оқилонаи ташаббусҳои байналмилалӣ баҳра барад. Ташаббусҳои Тоҷикистон дар соҳаи об, иқлим ва пиряххо аллакай нишон додаанд, ки кишвар метавонад масъалаи миллиро ба рӯзномаи ҷаҳонӣ ворид кунад. Дар ин самт омӯзиши механизмҳои лоббигарӣ, дипломатияи илмӣ, кор бо ВАО, ташкили эътилофҳои байналмилалӣ ва таҳияи санадҳои босифат аз таҷрибаи ШМА ва Канада муфид мебошад. [10; 11].

Дар соҳаи иқтисод бояд таҷрибаи рушди соҳибкорӣ, ҳифзи сармоягузорӣ, рақобати солим, дастгирии инноватсия ва ташкили кластерҳои истеҳсолӣ омӯхта шавад. Тоҷикистон дорои имкониятҳои гидроэнергетикӣ, кишоварзӣ, сайёҳӣ, маъдан ва транзитӣ мебошад. Барои истифодаи ин имкониятҳо зарур аст, ки муҳити сармоягузорӣ беҳтар, кадрҳои идоракунӣ омода ва лоиҳаҳо дар асоси ҳисоббарории иқтисодӣ ва экологӣ амалӣ карда шаванд.

Дар соҳаи амният таҷрибаи ШМА ва Канада нишон медиҳад, ки амнияти миллӣ бояд ҳамзамон дорои ҷанбаҳои ҳарбӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ бошад. Тоҷикистон дар шароити минтақаи ҳассос қарор дорад ва барои ҳифзи сарҳад, мубориза бо ифротгароӣ, амнияти киберӣ ва пешгирии таҳдидҳои иттилоотӣ бояд иқтидори таҳлилӣ ва технологиро тақвият диҳад.

Дар соҳаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарбияи шаҳрвандӣ зарур аст, ки таҷрибаи иштироки аҳолӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, волоияти қонун ва фарҳанги муколама омӯхта шавад. Аммо ин раванд бояд бо ҳифзи манфиатҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ ва суботи сиёсӣ ҳамоҳанг бошад. Барои Тоҷикистон муҳим аст, ки демократия ва иштироки шаҳрвандӣ ҳамчун омилҳои созанда ва муттаҳидкунанда инкишоф ёбанд, на ҳамчун воситаи ихтилоф.

Дар соҳаи иттилоот ва технология Тоҷикистон метавонад аз таҷрибаи Америкои Шимолӣ дар рушди ҳукумати электронӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, амнияти маълумот, саводи рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ барои идоракунӣ баҳра гирад. Ин самт дар солҳои наздик ба яке аз меъёрҳои асосии рақобатпазирии давлатҳо табдил хоҳад ёфт.

**7. Чолишҳо ва маҳдудиятҳои истифодаи таҷрибаи хориҷӣ**

Истифодаи таҷрибаи ШМА ва Канада дар Тоҷикистон бояд бо эҳтиёт ва асоснокии илмӣ сурат гирад. Ҳар як давлат дорои таърихи худ, сохтори иҷтимоӣ, захираҳои иқтисодӣ,

фарҳанги сиёсӣ ва низоми ҳуқуқии махсус мебошад. Аз ин рӯ, кӯшиши механикии нусхабардории моделҳои хориҷӣ метавонад натиҷаи баръакс диҳад.

Чолиши аввал фарқияти сатҳи рушди иқтисодӣ ва институтсионалӣ мебошад. ШМА ва Канада кишварҳои дорои захираҳои бузурги молиявӣ, технологияҳои пешрафта ва низоми дарозмуддати институтсионалӣ мебошанд. Тоҷикистон бошад, давлати рӯ ба рушд аст ва қисми зиёди захираҳои худро ба ҳалли масъалаҳои инфрасохторӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона мекунад. Аз ин рӯ, таҷрибаи хориҷӣ бояд марҳила ба марҳила ва бо назардошти имкониятҳои воқеӣ истифода шавад.

Чолиши дуюм фарқияти фарҳанги сиёсӣ мебошад. Дар ҷомеаҳои ғарбӣ баъзе ниҳодҳо дар давоми садсолаҳо ташаккул ёфтаанд. Дар Тоҷикистон бошад, давлатдории муосир баъди истиқлолият дар шароити хеле душвор, аз ҷумла баъди ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди сулҳсозӣ, таҳким ёфт. Аз ин рӯ, ҳифзи субот, ваҳдати миллӣ ва истиқлолият бояд дар маркази ҳама гуна ислоҳот қарор дошта бошад. [4; 5].

Чолиши сеюм таъсири рақобатҳои геополитикӣ мебошад. Ҳамкорӣ бо ШМА ва Канада бояд дар доираи сиёсати хориҷии бисёрсамта ва тавозуни манфиатҳо амалӣ гардад. Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя, Русия, Чин, кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҷаҳони ислом, Иттиҳоди Аврупо ва дигар шарикон низ робитаҳои муҳим дорад. Аз ин рӯ, густариши ҳамкорӣ бо Америкаи Шимолӣ набояд ба мухолифат бо дигар самтҳои сиёсати хориҷӣ табдил ёбад.

Чолиши чорум масъалаи амнияти иттилоотӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ҷаҳонишавӣ ва нерӯи нарм метавонанд ҳам имконият ва ҳам таҳдид бошанд. Забон, фарҳанг, таърих, арзишҳои миллӣ ва худшиносии ҷавонон бояд ҳифз ва тақвият дода шаванд. Омӯзиши забони хориҷӣ, технология ва таҷрибаи дигар кишварҳо бояд бо муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба забони давлатӣ ва ифтихор аз таърихи миллӣ пайваст бошад.

Бо дарназардошти ин чолишҳо, усули дуруст чунин аст: таҷрибаи хориҷӣ бояд таҳлил, интихоб, мутобиқ ва санҷида шавад. Дар ин раванд олимон, муассисаҳои таҳқиқотӣ, мақомоти давлатӣ, донишгоҳҳо ва коршиносон бояд ҳамкорӣ намоянд. Бе таҳлили илмӣ ва баҳодиҳии воқеӣ истифодаи таҷрибаи хориҷӣ метавонад рӯякӣ гардад.

**8. Пешниҳодҳо оид ба самтҳои амалии ҳамкорӣ**

Бо мақсади истифодаи самараноки таҷрибаи ШМА ва Канада дар таҳкими давлатдории миллии Тоҷикистон як қатор самтҳои амалӣ пешниҳод мегарданд. Аввал, таъсиси барномаҳои муштараки таҳқиқотӣ миёни институтҳои илмии Тоҷикистон ва марказҳои илмии Америкаи Шимолӣ дар соҳаҳои муносибатҳои байналмилалӣ, амният, иқлим, об, энергетика, ҳукуматдории рақамӣ ва рушди устувор мувофиқи мақсад аст.

Дуюм, зарур аст, ки барномаҳои мубодилаи академӣ барои магистрантон, докторантон ва муҳаққиқони ҷавон густариш дода шаванд. Таҷрибаи омӯзиш дар донишгоҳҳо ва марказҳои таҳқиқотии ШМА ва Канада метавонад барои баланд бардоштани сифати таҳқиқоти илмӣ, навиштани мақолаҳои байналмилалӣ ва истифодаи усулҳои муосири таҳлил мусоидат намояд.

Сеюм, дар назди муассисаҳои илмӣ ва таълимии Тоҷикистон ташкил намудани марказҳои омӯзиши Америкаи Шимолӣ ва таҳлили сиёсати ҷаҳонӣ зарур аст. Ин гуна марказҳо метавонанд робитаҳои ШМА ва Канада бо минтақа, сиёсати онҳо дар Осиёи Марказӣ, таҷрибаи идоракунии давлатӣ, иқтисоди рақамӣ ва дипломатияи илмиро мунтазам таҳқиқ намоянд. [16; 18].

Чорум, дар соҳаи идоракунии давлатӣ бояд курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос оид ба таҳлили сиёсати давлатӣ, банақшагирии стратегӣ, идоракунии лоиҳаҳо, рақамисозӣ ва мониторинги барномаҳои давлатӣ ташкил карда шаванд. Мутахассисони ШМА ва Канада метавонанд дар ин раванд ҳамчун шарикони омӯзишӣ ҷалб гарданд.

Панҷум, бояд ҳамкориҳои иқтисодӣ дар соҳаҳои дорои афзалияти миллӣ васеъ карда шаванд: гидроэнергетика, технологияҳои иттилоотӣ, кишоварзии муосир, коркарди маҳсулот,

сайёҳии экологӣ, маъдан, логистика ва энергетикаи тоза. Барои ҷалби сармоягузорӣ зарур аст, ки лоиҳаҳо шаффоф, асоснок ва дорои ҳисобҳои иқтисодию экологӣ бошанд.

Шашум, зарур аст, ки дипломатияи фарҳангӣ ва илмии Тоҷикистон дар Амрикои Шимолӣ фаъолтар гардад. Муаррифии мероси тамаддунии тоҷикон, Наврӯз, адабиёти классикӣ, фарҳанги сулҳ, ташаббусҳои обӣ ва иқлимии Тоҷикистон метавонад симои мусбати кишварро тақвият диҳад ва барои рушди робитаҳои мардумӣ замина гузорад.

## 9. Ҷанбаҳои назариявӣ: қудрат, манфиати миллӣ ва нерӯи нарм

Дар илми муносибатҳои байналмилалӣ масъалаи қудрат яке аз мафҳумҳои марказӣ ба ҳисоб меравад. Қудрат на танҳо қобилияти маҷбур кардан, балки қобилияти таъсир расонидан, ҷалб намудан, ташаккул додани рӯзномаи байналмилалӣ ва пешниҳод кардани намунаҳои қобили пайравӣ мебошад. Аз ин нуқтаи назар, ШМА ва Канада ду шакли гуногуни таъсиргузориро нишон медиҳанд: ШМА бештар қудрати маҷмӯӣ ва глобалӣ дорад, Канада бошад бо нуфузи муътадил, дипломатияи чандҷониба ва эътибори институтсионалӣ шинохта мешавад.

Мактабҳои гуногуни назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ин падидаро ҳар гуна шарҳ медиҳанд. Реализм ба манфиати миллӣ, тавозуни қудрат ва амният диққат медиҳад. Либерализм нақши институтҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро таъкид мекунад. Конструктивизм бошад ба ҳувият, арзишҳо, тасаввуроти ҷамъиятӣ ва нақши идеяҳо аҳаммият медиҳад. Барои Тоҷикистон истифодаи маҷмӯии ин равишҳо муҳим аст, зеро сиёсати хориҷӣ танҳо бо як назария пурра шарҳ дода намешавад.

Манфиати миллӣ дар таҷрибаи ШМА ва Канада ҳамеша дар маркази сиёсати давлатӣ қарор дорад, вале шакли ифодаи он фарқ мекунад. ШМА манфиати миллиро бештар тавассути ҳифзи роҳбарии глобалӣ, амнияти иттифоқчиён, ҳимояи бозорҳо ва нуфузи технологӣ амалӣ менамояд. Канада бошад, манфиати миллии худро тавассути амнияти шимол, рушд, савдои байналмилалӣ, ҳифзи муҳити зист, муътадилии дипломатӣ ва нуфузи чандҷониба пайгирӣ мекунад.

Барои Тоҷикистон омӯзиши ин таҷриба аз он ҷиҳат муҳим аст, ки манфиати миллӣ бояд бо забони илмӣ, ҳуқуқӣ ва стратегӣ муайян карда шавад. Манфиати миллӣ танҳо мафҳуми умумӣ нест; он бояд дар барномаҳои давлатӣ, стратегияҳои соҳавӣ, дипломатия, маориф, иқтисод, амният ва фарҳанг ифода ёбад. Ҳар қадар ки манфиати миллӣ равшантар муайян шавад, ҳамон қадар давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ устувортар амал мекунад.

Нерӯи нарм, ки дар таҳқиқоти Ҷозеф Най ба таври васеъ шарҳ ёфтааст, барои Тоҷикистон низ аҳаммияти махсус дорад. Тоҷикистон дорои таърихи қадима, фарҳанги ғанӣ, забони ширин, адабиёти бузург, таҷрибаи сулҳи миллӣ ва ташаббусҳои ҷаҳонӣ дар масъалаҳои обу иқлим мебошад. Ин дороиҳо метавонанд ба воситаи дипломатияи фарҳангӣ, илмӣ ва ҷамъиятӣ ба сармояи байналмилалии кишвар табдил ёбанд.

Таҷрибаи ШМА ва Канада нишон медиҳад, ки нерӯи нарм бе ниҳодҳои мустаҳкам, сифати маориф, фаъолияти расонаӣ, таҳқиқоти илмӣ ва сиёсати пайваста натиҷаи устувор намедиҳад. Аз ин рӯ, Тоҷикистон бояд муаррифии байналмилалии худро на танҳо ба чорабиниҳои алоҳида, балки ба низоми доимии таҳқиқот, нашр, тарҷума, иштирок дар форумҳо ва омода кардани кадрҳои забондон пайванд диҳад.

## 10. Таҷрибаи идоракунии захираҳо, муҳити зист ва рушди устувор

Яке аз самтҳои муҳим барои Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи ШМА ва Канада дар идоракунии захираҳои табиӣ ва рушди устувор мебошад. Ҳар ду давлат дар соҳаҳои гуногуни истифодаи захираҳо таҷрибаи бой доранд: ШМА дар энергетика, технологияҳои сабз, идоракунии замин ва бозорҳои экологӣ; Канада дар идоракунии об, ҷангал, минтақаҳои шимолӣ, маъдан ва ҳифзи экосистемаҳо. [1; 2; 3].

Тоҷикистон ҳамчун кишвари кӯҳсор дорои захираҳои бузурги обӣ, пиряххо, ҳудудҳои табиии нодир ва имкониятҳои васеи сайёҳии экологӣ мебошад. Ин захираҳо танҳо дороии табиӣ нестанд, балки пояи амнияти миллӣ, рушди иқтисодӣ ва нуфузи байналмилалии

кишвар ба ҳисоб меравaнд. Аз ин рӯ, истифодаи онҳо бояд дар асоси илм, мониторинг, ҳисоббарории экологӣ ва манфиати наслҳои оянда сурат гирад.

Дар таҷрибаи Канада муносибати илмиву амалӣ ба ҳифзи табиат ва идоракунии ҳудудҳои муҳофизатшаванда аҳаммияти хос дорад. Барои Тоҷикистон, ки ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дорои нақши калидӣ дар ҳифзи гуногунии биологӣ ва рушди сайёҳии экологӣ мебошанд, чунин таҷриба метавонад дар таҳияи нақшаҳои идоракунӣ, ҷалби ҷомеаҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва мониторинги рақамии экосистемаҳо истифода шавад.

Таҷрибаи ШМА дар соҳаи паркҳои миллӣ ва идоракунии мероси табиӣ низ қобили таваҷҷуҳ аст. Дар он кишвар паркҳои миллӣ на танҳо объекти ҳифзи табиат, балки марказҳои таълим, таҳқиқот, тарбияи экологӣ, сайёҳӣ ва рушди иқтисоди маҳаллӣ мебошанд. Тоҷикистон метавонад бо такя ба ин таҷриба дар ҳудудҳои табиӣ марказҳои хизматрасонии сайёҳӣ, пайраҳаҳои экологӣ, осорхонаҳои табиат, барномаҳои омӯзишӣ ва низоми муосири роҳбаладиро рушд диҳад.

Дар шароити тағйирёбии иқлим масъалаи пиряххо ва захираҳои об барои Тоҷикистон аҳаммияти ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Ҳамкории илмӣ бо марказҳои амрикоӣ ва канадагӣ дар соҳаи иқлимшиносӣ, гидрология, моделсозии обу ҳаво ва арзёбии хавфҳои табиӣ метавонад барои таҳкими амнияти экологӣ ва идоракунии устувори захираҳо мусоидат намояд.

Рушди устувор танҳо масъалаи экологӣ нест; он ҳамзамон ба иқтисод, иҷтимоиёт, маориф, фарҳанг ва идоракунӣ вобаста мебошад. Агар Тоҷикистон тавонад таҷрибаи пешрафтаро дар идоракунии захираҳои табиӣ бо арзишҳои миллӣ, манфиатҳои аҳолии маҳаллӣ ва ҳифзи табиат ҳамоҳанг созад, ин соҳа метавонад ба яке аз пояҳои давлатдории миллии муосир табдил ёбад.

**11. Нақши илм, маориф ва таҳқиқот дар таҳкими давлатдории миллӣ**

Дар таҷрибаи ШМА ва Канада илм ва маориф аз воситаҳои асосии пешрафти миллӣ мебошанд. Давлатҳое, ки дониш истеҳсол мекунанд, технология месозанд ва кадрҳои рақобатпазир омода менамоянд, дар сиёсати ҷаҳонӣ низ мавқеи устувор пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, таҳкими давлатдории миллӣ дар Тоҷикистон бояд бо таҳкими илм ва маориф пайванди ногусастанӣ дошта бошад.

Системаи илмии Амрикои Шимолӣ аз чанд хусусият иборат аст: рақобати солим, озодии таҳқиқот, пайванди донишгоҳ бо саноат, баҳодиҳии натиҷаи илмӣ, грантҳои илмӣ, нашр дар маҷаллаҳои бонуфуз ва ҷалби истеъдодҳо аз тамоми ҷаҳон. Барои Тоҷикистон муҳим аст, ки ин унсурҳо бо имкониятҳои миллӣ мутобиқ карда шаванд. Масалан, низоми грантҳои хурди миллӣ барои муҳаққиқони ҷавон, лабораторияҳои соҳавӣ ва талаботи баланд ба сифати мақолаҳо метавонад муҳити илмиро фаъол гардонад.

Дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ Тоҷикистон ба мактаби таҳлилгарони ҷавон ниёз дорад, ки забонҳои хориҷиро донанд, бо усулҳои муосири таҳқиқот кор карда тавонанд, манбаъҳои гуногунро муқоиса намоянд ва хулосаҳои сиёсӣ пешниҳод кунанд. Омӯзиши ШМА ва Канада ҳамчун минтақаи сиёсӣ ва илмӣ барои чунин мактаб аҳаммияти калон дорад, зеро сиёсати ин кишварҳо ба иқтисод, амният, технология ва дипломатияи ҷаҳонӣ таъсири мустақим мерасонад.

Муассисаҳои илмии Тоҷикистон метавонанд бо донишгоҳҳои ШМА ва Канада дар шаклҳои гуногун ҳамкорӣ намоянд: конфронсҳои муштарак, мақолаҳои ҳаммуаллифӣ, барномаҳои онлайнӣ, таҳқиқоти муқоисавӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ ва мубодилаи маълумоти илмӣ. Ин гуна ҳамкорӣ ба беҳтар шудани сифати таҳқиқоти дохилӣ ва баланд шудани нуфузи байналмилалии илми тоҷик мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ набояд ба камарзиш шудани илм ва забони миллӣ оварда расонад. Баръакс, вазифаи муҳаққиқи тоҷик аз он иборат аст, ки донишҳои муосирро ба забони давлатӣ ворид кунад, мафҳумҳои илмиро таҳия намояд ва мактаби миллии таҳқиқоти сиёсӣ ва байналмилалиро рушд диҳад. Танҳо дар чунин ҳолат илм ба пояи давлатдории миллӣ табдил меёбад.

Дар сиёсати маориф таҷрибаи Канада дар ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ва таҷрибаи ШМА дар ташкил намудани донишгоҳҳои таҳқиқотӣ қобили омӯзиш аст. Тоҷикистон метавонад бо таҳияи барномаҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ, боло бурдани сифати роҳбарии илмӣ, ҷорӣ кардани курсҳои таҳлили сиёсати давлатӣ ва рушди китобхонаҳои рақамӣ рақобатпазирии муассисаҳои худро баланд бардорад.

**12. Тоҷикистон дар байни марказҳои қудрат: зарурати сиёсати мутавозин**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳити геополитикии мураккаб ҷойгир аст. Ин муҳит ҳам имконият медиҳад ва ҳам масъулият талаб мекунад. Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, кишварҳои исломӣ, Иттиҳоди Аврупо, ШМА, Канада ва созмонҳои байналмилалӣ робита дорад. Дар чунин шароит сиёсати хориҷии бисёрсамта на интихоби тактикӣ, балки зарурати стратегӣ мебошад.

Ҳамкорӣ бо ШМА ва Канада бояд дар доираи ҳамин сиёсати мутавозин инкишоф ёбад. Тоҷикистон метавонад аз робитаҳои худ бо Америкои Шимолӣ барои ҷалби дониш, технология, сармоя, таҷрибаи идоракунӣ ва таҳкими нуфузи байналмилалӣ истифода барад. Ҳамзамон, кишвар бояд муносибатҳои анъанавӣ ва шарикии худро бо дигар давлатҳо нигоҳ дорад.

Таҷрибаи кишварҳои хурду миёна нишон медиҳад, ки муваффақияти сиёсати хориҷӣ аз қобилияти нигоҳ доштани тавозун, пешгирӣ аз вобастагии якҷониба ва истифодаи оқилонаи рақобати мусбат миёни шарикон вобаста аст. Тоҷикистон бояд дар ҳамаи самтҳо манфиатҳои миллии худро равшан муайян карда, ҳар ҳамкориро ба рушди дохилӣ, амният ва суботи миллӣ пайванд диҳад.

Дар ин раванд дипломатияи касбӣ, таҳлилҳои илмӣ ва омодагии кадрҳо аҳаммияти калон доранд. Муносибат бо қудратҳои бузург бояд бо дониши амиқи таърих, иқтисод, фарҳанг, сиёсат ва манфиатҳои онҳо асос ёбад. Бинобар ин, омӯзиши ШМА ва Канада дар институтҳои илмии Тоҷикистон на танҳо мавзӯи назариявӣ, балки зарурати амалии сиёсати давлатӣ мебошад.

Муҳим аст, ки дар таҳқиқоти оянда робитаҳои Тоҷикистон бо ШМА ва Канада аз рӯи самтҳои мушаххас таҳлил шаванд: маориф, илм, амният, иқтисод, муҳити зист, дипломатияи об, муҳоҷират, расонаҳо ва технология. Чунин таҳқиқот метавонад ба мақомоти давлатӣ, донишгоҳҳо ва бахши хусусӣ маълумоти зарурӣ пешниҳод кунад.

Ҳамин тавр, Тоҷикистон метавонад бо сиёсати оқилона ва мутавозин таҷрибаи Америкои Шимолиро ба манфиати рушди миллӣ истифода барад, бе он ки аз арзишҳои худ, манфиатҳои худ ва робитаҳои анъанавии худ даст кашад. Ин равиш ҷавҳари давлатдории миллӣ дар ҷаҳони муосир мебошад.

**Хулоса**

ШМА ва Канада дар низоми муносибатҳои байналмилалии замони муосир мақом ва нақши муҳим доранд, вале хусусияти таъсири онҳо яксон нест. ШМА бештар ҳамчун қудрати глобалӣ бо иқтидори бузурги иқтисодӣ, ҳарбӣ, технологӣ ва дипломатӣ баромад мекунад. Канада бошад, ҳамчун давлати пешрафтаи дорои дипломатияи мӯътадил, модели идоракунии устувор, сиёсати бисёрфарҳангӣ ва таҷрибаи рушд дар соҳаҳои маориф, илм ва муҳити зист шинохта мешавад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши таҷрибаи ин ду давлат метавонад дар таҳкими давлатдории миллӣ, рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ, густариши илм ва маориф, таҳкими дипломатияи илмӣ, рушди иқтисоди инноватсионӣ ва тақвияти мавқеи байналмилалӣ муфид бошад. Аммо ин таҷриба бояд бо эҳтиром ба хусусиятҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон истифода шавад.

Таҳкими давлатдории миллӣ маънои онро дорад, ки давлат бояд ҳамзамон мустақил, самаранок, қонунмеҳвар, иҷтимоӣ, амн, илммеҳвар ва фарҳангсолор бошад. Дар ин раванд омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ зарур аст, аммо асоси ҳар гуна ислоҳот бояд манфиатҳои миллӣ, ваҳдати ҷомеа, забону фарҳанги тоҷикӣ, истиқлолияти давлатӣ ва рушди устувори кишвар бошад.

Ҳамин тариқ, ШМА ва Канада барои Тоҷикистон на танҳо шарикони эҳтимолии сиёсӣ ва иқтисодӣ, балки манбаи таҷрибаи идоракунӣ, илм, маориф, технология ва дипломатияи муосир мебошанд. Истифодаи оқилонаи ин таҷриба метавонад ба тақвияти ҷойгоҳи Тоҷикистон дар низоми ҷаҳонӣ ва рушди давлатдории миллии тоҷикон дар асри XXI мусоидат намояд.

**Адабиёт:**

1. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2002.
2. Раҳмон Э. Уфуқҳои истиқлол. – Душанбе, 2018.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
4. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст.
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016.
6. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Штатҳои Муттаҳидаи Амрико. – Душанбе, маводи расмӣ.
7. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Канада. – Душанбе, маводи расмӣ.
8. U.S. Department of State. U.S. Relations With Tajikistan. – Official information materials.
9. Global Affairs Canada. Canada–Tajikistan relations. – Official information materials.
10. Nye J. S. Soft Power: The Means to Success in World Politics. – New York: PublicAffairs, 2004.
11. Nye J. S. The Future of Power. – New York: PublicAffairs, 2011.
12. Kissinger H. Diplomacy. – New York: Simon & Schuster, 1994.
13. Brzezinski Z. The Grand Chessboard: American Primacy and Its Geostrategic Imperatives. – New York: Basic Books, 1997.
14. Huntington S. P. The Clash of Civilizations and the Remaking of World Order. – New York: Simon & Schuster, 1996.
15. Mearsheimer J. J. The Tragedy of Great Power Politics. – New York: W.W. Norton, 2001.
16. Цыганков П.А. Теория международных отношений. – Москва: Гардарики, 2003.
17. Богатуров А.Д. Великие державы на Тихом океане: история и теория международных отношений в Восточной Азии после Второй мировой войны. – Москва, 1997.
18. Торкунов А.В. Современные международные отношения. – Москва: Аспект Пресс, 2012.
19. Шарипов А.Н. Основные этапы формирования внешней политики Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. – 2019.
20. Ҳайдарзода Р.Ҷ., Қодирова З.Б. Ҷаҳонишавӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ // Осиё ва Аврупо. – №1(25). – Душанбе, 2026.С.10-18
21. Дороншоева Н.Ш. Пайдоиш ва хусусиятҳои ташаккули муносибатҳои ШМА ва Шарқи Наздик: таърих, омилҳо ва марҳилаҳо // Осиё ва Аврупо. – №1(25). – Душанбе, 2026.
22. Расулзода А.З. Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот ва хусусиятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Осиё ва Аврупо. – №1(25). – Душанбе, 2026.
23. Ятимов С. Илм ва амният. – Душанбе, 2019.
24. Саидов З.Ш. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол. – Душанбе, 2011.
25. Акмалова М.А. Ҳувияти миллӣ ва худшиносии сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. – Душанбе, 2020.

## СТАТУС И РОЛЬ США И КАНАДЫ В СОВРЕМЕННЫХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИХ ОПЫТА В ПРОЦЕССЕ УКРЕПЛЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются место и роль Соединённых Штатов Америки и Канады в современной системе международных отношений, а также возможности использования их опыта в процессе укрепления национальной государственности Республики Таджикистан. Особое внимание уделяется политическому, экономическому, научно-технологическому и культурному потенциалу этих государств, их участию в многосторонней дипломатии, развитии человеческого капитала и применении механизмов мягкой силы. Автор подчёркивает, что опыт США и Канады не должен механически копироваться, а может быть использован как аналитическая основа для совершенствования государственного управления, образования, науки, внешней политики и устойчивого развития Таджикистана.

***Ключевые слова:*** *международные отношения, США, Канада, национальная государственность, внешняя политика, национальные интересы, человеческий капитал, мягкая сила, национальная безопасность, Таджикистан.*

## THE STATUS AND ROLE OF THE USA AND CANADA IN MODERN INTERNATIONAL RELATIONS AND THE USE OF THEIR EXPERIENCE IN THE PROCESS OF STRENGTHENING THE NATIONAL STATESHIP OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the place and role of the United States of America and Canada in the contemporary system of international relations, as well as the possibilities of applying their experience to the strengthening of national statehood in the Republic of Tajikistan. The study focuses on the political, economic, scientific, technological and cultural potential of these countries, their participation in multilateral diplomacy, the development of human capital and the use of soft power instruments. The author emphasizes that the experience of the United States and Canada should not be mechanically copied, but may serve as an analytical basis for improving public administration, education, science, foreign policy and sustainable development in Tajikistan.

***Keywords:*** *international relations, USA, Canada, national statehood, foreign policy, national interests, human capital, soft power, national security, Tajikistan.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Расулзода Аслам Зафар, ходими калони илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи ИОМДОА- и АМИТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел: (+992) 918-67-66-06; E mail: aminjonrasulov555@gmail.com

ORCID**:** 0009-0004-7882-0604

**Сведения об авторе:** Расулзода Аслам Зафар, старший научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел: (+ 992) 918-67-66-06; E mail: aminjonrasulov555@gmail.com

ORCID**:** 0009-0004-7882-0604

**Information about the author:** Rasulzoda Aslam Zafar, Senior Research Fellow of the Department of the USA and Canada, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 33. Tel: (+ 992) 918-67-66-06; E mail: aminjonrasulov555@gmail.com

ORCID**:** 0009-0004-7882-0604

УДК: 327 (575.3)+327) (55)

# МАРҲИЛАИ ИБТИДОИИ МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (1991 -2010)

**Неъматов Икромидин**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мақолаи мазкур ба таҳлили илмии раванд ва ҷанбаҳои ташаккул ва рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар давраи солҳои 1991 - 2010 бахшида шудааст. Дар он заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамкориҳои дуҷониба, инчунин нақши омилҳои таърихӣ, тамаддунӣ ва забонии муштарак дар таҳкими равобити байнидавлатӣ баррасӣ гардидаанд.

Таваҷҷуҳи махсус ба сатҳи шарикии стратегии ду кишвар, ҳамоҳангии мавқеъҳо дар арсаи байналмилалӣ, аз ҷумла дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои минтақавӣ нигаронида шудааст. Ҳамчунин, масъалаҳои муҳими глобалӣ, аз қабили истифодаи сулҳомези неруи ҳастаӣ, амнияти об ва идоракунии захираҳои обии фаромарзӣ, ҳамчун самтҳои калидии ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон мавриди таҳлил қарор мегиранд.

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, муносибатҳои байнидавлатӣ, шарикии стратегӣ, сиёсати хориҷӣ, амнияти об, гидросиёсат, Созмони Милали Муттаҳид, ҳамкориҳои минтақавӣ*

## Муқаддима

**Мувофиқати мавзуи таҳқиқот.** Равандҳои ислоҳоти иҷтимоию сиёсие, ки аз нимаи дуюми солҳои 1980-ум дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ оғоз гардиданд, тадриҷан тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ, аз ҷумла сиёсати хориҷиро фаро гирифта, барои ташаккули низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ замина фароҳам оварданд. Дар ҳамин замина, тирамоҳи соли 1989 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ амалан аз нав таъсис дода шуд, ки яке аз қадамҳои муҳим дар ташаккули сохтори идоракунии сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб меёфт. [1, 173].

Марҳилаи нави фаъолияти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эълони истиқлолияти давлатӣ 9 сентябри соли 1991 оғоз гардид. Асосҳои сиёсати хориҷии давлати соҳибистиқлол дар Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ омодагии худро барои рушди муносибатҳои дӯстона, ҳамкориҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд бо ҳамаи давлатҳо, инчунин иштироки фаъол дар таъмини сулҳу амнияти байналмилалӣ ва ҳалли мушкилоти глобалӣ эълон намуд [2].

Аз охири соли 1991 ва аввали соли 1992 раванди эътирофи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфт. Дар як муддати кӯтоҳ истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби зиёда аз 40 давлати ҷаҳон ба расмият шинохта шуд [3, 404], ки барои барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар ин замина, рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳони ислом, махсусан Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки бо Тоҷикистон умумиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва забонӣ дорад, ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар табдил ёфт. Ин омил барои ташаккули муносибатҳои дуҷониба на танҳо дар сатҳи сиёсӣ, балки дар соҳаҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, энергетика ва фарҳанг низ заминаи мусоид фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ авлавиятҳои геополитикӣ ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтанд. Дар ин раванд, рушди ҳамкорӣ бо давлатҳои исломӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Исломии Эрон, ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ муайян гардида, ба тавсеаи муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии мутақобилан судманд мусоидат намуд.

Бо вуҷуди мавҷудияти як қатор таҳқиқоти марбут ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибатҳои он бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, таҳлили фарогир ва марҳилавии рушди муносибатҳои дуҷониба дар солҳои 1991-2010, бо дарназардошти омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ ва байналмилалии таъсиргузор, то ҳол ба таври мукаммали илмӣ анҷом наёфтааст. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи ин давра барои ошкор намудани қонуниятҳои ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои Тоҷикистону Эрон, муайян намудани хусусиятҳои асосӣ ва арзёбии нақши онҳо дар татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Баррасии адабиёт.** Омӯзиши заминаҳои таърихии равобити ду кишвар бар асоси ҳуҷҷатҳои расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [6, 7, 8, 9, 10, 11] ва изҳороти расмии сарони давлатҳо [5, 16, 17] сурат гирифтааст. Ин сарчашмаҳо имкон медиҳанд, ки тавозуни сиёсӣ ва иқтисодии робитаҳо дар ду даҳсолаи аввали истиқлолият ба таври объективӣ арзёбӣ карда шавад.

**Баёни мушкилоти таҳқиқот.** Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дуҷониба марҳилаи мураккаби гузаришро аз сар мегузарониданд. Оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва дастгирии Иттиҳоди неруҳои оппозитсионии тоҷик (ИНОТ) аз ҷониби доираҳои муайяни Ҷумҳурии Исломии Эрон (ҶИЭ) ба рушди муносибатҳои дуҷониба таъсири манфӣ расонида, раванди ҳамкориҳоро маҳдуд мекарданд. Мушкилоти асосӣ дар он ифода меёфт, ки дар солҳои 1995-1999 дар муносибатҳои иқтисодӣ, бештар аз ҳамкориҳои амалии иқтисодӣ, муҳокима ва арзёбии имкониятҳои ҳамкорӣ бартарӣ доштанд. Ба ибораи дигар, «баррасии имконоти ҳамкорӣ ҳукмрон буд, на худи ҳамкорӣ» [9, 10].

Аз ин рӯ, муайян намудани омилҳое, ки ба гузариши муносибатҳои Тоҷикистону Эрон аз марҳилаи эъломиявӣ ба сатҳи ҳамкориҳои воқеии стратегӣ, бахусус дар соҳаи гидроэнергетика, мусоидат намуданд, мушкилоти меҳварии таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳад.

**Мақсади таҳқиқот** аз таҳлили илмию таърихии раванд, заминаҳо ва ҷанбаҳои ташаккул ва рушди муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар солҳои 1991-2010, инчунин муайян намудани мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои стратегии ду кишвар дар заминаи умумиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва забонӣ иборат аст.

Барои ноил шудан ба мақсади мазкур **вазифаҳои зерин** муайян карда шуданд:

- муайян намудани заминаҳои ҳуқуқӣ ва дипломатии барқароршавии муносибатҳои дуҷониба;
- таҳлил намудани таъсири ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва омилҳои минтақавӣ ба раванди рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон;
- арзёбӣ намудани нақши лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ ва гидроэнергетикӣ, аз ҷумла неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», дар таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба;
- баррасӣ намудани ҳамоҳангии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ).

**Мавод ва усулҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқоти таърихӣ истифода гардиданд. Аз ҷумла:

усули таърихӣ-муқоисавӣ - барои муқоиса намудани хусусиятҳои рушди муносибатҳои Тоҷикистону Эрон дар марҳилаи ибтидоии онҳо (1992-1997) бо давраи тавсеаи ҳамкориҳои стратегӣ (2000–2010);

усули таърихӣ-системавӣ ва типологӣ - барои таҳлили муносибатҳои дуҷониба дар заминаи тағйироти геополитикии минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла таҳаввулоти вобаста ба амалиётҳои низомии НАТО дар Афғонистон ва Ироқ ва таъсири онҳо ба ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон;

усули таҳлили ҳуҷҷатҳо - барои омӯзиш ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, созишномаҳои дуҷониба, гузоришҳои солонаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории тиҷорати хориҷӣ, инчунин қатъномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид, ки ба мавзуи таҳқиқот марбут мебошанд.

**Қисмати асосӣ**. Дар миёни кишварҳои ҷаҳони ислом афзалияти рушди муносибатҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Исломии Эрон мушоҳида мегардад, ки он ҳамчун кишваре дорои анъанаҳои мушобеҳи фарҳангию таърихӣ ва давлатест, ки дар танзими низои байни тоҷикон талошҳои назаррас анҷом додааст, мавқеи махсус дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мусоҳиба ба нашрияи британиявӣ ифроз намудаанд: «Бо дарназардошти он ки Эрон дорои имкониятҳои кофии иқтисодӣ буда, ба кишварҳои минтақа таъсиргузор аст ва метавонад барои Тоҷикистон яке аз шарикони муҳими тиҷоратӣ ва иқтисодӣ гардад, мо минбаъд низ барои таҳким ва амиқгардонии муносибатҳо бо ин кишвари дӯст талош хоҳем варзид» [5].

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон 9-уми январи 1992 барқарор карда шуд. Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон 9 январи 1992 дар Душанбе ифтитоҳ ёфта ба фаъолият шурӯъ намуд. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Теҳрон 18-уми июли соли 1995 ифтитоҳ гардид. Моҳи июни соли 1992 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев аз Ҷумҳурии Исломии Эрон боздиди расмӣ ба амал оварда, дар чаҳорчӯбаи он «Эъломияи усули ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон» ба имзо расид. Ин Эъломия то соли 1995 принсипҳои асосии ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро байни ду кишвар муқаррар ва танзим менамуд [4].

Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) бо Ҷумҳурии Исломии Эрон (ҶИЭ) дорои вижагиҳои худ мебошанд, ки онҳо, пеш аз ҳама, ба умумиятҳои таърихию фарҳангӣ ва забонии халқҳои тоҷик ва эронӣ вобастаанд. Аз лаҳзаи эълони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон дар барқарорсозӣ ва рушди муносибатҳо бо ин давлати нави мустақил мавқеи пешсафро ишғол намуд. Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон нахустин намояндагии дипломатӣ буд, ки дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ гардид. Минбаъд дар пойтахти Тоҷикистон инчунин шуъбаи бонки тиҷоратии эронии «Тиҷорат» ва мағозаи китобфурӯшии нашриёти «Ал-Ҳудо» ба фаъолият оғоз намуданд.

Афрӯхташавии оташи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва бесуботии сиёсии вобаста ба он раванди рушди муносибатҳои дуҷонибаро ба таври ҷиддӣ коста гардонид. Бо вуҷуди ин, моҳи июли соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Теҳрон бо боздиди расмӣ ташриф оварда, дар ҷараёни он 12 санади ҳамкорӣ ба имзо расид. Дар моҳи августи ҳамон сол, дар нахустин марҳилаҳои барқарорсозии ҳокимияти қонунӣ дар Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Алӣ Акбар Вилоятӣ ба шаҳри Душанбе ташриф овард. Ҳамчунин, аз моҳи июли соли 1995 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Теҳрон ба фаъолият оғоз намуд. Чунон ки дар ин давра Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудааст, «рушди муносибатҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Исломии Эрон бо баъзе омилҳое вобаста мебошад, ки зарурати таҳияи равиши дақиқ ва дастурҳои мушаххасро тақозо менамоянд. Дар ин замина, мувофиқи мақсад аст, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба густариши ҳамкории иқтисодӣ дар асоси манфиатҳои мутақобила равона карда шавад. Ҷониби эронӣ дар давоми соли 1995, дар самти рушди ҳамкории иқтисодӣ, умуман ба омӯзиши имкониятҳои мавҷуда машғул буд. Пас аз сафари сатҳи олӣ ба ин кишвар, ҷониби Эрон бо як қатор пешниҳодҳои мушаххас оид ба ба роҳ мондани ҳамкорӣ баромад намуд. Аз ҷумла, яке аз самтҳои ҷолиб ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо дарназардошти имконияти истифодаи роҳи оҳани Туркманистон ва бандарҳои эронии халиҷи Форс маҳсуб меёбад» [6, 6].

Ҳамзамон, дар муносибатҳои ду кишвар масъалаҳое низ ба миён меомаданд, ки ба дастгирии Иттиҳоди неруҳои оппозитсионии тоҷик (ИНОТ) аз ҷониби Ҷумҳурии Исломии Эрон иртибот доштанд. Дар ин робита, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудааст: «Дар самти рушди муносибатҳои сиёсӣ ва башардӯстона бо ин кишвар, эҳтимол

меравад, ки онҳо то муддате зери таъсири мавқеи ҷониби эронӣ нисбат ба танзими масъалаи марбут ба мухолифин боқӣ монанд [6, 6].

Соли 1996 муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамоно дар марҳилаи таҳияи барномаҳо ҷиҳати ба сатҳи сифатан нави рушд баровардани онҳо қарор доштанд. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудааст: «Дар мавриди ҳамкории иқтисодӣ бо Эрон, он тадриҷан ҷанбаи мубодилаи афкорро касб намуда истодааст. Соли 1996 ҳаҷми содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҶИЭ 1 714 493 доллари ИМА ва воридот 10 461 837 доллари ИМА-ро ташкил дод» [7, 5].

Ҳамзамон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал таъкид намуд, ки «дар муносибатҳои иқтисодии миёни ду кишвар дар айни замон баъзе дурнамоҳои мусбат пайдо гардидаанд. Имкониятҳои ҷалби сармоягузории ин кишвар барои сохтмони чунин иншооти муҳим, ба монанди роҳи автомобилгарди Кӯлоб - Дарвоз ва Неругоҳи барқи обии Сангтӯда, ба вуҷуд омадаанд» [8, 5].

Ҳамин гуна ҳолат дар равобит бо Эрон соли 1997 низ идома ёфт: «Дар муносибатҳо бо Эрон, ба мисли соли қаблӣ, бештар баррасии имконоти ҳамкорӣ ҳукмрон аст, на худи ҳамкорӣ. Чунин мавқеъ, аслан, барои муносибатҳо бо Эрон хос нест ва ин ҳолат боиси нигаронии муайян аз сабаби набудани мушаххасоти воқеии қобили мулоҳиза эҳсос мегардад. Бо вуҷуди ин, бо дарназардошти он ки бо Эрон тамосҳои чандинсолаи сатҳҳои гуногун нигоҳ дошта мешаванд, чунин таассурот ба вуҷуд меояд, ки муносибатҳо аз нигоҳи ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд бенатиҷа мебошанд». Аслан, дар ду соли минбаъда муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Эрон тағйироти ҷиддиро аз сар нагузарониданд. Вазорат танҳо таъкид менамуд, ки «таҳлили ҷараёни татбиқи санадҳои муштаракан қабулшуда нишон медиҳад, ки дар муносибатҳои Тоҷикистону Эрон дурнамои бузург мавҷуд аст, махсусан дар чунин соҳаҳо, ба мисли гидроэнергетика, саноати нассоҷӣ, саноати сабук ва ғайра» [9, 10].

Танҳо дар соли 2000 дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон нишонаҳои мусбати рушд ба миён омаданд. Моҳи июли соли 2000, бо мақсади иштирок дар нишасти сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО), Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафари расмӣ анҷом дод. Дар доираи ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Хотамӣ мулоқот баргузор намуд. Зимни мулоқот ба рушди минбаъдаи ҳамкории иқтисодӣ миёни ду давлат таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Дар натиҷаи ин мулоқот, Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзи техникиро ба маблағи 25 миллион доллари ИМА пешниҳод намуд. Ҳамзамон, дар раванди музокироти ҷонибҳо масъалаҳои марбут ба вазъияти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва умуман минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтанд [9, 10].

Дар соли 2001 муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳам дар самти тамаркузи кӯшишҳои асосӣ ба густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва ҳам дар самти масъалаҳои амнияти минтақавӣ рушд ёфтанд. Масоили амниятӣ, пеш аз ҳама, ба вазъияти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон вобаста буданд, ки бо оғози амалиёти «Озодии поянда» дар моҳи октябри соли 2001 дар он кишвар марбут мегардиданд» [10, 155].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти сиёсии он бо иштироки фаъолона дар эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ, инчунин бо мавқеи устувор ва усулии худ оид ба танзими буҳрони Афғонистон, садоқатмандии пайвастаи худро ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм тасдиқ намуданд. Ҳамзамон, онҳо манфиатдории баланди худро дар ҳифзи амният ва суботи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ иброз доштанд.

Дар соли 2002 муносибатҳои Тоҷикистону Эрон тамоюли гузариш ба роҳандозии ҳамкории воқеии мутақобилан судмандро касб намуданд. Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи майи соли 2002 ба таҳкими эътимоди мутақобила, рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангии ду кишвар, инчунин ба фаъол гардидани Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байни Тоҷикистон ва Эрон таъсири назаррас расонд. Ин сафар ҳамчунин аз лиҳози

такмили заминаи ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистону Эрон самарабахш арзёбӣ гардида, бо имзои 14 санади нави ҳуқуқӣ ҷамъбаст шуд [11, 16]. Дар рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии ду кишвар дар ин давра ифтитоҳи хатсайри мустақими ҳавоӣ миёни шаҳрҳои Душанбе ва Теҳрон, инчунин баргузории намоишгоҳҳои колоҳо ва маҳсулоти эронӣ дар Тоҷикистон дар нимаи дуюми соли 2002 нақши муҳим доштанд.

Рушди минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Эрон дар давраи минбаъда, аз як тараф, бо густариши минбаъдаи робитаҳои ду кишвар, ки бар заминаи наздикии таърихию фарҳангӣ асос ёфтаанд ва аз ҷониби дигар, бо тағйирёбии вазъи байналмилалӣ дар минтақаи Ховари Миёна вобаста буд. Ин тағйирот пас аз ҳамлаи кишварҳои узви Паймони Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва инчунин амалиёти ин эътилоф дар Ҷумҳурии Ироқ дар баҳори соли 2003 ба вуқӯъ пайваста, ба ишғоли ин кишварҳо ва идомаи ҷанги тӯлонии шаҳрвандӣ боис гардид.

Намунаи равшани таъсири омили аввал иштироки густурдаи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар сохтмони неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» маҳсуб мегардад. Ин лоиҳаи ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2005 оғоз гардид. Ҷумҳурии Исломии Эрон ба лоиҳаи мазкур 180 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ намуд, дар ҳоле ки саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин лоиҳа 40 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Иқтидори лоиҳавии неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» 220 мегаватт буда, имкони истеҳсоли солона то 1 миллиард киловатт - соат неруи барқро фароҳам меорад. Мутобиқ ба шартҳои мувофиқашуда, даромади неругоҳ баъди мавриди истифода қарор гирифтани он дар муҳлати 12,5 сол ба Ҷумҳурии Исломии Эрон тааллуқ хоҳад дошт. Ҳамзамон, дар доираи татбиқи ин лоиҳа бунёди Хатти интиқоли неруи барқ (ЛЭП) дар масири Тоҷикистон – Афғонистон – Эрон (Сангтӯда – Машҳад тавассути қаламрави Афғонистон) пешбинӣ гардидааст, ки он интиқоли неруи барқро ба шаҳрҳои шимолии Афғонистон ва минтақаҳои шарқии Эрон таъмин хоҳад намуд [12].

Лоиҳаи бузурги дигар дар соҳаи гидроэнергетика бо иштироки Ҷумҳурии Исломии Эрон барномаи сохтмони ҳашт неругоҳи хурди барқи обӣ дар дарёи Зарафшон маҳсуб меёбад. Татбиқи барномаи мазкур аз ҷониби корхонаи муштараки Тоҷикистону Эрон «Роҳи Корвон-Кӯҳгурт» дар доираи барномаи дарозмуддати сохтмони неругоҳҳои хурди барқи обӣ, ки соли 2006 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида буд, амалӣ мегардад. Ҷумҳурии Исломии Эрон барои бунёди неругоҳҳои мазкур дар ноҳияҳои Айнӣ, Турсунзода, Нуробод, Балҷувон ва Шаҳринав 10 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ менамояд [13].

Дар марҳилаи мавриди назар, тамоюли асосии муносибатҳои Тоҷикистону Эрон бо афзоиши танишҳои ҳарбӣ - сиёсӣ дар минтақа тавсиф меёбад. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба идомаи низои мусаллаҳона дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ишғоли Ҷумҳурии Ироқ, инчунин (аз аввали соли 2006) ба таҳдидҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нисбат ба Ҷумҳурии Исломии Эрон вобаста ба барномаи ҳастаии он марбут мебошад. Дар чунин шароит Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати коҳиш додани шиддати вазъ дар атрофи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ҳамаи самтҳои зикршуда тадбирҳои дипломатӣ меандешад. Дар ин росто, дар идомаи таҳкими мавқеъгирии сиёсӣ дар арсаи байналмилалӣ, изҳороти расмии роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус касб менамояд. Чунончи, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар Парлумони Аврупо 10 феврали соли 2009, бо даъват ба густариши муколамаи созанда миёни кишварҳои аврупоӣ ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар робита ба барномаи ҳастаии он, чунин изҳор дошт: «Эрон кишваре нест, ки бо он аз мавқеи қувва бояд гуфтугӯ кард. Мо кишвари форсизабон ҳастем ва моро бо Эрон таърих, фарҳанг ва забони муштарак мепайвандад. Ин кишвари дорои тамаддуни бостонӣ ва фарҳанги ғанӣ мебошад. Бовар кунед, Эрон Ироқ ё Афғонистон нест - истифодаи қувва ва фишор дар ин маврид натиҷа намедиҳад. Танҳо як роҳ вуҷуд дорад - ва он ҳам муколамаи мусолиматомез аст, ки метавонад ба кишварҳои Аврупо барои дарёфти калиди ҳамкорӣ бо ин кишвар мусоидат намояд» [17]. Ин мавқеъ ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори усулҳои дипломатии ҳалли ихтилофҳо буда,

муколамаи созандаро ҳамчун абзори асосии танзими муносибатҳои байналмилалӣ арзёбӣ менамояд.

Соли 2008 марҳилаи муҳим дар рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ба ҳисоб мерафт: мувофиқа гардид, ки корҳои сохтмони Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» ва Хатти баландшиддати интиқоли барқи Тоҷикистон – Афғонистон - Эрон, инчунин як қатор корхонаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон суръат бахшида шаванд.

Моҳи марти соли 2009 дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Теҳрон, бо ҷониби Эрон Барномаи дуҷонибаи ҳамкориҳои иқтисодӣ барои солҳои 2009 - 2015 ба имзо расид. Ин барнома, дар баробари сохтмони неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», анҷоми пурраи корҳои сохтмонӣ дар нақби «Истиқлол», оғози сохтмони неругоҳи барқи обии Шӯроб, неругоҳҳои хурди барқӣ, бунёди нақби Чормағзак ва як қатор лоиҳаҳои дигари инфрасохториро пешбинӣ менамуд [14, 101 - 102].

Бояд таъкид намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон аз оғози солҳои 2000-ум роҳандозии ҳамкории мутақобилан судмандро ҳамчунин дар шакли сеҷонибаи давлатҳои форсизабон - Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон - оғоз намуданд. Асоси чунин ҳамкориро ғояи умумияти сарнавишти таърихӣ, забон ва арзишҳои динӣ ташкил медод.

Дар раванди таъсиси иттиҳодияҳои ягонаи байнидавлатӣ як қатор мушкилоти дорои хусусияти сиёсӣ ва иқтисодӣ ба миён омаданд. Пеш аз ҳама, идома ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба рушди равандҳои сиёсӣ таъсири номусоид расонида, аз ҷумла ба пешрафти равандҳои ҳамгироӣ миёни се давлат монеа эҷод мекард.

Дар доираи рушди ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон, ҷонибҳо зимни мулоқотҳои сарони давлатҳо омодагии худро ҷиҳати тавсеаи робитаҳои сеҷониба пайваста иброз менамоянд, аммо аксарияти лоиҳаҳо амалӣ нагардиданд. Намунаи барҷастаи талошҳои се кишвари форсизабон дар самти таҳкими ҳамкории муштарак таҷлили муштараки ҷашни «Наврӯз» мебошад, ки маросимҳои он дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардидаанд. Бо вуҷуди ин, чунин лоиҳаҳои муҳими муштарак, аз қабили таъсиси шабакаи ягонаи телевизионӣ ва донишгоҳи муштарак, то ҳол амалӣ нашудаанд.

Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамкории худро дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай густариш медиҳанд. Созмони мазкур 26 апрели соли 1996 дар шаҳри Шанхай бо мақсади таҳкими чораҳои эътимоди ҳарбӣ дар минтақаҳои наздимарзӣ миёни Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Ҷумҳурии Исломии Эрон соли 2005 ба ҳайси давлати нозир ба Созмони ҳамкории Шанхай пазируфта шуда, дар фаъолияти он иштирок менамояд. Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи расмӣ ҷиҳати дастгирии шомилшавии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба ҳайси узви доимии Созмони ҳамкории Шанхай изҳор гардидааст.

Иштироки Ҷумҳурии Исломии Эрон дар фаъолияти Лигаи давлатҳои исломӣ ҷанбаи маҳдуд дошта, чунин ҳолат, пеш аз ҳама, ба моҳияти ғолибан суннигароӣ доштани самтгириҳои сиёсӣ ва ниҳодии ин созмони байналмилалӣ марбут мебошад. Зеро фаъолияти Лига, умуман, ба таҳким ва густариши ҳамкориҳо миёни давлатҳое равона гардидааст, ки дорои аксарияти суннигаро мебошанд. Дар чунин шароит, сарфи назар аз маҳдудиятҳои мавҷуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли устувор ва манфиатдориро нисбат ба тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба бо ҶИЭ ҳифз менамояд. Дар низоми муносибатҳои минтақавӣ, платформаҳои калидии рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи ҶТ ва ҶИЭ-ро созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), инчунин қолаби ҳамкории сеҷонибаи давлатҳои форсизабон ҳамчун механизмҳои муассири ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва татбиқи ташаббусҳои муштарак баромад менамоянд.

Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар марҳалаи кунунӣ ба сатҳи шарикии стратегӣ бардошта шудаанд, ки ин омил аз сатҳи баланди эътимоди сиёсӣ ва ҳамоҳангии манфиатҳои миллӣ шаҳодат медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар навбати худ, сиёсати ба инзиво равонагардидаи бархе аз давлатҳоро нисбат ба ҶИЭ ҷонибдорӣ накарда, мавқеи пайгирона ва фаъолро дар самти зарурати лағви таҳримҳои байналмилалии зиддиэронии дорои хусусияти сиёсӣ ишғол менамояд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамоҳангсозӣ ва ҳамоҳангии амалҳои муштарак дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ доир ба як қатор масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва глобалӣ дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мавқеъҳои наздик ва ҳамсонро ишғол менамоянд. Аз ҷумла, мавқеъгирии тарафайн нисбат ба чунин масъалаҳои калидии ҷаҳонӣ, аз қабили истифодаи сулҳомези неруи ҳастаӣ ва энергетикаи атомӣ, инчунин таъмини минтақаҳои хушк бо оби нӯшокӣ, ҷанбаи ҳамоҳанг ва ҳамгиро дорад.

Дар ин замина, эъломияи расмии роҳбарияти олии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳаммияти назаррас дорад. Чунончи, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари давлатии худ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон дар моҳи январи соли 2010 [15] таъкид намуда буд: «Мо ҳамчун шарики стратегӣ барномаи сулҳомези ҳастаии Эронро дар тамоми марҳилаҳои он ҷонибдорӣ менамоем» [16]. Ин мавқеъ ба таври возеҳ сатҳи баланди эътимоди сиёсӣ ва ҳамгироии манфиатҳои стратегии ду кишварро дар масъалаҳои муҳими байналмилалӣ инъикос менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005–2015) баромад намуда, дар ин замина дар асоси қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид № 58/217 аз 23 декабри соли 2003 ин иқдомро дар сатҳи байналмилалӣ пешбарӣ намуда, пайваста ҷонибдори таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ миёни давлатҳои Осиёи Марказӣ дар самти ҳалли масъалаҳои марбут ба захираҳои обии фаромарзӣ мебошад [18]. Ин ташаббус ба унвони як иқдоми муҳими байналмилалӣ дар самти таъмини рушди устувор ва идоракунии самараноки захираҳои обӣ арзёбӣ мегардад.

Ҷумҳурии Исломии Эрон дар навбати худ, зимни баррасии масъалаи об дар сатҳи олии созмонҳои байналмилалӣ аз ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пуштибонӣ намуда, зарурати таҳкими ҳамкориҳои фаромиллӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои обиро таъкид кардааст. Чунин мавқеъ ба ҳамоҳангии манфиатҳои стратегии ду кишвар дар самти таъмини амнияти об ва рушди устувори минтақавӣ далолат менамояд.

Дар маҷмӯъ, амнияти об ҳамчун ҷузъи таркибии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ баррасӣ гардида, ҳамкории Тоҷикистону Эрон дар ин самт метавонад ҳамчун намунаи ҳамкории созанда дар ҳалли масъалаҳои глобалии муҳити зист ва захираҳои табиӣ арзёбӣ гардад.

**Муҳокима.** Таҳлили заминаҳои геополитикии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон нишон медиҳад, ки рушди ҳамкориҳои дуҷониба на танҳо аз омилҳои дохилӣ, балки аз таҳаввулоти минтақавӣ ва байналмилалӣ низ вобастагӣ дошт. Тағйирёбии муҳити амниятии минтақа пас аз амалиётҳои низомии НАТО дар Афғонистон (2001) ва Ироқ (2003) масъалаҳои мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва таъмини амнияти минтақавиро ба яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои ду кишвар табдил дод. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштирок дар эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ мавқеи худро ҳамчун шарики масъули ҷомеаи байналмилалӣ мустаҳкам намуд [10, 155].

Дар солҳои 2006-2010, дар шароити шиддат гирифтани фишорҳои байналмилалӣ нисбат ба барномаи ҳастаии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати мутавозин ва мустақилро пайгирӣ намуд. Изҳороти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Парлумони Аврупо (2009) [17] ва зимни сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон (2010) [15], ки дар он ҷонибдории Тоҷикистон аз истифодаи сулҳомези неруи ҳастаӣ дар доираи

меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъкид гардид [16], аз ҳамоҳангии мавқеи сиёсии ду кишвар оид ба ин масъала шаҳодат медиҳад.

Яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон дар муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои обию энергетикӣ марбут буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005–2015), ки дар асоси қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид № 58/217 қабул гардидааст [18], барои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи захираҳои обӣ иқдом намуд. Ҷумҳурии Исломии Эрон ин ташаббусҳоро дар сатҳи байналмилалӣ пайваста дастгирӣ мекард, ки ба ҳамоҳангии мавқеи ду кишвар дар масъалаҳои глобалии вобаста ба об мусоидат намуд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки рушди баъзе ташаббусҳои бисёрҷонибаи фарҳангӣ ва илмӣ дар доираи ҳамкориҳои давлатҳои форсизабон - Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон - таҳти таъсири омилҳои берунӣ қарор гирифт. Аз ҷумла, лоиҳаҳои таъсиси шабакаи муштараки телевизионӣ ва донишгоҳи муштарак бинобар бесуботии вазъи сиёсиву амниятии Афғонистон пурра амалӣ нагардиданд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, новобаста аз мавҷудияти заминаҳои мусоиди таърихию фарҳангӣ, ба вазъи геополитикӣ ва муҳити амниятии минтақа вобастагии ҷиддӣ дорад.

**Натиҷаҳо**. Таҳқиқи раванди таърихии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар солҳои 1991-2010 имкон дод, ки марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба ба таври зерин муайян карда шаванд:

**1. Марҳилаи ташаккули муносибатҳои дипломатӣ (1992-1995).** Муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон 9 январи соли 1992 барқарор гардиданд. Ҷумҳурии Исломии Эрон аз нахустин давлатҳое буд, ки сафорати худро дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ намуд. Моҳи июни соли 1992 «Эъломияи усулҳои ҳамкорӣ» ба имзо расид, ки то соли 1995 ҳамчун заминаи асосии ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба хизмат намуд [4]. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Теҳрон 18 июли соли 1995 ба фаъолият оғоз кард

**2. Марҳилаи коҳиши фаъолият ва арзёбии имкониятҳои ҳамкорӣ (1995-1999).** Дар ин давра, бинобар таъсири ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва мавқеи Ҷумҳурии Исломии Эрон нисбат ба Иттиҳоди неруҳои оппозитсионии тоҷик (ИНОТ), ҳамкориҳои дуҷониба асосан хусусияти барномавӣ ва эъломиявӣ доштанд [6, 6]. Бо вуҷуди маҳдуд будани робитаҳои иқтисодӣ, ҳаҷми содироти Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соли 1996 ба 1 714 493 доллар ва воридот аз он кишвар ба 10 461 837 доллари ИМА расид [7, 5].

**3. Марҳилаи густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ (2000-2005).** Омили калидии рушди муносибатҳои дуҷониба сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Теҳрон дар соли 2000 гардид, ки ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ такони ҷиддӣ бахшид. Дар доираи ин сафар Ҷумҳурии Исломии Эрон барои татбиқи лоиҳаҳои муштарак 25 миллион доллар қарзи техникӣ пешниҳод намуд [9, 10]. Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Тоҷикистон дар соли 2002 бо имзои 14 санади нави ҳамкорӣ ва фаъол гардидани кори Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Эрон анҷом ёфт [11, 16].

**4. Марҳилаи татбиқи лоиҳаҳои стратегии муштарак (2005-2010).** Ин давра бо оғози амалисозии як қатор лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ ва энергетикӣ тавсиф мешавад. Аз ҷумла, соли 2005 сохтмони неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» оғоз гардид, ки барои татбиқи он Ҷумҳурии Исломии Эрон 180 миллион доллар ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 40 миллион доллар сармоягузорӣ намуд [12]. Соли 2006 инчунин татбиқи лоиҳаи сохтмони ҳашт неругоҳи хурди барқи обӣ дар дарёи Зарафшон бо ҳаҷми сармоягузории 10 миллион доллар оғоз ёфт [13]. Дар соли 2009 Барномаи ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Эрон барои солҳои 2009–2015 ба имзо расид, ки дар доираи он анҷом додани сохтмони нақби «Истиқлол» ва бунёди нақби «Чормағзак» пешбинӣ гардида буд [14, 101–102].

**Хулосаҳо.** Таҳқиқи марҳилаи ибтидоии рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар солҳои 1991 - 2010 имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

- **ташаккули эътимоди сиёсӣ.** Дар давраи мавриди таҳқиқ муносибатҳои Тоҷикистону Эрон аз марҳилаи ташаккул ва арзёбии имкониятҳои ҳамкорӣ ба сатҳи шарикии стратегӣ гузаштанд. Ин раванд дар заминаи умумиятҳои таърихӣ, тамаддунӣ ва забонӣ, инчунин тавсеаи муколамаи сиёсӣ ва таҳкими заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба сурат гирифт;
- **тақвияти ҳамкориҳои инфрасохторӣ**. Амалисозии лоиҳаҳои муштараки инфрасохторӣ, аз ҷумла сохтмони неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» ва нақби «Истиқлол», дар густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ нақши муҳим бозида, ба таҳкими амнияти энергетикӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва беҳтар гардидани робитаҳои коммуникатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд;
- **тавсеаи ҳамкориҳо дар сатҳи байналмилалӣ.** Ҳамоҳангии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Ҳамкории Шанхай, инчунин пуштибонии мутақобилаи ташаббусҳои сиёсӣ ва рушди ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои обӣ, аз тамоюли таҳкими шарикии дуҷониба ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ дар давраи мавриди таҳқиқ шаҳодат медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Закон об образовании союзно - республиканского Народного Комиссариата иностранных дел Таджикской ССР // Дипломатия Таджикистана. Информационный бюллетень. 2002. - № 2. – С. 173.
2. Заявление о государственной независимости Республики Таджикистан //Дипломатия Таджикистана. Информационный бюллетень. – 2002. – №2. – С.175.
3. Саидов З., Сабуров А. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене. – Душанбе, 2005. – 432 с.
4. Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон. [Манбаи электронӣ] https://mts.tj. (Санаи муроҷиат: 11.11.2025).
5. Рахмонов Э.Ш. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель» 1996г. Январь //Тысяча лет в одну жизнь. – С. 263.
6. Бойгонии ҷории ВКХ ҶТ. Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВКХ ҶТ дар соли 1995. - Душанбе, январи соли 1995. - С.6..
7. Бойгонии ҷории ВКХ ҶТ. Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВКХ дар соли 1997. – Душанбе, 1997с. - С. 5.
8. Бойгонии ҷории ВКХ ҶТ Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВКХ дар соли 1997. – Душанбе, 1997с. - С. 5.
9. Бойгонии ҷории ВКХ ҶТ. Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВКХ дар соли 1999. – Душанбе, 2000с. – С.10.
10. Бойгонии ҷории ВКХ ҶТ. Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВКХ дар соли 2001. – Душанбе 2002с. – С.15.
11. Бойгонии ҷории ВКХ ҶТ. Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВКХ ҶТ дар соли 2002. – Душанбе 2003с. – С.16.
12. Давлатов З. Иранцы начали возводить здание ГЭС Сангтуда-2 //Азия-Плюс. – 2007. – 23 авг.
13. Таджикско – иранское предприятие построить восемь малых ГЭС // Факты и комментария. - 2007. 9 авг.
14. Дипломатия Таджикистана вчера и сегодня. Том 1. Душанбе: Ирфон, 2009. – 296 с.
15. Интернет-сайт Президента Республики Таджикистан. 2010. URL: http://prezident.tj/node/489 (санаи муроҷиат 05.03.2025).
16. Месамед В.И. Особенности ирано-таджикистанского сотрудничества. http://www.iimes.ru /rus/stat/2010/10-11-10.htm (санаи муроҷиат 05.03.2025).
17. http://www.avesta.tj/main/1482-d.html (санаи муроҷиат 05.03.2024).
18. Агентство «Азия плюс», 1 марта 2011 года.

## НАЧАЛЬНЫЙ ЭТАП РАЗВИТИЯ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ ИРАН В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ (1991–2010 ГГ.)

Данная статья посвящена научному анализу процессов и аспектов становления и развития отношений между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Иран в период с 1991 по 2010 годы. В работе рассматриваются политические, экономические и культурные основы двустороннего сотрудничества, а также роль общих исторических, цивилизационных и языковых факторов в укреплении межгосударственных связей.

Особое внимание уделяется уровню стратегического партнерства двух стран, координации позиций на международной арене, в том числе в рамках Организации Объединенных Наций и других региональных организаций. Также в качестве ключевых направлений таджикско-иранского взаимодействия анализируются важные глобальные проблемы, такие как мирное использование ядерной энергии, водная безопасность и управление трансграничными водными ресурсами.

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Исламская Республика Иран, межгосударственные отношения, стратегическое партнерство, внешняя политика, водная безопасность, гидрополитика, Организация Объединенных Наций, региональное сотрудничество.*

## THE INITIAL STAGE OF THE DEVELOPMENT OF RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE (1991–2010)

This article is devoted to the scientific analysis of the processes and aspects of the formation and development of relations between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Iran in the period from 1991 to 2010. The paper examines the political, economic, and cultural foundations of bilateral cooperation, as well as the role of shared historical, civilizational, and linguistic factors in strengthening interstate ties.

Special attention is paid to the level of strategic partnership between the two countries and the coordination of their positions in the international arena, including within the framework of the United Nations and other regional organizations. Furthermore, critical global issues, such as the peaceful use of nuclear energy, water security, and the management of transboundary water resources, are analyzed as key areas of Tajik-Iranian interaction.

***Keywords***: *Republic of Tajikistan, Islamic Republic of Iran, interstate relations, strategic partnership, foreign policy, water security, hydropolitics, United Nations, regional cooperation.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Неъматов Икромидин** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ, Нишонӣ: 734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Тел.: (+992) 907705875, E-mail: i.nemat@mail.ru ORCID:0009-0007-1894-3057

**Сведения об авторе: Неъматов Икромидин** - доцент кафедры дипломатии и международных отношений Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33, тел. (+992) 907705875, E-mail: i.nemat@mail.ru, ORCID:0009-0007-1894-3057

**Information about the author: Nematov Ikromidin** - Docent of Diplomacy and Internation Relations of Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidat of historical sciences, 734003, Dushanbe city, 33, Said Nosir str. Phone (+992) 907705875, E-mail: i.nemat@mail.ru, ORCID:0009-0007-1894-3057

**УДК:341(∞)**

# МАСЪАЛАҲОИ ПЕШГИРИИ ИФРОТГАРОИИ ХУШУНАТОМЕЗ ДАР ДАВРОНИ МУОСИР

**Махмедов Муҳаммадҷон**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақола масъалаҳои пешгирии ифротгароии хушунатомез дар шароити ҷаҳони муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф таҳдидҳои амниятии глобалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла терроризм ва экстремизмро ҳамчун яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеаи муосир баррасӣ менамояд. Ҳамчунин таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои ахбори омма дар паҳн гардидани ғояҳои ифротӣ таҳлил карда мешавад.*

*Дар таҳқиқ таҷрибаҳои байналмилалӣ дар самти мубориза ва пешгирии ифротгароии хушунатомез, аз ҷумла Стратегияи ҷаҳонии зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид, инчунин нақши созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ баррасӣ гардидааст. Дар баробари ин, таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳкими амнияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва чораҳои давлатӣ барои пешгирии ифротгароӣ таҳлил карда мешавад. Муаллиф ба механизмҳои асосии пешгирии ифротгароӣ, аз ҷумла баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, рушди маърифати шаҳрвандӣ, тарбияи ҷавонон ва дастгирии гурӯҳҳои осебпазири иҷтимоӣ диққати махсус медиҳад. Дар натиҷа хулоса кардан мумкин аст, ки истифодаи равишҳои ҳамгиро ва ҳамкории бисёрҷонибаи миллӣ ва байналмилалӣ метавонад ба коҳиш додани хатари ифротгароии хушунатомез ва таҳкими суботу амнияти ҷомеа мусоидат намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созмонҳо, СММ, давлатҳо, терроризм, ҳамкории бисёрҷониба, сиёсати хориҷӣ.*

**Муқаддима.** Мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои радикализми сиёсӣ, экстремизми динӣ ва терроризми байналмилалӣ ҳамгироии кишварҳои минтақа ва ҷаҳонро дар чаҳорчубаи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ба миён овардааст. Зеро таҳдидҳои мазкур хусусияти фаромарзию фароминтақавӣ дошта дар ҷаҳони муосир ба як хатари бузурги минтақавию байналмилалӣ табдил ёфтааст. Ин раванди номатлуб ҷомеаи башариро нигарон намуда, баҳри пешгирии омилҳои террористӣ тамоми омилҳо, сабабҳо ва дарёфти роҳу усулҳои самарабахши мубориза алайҳи терроризм талош меварзад. Аз ин нуқтаи назар дар шароити нави ҷаҳонӣ таъмини амнияти байналмилалӣ яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳими инсоният ба шумор меравад. Мушкилоти таъмини амният ҳам дар замонҳои пеш ва ҳам дар марҳилаи кунунӣ хело муҳим ва мушкил мебошад.Созмони Амнияти Ҳамкори дар Аврупо яке аз созмонҳои байналмилалӣест, ки ба масъалаи таъмини амниятӣ машғул мебошад. Муҳимияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки амният мафҳуми васеъ буда, аз ҷумла масъалаи истиқлолият, тамомияти арзӣ, манфиатҳои миллии ҳар як кишварро дар бар мегирад.

**Мақсади таҳқиқот.** Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамкориҳои САҲА бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо ифротгароии хушунатомез зери таваҷҷуҳи доимии олимони соҳаи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ қарор дорад. Аз ин хотир, ба масъалаи таҳқиқшаванда теъдоди зиёди таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудаанд. Аз ин хотир, ба масъалаи таҳқиқшаванда теъдоди зиёди таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудаанд. Бо мақсади таҳқиқи комили мавзуи мақолаи илмии мо ба маҷмуи осори муҳаққиқони хориҷӣ ва ватнӣ муроҷиат намуда, баҳри осон гаштани таҳлили илмӣ онҳоро ба якчанд гуруҳ ҷудо намудем.

**Усули таҳқиқот**. Ҳамин тариқ, нававарии мақолаи мазкур бо он муайян мегардад, ки: асосҳои назариявӣ ва амалии муқовимат бо ифротгароии хушунатомез омӯхта шуд .

1.Ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи САҲА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза ба ифротгароии хушунатомез таҳқиқ гардид.

2. ҳамкории дучониба ва бисёрҷониба САҲА ва Осиёи Марказӣ дар мубориза ба ифротгароии хушунатомез мавриди баррасӣ қарор гирифт.

3. ташаббусҳои САҲА ва давлаҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза ба ифротгароии хушунатомез омӯхта шуд.

4. нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза ба ифротгароии хушунатомез таҳлил гардид.

5. асосҳои ҳамкориҳо байни САҲА ва Тоҷикистон дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ таҳқиқ карда шуд.

**Қисмати таҳқиқот.** Мақолаи илмии мо дар асоси таҳқиқотҳои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА, ки қаблан мавриди омӯзиш қорор гирифтаанд, таҳлил гардидаанд, мақсади ҳамкори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА пешгирии ифротгароӣ, террористӣ мебошад, ки доир ба ин ҳамкории дигар созишномаҳо низ мавриди барасӣ қарор доранд.

Дар марҳилаи муосир мафҳуми терроризм, экстремизм, ва дигар истилоҳоте, ки марбут ба даҳшат ва нооромии ҷомеъа равона шудааст, шояд маъноҳояшон фарқкунанда бошад, аммо дар хулоса ҳадаф ва мақсад як чиз аст, нооромии ҷомеа, ваҳшат, тарсондан, куштор ва дигар хатарҳои ҷиддие, ки ба сулҳу субот ва нооромии давлату миллат оварда мерасонад. Мафҳуми терроризм, истилоҳи "экстремизми зӯроварӣ" таърифи умумиҷаҳонии қабулшударо надорад. Дар асл, ин истилоҳот баъзан ба ҷои ҳамдигар истифода мешаванд, ки боиси нофаҳмиҳо мегардад. Бо вуҷуди ин, як қатор таърифҳо дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ таҳия шудаанд. Гузориши ахири Дафтари Комиссари Олии Ҳуқуқи Башар (OHCHR) дар бораи таҷрибаҳои хуб ва дарсҳои омӯхташуда дар бораи он, ки чӣ гуна ҳифз ва пешбурди ҳуқуқи инсон ба пешгирӣ ва мубориза бо экстремизми зӯроварӣ мусоидат мекунад, сиёсат ва чораҳои мавҷудаи давлатҳои узвро оид ба масъалаҳои марбут ба танзими экстремизми зӯроварӣ баррасӣ мекунад. [6]

Дар шароити муосир фазои амнияти минтақавӣ ва хатарҳо низ дар як марҳилаи ҳасос қарор дошта, дар баробари ин фазои иҷтимоӣ низ як навъи василаи паҳнкунии хатарҳо мебошад. Омузиш ва таҳлили мутахасисони ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки амн ва хатар дар ҳоли мубориза ба монанди беморӣ ва саломати дар муқобили ҳамдигар қарор доранд. Дар баробари ин, дар сомонаҳои иҷтимоӣ ва ҳатто телевизионҳо як қатор барномаҳое ҷо дода мешаванд, ки ба ифротгароӣ ва ба терроризм мусоидат мекунанд.

Худи мафҳуми терроризм аз забони лотинӣ (terror – даҳшат, ҳарос) гирифта шуда, ба маънои муосираш дар охирҳои асри XVIII ҳангоми Инқилоби Бузурги Фаронса истифода шудааст. Терроризм яке аз шаклҳои манфуртарини экстремизми сиёсист. Мафҳуми экстремизм бошад, аз забони франсузӣ (extremism) ва аз лотинӣ (extremus) гирифта шуда, маънои канораро дорад. Пешгирии ифротгароии хушунатомез дар замони муосир равиши бисёрҷабҳаро дар бар мегирад, ки фаҳмишҳои таърихӣ, арзёбии хатарҳо, ҷалби ҷомеа ва ҳамкории ҷаҳониро дар бар мегирад. Ин стратегияҳо барои бартараф кардани сабабҳои аслии экстремизм ва дастгирии афроди осебпазир пеш аз он ки онҳо ба зӯроварӣ даст зананд, тарҳрезӣ шудаанд. Чунин равиши ҳамаҷониба аз таҷрибаҳои таърихӣ, абзорҳои муосири арзёбии хатарҳо ва ҳамгироии технологияҳои рақамӣ бармеояд. [2,76]

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба дастовардҳои чаҳонӣ, аз ҷумла, амнтарин кишвар эътироф гардидаем. Амнияти минтақавӣ дар илми сиёсӣсатшиносӣ ва назарияи сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ мафҳуме маҳсуб меёбад, ки ҳолати таъмини устувории гурӯҳи кишварҳои минтақаи муайянро дар шароити афзоиши таҳдидҳои эҳтимолии ҳарбӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар шаклҳои хатарҳо дар доираи як воҳиди геополитикии мушаххас дар бар мегирад. [1] Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар баромадҳои хеш бо фаъолон намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар ва ба мардуми кишвар, доимо таъкид менамоянд, ки барои сарзамини аҷдодӣ ва пешрафту сулҳу суботи мамлакати хеш бо савобкунии ҷомеа, наврасон, ҷавонон, ва калонсолон низ ҳукумати кишвар чораҳои заруриро андешидааст, ба мисоли ин озмунҳои Ҷумҳуриявии дохилӣ, “илм фуруғи маърифат” “Тоҷикистон ватани азизи ман” ва дигар

озмунҳо ба роҳ монда шудааст. Пешвои миллат аз халқи бузургвори миллати тоҷик даъват ба амал меоранд, ки ба насли оияндаи тоҷик фарзандон, наберагон сохтани роҳ, мактаб, боғча, бунгоҳи тиббӣ шароити хуби зиндагӣ созем ва муҳаё намоем.

Ҳамчунин соли 2024 дар шаҳри Душанбе, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар чунин иброз намуданд: "Имрӯз мехоҳам доир ба равандҳое, ки дар ҷаҳони муосир идома доранд, аз ҷумла бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқаву низоъҳои диниву мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ, «сиёсати дугона» нисбат ба гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва монанди инҳо, ки васила истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд, инчунин, таъсири онҳо ба ҷомеа ва давлати мо ибрози андеша намоям. Баъзе масъалаҳое ҳастанд, ки мо бояд имрӯз доир ба онҳо кушоду равшан назари худро гӯем, равандҳои номатлубро баррасӣ намоем ва пеши роҳи онҳоро гирем, ки мисли ҳодисаҳои солҳои 90-ум боз ягон фоҷиаи дигар сар назанад".[8]

Терроризму эстремизм ва сепаратизм аз ҷумлаи хатарҳоест, ки шароити нави бозиҳои сиёсӣ ва геосиёсӣ тавлид карда, аммо он ба зоти худ аз мушкилоти аслии ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳон аст. Ҳузури созмонҳои ифротгаро ва ташкилотҳои террористӣ дар фазои маҷозӣ махсусан дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳолатеро ба вуҷуд овардааст, ки хатару таҳдид ба суботу оромии ҷомеа бештар гардад. [10]

Дар шарои муосир дар баробари хатарҳои ифротгароӣ, терроризм ҳамчунин хатарҳои геополитики, геосиёсӣ, ва геоиқтисодӣ ба назар мерасад, аз ҷумла дар Ховари миёна, ки ҷаҳонро дар ҳайрат гузоштааст, метавонад боиси ноороми ҷомеаи ҷаҳони бигардад. Аз тарафи дигар, шабакаҳои иҷтимоӣ,ки хеле фаъол ҳастанд ва ба ҷаҳон дилхоҳ мавод ё хабаро паҳн менамояд, ки зарари равони ба наврасону ҷавонон таъсири амиқ мерасонад. Масалан яке аз кишварҳои Аврупо Австрия ин таҳдидҳоро дарк карда, нақша дорад, ки дастрасии кудакони то 14 соларо ба шабакаҳои иҷтимоӣ манъ намояд.

Вазъи кунунии ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷаҳони пайваста дар ҳоли тағйир аст. Ин тағйирот на фақат аз нигоҳи муҳтаво, балки аз нигоҳи шакл ва суръат низ ба андозае бошиддат аст, ки онро ғайринтизор метавон гуфт. Яке аз муҳақиқони соҳа С. Вукович бар он назар аст, ки амалияҳои муосири ифротгароии хушунатомез, инчунин арзёбии хатари радикализатсияро тавассути абзорҳои гуногун дар бар мегиранд, сарфи назар аз набудани профили террористии умумӣ. Ин абзорҳо барои муайян кардани афроди зери хатар ва пешгирии иштироки онҳо дар фаъолиятҳои экстремистӣ нигаронида шудаанд.[2,65]

Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соли 2024 соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардид. Мақсад аз ин пешниҳод баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқи шаҳрвандон ҳимояи арзишҳои миллӣ, дар бораи тарбияи ватандустии шаҳрвандонбуд. Муҳим будани ин масъала дар он ифода меёбад, ки риоя ва иҷрои Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пешгирии ҷалби ҷавонон ба гуруҳу ҳаракатҳои террористиву экстримистӣ, тафаккури баланди зеҳни, дастгири ва пайрави аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат аз сатҳи баланди маърифати ҳуқуқи шаҳрвандон махсусан ҷавонон вобаста аст. Терроризм ҷинояти ҷиддӣ аст. Онро бо ягон миллат, дин ё гурӯҳи этникӣ алоқаманд кардан мумкин нест ва набояд кард.[7] Аз суханҳои болозикр фаҳмидан мумкин аст, ки аз муқадасоте чун миллат, Ватан, дин, мазҳаб маҳрум будани ин гуруҳои номатлуби хатарнок чун терроризм, ки яке аз мақсадҳои нопокашон ноорамии ҷомеа аз байн бурдани арзишҳои милли, оромӣ, сулҳу субот, урфу одат, таърих ва фарҳанги миллат мебошад, канораҷуй кардан лозим аст ва барзиди ин хатар мубориза бояд бурд.

Дар асри XXI, ки асри техникаву технологи номида шудааст кишварҳои ру ба тараққӣ, аз ҷумла Чин, Корея, ва ҳаммаслакони онҳо кашфиётҳои нав ба навро истеҳсол ва пешниҳод карда истоданд. Кишварҳои ҷаҳон яке аз давлатҳои иқтисодиёти баланд арзёби шуда ҷавонписарон ва ҷавон духтарони онҳо ба илми муосир, хондан, кашфёт, истеҳсолот забондонӣ, варзиш завқи баланд дошта, аз хатарҳое чун терроризм, ки ба миллат ва руҳияи инсон хаттари ҷидди дорад, ру гардонида ба Давлати худ содиқ мебошанд. Аз ин ру, дар

Давлатҳои номбаршуда ин хатарҳо (терроризм) дида намешавад. Ҳамин тариқ, ҷавонони мо бояд дарк кунанд, ки пешрафти Давлат танҳо бо илм ва азхудкардани шуурнокии баланд пешрафт мекунад, на ба андешаҳои паст зеро бо мақоли машҳури "калиди кухна дари нав боз намешавад"низ тақвияти ин андешаҳост.

Яке аз омилҳои асосии инкишофи ҷаҳони муосир ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ мебошад. Таҳлили таҷрибаҳо таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки ҳиссиёти табиии ҷомеаи ҷаҳониро ба оромиву ризоият ва ҳамкориҳои мутақобилаи судманд водор месозад. Дар ин самт, дар таъмин намудани ҳамкориву ҳамгироии кишварҳо нақш ва мавқеи созмону ташкилоти байналмилалӣ ва минтақавӣ бузург аст. Маҳз аз ин рӯ, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар пайваст гардидани кишвар ба равандҳои ҷаҳонии рушди ҷомеа, яке аз бахшҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб меравад. [4-с 459,463]

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳо бо созмонҳо, аз қабили СММ, САҲА, СААД, СҲШ, ҳамчунин дигар созмонҳои минтақавӣву ва байналмилали ҳамкориҳо судманд дорад ва ин ҳамкориҳо дар ҳоли рушд қарор доранд. Мо метавонем, ки бо чунин созмонҳои номабаршуда барномаи роҳҳои омузиши пешгирии ифротгароии хушунатомез пешгирии онро коҳиш диҳем. Ҳамчунин бо донишмандони дохиливу хориҷӣ барномаҳои мушахас оиди хатар ва натиҷаи он ҳамкорӣ намуда, ба тариқи телевизион, сомонаҳо, ва шабакаҳои иҷтимой ба намоиш гузорем. Муҳаққиқон Андраде Т., Гобби М. С. бар он назаранд, ки ҳамкорӣ ҷомеа ва кишварҳои ҷаҳон дар муқобили ифротгароии хушунатомез хеле муҳим ва стратегӣ арзёбӣ мегардад. Ҷалби ҷомеа ва мудохилаҳои мутобиқшуда ба фарҳанг муҳиманд. Равишҳои бисёрҷанба, аз ҷумла стратегияҳо ва ҳамкориҳои минтақавӣ, ба барҳам додани баҳсҳои экстремистӣ ва мусоидат ба устувории иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.[2,156] Бархе аз ҷавонон аз руи нодонӣ ва наандешидани оқибати ҳаёти худ, дигаронро низ зери хатар мегузоранд. Сабабҳо ва омилҳое, ки ба гуруҳҳои ҷинояткор ва гуруҳои ифротӣ шомил мешаванд, ин аз нодуруст ва ба манфиати хеш истифода набурдани интерне (сомонаҳои иҷтимои) бекорӣ, набудани маърифати ҳуқуқӣ, ва нахондан дар муасисаҳои олӣ низ мебошад. Худи ҷомеашиносон ва муқаққиқон низ яке аз омилҳои асосии пашн гаштан ва ҳатто пешгирии ифротгароӣ маҳз шабакаҳои иҷтимоӣ ва васоити ахбори омма мебошад. Технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҳам дар мусоидат ва ҳам дар пешгирии экстремизм нақши муҳим мебозанд. Ҳамгироии онҳо бо равишҳои таълимӣ метавонад самаранокии стратегияҳои мубоиза ба ифротгароии хушунатомез афзоиш диҳад. [12]

Ҳукумати кишвар, "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар" дар таълиму тарбияи фарзанд-ро қабул кардааст. Мақсади Қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон, 18 марти соли 2020 зимни мулоқот бо олимони кишвар чунин андеша баён карда буд: "Ҷавонон, киояндаи кишвар ҳастанд, бояд аз хурофотҳо даст кашанд, донишҳои муосирро ҷиддӣ омӯзанд, ҳар як рӯйдоди иҷтимоиро аз нигоҳи илмӣ ва мантиқӣ таҳлил кунанд ва роҳи дурусти зиндагиро интихоб кунанд." Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар таҳкими сулҳи тоҷикон бузург аст.[5, 78 ] Дар шарои муосир олимони ҷавон низ дар муассисаҳои илмӣ кору фаъолият намуда таҳқиқотҳои илмӣ анҷом дода истодаанд. Махсусан дар Академияи милли илмҳои Тоҷикистон ҷавон писарон ва ҷавон духтарон дар самти илм рисолаҳои номзадии хешро ҳимоя намуда барзиди хатарҳои болозикр баромад намуда, мақолаҳо нашр менамоянд. Мубориза ба муқобили амалҳои зишту номатлуб вазифаи ҳар як шаҳрванд маҳсуб ёфта, роҳҳои пешгирии он боиси солимии ҷомеа, амну суботи кишвар ва зиндагии осоиштаи шаҳрвандон мегардад.

Дар ҳоли ҳозир дар чаҳорчуби тақвияти мубориза бо терроризм, ҳамчунин иҷрои санадҳои ҷаласаи Шурои Вазирони корҳои хориҷии САҲА ва Конфронси байналмилалии

Бишкек аз Ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди ҳамагуна зуҳуроти терроризм ва маблағгузории он чораҳои амалӣ андешида мешаванд. Мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия ба тавсеа ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм ва ҳам ифротгароии мазҳабӣ кушишҳои заруриро ба ҳарҷ медиданд.

Стратегияи ҷаҳонии зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид (A/RES/60/288) як абзори беназири ҷаҳонӣ барои тақвияти талошҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ барои мубориза бо терроризм мебошад. Бо қабули он дар соли 2006 аз ҷониби Маҷмаи Умумӣ бидуни овоздиҳӣ (бо роҳи консенсус), ҳамаи кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ба як равиши ягонаи стратегӣ ва амалиётӣ барои мубориза бо терроризм розӣ шуданд. [12]

Кишварҳои узви СММ масъулияти авалиндараҷаро барои татбиқи стратегия қабул намуда ва дастаҷамона бар зидди терроризм мубориза мебаранд. Пешгирии терроризм вазифаи мураккабест, ки равиши ҳамаҷониба, ҳамкорӣ дар сатҳҳои миллӣ ва байналмилалӣ ва чораҳои пешгирикунандаро дар бахшҳои гуногун талаб мекунад. Масалан инҳо масирҳое мебошанд, ки ба коҳиш додани хатари терроризм мусоидат мекунанд:

-Кӯмак ба гурӯҳҳои осебпазири иҷтимоӣ барои пешгирии осебпазирии онҳо аз ғояҳои таблиғотӣ.

- Дастгирии ҷомеаҳои осебпазир

-Тафтишоти самаранок ва пешгирии ҳамлаҳои террористӣ

-Пешгирии таблиғоти террористӣ дар интернет.

- Рушди иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ

-Мубориза бо камбизоатӣ

Дар соли 2026, Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид баррасии нуҳуми Стратегияро баргузор мекунад, ки 20-умин солгарди қабули онро ҳамчун чаҳорчӯбаи муҳими ҳамкории байналмилалӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо терроризм қайд мекунад. Ин марҳилаи муҳим ба кишварҳои узв имкон медиҳад, ки дар бораи пешрафтҳое, ки дар татбиқи Стратегия аз замони баррасии ҳаштум дар соли 2023 ба даст омадаанд, андеша кунанд ва тамоюлҳо ва таҳдидҳои пайдошавандаро минбаъд муайян ва бартараф намоянд. [11] Стратегияи ҷаҳонии зидди террористии СММ, Соли 2006 Маҷмаи Умумии СММ Стратегияи ҷаҳонии зиддитеррористии СММ-ро қабул кард, ки бар асоси чор рукн, яъне- пешгирӣ ва мубориза бо фаъолияти террористӣ, таҳкими иқтидори давлатҳо, таъмини эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун асос ёфтааст.

**Қатъномаҳои Шӯрои Амният**: Як кардани дороиҳои террористӣ, Манъи интиқоли силоҳ, Таҳримҳо ва манъи сафар, Таъқиби афроде, ки бо терроризм алоқамананданд. Дафтари мубориза бо терроризми СММ фаъолияти агентиҳои гуногуни СММ-ро ҳамоҳанг месозад ва ба кишварҳо кӯмак мерасонад: тақвияти қонунгузорӣ, афзоиши амнияти марз, мубориза бо маблағгузории терроризм, пешгирии радикализатсия.

**Ҳифзи ҳуқуқи инсон**: СММ таъкид мекунад, ки мубориза бо терроризм бояд мутобиқи қонунҳои байналмилалӣ барои пешгирии шиканҷа, табъиз ва боздошти худсарона анҷом дода шавад.

Хулоса метавон гуфт, ки Осиё марказӣ, аз ҷумла Ҷумуҳурии Тоҷикистон, тамоми кишварҳои дорои истиқлолият ва узви доими СММ талош доранд, ифротгароӣ ва дигар хатарҳои ҷиддиро пешгири намоянд. Дар ин раванд созмонҳои байналмилаӣ ба монанди СММ,СҲШ,САҲА, СААД, ОДКБ, вохуриҳои доимамалкунанда барои пешгирии тамоми хатарҳо аз ҷумла, нишасти маҷозӣ сурат медиҳанд. Ба назари мо, ҳоло дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ махрум кардани он аз охирин такягохи иҷтимоӣ вазифаи авлавиятнок ба шумор меравад. Ин пеш аз ҳама, афзоиши кӯшишҳои байналмилалиро дар мавриди коҳиши фақр ва бекорӣ, инчунин барҳам додани бесаводӣ ва табъизи нажодӣ, қавмӣ, мазҳабӣ ва ғайраро дар назар дорад. Имрӯз, беш аз ҳар вақти дигар, барои мо вазифаи таъмини инкишофи бемайлони кишварҳои иқтисодашон дар ҳоли гузариш, таҳкими минбаъдаи иҷтимоии раванди ҷаҳонишавӣ муҳим мебошад.

**АДАБИЁТ:**

1. Азимзода Т. С. Таъмини амнияти минтақавӣ – кафолати ҳамгироии муваффақ ва рушди устувори Осиёи Марказӣ // Душанбе, 2025, № 4/1 (75). – С. 417–424. – 621 саҳ.
2. Andrade T., Gobbi M. S. Multifaceted strategies in preventing violent extremism: harmonizing stories, technologies and community engagement // Contracampo: Brazilian Journal of Communication. – 2025. – Т. 44. – No.1
3. Vuković S. The assessment of individual risk of radicalization and violent extremism //NBP–Nauka, bezbednost, policija. – 2022. – Т. 27. – №. 1. – С. 61-77.
4. Каримов Ш. Т. Нишасти С5+1: дипломатияи минтақавӣ барои рушд. Душанбе, 2026. – С. 87. – 168 саҳ.
5. Мадимарова Г. М. Арзёбии раванд ва таҷрибаи сулҳи тоҷикон аз назари олимони Ғарб // Международные отношения и безопасность.-2024. – № 4 (12). – С. 77–86.
6. Махмедов М. Нақши САҲА дар таъмини амнияти давлатҳои аъзо // Идоракунии давлати. Душанбе, 2025, № 4/1 (75). – С. 459–463.
7. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. Маводи электронӣ. – https://mfa.tj/tg/tehran/view/14708/sukhanroni-dar-muloqot-bo-faolon-namoyandagoni-jomea-va-khodimoni-dini-kishvar.-Санаи муроҷиат: 05.03.2026
8. Радикализация ва хушунатӣ–экстремизм // Маводи электронӣ. – https://www.unodc.org/cld/ru/education/tertiary/terrorism/module-2/key-issues/radicalization-violent-extremism.html.-Санаи муроҷиат: 05.02.2026
9. Пешгирии терроризм ва мубориза бо экстремизм ва радикализация, ки ба терроризм мебарад. Маводи электронӣ.-https://cdn.osce.org/sites/default/files/f/documents/3/e/116413.pdf.-Санаи муроҷиат: 23.02.2026
10. Роҳҳои мубориза бо экстремизм ва терроризм дар давраи муосир. Маводи электронӣ. – https://rtsu.tj/news/. – Санаи муроҷиат: 27.02.2026
11. Терроризм, экстремизм, сепаратизм – зуҳури падидаҳои хатарнок дар ҷаҳон. Маводи электронӣ. https://tajmedun.tj/tj/akhbor/umumi/terrorizmu-estremizm-separatizm-zu-uri-padida-oi-khatarnok-dar-a-on/.-Санаи муроҷиат: 10.02.2026
12. Reviews of the United Nations Global Counter-Terrorism Strategy. Маводи электронӣ. – https://www.un.org/counterterrorism/en/un-global-counter-terrorism-strategy. – Санаи муроҷиат: 04.03.2026

## ПРОБЛЕМЫ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ НАСИЛЬСТВЕННОГО ЭКСТРЕМИЗМА В СОВРЕМЕННЫЙ ПЕРИОД

В статье анализируются проблемы предотвращение насильственного экстремизма в условиях современного мирового развития. Автор рассматривает глобальные и региональные угрозы безопасности, включая терроризм и экстремизм, как одну из серьёзных проблем современного общества. Особое внимание уделяется влиянию социальных сетей и средств массовой информации на распространение экстремистских идей. В исследовании рассматривается международный опыт борьбы и предупреждения насильственного экстремизма, включая Глобальную контртеррористическую стратегию Организации Объединённых Наций, а также роль международных и региональных организаций. Наряду с этим анализируется опыт Республики Таджикистан в области укрепления социальной и политической безопасности, а также государственные меры по предупреждению экстремизма.

Автор уделяет особое внимание основным механизмам профилактики экстремизма, включая повышение правовой и политической культуры, развитие гражданского сознания, воспитание молодёжи и поддержку социально уязвимых групп. В результате делается вывод о том, что применение интегрированных подходов и многостороннего национального и

международного сотрудничества может способствовать снижению угрозы насильственного экстремизма и укреплению стабильности и безопасности общества.

**Ключевые слова:** *насильственный экстремизм, терроризм, экстремизм, международная безопасность, региональная безопасность, социальные сети, предотвращение радикализмам, международное сотрудничество, социальная безопасность.*

## PROBLEMS OF PREVENTING VIOLENT EXTREMISM IN THE MODERN PERIOD

The article analyzes the issues of preventing violent extremism in the context of the contemporary global environment. The author examines global and regional security threats, including terrorism and extremism, as one of the major challenges facing modern society. Particular attention is given to the influence of social networks and mass media on the dissemination of extremist ideologies. The study also explores international experience in combating and preventing violent extremism, including the United Nations Global Counter-Terrorism Strategy, as well as the role of international and regional organizations. In addition, the experience of the Republic of Tajikistan in strengthening social and political security and implementing state measures aimed at preventing extremism is analyzed.

The author highlights key mechanisms for preventing extremism, including the enhancement of legal and political awareness, the development of civic consciousness, youth education, and support for socially vulnerable groups. The study concludes that the implementation of integrated approaches and multilateral national and international cooperation can contribute to reducing the threat of violent extremism and strengthening social stability and security.

***Keywords:*** *violent extremism, terrorism, extremism, international security, regional security, social networks, prevention of radicalization, international cooperation, social security.*

**Маълумот дар бораи муаллиф.** Махмедов Муҳаммадҷон Тоҷидинович, ходими хурди илмии шуъбаи Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; тел.:+992 988885931; E-mail:mahmedov- m@mail.ru ORCID:0009-0000-0624-5074

**Информация об авторе.** Махмедов Мухаммаджон Тоджидинович, младший научный сотрудник отдела Европы Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. 734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33; тел.: +992 988885931; E-mail: mahmedov-m@mail.ru ORCID:0009-0000-0624-5074

**About the author**. Makhmedov Muhammadjon Tojidinovich, Junior Researcher, Department of Europe, Institute for Asian and European Studies, National Academy of Sciences of Tajikistan. 33 Rudaki Avenue, Dushanbe, Tajikistan, 734025; Tel.: +992 988885931; E-mail: mahmedov-m@mail.ru ORCID:0009-0000-0624-5074

УДК:327(575)

# ТАРҲИ C5+1 ДАР СИЁСАТИ ГЕОПОЛИТИКИИ ҚУДРАТҲОИ МУОСИР: ПЕШОҲАНГОНИ ДИПЛОМАТӢ

**Собитзода Суманбону Умед**
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тарҳи дипломатии C5+1, ки панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ва яке аз қудратҳои минтақавию ҷаҳониро фаро мегирад мегирад, аз як механизми машваратии маргиналӣ ба як абзори мураккаби геополитикӣ табдил ёфтааст. Ин тарҳ, ки барои аз нав танзим кардани тавозуни қудрат дар минтақа тарҳрезӣ шудааст, на танҳо як абзори ҳамкории гуногунҷанба, балки тамоюли системавии таҳкими "мухторияти стратегӣ"-и минтақаро ифода мекунад.

Дар заминаи ин тарҳ, ҳамчун ҳаракат ба самти "пайвастшавӣ", қудратҳои гуногун талош доранд то алтернативаи меъёриро ба моделҳои миллӣ, ки дар минтақа маъмуланд, пешниҳод намуда, бо ин васила Осиёи Марказиро ба минтақаи рақобатпазири меъёрҳо ва стандартҳои ҷаҳонӣ табдил диҳанд. Бо дарназардошти чунин хусусиятҳо дар мақолаи мазкур муаллиф кушиш намудааст, ки тарҳи мазкурро ҳамчун механизми мураккаби "мувозинати нарм" ва паймоиш дар чорроҳаҳои мураккаби таъсири геополитикӣ арзёбӣ намудааст.

***Калидвожаҳо:*** *тавозуни геополитикӣ, мухторияти стратегӣ, тарҳи дипломатӣ, тамоюлҳои рушд, лоиҳаҳои муштарак, C5+1, Осиёи Марказӣ, падидаҳои таҳаввулофар, сармоягузорӣ, ҳамоҳангсозии манфиатҳо, рӯзномаи минтақавӣ.*

**Муқаддима.** Осиёи Марказӣ дар замонҳои қадим аз як чорроҳаи муҳими тамаддунӣ ва маркази мустақили қувва, тавассути тағйири низоми ҷаҳонӣ ба объекти манфиатҳои мустамликадорӣ, сипас ба канораи пӯшидаи як абарқудрат ва дар ниҳоят ба мақоми маркази геостратегӣ дар маркази таваҷҷӯҳи ҷаҳонӣ таҳаввул ёфтааст. Имрӯз Осиёи Марказӣ минтақаи рушдёбандае мебошад, ки дар он манфиатҳои Шарқ ва Ғарб, Шимол ва Ҷануб бо ҳам печида, кишварҳои минтақа ҷиҳати таҳкими соҳибихтиёрӣ, ҳамгироии минтақавӣ ва мувозинат байни қутбҳои гуногуни қудрат талош мекунанд. Ояндаи он асосан аз қобилияти худи кишварҳои Осиёи Марказӣ барои идоракунии самараноки равандҳои дохилӣ ва истифодаи мавқеи беназири геополитикии худ вобаста аст. «Панҷ кишвар дар маркази қитъаи АвруОсиё ҷойгир буда, ҳамчун чорроҳаи АвруОсиё шинохта мешавад. Ин мавқеи ҷуғрофии махсус мақоми геосиёсии ОМ-ро, муайян мекунад ва онро ба яке аз минтақаҳои стратегӣ ва муҳими фазои пасошӯравӣ табдил додааст. Мақоми геосиёсии ОМ таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳониро ба худ ҷалб кардааст»[6,97]. Бояд таъкид намуд, ки дар баробари кишварҳои зикршуда инчунин Ҷопон ва Ҷумҳурии Корея ҳамчун давлатҳои муҳими минтақаи Осиёи Шарқӣ нисбат ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи махсус доранд.

**Мубрамии таҳқиқоти мазкур** ба он асоснок мегардад, ки аз ҷумлаи падидаҳои бузурги таҳаввулофар дар минтақа пайдоиши тарҳи дипломатии C5+1 мебошад, ки дар аввал ҳамчун платформаи ҳамкории Ҷопон бо панҷ кишвари Осиёи Марказӣ тасаввур мешуд. Аммо имрӯз тарҳи мазкур ба парадигмаи муколамаи бисёрҷониба табдил ёфтааст, ки аз ҷониби қудратҳои гуногуни ҷаҳонӣ барои пешбурди манфиатҳои геополитикии худ дар минтақаи аз ҷиҳати стратегӣ муҳими Аврусиё фаъолона мутобиқ ва истифода мешавад. Бо дарназардошти ин, таҳқиқи мавзуи мазкур аз нигоҳи кишварҳои минтақа ва аз мавқеи қудртаҳои ҷаҳонӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи омӯзишии масъала.** Дар робита ба муайян намудани муносибати кишварҳои минтақа бо тарҳи мазкур дар таҳқиқот кушиш карда шуд, ки бештар андешаҳои коршиносони минтақавӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Чунончӣ, ба андешаи С.И. Талбаков «роҳандозӣ гардидани тарҳҳои нави ҳамкорӣ дар минтақаро дар низоми муосири муносибатҳои байналмиллалӣ на танҳо ба омили афзоиши аҳаммияти стратегии минтақа, балки ба яке аз зуҳуроти ташаккули низоми бисёрқутбӣ дар ҷаҳон рабт додан мумкин

аст»[7,67]. Ҳамзамон, Ш.Алимбеков ба ин назар аст, ки «азми раҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати наздикшавии давлатҳо, талошҳои прагматикӣ ва омодагии онҳо ба чандирии дипломатӣ дар асоси принсипҳои эҳтироми мутақобила ва баррасии манфиатҳои тарафайн, заминаҳои асосии таҳаввулоти минтақавиро ташкил медиҳанд»[8]. Аз нигоҳи неореалистӣ, ин формат ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки сиёсати хориҷии бисёрсамтаи худро самаранок пеш баранд, байни марказҳои рақобатпазири қудрат мувозинат кунанд ва аз вобастагии аз ҳад зиёд ба як бозигари бартаридошта пешгирӣ кунанд.

Ҳамин тариқ, консепсияи "C5+1 (Осиёи Марказӣ+)" аз ташаббуси аввалияи худ берун рафта, ба як қолаби дипломатии умумӣ табдил меёбад, ки қудратҳои ҷаҳонӣ бо истифода аз усулҳои гуногуни тадқиқотӣ ва равишҳои геополитикӣ - аз реализми сахт то институтсионализми либералӣ - барои барқарор кардани муносибатҳои бисёрсамтӣ бо минтақа истифода мебаранд ва нақши калидии онро дар ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ, ки дар он Осиёи Марказӣ аз объект ба субъекти фаъол дар сиёсати байналмилалӣ табдил меёбад, таъкид мекунанд.

Айни ҳол, зиёда аз 10 тарҳи дипломатии C5+1 дар минтақаи Осиёи Марказӣ фаолият мекунад, ки қудратҳои гуногун дар доираи ин тарҳҳо мавқеи худро устувор месозанд ва ин раванд ба сарнавишти мардуми минтақа бетаъсир нахоҳад буд. Ба андешаи Соҳиби Б, «шумораи зиёди ташкилотҳо ва форматҳо хусусияти ҳамгироии иқтисодидошта асосан минтақавӣ буда, яке аз онҳо формати муколамаи "Осиёи Марказӣ+1" мебошад»[6,98]. Вобаста ба ин дар раванди омӯзиши масъала усулҳои умумиилмӣ, аз қабили таҳлили мундариҷа, таҳлили мантиқӣ, муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ, умумиятдиҳӣ ва равиши функсионалӣ-сохторӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон, методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, аз ҷумла: мушоҳида, таҳлили ҳуҷҷатҳо, натиҷаҳои пурсиши сотсиологӣ, истифода шудааст. Илова бар ин, бо такя ба далелҳо аз адабиёти илмии соҳа ва иттилои расмӣ пойгоҳи сарчашмавию илмии таҳқиқот устувор гардонида шуд.

**Вуруд ба мавзуъ / Натиҷаҳои асосии таҳқиқот.** «Вақтҳои охир, аз ҷониби кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ «дипломатияи муколамавӣ»-ро дар сиёсати хориҷии худ ҷой дода, дарк намуданд, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ бемуколима ҳадафҳои гузоштаи худро амалӣ кардан ғайриимкон аст»[3]. Ҷопон аз ҷумлаи аввалин кишваре мебошад, ки соли 2004 ҷиҳати таҳким ва вусъат бахшидани ҳамкориҳои гуногунҷанба бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, механизми нави ҳамкорӣ - Муколамаи «Осиёи Марказӣ+Ҷопон»-ро роҳандозӣ намуд. Ташаббуси мазкур зимни ташрифи Вазири корҳои хориҷии ҳамон давра Йорико Кавагучи ба минтақа пешниҳод гардида, моҳи августи соли 2004 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон якумин ҷаласаи сатҳи вазирони корҳои хориҷии муколамаи мазкур доир гардид. Ҳарчанд ҷонибҳо дар бораи баргузории нишасти сарони давлатҳо дар соли 2006 ба мувофиқа расиданд, аммо бо сабабҳои гуногун он ҳеҷ гоҳ баргузор нашудааст. Бо вуҷуди ин, «дар доираи Муколамаи Осиёи Марказӣ ва Ҷопон беш аз 40 мулоқот ва чорабинӣ, аз ҷумла 16 мулоқоти сатҳи вазирон» [10, 211], 13 мулоқоти муовинони вазирон ва 11 мулоқоти сатҳи коршиносон, баргузор шудаанд. Дар натиҷаи ин мулоқотҳо «12 изҳороти ниҳоӣ, ду нақшаи амал ва ду харитаи роҳ қабул карда шуданд»[2].

Бояд қайд намуд, ки Ҷопон дар платформаи "Осиёи Марказӣ Плюс" имконияти эҷоди намунаи ASEAN-ро, медид ва ҳатто нақша дошт, ки тарҳи мазкурро то сатҳи ASEAN+C5 васеъ намояд. Гарчанде, ки тамоюлҳо дар ин масъала бо назардошти имкониятҳои дар ихтиёрдоштаи кишварҳо қаноатбахш нест, аммо пас аз 20 соли роҳандозӣ намудани тарҳи мазкур ба сатҳи сарони давлатҳо баровардани ҷаласаҳои Муколама дастоварди бузург ба шумор меравад. Ҳамин тавр, аввалин нишасти сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷопон (C5+1) дар Токио 19-20 декабри соли 2025 таҳти раёсати сарвазири Ҷопон Санаэ Такайчи баргузор шуд.

Принсипҳои асосии механизми муколама: эҳтиром ба гуногунрангӣ; рақобат ва ҳамоҳангӣ ва ҳамкории озод буда, дар доираи ин муколама кишварҳои ҳадафҳои зеринро пайгирӣ менамоянд: таҳкими сулҳу субот ва демократия дар Осиёи Марказӣ (1); тақвияти иқтидори иқтисодии минтақа, татбиқи ислоҳот ва пешбурди рушди иҷтимоӣ (2); тақвияти ҳамкории

дохилиминтақавӣ (3); рушди муносибатҳо байни Осиёи Марказӣ, Ҷопон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ (4); тақвияти ҳамкории Ҷопон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ (5).

Тамоюли дигари умедбахш дар самти таҳаввули тарҳи нави ҳамкориҳои Ҷопон бо кишварҳои Осиёи Маркази дар доираи C5+1 ба диверсификатсияи иқтисодӣ алоқамандӣ дорад. Минбаъд, ширкатҳои ҷопонӣ аз фурӯши оддии содиротӣ ба сармоягузориҳои калон гузашта, дар минтақа корхонаҳои муштарак таъсис медиҳанд ва технологияҳоро дар энергетика, саноати сабз ва IT интиқол медиҳанд. Тибқи назарсанҷиҳои афкори умум, ки «аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷопон дар солҳои 2014, 2018 ва 2021 гузаронида шудаанд, Токио бозигари ғайриминтақавӣ арзёбӣ гардида, ба андешаи аҳолии кишварҳои минтақа, муносибатҳо бояд дар оянда беҳтар шаванд»[1,48]. Дар робита ба дурнамои тарҳи ҳамкориҳо бояд қайд намуд, ки дар соҳаи иқтисодӣ, имкониятҳои назаррас барои густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ мавҷуд мебошад. Аз соли 2000 инҷониб, «гардиши тиҷоратии Ҷопон бо ин минтақа шаш маротиба афзоиш ёфта, аз 400 миллион доллар то 2,4 миллиард доллар дар соли 2024 расидааст»[5].

Дуюмин кишваре, ки ҷиҳати наздикшавии робитаҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ тарҳи дипломатии C5+1-ро пеша намуд Ҷумҳурии Корея мебошад, ки шуруъ аз соли 2007 дар ин масир ҳаракат менамояд. Маврид ба зикр аст, ки тамоюли таҳаввули ҷойгоҳи Сеул дар Осиёи Марказӣ дар 4 стратегия ифода мегардад: аз қабили: «Ташаббуси ҳамаҷонибаи Осиёи Марказӣ» аз ҷониби маъмурияти Но Му Хён (2006); «Ташаббуси нави Осиёӣ» аз ҷониби Ли Мён Бак ва «лоиҳаи Роҳи Абрешими Нав» (2009); «Ташаббуси Авруосиё» аз ҷониби маъмурияти Пак Кн Хе (2013) ва ниҳоятан «Сиёсати нави шимолӣ»-и Мун Чжэ Ин (2017). Аммо дар баробари ҳамаи ин ташаббусҳо тарҳи дипломатии C5+1-и Ҷумҳурии Корея дар самти Осиёи Марказӣ муваффақтарин ба шумор меравад. Зеро, то имрӯз 17 ҷаласаи вазирони корҳои хориҷӣ, 3 форуми марказҳои зеҳнӣ ва нишастҳои гуногуни мақомҳои баландпояи Форуми ҳамкории Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея баргузор гардида, 16-17 сентябри соли 2026 баргузории аввалин нишасти сарони давлатҳо дар назар аст.

Рӯзномаи «World Korea» бо истинод ба вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Корея иттилоъ медиҳад, ки ҷониби Сеул ният дорад, ки дар нишасти дарпешистода ҳамчун фурсат барои рушди ҳамкорӣ масъалаҳои зеринро ҳамчун самтҳои афзалиятник мавриди баррасӣ қарор диҳад: шарикӣ дар соҳаҳои муҳими маъдан ва энергетика (1); таҳаввули саноатӣ ва рақамӣ (2); пайвандҳои нақлиётӣ ва логистикӣ (3); ҳамкории мудофиа ва амният (4); ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, иқлим ва тандурустӣ (5)[11].

Профессор Ом Гу Хо ба ин андеша аст, ки «ҳар як маъмурияти Корея дар тӯли солҳо пайваста ба аҳамияти стратегии минтақаи Осиёи Марказӣ таъкид мекарданд, аммо миқёси воқеии сармоягузорӣ маҳдуд арзёбӣ гардида, ба интизориҳо комилан мувофиқ набошад»[4]. Масалан, ҳаҷми умумии сармоягузории Корея дар Осиёи Марказӣ айни замон тақрибан 6,7 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда камтар аз 1% сармоягузории умумии ҷаҳонии Корея (беш аз 800 миллиард доллари ИМА)- ро ташкил медиҳад[4].

Ин дар ҳолест, ки Ҷумҳурии Корея дар соҳаи технология, саноат ва татбиқи лоиҳаҳо дар бахшҳои истеҳсолӣ ва ТИК бартариҳои назаррас дорад, Аз ин рӯ, дар доираи тарҳи C5+1, ҷустуҷӯ ва рушди фаъолонаи моделҳои соҳавии ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ, дар соҳаҳои ба монанди рушди шаҳрҳои ҳушманд, инфрасохтори шаҳрӣ, системаҳои обёрӣ, рушди занҷираи таъминоти кишоварзӣ, сохтмони беморхонаҳо ва рақамикунонӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Илова бар ин, диаспораи кореягиҳое, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ зиндагӣ мекунанд, дар муносибатҳои байни Ҷумҳурии Корея ва кишварҳои минтақа мақоми махсусро ишғол мекунад, ки истифода аз чунин имконият воситаи муассири густариши ҳамкориҳо ба шумор меравад.

Ҳамзамон Иттиҳоди Аврупо ки аз ҷумлаи иштирокчиёни тарҳи дипломатии C5+1 ба шумор меравад, ки шуруъ аз соли 2007 тарҳи “Иттиҳоди Аврупо-Осиёи Марказӣ”-ро роҳандозӣ намудааст. Дар муддати 23 соли фаъолияти тарҳи мазкур 12 ҷаласаи Муколамаи

сатҳи баланд оид ба сиёсат ва амният миёни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар сатҳи муовинони вазирони корҳои хориҷӣ баргузор гашт. Зимни ин ҷаласаҳо роҷеъ ба ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои минтақавӣ ва байниминтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо, инчунин оид ба рӯзномаи байналмилалӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

Илова бар ин, дар ин давра 20 маротиба нишасти вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо баргузор гардида, ҷонибҳо пешниҳодоти худро дар хусуси густариши минбаъдаи робитаҳои байниминтақавӣ дар самтҳои иқтисоду тиҷорат, энергетика, иттисоли нақлиётӣ, рақамикунонӣ, маорифу фарҳанг, амният ва ҳифзи муҳити зист манзур намуданд.

Дар робита ба он, ки масъалаҳои таъмини амният самти афзалиятноки робитаҳо муайян гардидааст, то имрӯз 6 даври нишастҳои намояндагони вежаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо оид ба Афғонистон баргузор шуд. Дар рафти ҷаласаҳо атрофи вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон ва инчунин рӯйкарди кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо дар робита ба расонидани кумакҳо ба Афғонистон табодули назар сурат гирифт.

Дар баробари ин, 3 маротиба нишастҳои сатҳи баланди минтақавии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Раиси Шӯрои Аврупо баргузор гардид, ки тибқи таҳлили илмӣ ва назариявӣ мулоқотҳои чунин сатҳ ҳамчун катализатори муҳим барои ниҳодикунонуии ҳамкориҳои байниминтақавӣ хизмат мекунанд. Самаранокии ҳамкориҳо дар доираи тарҳи мазкур ба он асоснок мегардад, ки то имрӯз ҷониби Брюсел бо эътмод ва боварии баланд 2 стратегияи худро (солҳои 2007 ва 2019) роҷеъ ба минтақа татбиқ намуда, ба ин васила ҳамоҳангсозии фаврии вокунишҳои муштарак ба мушкилоти ҷаҳонӣ, аз ҷумла амнияти энергетикӣ, тағирёбии иқлим ва идоракунии захираҳои об таъмин карда шуд.

Дар оянда Брюсел ният дорад, ки кишварҳои минтақаро стратегияҳои фароминтақавии худ ҷалб намояд ва ин имконити хубе мебошад барои кишварҳои осиёи Марказӣ ҷиҳати пайвасшавӣ ба долонҳои ниқлиётию тиҷоратии байналмилалӣ. Чунончӣ, қисми муҳими стратегияи "Дарвозаи ҷаҳонии" Иттиҳоди Аврупо долоне мебошад, ки ҳадаф дорад, давомнокии транзит байни Аврупо ва Осиёро то 15 рӯз кам кунад. Брюселл ташаббуси мазкурро тавассути барномаҳои минтақавӣ дастгирӣ мекунада, аллакай дар ин самт 30 миллион евро барои пайвастшавӣ ва 28,4 миллион евро барои рушди иқтисодӣ равона намудааст. Илова бар ин, «вобаста ба ташаббуси мазкур дар марҳалаи кунунӣ сармоягузориҳои байналмилалӣ ба маблағи 10 миллиард евро сафарбар гардида, дар оянда танҳо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ 12 млрд евро ҷудо мегардад»[9,46].

**Муҳокима.** Чунин ҳамкории бисёрҷанба ва баробарҳуқуқ на танҳо суботи иқтисодиро тақвият медиҳад, балки ҳамчун кафили боэътимоди амнияти минтақавӣ хизмат мекунад ва уфуқҳои навро барои рушди устувори инсонӣ ва технологӣ дар ҳамаи кишварҳои иштирокчӣ мекушояд. Сиёсатшинос Ш. Каримов ба ин назар аст, ки «С5+1 доираи васеи соҳаи ҳамкориҳо таъмини амният ва мубориза бо терроризм, рушди иқтисодӣ, инноватсия, экология ва ҳамгироии нақлиётиро фаро мегирад. Дар доираи ин қолаб лоиҳаҳои муштарак амалӣ гардида, онҳо ба масъалаҳои сиёсати давлатии кишварҳо ва ташаббусҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд мебошанд. Маҳз чунин хусусиятҳо қолаби мазкурро натанҳо ба як фазои расмӣ, балки ба як муҳити зинда ва амалӣ мубаддал мегардонад»[8].

Бо дарназардошти ин имрӯз 12 тарҳи С5+ бо иштироки қудратҳои гуногуни ҷаҳон фаъолият дорад. Чунончӣ, ШМА дар соли 2015, Русия, Италия ва Ҳиндустон дар соли 2019, ҶМЧ дар соли 2020, Шурои ҳамкориҳои давлатҳои арабии Халиҷи Форс дар соли 2022, Олмон дар соли 2023, Британияи Кабир дар соли 2026, инчунин, давлатҳои Аврупои Шимолӣ (Исландия, Дания, Норвегия, Шветсия ва Финландия) дар соли 2025 тарҳи "С5+5" –ро роҳанедозӣ намуданд.

Гарчанде, ки коршиносони минтақа бар ин назар ҳастанд, ки «Имрӯз ин қолаб ҳамчун як майдони муассири дипломатӣ собит кардааст, ки минтақаи моро бо шарикони хориҷӣ

муттаҳид намуда, имкон медиҳад, ки на танҳо мавқеъҳои миллӣ, балки байналмилалӣ ҳамоҳанг карда шавад»[8]. Аммо то ҳанӯз тарҳи мазкур дар доираҳои илмии кишвар камтаҳлилшуда боқӣ мемонад. Бештари олимону коршиносон зимни баррасии масъала танҳо ба Русия, Чин ва Амрико тамарккур намудаанд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ҷиҳати шинохти ҷойгоҳи Ҷопон, Ҷумҳурии Корея ва Иттиҳоди Аврупо дар доираи тарҳи C5+1 мусоидат намуда, натиҷаи муҳокимаҳо самтҳои нами таҳқиқоти илмиро дар ин масъала муайян мекунад.

**Хулоса**, тарҳи ҳамкории бисёрҷонибаи C5+1, ки кишварҳои Осиёи Марказиро бо қудратҳои пешбари ҷаҳонӣ муттаҳид мекунад, гузариши босифат ба меъмории нави дипломатияи фарогирро ифода мекунад, ки дар он таваҷҷӯҳи асосӣ аз рақобати геополитикӣ ба ҳамгироӣ дар масъалаҳои рушди устувор ва амнияти минтақавӣ мегузарад. Ин тарҳ сатҳи баланди камолоти дипломатиро ифода намуда, Осиёи Марказиро аз як объекти анъанавии манфиатҳои сиёсати хориҷии қудратҳо ба шарики комилҳуқуқ табдил медиҳад, ки қодир аст афзалиятҳои миллии кишварҳои минтақаро ба рӯзномаи ҷаҳонӣ муттаҳид намояд. Муносибати созанда ба ин тарҳ имкон медиҳад, ки онро ҳамчун воситаи муассири муколамаи институтсионалӣ баррасӣ намоем, ки ба таҳкими соҳибихтиёрӣ, васеъ кардани имкониятҳои транзитӣ ва логистикӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои бозигарони асосӣ дар доираи чаҳорчӯби ҳуқуқӣ, ки бар асоси принсипҳои эҳтироми мутақобила ва прагматизм асос ёфтааст, мусоидат мекунад.

**Тавсия.** Дар дарозмуддат, ниҳодикунонии тарҳи C5+1 ҳамчун кафолати боэътимоди суботи дарозмуддат хизмат мекунад ва платформаи беназирро барои ҷустуҷӯи дастаҷамъонаи роҳҳои ҳалли мушкилоти фаромарзӣ, аз қабили истифодаи оқилонаи захираҳои об ва энергетикӣ, устувории иқлим ва рақамикунонии иқтисодиёт эҷод мекунад. Арзиши илмӣ ва дипломатии ин тарҳ дар қобилияти он барои амал кардан ҳамчун "монеаи геополитикӣ", кам кардани хатари парокандагии минтақавӣ ва фароҳам овардани шароити фарогир барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ мебошад. Татбиқи бомуваффақияти ташаббусҳо дар доираи ин тарҳ аз пайдоиши парадигмаи нави муносибатҳои байналмилалӣ шаҳодат медиҳад, ки дар он равиши бисёрсамтаи Осиёи Марказӣ асоси рушди муштараки созанда мегардад ва табдили минтақаро ба пайванди калидии низоми иқтисодии ҷаҳонӣ, ки ба шукуфоӣ ва сулҳи дарозмуддат нигаронида шудааст, мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ:**


1. Борисов, Д. А. Международная власть Японии в Центральной Азии: экономические аспекты / Д. А. Борисов // Вестник Санкт-Петербургского университета. Международные отношения. – 2025. – Т. 18, № 1. – С. 47-62;
2. В Токио стартовал первый саммит лидеров в формате «Центральная Азия-Япония». [Электронный ресурс]: https://www.aa.com.tr/ru/%D0%BC%D0%B8%D1%80/%D0%B2 (Дата обращения: 28.06.2026);
3. Мавқеи Тоҷикистон дар Форуми Муколамавии "Осиёи Марказӣ Ва Ҷопон [Манбаи электронӣ]:https://old.osiyoavrupo.tj/tg/post/mav-ei-to-ikiston-dar-forumi-mukolamavii-osiei-markaz-va-opon(Санаи дархост: 03.07.2026);
4. Ом Гу Хо. Тенденции и перспективы сотрудничества между Республикой Корея и государствами Центральной Азии. [Электронный ресурс]: https://www.centralasia-korea.org/korcenRus/na/ntt/selectNttInfo.do?mi=1869&nttSn=135484&bbsId=1336 (Дата обращения: 24.06.2026);
5. Первый саммит на высшем уровне «Центральная Азия + Япония» - новый этап стратегического партнёрства. [Электронный ресурс]: https://dunyo.info/ru/undefined/pervyy-sammit-na-vysshem-urovne-centralnaya-aziya-yaponiya-novyy-etap (Дата обращения: 21.06.2026);
6. Сохиби, Б. Формат диалога «Центральная Азия +1» во внешней политике Китайской Народной Республики / Б. Сохиби, Н. Н. Файзуллаева // Азия и Европа. – 2025. – № 3(23). – С. 97 102. – EDN TLSVMA.
7. Талбаков, С. И. Вазъ ва дурнамои тарҳи нави ҳамкории ИМА бо кишварҳои Осиёи Марказӣ / С. И. Талбаков // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2025. – No. 3(15). – С. 67-77;
8. Таҳаввули ҷойгоҳи Осиёи Марказӣ дар низоми ҳамкориҳои C5+1: мушкилот ва дурнамо. [Манбаи электронӣ]: https://mts.tj/?p=1742 (Санаи дархост: 03.07.2026);
9. Формирование нового мирового порядка: место и роль Центральной Азии в мультиполярном мире. Сборник статей международной конференции (Алматы, 15 июля 2024 г.) Отв. редактор И.А.Черных. – Алматы: Представительство Фонда Розы Люксембург в Центральной Азии, 2024. – 168 с;

10. Шадаева ША. Япония и Центральная Азия: эволюция дипломатических механизмов взаимодействия. / Известия. Серия: Международные отношения и регионоведение. / 2025 Sep 30; № 3 (61). С. 206-218.

11. First Preparatory Committee meeting for the 2026 Korea – Central Asia Summit Held on February 12. [Electronic resource]: https://www.twk.co.kr/news/articleView.html?idxno=1639 (Accesed date: 3.07.2026);

## ФОРМАТ «5+1» В ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКЕ СОВРЕМЕННЫХ ДЕРЖАВ: ДИПЛОМАТИЧЕСКИЕ АВАНГАРДЫ

Дипломатическая инициатива «С5+1», в которую входят пять стран Центральной Азии и одна из региональных и глобальных держав, превратилась из маргинального консультативного механизма в сложный геополитический инструмент. Эта инициатива, призванная восстановить баланс сил в регионе, представляет собой не только инструмент многостороннего сотрудничества, но и системную тенденцию к укреплению «стратегической автономии» региона.

В рамках этого формата, направленного на «интеграцию», различные державы пытаются предложить нормативную альтернативу национальным моделям, преобладающим в регионе, тем самым превращая Центральную Азию в конкурентоспособный регион, соответствующий глобальным нормам и стандартам. С учетом этих особенностей в данной статье автор попытался оценить эту конструкцию как сложный механизм «мягкого балансирования» и управления сложными взаимодействиями геополитического влияния.

**Ключевые слова:** геополитический баланс, стратегическая автономия, дипломатический платформа, тенденции развития, совместные проекты, С5+1, Центральная Азия, развивающиеся явления, инвестиции, согласование интересов, региональная повестка дня.

## THE C5+1 FORMAT IN THE GEOPOLITICAL POLICY OF MODERN POWERS: DIPLOMATIC PIONEERS

The C5+1 diplomatic initiative, which includes five Central Asian countries and one of the regional and global powers, has evolved from a marginal consultative mechanism into a sophisticated geopolitical tool. Designed to rebalance the balance of power in the region, this initiative represents not only a tool for multilateral cooperation, but also a systemic trend towards strengthening the region's "strategic autonomy."

Within this platform, as a movement towards "integration", various powers are trying to offer a normative alternative to the national models prevalent in the region, thereby transforming Central Asia into a competitive region of global norms and standards. Taking into account such features, in this article the author has attempted to assess this platform as a complex mechanism of "soft balancing" and navigating complex intersections of geopolitical influence.

**Keywords:** geopolitical balance, strategic autonomy, diplomatic platform, development trends, joint projects, C5+1, Central Asia, evolving phenomena, investment, alignment of interests, regional agenda.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Собитзода Суманбону Умед, Доктoранти (PhD)-ии соли сеюми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734025, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33; Тел:(+992)111-10-26-79; e-mail:azimovabror918@qmail.comORCID:0009-0009-3065-3751

**Сведения об авторе:** Собитзода Суманбону Умед, докторант (PhD) третьего года обучения Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. 734025, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33. Тел.: (+992) 111-10-26-79; E-mail: azimovabror918@qmail.com.

ORCID:0009-0009-3065-3751

**Author Information:** Sobitzoda Sumanbonu Umed, third-year PhD doctoral student at the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. 734025, Dushanbe, 33 Said Nosir Street. Tel.: (+992) 111-10-26-79; E-mail: azimovabror918@qmail.com

ORCID:0009-0009-3065-3751

**УДК: 327(71)**

# НАҚШИ НЕРӮИ НАРМ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ КАНАДА

**Ибрагимова Мадинахон Қурбоналиевна**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола нақши нерӯи нарми Канада ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими сиёсати хориҷии кишвари мазкур мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ «нерӯи нарм» барои Канада яке аз абзорҳои муҳими пешбурди манфиатҳои миллӣ ва таҳкими мавқеи байналмилалӣ ба шумор меравад. Сиёсати хориҷии Канада бар пояи арзишҳо ва принсипҳои инсонмеҳвар ташаккул ёфта, кишварро ҳамчун яке аз ташаббускорони байналмилалӣ дар самти амнияти инсонӣ муаррифӣ намуд.

***Калидвожаҳо:*** *Канада, нерӯи нарм, сиёсати хориҷӣ, инсонмеҳвар, сулҳ, ташаббус, байналмилалӣ.*

**Муқаддима**. Дар муносибатҳои байналмилалӣ давлатҳо барои ба даст овардани таъсир ва ҷалби дигарон на аз воситаҳои маҷбуркунӣ ё қувваи ҳарбӣ истифода мебаранд, балки тавассути арзишҳо, фарҳанг, дипломатия, нуфуз, ҳамкории иқтисодӣ ва дигар анвои «нерӯи нарм» сиёстаи хориҷии хешро амалӣ месозанд. Барои Канада «нерӯи нарм» яке аз воситаҳои муҳими сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқон Раҳмонзода А. ва Файзуллаева Н. чунин қайд менамоянд, ки «Таҳлили амалҳои кишварҳои алоҳида нишон медиҳад, ки маҳз «неруи нарм» барои таъмин намудани имкониятҳои амалӣ гардонидани мақсадҳои асосии сиёсати хориҷӣ ҳамчун омили муҳим ва асосӣ баромад менамояд»[1,313]. Инчунин «кишварҳои пешрафта ва рӯ ба рушд бо такя ба воситаҳои «нерӯи нарм», муносибатҳои густурдаву устуворро бо ҳамдигар барқарор намуда, онҳоро пайваста тақвият мебахшанд»[3,112]. «Нерӯи нарм» истилоҳест, ки онро профессори Донишгоҳи Ҳарвард Ҷозеф Най хурдӣ дар солҳои 1990-ум маъмул гардонид[5]. Бо вуҷуди ин, худи мафҳум падидаи нав набуда, аз замони пайдоиши давлатҳо ва эҳтимол ҳатто пеш аз он, кишварҳо барои ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ, инчунин таҳкими накш, мақом ва нуфузи худ дар низоми байналмилалӣ аз воситаҳо ва роҳҳои гуногун истифода мебурданд. Ба андешаи Ҷозеф Най, ««нерӯи нарм» қобилияти таъсир расонидан ва бовар кунондани дигарон тавассути фарҳанг, арзишҳо ва ғояҳо, на тавассути маҷбуркунӣ ё истифодаи нерӯ мебошад»[13]. Аз ин рӯ, «нерӯи нарм» ба давлатҳо имкон медиҳад, ки бе истифода аз фишор ё таҳдид, тавассути таърих, фарҳангӣ, ташаббусҳои умумибашарӣ истифода аз сиёсати хориҷии худ ба дигар кишварҳо таъсир расонанд.

**Методҳо ва усулҳои таҳқиқ.** Дар таҳқиқи сиёсати хориҷии Канада пас аз анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқоти сиёсӣ истифода мешавад. Пеш аз ҳама, усули таърихӣ барои пайгирии ташаккул ва таҳаввули сиёсати хориҷии Канада, инчунин муайян намудани марҳилаҳои асосии рушди дипломатияи он аҳаммияти муҳим дорад. Усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, системавӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои асосии сиёсати хориҷии Канада аз поёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ то имрӯз ҳамаҷониба таҳқиқ карда шудааст.

**Натиҷаҳо.** Барои Канада афзалият додан ба воситаҳои дипломатӣ аз поёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ яке аз хусусиятҳои асосии сиёсати хориҷии он ба шумор меравад. Кишвари мазкур дар ташаккул ва муайян намудани тартиботи байналмилалии пас аз ҷанг нақши назаррас ва нисбатан бештар аз вазни геополитикии худ бозида, худро ҳамчун давлати сулҳпарвар, ислоҳотталаб ва миёнрави боэътимод дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намудааст. Канада ба таври суннатӣ ҳамчун як қудрати миёна шинохта мешавад, хусусан дар давраи ба ном «асри тиллоии сиёсати хориҷии Канада»[5], ки бо давраи фаъолияти Лестер Б. Пирсон (солҳои 1945–1957) ва баъдан дар охири солҳои 1990 замони вазири корҳои хориҷӣ Ллойд Аксуорти ҳамзамон буд. Пирсон дар ташаккули консепсияи сулҳпарварӣ ҳамчун воситаи муҳими дипломатияи байналмилалӣ саҳми арзанда гузошта, инчунин дар ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои рушд нақши муҳим бозидааст. Ллойд Аксуорти бошад сиёсати хориҷии Канадаро бар пояи арзишҳо ва принсипҳои инсонмеҳвар ташаккул дода, кишварро ҳамчун ташаббусҳои байналмилалӣ дар соҳаи амнияти инсонӣ муаррифӣ намуд. Аз ҷумла, ӯ тавассути пешбурди маъракаи байналмилалӣ барои маҳдуд ва аз байн

бурдани истифодаи минаҳои зиддипиёдагард саҳми назаррас гузошт, ки ин ташаббус ба таҳкими нуфузи байналмилалии Канада мусоидат намуд[11].

Сиёсати хориҷӣ одатан инъикоскунандаи афзалиятҳо ва манфиатҳои бунёдии миллӣ буда, ҳамзамон ба омилҳои фалсафӣ, идеологӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ такя мекунад. Ташаккули он зери таъсири маҷмӯи омилҳо, аз ҷумла ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои шаҳрвандон, таҷриба ва анъанаҳои сиёсати хориҷии қаблӣ, афзалиятҳои шахсии роҳбарони сиёсӣ, барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ, воқеиятҳои институтсионалӣ ва то андозае омилҳои сохтории низоми байналмилалӣ сурат мегирад.

**Муҳокима.** Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар оғози асри XXI Канада то андозае самти анъанавии сиёсати хориҷии худро аз даст дода буд. Дар ин давра, шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла ШМА ва ғайра Канадаро ҳамчун давлати сулҳпарвар, миёнрави боэътимод ё ислоҳкунандаи муассир қабул намекарданд. Ғайр аз ин, пас аз худдорӣ намудани Канада аз иштирок дар ҷанги Ироқ, ҳатто масъалаи эътимоднокии ин кишвар ҳамчун шарики боэътимод мавриди баҳс қарор гирифт. Ин дар ҳолест, ки мақоми «шарики боэътимод» яке аз рукнҳои асосии сиёсати хориҷии Канада дар давраи баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафт.

Яке аз намунаҳои машҳури нақши Канада дар дипломатияи байналмилалӣ саҳми он дар рушди идеяи нигоҳдории сулҳ мебошад. Дар соли 1956 вазири корҳои хориҷии Канада Лестер Пирсон дар заминаи бӯҳрони Суэс идеяи ташкили нерӯҳои байналмилалии сулҳро пешбарӣ кард ва соли 1957 барои ин саҳм ба ҷоизаи сулҳи Нобел сазовор шуд[12]. Имрӯз низ Канада барномаҳои пешгирии низоъ, миёнаравӣ ва сулҳсозиро дастгирӣ мекунад.

Дар чунин шароит, бисёре аз таҳлилгарон ва коршиносони канадагӣ аз коҳиш ёфтани нуфуз ва мақоми байналмилалии кишвар изҳори нигаронӣ мекарданд. Бо вуҷуди ин, мавқеи либералии Канада нисбат ба масъалаҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ, дастовардҳои он дар коҳиш додани касри буҷет ва қарзи давлатӣ, инчунин пешрафт дар ҳалли масъалаи мураккаби Квебек боис гардид, ки маҷаллаи бонуфузи «The Economist» дар муқоваи худ тасвири як гавазни канадагиро бо айнаки офтобӣ ҷой дода, бо унвони рамзии «Канада боз ҳам ҷолиб шуд»[4] (Canada is cool again!) симои нави кишварро муаррифӣ намояд.

Ин таҳаввулот ҳукумати Канадаро водор сохт, ки нисбат ба сиёсати дипломатияи оммавӣ ва стратегияи брендинги миллӣ бознигарӣ анҷом дода, барои таҳкими дубораи нуфуз ва симои байналмилалии кишвар тадбирҳои нав андешад. Бо вуҷуди ин, қобили зикр аст, ки дар доираҳои сиёсии Оттава истилоҳи «дипломатияи оммавӣ» тадриҷан мавқеи худро аз даст дод. Яке аз сабабҳои эҳтимолии ин раванд он буд, ки ин мафҳум бо ҳукумати пешин ва вазири маъруфи корҳои хориҷии он аз ҳад зиёд ҳамсон дониста мешуд ё аз нигоҳи сиёсӣ ҳамчун истилоҳе қабул мегардид, ки хусусияти фарққунандаи канадагӣ надошт.

Барои Канада аҳаммияти дипломатияи оммавӣ боз ҳам бештар аст, зеро ду афзалияти асосии сиёсати хориҷии он — нигоҳ доштани муносибатҳои устувор ва боэътимод бо ШМА ва ҳамзамон таъмини нақши фаъолу таъсиргузор дар таҳким ва идоракунии низоми бисёрқонибаи байналмилалӣ — маҳз тавассути татбиқи стратегияи бодиққат тарҳрезишуда ва ҳамоҳангшудаи дипломатияи оммавӣ самаранок амалӣ мегарданд[15]. Аз ин рӯ, дипломатияи оммавӣ барои Канада на танҳо як воситаи тактикии сиёсати хориҷӣ, балки яке аз механизмҳои муҳими ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими нуфузи байналмилалӣ ва афзоиши нерӯи нарми кишвар дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ба шумор меравад. Дар шароите, ки қудрати низомӣ ва созишномаҳои тиҷоратӣ дигар ягона омилҳои муайянкунандаи нуфузи байналмилалии давлатҳо нестанд, Канада дар марҳилаи муҳими бознигарии сиёсати хориҷии худ қарор дорад. Дар чунин вазъият, эътибори анъанавии кишвар ҳамчун давлати сулҳпарвар ва дорои фарҳанги сиёсӣ бар пояи таҳаммул ва шаҳрвандмадорӣ бояд ба як стратегияи фаъоли нерӯи нарм табдил дода шавад, ки асоси онро дипломатияи оммавии ҳадафманд, фарогир ва мутобиқ ба талаботи замони муосир ташкил диҳад.

Ҳадафи асосии дипломатияи оммавӣ иттилоърасонӣ, таъсиргузорӣ ва барқарор намудани муносибатҳои устувору дарозмуддат бо ҷомеаҳои хориҷӣ мебошад. Дар ин замина, Канада бояд истифодаи абзорҳои дипломатияи рақамӣ, дипломатияи фарҳангӣ ва ҳамкориҳои академиро густариш диҳад, то тавонад арзишҳо, ҳувияти миллӣ ва афзалиятҳои сиёсати хориҷии худро ба таври муассир муаррифӣ намояд[9]. Чунин равиш на танҳо ба таҳкими симои мусбати байналмилалии кишвар мусоидат мекунад, балки имконият фароҳам меорад,

ки Канада тавассути нерӯи нарм манфиатҳои миллии худро дар муҳити мураккаби муносибатҳои байналмилалии асри XXI самаранок пеш барад.

Яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои нерӯи нарми Канада ҷомеаи гуногунфарҳанг, миллатҳои гуногун ва бо ҷаҳон пайванди зичдоштаи он мебошад. Гуногунрангии фарҳангии Канада на танҳо арзиши муҳими дохилии кишвар, балки бартарии назарраси дипломатӣ низ ба ҳисоб меравад. Маҳз ҳамин хусусият метавонад барои таҳкими нуфузи байналмилалии кишвар тавассути дипломатияи оммавӣ самаранок истифода шавад.

Дар ин замина, стратегияи муосири дипломатияи оммавӣ метавонад ташаббусҳоеро дар бар гирад, ки ба рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ ва башардӯстона мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, ташкили лоиҳаҳои муштараки эҷодӣ миёни филмсозони канадагӣ ва ҳунармандони африқоӣ, густариши барномаҳои мубодилаи донишҷӯён бо ҳадафи таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва оштӣ, инчунин муаррифии санъати халқҳои бумии Канада дар осорхонаҳо ва намоишгоҳҳои кишварҳои Аврупо метавонанд ба таҳкими симои байналмилалии Канада мусоидат намоянд.

Аз ҷумла, Канада бояд дипломатияи фарҳангии худро тавассути муаррифии ҳамаҷонибаи мероси фарҳангии худ, ҳам фарҳанги халқҳои бумӣ ва ҳам анъанаҳои ҷомеаҳои муҳоҷир, тақвият бахшад. Илова бар ин, густариши лоиҳаҳо ва маъракаҳои фарҳангии байналмилалӣ метавонад ба таҳкими ҷолибияти фарҳангии кишвар ва афзоиши «нерӯи нарми» он мусоидат намояд. Ҳамзамон, Ҳукумати Канада бояд тавассути тавсеаи барномаҳои мубодилаи таълимӣ ва академӣ, аз ҷумла пешниҳоди стипендияҳо ва барномаҳои байналмилалии табодули донишҷӯён, робитаҳои мустақими байни мардумро тақвият диҳад. Чунин иқдомҳо имконият фароҳам меоранд, ки стратегияи дипломатияи оммавии кишвар дар сатҳи ҷаҳонӣ боз ҳам фарогир ва муассир гардад.

Дар ҷаҳоне, ки бо иртиботи фаврӣ ва фарогир, технологияҳои гиперматнӣ ва осонии ҳаракату сафар тавсиф мешавад, ғояҳо, тасвирҳо ва арзишҳое, ки шаҳрвандонро ба амал водор месозанд, аҳаммияти бесобиқа пайдо кардаанд. Тавре ки Акихико Танака таъкид мекунад, «сиёсати калимаҳо» (word politics) дар сиёсати ҷаҳонӣ рӯз то рӯз нақши муҳимтар пайдо мекунад. Тақрибан даҳ сол пеш, яке аз сафирони собиқи Канада дар Штатҳои Муттаҳида таҷрибаи дипломатии худро чунин ҷамъбаст карда буд: «Дипломатияи нав, тавре ки ман онро меномам, асосан дипломатияи оммавӣ мебошад ва нисбат ба дипломатияи анъанавӣ малакаҳо, усулҳо ва муносибатҳои дигарро талаб мекунад»[10].

**Хулоса.** Ҳамин тариқ, симои байналмилалии Канада тӯли даҳсолаҳо бо пойбандии он ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, сиёсати бисёрфарҳангӣ ва саҳмгузорӣ дар ҳифзи сулҳи байналмилалӣ пайванд доштааст. Ин ҳувияти сиёсӣ, ки дар натиҷаи сиёсати хориҷии ҳадафмандона ташаккул ёфтааст, барои кишвар сатҳи баланди эътимод ва эътибори байналмилалиро фароҳам овардааст. Бо вуҷуди ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръати муҳити байналмилалӣ, такя танҳо ба дастовардҳои гузашта барои нигоҳ доштани нуфузи байналмилалӣ дигар кофӣ нест. Воқеият нишон медиҳад, ки дар солҳои охир, мутаассифона, таъсиргузории «нерӯи нарми» Канада тадриҷан коҳиш ёфта истодааст.

Барои Тоҷикистон таҷрибаи Канада метавонад ҳамчун манбаи муқоисавӣ ва намунаи мутобиқшаванда истифода шавад, на ҳамчун модели пурра нусхабардоришаванда. Ин махсусан ба сиёсати «нерӯи нарм», дипломатияи фарҳангӣ ва таҳкими симои байналмилалии кишвар дахл дорад. Ҷолиб аст, ки худи Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон низ таҳкими симои мусбати кишвар, рушди дипломатияи фарҳангӣ-гуманитарӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалиро ҳамчун самтҳои муҳим муайян карда шудааст. Таҷрибаи Канада нишон медиҳад, ки эътибори байналмилалӣ танҳо тавассути таблиғ ба даст намеояд, балки он бояд ба сиёсати воқеӣ такя кунад.

Тоҷикистон ва Канада метавонанд иштироки худро дар ташаббусҳои байналмилалии сулҳ, обу иқлим, рушди устувор ва кӯмаки башардӯстона бештар намоён созанд. Дар ин замина ташаббусҳои Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои об, пиряхҳо ва тағйирёбии иқлим метавонанд қисми муҳими «бренди байналмилалии» кишвар бошанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Раҳмонзода А.Ш. Нақши “неруи нарм” дар пешбурди сиёсати хориҷии давлатҳо// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). №10-1, 2024. – С. 312-318. С-313

2. Раҳмонов, М. Нақши “нерӯи нарм” дар пешбурди сиёсати хориҷии кишварҳои ҷаҳон (дар модели дипломатии Ҳиндустону Русия) / М. Раҳмонов // Осиё ва Аврупо. – 2022. – №. 1(9). – Р. 57-64 С-59. – edn djkddv

3. Файзуллоева, Н. Н. Роль мягкой силы во внешней политике Южной Кореи / Н. Н. Файзуллоева // Азия и Европа. – 2026. – № 1(25). – С. 112-121. – EDN WYYSZT.
4. Black, D. R., & Smith, H. (eds.). Canada and Latin America: Issues to Watch.
5. Canada's soft power and public diplomacy [Манбаъи электронӣ]: https://uscpublicdiplomacy.org/pdin_monitor_article/canada%E2%80%99s-soft-power-and-public-diplomacy(санаи муроҷиат: 25.07.2026).
6. Cooper, A. F. Canadian Foreign Policy: Old Habits and New Directions.
7. Hillmer, N., & Granatstein, J. L. (eds.). A Country of Limitations: Canada and the World in the 21st Century. Oxford University Press, 2011.
8. How flexing Canada's 'soft power' could help shift geopolitics [Манбаъи электронӣ]: https://www.cbc.ca/radio/ideas/canada-s-soft-power-flex-9.7072885(санаи муроҷиат: 02.07.2026).
9. Kirton, J. Canadian Foreign Policy in a Changing World. Toronto: Thomson Nelson, 2007.
10. Nossal, K. R. The Politics of Canadian Foreign Policy. 4th ed. McGill-Queen's University Press, 2015.
11. Nye, J. S. Soft Power: The Means to Success in World Politics. New York: PublicAffairs, 2004.
12. Peace and Stabilization Operations Program [Манбаъи электронӣ]: https://www.international.gc.ca/world-monde/issues_development-enjeux_developpement/response_conflictreponse_conflits/psop.aspx?lang=eng&utm_source=chatgpt.com
13. The Role of Soft Power in the Digital Age [Манбаъи электронӣ]: https://saisreview.sais.jhu.edu/the-role-of-soft-power-in-the-digital-age/(санаи муроҷиат: 25.06.2026).
14. Welsh, J. M. At Home in the World: Canada's Global Vision for the 21st Century. HarperCollins, 2004.
15. When Building Canada Strong, Don't Forget About Soft Powe [Манбаъи электронӣ]: https://opencanada.org/when-building-canada-strong-dont-forget-about-soft-power/(санаи муроҷиат: 12.06.2026).

## РОЛЬ МЯГКОЙ СИЛЫ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ КАНАДЫ

В статье анализируется роль мягкой силы Канады как одного из важных инструментов внешней политики данного государства. Отмечается, что в международных отношениях «мягкая сила» для Канады является одним из ключевых инструментов продвижения национальных интересов и укрепления международных позиций страны. Внешняя политика Канады формируется на основе человекоцентричных ценностей и принципов, что позволило стране позиционировать себя как одного из международных инициаторов в области человеческой безопасности.

***Ключевые слова:*** *Канада, мягкая сила, внешняя политика, человекоцентричность, мир, инициатива, международный.*

## THE ROLE OF SOFT POWER IN CANADA'S FOREIGN POLICY

The article analyzes the role of Canada's soft power as an important instrument of the country's foreign policy. It is noted that, in international relations, soft power serves as one of Canada's key tools for promoting national interests and strengthening its international position. Canada's foreign policy is shaped by human-centered values and principles, which have enabled the country to position itself as one of the international initiators in the field of human security.

***Keywords:*** *Canada, soft power, foreign policy, human-centered approach, peace, initiative, international.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Ибрагимова Мадинахон Қурбоналиевна- ходими хурди илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо АМИТ; Суроға:735025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел:+992900-22-04-08; E-mail: madina_27@ mail.ru
ORCID:0009-0009-4359-8827

**Информация об автора:** Ибрагимова Мадинахон Курбоналиевна – младший научный сотрудник, отдела США и Канадии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес:735025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, тел:+992900-22-04-08, E-mail:madina_27@mail.ru ORCID:0009-0009-4359-8827

**Information about the author:** Ibragimova Madinakhon Qurbonalievna-Junior Research Fellow, United States and Canada Division Institute for Asian and European Studies of the NAST. Address: 735025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33, phone: +992 900-22-04-08, E-mail:madina_27@mail.ru ORCID:0009-0009-4359-8827

УДК:327(519)

# ҶОЙГОҲИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ ДАР НИЗОМИ ҶАҲОНИ БИСЁРҚУТБА

**Файзуллаева Нигора Негматовна**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

*Дар мақола ҷойгоҳи Кореяи Ҷанубӣ дар низоми ҷаҳонии бисёрқутба мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст. Қайд мегардад, ки коршиносон ва сиёсатмадорони дохиливу хориҷӣ консепсияи «қудрати минтақавӣ»-ро таҳлил намуда, ба хулосае омадаанд, ки қудратҳои сатҳи минтақавӣ бениҳоят устувор буда, нисбат ба бозигарони абарқудрат бештар мавҷудият ва таъсир хоҳанд дошт. Инчунин, барои густариши «қудрати минтақавӣ» ва нигоҳ доштани мавқеи худ дар минтақа, Кореяи Ҷанубӣ лоиҳаҳои инфрасохторӣ, сармоягузорӣ ва рушди иқтисоди рақамиро ба роҳ мондааст. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки Кореяи Ҷанубӣ ҳамчун «қудрати минтақавӣ» мавқеи худро дар кишварҳои Ассотсиатсияи Кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ ва кишварҳои аъзои BRICS мустаҳкам намуда, ҳадафҳои тиҷоративу иқтисодии худро амалӣ месозад. Кореяи Ҷанубӣ тавассути сиёсати нави пешгирифтаи худ барои кушодани роҳи сармоягузории ширкатҳои кореягӣ дар кишварҳои Ассотсиатсияи Кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ, аз ҷумла тавассути таъсиси хатҳои тиҷоратӣ ва ҳамкорӣ бо ширкатҳои миллӣ мусоидат менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *Кореяи Ҷанубӣ, Осиёи Шарқӣ, қудрати минтақавӣ, техникӣ, сармоягузорӣ, тиҷорат, иқтисод, инфрасохтор, сиёсати хориҷӣ, консепсия, иқтисоди рақамӣ, лоиҳа, шаҳрҳои интеллектуалӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ.*

**Муқаддима.** Дар шароити ташаккули низоми ҷаҳонии бисёрқутба равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ ба таври босуръат тағйир ёфта, тавозуни қудрат миёни давлатҳои пешрафта ва қудратҳои нав ба таври назаррас таҷдид мегардад. Дар ин замина, Ҷумҳурии Корея (Кореяи Ҷанубӣ) ҳамчун яке аз иқтисодҳои пешрафтаи Осиё ва бозигари муҳими сиёсати байналмилалӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Рушди босуръати иқтисодӣ, пешрафти технологӣ, нуфузи фарҳангӣ ва иштироки фаъол дар созмонҳои байналмилалӣ Кореяи Ҷанубиро ба яке аз марказҳои муҳими таъсиргузор дар низоми ҷаҳонии муосир табдил додааст.

Ҷойгоҳи Кореяи Ҷанубӣ дар низоми ҷаҳонии бисёрқутба на танҳо ба иқтидори иқтисодӣ ва технологӣ, балки ба сиёсати хориҷии мутавозин ва чандирии он вобаста мебошад. Ин кишвар кӯшиш менамояд, ки дар шароити рақобати шадиди қудратҳои бузург миёни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Ҷумҳурии Мардумии Чин тавозуни стратегиро нигоҳ дошта, манфиатҳои миллии худро ҳифз намояд. Ҳамзамон, иштироки фаъол дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва глобалӣ ба таҳкими мавқеи байналмилалии он мусоидат менамояд.«Дар ибтидои асри XXI низоми муносибатҳои байналмилалӣ тадриҷан аз шакли яққутбӣ ба низоми бисёрқутбӣ гузашт. Дар чунин шароит қудрати ҷаҳонӣ миёни якчанд марказҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ тақсим гардида, рақобати онҳо барои ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ шиддат гирифтааст. Ташаккули низоми бисёрқутбӣ ба мураккаб гардидани муҳити байналмилалӣ, афзоиши рақобатҳои геосиёсӣ, таҳдидҳои амниятӣ ва буҳронҳои иқтисодиву молиявӣ мусоидат намудааст[3,141]».

Дар шароити афзоиши таҳдидҳои глобалӣ, аз қабили ноустувории амниятӣ, рақобати геоиқтисодӣ ва тағйирёбии муҳити байналмилалӣ, омӯзиши нақш ва ҷойгоҳи Кореяи Ҷанубӣ дар низоми ҷаҳонии бисёрқутба аҳамияти хосса пайдо мекунад. Ин масъала имкон медиҳад, ки на танҳо хусусиятҳои сиёсати хориҷии ин кишвар таҳлил карда шаванд, балки таҷрибаи он ҳамчун намунаи муваффақи рушди давлатдорӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ баррасӣ гардад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши ҷойгоҳи Кореяи Ҷанубӣ дар низоми ҷаҳонии бисёрқутба барои дарки равандҳои муосири муносибатҳои байналмилалӣ ва муайян намудани тамоюлҳои рушди минбаъдаи низоми ҷаҳонӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Мақсади мақола** – таҳлили ҷойгоҳ ва нақши Ҷумҳурии Корея (Кореяи Ҷанубӣ) дар шароити ташаккули низоми ҷаҳонии бисёрқутба мебошад. Дар доираи ин мақсад омӯзиши самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ, иқтидори иқтисодӣ ва технологӣ, инчунин мавқеи геополитикии Кореяи Ҷанубӣ дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ пешбинӣ мегардад.

**Маводҳо ва усулҳо.** Дар раванди таҳияи мақола маводи гуногуни илмӣ, таҳқиқотӣ ва таҳлилӣ истифода бурда шуданд. Ба онҳо адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Корея (Кореяи Ҷанубӣ), геополитикаи муосир, инчунин гузоришҳо ва ҳуҷҷатҳои расмии созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Созмони Ҳамкории Иқтисодии Осиё ва Уқёнуси Ором дохил мешаванд. Дар ҷараёни таҳқиқот усули таҳлили системавӣ, муқоисавӣ ва таърихӣ истифода гардиданд.

**Натиҷаҳо.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот нишон медиҳанд, ки сиёсати хориҷии мутавозин ва прагматикии Кореяи Ҷанубӣ дар шароити рақобати геополитикӣ миёни қудратҳои бузург (ИМА ва Чин) ба яке аз омилҳои асосии нигоҳ доштани суботи стратегӣ ва рушди устувори кишвар табдил ёфтааст. Ин давлат бо истифода аз дипломатияи чандсамта тавонистааст ҳамзамон бо қудратҳои ҷаҳонӣ ва шариконии минтақавӣ ҳамкориҳои самаранок ба роҳ монад.

**Муҳокима.** Яке аз ҷанбаҳои муҳими муҳокима ин аст, ки Кореяи Ҷанубӣ дар шароити рақобати стратегӣ миёни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Ҷумҳурии Мардумии Чин қарор дорад. Ин вазъият кишварро водор месозад, ки сиёсати хориҷии мутавозин ва чандирро пеш барад, то тавозуни манфиатҳоро нигоҳ дошта, аз вобастагии якҷониба канорагирӣ намояд.

Дар замони мураккабшавии сиёсати ҷаҳонӣ низоми байналмилалӣ тағйир ёфта, консепсияҳои гуногун, аз қабили ҷаҳони бисёрқутба ва қудрати минтақавӣ, пайдо гардиданд. Кореяи Ҷанубӣ низ ин консепсияҳоро бо назардошти манфиатҳои миллӣ қабул намуда, сиёсати хориҷии худро мутобиқ намудааст. Дар ду даҳсолаи охир ин кишвар ба як бозигари қудрати минтақавӣ табдил ёфта, талошҳои худро барои афзоиши нуфузи иқтисодӣ ва сиёсӣ тақвият додааст.

Кореяи Ҷанубӣ ҳамчун яке аз кишварҳои «Палангҳои Осиё» тавассути рушди техникаву технология ва иқтисоди пешрафта ба бозори ҷаҳонӣ ворид гардидааст. Ин кишвар бо зиёда аз 190 давлат муносибатҳои дипломатӣ дошта, узви як қатор созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, СҶТ, OECD, АКОҶШ, EAS ва G20 мебошад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки Кореяи Ҷанубӣ дар низоми ҷаҳонии бисёрқутба ҳамчун қудрати минтақавии дорои таъсири афзоянда баромад мекунад ва мавқеи худро тавассути рушди иқтисодӣ, технологӣ ва сиёсати хориҷии мутавозин устувор месозад.

Муҳаққиқи даниягӣ К. Ҳолбраад (Holbraad, 1984) таҳаввулоти мафҳуми консепсияи «қудрати минтақавӣ»-ро мавриди таҳлил қарор додааст. Ӯ асарҳои Ҷ. Ботеро-ро таҳлил намуда, ба чунин хулоса мерасад, ки қудратҳои сатҳи минтақавӣ ниҳоят устувор буда, нисбат ба бозигарони абарқудрат бештар давомнокии мавҷудият доранд. Ба ақидаи ӯ, кишварҳои миёна, яъне «қудрати минтақавӣ», нисбат ба давлатҳои абарқудрат майли таҷовуз надоранд ва бо дарназардошти маҳдудияти захираҳо, сарват ва ҳадафҳои сиёсӣ, чандон ба мубориза барои қудрати глобалӣ талош намекунанд.

Тибқи таҳлилҳои Ҳолбраад, мафҳуми консепсияи «қудрати минтақавӣ»-ро мутафаккирон ва чеҳраҳои сиёсии аврупоӣ, аз ҷумла файласуф ва таърихшиноси фаронсавӣ Г. Мабли, ҳуқуқшиноси олмонӣ Ю. Ю. Мозер ва генерали олмонӣ К. фон Клаузевитс мавриди баррасӣ қарор додаанд. «Онҳо барои тавсифи ин гурӯҳи давлатҳо аз меъёрҳои гуногун, аз қабили қаламрав, шумораи аҳолӣ, сатҳи истиқлолият, давомнокии мавҷудият, шакли идоракунӣ ва дигар нишондиҳандаҳои сиёсӣ истифода намудаанд [1,91-92]».

Коршиноси кореягии асри XXI Е. Ким ҳангоми таҳияи таърифи консепсияи «қудрати минтақавӣ» ба баҳсҳои муҳаққиқони ғарбии охири асри XX ва аввали асри XXI такя намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки гарчанде аҳамияти бисёрҷониба пас аз анҷоми Ҷанги Сард афзоиш ёфтааст, қудратҳои минтақавӣ таваҷҷуҳи бештарро ҷалб намудаанд, ки то ҳол мафҳуми «қудрати минтақавӣ» дар назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ба таври комил устувор нагардидааст. Дар ин робита Ли Сук Чон таъкид мекунад, ки «масъалаи муносибати байни қудратҳои минтақавӣ ва қудратҳои бузург дар заминаи тағйирёбии тартиботи ҷаҳонӣ қариб ки мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст[9]».

Ғайр аз ин, дар миёнаҳои даҳсолаи охир мутахассисони кореягӣ ба омӯзиш ва таҳияи ин консепсия фаъолона оғоз намуданд. Ким Дон Ҳи Кореяи Ҷанубиро ҳамчун қудрати минтақавӣ дар асоси муносибатҳои Чину Корея ва нақши он дар ҷалби Чин ба муколама бо кишварҳои Ассотсиатсияи Кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ (минбаъд АКОҶШ) муайян менамояд. Ба ақидаи мутахассисони кореягӣ, имрӯз Кореяи Ҷанубӣ ҳамчун «қудрати

минтақавӣ» аз рӯи идораи давлатӣ, сиёсати хориҷӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ метавонад тасниф карда шавад.

Ҳамзамон метавон гуфт, ки таъсири Кореяи Ҷанубӣ ба Чин ҳам аз нигоҳи дурнамо ва ҳам аз ҷиҳати вазъи кунунии робитаҳои мутақобила баррасӣ мегардад. Дар ин замина, барои муҳаққиқони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Э. Купер, Ҷ. Пинг, А. Ҳенриксон, Р. Ҳиггот ва К. Носсал, «масъалаи қудратҳои сатҳи миёна аҳамияти калидӣ дорад, зеро онҳо кӯшиш намудаанд, ки қудратҳои минтақавиро тавассути таҳлили фаъолияти сиёсати хориҷии онҳо тасниф намоянд[2]».

Ҳамин тариқ, Э. Купер, Р. Ҳиггот ва К. Носсал қудрати сатҳи миёнаро чунин муайян мекунанд: «бо роҳи ба даст овардани нишондиҳандаҳои миёнаи аҳолӣ, иқтисод ва қувваи низомӣ; тавассути мавқеи ҷуғрофӣ, ки ҷойгоҳи кишвари миёнаро дар низоми қудратҳои бузург муайян мекунад; тавассути равиши меъёрӣ, ки «қудрати минтақавӣ»-ро дар асоси арзёбии фаъолияти дипломатӣ ва нақши он дар нигоҳдории тартибот муайян менамояд; ва инчунин тавассути майлҳои рафторӣ, аз ҷумла тамоюл ба пешбурди сиёсати миёнаравӣ ва ҳалли мусолиматомези низоъҳо миёни давлатҳо[9]».

Ин консепсия маънои онро дорад, ки кишвар кӯшиш мекунад роҳи ҳамкорӣ ва мувозинатро пеш гирифта, ҳамчун миёнарав дар ҳалли масъалаҳо миёни дигар давлатҳо амал намояд. Ҳамин тариқ, «хусусияти асосии ин консепсия дар он аст, ки мақоми кишвар тавассути таҳлили рафтори сиёсӣ ва хусусиятҳои дохилии он муайян карда мешавад[1,91-92]».

Кореяи Ҷанубӣ аз миёнаҳои солҳои 1980-ум асосан ҳамчун иқтисодиёти ба содирот нигаронидашуда фаъолият намуда, ба барқарор намудани робитаҳои иқтисодӣ бо дигар кишварҳо дар доираи ташаббусҳои дуҷониба, минтақавӣ ва бисёрҷониба таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст. Дар робита ба Осиёи Шарқӣ, махсусан кишварҳои АКОҶШ, ин раванд ҳамкории фаъолро барои таъсиси бозорҳо ва пойгоҳҳои истеҳсолии ширкатҳои кореягӣ дар назар дорад. Ҳамзамон, бо мақсади мусоидат ба рушди иқтисодии кишварҳои рӯ ба тараққӣ, Кореяи Ҷанубӣ кӯмаки расмии рушдро низ пешниҳод менамояд.

Дар давраи маъмурияти Ким Дэ Ҷунг Гурӯҳи Биниши Осиёи Шарқӣ (East Asian Vision Group – EAVG) барои баррасии дурнамои ҳамкориҳои минтақавӣ таъсис дода шуд. Соли 2001 дар гузориши ин гурӯҳ чунин омадааст, ки «интизор меравад, соҳаи иқтисод, аз ҷумла тиҷорат, сармоягузорӣ ва молия ҳамчун катализатор дар раванди бунёди ҷомеаи минтақавӣ хизмат намояд [8, 52-53]».

Ба ақидаи Ван Южу, намояндаи Чин дар ҷаласаи форуми Гурӯҳи Биниши Осиёи Шарқӣ дар моҳи сентябри соли 2012, кишварҳои Осиё «бо як ҳадафи муштарак стандартҳои баланд ва рушди босуръатро пайгирӣ мекунанд [8, 52-53]».

Мафҳум ва консепсияи «қудрати минтақавӣ»-ро муҳаққиқон ва чеҳраҳои сиёсии дохилӣ ва хориҷӣ ба шаклҳои гуногун шарҳ додаанд. Ба ақидаи онҳо, кишварҳое, ки ба гурӯҳи «қудрати минтақавӣ» дохил мешаванд, нисбат ба давлатҳои абарқудрат аз ҷиҳати мавқеи сиёсӣ хусусиятҳои хос дошта, барои устувор нигоҳ доштани ҷойгоҳи худ дар низоми байналмилалӣ имкониятҳои бештар доранд. Ҳамзамон, бозигарони минтақавӣ дар раванди сиёсати ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузошта, тавассути ширкатҳои тиҷоратии худ имкониятҳои васеъ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба даст меоранд ва барои расидан ба ҳадафҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии худ пайваста талош менамоянд.

Дар давраи раёсати Президент Мун Ҷэ Ин Кореяи Ҷанубӣ барои ноил шудан ба ҳалли масъалаи силоҳи ҳастаӣ дар нимҷазираи Корея сиёсати «ҷойи ронандагӣ»-ро афзал дониста, ба раванди мусолиҳа миёни Шимол ва Ҷануб сармоягузории назаррас анҷом дод. Дар ин раванд Чин то ҳол аз таъсири муҳими сиёсӣ бархӯрдор буда, дар нимҷазираи Корея нақши калидӣ мебозад. Пас аз Саммити Сингапур таҳаввулоти сиёсӣ дар нимҷазираи Корея ба таври назаррас тағйир ёфт ва Чин консепсияи «боздошт барои боздошт»-ро пешниҳод намуд. Ҳадафи асосии сиёсати амниятии Чин нигоҳ доштани суботи минтақавӣ ва таъмини манфиатҳои стратегии он дар Осиёи Шимолу Шарқӣ мебошад.

Дар ҳоле ки Ким Чен Ин маъракаи дипломатии худро бо оғози як силсилаи ташаббусҳои фаъолона пеш бурд, суръати аз нав барқароршавии муносибатҳо миёни Чин ва Кореяи Шимолӣ дар соли 2018 нишон медиҳад, ки ӯ дарк намудааст, ки дастгирии Чин метавонад мавқеи Кореяи Шимолиро дар музокирот бо ИМА тақвият бахшад. Пеш аз соли

2018 муносибатҳои ду кишвар то андозае сард шуда буданд ва то он замон саммити сатҳи баланд миёни Си Ҷинпин ва Ким Чен Ин баргузор нагардида буд.

Ҳамзамон, аҳамияти стратегии Кореяи Шимолӣ барои Чин ва талошҳои Пекин барои иштирок накардан дар раванде, ки метавонад ба манфиатҳои он таъсири манфӣ расонад, мавқеи ин кишварро дар низоми минтақавӣ боз ҳам мураккабтар месозад. Нақши Чин дар нимҷазираи Корея барои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳамчунон як чолиши муҳими геополитикӣ боқӣ мемонад. Дар ин замина, маъмурияти Доналд Трамп Чинро барои нокифоя будани фаъолият дар ҳалли масъалаи ҳастаии Кореяи Шимолӣ интиқод мекард, ҳарчанд истисно кардани Чин аз ин раванд дар амал ғайриимкон буд, зеро ин ҳолат Пекинро водор намуд, ки «муносибатҳои худро бо Пхенян пас аз ба сари қудрат омадани Ким Чен Ин боз ҳам фаъолтар созад[6, 10-11]».

Пас аз Ҷанги Сард ва тақсим гардидани нимҷазираи Корея ба ду қисм, таъмини сулҳу амният ва бартараф намудани мушкилоти марбут ба силоҳи ҳастаӣ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ ба шумор меравад. Ҳалли масъалаи силоҳи ҳастаӣ дар нимҷазираи Корея яке аз масъалаҳои муҳими амниятии минтақа мебошад, ки на танҳо нимҷазираи Корея, балки Чин ва Ҷопон низ барои ҳалли он тавассути роҳҳои дипломатӣ ва сармоягузорӣ пайваста талош менамоянд. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки дар таҳаввулоти низоми сиёсии нимҷазираи Корея ва раванди ҳалли масъалаи ҳастаӣ Чин ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нақши калидӣ дошта, консепсияҳо ва лоиҳаҳои гуногунро пешниҳод намудаанд, ки ба дурнамои рушди мутақобилан судманди Кореяи Ҷанубӣ ва Кореяи Шимолӣ замина гузоштаанд.

Кореяи Ҷанубӣ барои дастгирии лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ Корпоратсияи рушди инфрасохтор ва шаҳрдории Корея (Korea Overseas Infrastructure & Urban Development Corporation – KIND)-ро таъсис додааст. Ин ташаббус дар доираи Фонди ҷаҳонии инфрасохтории Корея– АКОҶШ бо маблағи 92 миллион доллари ИМА ва инчунин дар доираи Фонди рушди инфрасохтори шаҳрҳои интеллектуалӣ ба маблағи 1,3 миллиард доллари ИМА амалӣ гардидааст. Дар маҷмуъ, Кореяи Ҷанубӣ дар лоиҳаҳои рушди шаҳрҳои интеллектуалии кишварҳои АКОҶШ тақрибан 260 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ намудааст.

Дар ҷаласаи вазирони АКОҶШ ва Кореяи Ҷанубӣ дар соли 2020 оид ба масъалаи шаҳрҳои интеллектуалӣ, Вазорати замин, инфрасохтор ва нақлиёти Корея ба аҳамияти шабакаҳои кушодаи шаҳрҳои интеллектуалӣ барои дастгирии кишварҳои АКОҶШ дар соҳаҳои рушди шаҳрсозӣ, бехатарӣ, нақлиёт ва идоракунии захираҳои об таъкид намуд. Ғайр аз ин, ин лоиҳа имконияти густариши фаъолияти ширкатҳои кореягиро дар бозори сохтмонии кишварҳои АКОҶШ афзоиш медиҳад.

Айни замон дар чаҳорчӯбаи созишномаҳои шарикии давлатӣ ва хусусӣ миёни Институти муҳити зисти Корея ва шаҳри Баттамбанги Камбоҷа барои рушди системаи канализатсия (заҳкашӣ), миёни Корпоратсияи замин ва манзили Корея ва иёлати Сабаҳи Малайзия барои рушди шаҳрҳои интеллектуалӣ, инчунин миёни Институти тадқиқотии Корея оид ба маскуншавии аҳолӣ ва Агентии пешбурди иқтисоди рақамии Таиланд дар самти нақлиёти интеллектуалӣ ва рушди шаҳрҳо ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст.

Сиёсати «Нави Ҷанубӣ» ба кушодани роҳ барои сармоягузории ширкатҳои кореягӣ дар кишварҳои АКОҶШ тавассути таъсиси хатҳои тиҷоратӣ ва густариши ҳамкорӣ бо ширкатҳои миллӣ мусоидат менамояд. Дар соли 2017 афзоиши устувори шумораи корхонаҳои кореягӣ ба назар мерасид, ки аз 13 388 корхона то 16 694 корхона дар соли 2020 афзоиш ёфтааст. Гарчанде дар давраи пандемияи COVID-19 ин раванд то андозае коҳиш ёфт, аммо дар соли 2019 1394 корхонаи нав ва дар соли 2020 624 корхона ба кишварҳои АКОҶШ сармоягузорӣ намуданд. Метавон қайд кард, ки қариб нисфи сармоягузориҳои корхонаҳои «Корея ба Ветнам (7514 корхона) рост меояд, пас аз он Индонезия (2332), Филиппин (1771) ва Сингапур (1333) қарор доранд[7]».

Лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва рушди низоми рақамӣ пайваста мавриди таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ қарор дорад. Барои пешбурд ва роҳандозии лоиҳаҳои мазкур Кореяи Ҷанубӣ ҳамасола сармоягузории бузург менамояд. Ҳамзамон нақши корхонаҳо ва ширкатҳои кореягӣ дар рушди инфрасохтор ва иқтисод ва тиҷорати кишварҳои АКОҶШ муҳим арзёбӣ гардидааст. Аз ин рӯ, Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои АКОҶШ ҳамкориҳои судманди иқтисодиро ба роҳ монда, мавқеи геоиқтисодии худро боз ҳам мустаҳкам

менамояд, зеро ҳадафҳои асосии Кореяи Ҷанубӣ маҳз ба иқтисод ва тиҷоратӣ рушдкунанда равона гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳамкорӣ дар соҳаи технологияи рақамӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ва калидӣ барои кишварҳои АКОҶШ ва Кореяи Ҷанубӣ ба шумор меравад. Барои пешбурди ҳамкориҳои рақамӣ бо АКОҶШ ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ ҳамагуна чорабиниҳои соҳавиро ташкил мекунад. Тибқи Нақшаи татбиқи стратегияи кӯмаки расмии рушди Корея ва АКОҶШ (2019-2023) “Шарикии рақамӣ барои рушди фарогир” яке аз панҷ самти асосии рушди ҳамкориҳо мебошад, ки соли 2019 аз ҷониби Агентии ҳамкории байналмилалии Корея нашр гардидааст. Махсусан, Сеул нақша дорад, ки кишварҳои интихобшудаи АКОҶШ (Камбоҷа, Лаос, Мянмар, Ветнам, Индонезия ва Филиппин)-ро тавассути ифшои ҳадафҳои ҳукумат, рушди инфрасохтори рақамӣ ва таблиғи истифодаи технологияи рақавӣ дар сатҳи маҳаллӣ дастрасиро васеъ кунад. Лоиҳаи Нақшаи татбиқи Стратегияи кӯмаки расмии рушди Корея ва АКОҶШ (2019-2023) ба рушди инфрасохтори рақамӣ ва густариши истифодаи технологияиҳои рақамӣ равона гардидааст. Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ бунёди низомҳо ва шабакаҳои ҳукумати электронии кишварҳои АКОҶШ-ро ҳамчун як қисми модернизатсия ва технологияиҳои иттилоотӣ пайваста дастгирӣ менамояд. Кореяи Ҷанубӣ метавонад дар навсозии инфрасохтори рақамии кишварҳои АКОҶШ саҳми назаррас гузорад. Барномаи LineApp намунаи асосии платформаи татбиқи менторингӣ буда, дар Кореяи Ҷанубӣ инчунин дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сохта шудааст. Азбаски барномаҳои финтехӣ дар кишварҳои АКОҶШ таҳия мешаванд, таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ метавонад аҳамияти хоса дошта бошад. Соҳаи дигари ҳамкориҳо лоиҳаи АКОҶШ - ASEAN Cyber Shield мебошад, ки аз ҷобиби Агентии интернет ва амнияти Корея аз моҳи январи соли 2023 оғоз гардидааст. Самтҳои асосии он таҳсилоти касбии онлайн дар соҳаи «амнияти киберӣ, мубодилаи донишҷӯён ва барномаҳои муштараки таълимии амнияти киберӣ мебошад[7,79]».

Ҳукумати Корея чорабиниҳои гуногунро дар самти ҷанбаҳои иҷтимоии табдили рақамӣ баргузор менамояд. Моҳи ноябри соли 2023 Фестивали истеъдодҳои рақамӣ баргузор гардид, ки аз ҷониби Вазорати илм ва технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дастгирӣ мешавад. Чорабинии мазкур дар ду самти асосӣ — тарбияи истеъдодҳо ва рушди маориф — амалӣ гардид. Мақсади асосии Фестивали истеъдодҳои рақамии Корея дар соли 2023 на танҳо баланд бардоштани маъруфияти барномаҳои таълимии мувофиқ, балки ҳавасмандгардонии мутахассисони боистеъдод тавассути пешниҳоди ҷоизаҳои гуногун низ мебошад. Роҳбарияти Корея тарбияи истеъдодҳои миллиро ҳамчун яке аз авлавиятҳои стратегии рушди кишвар мешуморад. Дар соли 2023 Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ инчунин ба ташкили чорабиниҳои гуногуни минтақавӣ табдил ёфта, мусобиқаҳо миёни истеъдодҳои кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ баргузор намуд. Инчунин, озмуни ҳакерони «ASEAN Cyber Shield» дар соли 2023 аҳамияти хосса пайдо кард. Ғолибони ин озмун ҷоизаҳои пулӣ ба даст оварда, ҳамчунин барои иштирок дар лоиҳаи «ASEAN Digital Shield» даъват гардиданд.

Мисолҳои дар боло зикршуда на танҳо ҳадафҳои миллии Кореяи Ҷанубӣ ва кишварҳои аъзои АКОҶШ-ро инъикос мекунанд, балки инчунин ба стратегияҳои дарозмуддати рушди минтақавӣ низ мувофиқат менамоянд. Барномаҳои таҳсилоти олӣ, ки аз ҷониби донишгоҳҳои Кореяи Ҷанубӣ роҳандозӣ шудаанд, ба таҳкими ҳамкории зичи мутахассисони ҷавони АКОҶШ ва Кореяи Ҷанубӣ мусоидат мекунанд. Бисёре аз ин барномаҳо ба омода намудани мутахассисон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ равона шудаанд. Ҳамзамон, идоракунии донишгоҳҳо ва барномаҳои мубодилаи академӣ ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии иҷтимоӣ-фарҳангии кишварҳои аъзо мусоидат мекунанд. Дар натиҷа, дар асоси ин равандҳо «потенсиали инсонии кишварҳои АКОҶШ тадриҷан афзоиш меёбад[7,81]».

Мавриди зикр аст, ки барои тақвияти ҳамкориҳои минбаъдаи мутақобилан судманд, Нақшаи амалисозии навбатӣ (солҳои 2021–2025) дар чаҳорчӯбаи робитаҳои ҳамаҷониба пешбинӣ гардидааст. Нақшаи мазкур ба барномаҳое, ки таъсири минтақавӣ доранд, аз ҷумла рушди ҳамкориҳо, коҳиш додани тафовути сатҳи рушд ва таҳкими робитаҳои минтақавӣ равона шудааст.

Кореяи Ҷанубӣ барои ҳамкорӣ бо АКОҶШ дар механизмҳои роҳбарии минтақавӣ, аз қабили АКОҶШ+3, Саммити Осиёи Шарқӣ, Форуми минтақавии АКОҶШ ва Воҳӯрии вазирони мудофиаи АКОҶШ+3, бо мақсади мусоидат ба сулҳ ва рушди минтақавӣ, инчунин густариши меъмории оянда минтақавӣ уҳдадор мебошад. Кореяи Ҷанубӣ инчунин

пуштибонии худро аз мавқеи марказии АКОҶШ дар сохтори ҳамкориҳои минтақавӣ тасдиқ намудааст. Ҳамзамон, АКОҶШ нақш ва саҳми фаъоли Кореяи Ҷанубиро дар пешбурди ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Шарқӣ эътироф менамояд. Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ умедвор аст, ки ҳамкориҳои дипломатӣ бо АКОҶШ-ро тақвият дода, шарикии худ бо ин созмонро то сатҳе, ки бо дигар қудратҳои ҷаҳонӣ баробар бошад, густариш медиҳад. Дар соли 2025 Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ «бо мақсади мусоидат ба ҳамкориҳои зич 28 миллион доллари ИМА ба Фонди ҳамкории АКОҶШ –Кореяи Ҷанубӣ, 8 миллион доллари ИМА ба Фонди ҳамкории Меконг–Кореяи Ҷанубӣ ва 4 миллион доллари ИМА ба Фонди ҳамкории BIMP-EAGA–Кореяи Ҷанубӣ (BKCF) ҷудо намудааст[11]».

Ҳамкориҳои судманд миёни қудратҳои рушдкунанда, имкониятҳои рушди минбаъда ва мавқеи Ҷумҳурии Корея (Кореяи Ҷанубӣ) дар низоми ҷаҳонии бисёрқутба, махсусан дар соҳаи саноати ҳарбӣ, шаҳодати равшани тақвияти ҷойгоҳи ин кишвар дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Дар марҳилаи аввал, устувории саноати ҳарбии Кореяи Ҷанубӣ бо зарурати нигоҳ доштани омодагии дифоӣ дар муқобили Кореяи Шимолӣ, ки аз замони анҷоми ҷанги Корея боқӣ мондааст, робитаи мустақим дошт. Нигоҳ доштани хатҳои истеҳсолии «гарм» барои иҷрои фармоишҳои дохилии Қувваҳои мусаллаҳи Кореяи Ҷанубӣ, инчунин яке аз хусусиятҳои фарққунандаи саноати ҳарбии ин кишвар нисбат ба иттифоқчиёнаш, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, дар давраи пас аз Ҷанги Сард ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷа, чунин хусусиятҳои сохторӣ ва сиёсати пайгирона ба он оварда расониданд, ки Кореяи Ҷанубӣ ба яке аз содиркунандагони асосии таҷҳизоти ҳарбӣ дар ҷаҳон табдил ёбад ва дар раддабандии ҷаҳонӣ ҷойи ҳаштумро ишғол намояд. Дар давраи маъмурияти Юн Сок Ёл содироти маҳсулоти саноати ҳарбӣ ҳамчун ҷузъи муҳими «давраи некӯкорӣ» арзёбӣ мегардад, зеро он на танҳо ба густариши нуфузи иқтисодии кишвар мусоидат мекунад, балки қобилияти дифоии онро тавассути воридсозии технологияҳои пешрафта низ тақвият мебахшад. Ҳамзамон, таҳдидҳои мавҷудаи амниятӣ дар минтақа боиси рушди устувори саноати дифоии худкифо дар Кореяи Ҷанубӣ гардидаанд, ки дар навбати худ ба афзоиши иқтидори содиротӣ такя мекунад. Ин раванд яке аз «нишонаҳои муҳими рушди муосири Кореяи Ҷанубӣ ва таҳкими мавқеи он ҳамчун бозигари таъсиргузор дар низоми ҷаҳонии бисёрқутба ба шумор меравад [10]».

Баланд шудани мақоми Кореяи Ҷанубӣ ҳамчун як бозигари бузурги иқтисодӣ ва технологӣ ба ин кишвар имкон додааст, ки дар низоми муосири геополитикии ҷаҳонӣ мавқеи таъсиргузор касб намояд. Ҳамчун узви муҳими G20 ва иштирокчии фаъоли форумҳои бисёрҷониба, Кореяи Ҷанубӣ пайваста ҷонибдори густариши намояндагии кишварҳои рӯ ба рушд дар ниҳодҳои идоракунии иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Сарфи назар аз он ки Кореяи Ҷанубӣ узви БРИКС нест, бисёре аз равандҳои глобалии марбут ба ин эътилоф, аз ҷумла гуногунсозии шарикии иқтисодӣ ва коҳиши вобастагӣ аз низоми анъанавии ба Ғарб нигаронидашуда, бо самтгирии стратегии худи Сеул ҳамоҳангии муайян доранд. Дар ин замина, сиёсати стратегии Кореяи Ҷанубӣ, аз ҷумла Сиёсати нави Ҷанубӣ, ба тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷануби Шарқӣ равона гардидааст. Ин минтақа, ки дар он кишварҳои калидии БРИКС, аз ҷумла Ҳиндустон, нақши муҳим доранд, ба яке аз самтҳои афзалиятноки дипломатияи иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ табдил ёфтааст.

Ҳамзамон, стратегияи Кореяи Ҷанубӣ дар минтақаи Ҳинду Укёнуси Ором бо як қатор манфиатҳои иқтисодӣ ва инфрасохтории кишварҳои БРИКС ҳамгироии муайян дорад, ки барои густариши ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба заминаи мусоид фароҳам меорад. Иштироки фаъол дар чунин равандҳо метавонад ба Кореяи Ҷанубӣ имконият диҳад, ки мавқеи худро дар низоми молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ тақвият бахшад ва вобастагии нисбии худро аз сохторҳои анъанавии молиявии Ғарб коҳиш диҳад. Дар натиҷа, чунин равиш Кореяи Ҷанубиро ҳамчун шарики чандҷабҳа ва прагматикӣ муаррифӣ мекунад, ки қодир аст ҳамзамон бо иттифоқчиёни анъанавии ғарбӣ ва кишварҳои наврасандаи иқтисодӣ робитаҳои устувор нигоҳ дорад.«Диверсификатсияи бозорҳои содиротӣ, занҷираҳои таъминот ва шабакаҳои дипломатӣ дар ҳамкорӣ бо кишварҳои БРИКС барои нигоҳ доштани рақобатпазирии иқтисодӣ ва таъмини манфиатҳои дарозмуддати миллӣ аҳамияти стратегӣ дорад[9]».

Тибқи таҳлилҳои дар боло зикргардида, ҷойгоҳи Кореяи Ҷанубӣ дар низоми ҷаҳонии бисёрқутба аз ҷониби коршиносон, муҳаққиқон ва сиёсатмадорони дохиливу хориҷӣ ҳамчун

мавқеи устувори «қудрати минтақавӣ» арзёбӣ мегардад. Кореяи Ҷанубӣ дар сиёсати хориҷии худ принсипҳо ва меъёрҳои хоси ин консепсияро роҳандозӣ намуда, тавассути дипломатияи чандсамта доираи ҳамкориҳои байналмилалии худро пайваста густариш медиҳад.

Ҳадафҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии кишвар асосан ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва рақамикунонии соҳаҳои калидӣ дар кишварҳои аъзои АКОҶШ, инчунин дар доираи ҳамкориҳои густурда бо кишварҳои БРИКС ва G20 равона гардидаанд. Дар натиҷа, Кореяи Ҷанубӣ ба яке аз бозигарони фаъоли минтақавӣ табдил ёфта, дар раванди рушди ҳамгироии иқтисодии ин платформаҳои байналмилалӣ нақши назаррас мебозад.

Дар тӯли ду даҳсолаи охир, кишвар тавонист бо истифода аз сиёсати хориҷии мутавозин робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии худро ҳам бо қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ ва ҳам бо кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла давлатҳои аъзои АКОҶШ, густариш диҳад ва ҳадафҳои стратегии худро дар ин самтҳо амалӣ созад.

Ҳамин тариқ, Кореяи Ҷанубӣ ҳамчун як «қудрати минтақавӣ» дар низоми муосири сиёсати байналмилалӣ мавқеи устувор дошта, тавассути сармоягузориҳои мақсаднок, татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва рушди ҳамкориҳои технологӣ тавонистааст нуфуз ва таъсири худро дар арсаи ҷаҳонӣ нигоҳ дорад ва таҳким бахшад.

**Адабиёт**


1. Александр Воронцов, Татьяна Понька, Эрикс Варпаховскис “Middle Power manship in Korean foreign policy” POWER MANSHIP _ IN _ KOREAN_FOREIGN_POLICY саҳ 91-92//[Электронный ресурс]URL: https://www.researchgate.net/publication/348814125_MIDDLE (Дата обращения: 19.01.2026)
2. Мухаммадализода, П. М. Основные факторы участия стран Юго-Восточной Азии в функционировании многополярного мира / П. М. Мухаммадализода // Евразийское пространство: экономика, право, общество. - 2026. - № 4. - С. 65-69. - EDN FLYGHC.
3. Сохиби, Б. Геополитическое положение Индонезии в условиях многополярного мира / Б. Сохиби // Азия и Европа. – 2026. – № 2(26). – С. 141-146. – EDN EYYKVW.
4. Хайдаров Р.Д. Формирование трехполярного мира и перспективы обеспечения безопасности в Евразии: взгляд из Таджикистана//Евразийский юридический журнал. -№4(167). - 2022.-С.17-21. EDN: LGPCFB.
5. Evgeny A. Kanaev, Aisylu R Garaeva “ASEAN – THE REPUBLIC OF KOREA RELATIONS AND THE ASEAN SOCIO-CULTURAL COMMUNITY: A DIGITAL PERSPECTIVE Саҳ 79” //[Электронный ресурс]URL:https://cyberleninka.ru/article/n/asean-the-republic-of-korea-relations-and-the-asean-socio-cultural-community-a-digital-perspective/viewer (Дата обращения: 13.04.2026)
6. Major Powers and the Korean Peninsula: Politics, Policies and Perspectives саҳ 10-11
7. Ratih Indraswari “South Korea’s ASEAN Policy Today: The New Southern Policy and Its Standing // Korea Europe Review SSUE 2, JUNE 2022”// [Электронный ресурс]URL:https:// www. researchgate.net /publication /361555662 _South_ Korea's _ASEAN_ Policy_Today_The_New_Southern_Policy_and_Its_Standing (Санаи дархост: 13.04.2026)
8. Sean O’Malley “New Regionalism and South Korea's Role in East Asia Regionalism” https:// www. academia. Edu /9997668/New_Regionalism_and_South_Koreas_Role_in_East_Asia_Regionalism cfo 52-53
9. South Korea eyes a rich БРИКС road to the Global South - Asia Times [Электронный ресурс]URL:https://asiatimes.com/2024/10/south-korea-eyes-a-rich-БРИКС-road-to-the-global-south/ Asia Times (Санаи дархост: 13.04.2026)
10. South Korean power in a multipolar Indo-Pacific | United States Studies Centre [Электронный ресурс]URL:https://www.ussc.edu.au/south-korean-power-in-a-multipolar-indo-pacific (Санаи дархост: 13.04.2026)
11. Southeast Asia | Ministry of Foreign Affairs, Republic of Korea [Электронный ресурс]URL:https:// www. mofa.go. kr /eng / wpge / m_ 24222/contents.do (Санаи дархост: 13.04.2026)


## МЕСТО ЮЖНОЙ КОРЕИ В МНОГОПОЛЯРНОЙ МИРОВОЙ СИСТЕМЕ


В статье анализируется и изучается место Южной Кореи в многополярной мировой системе. Отмечается, что отечественные и зарубежные эксперты и политики проанализировали концепцию «региональной мощи» и пришли к выводу, что региональные державы чрезвычайно стабильны и будут обладать большим присутствием и влиянием, чем сверхдержавы. Кроме того, для расширения своего «регионального влияния» и поддержания своих позиций в регионе Южная Корея запустила

инфраструктурные проекты, инвестиции и развитие цифровой экономики. В то же время следует отметить, что Южная Корея, как «региональная держава», укрепляет свои позиции в Ассоциации государств Юго-Восточной Азии и странах-членах БРИКС, реализуя свои торгово-экономические цели. Южная Корея в рамках своей новой политики содействует инвестициям корейских компаний в страны Ассоциации государств Юго-Восточной Азии (АСЕАН), в том числе путем создания торговых маршрутов и сотрудничества с национальными компаниями.

***Ключевые слова:*** *Южная Корея, Восточная Азия, региональная власть, технический, инвестиции, бизнес, экономика, инфраструктура, внешняя политика, концепция, цифровая экономика, проект, умные города, информационно-коммуникационные технологии*

## SOUTH KOREA'S PLACE IN THE MULTIPOLAR WORLD SYSTEM

The article analyzes and studies South Korea's place in the multipolar world system. It is noted that domestic and foreign experts and politicians have analyzed the concept of "regional power" and concluded that regional powers are extremely stable and will have greater presence and influence than superpowers. Also, to expand its "regional power" and maintain its position in the region, South Korea has launched infrastructure projects, investments, and the development of the digital economy. At the same time, it should be noted that South Korea, as a “regional power,” is strengthening its position in the Association of Southeast Asian Nations and the БРИКС member countries, realizing its trade and economic goals. South Korea, as part of its new policy, is promoting investment by Korean companies in the Association of Southeast Asian Nations (ASEAN) countries, including through the creation of trade routes and cooperation with national companies.

***Keywords:*** *South Korea, East Asia, regional authorities, technical, investments, business, economics, infrastructure, foreign policy, concept, digital economy, project, smart cities, information and communication technologies.*

**Маълумот дар бораи муалиф:** Файзуллаева Нигора Негматовна - ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо АМИТ; Суроға: 735025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел: +992 901-22-88-18 E-mail faizulloevanigora123@gmail.com ORCID: 0009-0000-4927-8888

**Информация об авторе:** Файзуллаева Нигора Негматовна - научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес:735025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, тел: +992 901-22-88-18, E-mail: faizulloevanigora123@gmail.com ORCID: 0009-0000-4927-8888

**Information about the author:** Faizullaeva Nigora Negmatovna-is a research fellow at the Southeast Asia Department of the Institute for Asian and European Studies of the NAST. Address: 735025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33, phone: +992 901-22-88-18, E-mail: faizulloevanigora123@gmail.com ORCID: 0009-0000-4927-8888

**УДК:355(575.3)+355(47)+327.722**

# ҲАМКОРИҲОИ ҲАРБӢ-ТЕХНИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ДОИРАИ СААД

**Розиқов Фарҳод Маҳмадсаидович, Бобошои Абдусаттор**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

*Мақола ба таҳқиқи ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ бахшида шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки ҳамкориҳои ду кишвар ва узвият дар СААД дар таҳкими иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини амнияти минтақавӣ нақши назаррраси худро гузоштааст.*

*Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ бо Федератсияи Россия ба яке аз самтҳои асосии рушди Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар табдил ёфтанд. Дар доираи ин ҳамкориҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо техника ва таҷҳизоти муосири ҳарбӣ таъмин гардида, омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои ҳарбӣ дар муассисаҳои таълимии Федератсияи Россия ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, фаъолияти Пойгоҳи низомии 201-уми Федератсияи Россия, баргузории машқҳои муштараки ҳарбӣ дар доираи СААД, аз ҷумла машқҳои «Кобалт», «Рубеж» ва «Ҳамкорӣ», ба баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷангӣ, такмили ҳамоҳангии амалиётӣ ва мубодилаи таҷрибаи касбӣ байни давлатҳои аъзо мусоидат менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Россия, Созмон, Аҳднома, Амният, Дастаҷамъӣ, ҳамкорӣ, ҳарбӣ-техникӣ, амнияти миллӣ, Қувваҳои Мусаллаҳ, омодасозии кадрҳои ҳарбӣ, амнияти минтақавӣ.*

**Пешгуфтор.** Бо дарназардошти таҳаввулоти геосиёсӣ, пайдоиши таҳдидҳои нави амниятӣ ва тағйирёбии хусусияти низоъҳои муосир, давлатҳо ба рушди иқтидори мудофиавӣ ва такмили низоми таъмини амнияти миллӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. Дар вазъияте, ки тағйир гардидани амнияти байналмилалӣ масъалаи тақвияти мудофиавии давлатҳои соҳибхтиёр аҳамияти бештар пайдо кардааст. Имрӯз ҷомеи ҷаҳонӣ «дар давраи мураккабшавии сиёсии байналмилалӣ, шиддат гирифтани вазъи геосиёсиву низомӣ, таҳдидҳои амниятӣ ва буҳронҳои молиявию иқтисодӣ қарор дорад. Бархурди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат, ки боиси буҳрони сиёсии байни Ҷумҳурии Украина ва Федератсияи Россия, Исроил ва Фаластин, Лублон, Эрон ва дигар минтақаҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Аз ин нуқтаи назар метавон гуфт, ки оқибатҳои ташаннуҷи навбатии миёни кишварҳо буҳрони иқтисодиро ба вуҷуд меорад. Дар баробари ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии ғизо ва камбудии оби ошомиданӣ аз сар гузаронида истодааст»[22,90].

Омилҳои зикршуда давлатҳои рӯ ба рушдро водор месозанд, ки ҷиҳати муқовимат ба таҳдидҳои беруна, таҳкими амнияти миллӣ ва ҳифзи соҳибхтиёрии худ дар доираи созмонҳои низомию амниятӣ ҳамгироӣ намоянд. Кишвари мо низ ҳамчун узви созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад, ки дар ҳифзи амнияти соҳибихтиёрии худ аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (минбаъд — СААД) мебошад. Бо мақсади таҳкими иқтидори мудофиавии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳифзи сарҳади давлатӣ, рушди имкониятҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва таъмини суботу амнияти минтақавӣ мебошад.

Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи СААД аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳамияти муҳим дорад. Яке аз санадҳои муҳими муайянкунандаи муносибатҳои Тоҷикистон ва Россия Изҳорот оид ба ҳамкории иттифоқчигии байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба асри XXI нигаронида шудааст, ба ҳисоб меравад. Дар он чунин таъкид шудааст: «Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози асри XXI азми қавӣ доранд, ки дӯстии байни халқҳои ду кишварро ҳифз ва таҳким бахшанд. Муносибатҳои онҳо бар асоси иттифоқчигӣ, ҳамкории

густурда, эътимоди мутақобил, эҳтироми истиқлолият, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳадҳои давлатӣ, ҳалли осоиштаи баҳсҳо, худдорӣ аз истифода ё таҳдиди истифодаи қувва, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, баробарҳуқуқӣ ва манфиати мутақобил бунёд хоҳанд ёфт. Асоси ҳуқуқии ин муносибатҳо Шартнома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии мутақобила байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 1993 мебошад»[4].

**Методҳо ва усулҳои таҳқиқ.** Дар раванди таҳқиқ усули таърихӣ барои омӯзиши рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, усули таҳлилу муқоиса барои арзёбии санадҳои ҳуқуқӣ, созишномаҳои дуҷониба ва фаъолияти онҳо дар доираи СААД, инчунин усули таҳлили системавӣ барои муайян намудани нақши ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ дар таҳкими иқтидори мудофиавӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардиданд.

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлоли ҷавон бо мушкилоти ҷиддии сиёсӣ, амниятӣ ва мудофиавӣ рӯ ба рӯ гардид. Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997, ҳамзамон бо афзоиши таҳдидҳои беруна, аз ҷумла терроризм, экстремизм ва дигар хатарҳои фаромиллӣ, барои амнияти миллӣ ва соҳибихтиёрии давлатӣ таҳдидҳои ҷиддӣ ба вуҷуд овард. Ин вазъ зарурати таҳкими иқтидори мудофиавӣ ва рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникиро ба миён гузошт. Ҷанги шаҳрвандӣ зарурати навсозии Қувваҳои Мусаллаҳ бо силоҳ ва техникаи ҳарбӣ, инчунин омодасозии кадрҳои баландихтисоси низомиро ба миён овард. Дар шароити беҳрони сиёсӣ дар оғоз ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ бо узви СААД Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кумарҳои ҳарбӣ-техникӣ ин созмони низоми бархурдор гардида, шарикиҳо на танҳо дар тақвияти қобилияти мудофиавии кишвар, балки дар нигоҳ доштани суботи сиёсӣ, таъмини амнияти миллӣ ва таъмини соҳибихтиёрии давлати навбунёди Тоҷикистон низ нақши муҳим бозидаанд.

**Натиҷаҳо.** Таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар шароити мураккаби геополитикии Осиёи Марказӣ аҳамияти ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи СААД ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Хатарҳои беруна ва дохилӣ марбут ба терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои фаромиллӣ ва ноустуворӣ дар баъзе минтақаҳои марзӣ зарурати тақвияти қобилияти мудофиавии давлатҳоро афзоиш медиҳанд. Дар ин замина, Федератсияи Русия ҳамчун шарики асосии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақвияти қобилияти мудофиавӣ ва навсозии инфрасохтори низомӣ нақши муҳим мебозад.

Ғайр аз ин, бо дастгирии молӣ ва техникии Федератсияи Россия, аввалин воҳидҳои мудофиаи ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2000 ба ҳолати омодагии ҷангӣ ворид карда шуданд. Дар ин замина, Федератсияи Россия ба нерӯҳои мудофиаи ҳавоии Тоҷикистон маҷмӯи мушакии зиддиҳавоии «Печора-2М»-ро таъмин намуд[5].

Қобили зикр аст, ки Федератсияи Россия дар робиаҳои ҳарбӣ-техникӣ яке аз шариконии асосии кишвари мо буда, дар доираи СААД фаъолияти дивизияи 201-уми Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия дар шаҳрҳои Душанбе ва Бохтар ҷойгир аст. Пойгоҳи мазкур таъминкунандаи амнияти соҳибихтиёрии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси санадҳое меъёрию ҳуқуқии СААД Россия ба Тоҷикистон дар шакли техникаи ҳарбӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ кумак мерасонад. «Ҳамзамон, муассисаҳои таълимии низомии Федератсияи Россия барои ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва такмили ихтисосро таъмин менамоянд»[21]. Яке аз вазифаҳои муҳими СААД таҳкими ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии мунтазам байни давлатҳои узв мебошад. «Гузаронидани машқҳои муштараки ҳарбӣ, аз ҷумла машқҳои ҳамасолаи «Ҳамкорӣ» ба баланд бардоштани қобилияти ҷангӣ, такмили ҳамоҳангии амалҳо ва омодагии неруҳои мусаллаҳ дар ҳолати ба вуҷуд омадани таҳдидҳои амниятӣ мусоидат мекунад»[19]. Ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи

СААД дар як қатор самтҳои муҳим амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, таъмини Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо техника ва таҷҳизоти ҳарбӣ, омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои ҳарбӣ, гузаронидани машқҳои муштараки ҳарбӣ ва мубодилаи таҷриба аз самтҳои асосии ин ҳамкорӣ ба шумор мераванд.

Дар солҳои охир Тоҷикистон бо кумаки Федератсияи Россия имконият пайдо намуд, ки иқтидори мудофиавии худро таҳким бахшад. Афсарони тоҷик дар муассисаҳои низомии Русия ва иштироки онҳо дар машқҳои муштарак дар доираи СААД омӯзиш гирифта, ба баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва омодагии ҷангии кормандони низомӣ мусоидат кардааст.

Омодасозии кадрҳои миллии ҳарбӣ ва ҳайати техникии давлатҳои хориҷӣ яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои байналмилалии ҳарбӣ ба ҳисоб меравад. Дар Федератсияи Россия ин раванд тавассути шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– «таълими хизматчиёни ҳарбии давлатҳои хориҷӣ аз рӯйи барномаҳои таҳсилоти касбии ҳарбӣ дар муҳлатҳои муқаррargardида дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ, марказҳои таълимӣ ва қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия»[13];

– «омода намудани кадрҳои илмӣ-педагогии ҳарбӣ ва кормандони илмӣ барои давлатҳои хориҷӣ тавассути таҳсил дар докторантура ва адъюнктураи муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ ва ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотии Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия»[13];

–фиристодани мутахассисони Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия ба давлатҳои хориҷӣ ҷиҳати гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ, расонидани кумаки машваратӣ ва методӣ, инчунин табодули таҷрибаи касбӣ;

–«баргузории машқҳои муштараки ҳарбӣ, омӯзишҳои саҳроӣ ва тирпаррониҳои ҷузъу томҳои қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои хориҷӣ дар полигонҳо ва марказҳои таълимии Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия» [13].

Татбиқи ин шаклҳои ҳамкорӣ ба баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии хизматчиёни ҳарбӣ, рушди иқтидори илмӣ-педагогии соҳаи ҳарбӣ, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии ҳарбӣ ва такмили малакаҳои амалии ҳайати шахсӣ мусоидат менамояд. Тайёр намудани хизматчиёни низомиёни кишвари мо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти ҳарбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ҳарбии Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия ба таври низомманд ба роҳ монда шудааст

Таълим аз муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ оғоз гардида, то сатҳи олии омодасозии кадрҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла «Академияи Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия, идома меёбад»[3]. Тартиби интихоб, фиристодан, таҳсил ва бозгашти хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти ҳарбии Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия бо «Низомнома оид ба тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия»[9] ба танзим дароварда мешавад. Ин санад асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии омодасозии кадрҳои ҳарбиро муайян намуда, ба рушди иқтидори касбӣ, такмили донишҳои назариявӣ ва баланд бардоштани маҳорати амалии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Бо мақсади такмили низоми омодасозии кадрҳои ҳарбӣ ва ҳайати техникии давлатҳои хориҷӣ, дар Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия «Дастурамал оид ба ташкили омодасозии кадрҳои миллии ҳарбӣ ва ҳайати техникии давлатҳои хориҷӣ дар қисмҳои ҳарбӣ ва ташкилотҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия қабул гардидааст»[9]. Дастурамал санади меъёрии дохилиидоравӣ буда, муносибатҳои вобаста ба таълим, тарбия, омодасозии касбӣ, ҷойгиркунӣ ва будубоши хизматчиёни ҳарбии хориҷиро дар муассисаҳои таҳсилоти ҳарбии Федератсияи Россия ба таври мукаммал танзим намуда, барои ташкили фаъолияти онҳо заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилиро фароҳам меорад.

Дар доираи ҳамкориҳои ҳарбӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия омодасозии кадрҳои илмӣ барои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ ва ташкилотҳои илмии Вазорати мудофиаи Федератсияи

Россия амалӣ карда мешавад. Бо ин мақсад хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар докторантура бо мӯҳлати се сол, адъюнктураи рӯзона бо мӯҳлати се сол, адъюнктураи ғоибона бо мӯҳлати чор сол таҳсил намоянд ё ҳамчун довталаби дараҷаи илмӣ дар мӯҳлати то панҷ сол фаъолияти илмӣ анҷом диҳанд[1,210]. Яке аз шартҳои асосии иштирок дар барномаҳои мазкур донистани забони русӣ мебошад, зеро раванди таълим, таҳқиқоти илмӣ, омодасозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҳимояи рисолаҳо пурра ба ин забон сурат мегирад. Аз ин рӯ, сатҳи кофии дониши забони русӣ омили муҳими азхудкунии барномаҳои таълимӣ ва фаъолияти муваффақонаи илмии хизматчиёни ҳарбӣ ба ҳисоб меравад.

**Муҳокима.** Таҳлили маводи баррасишуда нишон медиҳад, ки омодасозии кадрҳои ҳарбӣ ва ҳайати техникӣ яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба ҳисоб меравад. Такмили ихтисоси хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти ҳарбии Федератсияи Россия воситаи муҳими рушди захираҳои инсонӣ ва таҳкими иқтидори мудофиавии давлат мебошад. Самаранокии ин раванд на танҳо аз сатҳи омодагии гирифташуда, балки аз татбиқи амалии донишҳо, мутобиқсозии онҳо ба шароити миллӣ ва интиқоли таҷриба ба ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст.

Дар баробари ин, омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии Федератсияи Россия ба рушди иқтидори илмии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, барои таъмини сохторҳои ҳарбӣ бо мутахассисони баландихтисос ва таҳкими заминаҳои илмӣ-назариявии рушди низоми мудофиа шароити мусоид фароҳам меорад. Ин раванд ба татбиқи дастовардҳои нави илмӣ дар соҳаи ҳарбӣ, такмили низоми таълим ва баланд бардоштани самаранокии омодасозии ҳайати фармондеҳӣ мусоидат мекунад.

Самти дигари муҳими ҳамкориҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия иштироки муштарак дар фаъолияти СААД мебошад. Дар доираи ин созмон мунтазам машқҳои муштараки ҳарбӣ баргузор гардида, онҳо ба баланд бардоштани сатҳи ҳамоҳангсозии амалиёти қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои аъзо, такмили омодагии ҷангӣ ва таҳияи механизмҳои вокуниши дастаҷамъӣ ба таҳдидҳои муосири амниятӣ равона шудаанд. Аз ҷумла, дар доираи фаъолияти қувваҳои дастаҷамъии СААД машқҳои фармондеҳӣ-ситодӣ ва махсуси «Кобалт» ва «Рубеж» ба таври мунтазам баргузор мегарданд[23]. Ин машқҳо ба масъалаҳои муқовимат ба таҳдидҳое ки дар боло зикр намудем такмили ҳамкории амалиётии воҳидҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои аъзои СААД бахшида шудаанд. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин машқҳо барои баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷангӣ, рушди ҳамкории ҳарбӣ ва таҳкими амнияти минтақавӣ аҳамияти муҳим дорад. Аз ҷумла, машқҳои махсуси «Кобалт-2021» аз 17 то 19 ноябри соли 2021 дар тамрингоҳи «Фахробод»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардиданд[24]. Машқҳо дар доираи Нақшаи омодагии муштараки мақомоти идоракунӣ ва қувваҳои низоми дастаҷамъии амнияти Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ташкил шуда, ба такмили ҳамоҳангсозии амалиёти воҳидҳои таъиноти махсуси давлатҳои аъзои созмон равона гардида буданд.

Мавзӯи асосии машқҳо «Банақшагирӣ ва гузаронидани амалиётҳои махсус оид ба безарар гардондани гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ» буда, дар ҷараёни онҳо иштирокчиён сенарияҳои муқовимат ба гурӯҳҳои террористӣ ва мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ки ба таври шартӣ аз сарҳади давлатӣ гузаштаанд, амалӣ намуданд. Ҳамчунин масъалаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои таъиноти махсус, мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти давлатӣ, мақомоти назорати маводи мухаддир ва дигар сохторҳои қудратии давлатҳои аъзои СААД дар шароити наздик ба воқеияти ҷангӣ мавриди санҷиш қарор гирифтанд.

Дар машқҳои «Кобалт-2021» воҳидҳои таъиноти махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Арманистон ва Ҷумҳурии Беларус иштирок намуда, инчунин ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадӣ ва ҳайати Пойгоҳи ҳарбии 201-уми Федератсияи

Россия ҷалб карда шуданд[8,142]. Ташкили чорабиниҳои муштарак дар доираи СААД бо манфиати иштирокчиён буда, машқҳо барои рушди тайёрии ҷангӣ, ҳамоҳангсозии амалиётӣ ва тақвияти иқтидори дастаҷамъии давлатҳои аъзои СААД дар самти муқовимат ба терроризм, экстремизм ва дигар таҳдидҳои фаромиллӣ аҳамияти муҳим дорад. Машқҳо дар минтақаи кӯҳии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардиданд. Тибқи сенарияи таҳияшуда, гурӯҳҳои террористӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ пойгоҳҳои шартӣ таъсис дода буданд, ки онҳо барои омодасозии ҷангиён ва банақшагирии амалҳои террористӣ истифода мешуданд. Ҳадафи асосии машқҳо амалӣ намудани маҷмӯи чорабиниҳои оперативӣ, аз ҷумла ошкорсозӣ, муҳосира ва безараргардонии ин пойгоҳҳо, инчунин такмили ҳамоҳангсозии амалиёти воҳидҳои таъиноти махсуси давлатҳои иштирокчӣ дар шароити кӯҳсор буд[16].

Руйдодҳое зикр гардида, ҷанбаҳои стратегӣ ва амалӣ доранд, барои кишварҳои узви СААД пеш аз ҳама таҳкими мавқеи ягонаи амалиёти воҳидҳои таъиноти узв, тарҷибаи мубодилаи низомӣ ва омадагии ҷангӣ мусоидат менамояд. Ду кишвар дар доираи чунин машқҳои муштарак дар татбиқи сиёсати низомӣ ва ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии ду давлат шаҳодат медиҳад. Илова бар ин, баргузории машқҳои муштарак дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими амнияти минтақавӣ, бахусус дар самти муқовимат ба терроризм, экстремизм ва дигар таҳдидҳои фаромиллӣ, аҳамияти назаррас дорад. Дар ин замина, машқҳои СААД ҳамчун воситаи муассири таҳкими иқтидори мудофиавии давлатҳои аъзо ва таъмини суботи минтақавӣ арзёбӣ мегарданд.

Таҳлили маълумоти расмии СААД нишон медиҳад, ки дар доираи фаъолияти созмон раванди такмили ҳамкориҳои амалӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии воҳидҳои низомии давлатҳои аъзо мунтазам идома дорад. Мувофиқи гузоришҳои расмӣ, баргузории машқҳои фармондеҳӣ-ситодӣ ва махсус, аз ҷумла «Бародарии шикастнопазир–2026» ва машқи махсуси «Монеа–2026», аз тамоюли таҳкими низоми ҳамоҳангшудаи вокуниш ба таҳдидҳои муосири амниятӣ шаҳодат медиҳад[2].

Аз муҳтавои ин маълумот бармеояд, ки СААД дар шароити муосири байналмилалӣ ба масъалаи таҳкими ҳамкориҳои амалӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии неруҳои дастаҷамъӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Баргузории машқҳои фармондеҳӣ-ситодӣ ва махсус нишон медиҳад, ки созмон ба ташкили механизми ягонаи вокуниш ба таҳдидҳои амниятӣ равона гардидааст.

Дар ин замина метавон таъкид намуд, ки чунин машқҳо на танҳо хусусияти омӯзишӣ, балки аҳамияти амиқи амалӣ ва стратегӣ доранд. Онҳо имконият медиҳанд, ки сатҳи ҳамоҳангии амалиётии воҳидҳои низомии давлатҳои аъзо дар шароити сенарияҳои мураккаби амниятӣ санҷида шуда, механизмҳои муштараки идоракунии амалиёт такмил дода шаванд.

Ҳамзамон, баргузории машқҳо дар самтҳои гуногун, аз ҷумла амалиётҳои сулҳовар ва ҳифзи радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ, аз тавсеаи доираи таҳдидҳои эҳтимолӣ ва зарурати мутобиқсозии низоми амниятии дастаҷамъӣ ба ин таҳдидҳо шаҳодат медиҳад. Ин ҳолат аҳамияти ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ ва мубодилаи таҷрибаи амалӣ дар доираи СААД-ро боз ҳам бештар мегардонад.

**Хулоса.** Ҳамин тариқ, чунин чорабиниҳо ба таҳкими иқтидори мудофиавии давлатҳои аъзо, баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷангӣ ва тақвияти суботи минтақавӣ мусоидат менамоянд. Маҳз дар ин замина, ҳузури Пойгоҳи низомии Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими суботи амалӣ ва амнияти минтақавӣ арзёбӣ мегардад. Тибқи маълумоти мавҷуда, ҷузъу томҳои ин пойгоҳ вазифаи ҳифзи самтҳои осебпазири сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро иҷро намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ ба воҳидҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии оташфишонӣ мерасонанд [6,159].

Таҳлили ин маълумот нишон медиҳад, ки ҳузури стратегии пойгоҳи низомии Федератсияи Россия на танҳо хусусияти мудофиавии дуҷониба дорад, балки ҳамчун унсури муҳимми низоми амнияти дастаҷамъӣ дар фазои Осиёи Марказӣ низ хизмат мекунад. Аз як тараф, он иқтидори тактикии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақвият медиҳад,

аз ҷониби дигар, ба таҳкими ҳамоҳангсозии амалиётӣ дар шароити таҳдидҳои фаромиллӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ дар доираи СААД модернизатсия ва ҷиҳозонидани техникии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар доираи барномаҳои ҳамкорӣ Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон техникаи ҳарбӣ, воситаҳои алоқа ва таҷҳизоти мудофиавиро тибқи шартҳои имтиёзнок ё дар шакли кӯмаки низомӣ пешниҳод менамояд. Ин раванд ба таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар дар шароити таҳдидҳои муосир мусоидат мекунад.

Таҳлили маводи илмӣ ва манбаъҳои расмӣ нишон медиҳад, ки ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии ду кишвар дар доираи СААД яке аз самтҳои муҳими таъмини амнияти минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ду кишвар, аз ҷумла дар соҳаи низомӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Дар шаклҳои гуногуни робитаҳои низомӣ ду кишвар кӯшиш намуданд, ки омодасозии кадрҳои ҳарбӣ ва илмӣ, такмили ихтисоси хизматчиёни ҳарбӣ, баргузор намудани машқҳои муштараки ҷангӣ ва таъмини техникӣ амалӣ мегардад. Яке аз самтҳои асосии ин раванд омодасозии мутахассисони ҳарбии кишвар дар муассисаҳои таҳсилоти ҳарбии Федератсияи Россия мебошад, ки он ба баланд бардоштани сатҳи касбияти ҳайати шахсӣ, азхуд намудани донишҳои муосири низомӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами ҳарбӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ имконият медиҳад, ки заминаи илмии рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ёбад. Нақши муҳими дигарро машқҳои муштараки СААД, аз ҷумла «Кобалт» ва «Рубеж», ишғол мекунанд, ки онҳо барои такмили ҳамоҳангии амалиёти воҳидҳои низомии давлатҳои аъзо, баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷангӣ ва санҷиши механизмҳои вокуниш ба таҳдидҳои муосири амниятӣ равона шудаанд. Ин гуна машқҳо на танҳо хусусияти омӯзишӣ, балки аҳамияти амиқи амалӣ ва стратегӣ доранд.

Илова бар ин, ҳузури Пойгоҳи низомии Русия дар қаламрави кишвари мо яке аз омилҳои муҳими нигоҳдории суботи амниятӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад. Ин андеша ба он асос меёбад, ки пойгоҳи мазкур дар доираи ҳамкориҳои ҳарбӣ-стратегии Тоҷикистону Россия амал намуда, дар таҳкими иқтидори мудофиавии Тоҷикистон, мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ, аз ҷумла терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва ҳифзи амнияти сарҳадҳои ҷанубии минтақа саҳм мегузорад. Бо назардошти ҳаммарз будани Тоҷикистон бо Афғонистон ва мавҷудияти хатарҳои амниятии минтақавӣ, фаъолияти пойгоҳи низомӣ ҳамчун омили боздоранда ва таъминкунандаи устувории сиёсиву ҳарбӣ арзёбӣ мешавад. Ҳамзамон, чунин ҳузур натиҷаи созишномаҳои байнидавлатӣ буда, дар доираи манфиатҳои стратегии ду кишвар амалӣ мегардад.

Он дар таъмини ҳифзи сарҳад, дастгирии амалиёти муштарак ва таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар нақши назаррас дорад. Ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии ду кишвар дар доираи СААД ба таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар, баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷангӣ ва таъмини суботи минтақавӣ мусоидат намуда, ҳамчун яке аз омилҳои калидии амнияти дастаҷамъӣ дар фазои Осиёи Марказӣ баррасӣ мегарданд.

**Адабиёт:**

1. Амонулоев Ш. П. Содержание и структура военного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией на двусторонней основе // Военное право. — 2020. — № 2 (60). — С. 210-211.

2. В Беларуси обсуждены детали учений «Нерушимое братство-2026» и «Барьер-2026» // Официальный сайт ОДКБ. (Манбаи электронӣ) URL: https://odkb-csto.org/news/news_odkb/v-belarusi-obsuzhdeny-detali-ucheniy-nerushimoe-bratstvo-2026-i-barer-2026/ [санаи дархост:05.06.2026]

3. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон//(Манбаи электронӣ) URL: https://mort.tj/[санаи дархост:25.05.2026]

4. Договор о союзническом взаимодействии между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан, ориентированном в XXI век. URL: https://www.mid.ru/ru/foreign_policy/international_contracts/international_contracts/2_contract/46938/ [санаи дархост:15.04.2026]

5. Забиров, Д. В. Практика международного сотрудничества в военно-технической сфере: опыт взаимодействия России и Таджикистана / Д. В. Забиров // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Государственное и муниципальное управление. – 2017. – Т. 4, № 4. – С. 343-354. – DOI 10.22363/2312-8313-2017-4-4-343-354. – EDN NTTCZV.

6. Земцов А.Н. 201-я российская военная база в Таджикистане. В кн: Русские в Таджикистане. Худжанд, 2008.

7. Иванов А.А. Военное сотрудничество России и стран СНГ. – Москва: Воениздат, 2020. – 312 с.

8. Каримова М. И., Рахимов К. Х., Хеззекова К. Т. Сотрудничество Российской Федерации и Республики Таджикистан по противодействию терроризму в рамках ОДКБ (1991–2024 гг.) // Постсоветские исследования. — 2025. — Т. 8. — № 2. — С. 142.

9. Қонун «ДАР БОРАИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»//(Манбаи электронӣ) URL: https://mort.tj/%D0%B4%D0%B0%D1%80-%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B0%D0%B8-/[санаи дархост:15.05.2026]

10. Мирзоев, Д. А. Вопросы изучения военно-политического, экономического и культурного сотрудничества Республики Таджикистан и Российской Федерации в отечественной и зарубежной историографии / Д. А. Мирзоев, Ф. Розиков // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – № 5-2. – С. 39-45. – EDN UJJCLS.

11. Нурзода, М. Роль Российской Федерации в урегулировании межтаджикского конфликта и последующее развитие Российско-таджикского военно-политического сотрудничества / М. Нурзода, С. С. Розиков // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 1. – С. 55-61. – EDN UPOVWC.

12. Петров В.Н. Коллективная безопасность на постсоветском пространстве. – Санкт-Петербург: Питер, 2019. – 280 с.

13. Постановление Правительства РФ от 29.10.2015 N 1164 "Об оказании Министерством обороны Российской Федерации услуг по подготовке и обучению военных и военно-технических кадров иностранных государств" (вместе с "Положением о порядке оказания Министерством обороны Российской Федерации услуг по подготовке и обучению военных и военно-технических кадров иностранных государств")

14. Раҳимов А. Ҳамкориҳои ҳарбии Тоҷикистон дар доираи СААД. – Душанбе: Дониш, 2022. – 180 с.

15. Розиков, Ф. Российско-таджикское антитеррористическое взаимодействие в рамках ОДКБ / Ф. Розиков // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 3-6. – С. 88-90. – EDN YLYHUW.

16. Розиков, Ф. Сотрудничество Республики Таджикистан и Российской Федерации в направлении предотвращения современных угроз в рамках ОДКБ / Ф. Розиков // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 3-5. – С. 56-58. – EDN ZXFRJF.

17. Розиқов, Ф. М. Созмони Аҳдномаи амнияти Дастаҷамъӣ ҳамчун заминаи ҳамкориҳои амниятӣ / Ф. М. Розиқов, М. К. Саидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №. 7. – Р. 65-70. – EDN DOERJD.

18. Салимов, Ф. Н. Основы военной дипломатии : учебник / Ф. Н. Салимов, Х. Д. Самиев. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2025. – 312 с. – ISBN 978-99985—3171-0. – EDN SSFTER.

19. Самиев Х. Д., Салимов Ф. Н. Основы военной дипломатии: Учебник / Х. Д. Самиев, Ф. Н. Салимов. — Душанбе: Таджикский национальный университет, 2025. — 149 с.

20. Сидоров К.М. ОДКБ: структура и механизмы функционирования. – Москва: Наука, 2021. – 245 с.

21. Соглашение между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан о статусе 201-й военной базы РФ от 5 октября 2012 г. – М., 2012.

22. Сохиби, Б. Процесс мирной дипломатии Республики Таджикистан в урегулировании политических конфликтов / Б. Сохиби // Азия и Европа. – 2026. – № 1(25). – С. 90-95. – EDN EHWVRX.

23. Post-Soviet security bloc kicks off active phase of Rubezh 2024 drills in Tajikistan//(Манбаи электронӣ) URL: https://tass.com/defense/1857283?utm_source=chatgpt.com [санаи дархост:17.04.2026]

24. The active phase of training “Cobalt-2021” of the CSTO CRRF special forces took place in the Republic of Tajikistan//(Манбаи электронӣ) URL: https://en.odkb-csto.org/news/news_odkb/v-tadzhikistane-proshla-aktivnaya-faza-ucheniya-sil-spetsnaznacheniya-ksor-odkb-kobalt-2021/?utm_source=chatgpt.com#loaded [санаи дархост:01.04.2026]

## ВОЕННО-ТЕХНИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В РАМКАХ ОДКБ

Статья посвящена изучению военно-технического сотрудничества Республики Таджикистан и Российской Федерации в рамках Организации Договора о коллективной безопасности. Авторы отмечают, что сотрудничество двух стран и членство в ОДКБ сыграли значительную роль в

укреплении оборонного потенциала Республики Таджикистан и обеспечении региональной безопасности.

После обретения Республикой Таджикистан независимости военно-техническое сотрудничество с Российской Федерацией стало одним из главных направлений развития Вооруженных Сил страны. В рамках этого сотрудничества Республика Таджикистан снабжается современной военной техникой и технологиями, а в учебных заведениях Российской Федерации организуется подготовка и переподготовка военнослужащих. В то же время деятельность 201-й военной базы Российской Федерации, проведение совместных военных учений в рамках Организации Договора о коллективной безопасности, включая учения «Кобальт», «Рубеж» и «Сотрудничество», способствуют повышению уровня боеготовности, улучшению оперативной координации и обмену профессиональным опытом между государствами-членами.

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Российская Федерация, Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ), военно-техническое сотрудничество, национальная безопасность, Вооруженные силы, подготовка военнослужащих, региональная безопасность.*

## MILITARY-TECHNICAL COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE RUSSIAN FEDERATION WITHIN THE CSTO

This article examines military-technical cooperation between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation within the Collective Security Treaty Organization. The authors note that cooperation between the two countries and membership in the CSTO have played a significant role in strengthening the Republic of Tajikistan's defense potential and ensuring regional security.

Since Tajikistan's independence, military-technical cooperation with the Russian Federation has become one of the key areas of development for the country's Armed Forces. As part of this cooperation, the Republic of Tajikistan is supplied with modern military equipment and technology, and military training and retraining are organized at educational institutions in the Russian Federation. At the same time, the activities of the 201st Military Base of the Russian Federation and joint military exercises within the Collective Security Treaty Organization, including the Cobalt, Rubezh, and Cooperation exercises, contribute to increased combat readiness, improved operational coordination, and the exchange of professional experience between member states.

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, Russian Federation, Collective Security Treaty Organization (CSTO), military-technical cooperation, national security, Armed Forces, military training, regional security.*

**Маълумот бар бораи муаллифон: Розиқов Фарҳод Маҳмадсаидович,** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи минтақашиноси хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, ш. Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ 17. Тел.: (+ 992) 918685636. E-mail: roziqov.farhod1@gmail.com, ORCID:0009-0003-8330-1406

**Бобошои Абдусаттор,** ассситенти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ, факултети муносибатҳои байналмиллалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, ш. Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ 17. Тел: 003-444-612 E-mail: boboshoia@mail.ru, ORCID:0009-0005-0628-3640

**Сведения об авторах: Розиков Фарход Махмадсаидович,** кандидат исторических наук, доцент, кафедра зарубежных регионоведческих исследований Таджикского национального университета. Адрес: Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 734025. Тел.: (+ 992) 918685636. Эл.почта: roziqov.farhod1@gmail.com, ORCID:0009-0003-8330-1406

**Бобошои Абдусаттор,** ассистент кафедры международных отношений факультета международных отношений Таджикского национального университета. Адрес: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Тел: 003-444-612 E-mail: boboshoia@mail.ru, ORCID:0009-0005-0628-3640

**About the authors:**

**Farkhod Makhmadsaidovich Roziqov,** candidate of historical sciences, Associate Professor, Department of Foreign Regional Studies at Tajik National University. Address: Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 734025. Tel.: (+ 992) 918685636. Email: roziqov.farhod1@gmail.com, ORCID:0009-0003-8330-1406

**Boboshoi Abdusattor**, Assistant of the Department of International Relations, Faculty of International Relations, Tajik National University. Address: 17 Rudaki Avenue, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan Tel:003-444-612 E-mail: boboshoia@mail.ru, ORCID:0009-0005-0628-3640

УДК-001:32(091)(575.3)

# ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ШАРИК ДАР ИДМ ДАР СОҲАИ ИЛМ ВА ИТТИЛООТ

**Мирзозода Умедахони Амиршо**
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Самиев Холаҳмад Давлатович**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар мақола масъалаҳои асосии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соҳаҳои илм ва иттилоот мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф раванди ташаккул ва рушди ҳамкориҳои илмиву иттилоотиро дар шароити нави геополитикии пасошӯравӣ таҳлил намуда, ба аҳаммияти ҳифз ва густариши робитаҳои анъанавии илмӣ байни кишварҳои тозаистиқлол таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст.

Дар мақола заминаҳои меъёриву ҳуқуқии ҳамкориҳо, ташаккули механизмҳои ҳамоҳангсозӣ ва нақши ниҳодҳои байнидавлатӣ дар рушди ҳамкориҳои илмӣ ва иттилоотӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар доираи ИДМ низоми мукаммали ҳамкориҳои илмӣ ба вуҷуд омадааст, ки самтҳои асосии ин робитаҳо ташкили форумҳо ва конфренсияҳои илмӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштараки таҳқиқотӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ, мубодилаи мутахассисон, рушди инфрасохтори илмӣ ва мубодилаи таҷҳизоту технологияҳои муосири илмиро фаро мегиранд.

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ИДМ, ҳамкориҳои илмӣ, ҳамкориҳои иттилоотӣ, сиёсати илмӣ, таҳқиқоти муштарак, табодули илмӣ, технологияҳои инноватсионӣ, Ширкати байнидавлатии «Мир».*

**Муқаддима.** Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати илму технология, ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илм ва иттилоот ба яке аз омилҳои калидии пешрафти иҷтимоию иқтисодии давлатҳо табдил ёфтаанд. Имрӯз густариши робитаҳои илмӣ, мубодилаи дониш ва таҷриба, татбиқи лоиҳаҳои муштараки таҳқиқотӣ ва истифодаи самараноки захираҳои зеҳнӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии низомҳои миллии илмӣ аҳаммияти махсус касб менамоянд.

Дар ин замина, ҳамкориҳои илмӣ ва иттилоот дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун механизми муҳими рушди фазои ягонаи илмӣ ва инноватсионӣ арзёбӣ мегарданд. Кишварҳои узви ИДМ дорои заминаи муштараки таърихӣ, фарҳангӣ ва илмӣ буда, ҳамкориҳои онҳо барои рушди таҳқиқоти илмӣ, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот имкониятҳои мусоид фароҳам меоранд.

Аҳаммияти таҳқиқи масъалаи ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ дар он ифода меёбад, ки рушди иқтисодиёти донишбунёд ва ҷомеаи иттилоотӣ аз сатҳи ҳамгироии илмӣ ва истифодаи самараноки иқтидори илмии кишварҳо вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши самтҳо, шаклҳо ва механизмҳои рушди ҳамкориҳои илмӣ дар доираи ИДМ барои муайян намудани роҳҳои такмили сиёсати илмӣ ва инноватсионии кишварҳои узв аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ин ҳамкорӣ барои рушди робитаҳои байнидавлатӣ ва пешрафти соҳаҳои муҳими фаъолияти инсон аҳаммияти калон дорад. «Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли дигар давлатҳои навистиқлол, барои муайян ва татбиқ намудани роҳҳои мустақилонаи рушди илм ва фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ талошҳои ҷиддӣ ба харҷ дод».[3] Аммо бо мурури вақт маълум гардид, ки дар шароити буҳрони амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ ва зуҳури мушкилоти даврони гузариш рушди яктарафаи илми ватанӣ бе барқарор кардани робитаҳои пештара бо кишварҳои ҳамсоя ва собиқ Шуравӣ ғайриимкон аст.

**Методҳо ва усулҳои таҳқиқ.** Асоси методологии таҳқиқотро принсипҳои объективият, таҳлили илмӣ ва муносибати системавӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқ усулҳои таҳлили муқоисавӣ, таърихӣ-мантиқӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҷамъбаст ва низоммандсозии маълумоти илмӣ истифода гардиданд. Ҳамчунин санадҳо ва барномаҳои

қабулшуда дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), ки ба рушди ҳамкориҳои илмӣ ва иттилоотӣ марбут мебошанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар тӯли зиёда аз сӣ соли фаъолияти ИДМ ба рушд ва таҳкими ҳамкориҳои муштарак дар соҳаи илм таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Дар ин давра ҳамкориҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви ИДМ ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба ташаккул ёфта, пайваста густариш пайдо намудаанд. Барои арзёбии ин раванд санадҳои барномавӣ, созишномаҳои байнидавлатӣ ва натиҷаҳои фаъолияти сохторҳои ҳамоҳангсози илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Дар ҷараёни таҳқиқ ба омӯзиши Консепсияи сиёсати ягонаи иттилоотии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Ин ҳуҷҷат ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати иттилоотии кишварҳои аъзо, равишҳои умумии ташкилӣ ва идоракунӣ дар самти рушди хизматрасониҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, инчунин механизмҳои татбиқи барномаҳои ҳамоҳангшударо дар сатҳҳои ҳукуматӣ ва техникӣ муайян менамояд. Таҳлили ин санад имкон дод, ки нақши фазои ягонаи иттилоотӣ дар рушди ҳамкориҳои илмӣ ва мубодилаи дониш байни давлатҳои аъзои ИДМ арзёбӣ карда шавад. Дар тӯли беш аз сӣ соли мавҷудияти ИДМ ба рушду таҳкими ҳамкориҳои муштарак дар соҳаи илм аҳаммияти махсус дода шудааст. Дар ин давра ҳамкориҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви ИДМ ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба ба роҳ монда шуда, тадриҷан густариш ёфтаанд.

Пеш аз ҳама, бояд таъкид намуд, ки асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳои илмӣ миёни давлатҳои узви ИДМ тавассути як қатор санадҳои муҳими байналмилалӣ танзим мегарданд. Дар қатори муҳимтарин санадҳои қабулшуда дар ин самт Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳқиқоти бунёдии давлатҳои иштирокдори ИДМ (2019), Барномаи байнидавлатии ҳамкорӣ дар соҳаи инноватсия барои давраи то соли 2030 (2020) ва Консепсияи ҳамкории илмӣ, техникӣ ва технологӣ миёни давлатҳои иштирокдори ИДМ (2022) қарор доранд. Аз ҷумлаи натиҷаҳои назарраси ҳамкории илмӣ метавон нигоҳдорӣ ва таҳкими муҳити устувори илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин рушди ҳамкориҳои муассир миёни муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ, марказҳои таҳқиқотӣ, ташкилотҳои илмӣ ва муҳаққиқони давлатҳои иштирокдори ИДМ ва дигар сохторҳои манфиатдорро ном бурд.

Тайи замони истиқлолияти давлатӣ дар робитаҳои илмии кишварҳои узв тағйироти бузург ба амал омад ва Иттиҳод роҳи муҳиммеро аз баргузории чорабиниҳо ва лоиҳаҳои алоҳида то ба роҳ мондани ҳамкориҳои маҷмуии барномавӣ дар ҳамаи самтҳои илм тай кард. Дар шароити муосир ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои шарики худ дар соҳаи илм, мисли дигар самтҳои фаъолияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ба принсипҳои ҳамкории дарозмуддат, манфиати мутақобила ва баробарҳуқуқӣ асос ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми ташаккули Фазои ягонаи илмӣ ва инноватсионии ИДМ як қатор принсипҳои бунёдӣ ҳамчун заминаи асосии ҳамкорӣ муайян гардиданд, аз ҷумла:

– «ҳифз ва рушди робитаҳои таърихӣ ва фарҳангии байни халқҳои давлатҳои иштирокдори ИДМ;

– муттаҳид намудани талошҳо ҷиҳати таъмини манфиатҳои миллӣ тавассути татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои муштараки илмӣ;

– ташаккули низоми фарогир ва самараноки шарикии мутақобилан судманд байни ташкилоту муассисаҳои илмии давлатҳои иштирокдори ИДМ;

– ҳамоҳангсозии шартҳо, шаклҳо ва самтҳои ҳамкории муштарак, инчунин такмили механизмҳои қабули қарорҳо дар раванди татбиқи тадқиқоти муштараки илмӣ;

– риояи принсипҳои баробарҳуқуқӣ, манфиати мутақобила ва масъулияти муштарак ҳангоми татбиқи ташаббусҳои илмӣ ва инноватсионӣ».[3]

Усулҳои зикршуда ҳамчун асоси муҳими таҳким ва рушди инноватсионӣ ва муҳити илмӣ дар доираи ИДМ хизмат намуда, барои тавсеаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи илм ва таҳкими иқтидори илмӣ-техникии давлатҳои узв шароити мусоид фароҳам меоранд.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз дар чаҳорчубаи ИДМ бо мақсади пеш-бурди ҳамкорӣ дар соҳаи илм чунин ниҳодҳо аз қабили «Шурои байни-давлатии ҳамкориҳо дар соҳаҳои илмиву

техникӣ ва инноватсионӣ»[11], «Шурои ҳамкориҳо дар соҳаи илмҳои бунёдии кишварҳои иштирокчии ИДМ»[12], Шурои байнидавлатии ҳамоҳангсозии иттилооти илмиву техникӣ фаъолона амал мекунанд. Зимнан ҳар кадоме аз ин шуроҳои соҳавӣ вазифаҳои мушаххасро дар ҳамкориҳои илмии давлатҳои ИДМ иҷро мекунанд. Аз ҷумла, Шӯрои байнидавлатии ҳамкорӣ дар соҳаҳои илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ ҳамчун мақоми ҳамоҳангсоз мувazzaф гардида буд, ки корҳои вобаста ба татбиқи «Барномаи байнидавлатии ҳамкориҳои инноватсионии давлатҳои иштирокдори ИДМ барои давраи то соли 2020»[6]-ро ҳамоҳанг намояд.

Қайд намудан зарур аст, ки барномаи байнидавлатӣ дар ташаккули татбиқи самаранокии инноватсионии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил заминаи мусоидро фароҳам овардааст. Мақсади асосии барнома таъмини шароити мусоид барои амалисозии афзалиятҳои рушди иқтисодии инноватсионӣ тавассути тавсеаи ҳамкориҳои муассир миёни низомҳои миллии инноватсионии давлатҳои иштирокдори ИДМ дар доираи фазои ҳамгироии инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, татбиқи барнома ба таҳкими мақоми ИДМ дар арсаи байналмилалӣ ва боло бурдани обрӯи он ҳамчун маркази пешбари рушди технологӣ ва инноватсионӣ мусоидат хоҳад кард. Бо мақсади татбиқи барномаи ҳамкориҳои навоваронаи кишварҳои узви ИДМ маҷлиси Шурои сарони ҳукуматҳои ИДМ аз 31 майи соли 2013 барнома тасдиқ ва феҳристи лоиҳаҳои санҷишии инноставионӣ муҳайё карда шуда буд. Феҳристи мазкур дар маҷлиси Шурои сарони ҳукуматҳои ИДМ аз 30 октябри соли 2015 аз нав мушаххас карда шуд ва 10 лоиҳаи инноватсиониро дар бар мегирифт.

Дар соли 2011 Шӯрои ҳамкории давлатҳои иштирокдори ИДМ дар соҳаи илмҳои бунёдӣ таъсис ёфт. Шӯро бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушд, ҳамоҳангсозӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи илмҳои бунёдӣ таъсис дода шуда, фаъолияти он ба таҳкими ҳамкориҳои илмӣ ва рушди таҳқиқоти бунёдӣ дар фазои ИДМ равона гардидааст. Аз ин рӯ, таъсиси шӯро ҳамчун қадами муҳим дар самти густариши ҳамкориҳои илмии давлатҳои иштирокдор арзёбӣ мегардад. Фаъолияти Шӯро асосан ба такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳо дар соҳаи таҳқиқоти бунёдии давлатҳои иштирокдори ИДМ, таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо вобаста ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ, омода ва амалӣ намудани лоиҳаҳои муштараки илмии дурнамо, инчунин таъсиси Хазинаи байнидавлатии таҳқиқоти бунёдӣ равона шудааст.

Тайи солҳои фаъолияти Шурои мазкур лоиҳаи Созишнома оиди ҳамоҳангсозии муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи таҳқиқотҳои бунёдии давлатҳои иштирокчии ИДМ ва лоиҳаи Аҳднома оиди таъсиси Бунёди байнидавлатии таҳқиқотҳои илмии давлатҳои иштирокчии ИДМ омода карда шуда, барои тасдиқ пешниҳод шуда буданд. Ғайр аз ин, густариши фазои муштараки илмӣ ва зарурати ҳамоҳангсозии талошҳои давлатҳои иштирокдори ИДМ дар самти ҳалли масъалаҳои муҳими илмҳои бунёдӣ ва амалӣ, масъалаи мушаххас намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои байнидавлатиро дар соҳаи таҳқиқоти бунёдӣ ба миён гузошт. Ин раванд барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти илмӣ ва таҳкими ҳамгироии илмии давлатҳои Иттиҳод аҳаммияти муҳим дорад.

Аз ин рӯ, дар ҷаласаи Шӯро пешниҳодҳо оид ба марказҳои афзалиятноки таҳқиқоти бунёдӣ ва марказҳои илмии байналмилалии кишварҳои узви ИДМ (2014), инчунин Рӯйхати лоиҳаҳои дурнамои илмӣ, ки ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти бунёдии кишварҳои узви ИДМ мутобиқат мекунанд, қабул гардиданд.

Тавре ки қаблан зикр шуд, бо мақсади тақвият ва густариши ҳамкориҳои илмӣ ва инноватсионии кишварҳои узви ИДМ, Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ оид ба иттилооти илмӣ ва техникӣ (ICSTI) аз соли 2004 инҷониб фаъолият менамояд. «Ваколатҳои асосии он вазифаҳои зеринро дар бар мегиранд:

–ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба ташаккул ва рушди низоми мубодилаи иттилооти илмӣ ва техникӣ байни кишварҳо;

– муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳамкорӣ дар соҳаи мубодилаи иттилооти илмӣ ва техникӣ;

– таҳия ва тасдиқи нақшаҳои рушди захираҳои иттилоотии муштаракан истифодашаванда;

– таҳия ва такмили механизмҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии дастрасӣ ба захираҳои иттилоотии кишварҳои узви ИДМ, инчунин омодасозии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва техникӣ ҷиҳати таъмини мутобиқати низомҳои иттилоотӣ дар раванди мубодилаи иттилооти илмӣ ва техникӣ;

– иҷрои дигар вазифаҳое, ки ба рушди ҳамкориҳои иттилоотӣ, илмӣ ва техникӣ миёни давлатҳои иштирокдори ИДМ равона шудаанд»[17].

Яке аз самтҳои рушди ҳамкориҳо дар самти омодасозӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои илмии соҳаи илмҳои бунёдӣ таъсиси муассисаҳои базавӣ (такягоҳӣ) ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, Шӯрои ҳамкории давлатҳои иштирокдори ИДМ дар соҳаи илмҳои бунёдӣ таъсиси муассисаҳои базавии давлатҳои иштирокдорро дар ду самти афзалиятнок пешниҳод намуд. Аз ҷумла, дар ҷаласаи Шӯро аз 12 октябри соли 2018 пешниҳоди Федератсияи Россия оид ба додани мақоми муассисаи базавии давлатҳои иштирокдори ИДМ ба Институти физикаи Академияи илмҳои Россия дар самти омодасозии кадрҳои илмӣ аз рӯйи ихтисосҳои физикӣ дастгирӣ гардид. Ҳамчунин, пешниҳоди Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умаров додани мақоми муассисаи базавии давлатҳои иштирокдори ИДМ дар самти омодасозии кадрҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои физикӣ-техникӣ низ аз ҷониби Шӯро ҷонибдорӣ карда шуд. Дар рушди ҳамкориҳои илмии Тоҷикистон бо кишварҳои шарик аз инкишофи иртибототи илмӣ дар фазои ИДМ ёдовар бояд шуд. Ба хусус барои фаъолтар гардондани раванди ҳамкориҳо Форуми олимони ИДМ – 2015 дар шаҳри Москва ва симпозиуми илмии кишварҳои ИДМ – «Илм ва иннновастия дар шароити ҷаҳонишавӣ» (майи соли 2016 дар Кишинев) нақши хос доштанд.

Таҳлили чорабиниҳои баргузоршуда дар соҳаи фарҳанг, ВАО, лоиҳаҳои ҷавонон ва таҳсилот, нашри китобҳо, кор бо наврасон ва собиқадорон ва самтҳои дигар нишон медиҳад, ки ҳамкориҳо минбаъд ҳам рушд хоҳанд ёфт. Дар ин росто ҳамкориҳо дар соҳаҳои илм дар шароити ҳозира хеле муҳим ва перспективӣ ба назар мерасад. Авомили зикршуда моро муътақид ба он месозад, ки эҷоди фазои ягонаи илмӣ дар маҳдудаи ИДМ раванди мақсаднок ва судманд барои ҳамаи ҷонибҳои иштироккунанда хоҳад буд. Соли 2011 давлатҳои иштирокдори ИДМ «Барномаи байнидавлатии ҳамкориҳои инноватсиониро барои давраи солҳои 2012–2020»[6] ба тасвиб расониданд. Мамлакатҳои узв барои фаъоли татбиқи барномаи мазкур Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон буданд. Ҳадафи асосии барнома фароҳам овардани шароити мусоид барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти давлатҳои иштирокдори ИДМ, гузариши онҳо ба модели иқтисоди инноватсионии дорои тамоюли иҷтимоӣ, инчунин татбиқи афзалиятҳои рушди иқтисодӣ дар соҳаи инноватсия дар асоси ҳамкории самараноки низомҳои миллии инноватсионӣ дар фазои ҳамгироии инноватсионӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, барнома ба таҳкими мавқеъ ва баланд бардоштани нуфузи байналмилалии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун яке аз марказҳои пешбари рушди технологӣ дар арсаи ҷаҳонӣ равона гардида буд.

**Натиҷаҳо.** Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз таҳия ва қабули барномаҳои рушди инноватсионӣ дар як қатор давлатҳои иштирокдори ИДМ, аз ҷумла дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, дастовардҳои назаррас дар ин самт ҳанӯз маҳдуд боқӣ мемонанд. Умуман, аксари кишварҳои ИДМ дар марҳилаи ибтидоии рушд ва ташаккули фаъолияти инноватсионӣ қарор доранд. Ҳамзамон, кишварҳои узви ИДМ бо дарки аҳаммияти татбиқи дастовардҳои илмӣ ва технологӣ дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла энергетика, муҳандисии мошинсозӣ, истеҳсоли ҳавопаймоҳо, технологияҳои кайҳонӣ, биотехнология, нақлиёт, экология ва технологияҳои иттилоотӣ, ҷиҳати гузариш ба роҳи рушди инноватсионӣ тадбирҳои мушаххас меандешанд.

Бо назардошти он ки ақибмонии технологӣ ва инноватсионии давлатҳои иштирокдори ИДМ нисбат ба кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳанӯз назаррас боқӣ мемонад, гузариш ба

модели рушди инноватсионӣ танҳо тавассути муттаҳид намудани саъю кӯшишҳо ва истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда имконпазир аст. Ба чунин иқтидорҳо захираҳои зеҳнӣ, илмӣ-техникӣ ва таълимӣ, пойгоҳи истеҳсолӣ, захираҳои бойи ашёи хом ва мактабҳои илмии ташаккулёфта дохил мешаванд. Истифодаи мақсаднок ва самараноки ин бартариҳо метавонад ба гузариш аз модели иқтисодиёти ба содироти ашёи хом нигаронидашуда ба иқтисодиёти инноватсионӣ ва таҳкими мавқеи рақобатпазири давлатҳои иштирокдори ИДМ дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Дар рушди тафаккури инноватсионӣ ва ташаккули иқтисодиёти донишбунёд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд нақши муҳим бозанд. Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи маориф хусусияти амалӣ ва илмӣ-амалӣ касб намуда, ба яке аз омилҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфтааст. Татбиқи муваффақонаи ин раванд, махсусан, дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, дар заминаи донишгоҳҳои пешбари ин кишварҳо инфрасохтори муосири илмӣ-тадқиқотӣ, аз ҷумла марказҳо ва озмоишгоҳҳои илмӣ, паркҳои технологӣ ва марказҳои инноватсионӣ таъсис дода шудаанд, ки қисми зиёди фаъолияти таҳқиқотӣ ва татбиқи натиҷаҳои илмиро мутамарказ менамоянд.

Метавон таъкид намуд, ки масъалаи рушди фаъолияти инноватсионӣ, ки ба афзоиши саҳми донишгоҳҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо мусоидат менамояд, дар натиҷаи қабул ва татбиқи стратегияҳои рушди муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин раванди табдил додани донишгоҳҳои анъанавӣ ба донишгоҳҳои таҳқиқотӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Дар ин замина, таҳкими ҳамкориҳо байни академияҳои илмҳо ва дигар муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии давлатҳои иштирокдори ИДМ, инчунин ташаккули заминаи устувори меъёрӣ-ҳуқуқии чунин ҳамкориҳо ба яке аз вазифаҳои муҳим табдил ёфт. Аз ҷумла, бо ташаббуси Академияи илмҳои Россия як қатор барномаҳои муҳими илмӣ таҳия ва қабул гардиданд, ки ба онҳо таъсиси шабакаи ягонаи мушоҳидаҳои сейсмикӣ дар ҳудуди давлатҳои иштирокдори ИДМ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини рушди устувор, ҳамкории олимони соҳаи таърих ва бостоншиносӣ дар таҳқиқи таърихи кишварҳои пасошӯравӣ, инчунин анҷом додани таҳқиқот дар соҳаи технологияҳои кайҳонӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок дохил мешаванд. Табиист, ки татбиқи амалии чунин лоиҳаҳои бузурги илмӣ маблағгузории назаррас ва татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои ташкилӣ ва идоракуниро тақозо менамояд. Дар ин замина, соли 2009 дар асоси Пажӯҳишгоҳи муштараки таҳқиқоти ҳастаӣ дар шаҳри Дубна Маркази байналмилалии инноватсионии нанотехнологияҳои ИДМ таъсис дода шуд. Дар фаъолияти ин марказ Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Молдова, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон иштирок менамоянд.

Таҷрибаи фаъолияти марказ нишон медиҳад, ки он дар ҳамоҳангсозии фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, таълимӣ ва инноватсионии давлатҳои иштирокдори ИДМ, инчунин дар муттаҳид намудани иқтидори илмӣ ва инноватсионии онҳо нақши назаррас дорад. Фаъолияти марказ ба рушди ҳамгироии илмӣ-технологӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар самти технологияҳои пешрафта мусоидат менамояд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, ҳамкориҳои башардӯстона яке аз омилҳои муҳимтарини амиқсозии ҳамгироӣ дар доираи ИДМ ба шумор меравад. Ҳадафи он бунёд ва рушди фазои ягонаи фарҳангӣ, маорифӣ ва иттилоотӣ мебошад. Бо пешрафти босуръати илму техника ва рушди технологияҳои нав, соҳаи маориф аҳамияти стратегӣ пайдо кардааст. Сатҳи таҳсилоти аҳолӣ ва мутобиқати он ба стандартҳои муосири байналмилалӣ аз ҷумлаи омилҳои муҳиме мебошанд, ки рақобатпазирии кишварро дар тамоми соҳаҳо муайян мекунанд. Маориф дар бунёди ҷомеаи устувор, ноил шудан ба рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва муайян намудани мавқеи кишвар дар бозори ҷаҳонии меҳнат ва низоми муносибатҳои байналмилалӣ нақши калидӣ мебозад. Дар айни замон, истифодаи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар рушди низомҳои маориф бояд ба дарки амиқи хусусиятҳои миллӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои

пасошӯравӣ асос ёбад. Ин раванд инчунин таҳлили қавӣ ва заъфи низомҳои миллии маориф, инчунин ба назар гирифтани манфиатҳо ва ниёзҳои миллиро тақозо мекунад.

Ҳамкориҳо дар соҳаи табодули иттилоот байни кишварҳои Тоҷикистон ва кишварҳои узви ИДМ хеле зич мебошад ва заминаи он мавҷудияти алоқаҳои замони шуравӣ ҳам ҳаст. Масъалаи ташаккули фазои муштараки иттилоотӣ дар ИДМ миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX мубрам гардид. Ба хотири татбиқи ин лоиҳа 18 октябри соли 1996 бо қарори Шурои сарони ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии ИДМ «Консепсияи ташаккули фазои иттилоотии ИДМ»[7] қабул карда шуда буд. Санади мазкур ба уҳдадориҳои пештар қабулкардаи давлатҳои иштирокчии ИДМ дар соҳаҳои мухталифи фаъолият, пеш аз ҳама соҳаи табодули иттилоот такя мекард.

Ин консепсия ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати ягонаи иттилоотиро дар ИДМ, инчунин равишҳои умумии ташкилӣ ва маъмуриро барои рушди хизматрасониҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ муайян мекунад. Он ҳамчунин шартҳо ва механизмҳои татбиқи барномаҳои ҳамоҳангшударо дар сатҳҳои ҳукуматӣ ва техникӣ барои густариши мубодилаи иттилоот байни кишварҳои узв муқаррар менамояд. Шӯрои роҳбарони агентҳои иттилоотии кишварҳои узви ИДМ, ки тибқи созишномаи соли 1995 таъсис ёфтааст, «ҳамчун мақоми ҳамоҳангсози сиёсати иттилоотӣ дар доираи ИДМ фаъолият мекунад ва асоси ҳамкории байни воситаҳои ахбори оммаро тавассути агентҳои иттилоотии дахлдор ташкил медиҳад»[5]. Ҳадафҳои асосии Шӯро таҳияи тавсияҳо барои намояндагони ВАО-и давлатӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои паҳнкунии бемамониати иттилоот, инчунин гузаронидани машваратҳо оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти ВАО ва табодули таҷриба мебошад. Илова бар ин, Шӯро «Эъломия дар бораи мақоми рӯзноманигорон — намояндагони ВАО дар кишварҳои узви ИДМ дар дигар давлатҳои ИДМ[5]»-ро қабул кардааст, ки ҳадафи он ҳифзи манфиатҳои касбии рӯзноманигорон мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар кишварҳои узви ИДМ ин ҳуҷҷатро имзо намудааст. «Шӯрои роҳбарони агентҳои иттилоотии кишварҳои ИДМ инчунин барномаҳои муштаракро вобаста ба санаҳои муҳими таърихӣ амалӣ менамояд. Дар айни замон, Шӯро роҳбарони агентҳои давлатии иттилоотии Озарбойҷон (АЗЕРТАҒ), Арманистон (Арменпресс), Беларус (БЕЛТА), Қазоқистон (Казинформ), Қирғизистон (Кабар), Молдова (Молдпрес), Федератсияи Русия (ТАСС) ва Тоҷикистон (Ховар)-ро дар бар мегирад»[4].

Бояд гуфт, ки заминаи чунин созмони иттилоотӣ дар Душанбе гузошта шуда буд. Маҳз дар моҳи апрели соли 1992 дар шаҳри Душанбе нахустин ҷаласаи кории ширкати байнидавлатии “Мир” баргузор гардида буд, ки вазифаи асосии ширкатро мушаххас карда буд: «таъмини ҳаққи баробари ҳар як давлати соҳибистиқлол ба пахши объективона, бо риояи ҳуқуқ, урфу одат ва суннатҳои милливу динии мардум»[8].

9 октябри соли 1992 дар шаҳри Бишкек Созишнома оид ба таъсиси ширкати расонаии «Мир» ба имзо расид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори муассисони он қарор дошт. Вазифаи асосии ширкати «Мир» рушди муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва башардӯстона байни кишварҳои ИДМ, ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ ва мусоидат ба густариши мубодилаи байналмилалии иттилоот ба ҳисоб мерафт. Барномаҳои телевизионии «Мир» дар саросари кишварҳои ИДМ бо забони русӣ пахш гардида, тақрибан 80 миллион тамошобинро фаро мегиранд. Ин шабака асосан ба барномаҳое тамаркуз мекунад, ки арзишҳои фарҳангӣ, анъанаҳои таърихӣ ва ҷашнҳои халқҳои ИДМ, инчунин рушди маънавии шахсро инъикос менамоянд. Ширкати «Мир» ҳамчунин фаъолияти «Пули муштараки иттилоотӣ»-ро ҳамоҳанг месозад. Соли 2009 мубодилаи бисёрҷонибаи телевизионӣ дар фазои пасошӯравӣ эҳё гардид ва як қатор шабакаҳои телевизионӣ ба ин Пули иттилоотӣ пайваст шуданд. Ин механизм на танҳо масъалаҳои мубодилаи иттилоотро танзим мекунад, балки норасоии нуктаҳои мухбирии шабакаҳои иштирокчӣ дар кишварҳои ИДМ-ро низ ҷуброн менамояд.

Дар доираи ин низом, ҳар як шабака маводи худро ба Пул ирсол намуда, дар иваз ҳуқуқи истифодаи маводи шабакаҳои дигарро ба даст меорад. Ба иштирокчиёни ин Пул Ширкати давлатии телевизион ва радиои Русия (ВГТРК) аз Федератсияи Русия,

Корпоратсияи телевизион ва радиои Қазоқистон ва ширкати телевизионии «ERA» аз Қазоқистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Қирғизистон ва шабакаи иттилоотии телевизионии «Ҷаҳоннамо» аз Тоҷикистон дохил мешаванд [9]. Муносибатҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои узви ИДМ дар соҳаи воситаҳои ахбори омма тавассути Ассотсиатсияи байналмилалии ҳамкории расонаӣ амалӣ мегардад, ки он конфронсҳо, семинарҳо ва озмунҳои байналмилалиро ташкил менамояд. Соли 2010 Ассотсиатсия лоиҳаи таълимиро оид ба тайёр кардани донишҷӯёни кишварҳои ИДМ дар барномаи магистратураи факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов бо ихтисоси «ВАО-и рақамӣ дар муоширати байнимиллӣ» роҳандозӣ намуд. Тавассути стипендияҳои Ассотсиатсияи байналмилалии ВАО донишҷӯён аз Арманистон, Федератсияи Русия, Тоҷикистон, Озарбойҷон, Қазоқистон ва Қирғизистон имкони дарёфти донишҳои муосирро дар самти рушди воситаҳои ахбори оммаи нав пайдо карданд. Агентии иттилоотии Федератсияи Русия ИТАР-ТАСС дар рушди ҳамкории расонаӣ дар фазои ИДМ нақши муҳим мебозад. Аз ҷумла, соли 2010 бо мусоидати ин ниҳод вебсайти Ассотсиатсияи агентҳои иттилоотии давлатии ИДМ ба фаъолият оғоз намуд, ки дар он маводи агентҳои иттилоотии кишварҳои узв, аз ҷумла агентии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар», агентии давлатии иттилоотии «Кабар»-и Қирғизистон ва агентии миллии «Казинформ» нашр мегарданд [10].

Қайд кардан зарур аст, ки паҳн кардани иттилоот яке аз масъалаҳои ҳассос ва нозук дар ҳамкориҳои гуманитарии давлатҳои ИДМ ба шумор меравад. Аз ҷумла корбурди механизмҳои «неруи нарм» ҳангоми паҳншавии маводи воситаҳои ахбори омма бо забони русӣ метавонад ҳамчун дахолат ба корҳои дохилии якдигар арзёбӣ шавад. Ҳамзамон ҳамкориҳо баҳусус дар самти «ҳофизаи таърихии муштарак», бахусус ҳангоми ташкили чорабиниҳо бахшида ба Ҷашни Ғалаба дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ хеле зич сурат мегиранд. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ барои маводҳои иттилоотие, ки ба забони хориҷӣ нашр мешаванд, квота ҷудо карда шудааст. «Васоити ахбори оммаи русзабон ва россиягӣ дар Тоҷикистон ва Қирғизистон васеъ паҳн шудаанд. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон дар охири солҳои 2000-ум вазъияти ВАО русзабон нисбатан устувор гашта, теъдоди ВАО аз 32 дар соли 2008 то ба 60 адад дар соли 2011 расида буд» [19, 25].

**Муҳокима.** Сарфи назар аз дастовардҳои муайян дар самти ташаккули фазои муштараки илмӣ ва иттилоотии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), дар ин самт ҳанӯз як қатор мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонанд. Аз ҷумла, коршиносон таъкид менамоянд, ки сатҳи ҳамгироии иттилоотӣ дар фазои пасошуравӣ то ҳол ба дараҷаи зарурӣ нарасидааст ва имкониятҳои мавҷуда барои ташкили муҳити ягонаи иттилоотӣ пурра истифода намешаванд.

Ба андешаи мутахассисон, яке аз омилҳои асосии маҳдудкунандаи ин раванд номувофиқии сатҳи рушди инфрасохтори рақамӣ ва иттилоотӣ дар кишварҳои аъзои ИДМ мебошад. Илова бар ин, фарқият дар сиёсати миллӣ нисбат ба масъалаҳои амнияти иттилоотӣ, ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва танзими фазои рақамӣ ба рушди ҳамкориҳои амиқтар монеа эҷод мекунад.

Таҳлилҳо инчунин нишон медиҳанд, ки қисми зиёди ташаббусҳо ва барномаҳои ҳамгироӣ дар соҳаи иттилоот ва коммуникатсия аксаран дар сатҳи санадҳои барномавӣ ва эъломияҳо боқӣ монда, на ҳамеша бо механизмҳои муассири татбиқ таъмин мегарданд. Дар натиҷа, меъмории фазои иттилоотии ИДМ хусусияти ҷузъӣ дошта, сатҳи ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ дар баъзе самтҳо маҳдуд мебошад.

Дар баробари ин, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, зарурати таъмини амнияти иттилоотӣ ва густариши ҳамкориҳои илмӣ зарурати таҳкими ҳамгироии кишварҳои узви ИДМ-ро бештар мегардонад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани самаранокии механизмҳои ҳамоҳангсозӣ, такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва густариши лоиҳаҳои муштараки илмӣ ва иттилоотӣ метавонанд ба рушди минбаъдаи фазои ягонаи илмӣ ва иттилоотии Иттиҳод мусоидат намоянд.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон форуми мазкур ва тадбирҳои муштараки кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро дар роҳи рушди технологияҳои иттилоотӣ- иртиботӣ, ташкили робитаи осони миёни мақомоти давлатӣ ва ҷомеа, фаъол намудани ҳукумати электронӣ ва ҳамзамон таъмини амнияти иттилоотиро аз самтҳои муҳими ҳамкорӣ арзёбӣ намуда, ҳавасмандии Тоҷикистонро ба густариши чунин робитаҳо таъкид намуд[15].

Тавре ки аз таҳлилҳо баромеояд, дар шароити феълӣ дар байни Тоҷикистон ва кишварҳои шарик дар чаҳор-чубаи ИДМ шаклҳои ҳамкориҳои илмӣ ва иттилоотӣ ба роҳ монда шудаанд. Самтҳои асосии ҳамкориҳои илмӣ ва илмӣ-техникии давлатҳои иштирокчии ИДМ инҳоро дар бар мегиранд:

— баргузории Форумҳои олимони давлатҳои иштирокчии ИДМ;

— пешбурди таҳқиқоти муштараки байнисоҳавӣ дар самтҳои афзалиятнок, аз ҷумла биохимияи тиббӣ, нанобиотехнология, биоинженерияи растанӣ, муҳандисии биотиббӣ ва биоинформатика;

— таъсиси ташкилотҳои базавӣ (такягоҳӣ), ки дар доираи онҳо муассисаҳои илмӣ мақоми марказҳои такягоҳиро дар самтҳои мушаххаси илмӣ касб менамоянд;

— ба роҳ мондани табодули мутахассисон, таҷрибаомӯзӣ ва коромӯзиҳои илмӣ;

— таъсиси озмоишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва марказҳои истифодаи дастаҷамъонаи таҷҳизоту дастгоҳҳои илмӣ;

— мубодилаи иттилооти илмӣ-техникӣ, натиҷаҳои таҳқиқот, коркардҳои илмӣ ва технологияҳои нав байни давлатҳои иштирокчӣ.

**Хулоса.** Таҳқиқ нишон дод, ки дар ҷараёни ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои шарик дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) заминаҳои устувори ниҳодӣ барои рушди ҳамкориҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ ташаккул ёфтаанд. Дар тӯли солҳои фаъолияти ИДМ сохторҳо ва механизмҳои ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ таъсис дода шуданд, ки ба густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия мусоидат менамоянд.

Дар ин раванд нақши муҳимро як қатор ниҳодҳои соҳавии ИДМ иҷро менамоянд. Аз ҷумла, Шӯрои ҳамкорӣ дар соҳаи илмҳои бунёдӣ ба ҳамоҳангсозии таҳқиқоти фундаменталӣ, таҳияи барномаҳо ва лоиҳаҳои муштараки байнидавлатӣ, инчунин такмили заминаи меъёриву ҳуқуқии ҳамкориҳои илмӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, Шӯрои байнидавлатии ҳамкорӣ дар соҳаҳои илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ ҳамчун механизми муҳими ҳамоҳангсозии сиёсати инноватсионӣ ва татбиқи барномаҳои муштараки илмӣ-техникӣ амал менамояд. Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ оид ба иттилооти илмӣ-техникӣ бошад, ба рушди низоми мубодилаи иттилооти илмӣ-техникӣ, дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ ва таҳкими ҳамкориҳои иттилоотӣ байни давлатҳои иштирокчӣ мусоидат мекунад.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, таҳқиқ нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ зарурати такмили механизмҳои ҳамоҳангсозӣ, густариши лоиҳаҳои муштараки таҳқиқотӣ ва истифодаи васеътари технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ боқӣ мемонад. Дар маҷмӯъ, рушди минбаъдаи ҳамкориҳои илмӣ дар доираи ИДМ метавонад ба таҳкими иқтидори илмӣ ва инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои узв, инчунин ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа мусоидат намояд.

**Адабиёт:**

1. Донос А. СНГ укрепляет единое информационное пространство. [Манбаи электронӣ] URL:www. itsec.ru/ articles2/focus/sng-ukreplyaet-edinoe-informacionnoe-prostranstvo#sthash. U3l5ZGRp. dpuf 96 [санаи дархост:09.12.2022]

2. Иванова Н. «Памир – Чакалтай» - уникальный проект на десятилетия. "Памир-Чакалтая" - уникальный проект на десятилетия

3. Клименко В. А. Сотрудничество в научной сфере как ключевой ресурс модернизации стран СНГ. Минск. [Манбаи электронӣ] URL:https://core.ac.uk/download/pdf/ 212976853.pdf [санаи дархост:10.03.2024]

4. Конвенция о статусе корреспондента, представляющего средство массовой информации государства - участника Содружества Независимых Государств в других государствах Содружества. 16 апреля 2004 года. [Манбаи электронӣ] URL:https://nansmit.tj/20968-2/?id=15336 [санаи дархост:01.02.2023]

5. Концепция формирования информационного пространства Содружества Независимых Государств. [Манбаи электронӣ] URL:http://www.cis.minsk.by/page.php?id [санаи дархост:01.01.2026]

6. Межгосударственная программа инновационного сотрудничества государств-участников СНГ на период до 2020 года : утв. Решением Совета глав правительств СНГ от 18 окт. 2011 г. – [Манбаи электронӣ]URL:http://www.e-cis.info/foto/pages/20060 doc. [санаи дархост:01.06.2024]

7. Межгосударственная программа инновационного сотрудничества на период до 2020 г. – [Манбаи электронӣ] URL:http:// federalbook. ru/ files/ FS/ Soderjanie/FS-27/IV/ Mejgos_programma.pdf [санаи дархост:07.03.2025]

8. Межгосударственная телерадиокомпания «Мир». [Манбаи электронӣ] URL:tj.mir24. tv›about/ about_us[санаи дархост:01.02.2023]

9. Межгосударственный информационный пул (МИП). [Манбаи электронӣ] URL:http://mirtv.ru/pul/. [санаи дархост:01.08.2024]

10. О деятельности Совета руководителей государственных информаци-онных агентств Содружества Независимых Государств. Решение Совета министров иностранных дел Содружества Независимых Государств от 15 октября 2010 г. (г. Астана). [Манбаи электронӣ] URL:http://www.cis. minsk. by/reestr/ru/ index.html #reestr/view/text?doc=5206. [санаи дархост:01.08.2025]

11. Протокол о внесении изменений в Соглашение о создании общего научно-технологического пространства государств-участников СНГ от 3 ноября 1995 года : утв. Решением Совета глав правительств СНГ от 20 нояб. 2009 г. Право. Законодательство Респ. Беларусь. [Манбаи электронӣ] URL: http://www. levonevski.net/ pravo/razdel3/num9/3d972.html. – Дата доступа . [санаи дархост: 30.08.2023]

12. Соглашение о создании Совета по сотрудничеству в области фундаментальной науки государствучастников СНГ: утв. Решением Совета глав правительств СНГ от 19 мая 2011 г. – [Манбаи электронӣ] URL:http://cis.minsk. by/reestr/ru/index .html #reestr/view/text?doc=3041. – Дата доступа.[санаи дархост: 18.03.2024]

13. Положение о Межгосударственном координационном совете по научно-технической информации : утв. Решением Экономического совета СНГ от имени Совета глав правительств СНГ от 3 дек. 2004 г. –: [Манбаи электронӣ] URL:http://cis.minsk.by/ reestr/ru/ index.htm l#reestr/ view/text?doc=1642. – Дата доступа [санаи дархост: 18.03.2024.]

14. Саибназарова Ш. М. Роли и место межгосударственной телерадио-компании «Мир» в информационном пространстве Республики Таджикистан. Автореферат диссертации на соискание уч. степени .к.ф.н. – Душанбе, 2012. – 26 с.

15. Сафари корӣ ба Ҷумҳурии Беларус. [Манбаи электронӣ] URL:http://www.president.tj/node/2441 [санаи дархост:01.01.2024]

16. Соглашение о создании Совета руководителей государственных информаци-онных агентств Содружества Независимых Государств от 3 ноября 1995 г. г.Москва. [Манбаи электронӣ] URL:http://docs. cntd.ru/ document/ 1900986. [санаи дархост:01.01.2026]

17. Соглашение о создании Совета по сотрудничеству в области фунда-ментальной науки государствучастников СНГ : утв. Решением Совета глав правительств СНГ от 19 мая 2011 г. – [Манбаи электронӣ] URL:http://cis. minsk. by/reestr/ru/index .html #reestr/view/ text?doc=3041.. [санаи дархост:07.08.2023]

18. Улфат Масум. Уникальный полигон на Памире. Как космос помогает постигать тайны элементарных частиц. Уникальный полигон на Памире. Как космос помогает постигать тайны элементарных частиц - Asia Plus

19. Хужаназарова И.Х. Тенденции развития русскоязычных СМИ Таджикистана в условиях государственной независимости. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. – Душанбе, 2013. –25 с.

## СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН СО СТРАНАМИ – УЧАСТНИЦАМИ СНГ В ОБЛАСТИ НАУКИ И ИНФОРМАЦИИ

В статье исследуются основные направления сотрудничества Республики Таджикистан с государствами – участниками Содружества Независимых Государств (СНГ) в области науки и информации. Автор анализирует процесс формирования и развития научно-информационного сотрудничества в новых геополитических условиях постсоветского пространства, уделяя особое внимание сохранению и расширению традиционных научных связей между новыми независимыми государствами.

В статье рассматриваются нормативно-правовые основы сотрудничества, формирование механизмов координации и роль межгосударственных институтов в развитии научного и информационного взаимодействия. Автор показывает, что в рамках СНГ сформировалась целостная система научного сотрудничества, включающая проведение научных форумов и конференций, реализацию совместных исследовательских проектов, подготовку научных кадров, обмен специалистами, развитие научной инфраструктуры и совместное использование современного научного оборудования.

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Содружество Независимых Государств, СНГ, научное сотрудничество, информационное сотрудничество, научная политика, совместные исследования, научный обмен, инновационные технологии, Межгосударственная телерадиокомпания «Мир».*

## COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND CIS MEMBER COUNTRIES IN SCIENCE AND INFORMATION

This article examines the main areas of cooperation between the Republic of Tajikistan and the Commonwealth of Independent States (CIS) member states in science and information. The author analyzes the formation and development of scientific and information cooperation in the new geopolitical conditions of the post-Soviet space, paying particular attention to the preservation and expansion of traditional scientific ties between the newly independent states.

The article examines the legal framework for cooperation, the development of coordination mechanisms, and the role of intergovernmental institutions in the development of scientific and information interactions. The author demonstrates that a comprehensive system of scientific cooperation has been formed within the CIS, including scientific forums and conferences, joint research projects, scientific training, specialist exchange, development of scientific infrastructure, and the shared use of modern scientific equipment.

***Key words:*** *Republic of Tajikistan, Commonwealth of Independent States, CIS, scientific cooperation, information cooperation, scientific policy, joint research, scientific exchange, innovative technologies, Interstate Television and Radio Broadcasting Company "Mir".*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Мирзозода Умедахони Амиршо- унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Саид Носир, 33; тел.:(+992) 918121091; Email: mirzozoda.umeda@mail.ru

**Самиев Холаҳмад Давлатович-** номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи минтақашиносии хориҷии ДМТ. Тел. 918799091; E-mail: samiev.kholakhmad@mail.ru ORCID:0009-0003-4251-9791

**Информация об авторов:** Мирзозода Умедахони Амиршо — соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33; тел.: (+992) 918121091; E-mail: mirzozoda.umeda@mail.ru

**Самиев Холахмад Давлатович-** кандидат исторических наук, заведующий кафедры зарубежного регионоведения ТНУ. Тел. 918799091; E-mail: samiev.kholakhmad@mail.ru ORCID:0009-0003-4251-9791

**Information about the authors:** Mirzozoda Umedakhoni Amirsho — Research Degree Candidate at the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, 33 Said Nosir Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan. Tel.: (+992) 918121091; E-mail: mirzozoda.umeda@mail.ru

**Samiev Kholakhmad Davlatovich-** PhD in History, Head of the Department of Foreign Regional Studies, TNU. Tel. 918799091; TNU. Tel. 918799091; E-mail: samiev.kholakhmad@mail.ru ORCID:0009-0003-4251-9791

УДК :327.722(100)

# МУШКИЛОТИ ДОХИЛИИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ

**Раҳимов Анваршо Зуҳурович, Шарифзода Искандар Иброҳим**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии дохилии Созмони Аҳднома Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) дар шароити тағйирёбии муҳити байналмилалӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон сабабҳои пайдоиши ихтилофҳои сиёсӣ миёни кишварҳои аъзо, мушкилоти қабули қарорҳои муштарак, таъсири буҳронҳои минтақавӣ ва фаъолияти созмон, инчунин дурнамои рушди минбаъдаи СААД - ро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба масъалаи таъсири мушкилоти дохилии Созмон ба низоми амнияти минтақа ва манфиатҳои стратегии Созмон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Дар асоси таҳлил пешниҳодҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти СААД ва мутобиқ намудани он ба таҳдидҳои нави амниятӣ тавсияҳо пешниҳод гардидааст.

***Калидвожаҳо:*** *Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, амнияти минтақавӣ, геополитика, кишварҳои узв, ҳамгироӣ, мушкилоти дохилӣ, сиёсати амниятӣ*

**Муқаддима.** Дар даҳсолаи охир масъалаи таъмини амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ барои аксарияти кишварҳои ҷаҳон аҳамияти махсус касб намудааст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақобати нави геополитикии қудратҳои ҷаҳонӣ, афзоиши таҳдидҳои трансмиллӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ зарурати таъсиси механизмҳои муассири ҳамкории байналмилалиро ба миён оварданд. Дар чунин шароит созмонҳои минтақавии амниятӣ ба яке аз унсурҳои муҳими низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд.

Яке за чунин сохторҳои амниятии минтақавӣ Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ба шумор меравад, ки фаъолияти худро ба таъмини амнияти дастаҷамъи давлатҳои аъзо, пешгирии таҳдидҳои низомӣ, мубориза бо терроризм ва ҳамоҳангсозии сиёсати мудофиавӣ равона намудааст. Имрӯз ба ҳайати он Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Арманистон шомил мебошанд. Шумораи умумии аҳолии кишварҳои узви СААД бештар аз 200 млн нафарро ташкил медиҳад. Масоҳати умумии кишварҳои узви созмон (Федератсияи Россия, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Арманистон) бештар аз 20 380 493 км мураббаъ буда бо бештар аз 10 давлат сарҳади мустақим доранд.

Минтақаи фарогирии СААД қаламрави кишварҳои собиқ шӯравиро дар бар мегирад. Ин мавқеъро мароми сиёсати хориҷии Маскав, ки равобит бо ҷомеаи Ғарб барои таъмини сарҳадҳояш аз дахолати беруна дорад, муайян мекунад, аммо на ба ҳеҷ ваҷҳ таъсиси эътилофе, ки алайҳи кишварҳои сеюм нигаронида шудааст[6].

**Мақсади таҳқиқот** таҳлили мушкилоти дохилии СААД ва муайян намудани таъсири онҳо ба амнияти минтақавӣ мебошад. Барои равшан намудани мушкилоти дохилии Созмон дар мақола вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

1. муайян намудани мушкилоти асосии дохилии созмон;
2. арзёбии таъсири мушкилоти дохилӣ ба амнияти минтақавӣ;
3. пешниҳод намудани роҳҳои такмили фаъолияти созмон.

**Методологияи таҳқиқи** мавзуъ дар асоси муносибатҳои системавӣ ба омӯзиши амнияти минтақавӣ гузаронида шудааст. Дар доираи таҳқиқот СААД ҳамчун низоми бисётсатҳаи ҳамкории ҳарбӣ – сиёсӣ баррасӣ мегардад, ки самаранокии он аз ҳамоҳангсозиии манфиатҳои миллӣ, механизмҳои қабули қарорҳо ва омодагии давлатҳои узв ба амал ва вокунишҳои дастаҷамъӣ восбаста мебошад. Дар таҳқиқот усулҳои муқоисавӣ, таҳлили сиёсӣ – ҳуқуқӣ ва усули системавӣ истифода шудаанд. Равиши муқоисавӣ имкон фароҳам овард, ки СААД – ро бо дигар созмонҳои ҳарбӣ – сиёсӣ муқоиса карда шуд. Дар натиҷаи муқоиса мушкилотҳои сохторӣ, дохилӣ ва эҳтимолияти бархурди онҳо низ муайян гардид. Сарчашмаҳои таҳқиқотро адабиёти илмӣ, оинномаву созишномаҳо, маводҳои расмии сомонаҳои давлатӣ ва дигар сарчашмаҳои маълумотӣ ташкил медиҳанд.

**Қисмати асосӣ.** Оинномаи СААД 15 майи соли 1992 дар Тошканд ба имзо расидааст (қаблан онро Аҳдномаи Тошканд меномиданд, аммо пас аз хориҷ шудани Ӯзбекистон аз ин паймон дар соли 1999 ин аҳамияти хешро гум кард). Дар ибтидо Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ширкат доштанд, баъдан ба онҳо Озарбойҷон (24 сентябри соли 1993), Белорус (31 декабри соли 1993) ва Гурҷистон (9 декабри соли 1993) ҳамроҳ шуданд. Пас аз анҷоми раванди тасвиб СААД 20 апрели соли 1994 эътибор пайдо кард. Мутобиқи моддаи 102 Оинномаи СММ 1 ноябри соли 1995 дар Котиботи СММ ба қайд гирифта шудааст. Оинномаи СААД-ро Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ 7 октябри соли 2002 дар шаҳри Кишинёв ба имзо расонд ва ин ҳуҷҷат 18 сентябри соли 2003 эътибори расмӣ ҳуқуқи пайдо кард[1].

2 декабри соли 2004 Ассамблеяи Генералии СММ қарор қабул кард, ки ба Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ дар Ассамблеяи Генералии СММ мақоми нозирро медиҳад. 18 марти соли 2010 байни Котиботи СММ ва Котиботи СААД Эъломияи муштарак оид ба ҳамкорӣ ба имзо расид. Созмон метавонад бо давлатҳои узв ҳамкорӣ кунад, бо ташкилотҳои байналмилалии байниҳукуматӣ дар соҳаи амният фаъолиятдошта робита барқарор кунад. Инчунин, ба онҳо салоҳияти бастани аҳдномаҳои байналмилалӣ, ки ба таъсис ва рушди чунин ҳамкорӣ равона шудаанд, дода шуд. Дар ҳоли ҳозир, дар чаҳорчӯби СААД чораҳои фаъол ҷиҳати роҳандозии ҳамкорӣ бо чунин созмонҳо, ба монанди СММ, САҲА, СҲШ, ИДМ андешида мешаванд. Имкони муколама бо НАТО баррасӣ мешавад. Асоси таркиби низомии системаи амнияти дастаҷамъӣ гурӯҳҳои эътилофӣ (муттаҳидшуда)-и нерӯҳо (қувваҳои) минтақаҳо мебошанд, ки барои бартараф намудани таҳдид ба амнияти кишварҳои аъзо, инчунин амалиёти дигар сохта шудаанд. Бо мақсади муттаҳидсозӣ ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои давлатҳои аъзои Созмон оид ба амиқтар ва такмил додани ҳамкориҳои бисёрҷониба, рушди ҳамгироӣ ва ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаҳо дар соҳаҳои ҳарбию-иқтисодӣ ва ҳарбию-техникӣ дар фазои масъулияти СААД моҳи июни соли 2005, Комиссияи байнидавлатӣ оид ба ҳамкориҳои ҳарбию-иқтисодӣ таъсис дода шуд.

Моҳи ноябри соли 2006 Ассамблеяи Парлумонии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (АП СААД) таъсис дода шуд. Дар ҷаласаҳои нақшавӣ (пленарӣ), ҷаласаҳои Шӯрои Амнияти Дастаҷамъӣ (ШАД) ва Комиссияҳои доимии он, ки соле ду маротиба баргузор мешаванд, масъалаҳои фаъолияти Созмон, инчунин вазъи минтақа ва масъулияти Созмон, иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои Созмони Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ ва вазифаҳои дастгирии ҳуқуқии онҳо баррасӣ карда мешаванд. Дар вохӯриҳо масъалаҳои пешрафт дар татбиқи барномаи дастгирии ҳуқуқӣ, амалияи кор оид ба тасдиқи шартномаҳои байналмилалие, ки дар доираи СААД баста шудаанд ва масъалаҳои дигар муҳокима карда мешаванд[10].

Оинномаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 11 модда иборат аст, ки тибқи он иштирокчиёни Созмон уҳдадор мешаванд, ки аз истифодаи зӯрӣ ва таҳдид алайҳи ҳамдигар худдорӣ кунанд, мавқеъҳои худро дар соҳаи амният ҳамоҳанг созанд ва ниҳодҳои мувофиқи ҳамоҳангсоз таъсис диҳанд.

Давлатҳои иштироккунанда мувофиқи моддаи 2 оинномаи СААД уҳдадор шуданд, ки бо ҳамдигар аз рӯи ҳамаи масъалаҳои муҳими амнияти байналхалқие, ки ба манфиатҳои онҳо дахл доранд, машварат намоянд ва мавқеи худро ба ҳам мувофиқ кунанд. Дар сурати таҳдид ба амният, тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии як ё якчанд давлатҳои иштироккунанда ё таҳдид ба сулҳу амнияти байналмилалӣ ба хотири бартараф намудани хавфи ба вуҷуд омада давлатҳои иштироккунанда фавран механизми машваратҳои муштаракро ба мақсади мутобиқ намудани мавқеи худ ва андешидани чораҳо фаъол мекунанд.

Бо вуҷуди он ки СААД дар тӯли фаъолияти худ заминаи муайяни ҳуқуқӣ ва сохтори ташкилии нисбатан устуворро ташаккул додааст, солҳои охир як қатор мушкилоти дохилӣ фаъолияти онро маҳдуд месозанд. Ин мушкилот бештар бо гуногун будани манфаитҳои геосиёсии давлатҳои узв, фарқияти муносибат нисбат ба таҳдидҳои амниятӣ, нобаробарии иқтидори иқтисодӣ ва ҳарбӣ, инчунин ихтилофҳои сиёсӣ байни баъзе кишварҳои аъзо алоқаманд аст.

Ҳодисаҳои солҳои охир, аз ҷумла ҷанги байни Россия ва Украина, низои Қарабоғ байни Арманистон ва Озорбойҷон, тағйири вазъи Афғонистон баъди ба қудрат расидани ҳаракати «Толибон», инчунин ташдиди рақобати қудартҳои ҷаҳонӣ нишон доданд, ки

механизмҳои амалкунандаи СААД на ҳамеша метавонанд ба таври муассир ба таҳдидҳои нави амнияти посух диҳад.

Метавон мушкилоти дохилии СААД – ро дар якчанд сатҳ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дод, то ки масъала равшан гардад. Дар шароити муосири муносибатҳои байналмилалӣ фаъолияти ҳар як созмони минтақавии амниятӣ аз сатҳи ҳамгирой ва мувофиқати манфиатҳои давлатҳои аъзо вобастагӣ дорад. Гарчанде ки СААД дар тӯли зиёда аз се даҳсола сохтори муайяни институтсионалӣ ва заминаи ҳуқуқии фаъолияти худро ташаккул додааст, вале тавре дар боло ишора кардем, солҳои охир як қатор мушкилоти дохилӣ самаранокии фаъолияти онро коҳиш додааст. Ин мушкилот бештар хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва институтсионалӣ дошта, ба қобилияти созмон дар ҳалли масъалаҳои амниятӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Метавон дар сатҳи аввал номувофиқии манфиатҳои геосиёсии давлатҳои узвро таҳлил намуд. Зеро яке аз мушкилоти муҳимтарини СААД гуногун будани манфиатҳои геосиёсии давлатҳои иштирокчии Созмон маҳсуб меёбад. Ҳар як кишвари узв сиёсати хориҷии худро бо назардошти манфиатҳои миллӣ пеш мебарад ва ин манфиатҳо на ҳамеша бо ҳадафҳои умумии Созмон мутобиқат мекунанд.

Россия ҳамчун давлати калидии СААД ин созмонро воситаи муҳими таъмини суботи сиёсӣ ва низомӣ дар фазои пасошӯравӣ медонад. Барои Россия ҳифзи нуфузи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубӣ яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии он мебошанд. Россия барои таъмини субот дар минтақаҳои нуфузи худ бо доштани пойгоҳҳо дар кишварҳои ҳаммарз бо қудратҳои ҳастаӣ бештар аҳамият медиҳад. Яъне, Арманистон бо Эрон Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон бо Чин сарҳади мустақим доранд. Инчунин Тоҷикистон аз марзҳои Ҳиндустон чандон дур нест ва ҳам барои нигоҳ доштани террористоне, ки аз сарҳади Афғонистон убур мекунанд, қулай ҷойгир аст. Ҷойгиршавии ҳудудии Беларус барои Россия арзиши беназир дорад, зеро Беларус бо кишварҳои Созмони Атлантикаи Шимолӣ - Литва ва Полша ҳамсарҳад аст[11].

Баръакс, Ҷумҳурии Қазоқистон солҳои охир сиёсати бисёрсамтаи хориҷиро пеш гирифта, ҳамзамон муносибатҳои стратегиро бо Иттиҳоди Аврупо, Штатҳои Муттаҳида, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Туркия густариш дода истодааст. Ин раванд боиси он гардида истодааст, ки мавқеи Қазоқистон дар баъзе масъалаҳои муҳими сиёсати хориҷӣ аз мавқеи Россия фарқ мекунад.

Ҷумҳурии Арманистон пас аз ҳодисаҳои солҳои 2020-2023 вобаста ба Қарабоғи Кӯҳӣ аз фаъолияти СААД изҳори норозигӣ намуда, борҳо таъкид кард, ки Созмон уҳдадориҳои худро оид ба таъмини амнияти яке аз давлатҳои узв пурра иҷро накардааст. Дар натиҷа сатҳи эътимоди сиёсӣ байни Арманистон ва дигар аъзои Созмон коҳиш ёфт.

Ҷониби Арманистон имрӯз пас аз сар задани муноқиша бо Озорбойҷон, ки аз тарафи кишварҳои аъзои Созмон дастгирӣ наёфт, вале ҳодисаҳои Ҷумҳурии Қазоқистон дар моҳи январи соли 2022, ки метавонист боиси ҷанги шаҳрвандӣ ва табадуллоти давлатӣ гардад, кишварҳои аъзои Созмон барои пешгирии ин ҳодисаҳои номатлуб дасти кӯмаки худро дароз карданд, ки ин ҷониби Арманистонро водор сохт изҳор намояд, ки манфиатҳои сиёсӣ ва амниятӣ на ҳама вақт дар байни кишварҳои аъзо баробаранд.

Созмон ба ғайр аз воқеаҳои Қазоқистон дар аввали соли 2022 то ба имрӯз дар ягон амалиёти низомӣ иштирок накардааст[2].

Нодида гирифтани ҳудудҳои соҳибихтиёрӣ яке аз масъалаҳои ҳасос ба ҳисоб рафта, ба он ишора мекунад, ки манфиатҳои кишварҳои абарқудрат метавонанд ба соҳибистиқлолии давлатҳои дигар таъсири манфӣ расонад.

Қирғизистон ва Тоҷикистон, ки бо масъалаҳои амнияти сарҳадӣ ва таҳдидҳои марбут ба Афғонистон рӯбарӯ мебошанд, бештар ба масъалаҳои амнияти Осиёи Марказӣ таваҷҷуд дорад. Ҳамин тавр, мавҷудияти афзалиятҳои гуногуни сиёсӣ ба ташаккули сиёсати ягонаи амниятии СААД монеъ эҷод кардааст.

Сатҳи дигари омӯзиш мушкилоти қабули қарорҳо дар асоси принсипи консенсус мебошад. Хусусияти муҳими фаъолияти СААД аз он иборат аст, ки қарорҳои асосии он танҳо дар асоси ризоияти кишварҳои узв қабул карда мешавад. Аз ин нуқтаи назари ҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ чунин тартиб баробарҳуқуқии давлатҳоро таъмин менамояд, аммо дар амал метавонад суръати қабули қарорҳоро коҳиш диҳад.

Дар бисёр ҳолатҳо ихтилофи мавқеи ҳатто як давлат метавонад қабули қарорҳои муҳими сиёсӣ ё ҳарбиро ба таъхир гузорад. Ин мушкилот махсусан дар ҳолатҳои фавқулода, ки қабули қарорҳои фавриро талаб мекунад, равшан зоҳир мешавад.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки механизми консенсус на ҳамеша имкон медиҳад, ки СААД ба тағйирёбии босуръати вазъи байналмилалӣ фавран посух диҳад. Барои мисол, буҳрони Арманистон бозгӯи нокифоягии принсипҳои муносиби дастгирии дастаҷамъӣ мебошад.

Буҳрони Арманистон ва таъсири он ба фаъолияти СААД сатҳи дигар тадқиқоти мазкурро ташкил медиҳад. Зеро яке аз ҷиддитарин озмоишҳои фаъолияти СААД масъалаи низои Арманистон ва Озорбойҷон гардид. Тавре дар боло низ ишора кардем, дар солҳои 2020-2023 баъди тағйир ёфтани вазъ дар Қарабоғи Кӯҳӣ роҳбарияти Арманистон борҳо аз созмон дархости дастгирии сиёсӣ ва ҳарбӣ намуд. Аммо СААД бо далели он ки амалиёти ҳарбӣ асосан берун аз қаламрави байналмилалии эътирофшудаи Арманистон ҷараён дошт, аз дахолати мустақими ҳарбӣ худдорӣ кард.

Ин мавқеъ боиси танқиди шадиди мақомоти Арманистон гардид. Дар солҳои баъдӣ намояндагони расмии ин кишвар иштироки худро дар баъзе чорабиниҳои СААД маҳдуд намуда, масъалаи таҷдиди муносибатҳои худ бо созмонро ба миён гузошт.

Иқдомҳои андешидаи СААД аз ҷониби Ереван нокифоя дониста шуданд. Дар моҳи сентябр соли 2022 масъалаи хуруҷи кишвар аз ин Созмон дар ҷаласаи Шӯрои Амнияти Арманистон баррасӣ шуд. Дар моҳи ноябри соли 2022 сарвазир Никол Пашинян аз имзои эъломияи ниҳоии нишасти СААД ва қарори Шӯрои Амният дар бораи чораҳои муштараки расонидани кумак ба Арманистон, ки ҷойгиркунии ҳайати нозирони СААД-ро дар марзи Арманистон ва Озарбойҷон пешбинӣ мекард, худдорӣ намуда талаб кард, ки «баҳодиҳии сиёсии таҷовузи Озарбойҷон» дода шавад[14]. Дар моҳи майи соли 2023 Пашинян изҳор дошт, ки худи Созмон «аз Арманистон хориҷ мешавад» ва бори дигар таъкид кард, ки «боздоштан ё муваққатан мавқуф гузоштани узвияти СААД»-ро истисно намекунад[13]. Миссияи СААД дар Арманистон ҳеҷ гоҳ амалӣ нашуд.

22 феврали соли 2024 сарвазири Арманистон Никол Пашинян дар бораи қатъи узвияти ин кишвар дар СААД ба далели бад шудани равобит бо Федератсияи Россия хабар дод[4]. Илова бар ин, 18 сентябри соли 2024 ӯ изҳор дошт, ки «СААД ба амният, мавҷудият ва соҳибихтиёрии Арманистон таҳдид мекунад». Моҳи июни ҳамон сол Пашинян гуфт, ки СААД «иттиҳоди ҳубобӣ» аст, ки аъзои он дар омодагӣ ба ҷанг дар Қарабоғ ширкат доштанд ва ваъда дода буд, ки Арманистон дар сурати зарурат аз ин Созмон хориҷ хоҳад шуд.

Дар аввали соли 2024 Ереван бо кишварҳои Аврупо робита барқарор кард. Арарат Мирзоян, вазири умури хориҷии Арманистон хабар дод, ки мақомот «имкониятҳои нав», аз ҷумла пайвастан ба Иттиҳодияи Аврупоро баррасӣ мекунанд. Илова бар ин, дар моҳи июн Арманистон эълом дошт, ки равобит бо Амрикоро ба сатҳи шарикии стратегӣ хоҳад расонд. Рӯзи 28 июн соли 2024 Ереван ширкат дар нишасти НАТО-ро тасдиқ кард[12]. Аз рӯи маълумотҳо саҳми саҳомии Ҷумҳурии Арманистон барои соли 2024 ба маблағи 53,22 миллион рубл (598 ҳазор доллари ИМА) муайян шудааст[7]. Аммо бинобар сабаби таъмин нагардидани манфиатҳои он ҳамчун кишвари узви созмон аз пардохти ҳаққи аъзогӣ даст кашидааст. Ин ҳолат нишон дод, ки ҳатто мавҷудияти уҳдадориҳои ҳуқуқии муштарак на ҳамеша барои қабули қарорҳои сиёсӣ кифоя мебошад.

Дар айни замон, ин ба вазъияте оварда мерасонад, ки дар он аз созишномаҳои амниятӣ ё вайрон кардани онҳо барои амнияти ҷаҳонӣ оқибатҳои ҷиддӣ дорад. Ин маънои онро дорад, ки онҳое, ки дар созишнома мемонанд, бояд ба вайронкунанда гузашт кунанд. Чунин вазъият заъфи тамоми иттиҳоди амниятиро нишон медиҳад. Он таҷдиди сохторро талаб мекунад, зеро аксарияти боқимонда метавонанд ба мушкилоте, ки аз хуруҷ ё рафтори нодурусти ҳар як тарафи дигар дар система ба вуҷуд меоянд, тоб оранд[5].

Ҷанги Россия ва Украина бевосита ба СААД таъсири худро гузоштааст. Зеро ҷанги миёни Россия ва Украина яке аз омилҳои асосие гардид, ки фаъолияти СААД-ро ба таври назаррас тағйир дод. Аз оғози низоъ аксари кишварҳои узви созмон сиёсати нисбатан бетарафиро интихоб намуданд. Онҳо аз иштирок дар амалиёти ҳарбӣ худдорӣ намуда, таъкид карданд, ки уҳдадориҳои СААД ба чунин ҳолат татбиқ намегардад. Ин вазъ нишон дод, ки СААД ҳамчун иттиҳоди низомӣ наметавонад ба ҳамаи масъалаҳои сиёсати хориҷии яке аз давлатҳои аъзо мавқеи ягона қабул намояд.

Бухрони Украина, ки дар моҳи феврали соли 2022 ба низои пурра табдил ёфт, шароити сиёсии байналмилалӣ ва низомию-стратегии фаъолияти СААД-ро ба таври назаррас тағйир дод. Таъсири рӯйдодҳои соли 2022 ба вазъияти геополитикӣ метавонад дар якчанд хулосаҳои калидӣ, ки барои фаҳмидани заминаи сиёсати хориҷии Созмон заруранд, ҷамъбаст карда шавад.

Аввалан, шиддат гирифтани вазъият дар Украина ба бӯҳрони аслии тартиботи ҷаҳонӣ табдил ёфт, ки пас аз анҷоми Ҷанги Сард ба вуҷуд омад. Дар давраи низоъ Штатҳои Муттаҳида ва муттаҳидонаш ба шикасти низомӣ ва хастагии иқтисодии Русия умед доштанд. Маскав, дар навбати худ, омодагӣ ва қобилияти худро барои идоракунии самараноки хароҷоти баланд барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ ва амнияти миллии худ нишон дод.

Дуюм, низои Украина боиси наздикшавии минбаъдаи байни Россия ва Чин гардид. Дар шароити мухолифатҳои системавӣ байни Россия ва кишварҳои Ғарб, «шарикии ҳамаҷониба ва ҳамкории стратегӣ дар давраи нав» ба як иттиҳоди мустаҳками байнидавлатӣ табдил ёфт, дар ҳоле ки ҳамкории байни Пекин ва Вашингтон манфӣ боқӣ мемонад.

Сеюм, низоъ дар атрофи Украина нақши Туркияро ҳамчун бозигари минтақавӣ ва ҷаҳонӣ тақвият дод. Дар шароити кунунӣ Анқара имкониятҳои наверо барои пешбурди сиёсати хориҷии мустақилтар ба даст овард, ки ҳамзамон мақоми худро дар НАТО тақвият дод ва муносибатҳои созандаро бо Россия нигоҳ дошт ва мавқеи худро дар Қафқоз ва Осиёи Марказӣ тақвият бахшид. Ниҳоят, вазъияти Украина бесамарии ниҳодҳои байналмилалӣ ва ғарбиро, ки барои пешгирӣ ва ҳалли чунин вазъиятҳо таъсис дода шудаанд, нишон дод ва эътимоднокии созишномаҳои бисёрҷониба ва заифии меъёрҳо ва қоидаҳои ба назар ноустуворро зери суол бурд[8].

Дар шароити кунунӣ, нигоҳ доштани фаъолияти СААД дар доираи узвияти кунунии он ба як мушкили асосӣ табдил меёбад. Айни замон дурнамои баромадан аз ин созмон танҳо дар Арманистон баррасӣ шудааст. Дар Изҳороте, ки роҳбарони кишварҳои СААД моҳи майи соли 2022 дар робита ба 30-солагии Паймони Тошканд ва 20-солагии Созмон имзо карда буданд, аҳамияти талошҳои кишварҳои узв дар нигоҳдории сулҳ ва амният дар минтақаи Авруосиё қайд карда шуда, ниятҳои СААД-ро барои беҳтар кардани минбаъдаи сохтори худ ва густариши фаъолияти худ дар соҳаҳои калидӣ таъкид кардааст.

Ғайр аз ин, таҳримҳои иқтисодии зидди Россия ба иқтисоди дигар кишварҳои аъзо низ таъсири муайян расониданд. Камшавии гардиши савдо, тағйирёбии масирҳои нақлиётӣ ва ноустувории бозорҳои молиявӣ ба ҳамкориҳои иқтисодии дохили созмон низ таъсир гузошт, ки масъалаи мутобиқ намудани фаъолияти СААД ба воқеияти нави геосиёсӣ аҳамияти бештар пайдо кард[9].

Мушкилоти дигари дохилӣ марбут ба ҳамкории байни СААД ва Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) аст, ки яке аз соҳаҳои хеле мушкили бидуни сиёсати байналмилалии СААД ба шумор меравад[2].НАТО СААД-ро ҳамчун шарикии баробар эътироф намекунад ва бо бештари аъзо алоқаҳои дуҷониба дорад[3]. Созмонҳои мазкур дар самти нуфуз ва таъсири амниятӣ дар минтақаи СААД, иҷрои вазифаҳо ва барномаҳои амниятӣ, дар интихоб ва ҷалб намудани дигар давлатҳо ба СААД ва барои аз шартномаи СААД баровардани кишварҳои ба СААД пайваст рақобат мебаранд. Бинобар ин созмонҳои номбурдаро метавон созмонҳои-мухолифи СААД дар минтақа шумурд.

Ҳамзамон аъзои фаъоли Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (минбаъд САҲА) ин Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва Британияи Кабир ба ҳисоб мераванд, ки ин кишварҳо аз солҳои қабли мухолифи ИҶШС буданд ва имрӯз Федератсияи Россияро ҳамчун кишвари ҳалкунандаи мушкилоти СААД медонанд ва бинобар ин бар зидди фаъолияти СААД бо таври пардапушона рақобат бурда истодаанд.

Рақобати ошкорое, ки аз тарафи САҲА ва НАТО бар зидди аъзои давлати пурқувати СААД – Федератсияи Россия гузаронида шуд, ин ҷалб кардани Федератсияи Россия дар ҷанг бо Украина, ки аз 22.02.2022 сол инҷониб идома дорад ва бо ин роҳ ба Россия зарбаи иқтисодии мустаҳкам зада истодаанд.

Бо роҳи пешгирифтаашон ба САҲА ва НАТО муяссар гашт, ки таваҷҷуҳи Россияро аз дигар кишварҳои СААД кам кунанд, ки ин метавонад ба пош хурдани СААД оварда расонад ва ё Созмонро заиф гардонанд, то ки дар ҳалли масъалаҳои амниятии ба миён меомада Россия қудрату тавоноии ҳалли ин масъалаҳоро надошта бошад.

**Хулоса.** Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мушкилоти асосии дохилии СААД аз омилҳои мухталиф аз қабили гуногунии манфиатҳои сиёсӣ ва геополитикӣ, номукаммалии механизми қабули қарорҳо, таъсири буҳронҳои байналмилалӣ, нобаробарии иқтидори иқтисодиву ҳарбӣ ва баъзе ихтилофҳои дохилӣ сарчашма мегиранд.

Бо вуҷуди ин ҳама мушкилот СААД ҳамоно яке аз институтҳои муҳими таъмини амнияти минтақаи Авруосиё боқӣ мемонад. Самаранокии фаъолияти минбаъдаи он аз сатҳи ҳамгироӣ, эътимоди мутақобилаи давлатҳои узв ва мутобиқшавии созмон ба таҳдидҳои нави амниятӣ вобаста хоҳад буд.

Натиҷаҳои кунунӣ метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъда дар бораи имкониятҳои ислоҳот дар дохили низоми амнияти дастаҷамъӣ хизмат кунанд. Аз ҷумла, омӯзиши минбаъда бояд ба такмили механизмҳои қабули қарорҳои дастаҷамъӣ, баланд бардоштани ҳамоҳангии сиёсӣ ва таҳкими эътимоди байни давлатҳои узв равона гардад. Зеро самаранокии низоми амнияти дастаҷамъӣ на танҳо аз иқтидори ҳарбӣ, балки аз мувофиқати мавқеъҳои сиёсӣ ва омодагии давлатҳо ба амалҳои муштарак вобаста мебошад. Оинномаи СААД ҳамоҳангсозии мавқеъҳои давлатҳои узв, рушди механизмҳои вокуниш ба буҳронҳо ва таҳкими ҳамкории иттилоотию ҳарбиро ҳамчун самтҳои муҳими фаъолияти созмон муайян мекунад.

**Адабиёт**


1. http://www.dkb.gov.ru .Сомонаи расмии СААД
2. Çakır, M., & Bakhronov, A. (2022). Legal Status and Features of the CSTO as an International Regional Organization. *Süleyman Demirel Üniversitesi Hukuk Fakültesi Dergisi*. https://doi.org/10.52273/sduhfd..1214415
3. Kornilenko, A. V., & Владимирович, К. А. (2020). Peacekeeping Potential of the Collective Security Treaty Organization.*Vestnik RUDN. International Relations*. https://doi.org/10.22363/2313-0660-2020-20-4-707-720
4. " .(PM GMT+1 12:31 23-02-Ron Popeski (2024Armenia freezes participation in Russia-led security bloc - Prime Minister"ию 15 :Дата обращения .февраля 2024 23 Архивировано .Reuters .ля 2026
5. Veresha, R., & Karpuntsov, V. (2026). International Security Institutions: Current Challenges and Prospects for Reform. *Space and Culture, India*. https://doi.org/10.20896/jmaatx63
6. Турлыбаева Д.Т. ОДКБ и ее развитие в условиях новых угроз безопасности // Международный .Сентябрь▪ (123) 9 № ▪исследовательский журнал-научно
7. ] .ении после отказа платитьВ ОДКБ пообещали начислить членский взнос АрмМанбаи электронӣ .:URL[https://www.rbc.ru/rbcfreenews/66920a649a7947c68ce6312b (Санаи дархост: 27.07.2026)
8. Евгений Троицкий, Сергей Юн, Анастасия Погорельская, Артем Данков // Перспективы развития ОДКБ в новых условиях. [Манбаи электронӣ] URL:.https://eurasian-studies.tsu.ru/analitika/publikatcii/perspektivy-razvitiia-odkb-v-novykh-usloviiakh/download/1270/file_ru (Санаи дархост: 29.07.2026)
9. Заявление Совета коллективной безопасности ОДКБ в связи с 30-летием Договора о коллективной безопас ности и 20-летием Организации Договора о коллективной безопасности. [Манбаи электронӣ]URL: https://odkb-csto.org/documents/statements/zayavlenie-soveta-kollektivnoy-bezopasnosti-organizatsii-dogovora-kollektivnoy-bezopasnosti-v-svya/#loaded (Санаи дархост: 28.07.2026)
10. .Мадбеков О.НҶумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) ]Манбаи электронӣ .:URL[https://anrt.tj/tj/khabar-o/1577-um-urii-to-ikiston-va-sozmoni-a-dnomai-amniyati-dasta-am-saad (Санаи дархост: 27.07.2026)
11. Навруз Каримов. Эффективность ОДКБ в условиях меняющейся системы региональной ] .безопасностиМанбаи электронӣ .:URL[https://cabar.asia/en/effectiveness-of-the-csto-in-the-context-of-the-changing-regional-security-system (202-07-Санаи дархост 236)
12. ОДКБ создает угрозы безопасности, существованию и суверенитету Армении .[Манбаи элетронӣ]URL:.https://newsarmenia.am/news/politics/odkb-sozdaet-ugrozy-bezopasnosti-sushchestvovaniyu-i-suverenitetu-armenii-pashinyan/?ysclid=ms5vvr70yp568016887 (Санаи дархост: 29.07.2026)
13. Пашинян допустил выход Армении из ОДКБ // [Манбаи электронӣ] URL:.https://ru.themoscowtimes.com/2024/06/12/pashinyan-obyavil-chto-armeniya-viidet-izodkb-a133783 (Санаи дархост: 29.07.2026)
14. Пашинян отказался подписывать декларацию по итогам саммита ОДКБ // [Манбаи электронӣ] URL:. https://www.rbc.ru/politics/23/11/2022/637e67d89a794715b6c15a44 (Санаи дархост: 29.07.2026)

## ВНУТРЕННИЕ ПРОБЛЕМЫ ОРГАНИЗАЦИИ ДОГОВОРА О КОЛЛЕКТИВНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА РЕГИОНАЛЬНУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ

В данной статье анализируются и обсуждаются основные внутренние проблемы Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) в контексте меняющейся международной обстановки. Авторы рассматривают причины политических разногласий между государствами-членами, трудности принятия совместных решений, влияние региональных кризисов на деятельность организации, а также перспективы дальнейшего развития ОДКБ. Особое внимание уделяется влиянию внутренних проблем организации на систему региональной безопасности и стратегические интересы организации. На основе анализа выдвигается ряд предложений по повышению эффективности деятельности ОДКБ и ее адаптации к новым угрозам безопасности.

**Ключевые слова:** ОДКБ, региональная безопасность, геополитика, государства-члены, интеграция, внутренние проблемы, политика безопасности

## INTERNAL PROBLEMS OF THE COLLECTIVE SECURITY TREATY ORGANIZATION AND THEIR IMPACT ON REGIONAL SECURITY

This article analyzes and discusses the main internal problems of the Collective Security Treaty Organization (CSTO) in the context of the changing international situation. The authors examine the causes of political disagreements between member states, the difficulties of making joint decisions, the impact of regional crises on the organization's activities, and prospects for the CSTO's further development. Particular attention is paid to the impact of the organization's internal problems on the regional security system and its strategic interests. Based on this analysis, a number of proposals are put forward for improving the CSTO's effectiveness and adapting it to new security threats.

**Keywords:** CSTO, regional security, geopolitics, member states, integration, internal problems, security policy

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Раҳимов Анваршо Зуҳурович,** ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо – и АМИТ. Суроға: ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи А. Навоӣ хонаи 15/4. Тел: 018117272. E-mail: anvarsorahimov016@gmail.com ORCID:0009-0004-5571-4657

**Шарифзода Искандар Иброҳим,** ходими илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо – и АМИТ. Суроға: ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи А Навоӣ 27/2. Тел: 186819999. E-mail: tojikfar10@mail.ru ORCID:0009-0007-9982-8316

**Сведения об авторах: Рахимов Анваршо Зухурович,** старший научный сотрудник отдель Содружества Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: г. Душанбе, н. Сино, улица А. Навои 15/4. Тел: 018117272. Электронная почта: anvarsorahimov016@gmail.comORCID:0009-0004-5571-4657

**Шарифзода Искандар Ибрахим.** научный сотрудник отдель Содружества Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: г. Душанбе, н. Сино, улица А. Навои 27/2. Тел: 18681999. Электронная почта: tojikfar10@mail.ru ORCID:0009-0007-9982-8316

**:About the author Rakhimov Anvarsho Zukhurovich,** Senior Researcher, Department of the Commonwealth of Independent States, Institute for the Study of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Dushanbe, Sino, st A. Navoi 15/4. Tel.: 018117272. E-mail: anvarsorahimov016@gmail.com ORCID:0009-0004-5571-4657

**Sharifzoda Iskandar Ibrohim.** Researcher, Department of the Commonwealth of Independent States Institute for the Study of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Dushanbe, Sino, st A. Navoi 27/2. Tel: 186819999. E-mail: tojikfar10@mail.ru ORCID:0009-0007-9982-8316

**УДК: 327 (55)**

# ЭРОН ВА КИШВАРҲОИ ХАЛИҶ ДАР МУҲИТИ ГЕОПОЛИТИКИИ РАҚОБАТИ ҚУДРАТҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА ҶАҲОНӢ

**Холназаров Назар Мирзоевич**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақолаи мазкур муҳити геополитикии Халиҷи Форс ва хусусиятҳои муносибатҳои байни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва кишварҳои соҳилии минтақа мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ба омилҳои сиёсӣ, геополитикӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва ҷуғрофӣ, ки ба муносибатҳои байнидавлатӣ таъсир мерасонанд, таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Нақши кишварҳои минтақа, аз ҷумла Эрон, Арабистони Саудӣ, Қатар, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Уммон дар равандҳои сиёсӣ ва амниятӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф муайян кардааст, ки муносибатҳои кишварҳои Халиҷи Форс дар баробари рақобат ва ихтилоф, дорои имкониятҳои ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ ва дипломатӣ мебошанд. Таъкид мегардад, ки муколамаи сиёсӣ, дипломатия ва миёнаравӣ метавонанд дар коҳиши танишҳо ва таҳкими суботи минтақавӣ нақши муҳим дошта бошанд.

***Калидвожаҳо:*** *Халиҷи Форс, Ҷумҳурии Исломии Эрон, геополитика, рақобати минтақавӣ, амнияти минтақа, дипломатия, кишварҳои арабии Халиҷ, тавозуни қудрат, энергетика, ҷазираҳо.*

***Муқаддима.*** *Халиҷи Форс яке аз минтақаҳои муҳими геополитикии ҷаҳон ба ҳисоб рафта, аҳаммияти он пеш аз ҳама ба мавқеи ҷуғрофӣ, захираҳои бузурги нафту газ, роҳҳои муҳими баҳрӣ ва ҷойгиршавии 8 кишвари соҳилии дорои нақшаҳои гуногуни сиёсӣ ва иқтисодӣ вобаста мебошанд.*

Муносибатҳои байни кишварҳои минтақа зери таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла рақобати қудратҳои минтақавӣ, масъалаҳои амниятӣ, захираҳои энергетикӣ, баҳсҳои марбут ба ҷазираҳо, гуногунрангии мазҳабӣ ва иштироки қудратҳои хориҷӣ қарор доранд. Ҳамзамон, кишварҳои минтақа дар баробари рақобат, барои рушди ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дипломатӣ низ имкониятҳои васеъ доранд.

***Методҳо.*** *Дар таҳқиқ усулҳои таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ, системавӣ ва геополитикӣ истифода шуданд. Бо истифода аз усули таърихӣ равандҳои ташаккули муносибатҳои кишварҳои Халиҷи Форс мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Усули муқоисавӣ барои муайян намудани хусусиятҳои сиёсати хориҷӣ ва мавқеъҳои геополитикии кишварҳои минтақа истифода гардид.*

Инчунин, усули таҳлилӣ барои баррасии маҷмӯи омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ, мазҳабӣ ва ҷуғрофӣ татбиқ шуд. Таҳлили геополитикӣ барои муайян намудани таъсири рақобати қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба тавозуни қудрат дар Халиҷи Форс истифода гардидааст.

***Натиҷаҳо.*** *Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки Халиҷи Форс аз ҷумлаи минтақаҳои муҳими стратегии ҷаҳон буда, мавқеи географии он, захираҳои бузурги нафту газ ва роҳҳои муҳими баҳрӣ ба аҳаммияти байналмилалии он мусоидат менамоянд.*

Муайян гардид, ки кишварҳои соҳилии Халиҷи Форс дар муҳити геополитикии минтақа мавқеъ ва нақшҳои гуногун доранд. Ҷумҳурии Исломии Эрон дар равандҳои сиёсӣ ва амниятӣ нақши назаррас дошта, муносибатҳои он бо кишварҳои арабии соҳилии Халиҷ ҳам давраҳои гуногунро дар бар мегиранд. Арабистони Саудӣ дар доираи Шӯрои ҳамкории кишварҳои арабии Халиҷ мавқеи муҳим дошта, таъсири назаррас ба равандҳои сиёсӣ ва амниятии минтақа мерасонад.

Таҳқиқ ҳамчунин нишон медиҳад, ки Қатар ва Уммон дар сиёсати минтақавӣ ба дипломатия, миёнаравӣ ва нигоҳ доштани тавозуни муносибатҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир

менамоянд. Аморoти Муттаҳидаи Араб низ дар сиёсати хориҷии худ барои таҳкими мавқеи геополитикӣ, нигоҳ доштани муносибатҳои стратегӣ ва густариши робитаҳои дипломатӣ кӯшиш менамояд.

**Ҳадафи таҳқиқ,** таҳлили мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва кишварҳои соҳилии Халиҷи Форс, муайян намудани омилҳои асосии таъсиргузор ба муносибатҳои байнидавлатӣ ва баррасии нақши дипломатия дар таҳкими суботи минтақавӣ мебошад.

***Муҳокима.*** *Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки муносибатҳои байни кишварҳои Халиҷи Форсро танҳо дар доираи рақобат ё ихтилоф баррасӣ кардан дуруст нест. Ин муносибатҳо хусусияти бисёрҷанба дошта, дар онҳо манфиатҳои миллӣ, омилҳои иқтисодӣ ва энергетикӣ, масъалаҳои амниятӣ, дипломатия ва рақобати геополитикӣ бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Дар шароити тағйирёбии муҳити байналмилалӣ, давлатҳои минтақа метавонанд тавассути муколамаи сиёсӣ, рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва эҳтироми манфиатҳои якдигар барои таҳкими суботи минтақавӣ саҳм гузоранд.*

Кишварҳои наздисоҳилии Халиҷи Форс: Ҷумҳурии Исломии Эрон (ҶИЭ), Ироқ, Кувайт, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (ШАС), Баҳрайн, Қатар, Аморoти Муттаҳидаи Араб (АМА) ва Уммон дар ташаккули муҳити сиёсӣ ва амниятии минтақа саҳми муайян доранд. Халиҷ тавассути тангаи Ҳурмуз ба халиҷи Уммон ва уқёнуси Ҳинд пайваст мешавад. Дар қисми шимолии он дарёи Шатт-ул-Араб, ки аз пайвастани дарёҳои Даҷла ва Фурот ба вуҷуд меояд, ба халиҷ мерезад.

Аҳаммияти геополитикии Халиҷи Форс пеш аз ҳама ба мавқеи ҷуғрофӣ, захираҳои бузурги нафту газ ва ҷойгиршавии он дар масири муҳими энергетикӣ ва тиҷорати байналмилалӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, минтақа на танҳо аҳаммияти иқтисодӣ, балки аҳаммияти стратегӣ ва геополитикӣ низ дорад.

Сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофии давраҳои гуногун, аз ҷумла «Ҷуғрофиё»-и Страбон ва «Ҳудуд-ул-олам мин-ал-Машриқ ила-л-Мағриб», “Ал-Алиғ-ал-Нафис” ва дигарҳо маълумоти муҳимро дар бораи ҷуғрофия ва номгузории ин минтақа пешниҳод мекунанд. «Ҳудуд-ул-олам», аз қадимтарин осори ҷуғрофӣ ба шумор меравад. Истифодаи номи «Халиҷи Форс» дар як қатор сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофӣ собиқаи таърихӣ дошта, барои омӯзиши таърихи ҷуғрофии минтақа аҳаммияти илмӣ дорад.

Дарозии хати соҳилии Эрон дар Халиҷи Форс, аз Бандар-Аббос то резишгоҳи Фао, тақрибан 1 375 км буда, 45,3 фоизи дарозии умумии хати соҳилии халиҷи мазкурро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда аз дарозии хати соҳилии шаш кишвари дигари соҳилии Халиҷи Форс дар якҷоягӣ бештар мебошад.

**Эрон** дар қисми шимолии Халиҷи Форс ҷойгир буда, дорои таърихи қадим ва мероси ғании фарҳангӣ мебошад. Инчунин Эрон бо ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, мавзеъҳои табиӣ ва гуногунии ҷуғрофии худ барои сайёҳӣ ва таҳқиқоти илмӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Хати соҳилии **Ироқ** дар Халиҷи Форс тақрибан 18,5 км буда, 0,6 фоизи дарозии умумии хати соҳилии Халиҷро ташкил медиҳад. Ироқ аз ҷумлаи кишварҳои соҳилии Халиҷи Форс буда, дорои захираҳои назарраси табиӣ, аз ҷумла нафту газ, инчунин мероси ғании таърихию фарҳангӣ мебошад. Ёдгориҳои қадимаи Бобул (Вавилон) ва Ур аз муҳимтарин мавзеъҳои таърихии кишвар ба шумор меравaнд. [3,67-82]

**Кувайт** яке аз кишварҳои соҳилии Халиҷи Форс буда, дорои захираҳои назарраси нафту газ ва иқтисоди калони ба бахши энергетикӣ вобаста мебошад. Кишвар дар даҳсолаҳои охир бо рушди инфрасохтори шаҳрӣ, сохтмони биноҳои баландошёна ва меъмории муосир фарқ мекунад. Ғайр аз ин, ин кишвар бо доштани соҳили зебо ва пухту пази хӯрокиҳои лазизи миллӣ машҳур гаштааст.

**Шоҳигарии Арабистони Саудӣ** калонтарин кишвар дар нимҷазираи Араб ба ҳисоб меравад. Кишвар дорои захираҳои бузурги нафту газ буда, бахши энергетикӣ дар иқтисодиёти он дар рушди кишвар нақши муҳим дорад. Дар қаламрави Арабистони Саудӣ ду шаҳри муқаддаси исломӣ, Маккаи Мукаррама ва Мадинаи Мунаввара ҷойгир буда, онҳо барои мусулмонон аҳаммияти бузурги динӣ ва таърихӣ доранд.

**Баҳрайн** яке давлатҳои муҳимми Халиҷ буда, дорои низоми муосири инфрасохторӣ ва бахши рушдёфтаи хизматрасонӣ мебошад. Кишвар ҳамчунин бо марказҳои тиҷоратӣ, иншооти муосири шаҳрӣ ва мероси таърихию фарҳангии худ шинохта мешавад.

**Қатар** кишвари дорои захираҳои бузурги нафту газ дар минтақа буда, дар даҳсолаҳои охир рушди босуръати иқтисодӣ ва инфрасохториро таҷриба кардааст. Давҳа, пойтахти кишвар, бо меъмории муосир, иншооти шаҳрӣ ва муассисаҳои фарҳангии худ, аз ҷумла Осорхонаи санъати исломӣ ва Осорхонаи миллии Қатар, яке аз марказҳои муҳими фарҳангӣ ва сайёҳии кишвар ба ҳисоб меравад.

**Амороти Муттаҳидаи Араб** (АМА) аз ҳафт аморат иборат буда, ҳар кадоми онҳо дорои сохторҳои идоракунии маҳаллӣ ва салоҳиятҳо дар соҳаҳои иқтисод, маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар бахшҳо мебошанд.

**Уммон** яке аз кишварҳои соҳилии ҷанубу шарқии нимҷазираи Араб буда, бо ҳифзи бахшҳои муҳими анъанаҳо ва мероси фарҳангии худ шинохта мешавад. Кишвар дорои манзараҳои гуногуни табиӣ, аз ҷумла биёбонҳо, кӯҳҳо ва соҳилҳои баҳрӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки захираҳои асосии стратегии минтақаи Халиҷи Форсро манбаъҳои энергетикӣ, пеш аз ҳама нафту газ, ташкил медиҳанд. Тибқи маълумоти геологию иқтисодӣ, мавҷудияти захираҳои бузурги энергетикӣ ба аҳаммияти геополитикии минтақа таъсири назаррас расонида, дар ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ, манфиатҳои давлатҳо ва равандҳои сиёсиву амниятии минтақа нақши муҳим дорад. Маҳз мавқеи ҷуғрофӣ ва захираҳои энергетикии он Халиҷро ба яке аз минтақаҳои муҳими низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил додааст.

Аз ҷиҳати забони муошират, ба истисnои ҶИЭ, аксари кишварҳои соҳилии Халиҷи Форс давлатҳои арабӣ мебошанд. Муштаракоти таърихию фарҳангӣ, пайванди динӣ ва истифодаи забони арабӣ дар миёни ин кишварҳо ба рушди робитаҳои гуногунҷанба мусоидат кардааст. Ҳамзамон, дар бархе аз онҳо шаклҳои монанд ё ҳамсонҳои идоракунии давлатӣ, аз ҷумла давлатдории шоҳигарӣ, ба назар мерасанд. Ин омилҳо, дар баробари манфиатҳои муштараки иқтисодӣ, ба густариши ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ дар сатҳи минтақавӣ мусоидат намудаанд.

Дар ҳамин минтақа Шӯрои ҳамкории давлатҳои арабии Халиҷ фаъолият мекунад, ки соли 1981 таъсис ёфтааст. Ба ҳайати он шаш давлат: Баҳрайн, Қатар, Кувайт, АМА, Салтанати Уммон ва ШОС дохил мешаванд. Шӯро ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятӣ миёни кишварҳои узв мусоидат мекунад. [2,67-82]

Ба гуфтаи коршиносон ва тахминҳои бархе муҳаққиқон, дар давраҳои қадим масоҳати Халиҷ аз имрӯз бештар буда, тақрибан 6 ҳазор сол пеш сатҳи оби укёнуси ҷаҳонӣ нисбат ба имрӯз баландтар будааст. Дар натиҷаи тағйироти табиии сатҳи об ва хатти соҳил, ҷуғрофияи минтақа низ дар давраҳои гуногун тағйир ёфтааст. Дар он давра соҳили шимолии Халиҷ то минтақаҳои наздики шаҳрҳои қадимаи Ур ва Эриду мерасидааст. Обҳои Халиҷи Форс асосан аз ҳисоби дарёҳои сероби қисми шимолии минтақа таъмин мешуданд. Аз ҷумла, дарёҳои Сеймерре, Карха, Дез, Корун, Ҷарроҳӣ, Зухра ва Манд ба низоми обии минтақа ворид шуда, тавассути Даҷла, Фурот ва Шатт-ул-Араб дар ҳудуди вилоят ё устонҳои Эрон: Хузистон, Бушаҳр ва Ҳурмузгон ба халиҷи Форсу баҳри Оман мерехтанд. Қисме аз ин дарёҳо аз қаторкӯҳҳои Загрос сарчашма мегиранд. [10, 3–45]

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ, то соли 1975 масъалаи марзбандӣ дар минтақаи дарёи Шатт-ул-Араб яке аз масъалаҳои баҳсноки муносибатҳои байни Эрон ва Ироқ ба ҳисоб мерафт. Пасон дар соли 1975, бо миёнаравии Президенти Алҷазоир Ҳуорӣ Бумедйен, миёни Муҳаммадризо Паҳлавӣ ва Саддом Ҳусейн созишнома оид ба муайян намудани марзи ду кишвар дар минтақаи Шатт-ул-Араб ба имзо расид. Мутобиқи ин Созишнома хати марз миёни Ироқу Эрон аз ҷои аз ҳама камобтари ҷараёни оби дарё мегузашт ва даҳсолаҳо боз Эрон ҳамин чизро мунтазир буд. Дар асоси ҳамин Созишнома, миёни ду кишвар қарордод оид ба марз ва муносибатҳои ҳамсоягии нек ба имзо расид. [5, 312–322]

Аз замонҳои қадим минтақаи мазкур (Халиҷи Форс) ҳамчун бозори марворид, бо истихроҷ ва тиҷорати марворид маъруф буд. Барои аҳолии соҳилнишин ҷамъоварӣ ва фурӯши марворид яке аз манбаъҳои муҳими даромад ба ҳисоб мерафт. Аз ибтидои асри XX, бо рушди саноати нафт, аҳаммияти иқтисодии марворид тадриҷан коҳиш ёфта, нафту маҳсулоти нафтӣ ба яке аз манбаъҳои асосии иқтисодии минтақа табдил ёфтанд.

Тибқи баъзе таҳлилҳо, ҶИЭ яке аз кишварҳои бузург ва таъсиргузори минтақа ба ҳисоб рафта, дар равандҳои сиёсӣ ва амниятии Халиҷи Форс нақши назаррас дорад. Муносибатҳои Эрон бо кишварҳои арабии соҳилии Халиҷ дар давраҳои гуногун зери таъсири омилҳои сиёсӣ ва геополитикӣ қарор дошта, ҳамзамон бо давраҳои гуногуни ҳамкорӣ, мавридҳои ихтилоф ва рақобати геополитикӣ низ ба назар мерасанд.

Дар бархе аз кишварҳои соҳилии Халиҷ ҷамоаҳои пайрави мазҳабӣ низ зиндагӣ мекунанд, ки қисми муҳими таркиби иҷтимоӣ ва мазҳабии минтақа ба шумор мераванд. Ҳузури ин ҷамоаҳо дар баробари дигар омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ташаккули муносибатҳои минтақавӣ нақши муайян доранд.

Бархе таҳлилгарон бар ин назаранд, ки рақобатҳои геополитикӣ миёни ИМА, Исроил ва Эрон ба сиёсати амниятии кишварҳои соҳилии Халиҷи Форс таъсир гузоштаанд. Дар чунин шароит, баҳсҳои минтақавӣ ба афзоиши хароҷоти низомӣ ва хариди силоҳ аз ҷониби давлатҳои минтақа мусоидат кардаанд. Аз ин рӯ, савдои силоҳ ва густариши ҳамкориҳои низомӣ бо кишварҳои соҳилии Халиҷи Форс ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати амниятӣ ва иқтисодии қудратҳои хориҷӣ дар минтақа табдил ёфтааст.

Ба андешаи бархи дигари таҳлилгарон, дар муносибатҳои минтақавӣ ва шароити гуногуни геополитикӣ ба ташаккули сиёсати амниятии баъзе кишварҳои минтақа таъсир мерасонад. Ҳамзамон, Халиҷи Форс дорои ҷазираҳои сершумор буда, аз лиҳози масоҳат ва аҳаммияти ҷуғрофию стратегӣ дар мизони геополитикӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Баъзе аз ин ҷазираҳо вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ ва масъалаҳои марбут ба мансубияти онҳо метавонанд ба пайдоиши баҳсҳо ва нофаҳмиҳо миёни кишварҳои минтақа мусоидат намоянд. Аз лиҳози геополитикӣ, ҷойгиршавии онҳо ба аҳаммияти стратегӣ ва мавқеи онҳо дар равандҳои геополитикии минтақавӣ меафзояд. Аз ин рӯ, баррасии ҷойгиршавӣ, масоҳат ва аҳолии ин ҷазираҳо барои дарки аҳаммияти геополитикии онҳо муҳим мебошад.

Бо вуҷуди ин, Халиҷи Форс дорои ҷазираҳои сершумори хурду бузург мебошад, ки ҷойгиршавӣ ва аҳаммияти стратегии онҳо ба мавқеи геополитикӣ ва манфиатҳои кишварҳои минтақа таъсир мерасонад:

1. Кешм-калонтарин ҷазира дар халиҷи Форс буда, ҳудуди он 1419 км.кв. мебошад. Аҳолияш наздик ба 80 000 нафарро дар бар мегирад;

2.Ҷазираи Ларек-худудаш 48,7 км.кв.,аҳолӣ 459 нафар (459 нафар мувофиқи маълумоти соли 1996;

3. Ҳурмуз-ҳудудаш 45 км,кв., аҳолӣ-4768 нафар (1996);

4. Хенгам-ҳудуд 50 км.кв.,аҳолӣ-389 нафар (1996);

5. Киш-ҳудуд-90 км.кв.аҳолӣ-16501 нафар-(2000);

6. Ҳендурабӣ-ҳудуд – 22, 8 км.кв., аҳолӣ-43 нафар (1996);

7. Лаван-худуд-76,8 км.кв.–аҳолӣ-686 нафар аҳолии муқимӣ, кормандони корхонаҳои коркарди нефт. Ҳамчунин паймонкорон-1700 нафар-(1996);

8. Харк-ҳудуд -21 км.кв.-аҳолӣ-7484 нафар-(1996), наздик ба 10 000 нафар кормандони даврай дар корхонаҳо ва коркарди нефт машғул ба коранд. Дар шароити идомаи низоъ миёни ИМА ва Эрон дар соли 2026, ин ҷазира аҳаммияти махсус дорад, зеро яке аз марказҳои муҳими содироти нафти Эрон ба шумор меравад. Дар ҳамин замина, метавон гуфт, ки ҷойгиршавии ҷазираи Харк барои таҳаввулоти низомию геополитикии минтақа аҳаммият дорад;

9. Шиф-ҳудуд-14км.кв.-аҳолӣ-3076 нафар (2001);

10. Абу-Мусо-ҳудуд 12. 8 км.кв-аҳолӣ -1038 нафар (2001).

Ҳамчунин, дар ҳудуди Халиҷи Форс як қатор ҷазираҳои хурду бузурги аҳолинишин ва ғайриаҳолинишин низ мавҷуданд, ки ба давлатҳои соҳилии минтақа, аз ҷумла Эрон, Кувайт, ШАС, Баҳрайн, Қатар, АМА ва Уммон тааллуқ доранд [5].

**Омилҳои геополитикии таъсиррасон ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар минтақаи Халиҷи Форс:**

Яке аз хусусиятҳои муҳими иҷтимоӣ ва мазҳабии кишварҳои арабии соҳилии Халиҷ гуногунрангии мазҳабии аҳолии онҳо мебошад. Дар бархе аз ин кишварҳо ҷамоаҳои назарраси мазҳаби зиндагӣ мекунанд, ки метавонад дар таҳлили муносибатҳои минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Ба назари мо, яке аз сарчашмаҳои асосии таниш миёни ИМА ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ба таҳаввулоти пас аз Инқилоби исломии соли 1979 ва тағйири муносибатҳои ду кишвар вобаста мебошад. Дар тӯли зиёда аз чаҳор даҳсола муносибатҳои Вашингтон ва Теҳрон бо буҳронҳои сиёсӣ, таҳримҳо, ихтилофоти амниятӣ ва рақобати минтақавӣ ҳамроҳ буданд. Ҳамчунин, рақобат ва танишҳо бо назардошти шарикии стратегии ИМА ва Исроил, ба ташаккули сиёсати Вашингтон дар минтақа таъсири муайян мерасонанд. Дар ин раванд мавқеъгирии мақомоти расмӣ, гурӯҳҳои сиёсӣ ва доираҳои гуногуни таъсиррасон дар ИМА метавонад ба ташаккули сиёсати хориҷии кишвар таъсир дошта бошад.

Илова бар ин, дар доираи Тафоҳумномаи Авраам, Баҳрайн раванди ба эътидол овардан ва густариши муносибатҳои дипломатӣ бо Исроилро оғоз намуд. Моҳи декабри соли 2022 Президенти Исроил Исҳоқ Ҳертсог бо даъвати Шоҳи Баҳрайн Ҳамад ибни Исо Оли Халифа ба Баҳрайн ташриф овард. Ин раванд яке аз намунаҳои тағйирёбии муносибатҳои сиёсӣ ва дипломатӣ дар Халиҷи Форс ба ҳисоб меравад.

Қатар яке аз давлатҳои дорои даромади баланди иқтисодӣ дар минтақаи Халиҷи Форс мебошад. Дар пойтахти Қатар — шаҳри Давҳа, 118 намояндагии дипломатӣ ва ду намояндагӣ бо мақоми махсус фаъолият доранд. Ҳамзамон, Қатар дар кишварҳои хориҷӣ 98 сафорат, 13 консулгарӣ ва ду намояндагии дипломатии дорои мақоми махсус дорад.

Қатар аз ҷумлаи кишварҳои дорои захираҳои бузурги гази табиӣ буда, инчунин дар истеҳсол ва содироти нафту маҳсулоти нафтӣ мавқеи муҳим дорад. Кишвар дар масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла дар мавриди буҳронҳои Либия, Судон, Сомалӣ, Чад ва Афғонистон, ба ҳайси миёнарав ва мусоидаткунандаи музокирот фаъолияти хуб нишон додааст. Дар қаламрави Қатар пойгоҳи низомии Амрико «Ал-Удайда» ҷойгир буда, он яке аз муҳимтарин иншооти низомии ИМА дар минтақа ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, дар қаламрави Қатар яке аз марказҳои муҳими фармондеҳии низомии ИМА, Маркази амалиёти ҳавоии муттаҳидаи СЕНТКОМ ҷойгир буда, дар ҳамоҳангсозии амалиёти низомии ИМА дар минтақаҳои Шарқи Миёна ва дигар самтҳои масъулияти фармондеҳӣ нақши муҳим дорад.

Қатар ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ ва амниятии худро бо Британияи Кабир, Фаронса ва як қатор кишварҳои дигари ғарбӣ густариш медиҳад, ки ин раванд дар таҳкими мавқеи геополитикии кишвар ва таъмини манфиатҳои амнияти он нақши муайян дорад. Дар сатҳи минтақавӣ бошад, ҳамкориҳои мудофиавӣ ва стратегӣ бо Туркия ба Қатар имконият медиҳанд, ки мавқеи худро дар низоми муносибатҳои геополитикии Халиҷи Форс ва Шарқи Миёна таҳким бахшад.

Қатар бо ҳукуматҳо ва ҷонибҳои сиёсии як қатор кишварҳо, аз ҷумла Либия, Сомалӣ ва Сурия, ҳамкориҳои сиёсӣ ва дипломатиро ба роҳ мондааст. Ҳамзамон, Қатар ҳамкориҳои иқтисодии худро, бахусус дар соҳаи энергетика, бо кишварҳои гуногун густариш медиҳад. Ҳузури низомии Туркия дар Қатар низ яке аз ҷанбаҳои ҳамкориҳои стратегии ду кишвар буда, ба мавқеи геополитикии Қатар дар минтақа таъсир мерасонад.

Қатар дар сатҳи байналмилалӣ талош менамояд имиҷи мусбат ва мавқеи худро ҳамчун давлати фаъол дар муносибатҳои байналмилалӣ таҳким бахшад. Яке аз намунаҳои чунин сиёсати «қудрати нарм» баргузории Ҷоми ҷаҳонии футбол дар соли 2022 буд, ки Қатарро ба маркази таваҷҷуҳи байналмилалӣ табдил дод. Ҳамчунин, «Qatar Airways» тавассути

сарпарастии варзишӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар муаррифии кишвар саҳм мегузорад. Ин иқдомҳо дар маҷмӯъ ба густариши дипломатияи ҷамъиятӣ, таҳкими имиҷи байналмилалӣ ва афзоиши нуфузи геополитикии Қатар мусоидат мекунанд.

Муносибатҳои АМА бо ҶИЭ дар солҳои охир зери таъсири як қатор омилҳои сиёсӣ, амниятӣ ва геополитикӣ қарор доштаанд. Яке аз омилҳои таъсиргузор ба муносибатҳои АМА ва Эрон барқарор гардидани муносибатҳои дипломатии АМА бо Исроил мебошад.

АМА инчунин бо ИМА дар соҳаҳои сиёсӣ, амниятӣ ва ҳарбӣ-техникӣ ҳамкориҳои васеъ дорад. Ҳузури низомии ИМА дар ин кишвар, аз ҷумла истифодаи иншооти низомӣ, яке аз ҷанбаҳои ҳамкориҳои стратегии ду давлат ба шумор меравад. Дар доираи талошҳои дипломатии ИМА барои ба эътидол овардани муносибатҳои арабӣ-исроилӣ, АМА соли 2020 муносибатҳои дипломатиро бо Исроил барқарор намуд. Баъдан миёни ду кишвар робитаҳои мустақими ҳавоӣ ва дигар шаклҳои ҳамкории иқтисодӣ ва дипломатӣ густариш ёфтанд. Ин равандҳо ба тағйирёбии тавозуни муносибатҳои геополитикӣ дар Халиҷи Форс ва Шарқи Миёна таъсири муайян расониданд [10].

Дар масъалаи Сурия, АМА аз ҳалли сиёсию дипломатии буҳрон ҷонибдорӣ намуда, талош кардааст мавқеи геополитикии худро дар раванди таҳаввулоти Сурия ва Шарқи Миёна таҳким бахшад. Барқарор намудани муносибатҳои дипломатии АМА бо Димишқ дар соли 2018 яке аз қадамҳои муҳим дар самти густариши робитаҳои он бо Сурия ба ҳисоб меравад. Ин раванд инчунин ба талошҳои АМА барои нигоҳ доштани тавозун дар муносибатҳои минтақавӣ ва тақвияти нақши мустақили худ дар Шарқи Миёна иртибот дорад.

Уммон дар низоми геополитикии Халиҷи Форс мавқеи нисбатан мустақил ва мутавозинро пайгирӣ менамояд. Кишвар кӯшиш мекунад муносибатҳои кориро ҳам бо Эрон ва ҳам бо давлатҳои арабии Халиҷ ва кишварҳои Ғарб нигоҳ дорад. Аз ин рӯ, мавқеи геополитикии Уммонро метавон ҳамчун сиёсати бетарафии фаъол, муколама ва нигоҳ доштани тавозуни минтақавӣ арзёбӣ кард.

Робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ба Уммон имконият медиҳанд, ки сиёсати хориҷии худро бо такя ба ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, АМА, ИМА ва Британияи Кабир, ки аз шарикони муҳими тиҷоратии он ба ҳисоб меравнад, пеш барад. Гуногунрангии робитаҳои иқтисодӣ ба таҳкими мавқеи геополитикии Масқат ва нигоҳ доштани тавозун дар муносибатҳо бо қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Дар соҳаи амниятӣ Уммон бо ИМА ва Британияи Кабир ҳамкориҳои наздик дорад. Масқат соли 1980 бо Британияи Кабир созишномаи ҳамкориҳои ҳарбӣ ба имзо расонида, ба яке аз кишварҳои фаъоли минтақа дар рушди чунин ҳамкориҳо табдил ёфт. Ҳамкориҳои низомии Уммон бо ИМА низ ба истифодаи баъзе иншооти фурудгоҳӣ ва баҳрӣ барои мақсадҳои логистикӣ ва амниятӣ иртибот доранд. Аз ҷумла, мавқеи ҷуғрофии Уммон дар наздикии гулӯгоҳи Ҳурмуз ба аҳаммияти стратегии он мусоидат намуда, ҳамкориҳои мазкурро дар самтҳои амнияти баҳрӣ, назорати ҳаракати киштиҳо ва омодагии низомӣ муҳим мегардонад.

Яке аз масъалаҳои муҳими муносибатҳои муҳимми минтақавии Эрон робитаҳо бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ мебошад. Арабистони Саудӣ аз рӯи шакли идоракунӣ шоҳигарӣ мебошад[7,168-179].

Дар Арабистони Саудӣ Қуръони маҷид ва суннати Паёмбар (с) аз сарчашмаҳои асосии низоми ҳуқуқӣ ба шумор мераванд ва қонунгузории кишвар бар пояи принсипҳои шариати исломӣ ташаккул ёфтааст. Аз соли 2015 Шоҳ Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд сарвари давлат буда, дар муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар нақши калидӣ дорад.

Имрӯз дар шаҳри Ар-Риёз 98 сафоратхона ва 59 консулгарии генералии кишварҳои хориҷӣ фаъолият мекунанд. Ҳамзамон, Арабистони Саудӣ дар хориҷи кишвар 120 сафоратхона ва консулгарии генералӣ, инчунин 6 намояндагӣ дар созмонҳои байналмилалӣ дорад. Дар ИМА бошад, Арабистони Саудӣ бо як сафоратхона ва се консулгарӣ намояндагӣ мешавад.

Ҳамзамон, мавҷудияти шаҳрҳои муқаддаси Макка ва Мадина дар Арабистони Саудӣ ба сиёсати хориҷӣ, нуфузи байналмилалӣ ва мавқеи геополитикии ин кишвар таъсири назаррас мерасонад. Ҷойгир будани ду маркази муқаддаси исломӣ ва масъулияти идоракунии онҳо ба Арабистони Саудӣ дар ҷаҳони ислом мавқеи махсуси динӣ, сиёсӣ ва дипломатӣ бахшида, барои густариши робитаҳои он бо кишварҳои мусулмонӣ имкониятҳои иловагӣ фароҳам меорад. Ҳамчунин, қароргоҳи Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) дар шаҳри Ҷидда ҷойгир буда, ин омил низ ба тақвияти нақши дипломатӣ ва геополитикии Арабистони Саудӣ дар ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳои мусулмонӣ бо кишварҳои хориҷӣ мусоидат мекунад.

Дар муносибатҳои минтақавӣ робитаҳои Арабистони Саудӣ ва Эрон яке аз масъалаҳои муҳими сиёсӣ, амниятӣ ва геополитикӣ ба ҳисоб меравconfigured. Мавқеи ду кишвар дар масъалаҳои минтақавӣ ба тавозуни қудрат ва равандҳои геополитикии Шарқи Миёна ва Халиҷи Форс таъсир мерасонад. Арабистони Саудӣ дар сиёсати кишварҳои арабии минтақа, бахусус дар доираи Шӯрои ҳамкории кишварҳои арабии Халиҷ, нақши муҳим дорад. Қароргоҳи Котиботи генералии ин Шӯро дар шаҳри ар-Риёз ҷойгир буда, он ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятии кишварҳои узвро ба уҳда дорад. Ин мавқеи Риёз ба он имкон медиҳад, ки дар ташаккули равандҳои сиёсӣ ва геополитикии минтақа нақши назаррас дошта бошад[4].

Шӯрои ҳамкории давлатҳои арабии Халиҷ соли 1981 дар шароити тағйироти сиёсию амниятии минтақа, таъсис ёфт. Яке аз омилҳои таъсиргузор ба ташаккули сиёсати амниятии кишварҳои узв нигаронӣ аз тағйирёбии тавозуни қудрат ва афзоиши нуфузи қудратҳои минтақавӣ, ба ҳисоб мерафт.[2]

Ҳамин тариқ, кишварҳои атрофи Халиҷи Форс дар муносибат бо кишварҳои атроф ва минтақа зери таъсири маҷмӯи омилҳои сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, мазҳабӣ ва геополитикӣ қарор доранд. Рақобати минтақавӣ, ихтилофоти сиёсӣ ва мазҳабӣ ба муносибатҳои байни давлатҳои минтақа ва ба тавозуни қудрат дар муҳити геополитикии Халиҷи Форс таъсир мерасонанд. Ҳамзамон, муносибатҳои кишварҳои ҳавзаи Халиҷ дар марҳилаҳои гуногун на танҳо бо рақобат ва ихтилоф, балки бо имкониятҳои ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ ва дипломатӣ низ тавсиф мешаванд.

**Хулоса.** Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки кишварҳои атрофи Халиҷи Форс дар шароити рақобатҳои сиёсӣ, геополитикӣ ва амниятӣ мавқеъ ва нақшҳои гуногунро ишғол менамоянд. Ин рақобатҳо ба равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятии минтақа таъсири муайян расонида, ба тавозуни қудрат ва самтҳои ҳамкории минтақавӣ таъсир мерасонанд. Ихтилофоти сиёсӣ ва мазҳабӣ, рақобат барои нуфуз, иштироки қудратҳои хориҷӣ ва омилҳои амниятӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки ба мураккаб шудани муҳити минтақавӣ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, таҷрибаи кишварҳое чун Қатар ва Уммон нишон медиҳад, ки муколамаи сиёсӣ, дипломатия ва миёнаравӣ метавонанд дар коҳиши танишҳо ва нигоҳ доштани тавозуни минтақавӣ нақши муҳим дошта бошанд. Дар шароити муосир, густариши ҳамкориҳои дипломатӣ, эҳтироми ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳалли ихтилофҳо бо роҳҳои сиёсӣ ва коҳиши рақобатҳои низомӣ метавонанд барои таҳкими субот ва рушди устувори кишварҳои Халиҷи Форс замина фароҳам созанд.

**Адабиёт:**

1.Капел Ж.Экспансия и закат исламизма.Россия, “Ладомир”,2014

2.Кириченко В. П. Совет сотрудничества арабских государств Персидского залива, история и современность. (обзор),электронный журнал, М., 2022. № 2. С.67-82

3.Кича М. В. Династия. Как устроена власть в современных арабских монархиях. М, 2021. 406

4.Можужан Е. С. Регион Персидского залива в мировой политики, истории и современностъ // Вестник Нижегородского университета им. И. И. Лобачевского. 2015. №1. С. 12-89

5.Примаков Е.М. Ближный Восток на сцене и за кулисами.М.,2016. С.312-316

6.Федорченко А.В.. От поколение к поколению: проблема преемственности власти в арабских монархиях.М., 2015, С. 168-179.

7. Routledge/Rethinking Asia and international Relations Series 2021-258 с.

8. Https //www.rdc.ru//19/09/2019/5d8327c9a794209117c.2f1

9. Холназаров Н.М. Эрони муосир, Душанбе, “Дониш” 2021,С.3-32

## ИРАН И СТРАНЫ ПЕРСИДСКОГО ЗАЛИВА В ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЙ СРЕДЕ СОПЕРНИЧЕСТВА РЕГИОНАЛЬНЫХ И МИРОВЫХ ДЕРЖАВ

В данной статье анализируются геополитическая среда Персидского залива и особенности отношений между Исламской Республикой Иран и прибрежными государствами региона. Особое внимание уделяется политическим, геополитическим, вопросам безопасности, экономическим и географическим факторам, влияющим на межгосударственные отношения. Рассматривается роль стран региона, в том числе Ирана, Саудовской Аравии, Катара, Объединённых Арабских Эмиратов и Омана, в политических процессах и обеспечении региональной безопасности.

Автором установлено, что отношения между странами Персидского залива наряду с соперничеством и противоречиями характеризуются возможностями для политического, экономического и дипломатического сотрудничества. Подчёркивается, что политический диалог, дипломатия и посредничество могут играть важную роль в снижении напряжённости и укреплении региональной стабильности.

***Ключевые слова:*** *Персидский залив, Исламская Республика Иран, геополитика, региональное соперничество, региональная безопасность, дипломатия, арабские государства Персидского залива, баланс сил, энергетика, острова.*

## IRAN AND THE GULF STATES IN THE GEOPOLITICAL ENVIRONMENT OF COMPETITION AMONG REGIONAL AND GLOBAL POWERS

This article analyzes the geopolitical environment of the Persian Gulf and the characteristics of relations between the Islamic Republic of Iran and the coastal states of the region. Particular attention is given to political, geopolitical, security, economic, and geographical factors influencing interstate relations. The role of regional states, including Iran, Saudi Arabia, Qatar, the United Arab Emirates, and Oman, in political and security processes is examined.

The author finds that relations among the Persian Gulf states, alongside competition and disagreements, also offer opportunities for political, economic, and diplomatic cooperation. It is emphasized that political dialogue, diplomacy, and mediation can play an important role in reducing tensions and strengthening regional stability.

***Keywords:*** Persian Gulf, Islamic Republic of Iran, geopolitics, regional competition, regional security, diplomacy, Arab states of the Persian Gulf, balance of power, energy, islands.

**Дар бораи муаллиф**: Холназаров Назар Мирзоевич, ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел.: (+992) 501 99 50 33.ORCID : 0009-0007-9354-2448

**Об авторе**: Холназаров Назар Мирзоевич, научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33. Тел.: (+992) 501 99 50 33.ORCID : 0009-0007-9354-2448

**About the author**: Kholnazarov Nazar Mirzoevich, senior researcher at the Institute for Asian and European Studies of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 33. Tel.: (+992) 501 99 50 33.ORCID : 0009-0007-9354-2448

**УДК: УДК: 327(48)+**

# ТАШАККУЛИ ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВИИ БИСЁРСАМТӢ ВА ҶОЙГОҲИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР АФЗАЛИЯТҲОИ СТРАТЕГИИ ТОҶИКИСТОН

**Асламшозода Фотима Асламшо**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мақолаи мазкур ба таҳлили заминаҳои назариявии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷойгоҳи стратегии Федератсияи Россия дар ин низом бахшида шудааст. Муаллиф таҳаввули консепсияи «дарҳои боз»-ро ҳамчун меҳвари дипломатияи давлатӣ, ки дар асарҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон асоснок гардидааст, баррасӣ менамояд. Дар мақола қайд мешавад, ки сиёсати бисёрвекторӣ на танҳо як маневри тактикӣ, балки доктринаи дарозмуддат барои таъмини соҳибихтиёрии миллӣ мебошад. Таҳлили муқоисавии Консепсияҳои сиёсати хориҷии солҳои 2002 ва 2015 нишон медиҳад, ки афзалиятҳои кишвар аз марҳилаи барқарорсозӣ ба марҳилаи пешбурди фаъолонаи манфиатҳои миллӣ гузаштаанд. Ҷойгоҳи Федератсияи Россия дар мақола ҳамчун шарики табиӣ ва стратегии рақами яки Тоҷикистон маънидод мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳамкориҳои низомӣ ва ҳузури пойгоҳи 201-и Россия кафили асосии субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошанд. Дар баробари амният, ҷанбаҳои иқтисодии муносибатҳо, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ ва сармоягузорӣ, ҳамчун омилҳои муҳими рушди устувор арзёбӣ мегарданд. Наздикии фарҳангӣ-таърихӣ ва нақши забони русӣ дар мақола ҳамчун абзорҳои «қудрати нарм» барои таҳкими эътимоди мутақобила баррасӣ мешаванд. Инчунин, дар асар аҳаммияти иқтисодикунонии сиёсати хориҷӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ аз манбаъҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф нишон медиҳад, ки Тоҷикистон тавассути дипломатияи фаъол дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонии об ва иқлим нақши калидӣ мебозад. Сиёсати бисёрсамтӣ ба кишвар имкон медиҳад, ки дар байни марказҳои қудрати ҷаҳонӣ тавозуни манфиатҳоро ба таври муассир нигоҳ дорад. Дар мақола исбот мешавад, ки шарикии стратегӣ бо Россия ба принсипҳои баробарҳуқуқӣ ва суди мутақобила асос ёфтааст.

Мавқеи геополитикии Тоҷикистон дар ҳамсоягӣ бо Афғонистон зарурати ин иттиҳоди стратегиро боз ҳам қавитар мегардонад. Дар фарҷом хулоса мешавад, ки омезиши прагматизм ва арзишҳои гуманитарӣ заминаи асосии муваффақияти сиёсати хориҷии кишварро ташкил медиҳад. Ин таҳқиқот барои фаҳмидани равандҳои муосири дипломатияи тоҷик ва дурнамои муносибатҳои Тоҷикистону Россия аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати хориҷӣ, Тоҷикистон, сиёсати «дарҳои боз», бисёрвекторӣ, Эмомалӣ Раҳмон, Федератсияи Россия, шарикии стратегӣ, амнияти минтақавӣ, соҳибихтиёрӣ, прагматизм, дипломатияи об, муҳоҷирати меҳнатӣ, манфиатҳои миллӣ, Осиёи Марказӣ, «қудрати нарм».*

**Пешгуфтор**. Консепсияи «дарҳои боз» ва сиёсати бисёрсамтӣ ҳамчун таҳкурсии назариявии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асоснок гардида, воситаи муассири ҳифзи соҳибихтиёрии миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошанд. Ин доктринаи стратегӣ имкон дод, ки кишвар аз инзивои геополитикӣ баромада, муносибатҳои мутақобилан судмандро бо марказҳои мухталифи қудрат таҳия намояд. Дар ин низом, Федератсияи Россия ҳамчун шарики табиии стратегӣ ва кафили амнияти минтақавӣ ҷойгоҳи калидиро ишғол мекунад. Мақолаи мазкур таҳаввули ин заминаҳои назариявӣ ва нақши меҳварии ҳамкориҳои прагматикиву гуманитариро бо Россия дар татбиқи афзалиятҳои стратегии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

**Мавод ва усулҳо.** Асоси маводи таҳқиқотро манбаъҳои зерин: санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Консепсияҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002 ва

2015), паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ва созишномаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россия ташкил медиҳанд.

Асарҳои назариявиро асари бисёрҷилдаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», «Тоҷикон дар оинаи таърих», ки заминаҳои фалсафии сиёсати хориҷиро муайян мекунанд, монография ва мақолаҳои олимони ватанӣ (З. Сайидзода, А. Сатторзода, Ҳ. Холиқназар ва дигарон), инчунин гузоришҳои марказҳои таҳлилии байналмилалӣ, ташкил дод.

Ҷиҳати муайян кардани таҳаввули авлавиятҳои стратегӣ дар Консепсияҳои соли 2002 ва 2015 методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шуд. Барои омӯзиши нутқҳо ва баромадҳои расмии роҳбарияти давлат ва муайян кардани басомади мафҳумҳои «дарҳои боз», «бисёрсамтӣ» ва «шарикии стратегӣ» таҳлили мазмунӣ сурат гирифт. Барои баррасии раванди ташаккули сиёсати хориҷӣ аз марҳилаи барқарорсозии пас аз низоъ то давраи муосир методи таърихӣ ва мантиқӣ истифода шуд. Муносибати системавӣ зоҳир шуда, сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамчун як системаи воҳид баррасӣ шуд, ки дар он ҷанбаҳои амниятӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ бо ҳам алоқамандии зич доранд. Барои муайян кардани нақши ҷойгиршавии ҷуғрофии Тоҷикистон дар робита ба Афғонистон ва таъсири он ба муносибатҳои Тоҷикистону Россия методи таҳлили геополитикӣ истифода шуд. Ин равиш имкон дод, ки сиёсати бисёрсамтии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун як амалияи дипломатӣ, балки ҳамчун як доктринаи мукаммали илмӣ ва назариявӣ баррасӣ карда шавад.

Консепсияи «дарҳои боз» яке аз принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар шароити ташаккули давлати соҳибистиқлол пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омадааст. Он муносибати прагматикӣ, сулҳҷӯёна ва бисёрҷонибаро ба муносибатҳои байналмилалӣ инъикос намуда, ба таъмини соҳибихтиёрии миллӣ, тамомияти арзӣ ва рушди устувори кишвар дар вазъияти мураккаби геополитикии Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст. Истилоҳи «дарҳои боз» омодагии Тоҷикистонро барои ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд бо тамоми давлатҳои ҷаҳон, сарфи назар аз мавқеи ҷуғрофӣ, сохти сиёсӣ ё тафовутҳои идеологии онҳо, дар асоси баробарҳуқуқӣ, эҳтироми якдигар ва манфиатҳои дуҷониба дар назар дорад [7].

Сиёсати «дарҳои боз» на ҳамчун як эъломияи ногаҳонӣ, балки ҳамчун посухи огоҳона ба чолишҳои давраи гузари солҳои 1990-ум, аз ҷумла пайомадҳои ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони иқтисодӣ ва таҳдидҳо ба амнияти минтақавӣ (пеш аз ҳама вобаста ба вазъи Афғонистон) пайдо шуд. Дар ин давра Тоҷикистон ба гуногунсамтии робитаҳои хориҷӣ ниёз дошт, то аз инзиво ва вобастагии аз ҳад зиёд ба як бозигари беруна пешгирӣ кунад. Тасдиқи расмии ин консепсия бо қабули нахустин Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2002 (Фармони Президент № 900 аз 24 сентябри соли 2002) сурат гирифт. Дар ин ҳуҷҷат принсипи «дарҳои боз» ҳамчун унсури бунёдии дипломатияи давлатӣ ворид карда шуд [13,22-24].

Таҳлили ҳуҷҷатҳои расмӣ нишон медиҳад, ки ин консепсия аз як принсипи эъломиявӣ ба абзори амалии сиёсати хориҷӣ табдил ёфтааст. Дар Консепсияи соли 2015 (Фармони Президент № 332 аз 27 январи соли 2015) ин принсип тасдиқ ва васеъ карда шуд: «Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои боз», сулҳҷӯёна ва беғараз мебошад». Ҳуҷҷати мазкур таъкид мекунад, ки ҳангоми татбиқи ин сиёсат Тоҷикистон омода аст муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо тамоми кишварҳои наздику дур дар асоси эҳтироми ҳамдигар, баробарҳуқуқӣ ва эътирофи манфиатҳои дуҷониба густариш диҳад [6].

Нақши ин консепсия дар таъмини соҳибихтиёрии миллӣ аз эҷоди механизми тавозуни манфиатҳо иборат аст. Ба шарофати сиёсати «дарҳои боз» Тоҷикистон тавонист шарикии худро диверсификатсия кунад, кӯмакҳои байналмилалӣ, сармоя ва технологияҳоро ҷалб намояд ва инчунин дар фаъолияти СММ, СҲШ, СААД ва дигар сохторҳои бисёрҷониба фаъолона иштирок кунад. Ин имкон дод, ки хатарҳои вобастагии якҷониба ба ҳадди ақал расонида шуда, мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ мустаҳкам гардад [5].

Дар асарҳои Президент Эмомалӣ Раҳмон ва паёмҳои расмӣ таъкид мешавад, ки сиёсати «дарҳои боз» бетарафии ғайрифаъол нест, балки дипломатияи фаъол, прагматикӣ ва пешгӯишаванда мебошад. Он ба барқарор намудани муносибатҳои самимӣ ва дӯстона бо бисёр кишварҳои ҷаҳон мусоидат мекунад, ки ин барои кишвари аз назари ҳудуд ва захираҳо начандон бузург, ки дар минтақаи аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, вале ноустувор воқеъ аст, аҳамияти хос дорад [10].

Татбиқи амалии консепсия дар тавсеаи намояндагиҳои дипломатӣ, афзоиши шумораи созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, инчунин дар ташаббусҳо оид ба масъалаҳои глобалӣ, аз қабили дипломатияи об, тағйирёбии иқлим ва рушди устувор зоҳир гардид. То солҳои 2020-ум Тоҷикистон бо қариб тамоми давлатҳои аъзои СММ муносибатҳои дипломатӣ барқарор кард, ки ин натиҷаи бевоситаи истифодаи пайвастаи принсипи «дарҳои боз» гардид [16, 285]. Аз нигоҳи назариявӣ, консепсия дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ - принсипҳои баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилӣ ва ҳамзистии осоишта реша дорад. Бархилофи бетарафии классикӣ, модели тоҷикии «дарҳои боз» динамикӣ ва мутобиқшаванда буда, имкон медиҳад, ки сиёсати бисёрсамтӣ бо афзалиятҳои дақиқи миллӣ омезиш дода шавад [1].

Муҳаққиқони ватанӣ қайд мекунанд, ки сиёсати «дарҳои боз» дар давраи пас аз низоъ нақши калидии суботофарро бозид. Он ба ҷалби кӯмакҳои башардӯстона ва техникӣ, рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва таҳкими амнияти сарҳадҳо тавассути ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат намуд [21]. Дар заминаи ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) ва минтақагароӣ, ин консепсия ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар байни марказҳои мухталифи қудрат — Русия, Чин, ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои олами ислом ба таври муассир маневр кунад. Ин на танҳо манфиатҳои иқтисодӣ, балки чандирии сиёсиро низ дар ҳалли масъалаҳои суботи минтақавӣ таъмин менамояд [3].

Таҳлили муқоисавии Консепсияҳои солҳои 2002 ва 2015 пайвастагӣ ва рушди ин принсипро нишон медиҳад. Агар дар консепсияи аввал диққати асосӣ ба рафъи пайомадҳои инзиво (бунбаст) нигаронида шуда бошад, пас дар консепсияи дуюм — ба пешбурди фаъолонаи манфиатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳони бисёрқутбӣ, аз ҷумла иқтисодикунонии сиёсати хориҷӣ ва иштирок дар ташаббусҳои ҷаҳонӣ тамаркуз шудааст [13,22-25].

Яке аз дастовардҳои калидии ин сиёсат табдил ёфтани Тоҷикистон аз давлати дорои низои дохилӣ ба иштирокчии фаъоли равандҳои байналмилалӣ мебошад. Кишвар бо ташаббусҳои ҷаҳонӣ оид ба захираҳои об (Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об - 2013, Даҳсолаи амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018–2028) баромад кард, ки ин ба шарофати муколамаи бозу созанда бо тамоми шарикон имконпазир гардид [5].

Мавқеи геополитикии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҳаммарз бо Афғонистон, сиёсати «дарҳои боз»-ро барои таъмини амният махсусан муҳим мегардонад. Тавассути форматҳои бисёрҷониба Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба таҳдидҳои терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир ҷалб намуда, бе осеб расонидан ба соҳибихтиёрии худ дастгирӣ мееёбад [1]. Дар ченаки иқтисодӣ, консепсия ба эҷоди фазои мусоиди сармоягузорӣ мусоидат намуд. Реҷаи мусоидат ба сармоягузориҳои хориҷӣ, ки дар доираи «дарҳои боз» эълон шудааст, шариконро аз Осиё, Аврупо ва Шарқи Наздик ҷалб намуда, ба татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ замина гузошт [13, 27]. Ҷанбаи гуманитарии сиёсат дар ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа, рушди робитаҳои фарҳангӣ ва таълимӣ зоҳир мегардад. Ин «қудрати нарм»-и Тоҷикистонро таҳким бахшида, ба ташаккули симои мусбати кишвар дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад [8].

Мунаққидон баъзан қайд мекунанд, ки дар шароити шиддат гирифтани рақобатҳои геополитикӣ, сиёсати «дарҳои боз» барои нигоҳ доштани тавозун ислоҳоти доимиро талаб мекунад. Аммо мавқеи расмӣ таъкид менамояд, ки ин принсип ҳамчун механизми самарабахши ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар дурнамои дарозмуддат боқӣ мемонад [1].

Дар паёмҳои Президент Эмомалӣ Раҳмон пайвастагии ин сиёсат борҳо таъкид шудааст: «Кишвари мо дар асоси сиёсати хориҷии «дарҳои боз»-и худ ба тавсеа ва рушди

муносибатҳои дӯстона, ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва созандаи дуҷонибаву бисёрҷониба бо тамоми кишварҳои ҷаҳон омода аст». Ин гуфтаҳо хусусияти бунёдии консепсияи мазкурро тасдиқ мекунанд [12].

Асосноккунии назариявӣ дар илми ватанӣ «дарҳои боз»-ро бо равияҳои реализм ва неолиберализм дар муносибатҳои байналмилалӣ мепайвандад, ки дар онҳо ҳисоби прагматикии манфиатҳои миллӣ бо ғояҳои ҳамкории осоишта ва суди мутақобила тавъам мебошанд [16,285].

Натиҷаҳои амалии ин сиёсат дар афзоиши шумораи ташкилотҳои байналмилалии дар шаҳри Душанбе аккредитатсияшуда, зиёд шудани ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ ва кӯмакҳои башардӯстона баръало мушоҳида мешаванд. Тоҷикистон ба як шарики эътирофшуда дар ҳалли мушкилоти глобалӣ табдил ёфтааст. Дар шароити чолишҳои муосир, тағйирёбии иқлим, муҳоҷират ва низоъҳои минтақавӣ консепсияи «дарҳои боз» ҳамчун таҳкурсии боэътимод хидмат намуда, ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки мустақилияти стратегии худро ҳифз кунад ва ба рӯзномаи ҷаҳонӣ фаъолона таъсир расонад [2].

Консепсияи «дарҳои боз» на танҳо асоси доктринаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузошт, балки самаранокии худро ҳамчун воситаи таъмини соҳибихтиёрӣ, субот ва рушди устувор дар ҷаҳони бисёрқутбӣ исбот кард. Татбиқи пайвастаи он таҳти роҳбарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба кишвар имкон дод, ки дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҷойи сазоворро ишғол намояд.

Сиёсати бисёрсамтӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати стратегиест, ки ба тавозуни манфиатҳо байни марказҳои мухталифи қудрати ҷаҳонӣ барои таъмини соҳибихтиёрии миллӣ, рушди устувор ва суботи минтақавӣ нигаронида шудааст. Ин принсип дар асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асоснок карда шудааст, ки дар онҳо на ҳамчун як маневри тактикӣ, балки ҳамчун доктринаи дарозмуддат, ки прагматизмро бо принсипҳои сулҳҷӯӣ ва баробарҳуқуқӣ омезиш медиҳад, муаррифӣ мегардад [18].

Дар нашри бисёрҷилдаи бунёдии «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» Эмомалӣ Раҳмон заминаи фалсафии бисёрсамтиро гузошта, таъкид мекунад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бисёрқутбӣ ягон кишвар, махсусан кишваре, ки дар минтақаи аз назари геополитикӣ мураккаб воқеъ аст, наметавонад танҳо ба як самт такя кунад. Пешвои миллат далел меорад, ки тавозуни манфиатҳо имкон медиҳад, ки захираҳо, технологияҳо ва сармоягузориҳо аз манбаъҳои гуногун ҷалб карда шуда, хатарҳои вобастагӣ коҳиш ёбанд ва ба рушди ҳамаҷонибаи давлат мусоидат намоянд.

Дидгоҳҳои назариявии Эмомалӣ Раҳмон аз тамаркуз ба барқарорсозии пас аз низоъ ва ҳамгирой дар доираи ИДМ дар солҳои 1990-ум ба фарогирии васеътари глобалӣ дар солҳои 2000-ум таҳаввул ёфтанд. Дар маҷмӯаи нутқҳо ва баромадҳо, аз қабили «Оид ба масъалаҳо ва ташаббусҳои муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ӯ ғояи бисёрсамтиро ҳамчун механизми ҳифзи манфиатҳои миллӣ тавассути диверсификатсияи шарикӣ бидуни муқовимат инкишоф медиҳад [22].

Муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла А. Сатторзода, дар асарҳояш таҳлили амиқ гузаронида, бисёрсамтиро ҳамчун синтези парадигмаҳои реалистӣ ва либералии муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ мекунанд. А. Сатторзода таъкид мекунад, ки ин муносибат ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар байни имкониятҳои иқтисодии Шарқ ва бартариҳои технологии Ғарб маневр кунад [16].

З.Ш. Сайидзода дар монографияҳои худ, ки ба 25-солагӣ ва 35-солагии сиёсати хориҷии Президент бахшида шудаанд, муфассал меомӯзад, ки чӣ тавр асарҳои Эмомалӣ Раҳмон заминаи консептуалиро барои тавозун ташаккул додаанд. Ӯ қайд мекунад, ки бисёрсамтӣ ин бетарафӣ нест, балки мавқеи фаъолест, ки ба амалӣ намудани афзалиятҳои миллӣ дар соҳаи обу энергетика, амният ва ҳамгироии иқтисодӣ нигаронида шудааст [14].

Дар асарҳои Эмомалӣ Раҳмон робитаи бисёрсамтӣ бо принсипи «дарҳои боз» ҷойи махсусро ишғол мекунад. Дар паёмҳо ба парламент ва баромадҳои байналмилалӣ Пешвои

миллат далел меорад, ки ин тавозун пешгӯишавандагии сиёсати хориҷиро таъмин намуда, ба ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва иштирок дар ташаббусҳои глобалӣ, аз қабили дипломатияи об, мусоидат мекунад [9].

Илми ватанӣ ин ғояҳоро тавассути призмаи контексти таърихӣ инкишоф медиҳад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ва мақолаҳо таъкид мешавад, ки бисёрсамтӣ ҳамчун посух ба чолишҳои геополитикии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла таъсири қудратҳои бузург, ба вуҷуд омада, ба Тоҷикистон имкон дод, ки мустақилияти стратегиро ҳифз кунад.

Эмомалӣ Раҳмон дар корҳои худ бисёрсамтиро тавассути категорияи манфиатҳои миллӣ асоснок мекунад, ки дар он диверсификатсияи иқтисодӣ бо робитаҳои гуманитарӣ ва фарҳангӣ пурра мегардад. Ин системаи бисёрсатҳаи шарикиро аз форматҳои дуҷониба то бисёрҷониба дар доираи СММ, СҲШ ва СААД ба вуҷуд меорад [11].

А. Сатторзода таҳаввули асосҳои назариявиро таҳлил намуда, гузариш аз марҳилаи эъломиявӣ дар Консепсияи соли 2002 ба татбиқи амалӣ дар Консепсияи соли 2015-ро нишон медиҳад, ки дар он ҷо бисёрсамтӣ ҳамчун усули асосии ноил шудан ба манфиатҳои олии давлатӣ мустаҳкам карда шудааст. Дар маҷмӯаи нутқҳои Эмомалӣ Раҳмон тамаркуз ба тавозуни прагматикӣ мушоҳида мешавад: ҳамкорӣ бо Русия дар соҳаи амният, бо Чин дар соҳаи инфрасохтор, бо Иттиҳоди Аврупо ва ИМА дар соҳаи технология ва ислоҳот. Чунин муносибат хатарҳоро кам ва фоидаҳоро барои рушд ба ҳадди аксар мерасонад [11].

Муаллифони ватанӣ, аз ҷумла В.В. Дубовитский ва Ҳ. Холиқназар, заминаи назариявиро бо таҳлили ҷанбаи минтақавӣ пурра мекунанд. Онҳо бисёрсамтиро ҳамчун абзори мӯътадилсозии Осиёи Марказӣ тавассути пешгирии бартарии як бозигар баррасӣ мекунанд [16].

Асарҳои назариявии Пешвои миллат нақши ҳувияти фарҳангӣ-таърихиро дар бисёрсамтӣ таъкид мекунанд. Дар «Тоҷикон дар оинаи таърих» ва нашрҳои баъдӣ, Раҳмон тавозуни сиёсати хориҷиро бо эҳёи худшиносии миллӣ мепайвандад, ки ин мавқеи кишварро дар арсаи байналмилалӣ қавӣ мегардонад [18].

З.Ш. Сайидзода дар таҳқиқоти худ мафҳуми «иқтисодикунонии» сиёсати хориҷиро ҳамчун унсури калидии бисёрсамтӣ ворид мекунад, ки дар асарҳои Президент асоснок шудааст. Ин афзалият додан ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ аз манбаъҳои гуногунро дар назар дорад. Эмомалӣ Раҳмон назарияи дипломатияи пешгирикунандаро дар заминаи бисёрсамтӣ, махсусан дар мавриди таҳдидҳо аз Афғонистон инкишоф медиҳад. Дар баромадҳо дар СММ ва дигар форумҳо ӯ зарурати ҷалби васеи байналмилалиро барои таъмини амният асоснок мекунад.

Дар нашрияҳои илмии муҳаққиқони тоҷик бисёрсамтӣ тавассути назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун омезиши неореализм (тавозуни қувваҳо) ва конструктивизм (ҳувият ва меъёрҳо) шарҳ дода мешавад. Ин имкон медиҳад, ки сиёсат ба воқеиятҳои тағйирёбандаи ҷаҳонӣ мутобиқ карда шавад [7].

Асарҳои Эмомалӣ Раҳмон тавсияҳои амалиро оид ба татбиқи тавозун дар бар мегиранд: рушди дипломатияи бисёрҷониба, иштирок дар ташаббусҳои глобалии иқлим ва об ҳамчун платформа барои муколамаи баробарҳуқуқ бо тамоми марказҳои қудрат. Монографияҳои муҳаққиқони ватанӣ мустаҳкамкунии институтсионалии назарияро таъкид мекунанд: таъсиси идораҳои соҳавӣ ва намояндагиҳои дипломатӣ ифодагари дастурҳои назариявии Пешвои миллат мебошанд [4].

Таҳлили баромадҳои Президент нишон медиҳад, чӣ тавр бисёрсамтӣ аз зинда мондан дар солҳои 1990-ум ба пешбурди фаъолонаи манфиатҳо дар солҳои 2010–2020, аз ҷумла ташаббусҳо оид ба «Даҳсолаи об» таҳаввул ёфтааст. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки асосноккунии назариявӣ дар асарҳои Э. Раҳмон бо комилияти худ фарқ мекунад: амният, иқтисод ва соҳаи гуманитарӣ дар як системаи ягонаи тавозун муттаҳид шудаанд. Асарҳои Эмомалӣ Раҳмон ва корҳои олимони ватанӣ платформаи мукаммали назариявии бисёрсамтиро ҳамчун стратегияи динамикии тавозуни манфиатҳо ташаккул медиҳанд. Ин

доктрина ба Тоҷикистон дар ҷаҳони бисёрқутбӣ чандириро таъмин намуда, садоқатро ба принсипҳои соҳибихтиёрӣ ва суди мутақобила нигоҳ медорад.

Федератсияи Русия аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «шарики табиии стратегӣ» баррасӣ мешавад, пеш аз ҳама бо сабаби мавқеи геополитикии кишвар, ки бо Афғонистон - манбаи таҳдидҳои асосии амнияти минтақавӣ, аз ҷумла терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир ҳаммарз аст. Ин шарикӣ бо зарурати ҳифзи марзҳои ҷанубии Осиёи Марказӣ ва таъмини суботи тамоми минтақа асоснок карда мешавад [17].

Муайянкунандаҳои геополитикӣ таҳдидҳои муштаракро аз самти Афғонистон дар бар мегиранд, ки дар он ҷо пойгоҳи низомии 201-и Русия дар ҷилавгирӣ аз ноустуворӣ нақши калидӣ мебозад. Пойгоҳ, ки дар Душанбе ва Бохтар ҷойгир аст, бузургтарин объекти низомии Русия дар хориҷа буда, амнияти дастҷамъиро дар доираи СААД таъмин мекунад.

Манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар муносибат бо Русия соҳаи амниятро фаро мегиранд, ки дар он ҳузури Русия ҳамчун кафили тамомияти арзӣ ва сохти конститутсионӣ баромад мекунад. Бидуни ин шарикӣ ҷумҳурӣ дар назорати марзи тӯлонӣ бо Афғонистон бо чолишҳои ҷиддӣ рӯбарӯ мешуд [20]. Ҷанбаи иқтисодии манфиатҳои миллӣ бо муҳоҷирати меҳнатӣ алоқаманд аст: садҳо ҳазор шаҳрвандони тоҷик дар Русия кор мекунанд ва интиқоли маблағҳо қисми зиёди ММД-и кишварро ташкил медиҳад. Ин Русияро ба шарики муҳимтарини иқтисодӣ табдил медиҳад.

Дар заминаи суботи минтақавӣ Русия ба Тоҷикистон тавассути механизмҳои СААД ва форматҳои дуҷониба кӯмак намуда, ба омодасозии кадрҳои низомӣ ва машқҳои муштарак мусоидат мекунад. Чунин ҳамкорӣ хатарҳои инзиворо дар минтақаи ноустувор кам мекунад.

Нақши геополитикии Русия ҳамчун қувваи суботофар бо пайвастагии таърихии робитаҳо аз замони Иттиҳоди Шӯравӣ тақвият меёбад, ки ин заминаи эътимод ва пешгӯишавандагии шарикиро фароҳам меорад. Манфиатҳои миллии Тоҷикистон инчунин ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон ва рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодиро дар бар мегиранд, ки дар он ҷо Русия яке аз сармоягузорон ва шарикони асосии тиҷоратӣ боқӣ мемонад [19,16]. Дар натиҷа, иттиҳоди стратегӣ бо Русия имкон медиҳад, ки бисёрсамти сиёсати хориҷӣ бо нигоҳ доштани афзалият дар соҳаи амният ва суботи минтақавӣ мувозинат карда шавад.

Дар Консепсияи сиёсати хориҷии соли 2002 (Фармони Президент № 900) муносибатҳо бо Русия ҳамчун афзалиятнок дар доираи ИДМ ва шарикии стратегии дуҷониба мустаҳкам карда шуданд. Ҳуҷҷат рушди робитаҳоро дар соҳаҳои сиёсӣ, низомӣ ва иқтисодӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллӣ таъкид мекард. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2002 тамаркуз ба барқарорсозии пас аз низоъ ва ҳамгироӣ дар фазои пасошӯравӣ нигаронида шуда буд, ки дар он ҷо Русия шарики асосӣ барои рафъи пайомадҳои ҷанги шаҳрвандӣ баромад мекард.

Консепсияи соли 2015 ин афзалиятро дар шароити курси мукаммали бисёрсамтӣ тасдиқ ва амиқтар мекунад. Русия ҳамчун шарики стратегӣ бо аҳамияти махсус барои сулҳ ва суботи минтақавӣ муайян карда мешавад. Мустаҳкамкунии ҳуқуқӣ дар соли 2015 соҳаҳои ҳамкориро васеъ мекунад: соҳаҳои сармоягузорӣ, миграция, фарҳангӣ ва таълимӣ илова карда шуданд, ки ин мутобиқшавӣ ба воқеиятҳои нави ҷаҳониро бо нигоҳ доштани афзалият нишон медиҳад. Таҳаввули мақом пайвастагиро нишон медиҳад: аз тамаркуз ба иттиҳоди низомӣ-сиёсӣ дар соли 2002 то шарикии фарогири стратегӣ дар соли 2015, ки ба сиёсати «дарҳои боз» бидуни аз даст додани афзалият ҳамроҳ карда шудааст.

Муқоисаи ҳуҷҷатҳо афзоиши тамаркуз ба манфиати мутақобила ва баробарҳуқуқиро нишон медиҳад, ки имкон медиҳад афзалият бо Русия бо диверсификатсияи робитаҳо бо дигар марказҳои қудрат омезиш дода шавад. Дар соли 2015 афзалияти Русия аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бо манфиатҳои миллӣ дар соҳаи амният ва иқтисод вобаста карда шуда, тағйирнопазирии онро дар доираи бисёрсамтӣ тасдиқ мекунад.

Таҳаввулот гузариш аз марҳилаи барқарорсозиро ба стратегияи пухта нишон медиҳад, ки дар он мақоми Русия ҳамчун шарики калидӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳкам ва мутобиқ карда шудааст. Наздикии фарҳангӣ-таърихии Тоҷикистон ва Русия, ки дар гузаштаи муштараки

шӯравӣ, забони муштараки муошират ва анъанаҳои таълимӣ реша дорад, ҳамчун омили пуриқтидори амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ бо шеваи прагматикӣ хидмат мекунад. Он ҳамкориро дар соҳаи амният ва иқтисод осонтар мегардонад [19,17].

Прагматизм дар ҳамкориҳои низомӣ-техникӣ ва муҳоҷират зоҳир мегардад, ки дар он ҷо робитаҳои гуманитарӣ (омӯзиши кадрҳо, мубодилаи фарҳангӣ) эътимодро мустаҳкам намуда, ба ҳифзи самарабахши манфиатҳои Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Аз нигоҳи назариявӣ, наздикии фарҳангӣ ҳамчун «қудрати нарм» баромад мекунад, ки абзорҳои сахти прагматикиро пурра месозад: рӯзҳои муштараки фарҳанг, барномаҳои таълимӣ ва ҳамкориҳои илмӣ ҳамгироии муҳоҷирон ва лоиҳаҳои сармоягузориро қавӣ мегардонанд. Арзишҳои гуманитарӣ, аз қабили таърихи муштарак ва забони русӣ ҳамчун воситаи муошират, дар ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон дар Русия ва рушди сармояи инсонӣ тавассути таҳсил дар донишгоҳҳои Русия кӯмак мекунанд.

Таносуби прагматизм ва гуманитаристика имкон медиҳад, ки манфиатҳои миллӣ дар тавозун амалӣ шаванд: амният тавассути шарикии низомӣ, иқтисод тавассути мигратсия ва робитаҳои фарҳангӣ устувории дарозмуддати иттиҳодро таъмин менамоянд. Дар нақшаи назариявӣ ин шарикӣ реализмро (ҳисобҳои геополитикӣ) бо конструктивизм (ҳувиятҳои муштарак) муттаҳид мекунад, ки ин мавқеи Тоҷикистонро дар ҷаҳони бисёрқутбӣ мустаҳкам менамояд. Наздикии фарҳангӣ-таърихӣ ба татбиқи амалии манфиатҳо дар соҳаҳои маориф ва илм мусоидат мекунад, ки дар он ҷо лоиҳаҳои муштарак мутахассисонро барои иқтисоди миллӣ омода месозанд. Дар фарҷом, омезиши ҳамоҳанги прагматизм ва арзишҳои гуманитарӣ шарикии стратегиро бо Русия ба абзори самарабахши ноил шудан ба ҳадафҳои миллии Тоҷикистон табдил медиҳад.

**Натиҷагирӣ.** Дар асоси таҳлили маводи пешниҳодшуда, метавон натиҷаҳои зеринро ҳосил кард:

- сиёсати «дарҳои боз» на ҳамчун як иқдоми муваққатӣ, балки ҳамчун доктринаи дарозмуддати илмӣ дар асарҳои Эмомалӣ Раҳмон ташаккул ёфта, синтези реализм ва либерализмро дар муносибатҳои байналмилалӣ инъикос мекунад.
- Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар аз марҳилаи рафъи пайомадҳои низоъ дар соли 2002 то марҳилаи иштироки фаъол дар ташаббусҳои глобалӣ ва иқтисодикунонии дипломатия дар соли 2015 рушд ёфтааст.
- Федератсияи Россия ба далели ҳаммарз будани Тоҷикистон бо Афғонистон ва таҳдидҳои муштараки амниятӣ ҳамчун шарики стратегии рақами яки Тоҷикистон боқӣ монда, ҳузури низомии он кафили суботи минтақавӣ мебошад.
- сиёсати бисёрсамтӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки бидуни вобастагии якҷониба, дар байни манфиатҳои Шарқу Ғарб маневр намуда, сармоя ва технологияҳои гуногунро ҷалб созад.
- наздикии фарҳангӣ-таърихӣ ва забони русӣ ҳамчун воситаи муошират абзорҳои прагматикии ҳамкориро пурра намуда, ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон ва рушди сармояи инсонӣ мусоидат мекунанд.
- татбиқи пайвастаи ин принсипҳо боиси эътирофи Тоҷикистон ҳамчун пешвои ҷаҳонӣ дар масъалаҳои об ва иқлим гардида, мавқеи кишварро дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ қавӣ гардонид.

**Хулоса.** Татбиқи пайвастаи сиёсати «дарҳои боз» ва доктринаи бисёрсамтӣ, ки дар асарҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон асоснок шудаанд, Тоҷикистонро аз инзивои геополитикӣ берун оварда, ба як иштирокчии фаъоли равандҳои ҷаҳонӣ табдил дод. Ин стратегияи созанда имкон медиҳад, ки кишвар дар байни марказҳои мухталифи қудрат тавозуни манфиатҳоро нигоҳ дошта, мустақилияти стратегии худро дар ҷаҳони бисёрқутбӣ ҳифз намояд. Дар ин низом, Федератсияи Россия ҳамчун шарики табиӣ ва стратегии рақами як боқӣ монда, ҳузури низомии он кафили асосии амнияти марзҳои ҷанубии Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад. Ҳамкориҳои иқтисодӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ робитаҳои ду кишварро прагматикӣ гардонида, заминаи устувори рушди иҷтимоии ҷумҳуриро таъмин мекунанд.

Наздикии фарҳангӣ-таърихӣ ва истифодаи забони русӣ ҳамчун «қудрати нарм» абзорҳои сиёсиро пурра намуда, эътимоди мутақобиларо дар сатҳи гуманитарӣ таҳким мебахшанд. Дар маҷмуъ, омезиши ҳамоҳанги бисёрсамтӣ бо афзалияти стратегии Россия барои Тоҷикистон механизми самарабахши ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ ва суботи дарозмуддат гардидааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Recipient, activist, protector: three modes of Tajikistan's foreign policy [электронный ресурс] https://hollingscenter.org/wp-content/uploads/2020/09/CCAPB5_Buriev-ENG.pdf (дата обращения: 6.03.2026).
2. Sharifzoda S.S. The evolution of Tajikistan's international position in the context of foreign policy achievements: from message to message [электронный ресурс] https://mts.tj/?p=3552&lang=ru (дата обращения: 16.03.2026).
3. Tajikistan: Global initiatives and an open door policy [электронный ресурс] https://www.society.at/tajikistan-global-initiatives-and-an-open-door-policy/ (дата обращения: 15.03.2026).
4. Алиева Р.Р. Формирование основопологающих принципов внешней политики Республики Таджикистан [электронный ресурс] https://cyberleninka.ru/article/n/formirovanie-osnovopologayuschih-printsipov-vneshney-politiki-respubliki-tadzhikistan (дата обращения: 18.04.2026).
5. Достижения внешней политики Таджикистана [электронный ресурс] https://mfa.tj/ru/main/vneshnyaya-politika/dostizheniya-vneshnei-politiki-tadzhikistana (дата обращения: 2.04.2026).
6. Концепция внешней политики Республики Таджикистан https://mfa.tj/ru/main/view/988/kontseptsiya-vneshnei-politiki-respubliki-tadzhikistan (дата обращения: 20.04.2026).
7. Многовекторность как основная модель внешней политики стран Центральной Азии [электронный ресурс] https://www.imemo.ru/publications/periodical/meimo/archive/2023/12-t-67/at-post-soviet-space/multi-vectoral-approach-as-the-key-model-of-central-asian-countries-foreign-policy (дата обращения: 20.04.2026).
8. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» [электронный ресурс] https://medt.tj/ru/news/novosti-ministerstva-ekonomiki/1762-poslanue-prezidenta-republik-tajikistana-lidera-natsii-uvajaemogo-emomali-rakhmona (дата обращения: 12.02.2026).
9. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» [электронный ресурс] https://tnu.tj/index.php/ru/poslanie-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-lidera-nacii-uvazhaemogo-jemomali-rahmona-ob-osnovnyh-napravlenijah-vnutrennej-i-vneshnej-politiki-respubliki-2/ (дата обращения: 4.02.2026).
10. Принцип «открытых дверей» - главное правило внешней политики Таджикистана [электронный ресурс] https://tj.sputniknews.ru/20191226/Tajikistan-politike-prezident-rahmon-1030456747.html (дата обращения: 4.02.2026).
11. Рахмон Эмомали. «О современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан», Душанбе: ООО «Контраст», 2019. - 222 с.
12. Роль Лидера нации в процессе развития внешней политики [электронный ресурс] https://mfa.tj/ru/moscow/view/12632/rol-lidera-natsii-v-protsesse-razvitiya-vneshnei-politiki (дата обращения: 24.03.2026).
13. Саидзода З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2017 гг.): Учебное пособие. – Второе, дополненное издание. – Душанбе: Контраст, 2017. - 142 с. –С. 22 -24.
14. Саидов З.Ш. «25 лет внешней политики Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона (1992–2017 гг.): исторические аспекты становления и развития», Душанбе: «Контраст», 2020. — 336 с.
15. Салимов Ф.Н. Эмомали Рахмон и внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе [электронный ресурс] https://mo.tnu.tj/ru/jemomali-rahmon-i-vneshnjaja-politika-respubliki-tadzhikistan-na-sovremennom-jetape/ (дата обращения: 20.04.2026).
16. Салимов Ф.Н. Эмомали Рахмон и внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе //Вестник Таджикского национального университета /Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. - №6. – С. 285.

17.Солиходжаева С.А. Историография внешней политики Республики Таджикистан (1991-2016 гг.) [электронный ресурс] https://www.dissercat.com/content/istoriografiya-vneshnei-politiki-respubliki-tadzhikistan-1991-2016 (дата обращения: 20.04.2026).

18.Таджикистан - Россия: геополитические отношения на рубеже столетий [электронный ресурс] https://interaffairs.ru/jauthor/material/1241 (дата обращения: 12.03.2026).

19.Тоджев Ф.Н. Эмомали Рахмон - основатель и руководитель внешней политики Республики Таджикистан (1992-2018 гг.). [электронный ресурс] https://www.dissercat.com/content/emomali-rakhmon-osnovatel-i-rukovoditel-vneshnei-politiki-respubliki-tadzhikistan-1992-2018 (дата обращения: 20.04.2026).

20.Турсунов Т.Х., Алимов Б.Х. Приоритетные направления культурно-гуманитарного сотрудничества Республики Таджикистан и Российской Федерации //Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2023.- № 9. – С.12-18.

21.Хабибов Ш.С. Российская военная база как гарант безопасности Таджикистана и мира в регионе [электронный ресурс] https://cyberleninka.ru/article/n/rossiyskaya-voennaya-baza-kak-garant-bezopasnosti-tadzhikistana-i-mira-v-regione (дата обращения: 2.04.2026).

22.Шарипов А.Н. Основные этапы формирования внешней политики Республики Таджикистан [электронный ресурс] https://mo.tnu.tj/ru/osnovnye-jetapy-formirovanija-vneshnej-politiki-respubliki-tadzhikistan/ (дата обращения: 2.04.2026).

23.Эмомали Рахмон выпустил книгу о внешней политике Таджикистана [электронный ресурс] https://bigasia.ru/emomali-rahmon-vypustil-knigu-o-vneshnej-politike-tadzhikistana/ (дата обращения: 2.04.2026).

24.Эмомали Рахмон о современном мире и внешней политике [электронный ресурс] https://mfa.tj/uploads/yekaterinburg/2020/05/Informsoobsh-enie-o-knige-Emomali-Rakhmon-o-vneshnei-politike-sbornik-rechei-na-russk-yaz.pdf (дата обращения: 2.04.2026).

## ФОРМИРОВАНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ОСНОВ МНОГОВЕКТОРНОСТИ И МЕСТО РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В СТРАТЕГИЧЕСКИХ ПРИОРИТЕТАХ ТАДЖИКИСТАНА

Данная статья посвящена анализу теоретических основ внешней политики Республики Таджикистан и стратегического места Российской Федерации в этой системе. Автор рассматривает эволюцию концепции «открытых дверей» как стержня государственной дипломатии, обоснованной в трудах Лидера нации Эмомали Рахмона. В статье отмечается, что многовекторная политика является не просто тактическим маневром, а долгосрочной доктриной обеспечения национального суверенитета. Сравнительный анализ Концепций внешней политики 2002 и 2015 годов показывает, что приоритеты страны перешли от этапа постконфликтного восстановления к этапу активного продвижения национальных интересов. Место Российской Федерации в статье определяется как естественного стратегического партнера номер один для Таджикистана. Автор подчеркивает, что военное сотрудничество и присутствие 201-й российской базы являются ключевым гарантом стабильности в регионе Центральной Азии. Наряду с безопасностью, экономические аспекты отношений, включая трудовую миграцию и инвестиции, оцениваются как важные факторы устойчивого развития. Культурно-историческая близость и роль русского языка рассматриваются в статье как инструменты «мягкой силы» для укрепления взаимного доверия. Также в работе исследуется значимость экономизации внешней политики и привлечения иностранных инвестиций из различных источников.

Автор показывает, что Таджикистан через активную дипломатию играет ключевую роль в решении глобальных проблем воды и климата. Многовекторная политика позволяет стране эффективно поддерживать баланс интересов между различными мировыми центрами силы. В статье доказывается, что стратегическое партнерство с Россией основывается на принципах равноправия и взаимной выгоды. Геополитическое положение Таджикистана в соседстве с Афганистаном еще больше усиливает необходимость этого стратегического союза. В завершение делается вывод о том, что гармоничное сочетание прагматизма и гуманитарных ценностей составляет основу успеха внешней политики страны. Данное исследование имеет

научную и практическую значимость для понимания современных процессов таджикской дипломатии и перспектив таджикско-российских отношений.

***Ключевые слова:*** *внешняя политика, Таджикистан, политика «открытых дверей», многовекторность, Эмомали Рахмон, Российская Федерация, стратегическое партнерство, региональная безопасность, суверенитет, прагматизм, водная дипломатия, трудовая миграция, национальные интересы, Центральная Азия, «мягкая сила».*

## FORMATION OF THE THEORETICAL FOUNDATIONS OF MULTI-VECTOR POLICY AND THE ROLE OF THE RUSSIAN FEDERATION IN THE STRATEGIC PRIORITIES OF TAJKISTAN

This article is devoted to the analysis of the theoretical foundations of the foreign policy of the Republic of Tajikistan and the strategic role of the Russian Federation within this system. The author examines the evolution of the «Open Door» concept as the core of state diplomacy, grounded in the works of the Leader of the Nation, Emomali Rahmon. The article notes that a multi-vector policy is not merely a tactical maneuver but a long-term doctrine for ensuring national sovereignty. A comparative analysis of the Foreign Policy Concepts of 2002 and 2015 shows that the country's priorities have shifted from a stage of post-conflict recovery to a stage of active promotion of national interests. The position of the Russian Federation is defined in the article as the natural «number one» strategic partner for Tajikistan. The author emphasizes that military cooperation and the presence of the Russian 201st military base serve as a key guarantor of stability in the Central Asian region. Alongside security, economic aspects of the relationship, including labor migration and investment, are assessed as vital factors for sustainable development. Cultural-historical proximity and the role of the Russian language are considered in the article as «soft power» tools for strengthening mutual trust. Additionally, the work explores the significance of the «economization» of foreign policy and the attraction of foreign investment from diverse sources.

The author demonstrates that Tajikistan, through active diplomacy, plays a key role in addressing global water and climate issues. A multi-vector policy allows the country to effectively maintain a balance of interests among various global power centers. The article proves that the strategic partnership with Russia is based on the principles of equality and mutual benefit. Tajikistan's geopolitical position adjacent to Afghanistan further strengthens the necessity of this strategic alliance. In conclusion, it is determined that the harmonious combination of pragmatism and humanitarian values forms the basis of the country's foreign policy success. This research holds both scientific and practical significance for understanding contemporary processes in Tajik diplomacy and the prospects of Tajik-Russian relations.

***Keywords:*** *foreign policy, Tajikistan, «open door» policy, multi-vector policy, Emomali Rahmon, Russian Federation, strategic partnership, regional security, sovereignty, pragmatism, water diplomacy, labor migration, national interests, Central Asia, soft power.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Асламшозода Фотима Асламшо, номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроғаи электронӣ: fotima.gairatova.84@mail.ru Телефон:915-19-18-60 ORCID:0009-0009-5434-0274

**Информация об автори:** Асламшозаода Фотима Асламшо, к.и.н., с/т кафедры международных отношений, Таджикского национального университета. E-mail: fotima.gairatova.84@mail.ru Тел. 915-19-18-60 ORCID:0009-0009-5434-0274

**Information about the authors:** Aslamshozoda Fotima Aslamsho, the assistant to chair of the international relations, the Tajik national university. E-mail: fotima.gairatova.84@mail.ru Phone: 915-19-18-60 ORCID:0009-0009-5434-0274

**УДК: 327(470+571):(44)**

# НЕРУИ НАРМ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ФАРОНСА

**Азимов Хусрав, Окимшоева Рухсора**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва АврупоиАМИТ

*Мақолаи мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи консепсияи «неруи нарм» (Soft Power)-и умурии Фаронса ва нақши он дар сиёсати хориҷии муосири кишвар бахшида шудааст. Муаллиф сарчашмаҳои асосии неруи нарми Фаронса, аз ҷумла забон, фарҳанг, маориф ва брендҳои миллиро мавриди баррасӣ қарор дода, институтҳои калидии татбиққунандаи ин сиёсатро, аз қабили Alliance Française ва Campus France арзёбӣ мекунад. Инчунин дар мақола чолишҳо ва мушкилоти кунунии Фаронса дар нигоҳдории нуфузи геополитикии худ, хусусан дар минтақаи Африқо ва рақобат бо моделҳои дигари фарҳанг таҳлил карда мешаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *неруи нарм, Фаронса, сиёсати хориҷӣ, Франкофония, Alliance Française, Campus France, геополитика, дипломатияи фарҳангӣ.*

**Муқаддима.** Пажуҳишгарони дипломатияи фарҳангӣ бар ин назаранд, ки дар ҷаҳони муосир дар баробари дипломатияи элитаҳо (сиёсатмадорон, сафирон ва ходимони ҷамъиятӣ) дипломатияи ҷамъиятӣ, ки мубодилаи васеъмиқёси фарҳангии байни мардуми одиро дар назар дорад, аҳаммияти бештар пайдо менамояд. Аз ин рӯ, дар раванди бошиддати ҷаҳонишавӣ фарҳанг ба ҷузъи муҳими сиёсати байналмилалӣ ва «неруи нарм»-и давлат табдил меёбад.

Вобаста ба ин масъала пажуҳишгари британиёӣ Марк Леонард дар асари худ “Дипломатия бо роҳҳои дигар” муҳимтарин ҳадафҳои дипломатияи ҷамъиятиро дар асри XXI чунин арзёбӣ намудааст, ки ҳамаи онҳо ба инкишофи сиёсати фарҳангӣ рабт доранд:

• баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ роҷеъ ба кишвар;

• ташаккул додани андешаҳои мусбӣ дар бораи кишвар, арзишҳои он ва таъмини фаҳмиши идеяҳо;

• ҷалби мардум ба кишвар ҷиҳати сайёҳӣ ва таҳсил, таблиғи маҳсулоти он дар хориҷи кишвар;

• ҷалби сармояи хориҷӣ ва иттифоқчиёни сиёсӣ [2, 45].

**Метод ва усулҳои таҳқиқ.** Яке аз самтҳои асосии дипломатияи фарҳангӣ эҷоди робитаҳои дарозмуддат бо мардуми оддӣ тавассути барномаҳои табодули фарҳангӣ ва академӣ, грантҳо ва стипендияҳо, тренингҳо, конфронсҳо ва дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ мебошад [8,85]. Ҳамин тариқ, робитаҳои фарҳангӣ метавонанд як воситаи муассири дипломатияи ҷамъиятии давлат гардад ва ба ташаккули симои мусоиди кишвар мусоидат намояд.

**Натиҷаҳо.** Фаронса аз ҷумлаи он кишварҳое мебошад, ки неруи нарми он модели таърихан марказонидашуда буда, аз тарафи давлат идора мешавад ва ин модел дар доираи таҳаввулоти равандҳои геополитикӣ рӯйи кор омадааст. Неруи нарми Фаронса хусусиятҳои институтсионалӣ дорад, ки ин бештар ба забону фарҳанги он вобаста мебошад. Барои ин кишвари пешрафтаи аврупоӣ пеш аз ҳама гузариш аз усули яктарафа ба шарикии баробарҳуқуқӣ ва эҳтироми мутақобила муҳим мебошад. Ҳамчунин, шарти асосии ин кишвар дар он аст, ки рақамикунонии дипломатияи фарҳангиро мунтазам дар доираи ҷаҳони бисёрқутба ба роҳ монад.

**Муҳокима.** Мафҳуми “дипломатияи фарҳангӣ” солҳои сиюми қарни XX дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ арзи ҳастӣ карда, ҷанбаи тарғиботӣ ва сиёсӣ дошт. Дар ҳамон замон ба хотири ҳарчи бештар амалӣ шудани саноатикунонии мамлакат зарурати ҷалби олимони барҷастаи соҳаи техникаву технология ва шахсиятҳои фарҳангию адабӣ аз кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ пеш омада буд. Сарони он вақт барои расидан ба ин ҳадаф аз дипломатияи фарҳангӣ истифода карда, олимони машҳур, адибони шинохта, файласуфони бузург, ба мисли Г. Уэллс, Р. Ролан, Б. Россел, А. Жидро ба кишвари Шуроҳо даъват мекарданд ва аз таҷрибаи корӣ, илмӣ ва мавқеи ҷамъиятии онҳо истифода намуда, баробари ин робитаро бо кишварҳои хориҷӣ таҳким мебахшиданд. Ин усули кор минбаъд таҳким ёфта, давлатҳои пешқадам аз ин таҷриба истифода мекарданд ва барои тавсеаи дипломатияи фарҳангӣ шеваҳои наву созандаро эҷод намуда, барои рушди фарҳанг роҳи васеъро боз менамуданд [1,34-36]. Аммо, пасон, доираи ин сиёсат дар кишвари Шуроҳо заиф шуда, давлатҳои ғарбӣ аз

дипломатияи фарҳангӣ истифода намуда, барои роиҷ ёфтани он тадбирҳои зиёдеро амалӣ намуданд.

Дар шароити муосири муносибатҳои байналмилалӣ, унсурҳои анъанавии қудрати давлат, аз қабили иқтидори ҳарбӣ ва фишори иқтисод (ки бо номи «неруи сахт» ё Hard Power маъруфанд), дигар ягона воситаи таъмини манфиатҳои миллӣ ба шумор намераванд. Мафҳуми «неруи нарм» (Soft Power), ки бори аввал аз ҷониби сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷозеф Най дар охири солҳои 1980 ва аввали солҳои 1990 вориди илми сиёсатшиносӣ гардид, усулҳои алтернативии таъсиррасониро пешниҳод менамояд. Най неруи нармро «ҳамчун қобилияти ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ тавассути ҷалб намудан ва ҳавасмандгардонӣ, на тавассути маҷбуркунӣ ё пардохт, балки таъриф кардааст» [9, 198].

Ин қудрат аз се манбаи асосии давлат сарчашма мегирад: фарҳанг (дар ҷойҳое, ки он барои дигарон ҷолиб аст), арзишҳои сиёсӣ (вақте ки давлат ба онҳо дар дохил ва хориҷ риоя мекунад) ва сиёсати хориӣ (вақте ки он қонун ва дорои авторитети маънавӣ ҳисобида мешавад).

Фаронса яке аз аввалин кишварҳои ҷаҳон ба шумор меравад, ки унсурҳои неруи нармро асрҳо пеш аз пайдоиши худи истилоҳ дар амалияи сиёсати хориҷии худ истифода мебурд. Аз асри XVII, вақте ки забони фаронсавӣ ба забони асосии дипломатияи аврупоӣ ва дарбори шоҳон табдил ёфт, Париж худро ҳамчун маркази маърифат ва фарҳангии ҷаҳон муаррифӣ намуд. Ин заминаи таърих ба Фаронса имкон дод, ки як модели беназири дипломатияи фарҳангиро шакл диҳад, ки имрӯз ниҳоят муҳим аст. Таҳлили муосири сиёсати хориҷӣ нишон медиҳад, ки Фаронса кӯшиш мекунад худро ҳамчун як пули фарҳанг ва тамаддун байни ғарбиён ва боқимондаи ҷаҳон муаррифӣ намояд. Мафҳуми «Радиатсияи фарҳанг» (Rayonnement culturel), ки дар заминаи идеологии сиёсати хориҷии Фаронса истифода мешавад, ба таври амиқ бо идеяи рисолати умумибашарии ҷумҳуриявӣ (mission universelle) алоқаманд аст [7,215-225]. Ин маънои онро дорад, ки Фаронса худро на танҳо ҳамчун як давлати миллӣ, балки ҳамчун ҳомии арзишҳои умумиинсонӣ, аз қабили ҳуқуқи инсон, озодӣ ва баробарӣ медонад ва кӯшиш мекунад, ки ин арзишҳоро тавассути неруи нарми худ ба ҷаҳон интиқол диҳад.

Шаклёбии институтсионалии неруи нарми Фаронса ба давраи таъсиси Вазорати корои хориҷӣ ва рушди байналмилалии ин кишвар ва бахусус ба охири асри XIX рост меояд. Соли 1883 таъсис ёфтани ташкилоти «Alliance Française» аввалин қадами ҷиддӣ дар самти сохторбандии дипломатияи фарҳангӣ буд. Ин созмон бо мақсади паҳн кардани забони фаронсавӣ ва арзишҳои умуриявӣ дар саросари ҷаҳон таъсис дода шуд. Давраи байни ду ҷанги ҷаҳон ва бахусус давраи пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон барои сиёсати хориҷии Фаронса марҳалаи муҳим гардид. Генерал Шарл де Голл хуб дарк мекард, ки кишвараш пас аз ҷанг иқтидори пешинаи ҳарбӣ ва иқтисодиро надорад, бинобар ин, унсури фарҳанг ва истиқлолияти сиёсиро ҳамчун воситаи асосии барқарор кардани мақоми Фаронса ҳамчун «давлати бузург» (Grandeur) истифода бурд. Дар ин давра, дипломатияи фарҳангӣ ҳамчун унсури калидии сиёсати амнияти миллӣ эътироф гардид, ки ҳадафи он нигоҳ доштани мустақилият дар шароити ҷанги сард ва фишори ду абарқудрат буд [6, 231]. Дар давоми даҳсолаҳои баъд, сохтори дипломатияи хориҷии кишвар мунтазам азнавсозӣ шуда, бахшҳои махсус оид ба робитаҳои фарҳангӣ, илмӣ ва техникӣ таъсис дода шуданд. Фаронса ба сохтани шабакаи васеи мактабҳои хориҷӣ, марказҳои фарҳангӣ ва институтои илмӣ-тадқиқотӣ дар хориҷа шуруъ кард. Ин сиёсат на танҳо барои нигоҳ доштани таъсир дар колонияҳои собиқ, балки барои эҷоди нуфузи нав дар Амрикои Лотинӣ, Осиё ва Аврупои Шарқӣ равона шуда буд. Имрӯз, ин мероси таърих ба Фаронса имкон медиҳад, ки дар рейтингҳои ҷаҳонии неруи нарм, аз қабили «Soft Power 30» ва «Global Soft Power Index» ҳамеша дар ҷойҳои аввал қарор гирад.

Забони фаронсавӣ яке аз муҳимтарин ва устувортарин сарчашмаҳои неруи нарми кишвар аст. Имрӯз зиёда аз 320 миллион нафар дар панҷ қитъаи ҷаҳон бо ин забон гуфтугӯ мекунанд. Созмони байналмилалии Франкофония, ки соли 1970 таъсис ёфтааст, давлатҳо ва ҳукуматҳои зиёдеро муттаҳид намуда, ин созмон на танҳо як платформаи фарҳангӣ, балки як абзори пуриқтидори геополитикӣ мебошад, ки ба Париж имкон медиҳад ҷанги сиёсиро бо кишварҳои аъзо, хусусан дар Африқо, нигоҳ дорад. Президент Эммануэл Макрон дар стратегияи худ забони фаронсавиро ҳамчун «забони ҷаҳонӣ» унвон карда, барои рушди он дар соҳаҳои технология ва тиҷорат маблағҳои зиёд ҷудо намудааст [4,19].

Брендҳои машҳури ҷаҳон ба мисли Louis Vuitton, Chanel, Dior ва Hermes на танҳо даромади иқтисодӣ меоранд, балки обрӯю эътибори кишварро ҳамчун маркази эстетикаи ҷаҳонӣ мустаҳкам мекунанд. ЮНЕСКО таоми анъанавии фаронсавиро ба рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият дохил кардааст, ки ин унсури дигари эътирофи байналмилалии неруи нарми он кишвар мебошад.

Фаронса дар давоми солҳои зиёд ҳамчун аввалин кишвари сайёҳии ҷаҳонӣ боқӣ мемонад ва ҳамасола ба ҳисоби миёна то 90 миллион сайёҳи хориҷиро қабул мекунад. Муассисаҳои фарҳангӣ ба монанди Осорхонаи Лувр, Версал, Бури Эйфел ва Осорхонаи Орсе на танҳо объектҳои сайёҳӣ, балки рамзҳои тамаддуни ҷаҳонӣ маҳсуб мешаванд. Лувру Абу-Даби, ки соли 2017 кушода, намунаи барҷастаи «дипломатияи осорхонавӣ» мебошад, ки дар он Фаронса бренди фарҳангии худро барои сохтани пулҳои геополитикӣ дар Ховари Миёна истифода мебарад ва ин нишон медиҳад, ки осорхонаҳо метавонанд ҳамчун намояндагиҳои дипломатӣ амал кунанд.

Муваффақияти неруи нарми Фаронса аз фаъолияти самараноки шабакаи васеи институтҳои давлат вобаста аст. Вазорати корҳои хориҷӣ сиёсати умумиро муайян мекунад, аммо татбиқи он ба дӯши сохторҳои тахассусӣ гузошта шудааст. Шабакаи институтсионалии Фаронса яке аз мутамарказтарин ва муназамтарин сохторҳо дар ҷаҳон маҳсуб мешавад. Институтҳои асосӣ фаъолияти худро дар самтҳои гуногун ба роҳ мемонанд. Alliance Française ба омӯзиши забони оммавӣ нигаронида шудааст, дар ҳоле ки Institut Français бештар ба робитаҳои сатҳи баланди элитаи фарҳангӣ, намоиши филмҳо, тарҷумаи китобҳои фаронсавӣ ба забонҳои хориҷӣ ва баргузории фестивалҳо машғул аст. Агентии Campus France бошад, тамоми раванди раводид, стипендияҳо ва қабули донишҷӯёни хориҷиро назорат намуда, рақобатпазирии донишгоҳҳои Фаронсаро дар бозори ҷаҳонии маориф таъмин менамояд. Ин ҳамоҳангии зич имкон медиҳад, ки сиёсати хориҷии фарҳангӣ ба як ҳадафи умумӣ хизмат кунад [5,235].

Маорифи олӣ ва таҳқиқоти илмӣ ҷузъи ҷудонопазири стратегияи неруи нарми Фаронсаро ташкил медиҳанд. Ҳукумати Фаронса байналмилаликунонии донишгоҳҳоро ҳамчун воситаи ҷалби истеъдодҳои ҷаҳон ва таъсиси робитаҳои дарозмуддат бо кишварҳои дигар медонад. Системаи донишгоҳҳои давлатии Фаронса барои донишҷӯёни хориҷӣ имтиёзҳои калон пешкаш мекунад, зеро қисми зиёди хароҷоти таҳсил аз ҷониби давлат пардохт карда мешавад. Ин иқдом Фаронсаро ба яке аз кишварҳои пешсафи ҷаҳон аз рӯйи шумораи донишҷӯёни хориҷӣ табдил додааст. Илова бар ин, дипломатияи илмии Фаронса тавасутти шабакаи институтҳои тадқиқотӣ ба монанди CNRS (Маркази миллии тадқиқотои илмӣ), Институти Пастер ва IRD (Институти тадқиқотӣ барои рушд) амал карда мешавад. Ин муассисаҳо лоиҳаҳои муштараки илмиро бо кишварҳои рӯ ба рушд амал намуда, ба ҳалли мушкилоти ҷаҳон, аз қабили тағйирёбии иқлим, соҳаи тандурустӣ ва амнияти озуқаворӣ мусоидат мекунанд. Ин навъи ҳамкорӣ обрӯи Фаронсаро ҳамчун як давлати аз ҷиҳати илм пешрафта ва башардӯстӣ мустаҳкам мекунад. Стипендияҳои ҳукумати Фаронса (ба монанди стипендияи машҳури Eiffel) ба донишҷӯёни лаёқатманд аз кишварҳои рӯ ба рушд имкон медиҳанд, ки дар беҳтарин донишкадаҳои олии ин кишвар таҳсил кунанд. Сармоягузорӣ ба ин соҳа дар дарозмуддат самараи калон медиҳад, зеро хатмкунандагони ин донишгоҳҳо дар кишварҳои худ ба мансабҳои баланди давлатӣ ва илмӣ расида, ҳамчун лоббистҳои табиии манфиатҳои иқтисодӣ ва фарҳангии Фаронса амал мекунанд.

Сарфи назар аз мавқеи қавӣ, неруи нарми Фаронса дар асри XXI бо як қатор чолишҳои ҷиддии дохилӣ ва хориҷӣ баробар шудааст, ки таъсири геополитикии онро зери хатар мегузоранд. Аз ҷумлаи онҳо бӯҳрон дар Африқо ва коҳишҳои нуфузи Франкофония мебошад. Дар солҳои охир, Фаронса бо мавҷи зиддифаронсавӣ дар кишварҳои қисмати Соҳили Африқо (Моли, Буркина-Фасо, Нигер) рӯбарӯ шуд. Сиёсати ғарбиии Фаронса дар ин минтақаҳо ва мероси мустамликадор (ки соҳибназарон онро баъзан ҳамчун «Франсафрика» ё Françafrique танқид мекунанд) боиси коиши эътимоди маҳаллӣ гардид. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки вақте неруи сахт (дахолати ғарбӣ) бомуваффақият иҷро намешавад, он метавонад неруи нарм ва дипломатияи фарҳангиро комилан бесубот кунад. Кишварои рақиб, ба монанди Русия ва Чин, аз ин вазъ истифода бурда, нуфузи худро дар ин минтақаҳо густариш медиҳанд [3,95].

Оммавишавии фарҳанги англо-саксонӣ ва забони англисӣ ҳамчун забони ягонаи тиҷорат, илм ва технология мавқеи забони фаронсавиро заиф мекунад. Ҳатто дар дохили

сохторҳои Иттиҳоди Аврупо, пас аз баромадани Британия (Brexit), забони англисӣ ҳамчун забони асосии кор боқӣ монд, ки ин барои амбисҳои фарҳангии Париж як зарбаи ҷиддӣ аст.

Мушкилоти марбут ба муоширата, ҳамгироии ақаллиятҳо, бухронҳои иҷтимоӣ ва баҳсҳо дар бораи дунявият (Laïcité) сиёсати дохилии Фаронсаро зери суол мегузоранд. Вақте ки кишвар дар хориҷа арзишҳои ҳуқуқи инсон ва демократияро тарғиб мекунад, аммо дар дохил бо бухронҳои иҷтимоӣ рӯбарӯ мешавад, ин боиси коиҳши «қонунияти маънавӣ»-и неруи нарми он мегардад.

Дар шароити гузариш ба ҷаҳони бисёрутбӣ, Фаронса маҷбур аст стратегияҳои неруи нарми худро мутобиқ созад. Яке аз самтҳои нави ин сиёсат «дипломатияи рақамӣ» (Digital Diplomacy) мебошад. Париж кӯшиш мекунад, ки ҳузури худро дар платформаҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ густариш диҳад, то бо насли ҷавони кишварҳои хориҷӣ робитаи мустақим барқарор кунад. Инчунин, тамаркуз ба соҳаи «дипломатияи сабз» ё экология, хусусан пас аз имзои Созишномаи иқлимии Париж дар соли 2015, ба Фаронса имкон медиҳад, ки худро ҳамчун пешвои ҷаҳон дар мубориза зидди тағйирёбии иқлим нишон диҳад.

Самти дигар ин рушди муносибатҳо бо минтақаҳои нав, аз ҷумла Осиёи Марказӣ мебошад. Фаронса кӯшиш мекунад ҳамкориҳои маориф ва фарҳангиро бо кишварҳои ин минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон (тавассути марказҳои фарҳангӣ ва барномаҳои мубодилаи донишҷӯён) тавият бахшад. Ин нишон медиад, ки геополитикаи неруи нарми Фаронса дигар танҳо бо минтақаҳои анъанавӣ маҳдуд нашуда, балки хусусияти фарогири ҷаҳон пайдо мекунад.

**Хулоса.** Неруи нарми Фаронса як модели мураккаб, таърихан ташаккулёфта ва аз ҷониби давлат идорашаванда мебошад, ки ба он имкон медиҳад мавқеи худро ҳамчун яке аз марказҳои пешрафтаи ҷаҳонии сиёсӣ ва фарҳангӣ нигоҳ дорад. Сарчашмаҳои пуриқтидори он - забон, мероси таърих, брендҳои миллӣ ва системаи маориф - тавассути институтҳои муттамарказ самаранок истифода мешаванд. Бо вуҷуди ин, тағйироти геополитикӣ дар асри XXI, хусусан бухрони сиёсати Фаронса дар Африқо ва рақобати шадид бо дигар моделҳои фарҳангӣ, Парижро водор месозанд, ки усулҳои неруи нарми худро таҷдиди назар кунад. Барои нигоҳ доштани таъсири худ, Фаронса бояд ба моделҳои шарикии баробарҳуқуқӣ, эҳтироми гуногунии фарҳангӣ ва рақамикунонии дипломатияи фарҳангӣ тамаркуз намояд. Танҳо дар ин сурат он метавонад ҷозиба ва таъсири маънавии худро дар ҷаҳони муосир устувор нигоҳ дорад.

## АДАБИЁТ:


1. Балашин В.В. «Мягкая сила» как инструмент внешней политики ряда зарубежных стран / В.В. Балашин // Зарубежное военное обозрение. - 2013. - №3. - С. 34 - 36.
2. Марк Леонард. Дипломатия бо роҳҳои дигар. (“Diplomacy bo rohoi digar”). Париж: 2000.-421 с.
3. Пернилле Рикер. Сиёсати хориҷии Фаронса дар ҷаҳони тағйирёбанда: Амалияи бузургворӣ (“French Foreign Policy in a Changing World: Practising Grandeur”). Springer Nature: Фаронса, 2017.-369с.
4. Филип Лэйн (Philippe Lane). *«French Scientific and Cultural Diplomacy»* (Дипломатияи илмӣ ва фарҳангии Фаронса). Париж. 2010.-541 р.
5. Ҷереми Ахерн. Дискуссии о культурной политике во Франции: хрестоматия. Лондон: Рутледж, 1959.-542 с.
6. Charles de Gaulle. The War Memoirs. Paris: 2024.-976 p. 421 p.
7. Ermakov, Y.A (2013) «Mjagkaja sila» social'no-politicheskih manipuljacij chelovekom ["Soft power" of social and political manipulations by the man] // Izvestija Ural'skogo federal'nogo universiteta. Ser. 1. Problemy obrazovanija, nauki i kul'tury [Izvestia of the Ural federal university. Series 1. Problems of education, science and culture]. - №4. - P. 215 - 225.
8. Nye, Joseph Bound to Lead: The Changing Nature of American Power- Basic Books, 1991. - 307 p.
9. Nye, Joseph S. Soft Power: The Means to Success in World Politics. New York: PublicAffairs, 2004.-569 с


## МЯГКАЯ СИЛА ВО ФРАНЦУЗСКОЙ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ


Данная статья посвящена всестороннему анализу концепции «мягкой силы» во французской политике и ее роли в современной внешней политике страны. Автор рассматривает основные источники французской мягкой силы, включая язык, культуру, образование и национальные бренды, и оценивает ключевые институты, реализующие эту политику, такие как Alliance Française и Campus

France. В статье также анализируются текущие вызовы и трудности Франции в поддержании своего геополитического влияния, особенно в африканском регионе, и в конкуренции с другими культурными моделями.

***Ключевые слова:*** *мягкая сила, Франция, внешняя политика, франкофония, Alliance Française, Campus France, геополитика, культурная дипломатия.*

## SOFT POWER IN FRENCH FOREIGN POLICY

This article is devoted to a comprehensive analysis of the concept of “soft power” in French affairs and its role in the country’s modern foreign policy. The author discusses the main sources of French soft power, including language, culture, education, and national brands, and evaluates the key institutions implementing this policy, such as Alliance Française and Campus France. The article also analyzes France’s current challenges and difficulties in maintaining its geopolitical influence, especially in the African region, and competing with other cultural models.

***Keywords:*** *soft power, France, foreign policy, Francophonie, Alliance Française, Campus France, geopolitics, cultural diplomacy.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Азимов Хусрав**, ходими хурди илмии шуъбаи Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 208662424. Почтаи электронӣ: azimvhik21@bk.ru. ORCID: 0009-0008-8514-9096

**Окимшоева Рухсора Сухробовна**, номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 551894949. Почтаи электронӣ: okimshoeva89@mail.ru. ORCID: 0009-0008-9367-9951

**Сведения об авторах: Азимов Хусрав,** младший научный сотрудник, Европейский отдел, Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, Национальная академия наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 208662424. Электронная почта: azimvhik21@bk.ru. ORCID: 0009-0008-8514-9096

**Окимшоева Рухсора Сухробовна,** кандидат педагогических наук, ведущий научный сотрудник отдела Ближнего и Среднего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 551894949. Электронная почта: okimshoeva89@mail.ru.ORCID: 0009-0008-9367-9951

**About the authors: Azimov Khusrav**, Junior Researcher, European Department, Institute for the Study of Asian and European States, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: 208662424. E-mail: azimvhik21@bk.ru.

ORCID: 0009-0008-8514-9096

**Okimshoeva Rukhsora Sukhrobovna**, Candidate of Pedagogical Sciences, Leading Researcher of the Middle and Near East Department of the Institute for the Study of Asian and European States of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: 551894949. E-mail: okimshoeva89@mail.ru.

ORCID: 0009-0008-9367-9951

ТДУ:930.85(71)(091)

## МОДЕЛИ КАНАДА: ДИПЛОМАТИЯИ АРЗИШМЕҲВАР ВА АМНИЯТИ УСТУВОР

**Наҷмиддинов Акбаршоҳ**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола модели сиёсати хориҷии Канада мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хусусиятҳои он дар нуқтаи пайванди манфиатҳои миллӣ, ҳамкории бисёрҷониба, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва амнияти байналмилалӣ баррасӣ мегарданд. Таваҷҷуҳи махсус ба консепсияи дипломатияи арзишмеҳвар ва робитаи он бо ғояҳои амнияти инсонӣ ва амнияти устувор равона шудааст. Дар мақола таъкид мегардад, ки хусусияти дипломатияи Канада на танҳо бо имкониятҳои моддии давлат, балки бо мақоми он ҳамчун давлати миёнақудрат, ки ба фаъолияти низоми байналмилалии бар пояи қоидаҳо ва ҳуқуқи байналмилалӣ асосёфта манфиатдор аст, муайян карда мешавад. Дар мақола самтҳои асосии сиёсати хориҷии Канада, аз ҷумла бисёрҷонибагӣ, сулҳпарварӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ, иштироки кишвар дар фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ, инчунин дипломатияи Арктика мавриди таҳлил қарор мегиранд. Дар мисоли ҳалли баҳси ҳудудӣ вобаста ба ҷазираи Тартупалук (Ганс) дар соли 2022 нишон дода мешавад, ки Канада кӯшиш менамояд ҳифзи манфиатҳои соҳибихтиёриро бо механизмҳои гуфтушунид ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муттаҳид созад. Ҳамчунин масъалаҳои баҳсноки мақоми Гузаргоҳи шимолу ғарбӣ, шелфи қитъавӣ ва баҳри Бофорт таҳлил карда мешаванд. Дар натиҷа хулоса карда мешавад, ки модели Канада танҳо ба «қудрати нарм» маҳдуд намешавад, балки маҷмӯи дипломатияи меъёрӣ, институтҳои бисёрҷониба, иттиҳодияҳои мудофиавӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллиро дар бар мегирад.

***Калидвожаҳо:*** *Канада, дипломатия, сиёсати хориҷӣ, бисёрҷонибагӣ, амнияти инсонӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, Арктика, ҳуқуқи инсон, сулҳпарварӣ, НАТО.*

**Муқаддима.** Низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ бо шиддат гирифтани рақобати геополитикӣ, афзоиши таҳдидҳои фаромиллӣ, тағйир ёфтани хусусияти низоъҳои мусаллаҳона, тағйирёбии иқлим ва афзоиши аҳаммияти минтақаи Арктика тавсиф мешавад. Дар чунин шароит таҷрибаи давлатҳое, ки ба қатори абарқудратҳои ҷаҳонӣ дохил намешаванд, вале дорои иқтидори назарраси дипломатӣ буда, метавонанд ба ташаккули меъёрҳои байналмилалӣ таъсир расонанд, таваҷҷуҳи хосро ба худ ҷалб менамояд.

Канада яке аз намунаҳои хоси чунин давлатҳо ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти илмӣ он одатан ҳамчун «давлати миёнақудрат» ё бо истилоҳи англиси «*middle power*» баррасӣ мешавад, ки таъсири сиёсати хориҷии он на танҳо ба иқтидори низомӣ, балки бештар ба бисёрҷонибагӣ, дипломатияи эътилофӣ, миёнаравӣ ва тахассус дар самтҳои алоҳидаи сиёсати байналмилалӣ асос меёбад [1]. Ҳамзамон мафҳуми «давлати миёнақудрат» таърифи ягона надорад: он метавонад ҳам имкониятҳои моддии давлат ва ҳам тарзи муайяни рафтори онро дар муносибатҳои байналмилалӣ ифода намояд [2].

Низоми Канада аз он ҷиҳат низ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад, ки дар он манфиатҳои миллӣ бо арзишҳои умумбашарӣ муқобил гузошта намешаванд. Баръакс, ҳифзи ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи инсон, принсипҳои демократӣ ва институтҳои бисёрҷониба ҳамчун яке аз воситаҳои таъмини амнияти дарозмуддати миллӣ баррасӣ мегарданд. Ин равиш махсусан дар доираи консепсияи амнияти инсонӣ, ки дипломатияи Канада дар солҳои 1990 фаъолона пешбарӣ мекард, равшан зоҳир гардид. Вазири собиқи корҳои хориҷии Канада Ллойд Эксуорси амниятро на танҳо ҳамчун ҳифзи давлат, балки ҳамчун ҳифзи инсон аз зӯроварӣ, буҳронҳои башардӯстона, муҳоҷирати иҷборӣ ва дигар таҳдидҳои фаромиллӣ арзёбӣ намуда буд [3, 183–196].

**Ҳадафи** мақола муайян намудани хусусиятҳои асосии модели дипломатияи арзишмеҳвари Канада ва таҳлили нақши он дар таъмини амнияти устувори байналмилалӣ мебошад.

**Методҳои таҳқиқ.** Дар таҳқиқи мақолаи мазкур аз методҳои таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, таърихӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин таҳлили ҳуҷҷатҳо ва санадҳои байналмилалӣ истифода шудааст. Барои таҳлили баҳси Тартупалук (Ганс) методи омӯзиши ҳолати мушаххас (case study) низ ба кор гирифта шудааст.

Сиёсати хориҷии Канада зери таъсири як қатор омилҳо ташаккул ёфтааст. Барои мисол: Якум, мавқеи ҷуғрофии кишвар вобастагии зичи онро аз Иёлоти Муттаҳида ба вуҷуд овардааст. Дуюм, имкониятҳои моддии нисбатан маҳдуд дар муқоиса бо абарқудратҳо Оттаваро водор намудааст, ки барои густариши нуфузи худ аз созмонҳои байналмилалӣ ва эътилофҳои дипломатӣ истифода барад. Сеюм, таҷрибаи таърихии иштироки Канада дар ташаккули институтҳои байналмилалии баъдиҷангӣ ба таҳкими анъанаи бисёрҷонибагии сиёсати хориҷии он мусоидат кардааст.

Канада дар ташаккули низоми баъдиҷангии идоракунии байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, иштирок намуда, яке аз давлатҳои муассиси Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ гардидааст. Дипломатияи Канада ба таври анъанавӣ бар он асос меёбад, ки институтҳои байналмилалӣ ба давлатҳои миёнақудрат имкон медиҳанд, ки нобаробарии муносибатҳоро бо давлатҳои қудратманд коҳиш дода, ҳамзамон манфиатҳои худро тавассути қоидаҳои умумӣ ҳифз намоянд [4].

Аз ин рӯ, дипломатияи арзишмеҳвари Канада бояд на ҳамчун даст кашидан аз манфиатҳои миллӣ ба хотири арзишҳои ахлоқӣ, балки ҳамчун шакли махсуси татбиқи манфиатҳои миллӣ арзёбӣ карда шавад. Ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи инсон ва бисёрҷонибагӣ ҳамзамон вазифаи меъёрӣ ва амалӣ доранд. Аз як тараф, онҳо ба арзишҳои сиёсии эълонкардаи Канада мувофиқат мекунанд; аз ҷониби дигар, муҳити байналмилалиеро ба вуҷуд меоранд, ки дар он давлати миёнақудрат имкониятҳои иловагӣ барои ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои иқтисодии худро пайдо мекунад.

Яке аз унсурҳои муҳими ин модел консепсияи амнияти инсонмеҳвар мебошад. Бар хилофи равиши анъанавӣ, ки дар он объекти асосии амният давлат ба ҳисоб меравад, консепсияи амнияти инсонмеҳвар доираи ҳифзро то шахс ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ васеъ менамояд. Дипломатияи Канада дар солҳои 1990 ин равишро бо пешгирии низоъҳо, ҳифзи аҳолии осоишта, мубориза бар зидди паҳншавии минаҳои зиддипиёдагард ва таҳкими меъёрҳои байналмилалии башардӯстона алоқаманд мекард [3].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки модели дипломатии Канада се сатҳи ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: **амнияти миллӣ, институтҳои байналмилалӣ ва амнияти инсонмеҳвар**. Маҷмӯи ин се унсур имкон медиҳад, ки равиши Канада ҳамчун модели комплексии сиёсати хориҷӣ арзёбӣ карда шавад.

Ба ақидаи коршиносони соҳа бисёрҷонибагӣ дар дипломатияи Канада мавқеи марказӣ дорад. Канада дар фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ, «Гурӯҳи ҳафт» (G7), Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва дигар институтҳои байналмилалӣ фаъолона иштирок менамояд. Барои Оттава бисёрҷонибагӣ на танҳо аҳаммияти идеологӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад.

Давлати миёнақудрат барои мустақилона ташаккул додани рӯзномаи байналмилалӣ имкониятҳои давлатҳои абарқудратро надорад. Аз ин рӯ, иштирок дар механизмҳои институтсионалӣ ба Канада имкон медиҳад, ки бо давлатҳои дорои манфиатҳои муштарак ҳамкорӣ намуда, дар масъалаҳои алоҳида эътилофҳо ташкил кунад. Дар адабиёти илмӣ чунин равиш ҳамчун «дипломатияи тахассусӣ» ё «дипломатияи соҳавӣ» (*niche diplomacy*) маъруф аст, ки тамаркузи захираҳои дипломатиро ба масъалаҳои мушаххас дар назар дорад. Дар чунин масъалаҳо давлат метавонад ба натиҷаи байналмилалии нисбатан бузургтар аз имкониятҳои моддии худ ноил гардад [1].

Аз ҷумлаи намунаҳои маъруфи таърихӣ иштироки Канада дар рушди сулҳпарварии байналмилалӣ, пешбурди манъи минаҳои зиддипиёдагард ва фаъолияти фаъол дар соҳаи амнияти инсонӣ мебошанд. Таҷрибаи Канада нишон медиҳад, ки нуфузи дипломатӣ на танҳо тавассути қудрати иқтисодӣ ё низомӣ, балки тавассути ташаббусҳое низ ташаккул меёбад, ки метавонанд ба эҷоди меъёрҳои байналмилалӣ мусоидат намоянд.

Ҳамзамон Канадаи муосир бисёрҷонибагиро бо иштироки фаъол дар сохторҳои ҳарбӣ-сиёсӣ муттаҳид месозад. Канада яке аз 12 давлати муассиси НАТО мебошад, ки соли 1949 бо мақсади таъмини амнияти дастаҷамъии давлатҳои узв таъсис ёфтааст [5]. Аз ин рӯ, тасаввур намудани Канада танҳо ҳамчун давлати дорои «қудрати нарм» равиши соддакардашуда мебошад. Модели сиёсати хориҷии кишвар бар омезиши дипломатия, институтҳои байналмилалӣ ва мудофиаи дастаҷамъӣ асос ёфтааст.

Сиёсати мудофиавии Канада «Strong, Secure, Engaged» консепсияи стратегии кишварро дар доираи се самти ба ҳам алоқаманд муайян менамояд: Канадаи қавӣ дар дохили кишвар, таъмини амнияти Америкои Шимолӣ ва иштироки фаъол дар низоми байналмилалӣ [6]. Дар ин ҳуҷҷат зарурати ҳифзи соҳибихтиёрии Канада, ҳамкорӣ бо Штатҳои Муттаҳида дар доираи NORAD ва НАТО, инчунин иштироки кишвар дар амалиёти байналмилалӣ оид ба ҳифзи сулҳ ва амният таъкид шудааст.

Ҳамин тариқ, модели муосири Канада омезиши **интернатсионализми либералӣ ва дарки воқеъбинонаи амнияти миллӣ** мебошад.

Самти дигари муҳими сиёсати хориҷии Канада пешбурди ҳуқуқи инсон, баробарӣ ва рушди фарогир мебошад. Сиёсати хориҷии Канада ҳуқуқи инсонро на танҳо ҳамчун арзиши дохилӣ, балки ҳамчун яке аз унсурҳои суботи байналмилалӣ баррасӣ менамояд.

Дар давраи солҳои 2016–2025 консепсияи сиёсати хориҷии феминистӣ аҳаммияти махсус пайдо кард. Он тавассути маҷмӯи ташаббусҳои ба ҳам алоқаманд дар соҳаҳои дипломатия, кӯмакҳои байналмилалӣ, тиҷорат, амният ва сулҳпарварӣ татбиқ гардид. Яке аз унсурҳои асосии ин равиш **Сиёсати кӯмаки байналмилалии феминистӣ** (*Feminist International Assistance Policy*) буд, ки соли 2017 қабул гардид [7].

Модели Канада бар он асос меёфт, ки нобаробарӣ, табъиз ва хориҷ намудани гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ аз равандҳои сиёсӣ метавонанд ноустувории сиёсиро тақвият дода, барои пайдоиши низоъҳо замина фароҳам созанд. Аз ин рӯ, густариши иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ҳамчун яке аз омилҳои таъмини амнияти дарозмуддат баррасӣ мешуд [7].

Бо вуҷуди ин, бояд тағйироти солҳои охирро низ ба назар гирифт, зеро ҳуҷҷатҳои расмии Канада дар соли 2025 нишон медиҳанд, ки ҳукумати кишвар нисбат ба истифодаи мустақими истилоҳи «сиёсати хориҷии феминистӣ» эҳтиёткортар шудааст, вале ҳамзамон ба баробарии гендерӣ, ҳуқуқи инсон ва фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои занон содиқ боқӣ мондааст [8]. Аз ин рӯ, масъала бештар на аз даст кашидан аз принсипҳои мазкур, балки аз тағйири истилоҳоти сиёсӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатӣ иборат мебошад.

Канада дар таърихи сулҳпарварии байналмилалӣ мавқеи махсус дорад. Дар ташаккули анъанаи дипломатии Канада саҳми Лестер Пирсон, ки дар ҳалли буҳрони Суэтс дар соли 1956 нақши муҳим бозидааст, назаррас мебошад. Маҳз барои фаъолияти дипломатии вобаста ба ташкили механизмҳои байналмилалии сулҳпарварӣ Пирсон соли 1957 ба Ҷоизаи сулҳи Нобел мушарраф гардид [9].

Фаҳмиш ва дарки Канада дар бораи амният тадриҷан аз пешгирии ҷангҳои байнидавлатӣ ба ҳифзи аҳолӣ, пешгирии буҳронҳои башардӯстона ва таъмини сулҳи устувор густариш ёфт. Чунин равиш ба фаҳмиши муосири амнияти устувор мувофиқат мекунад, ки дар он амният ҳамчун ҳолати дарозмуддат арзёбӣ мешавад ва барои таъмини он на танҳо ҳимояи низомӣ, балки суботи сиёсӣ, рушди иҷтимоӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон ва институтҳои устувор зарур мебошанд.

Дар баробари ин, сиёсати муосири Канада танҳо бо сулҳпарварии анъанавӣ маҳдуд намешавад. Қувваҳои мусаллаҳи Канада дар фаъолияти НАТО ва дигар сохторҳои

байналмилалӣ иштирок мекунанд. Худи кишвар ба мудофиаи дастаҷамъии Амрикои Шимолӣ ва пешгирии таҳдидҳои эҳтимолӣ таваҷҷуҳи зиёд медиҳад.

Ҳамин тариқ, таҳаввули модели Канада гузаришро аз дипломатияи асосан сулҳпарварона ба низоми мураккабтар нишон медиҳад, ки дипломатияи пешгирикунанда, ҳуқуқи байналмилалӣ, рушди иҷтимоӣ, ҳуқуқи инсон ва амнияти дастаҷамъиро ба ҳам мепайвандад.

Дар низоми амнияти миллии Канада Арктика мавқеи махсус дорад. Барои кишвар минтақаи Арктика ҳамзамон аҳаммияти ҳудудӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва ҳарбӣ-стратегӣ дорад.

Мавқеи муосири ҳуқуқии Канада пеш аз ҳама ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи баҳр аз соли 1982 (UNCLOS) асос меёбад. Мутобиқи моддаи 76-и Конвенсия, шелфи қорраии давлати соҳилӣ дар сурати мавҷуд будани шартҳои пешбининамудаи Конвенсия метавонад берун аз ҳудуди 200 мили баҳрӣ васеъ карда шавад, агар талаботи марбут ба идомаи табиии ҳудуди хушкии давлат иҷро гарданд [10].

Маҳз дар ҳамин замина бояд пешниҳоди Канада оид ба Укёнуси Яхбастаи Шимолӣ баррасӣ карда шавад. 23 майи соли 2019 Канада ба Комиссияи СММ оид ба ҳудуди шелфи қитъавӣ пешниҳоди худро ироа намуд, ки тақрибан 2100 саҳифа буда, маълумоти илмӣ ва техникиро дар бораи ҳудуди берунии шелфи қорраии Канада дар бар мегирифт. Ин пешниҳод тақрибан 1,2 млн километри мураббаъ қаъри баҳр ва қаъри зеризаминии онро фаро мегирифт [11].

Аз ин рӯ, изҳорот дар бораи он ки Канада «ба Арктика тибқи принсипи соҳавӣ даъво пешниҳод кардааст», ба тавзеҳи ҷиддӣ ниёз дорад. Гарчанде тасаввуроти таърихӣ дар бораи тақсимоти соҳавии Арктика дар муҳокимаҳои сиёсӣ вуҷуд доштанд, стратегияи ҳуқуқии муосири Канада пеш аз ҳама ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии баҳр ва асосноккунии илмии ҳудуди шелфи қитъавӣ такя мекунад.

Дар ин замина қаторкӯҳи Ломоносов аҳаммияти махсус дорад. Русия, Канада ва Дания/Гренландия асосноккуниҳои илмии ба ҳам такроршавандаи худро нисбат ба қисматҳои дахлдори шелфи қорраии васеъ пешниҳод кардаанд. Мавҷудияти чунин пешниҳодҳо худ ба худ маънои вайрон кардани ҳуқуқи байналмилалиро надорад. Тартиби UNCLOS баррасии илмии чунин пешниҳодҳоро пешбинӣ намуда, баъдан масъалаҳои марбут ба марзбандӣ ё ба истилоҳ делимитатсия бояд тавассути гуфтушунид миёни давлатҳо ҳал карда шаванд [11].

Дар ҳамин ҳол, яке аз хусусиятҳои хоси дипломатияи Канада дар он зоҳир мегардад, ки ҳатто дар сурати мавҷуд будани манфиатҳои ҷиддии иқтисодӣ ва стратегӣ, Оттава кӯшиш менамояд мавқеи худро тавассути расмиёти ҳуқуқи байналмилалӣ қонунӣ ва асоснок намояд.

Яке аз намунаҳои равшани чунин сиёсат баҳси тӯлонӣ дар атрофи ҷазираи **Тартупалук**, ки бо номи ҷазираи Ганс низ маъруф аст, мебошад. Ҷазира дар гулӯгоҳи Кеннедӣ, байни Канада ва Гренландия, ҷойгир шудааст. Дар тӯли даҳсолаҳо Канада ва Дания нисбат ба соҳибихтиёрӣ бар ин ҷазира мавқеъҳои мухталиф доштанд.

Аммо соли 2022 баҳс тавассути гуфтушунид ҳал карда шуд. Канада, Дания ва Гренландия созишномаеро ба имзо расониданд, ки сарҳади заминиро дар ҷазира муайян намуда, ҳамзамон як қатор масъалаҳои марбут ба сарҳади баҳриро низ ба танзим даровард. Яке аз хусусиятҳои муҳими созишнома ҳифзи ҳуқуқи дастрасии анъанавӣ ва озодии ҳаракати инуитҳои Гренландия ва Нунавут мебошад [12].

Ин мисол барои таҳлили модели Канада аҳаммияти махсус дорад. Канада аз манфиатҳои миллӣ даст накашид, вале роҳи расидан ба созишро бар сенарияи муқовимати қудратӣ афзал донист. Раванди гуфтушунид имконияти муттаҳид намудани соҳибихтиёрӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, манфиатҳои мардуми бумӣ ва ҳамкории минтақавиро нишон дод.

Масъалаи дигари баҳснок мақоми ҳуқуқии **Гузаргоҳи шимолу ғарбӣ** мебошад. Канада обҳои Архипелаги Арктикии Канадаро, аз ҷумла Гузаргоҳи шимолу ғарбиро, ҳамчун обҳои дохилӣ баррасӣ менамояд, ки бар онҳо соҳибихтиёрии Канада паҳн мегардад. Штатҳои Муттаҳида мавқеи дигар дошта, Гузаргоҳи шимолу ғарбиро ҳамчун гулӯгоҳи байналмилалӣ арзёбӣ мекунад, ки дар он ҳуқуқи гузариши транзитӣ амал мекунад [13].

Ҳамзамон, соли 1988 Канада ва Штатҳои Муттаҳида **Созишномаи ҳамкории Арктикӣ**-ро ба имзо расониданд. Мувофиқи он Штатҳои Муттаҳида барои гузариши киштиҳои яхшикани худ аз Архипелаги Арктикии Канада розигии Канадаро мегирад [13]. Ҳамин тариқ, ҳатто дар сурати боқӣ мондани ихтилофоти ҳуқуқӣ, ҷонибҳо механизми амалии ҳамкориро ба вуҷуд оварданд.

Масъалаи дигари ҳалнашуда марбут ба сарҳади баҳрӣ дар **баҳри Бофорт** мебошад. Сиёсати муосири Канада онро яке аз масъалаҳои боқимондаи марзии Арктика мешуморад. Соли 2024 Канада ва Штатҳои Муттаҳида дар бораи таъсиси механизми махсус барои баррасии масъалаи сарҳади баҳрӣ дар баҳри Бофорт, аз ҷумла нуқтаҳои ба ҳам пӯшандаи даъвоҳо ба шелфи қитъавӣ дар қисми марказии Укёнуси Яхбастаи Шимолӣ, хабар доданд [14].

Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки дипломатияи Канада аз ҳифзи манфиатҳои соҳибихтиёрӣ худдорӣ намекунад, балки кӯшиш менамояд баҳсҳоро институтсионалӣ карда, онҳоро аз соҳаи муқовимати эҳтимолӣ ба соҳаи гуфтушунид ва ҳуқуқи байналмилалӣ интиқол диҳад.

Сиёсати Арктикаи Канада на танҳо дорои мазмуни ҳарбӣ-сиёсӣ, балки дорои аҳаммияти иқтисодӣ низ мебошад. Минтақа дорои захираҳои назарраси табиӣ, аз ҷумла карбогидридҳо, маъданҳо, захираҳои моҳӣ ва роҳҳои эҳтимолии нақлиётӣ мебошад.

Мувофиқи арзёбии Хадамоти геологии ШМА, дар шимоли доираи қутби Шимолӣ эҳтимолан тақрибан 90 млрд баррел нафт, 1669 триллион фут$^3$ гази табиӣ ва 44 млрд баррел конденсати газӣ дар конҳои ҳанӯз кашфнашудаи анъанавӣ мавҷуд буда метавонанд [15]. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки ин нишондиҳандаҳо арзёбиҳои эҳтимолӣ мебошанд ва маънои онро надоранд, ки ҳамаи ин захираҳо аз лиҳози иқтисодӣ метавонанд истихроҷ карда шаванд.

Аз ин рӯ, амнияти Арктика дар фаҳмиши Канада бо назорати ҳудудҳо, киштиронии баҳрӣ, амнияти экологӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ алоқаманд мебошад. Сиёсати хориҷии Арктикии Канада ҳалли масъалаҳои сарҳадҳои баҳриро бо ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаҳои энергетика, захираҳои маъданӣ, моҳӣ ва дигар захираҳои биологӣ алоқаманд менамояд [14].

Ҳамзамон ҷанбаи экологӣ рӯз аз рӯз аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Тағйирёбии иқлим дастрасии баъзе роҳҳои арктикиро зиёд менамояд, вале дар айни замон барои экосистемаҳо ва аҳолии бумӣ таҳдидҳои нав ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, консепсияи муосири амнияти устувор бояд робитаи мутақобилаи мудофиа, иқтисод, муҳити зист ва устувории иҷтимоиро ба назар гирад.

***Хулоса.*** *Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки модели сиёсати хориҷии Канада омезиши мураккаби дипломатияи арзишмеҳвар, бисёрҷонибагӣ, равиши ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳифзи прагматикии манфиатҳои миллиро ташкил медиҳад.*

Хусусияти асосии ин модел дар набудани муқобилияти қатъӣ байни арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ ифода меёбад. Барои Канада ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи инсон, институтҳои бисёрҷониба ва меъёрҳои дипломатӣ ҳамзамон ҳам арзишҳои сиёсӣ ва ҳам воситаҳои таъмини амнияти миллӣ мебошанд.

Дар ин раванд мақоми Канада ҳамчун давлати миёнақудрат нақши муҳим дорад. Маҳдуд будани захираҳои моддии он дар муқоиса бо абарқудратҳо тавассути истифодаи институтҳои байналмилалӣ, дипломатияи эътилофӣ ва тахассус дар самтҳои алоҳида — сулҳпарварӣ, амнияти инсонӣ, баробарии гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дипломатияи Арктика — ҷуброн карда мешавад.

Самти арктикӣ махсусан ҷанбаи прагматикии модели Канадаро равшан нишон медиҳад. Оттава соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои иқтисодии худро пайваста ҳимоя менамояд, вале ин корро асосан тавассути механизмҳои UNCLOS, асосноккунии илмии талаботи ҳудудӣ, гуфтушунид ва созишномаҳои байналмилалӣ анҷом медиҳад. Ҳалли баҳс дар атрофи Тартупалук дар соли 2022 намунаи равшани чунин стратегия мебошад.

Ҳамзамон модели муосири Канада дар ҳоли тағйирёбӣ қарор дорад. Афзоиши рақобати геополитикӣ, тағйироти низоми байналмилалӣ, боло рафтани аҳаммияти Арктика ва зарурати таҳкими мудофиаи дастаҷамъӣ нақши амнияти анъанавиро бештар менамоянд. Дар баробари ин, Канада ба ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ, бисёрҷонибагӣ ва рушди устувор аҳаммияти худро нигоҳ медорад.

Ҳамин тариқ, модели Канада набояд танҳо ҳамчун модели «қудрати нарм» арзёбӣ карда шавад. Онро дурусттар метавон ҳамчун модели комплексии дипломатияи меъёрӣ-прагматикӣ муайян намуд, ки дар он арзишҳо, ҳуқуқи байналмилалӣ ва бисёрҷонибагӣ бо мудофиаи дастаҷамъӣ, манфиатҳои иқтисодӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ пайваст мегарданд. Маҳз чунин омезиш ба Канада имкон медиҳад, ки сарфи назар аз надоштани мақоми абарқудрат, дар низоми байналмилалӣ нақши назаррасро нигоҳ дорад.

**Адабиёт**


1. Robertson J., Carr A. Middle powers in the international system: emerging patterns of diplomacy // International Affairs. 2021. Vol. 97, No. 5. P. 1377–1396.
2. Neack L. Searching for Middle Powers // Oxford Research Encyclopedia of Politics. Oxford University Press, 2017. DOI: 10.1093/acrefore/9780190228637.013.330.
3. Axworthy L. Canada and Human Security: The Need for Leadership // International Journal. 1997. Vol. 52, No. 2. P. 183–196.
4. Cooper A.F., Higgott R.A., Nossal K.R. Relocating Middle Powers: Australia and Canada in a Changing World Order. Vancouver: UBC Press, 1993.
5. NATO. The North Atlantic Treaty Organization: founding members and collective defence. Brussels: NATO, 2022.
6. Department of National Defence. Strong, Secure, Engaged: Canada’s Defence Policy. Ottawa: Government of Canada, 2017. P. 1–14.
7. Global Affairs Canada. Canada’s Feminist International Assistance Policy. Ottawa: Government of Canada, 2017.
8. Global Affairs Canada. Appearance at AEFA and Foreign Affairs and International Development Committee: Feminist Foreign Policy. Ottawa, 2025.
9. Department of National Defence. Peacekeeping 1815 to Today. Ottawa: Government of Canada, 1995.
10. United Nations. United Nations Convention on the Law of the Sea. Montego Bay, 1982. Art. 76, 83.
11. Global Affairs Canada. Canada’s Arctic Ocean Continental Shelf Submission. Ottawa: Government of Canada, 2019.
12. Global Affairs Canada. Canada and the Kingdom of Denmark, together with Greenland, reach historic agreement on long-standing boundary disputes. Ottawa, 14 June 2022.
13. Government of Canada. Arctic Cooperation Agreement between Canada and the United States of America. Ottawa, 1988.
14. Global Affairs Canada. Canada’s Arctic Foreign Policy. Ottawa: Government of Canada, 2024.
15. U.S. Geological Survey. Circum-Arctic Resource Appraisal: Estimates of Undiscovered Oil and Gas North of the Arctic Circle. USGS Fact Sheet 2008–3049. Reston, 2008.
16. Наҷмиддинов А.Ф., Стратегияи дипломатии ШМА: щамгироии нерӯи нарм бо манфиатҳои амнияти миллӣ. Маҷалаи илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон: Осиё ва Аврупо №2(26),2026. ISSN 2790-7198.
17. Наҷмиддинов А.Ф., Таҳлили таҷрибаи инноватсионӣ ва стартапҳои технологӣ дар ШМА. Маҷалаи илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон: Осиё ва Аврупо №3(23),2025. ISSN 2790-7198.


## КАНАДСКАЯ МОДЕЛЬ:ЦЕННОСТНО-ОРИЕНТИРОВАННАЯ ДИПЛОМАТИЯ И УСТОЙЧИВАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ

В статье анализируются основные особенности внешней политики Канады в контексте ценностно-ориентированной дипломатии, многосторонности и устойчивой безопасности. Автор показывает, что Канада как средняя держава для укрепления своих позиций в

международной системе в значительной степени опирается на международные организации, международное право, коалиционную дипломатию и мирное урегулирование споров. В статье рассматриваются вопросы защиты прав человека, гендерного равенства, миротворчества, человеческой безопасности и многостороннего сотрудничества. Особое внимание уделяется арктической политике Канады, а также анализу правовых аспектов, связанных с Северо-Западным проходом, континентальным шельфом и морем Бофорта. Пример урегулирования спора вокруг Тартупалука (острова Ганса) в 2022 году показывает, что Канада способна сочетать защиту суверенных интересов с переговорами и нормами международного права. В заключение делается вывод о том, что канадская модель основывается не только на концепции «мягкой силы», но представляет собой сочетание нормативно-прагматической дипломатии, многостороннего сотрудничества, коллективной обороны и защиты национальных интересов.

***Ключевые слова:*** *Канада, дипломатия, внешняя политика, многосторонность, безопасность, международное право, Арктика, права человека, миротворчество, НАТО.*

## THE CANADIAN MODEL: VALUE-ORIENTED DIPLOMACY AND SUSTAINABLE SECURITY

The article examines the Canadian model of foreign policy through the interaction of value-oriented diplomacy, multilateralism and sustainable security. Canada is analysed as a middle power whose international influence is based not primarily on material capabilities but on multilateral institutions, international law, coalition diplomacy and peaceful dispute settlement. Particular attention is paid to human rights, gender equality, peacekeeping, human security and participation in international organizations. The Arctic dimension of Canadian foreign policy is considered as an important combination of normative and pragmatic interests. The article analyses the legal and political issues surrounding the Northwest Passage, the continental shelf and the Beaufort Sea. The 2022 settlement of the Tartupaluk/Hans Island dispute between Canada, Denmark and Greenland demonstrates the possibility of combining the protection of sovereignty with negotiations, international law and the interests of Indigenous peoples. The study concludes that the contemporary Canadian model cannot be reduced to the concept of soft power. Rather, it represents a complex form of normative-pragmatic diplomacy combining values, multilateral institutions, collective defence, economic interests and the protection of national sovereignty.

**Key words:** Canada, diplomacy, foreign policy, multilateralism, security, international law, Arctic, human rights, peacekeeping, NATO.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Наҷмиддинов Акбаршоҳ — номзади илмҳои филологӣ, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи Иёлоти Муттаҳидаи Америко ва Канада-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел.: +992 918506382, email: akbar.n@mail.ru ORCID: 0009-0007-7136-7597

**Информация об авторе:** Наджмиддинов Акбаршох — кандидат филологических наук, доцент, ведущий научный сотрудник отдела США и Канада Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальная академия наук Таджикистана. Тел.: +992 918506382, email: akbar.n@mail.ru ORCID: 0009-0007-7136-7597

**Information about the Author:** Najmiddinov Akbarshoh — Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Leading Research Fellow of the Department of the United States of America and Canada at the Institute for the Study of problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Tel.: +992 918506382, email: akbar.n@mail.ru ORCID: 0009-0007-7136-7597

УДК:327(71)+327(575.3)

# ДИПЛОМАТИЯИ МАРДУМӢ ДАР ТАҶРИБАИ КАНАДА: МОДЕЛҲОИ ҲАМКОРИИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ТАТБИҚИ ОНҲО ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ғоибназарзода Сомон**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола хусусиятҳои дипломатияи мардумӣ дар Канада, муайян намудани моделҳои асосии ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва арзёбии имкониятҳои мутобиқсозии унсурҳои таҷрибаи Канада ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, зери омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки барои расидан ба ин мақсад масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор мегиранд: муайян намудани асосҳои назариявии дипломатияи мардумӣ; таҳлили шаклҳои асосии иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сиёсати хориҷӣ; муайян намудани таҷрибаи Канада дар самти истифодаи фарҳанг, маориф, илм, диаспора ва воситаҳои рақамӣ; инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба истифодаи имкониятҳои дипломатияи мардумӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

*Калидвожаҳо. Дипломатияи мардумӣ, сиёсати хориҷӣ, Тоҷикистон, Канада, ҷомеаи шаҳрвандӣ, модели ҳамкорӣ, муносибатҳои байналмилалӣ.*

**Муқаддима.** Дар шароити муосири муносибатҳои байналмилалӣ тағйироти босуръати сиёсӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ боиси васеъ гардидани доираи субъектҳо ва воситаҳои сиёсати хориҷии давлатҳо гардидааст. Агар дар гузашта татбиқи сиёсати хориҷӣ асосан ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва намояндагиҳои дипломатӣ такя мекард, имрӯз дар ин раванд созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, донишгоҳҳо, воситаҳои ахбори омма, сохторҳои фарҳангӣ, соҳибкорон, диаспораҳо ва шаҳрвандони фаъол низ нақши муҳим доранд. Дар чунин шароит дипломатияи мардумӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими сиёсати хориҷӣ аҳамияти бештар пайдо менамояд.

**Методҳо ва усулҳои таҳқиқ..** Дипломатияи мардумӣ ба раванди муошарати давлат бо ҷомеаҳои хориҷӣ, ташаккули фаҳмиши мутақобила, баланд бардоштани эътимод ва муаррифии арзишҳо, фарҳанг ва сиёсати давлат равона гардида, аз дипломатияи анъанавӣ бо доираи васеи иштирокчиён ва воситаҳои татбиқ фарқ мекунад. Тавре А.В. Долинский қайд менамояд, рушди назариявии дипломатияи мардумӣ ба зарурати таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеаҳои хориҷӣ тавассути воситаҳои иттилоотӣ, фарҳангӣ ва коммуникатсионӣ алоқаманд мебошад [1]. Аз ин рӯ, дар шароити рақамикунонии муносибатҳои байналмилалӣ имкониятҳои дипломатияи мардумӣ пайваста васеъ мегарданд. Дар ин замина, таҷрибаи Канада таваҷҷуҳи махсусро ҷалб менамояд. Канада ҳамчун давлати дорои низоми демократӣ, ҷомеаи шаҳрвандии фаъол, гуногунфарҳангӣ ва таҷрибаи васеи ҳамкории байналмилалӣ барои таҳқиқи механизмҳои иштироки субъектҳои ғайридавлатӣ дар сиёсати хориҷӣ намунаи муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳамкории сохторҳои давлатӣ бо донишгоҳҳо, марказҳои таҳлилӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, ҷомеаҳои фарҳангӣ ва диаспораҳо имконият фароҳам меорад, ки манфиатҳои миллӣ на танҳо тавассути абзорҳои дипломатияи расмӣ, балки бо истифода аз иқтидори ҷомеа низ муаррифӣ карда шаванд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши таҷрибаи мазкур аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки кишвар дорои захираҳои назарраси фарҳангӣ, таърихӣ, илмӣ ва инсонӣ буда, истифодаи дурусти онҳо метавонад ба таҳкими мавқеи байналмилалии Тоҷикистон мусоидат намояд. Ташаккули дипломатияи фарҳангӣ, илмӣ, рақамӣ ва истифодаи имкониятҳои диаспора метавонад ба васеъ намудани робитаҳои Тоҷикистон бо ҷомеаҳои хориҷӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътимод ва шинохти кишвар мусоидат кунад.

Таҳқиқоти мазкур дар асоси маҷмӯи усулҳои илмӣ ва таҳлилии омӯзиши муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ анҷом дода шудааст. Азбаски мақсади асосии таҳқиқ

муқоисаи таҷрибаи Канада ва имкониятҳои истифодаи он дар Тоҷикистон мебошад, усули муқоисавӣ ҳамчун яке аз усулҳои асосӣ истифода гардидааст. Тавассути ин усул хусусиятҳои модели ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Канада бо шароити институтсионалӣ ва имкониятҳои мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса карда мешаванд. Дар таҳқиқ инчунин усули таҳлили системавӣ истифода шудааст, ки дипломатияи мардумиро ҳамчун ҷузъи сиёсати хориҷии давлат ва маҷмӯи робитаҳои байни давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ баррасӣ менамояд. Ин усул имконият медиҳад, ки робитаи байни дипломатияи расмӣ, дипломатияи мардумӣ, қудрати нарм, фарҳанг, маориф, илм, воситаҳои ахбори омма ва технологияҳои рақамӣ муайян карда шавад. Усули таҳлили ҳуҷҷатҳо барои омӯзиши адабиёти илмӣ, таҳқиқоти марбут ба дипломатияи мардумӣ, қудрати нарм ва таҷрибаи сиёсати хориҷии Канада истифода гардидааст. Дар ин замина аз асарҳои илмӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла таҳқиқоти А.В. Долинский, Ш. Каримов, Ю. Никитина ва Ҷ. Най истифода шудааст [1; 2; 4; 5]. Ҳамзамон, усули таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ барои муайян намудани ташаккул ва рушди унсурҳои дипломатияи мардумӣ дар Канада ва аҳамияти онҳо дар сиёсати хориҷии муосир истифода шудааст. Усули индуктивӣ низ ба таҳқиқ имкон медиҳад, ки аз омӯзиши самтҳои мушаххас — фарҳанг, маориф, илм, диаспора ва дипломатияи рақамӣ — ба хулосаҳои умумӣ оид ба имкониятҳои истифодаи онҳо дар Тоҷикистон расида шавад.

Дар маҷмӯъ, истифодаи маҷмӯи усулҳои мазкур имкон медиҳад, ки таҷрибаи Канада на ҳамчун модели комилан омода барои интиқол, балки ҳамчун маҷмӯи механизмҳо ва таҷрибаҳои қобили мутобиқсозӣ ба шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шавад.

**Натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки дипломатияи мардумӣ дар шароити муосир ба яке аз воситаҳои муҳими таҳкими қудрати нарм ва густариши робитаҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Самаранокии он на танҳо аз фаъолияти мақомоти дипломатӣ, балки аз сатҳи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, созмонҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандони фаъол вобаста мебошад. Таҳлили таҷрибаи Канада нишон медиҳад, ки яке аз хусусиятҳои муҳимми модели мазкур ташаккули шаклҳои гуногуни ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Дар доираи чунин муносибат давлат метавонад барои татбиқи ташаббусҳои байналмилалӣ аз имкониятҳои донишгоҳҳо, марказҳои таҳлилӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва дигар субъектҳои ҷамъиятӣ истифода намояд. Дар натиҷа, намояндагии манфиатҳои кишвар дар хориҷ аз доираи дипломатияи расмӣ берун рафта, ба шакли васеътар ва гуногунҷабҳаи муоширати байналмилалӣ табдил меёбад. Дар асоси таҳлил се модели асосии ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян карда мешавад. Якум, модели шарикӣ мебошад, ки дар он сохторҳои давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи ташаббусҳои байналмилалӣ ҳамчун шарикони ҳамкор баромад мекунанд. Дуюм, модели дастгирӣ мебошад, ки ба фароҳам овардани имкониятҳои молиявӣ, иттилоотӣ ва институтсионалӣ барои ташаббусҳои байналмилалии ҷомеаи шаҳрвандӣ асос меёбад. Сеюм, модели машваратӣ мебошад, ки ҷалби коршиносон, олимон ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандиро ба муҳокима ва таҳияи масъалаҳои марбут ба сиёсати хориҷӣ дар назар дорад. Натиҷаи дигари муҳим нишон медиҳад, ки фарҳанг ва маориф дар таҷрибаи Канада метавонанд ҳамчун абзорҳои самараноки қудрати нарм хизмат намоянд. Гуногунфарҳангӣ, фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ва робитаҳои илмӣ барои ташаккули муносибатҳои дарозмуддат байни ҷомеаҳо замина фароҳам меоранд. Дипломатияи илмӣ, махсусан тавассути мубодилаи донишҷӯён, омӯзгорон ва муҳаққиқон, метавонад ба ташаккули шабакаҳои устувори робитаҳои байналмилалӣ мусоидат намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқ инчунин нишон медиҳанд, ки диаспора метавонад ҳамчун яке аз захираҳои муҳими дипломатияи мардумӣ истифода шавад. Диаспораҳо на танҳо робитаҳои фарҳангиро нигоҳ медоранд, балки метавонанд дар рушди робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ, тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ байни кишварҳо нақш дошта бошанд. Барои Тоҷикистон истифодаи

иқтидори диаспораи тоҷикон дар хориҷи кишвар метавонад ба муаррифии фарҳанг, таърих, имкониятҳои иқтисодӣ ва дастовардҳои кишвар мусоидат намояд. Самти дигари муҳим дипломатияи рақамӣ мебошад. Густариши шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамӣ имконият медиҳад, ки маълумот дар бораи фарҳанг, таърих, сайёҳӣ, имкониятҳои иқтисодӣ ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон мустақиман ба аудиторияи хориҷӣ расонида шавад. Аз ин рӯ, рушди муҳтавои босифати рақамӣ метавонад ба яке аз воситаҳои нисбатан камхарҷ ва дастрас барои татбиқи дипломатияи мардумӣ табдил ёбад. Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки барои Тоҷикистон пеш аз ҳама истифодаи таҷрибаи Канада дар чор самти афзалиятнок имконпазир мебошад: дипломатияи фарҳангӣ; дипломатияи об ва экология; дипломатияи илмӣ ва таълимӣ; инчунин дипломатияи рақамӣ. Ин самтҳо бо имкониятҳои мавҷуда ва афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат дошта, метавонанд барои таҳкими симои байналмилалии кишвар истифода шаванд.

**Муҳокима.** Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки таҷрибаи Канада барои Тоҷикистон аҳамияти методологӣ ва амалӣ дорад, аммо интиқоли мустақими модели Канада ба шароити Тоҷикистон мувофиқ нест. Сабаби асосӣ дар фарқияти сохтори сиёсӣ, сатҳи рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таърихи ташаккули давлатдорӣ, имкониятҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои фарҳангии ду кишвар мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи асосӣ на нусхабардории модели Канада, балки муайян намудани унсурҳои қобили мутобиқсозии он мебошад.Аз нуқтаи назари сиёсати хориҷӣ, яке аз муҳимтарин дарсҳои таҷрибаи Канада зарурати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ бо иқтидори ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Агар созмонҳои ғайридавлатӣ, донишгоҳҳо, марказҳои таҳлилӣ, муассисаҳои фарҳангӣ ва намояндагони диаспора дар доираи ҳадафҳои умумии сиёсати хориҷӣ фаъол бошанд, имкониятҳои муаррифии кишвар дар хориҷ васеъ мегарданд. Дар ин раванд давлат метавонад нақши ҳамоҳангсоз, дастгиркунанда ва фароҳамкунандаи заминаи ҳуқуқию институтсионалиро иҷро намояд.

Барои Тоҷикистон, пеш аз ҳама, рушди ҳамкории сохторҳои давлатӣ бо муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ муҳим мебошад. Ташкили барномаҳои муштараки таҳқиқотӣ, конфронсҳои байналмилалӣ, мубодилаи донишҷӯён ва олимон метавонад на танҳо ба рушди илм, балки ба ташаккули робитаҳои устувори инсонӣ байни Тоҷикистон ва кишварҳои дигар мусоидат кунад. Чунин робитаҳо дар оянда метавонанд ба сармояи муҳими дипломатӣ табдил ёбанд. Дар самти дипломатияи фарҳангӣ Тоҷикистон имкониятҳои назаррас дорад. Таърихи қадима, мероси фарҳангӣ, забон ва адабиёти тоҷик, шахсиятҳои бузурги илмӣ ва адабӣ, инчунин анъанаҳои миллӣ метавонанд ҳамчун захираҳои қудрати нарм истифода шаванд. Дар ин самт ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ЮНЕСКО, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва истифодаи платформаҳои рақами метавонанд ба баланд бардоштани сатҳи шинохти Тоҷикистон мусоидат намоянд.Дар масъалаи дипломатияи об Тоҷикистон низ дорои имконияти махсус мебошад. Ташаббусҳои байналмилалии кишвар дар соҳаи об ва иқлим метавонанд на танҳо дар сатҳи дипломатияи байнидавлатӣ, балки тавассути ҷалби ҷомеаи илмӣ, ташкилотҳои экологӣ, донишгоҳҳо ва платформаҳои байналмилалии шаҳрвандӣ бештар муаррифӣ карда шаванд. Ин метавонад дипломатияи обро аз доираи музокироти расмӣ берун оварда, ба воситаи муколамаи илмӣ ва ҷамъиятӣ табдил диҳад.Дипломатияи рақамӣ низ барои Тоҷикистон самти дорои дурнамои баланд мебошад. Дар шароите ки қисми зиёди ҷомеаи ҷаҳонӣ маълумотро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамӣ дастрас мекунад, муаррифии Тоҷикистон бояд бо истифодаи муҳтавои муосир, босифат ва барои аудиторияҳои гуногун мутобиқшуда сурат гирад. Дар баробари ин, самаранокии дипломатияи рақамӣ аз касбият, эътимоднокии иттилоот, забондонӣ ва қобилияти муошурати дуҷониба бо аудитория вобаста мебошад. Аз ин нуқтаи назар, метавон пешниҳод кард, ки барои мутобиқсозии таҷрибаи Канада дар Тоҷикистон тадриҷан низоми ҳамкории сеҷонибаи «давлат – ҷомеаи шаҳрвандӣ – муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ» ташаккул дода шавад. Чунин механизм метавонад барои таҳияи ташаббусҳои муштараки байналмилалӣ, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва илмӣ, омода намудани муҳтавои рақамӣ ва истифодаи

имкониятҳои диаспора замина фароҳам оварад. Ҳамзамон, татбиқи дипломатияи мардумӣ бояд бо ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг бошад. Таҷрибаи Канада нишон медиҳад, ки дипломатияи мардумӣ дар сурати мавҷудияти институтҳои фаъол, ҳамоҳангсозии муассир ва ҳадафҳои равшани сиёсати хориҷӣ метавонад ба воситаи пурқуввати баланд бардоштани эътимод ва нуфузи байналмилалӣ табдил ёбад. Ҳамин тавр, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳад, ки барои Тоҷикистон аз таҷрибаи Канада пеш аз ҳама механизмҳои ҳамкорӣ, на шаклҳои институтсионалии онро, бояд омӯхт. Мутобиқсозии интихобии таҷрибаи мазкур дар соҳаҳои фарҳанг, маориф, илм, диаспора, дипломатияи об ва технологияҳои рақамӣ метавонад ба ташаккули модели миллии дипломатияи мардумӣ мусоидат намояд. Ин раванд дар дурнамо метавонад фаъолияти сиёсати хориҷии Тоҷикистонро диверсификатсия намуда, доираи шарикон ва аудиторияҳои байналмилалии кишварро васеъ созад.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки таҷрибаи Канада барои Тоҷикистон аҳамияти методологӣ ва амалӣ дорад, аммо интиқоли мустақими модели Канада ба шароити Тоҷикистон мувофиқ нест. Сабаби асосӣ дар фарқияти сохтори сиёсӣ, сатҳи рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таърихи ташаккули давлатдорӣ, имкониятҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои фарҳангии ду кишвар мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи асосӣ на нусхабардории модели Канада, балки муайян намудани унсурҳои қобили мутобиқсозии он мебошад.Аз нуқтаи назари сиёсати хориҷӣ, яке аз муҳимтарин дарсҳои таҷрибаи Канада зарурати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ бо иқтидори ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Агар созмонҳои ғайридавлатӣ, донишгоҳҳо, марказҳои таҳлилӣ, муассисаҳои фарҳангӣ ва намояндагони диаспора дар доираи ҳадафҳои умумии сиёсати хориҷӣ фаъол бошанд, имкониятҳои муаррифии кишвар дар хориҷ васеъ мегарданд. Дар ин раванд давлат метавонад нақши ҳамоҳангсоз, дастгиркунанда ва фароҳамкунандаи заминаи ҳуқуқию институтсионалиро иҷро намояд.

Барои Тоҷикистон, пеш аз ҳама, рушди ҳамкории сохторҳои давлатӣ бо муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ муҳим мебошад. Ташкили барномаҳои муштараки таҳқиқотӣ, конфронсҳои байналмилалӣ, мубодилаи донишҷӯён ва олимон метавонад на танҳо ба рушди илм, балки ба ташаккули робитаҳои устувори инсонӣ байни Тоҷикистон ва кишварҳои дигар мусоидат кунад. Чунин робитаҳо дар оянда метавонанд ба сармояи муҳими дипломатӣ табдил ёбанд. Дар самти дипломатияи фарҳангӣ Тоҷикистон имкониятҳои назаррас дорад. Таърихи қадима, мероси фарҳангӣ, забон ва адабиёти тоҷик, шахсиятҳои бузурги илмӣ ва адабӣ, инчунин анъанаҳои миллӣ метавонанд ҳамчун захираҳои қудрати нарм истифода шаванд. Дар ин самт ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ЮНЕСКО, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва истифодаи платформаҳои рақами метавонанд ба баланд бардоштани сатҳи шинохти Тоҷикистон мусоидат намоянд.Дар масъалаи дипломатияи об Тоҷикистон низ дорои имконияти махсус мебошад. Ташаббусҳои байналмилалии кишвар дар соҳаи об ва иқлим метавонанд на танҳо дар сатҳи дипломатияи байнидавлатӣ, балки тавассути ҷалби ҷомеаи илмӣ, ташкилотҳои экологӣ, донишгоҳҳо ва платформаҳои байналмилалии шаҳрвандӣ бештар муаррифӣ карда шаванд. Ин метавонад дипломатияи обро аз доираи музокироти расмӣ берун оварда, ба воситаи муколамаи илмӣ ва ҷамъиятӣ табдил диҳад.Дипломатияи рақамӣ низ барои Тоҷикистон самти дорои дурнамои баланд мебошад. Дар шароите ки қисми зиёди ҷомеаи ҷаҳонӣ маълумотро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамӣ дастрас мекунад, муаррифии Тоҷикистон бояд бо истифодаи муҳтавои муосир, босифат ва барои аудиторияҳои гуногун мутобиқшуда сурат гирад. Дар баробари ин, самаранокии дипломатияи рақамӣ аз касбият, эътимоднокии иттилоот, забондонӣ ва қобилияти муошırати дуҷониба бо аудитория вобаста мебошад. Аз ин нуқтаи назар, метавон пешниҳод кард, ки барои мутобиқсозии таҷрибаи Канада дар Тоҷикистон тадриҷан низоми ҳамкории сеҷонибаи «давлат – ҷомеаи шаҳрвандӣ – муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ» ташаккул дода шавад. Чунин механизм метавонад барои таҳияи ташаббусҳои муштараки байналмилалӣ, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва илмӣ, омода намудани муҳтавои рақамӣ ва истифодаи

имкониятҳои диаспора замина фароҳам оварад. Ҳамзамон, татбиқи дипломатияи мардумӣ бояд бо ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг бошад. Таҷрибаи Канада нишон медиҳад, ки дипломатияи мардумӣ дар сурати мавҷудияти институтҳои фаъол, ҳамоҳангсозии муассир ва ҳадафҳои равшани сиёсати хориҷӣ метавонад ба воситаи пурқуввати баланд бардоштани эътимод ва нуфузи байналмилалӣ табдил ёбад. Ҳамин тавр, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳад, ки барои Тоҷикистон аз таҷрибаи Канада пеш аз ҳама механизмҳои ҳамкорӣ, на шаклҳои институтсионалии онро, бояд омӯхт. Мутобиқсозии интихобии таҷрибаи мазкур дар соҳаҳои фарҳанг, маориф, илм, диаспора, дипломатияи об ва технологияҳои рақамӣ метавонад ба ташаккули модели миллии дипломатияи мардумӣ мусоидат намояд. Ин раванд дар дурнамо метавонад фаъолияти сиёсати хориҷии Тоҷикистонро диверсификатсия намуда, доираи шарикон ва аудиторияҳои байналмилалии кишварро васеъ созад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии низоми муносибатҳои байналмилалӣ нақши давлатҳо дар сиёсати хориҷӣ дигар танҳо ба фаъолияти сохторҳои расмии давлатӣ маҳдуд намешавад. Дар баробари дипломатия классикӣ шаклҳои нави ҳамкорӣ ва таъсиррасонӣ ба афкори байналмилалӣ ташаккул ёфтаанд, ки яке аз муҳимтарини онҳо **дипломатияи мардумӣ** (public diplomacy / people's diplomacy) мебошад. Ба ақидаи баъзе аз муҳаққиқон, мақсади асосии дипломатияи мардумӣ ба таври бештар ва равшантар инъикос намудани сиёсати хориҷии як кишвар дар миёни тӯдаҳои васеи кишварҳои дигар бо истифода аз ашколи мухталифи иттилоотӣ ва иделогӣ мебошад [1]. Ин навъи дипломатия ба ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, воситаҳои ахбори омма, муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ, инчунин шаҳрвандони фаъол такя мекунад. Дар ҳақиқат, воқеияти замони муосир ин аст, ки дипломатияи ҷамъиятӣ имрӯз аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ низ ба таври васеъ корбаст мешавад [4]. Канада ҳамчун давлати дорои анъанаҳои қавии демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии рушдёфта таҷрибаи бой дар самти дипломатия мардумӣ дорад.

***Мафҳум ва асосҳои назариявии дипломатия мардумӣ.*** Дипломатияи мардумӣ маҷмӯи фаъолиятҳоест, ки ба таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеаи хориҷӣ, ташаккули симои мусбати давлат ва рушди муколамаи байнифарҳангӣ равона шудааст. Бар хилофи дипломатияи расмӣ, ки асосан тавассути намояндагиҳои дипломатӣ амалӣ мегардад, дипломатияи мардумӣ иштирокчиёни ғайридавлатиро низ фаро мегирад. Ба ақидаи муҳаққиқ Ш.Каримов, чунин бархӯрд ва махсусан истифодаи бештар ва пурсамар аз дипломатияи ҷамъиятӣ ба кишвари мо, ки дорои анъанаҳои бои таърихии илмиву фарҳангист, низ иҷозат медиҳад, то дар низоми муносибатҳои байналмилалии замони муосир мақоми шоистаро сазовор гардад ва сафи дӯстон ва шарикони ҳамкорро барои таъмини ояндаи шукуфон ва сулҳу амнияти саросарӣ афзун намояд [2,75].

Мақсади асосии дипломатияи мардумӣ баланд бардоштани сатҳи эътимод, фаҳмиши мутақобилан ва ҳамкории дарозмуддат байни халқҳо мебошад.

***Шаклҳо ва воситаҳои дипломатияи мардумӣ.*** Ба шаклҳои асосии дипломатияи мардумӣ инҳо дохил мешаванд:

. ҳамкории фарҳангӣ ва маориф;
. барномаҳои мубодилаи донишҷӯён ва олимон
. фаъолияти ахбори омма;
. дипломатияи рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ;
.иштироки созмонҳои ғайридавлатӣ ва диаспораҳо.

***Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар дипломатияи мардумӣ.*** Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун пайванди байни давлат ва ҷомеаи байналмилалӣ баромад мекунад. Созмонҳои ғайридавлатӣ, марказҳои таҳлилӣ (think tanks), иттиҳодияҳои касбӣ ва фарҳангӣ тавассути баргузории конфронсҳо, семинарҳо, лоиҳаҳои муштарак ва барномаҳои мубодилавӣ робитаҳои байналмилалиро густариш дода, ба таҳкими муколама, эътимод ва ҳамкории байни кишварҳо мусоидат менамояд.

***Таҷрибаи дипломатияи мардумӣ дар Канада.*** Канада яке аз давлатҳои фаъол дар доираи Созмони Милали Муттаҳид мебошад ва дар амалиётҳои ҳифзи сулҳ саҳми назаррас мегузорад. Ин кишвар узви фаъоли Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ буда, дар таъмини амнияти байналмилалӣ иштирок мекунад. Сиёсати хориҷии Канада ба арзишҳои демократӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон, бисёрҷонибгароӣ ва ҳамкории байналмилалӣ асос ёфтааст. Тавассути барномаҳои кумакҳои рушд ва дастгирии кишварҳои дар ҳоли рушд, нуфузи худро бо роҳи сулҳомез таквият медиҳад. Канада худро ҳамчун «қувваи миёна» муаррифӣ намуда, тавассути дипломатияи мулоим (soft power) мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам менамояд. Ҳамин тавр, Канада бештар ба роҳҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ манфиатҳои худро ҳифз намуд, ҳамчун кишвари ҷонибдори сулҳ ва ҳамкорӣ шинохта мешавад.

***Моделҳои ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Канада.*** Дар Канада ҳамкории фаъоли байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Вазорати корҳои хориҷӣ бо созмонҳои ғайридавлатӣ, донишгоҳҳо ва марказҳои таҳқиқотӣ ҳамкорӣ намуда, онҳоро ба татбиқи барномаҳои байналмилалӣ ҷалб мекунад. Муҳаққиқи маъруф Ҷозеф Най қайд мекунад, ки soft power (қуваи мулоим) – ин қобилияти таъсир расонидан ба дигарон **бе истифодаи қувваи низомӣ ё таҳдид**, балки таввассути **фарҳанг, арзишҳо ва сиёсати хориҷӣ** эътимодбахш мебошад [5].

Моделҳои асосӣ иборатанд аз:

**.модели шарикӣ** – иштироки баробари давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;

**.модели дастгирӣ** – маблағгузорӣ ва пуштибонии давлатӣ аз ташаббусҳои ҷамъиятӣ;

**.модели машваратӣ** – ҷалби коршиносон ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таҳияи қарорҳо.

***Нақши фарҳанг, маориф ва диаспора.*** Канада ҳамчун яке аз кишварҳои пешрафтаи демократӣ ва гуногунфарҳанг намунаи муваффақи ҳамгироии фарҳанг, маориф ва диаспора дар сиёсати давлатӣ ба шумоор меравaнд. Ин се самт дар таҳкими ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодӣ ва боло бурдани нуфузи байналмилалии кишвар нақши муҳим мебозанд.

• *Нақши фарҳанг*

Фарҳанг дар Канада бар асоси сиёсати расмии гуногунфарҳангӣ (Multiculturalism) ташаккул ёфтааст. Қонуни гуногунфарҳангии соли 1988 ба ҳифз ва рушди фарҳангҳои гуногуни этникӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард. Давлат тавассути ниҳодҳое чун Canadian Heriteg барномаҳои дастгирии фарҳангиро амалӣ менамояд. Фаъолиятҳои фарҳангӣ дар доираи низоми қонунии кишвар дар самтҳои асосии зерин амалӣ карда мешавад:

. дасгирии фестивалҳо ва чорабиниҳои этникӣ;

. ҳифзи забонҳои миллӣ ва ақаллиятҳо;

. рушди санъат, кино ва адабиёт;

. таҳкими ҳамгироии иҷтимоӣ.

Қобили қайд аст, ки фарҳанг ҳамчун воситаи қудрати нарм ба Канада имкон медиҳад, ки симои мусбати худро дар арсаи байналмилалӣ бештар ва беҳтар муаррифӣ намояд.

• *Нақши маориф*

Маориф яке аз рукнҳои асосии рушди устувор ва шукуфоии бардавоми Канада мебошад. Масъулияти соҳаи маориф ва таҳсилот дар ин кишвар бар дӯши вилоятҳо ва минтақаҳост [3,71]. Ҳоло дар Канада вазорати маорифи давлатӣ вуҷуд надорад, вале донишгоҳҳои бонуфузи кишвар дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф шудаанд ва ҳазорҳо донишҷӯёни хориҷиро ҷалб мекунанд. Донишгоҳҳои зерин аз ҷумлаи марказҳои илмию таълимии машҳур ва маъруфи Канада маҳсуб мешаванд:

. University of Toronto

. University of British Columbia

. McGill University

Аз тарафи дигар, маориф аз тариқи фарогирии амалҳои зерин дар ҷомеа нақши муҳимеро мебозад:

. рушди сармояи инсонӣ;
. ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ (дипломатияи илмӣ);
. мусоидат ба инноватсия ва таҳқиқоти илмӣ;
. таҳкими робитаҳои байналмилалӣ.

• *Нақши диаспора*

Канада яке аз кишварҳои дорои ҷомеаи бузурги муҳоҷирон мебошад. Диаспора дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар саҳми назаррас дорад. Вазифаҳои диаспора дар ин қарина иборатанд аз**:**

. таъмини рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ
. таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ бо кишварҳо;
. муаррифии фарҳангҳои миллӣ;
. иштирок дар ҳаёти сиёӣ ва иҷтимоӣ.

Ба ибораи дигар, диаспора дар Канада ҳамчун шарикии фаъоли давлат эътироф шудааст ва дар раванди қабули қарорҳо низ нақши назаррас дорад.

***Имкониятҳои татбиқи таҷрибаи Канада дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ марҳилаи ташаккул ва рушдро тай намуда истодааст. Созмонҳои ғайридавлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ метавонанд дар муаррифии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар нақши муҳим мебозанд. Имкониятҳои татбиқи таҷрибаи Канада дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чанд самти муҳими дипломатияи мардумӣ, ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди неруи "қудрати нарм" бармеоянд. Аз назари мо, имконияти татбиқи таҷрибаи Канада дар шароити Тоҷикистон метавонад ба қарори зайл бошад:

. Ташкили барномаҳои мубодилаи донишҷӯён ва олимон бо кишварҳои шарик;
. Истифодаи марказҳои фарҳангӣ ва диаспораҳо ҳамчун василаи муаррифии Тоҷикистон;
. Рушди дипломатияи рақамӣ (фаъолияти фаъол дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои байналмилалӣ).

Самтҳои зерин метавонанд дар бобатти истифодаи дипломатияи мардумӣ барои Тоҷикистон афзалиятнок бошанд:

**.** муаррифии фарҳанг, таърих ва тамаддуни тоҷикон;
**.** дипломатия об ва экология;
**.** ҳамкории илмӣ ва маорифӣ;
**.** истифодаи дипломатияи рақами ва шабакаҳои иҷтимоӣ.

*Дипломатияи фарҳангӣ* яке аз самтҳои асосии муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад. Мероси бойи таърихию фарҳангӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳими "қудрати нарм" истифода шаванд. Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Юнеско дар ин самт аҳамияти махсус дорад.

*Дипломатияи об.* Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар масъалаҳои об дар сатҳи байналмилалӣ этироф шудааст. Пешбурди ташаббусҳои марбут ба об ва рушди устувор дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ба таҳкими мавқеи байналмилалии кишвар мусоидат менамояд.

*Ҳамкории илмӣ ва таълиму тарбия* низ яке аз абзори муҳими дипломатияи мардумӣ ба шумор меравад. Барномаҳои мубодилаи донишҷӯён, омӯзгорон ва олимон метавонанд на танҳо сатҳи ҳамкории илмиро боло баранд, балки барои шиносоӣ ва муаррифии бештари Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат намоянд ва, аз тарафи дигар, робитаҳои илмию таҳқиқотии байни марказҳои пажӯҳишии кишварҳои мазкурро тақвият бахшанд.

*Дипломатияи рақамӣ* рушди техналогияҳои иттилоотӣ дипломатияи мардумиро ба сатҳи нав баровард. Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои рақамӣ ва муҳтавои мултимедиявӣ барои муаррифии имкониятҳои иқтисодӣ, сайёҳӣ, ва фарҳанги Тоҷикистон аҳаммияти афзоянда дорад.

***Тавсияҳо оид ба татбиқи таҷрибаи Канада.*** Бо назардошти таҷрибаи Канада дар бобати истифодаи пурсамари дипломатияи мардумӣ тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:

**.**таҳкими ҳамкории Вазорати корҳои хориҷӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ;

.таъсиси барномаҳои муштараки фарҳангӣ ва илмӣ;
.дасгирии ташаббусҳои байналмилалии созмонҳои ғайридавлатӣ;
.ҷалби диаспораи тоҷикон ба дипломатияи мардумӣ;
.рушди дипломатия рақамӣ ҳамчун воситаи муосир.

Хулоса, аз нуқтаи назари амалӣ дипломатия мардумӣ метавонад ҳамчун абзори иловагии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад. Таҷрибаи Канада нишон медиҳад, ки ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, ниҳодҳои илмӣ ва фарҳангӣ ба сиёсати хориҷӣ ва баланд бардоштани эътимоди байналмилалӣ ва густариши робитаҳо мусоидат мекунад.

Дар шароити Тоҷикистон татбиқи унсурҳои дипломатияи мардумӣ бояд марҳилавӣ, бо ҳамоҳангии ниҳодҳои давлатӣ ва бо назардошти манфиатҳои миллӣ сурат гирад. Барои Тоҷикистон мутобиқсозии ин таҷриба бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва сиёсӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад. Истифодаи оқилонаи ин таҷриба метавонад самаранокии фаъолияти хориҷии кишварро боло бурда, симои аслӣ ва дастовардҳои бузурги даврони Истиқлоияти миллиро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам беҳтару равшантар муаррифӣ намояд.

## АДАБИЁТ

1. Долинский А.В. Эволюция теоретических оснований публичной дипломатии // Вестник МГИМО-Университета. 2011. Вып. № 2. С. 275–280.
2. Каримов Ш. Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Аврупо ва Амрико (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2023. –169 саҳ. (с.75).
3. Каримов Ш.Ҳолат ва дурнамои инкишофи муносибатҳои дуҷонибаи ШМА ва Каанда бо Тоҷикистон. Душанбе, 2024. –С.71.
4. Никитина Ю. Публичная дипломатия в работе межправительственных организаций: ОДКБ и ШОС // Публичная дипломатия: Теория и практика / под ред. М.М. Лебедевой. М. : Аспект Пресс, 2017. С. 112–127.
5. Nye J. Soft Power: The Means to Success in World Politics, 2004;

## ОПЫТ КАНАДЫ В ПУБЛИЧНОЙ ДИПЛОМАТИИ: МОДЕЛИ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА И ПУТИ ИХ ИНТЕГРАЦИИ ВО ВНЕШНЮЮ ПОЛИТИКУ ТАДЖИКИСТАНА

Основная цель данной статьи — анализ концепции, моделей и опыта публичной дипломатии в Канаде и предложение путей их адаптации и использования во внешней политике Республики Таджикистан. В статье автор рассматривает важные аспекты публичной (народной) дипломатии в Канаде и считает необходимым применение опыта этой страны к развивающимся странам, включая Таджикистан. Автор отмечает, что изучение этого опыта и анализ возможностей его применения во внешней политике Республики Таджикистан имеют теоретическое и практическое значение.

***Ключевые слова:*** публичная дипломатия, внешняя политика, Таджикистан, Канада, гражданское общество, модели сотрудничества, международные отношения.

## CANADA'S EXPERIENCE IN PUBLIC DIPLOMACY: CIVIL SOCIETY MODELS AND PATHS TO INTEGRATING THEM INTO TAJIKISTAN'S FOREIGN POLICY

The main objective of this article is to analyze the concept, models, and experience of public diplomacy in Canada and propose ways to adapt and utilize them in the foreign policy of the Republic of Tajikistan. In this article, the author examines important aspects of public diplomacy in Canada and considers the need to apply this country's experience to developing countries, including Tajikistan. The author notes that studying this experience and analyzing the possibilities for its application in Tajikistan's foreign policy have both theoretical and practical significance.

***Keywords:*** *public diplomacy, foreign policy, Tajikistan, Canada, civil society, cooperation models, international relations.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:**Ғоибназарзода Сомон Илҳом – ходими хурди илми шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға:734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; Тел: +992004332211; E-mail: ghoibnazarzodasomon@gmail.com ORCID:0009-0005-4961-6222

**Сведения об авторе:** Ғоибназарзода Сомон Илхом – младший научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес:734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33; Тел: +992004332211; E-mail ghoibnazarzodasomon@gmail.com ORCID:0009-0005-4961-6222

**Information about Author:** Ghoibnazarzoda Somon Ilhom – Junior researcher, Department for US and Canadian Studies, Institute for the Study of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. Addres734025, Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Ave.; Phone: +992004332211, E-mail: ghoibnazarzodasomon@gmail.com ORCID:0009-0005-4961-6222

УДК: 327(71)+327(47)+327(575)

# МОДЕЛИ НЕРӮИ НАРМИ КАНАДА ДАР КИШВАРҲОИ ПАСОШӮРАВӢ: АФЗАЛИЯТҲО, САМТҲО ВА ТАҶРИБА

**Дороншоева Некбахт Шоқосумовна**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақола хусусиятҳои ташаккул ва татбиқи нерӯи нарми Канада дар кишварҳои пасошӯравӣ таҳлил карда мешаванд. Муаллиф бар он назар аст, ки сиёсати Канада дар ин фазо модели ягона ва мутамарказ надошта, хусусияти шабакавӣ, арзишмеҳвар ва интихобӣ дорад. Ҷолибияти низоми демократӣ, сиёсати бисёрфарҳангӣ, дузабонӣ, таҳсилоти босифат ва имиҷи Канада ҳамчун «қудрати миёна» заминаи захиравии ин моделро ташкил медиҳанд. Дипломатияи бисёрҷониба, кӯмак ба рушди маҳаллӣ, дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамкории илмию таълимӣ, робита бо диаспораҳо ва дипломатияи рақамӣ ҳамчун воситаҳои асосии татбиқи нерӯи нарми Канада баррасӣ гардидаанд. Дар асоси истифода усулҳои муқоисавӣ ва институтсионалӣ, инчунин таҳлили таҷрибаи Украина, Арманистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон дода мешавад, ки миқёс ва шакли ҳузури Канада ба аҳаммияти сиёсӣ ҳар кишвар, мавҷудияти шабакаҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои институтсионалии ҳар зерминтақа вобаста мебошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *нерӯи нарм, Канада, кишварҳои пасошӯравӣ, дипломатияи ҷамъиятӣ, қудрати миёна, бисёрфарҳангӣ, маориф, диаспора, ҷомеаи шаҳрвандӣ, Осиёи Марказӣ.*

**Муқаддима.** Дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ нуфузи давлат танҳо бо иқтидори ҳарбӣ, ё ҳаҷми иқтисоди он муайян карда намешавад. Қобилияти ба даст овардани эътимод, ҷалб кардани ҷомеаҳои хориҷӣ ва муаррифии арзишҳои миллӣ низ ба яке аз захираҳои муҳими сиёсати хориҷӣ табдил ёфтааст. Ҷозеф Най ин қобилиятро «нерӯи нарм» номида, онро ҳамчун қобилияти ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ тавассути ҷалбкунӣ, на маҷбуркунӣ, ё ҳавасмандсозии моддӣ, шарҳ медиҳад [2, p. 5]. Барои Канада, ки аз рӯйи иқтидори низомӣ ба қатори абарқудратҳо дохил намешавад, аммо дорои иқтисоди пешрафта, ниҳодҳои устувор ва таҷрибаи ғании бисёрҷонибагароӣ мебошад, истифодаи чунин воситаҳо аҳаммияти махсус дорад.

Канада яке аз кишварҳоест, ки механизмҳои “нерӯи нарм”-ро воситаи муҳими сиёсати хориҷии худ табдил додааст. Ин хусусият ҳам ба анъанаҳои таърихӣ ва таҷрибаи гуногунҷанбаи кишвар дар соҳаи гуманитарӣ ва ҳам ба мавқеи Канада дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ вобаста мебошад. Канада ба гурӯҳи давлатҳои дорои “қудрати миёна” мансуб аст. Ҳарчанд он аз лиҳози шумораи аҳолӣ ва иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳ дар қатори давлатҳои бузург қарор надошта бошад, вале дорои иқтисоди пешрафта, сатҳи баланди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва имкониятҳои назарраси институтсионалӣ мебошад. Аз солҳои баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон Канада механизмҳои “нерӯи нарм”-ро дар сиёсати хориҷии худ фаъолона истифода мебарад.

Маҳз истифодаи ин механизмҳо ба Канада имкон додааст, ки дар ҷомеаи байналмилалӣ ҷойгоҳи махсус пайдо намуда, нуфузи худро тақвият бахшад ва ҳам равандҳои байналмилалӣ дар маҷмӯъ ва ҳам ба рушди муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои дорои тамоюлҳои гуногуни сиёсӣ таъсир расонад. [1]

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1991 фазои наве сиёсӣ ба вуҷуд омад, ки дар он масъалаҳои ташаккули давлатдорӣ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ислоҳоти идорӣ, таъмини амнияти минтақавӣ ва муайян намудани самтҳои сиёсати хориҷӣ ба ҳам пайваст гардиданд. Канада ба ин раванд на ҳамчун рақиби мустақими геополитикӣ, балки асосан ба сифати шарики рушд, ҷонибдори меъёрҳои байналмилалӣ ва узви фаъоли созмонҳои бисёрҷониба ворид гардид. Аз ин рӯ, таъсири Канада дар муқоиса ба таъсири ШМА, Русия, Чин ё Иттиҳоди Аврупо камтар ба назар мерасад, аммо дар баъзе кишварҳо ва соҳаҳо хусусияти устувор ва ҳадафманд мебошад.

Мубрамияти мавзӯъ аз он бармеояд, ки дар адабиёти илмӣ нерӯи нарм дар фазои пасошӯравӣ бештар дар робита ба Русия, ШМА, Иттиҳоди Аврупо, Туркия ва Чин таҳлил карда мешавад. Таҷрибаи Канада, махсусан фарқияти равишҳои он дар Аврупои Шарқӣ, Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ, то ҳол ба таври кофӣ ҷамъбаст нашудааст. Ҳадафи мақола муайян кардани асосҳои модели нерӯи нарми Канада, самтҳо ва воситаҳои татбиқи он ва имкониятҳои истифодаи таҷрибаи мазкур барои Тоҷикистон мебошад.

**Методҳо**. Мафҳуми "нерӯи нарм" бар се сарчашмаи асосӣ фарҳанг, арзишҳои сиёсӣ ва сиёсати хориҷие, ки қонунӣ ва аз ҷиҳати ахлоқӣ қобили қабул дониста мешавад, асос меёбад [2, p. 11]. Аммо мавҷудияти захираҳои ҷолиб худ аз худ таъсири сиёсиро таъмин намекунанд. Барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ ин захираҳо бояд тавассути дипломатияи ҷамъиятӣ, мубодилаҳои таълимӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма, кумакҳои рушд ва робитаҳои байниҷамъиятӣ ба муносибати устувор табдил дода шаванд. Аз ин нуқтаи назар, нерӯи нарм ҳам захира ва ҳам натиҷаи таъсиргузорӣ мебошад, дар ҳоле ки дипломатияи ҷамъиятӣ маҷмӯи воситаҳоест, ки барои фаъол гардидан ва татбиқи он истифода мешавад. [3] Аз ин ҷиҳат, нерӯи нарм ва дипломатияи ҷамъиятӣ мафҳумҳои ба ҳам наздик, вале на айнан монананд: якум захира ва натиҷаи таъсиргузорӣ, дуюм – маҷмӯи воситаҳои амалисозии он мебошад. Ба ин ду мафҳум мафҳуми «нерӯи ҳушманд» (*smart power*) илова мегардад, ки ҳамоҳангсозии огоҳонаи воситаҳои нарм ва сахти сиёсати хориҷиро ифода мекунад. [19]

**Натиҷа.** Дар таҳқиқоти сиёсати хориҷии Канада мафҳуми «қудрати миёна» ҷойгоҳи муҳим дорад. Ин мафҳум давлатеро ифода мекунад, ки имконияти ҳукмронӣ бар низоми байналмилалиро надорад, аммо метавонад тавассути эътилофсозӣ, миёнаравӣ, пешниҳоди меъёрҳо байналмилалӣ ва фаъолияти густурда дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ба ҳалли масъалаҳои мушаххас таъсир расонад. Таҷрибаи сулҳпарварӣ, саҳми Канада дар ташкили амалиёти посдори сулҳ, ҷонибдорӣ аз ҳуқуқи байналмилалӣ ва анъанаи дипломатияи бисёрҷониба [18] унсурҳои муҳими симои байналмилалии ин кишвар ба шумор мераванд. Бренди байналмилалии Канада ҳамчунин бо сиёсати мусбат нисбат ба муҳоҷирон, бисёрфарҳангӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва низоми босифати таҳсилот алоқаманд аст [4].

Дар мақола усули системавӣ барои муайян намудани робитаи мутақобилаи захираҳо, ниҳодҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ истифода шудааст. Усули институтсионалӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии Канада (Global Affairs Canada), сафоратҳо, донишгоҳҳо ва барномаҳои грантӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Усули муқоисавӣ барои ошкор намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқияти таҷрибаи Украина, Арманистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ истифода шудааст. Таҳлили муҳтаво омӯзиши санадҳои расмии Ҳукумати Канада, маълумоти марбут ба барномаҳои кумаки байналмилалӣ ва адабиёти илмиро фаро мегирад. Ҳудуди замонии таҳқиқот асосан солҳои 1991-2026-ро дар бар гирифта, ба таҳаввулоти пас аз соли 2014 таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад.

Захираҳо ва хусусиятҳои модели нерӯи нарми Канада ҷолибияти модели иҷтимоию сиёсӣ, нуфузи кишвар ҳамчун "қудрати миёна", сиёсати бисёрҷонибагароӣ, инчунин маориф, илм ва муҳоҷиратро дар бар мегиранд.

Яке аз захираҳои асосии нерӯи нарми Канада суботи институтсионалӣ ва қобилияти пайвастани гуногунии фарҳангию қавмӣ бо ваҳдати сиёсӣ мебошад. Бисёрфарҳангӣ дар ин кишвар танҳо шиори сиёсати хориҷӣ набуда, ҷузъи сиёсати дохилӣ ва ҳувияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҷомеаҳои пасошӯравӣ, ки бо масъалаҳои давлатсозӣ, гуногунии қавмӣ ва муҳоҷират рӯ ба рӯ ҳастанд, чунин намуна метавонад ҷолиб ва қобили омӯзиш бошад. Аммо таъсири он мустақим нест: арзишҳои иҷтимоию сиёсӣ танҳо дар сурате ба манбаи нерӯи нарм табдил меёбад, ки аудиторияи хориҷӣ онҳоро бо таҷрибаи воқеӣ, сиёсати пайгирона ва муносибати эҳтиромонаи Канада нисбат ба дигар давлатҳо ва ҷомеаҳо пайваст намояд.

Дузабонии расмии англисӣ ва фаронсавӣ ба Канада имкон медиҳад, ки ҳам дар ниҳодҳои англисзабон ва ҳам дар Созмони байналмилалии Франкофония фаъолона иштирок

намояд. Барои Арманистон ва Молдова, ки бо фазои франкофонӣ иртибот доранд, ин хусусият заминаи иловагиро барои рушди ҳамкориҳои дипломатӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ фароҳам меорад. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бошад, забони англисӣ, таҳсилоти байналмилалӣ ва таҷрибаи Канада дар идоракунии гуногунии фарҳангию қавмӣ бештар ҷолиб арзёбӣ мешаванд.

Канада нуфузи байналмилалии худро асосан тавассути СММ, САҲА, НАТО, G7, Созмони байналмилалии Франкофония ва ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо тақвият медиҳад. Чунин тарзи фаъолият ба Канада имкон медиҳад, ки маҳдудияти имкониятҳо ва захираҳои мустақими дипломатии худро тавассути бисёрҷониба ва ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ ҷуброн намояд. Узвияти Канада дар Комиссияи Венетсия ва ҳамоҳангсозии мавқеи он бо шарикони аврупоӣ дар масъалаҳои демократия, ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун намунаи чунин механизми тақвияти таъсир ба шумор меравад [5].

Бартарии ин равиш дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти байналмилалии Канада бештар ба ҳамкорӣ, риояи меъёрҳои байналмилалӣ ва эътилофсозӣ такя намуд. Аммо маҳдудияти чунин сиёсат дар вобастагии он аз мавқеи шарикони ғарбӣ ва эҳтимоли омехта шудани симои мустақили Канада бо сиёсати умумии NATO(НАТО) ё G7 ифода меёбад. Аз ҷумла, дар шароити шиддат гирифтанӣ рақобатҳои геополитикӣ аудиторияҳои маҳаллӣ на ҳамеша байни сиёсати мустақили Канада ва сиёсати васеи кишварҳои Ғарб фарқ мегузоранд.

Донишгоҳҳои бонуфуз, муҳити амни устувори иҷтимоӣ ва имкони таҳсил бо забонҳои англисӣ ё фаронсавӣ аз муҳимтарин сарчашмаҳои ҷолибияти кишвар мебошанд. Таҳсилоти байналмилалӣ ҳамзамон се вазифаи муҳимро иҷро менамояд: симои Канада ҳамчун ҷомеаи донишмеҳварро муаррифӣ мекунад, барои ташаккули шабакаҳои дарозмуддати касбӣ мусоидат менамояд ва робитаи байни иқтисод, муҳоҷират ва сиёсати хориҷиро тақвият мебахшад. Ҳукумати Канада дар доираи барномаҳои робитаҳои академӣ ва стипендияҳои байналмилалӣ на танҳо ҷалби донишҷӯёну муҳаққиқони хориҷӣ, балки муаррифии арзишҳо ва ҳувияти Канада ва таҳкими муносибатҳои байналмилалиро ҳадаф қарор додааст. [17], [6] Хатмкардагони донишгоҳҳои Канада пас аз бозгашт ба кишварҳои худ метавонанд ҳамчун интиқолдиҳандагони дониш, таҷриба ва арзишҳои иҷтимоии ин кишвар амал намуда, ба ташаккули робитаҳои устувори илмӣ, касбӣ ва байниҷамъиятӣ мусоидат намоянд. Ба ин тартиб, маориф, илм ва муҳоҷират дар модели нерӯи нарми Канада бо ҳамдигар робитаи зич дошта, барои густариши нуфузи дарозмуддати кишвар дар ҷомеаҳои пасошӯравӣ замина фароҳам меоранд.

Бо вуҷуди ин, имкони дастрасӣ ба таҳсилоти Канада барои шаҳрвандони кишварҳои пасошӯравӣ яксон нест. Арзиши баланди таҳсил, дурии ҷуғрофӣ, талаботи раводид ва шумораи маҳдуди барномаҳои махсуси стипендиявӣ монеаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, таъсири таълимии Канада бештар тавассути ҷалби донишҷӯёни инфиродӣ, ҳамкории байнидонишгоҳӣ, таҳқиқоти муштарак ва фаъолияти шабакаҳои хатмкунандагон амалӣ мешавад, на тавассути таъсиси марказҳои бузурги фарҳангӣ дар хориҷи кишвар.

Воситаҳо ва самтҳои асосии татбиқи нерӯи нарми Канада кумаки байналмилалӣ, дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ, дипломатияи диаспор ва рақамӣ, инчунин ҳамкориҳои тиҷоратию сармоягузориро дар бар мегиранд.

Якум, кумаки байналмилалӣ ва Барномаи Канада барои ташаббусҳои маҳаллӣ (Canauda Fund for Local Initiatives - CFLI)-ро ҳамчун нерӯи нарм истифода мебарад. Ин барнома дар беш аз 120 кишвари гирандаи кумаки расмии рушд лоиҳаҳои хурд, вале дорои таъсири мустақимро дастгирӣ мекунад [7]. Хусусияти муҳими он дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои маҳаллӣ ва мутобиқ намудани мавзуъҳои лоиҳаҳо ба талаботу ниёзҳои ҷомеа ифода меёбад. Самтҳои асосии барнома ҳифзи ҳуқуқи инсон, идоракунии фарогир, баробарии гендерӣ, сулҳу амният, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зистро дар бар мегиранд.

Дуюм, дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои демократӣ дар сиёсати нерӯи нарми Канада ҷойгоҳи муҳим дорад. Ин самт омӯзиш ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, дастгирии парламент, тавсеаи иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин

мусоидат ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма мустақил ва созмонҳои ғайриҳукуматиро фаро гирад. Чунин лоиҳаҳо тавассути ташаккули таҷрибаи мусбати ҳамкорӣ ва шабакаҳои эътимод метавонанд ба таҳкими нерӯи нарми Канада мусоидат намоянд. Аммо агар ин фаъолият ҳамчун дахолат ба корҳои дохилии давлат қабул гардад, эҳтимоли ба вуҷуд омадани вокуниши манфӣ низ вуҷуд дорад.

Сеюм, дипломатияи диаспорҳо дар муносибатҳои Канада бо Украина ва Арманистон аҳаммияти махсус дорад. Диаспораҳо ҳамзамон ҳамчун манбаи дониш, воситаи иртибот, муаррифгари масъалаҳои кишварҳои аслии худ ва гурӯҳҳои қонунии таъсиргузор ба раванди қабули қарорҳо дар дохили Канада амал мекунанд. Онҳо муносибатҳои байнидавлатиро аз доираи робитаҳои расмии ҳукуматӣ берун бароварда, бо ҷомеа, соҳибкорӣ, фарҳанг ва маориф мепайванданд. Бартарии чунин робитаҳо дар устуворӣ ва давомнокии онҳо зоҳир мегардад. Аммо хатари эҳтимолӣ дар он аст, ки рӯзномаи сиёсӣ метавонад бештар манфиатҳои гурӯҳҳои фаъоли диаспорaро инъикос намуда, тамоми гуногунии мавқеъҳои ҷомеаи кишвари аслиро фаро нагирад.

Чорум, дипломатияи рақамӣ ва муқовимат ба паҳншавии иттилои бардурӯғ ба яке аз самтҳои рӯ ба рушди сиёсати хориҷии Канада табдил ёфтааст. Сафоратҳо ва ниҳодҳои давлатии Канада шабакаҳои иҷтимоиро барои муаррифии барномаҳо, арзишҳо ва мавқеи сиёсӣ кишвар истифода мебаранд. Ҳамзамон, Канада нисбат ба субъектҳое, ки дар паҳн кардани иттилои бардурӯғ иштирок мекунанд, изҳори сиёсӣ ва таҳримҳоро татбиқ менамояд. [8]

Панҷум, ҳамкории тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ низ метавонад таъсири меъёрӣ дошта бошад. Созишномаҳои ҳифзи сармоягузорӣ бо Арманистон, Молдова, Қазоқистон ва як қатор давлатҳои дигар ба ташаккули муҳити устувори ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд[9]. Ширкатҳои Канада, махсусан дар соҳаҳои истихроҷи маъдан, муҳандисӣ, кишоварзӣ ва технология, на танҳо манфиати иқтисодии кишварро муаррифӣ мекунанд, балки метавонанд стандартҳои идоракунӣ, бехатарии меҳнат ва масъулияти иҷтимоиро низ паҳн намоянд. Бо вуҷуди ин, самаранокии чунин таъсир ва эътибори Канада аз риояи воқеии меъёрҳои экологию иҷтимоӣ аз ҷониби ширкатҳои канадагӣ вобаста мебошад. Агар фаъолияти онҳо ба талаботи эълоншуда мувофиқат накунад, ҳамкории иқтисодӣ метавонад на ба таҳкими нерӯи нарм, балки ба коҳиш ёфтани эътимод ва осеб дидани симои байналмилалии Канада оварда расонад.

Моделҳои минтақавии нерӯи нарми Канадаро метавон ба се гурӯҳи асосӣ тақсим намуд: модели фарогир ва ҳамгирошуда дар Украина, модели демократия ва диаспора дар Арманистон ва модели лоиҳавию интихобӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ.

Украина намунаи барҷастатарини ҳузур ва таъсири Канада дар фазои пасошӯравӣ ба ҳисоб меравад. Диаспораи сершумори украинӣ, робитаҳои таърихӣ, манфиатҳои амниятӣ ва пуштибонии васеи сиёсӣ дар дохили Канада барои рушди муносибатҳои дуҷониба заминаи устувор фароҳам овардаанд. То моҳи майи соли 2026 Канада аз оғози ҷанги соли 2022 ба Украина ба маблағи зиёда аз 25,5 миллиард доллари канадӣ кумаки гуногунҷанба, аз ҷумла беш аз 13 миллиард доллар дастгирии мустақими молиявӣ, пешниҳод ва уҳдадор шудааст [10]. Ин ҳаҷми кумак нишон медиҳад, ки дар муносибат бо Украина нерӯи нарми Канада аз сиёсати амниятӣ, кумаки иқтисодӣ ва дипломатияи меъёрӣ ҷудо нест.

Модели украинии нерӯи нарми Канада хусусияти фарогир дорад. Дар доираи он робитаҳои диаспораӣ, мубодилаи таҷриба дар соҳаи идоракунӣ, кумакҳои башардӯстона, дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ, барқарорсозии баъдиҷангӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ ва пуштибонии дипломатӣ ҳамдигарро тақвият медиҳанд. Дар чунин шароит эътимод ба Канада на танҳо аз симои мусбати байналмилалии он, балки аз фаъолияти пайгирона, уҳдадориҳои дарозмуддат ва кумакҳои амалии кишвар ташаккул меёбад. Ҳамзамон, омезиши нерӯи нарм бо кумакҳои низомӣ ва таҳримҳо нишон медиҳад, ки сиёсати муосири Канада дар самти Украина танҳо дар доираи мафҳуми «ҷалбкунӣ» шарҳ дода намешавад. Дар ин маврид сухан

дар бораи истифодаи нерӯи ҳушманд, яъне ҳамоҳангсозии воситаҳои нерӯи нарм ва сахт меравад.

Дар муносибати Канада бо Арманистон ду омили асосӣ - диаспораи фаъол ва дастгирии равандҳои демократӣ нақши муҳим доранд. Муносибатҳои дуҷониба ба робитаҳои байни мардум, ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва мусоидат ба сулҳу суботи дарозмуддат дар Қафқози Ҷанубӣ такя мекунанд. Тибқи маълумоти расмӣ, дар Канада беш аз 60 ҳазор нафар намояндаи ҷомеаи арманӣ зиндагӣ мекунанд [11]. Ин ҷомеа барои нигоҳдорӣ ва рушди равобитҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва башардӯстона байни ду кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

Пас аз дигаргуниҳои сиёсии Арманистон таваҷҷуҳи Канада ба ислоҳоти парламентӣ, идоракунии демократӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таҳкими устувории ниҳодҳои давлатӣ афзоиш ёфт. Дар доираи ташаббуси «Дастгирии демократияи Арманистон» масъалаи таҳияи барномаи бисёрсолаи ҳамкорӣ ва кумак ба ниҳодҳои демократии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифт [12]. Аз ин рӯ, модели арманӣ дар муқоиса ба модели ба украинӣ аз ҷиҳати ҳаҷми захираҳо маҳдудтар, аммо аз лиҳози мавзӯӣ мутамарказтар мебошад. Диаспора барои ташаккули эътимод ва густариши робитаҳо мусоидат мекунад, дар ҳоле ки барномаҳои демократӣ мазмун ва самтҳои амалии ҳамкориро муайян менамоянд.

Дар Осиёи Марказӣ ҳузури дипломатӣ ва имкониятҳои барномавии Канада нисбатан маҳдуд мебошанд. Сафорати Канада дар Остона ҳамзамон муносибатҳои дипломатии кишварро ба Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон фаро мегирад [13]. Ин сохтор имкони нигоҳ доштани робитаҳои минтақавиро фароҳам меорад, аммо барои роҳандозии дипломатияи ҷамъиятии доимӣ ва густурда дар ҳар кишвари минтақа маҳдудият ба вуҷуд меорад.

Яке аз воситаҳои намоёни нерӯи нарми Канада дар минтақа Барномаи Канада барои ташаббусҳои маҳаллӣ (CFLI) мебошад. Сафорат тавассути ин барнома лоиҳаҳои хурди созмонҳои маҳаллиро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дастгирӣ менамояд[14]. Дар даъвати соли 2026 барои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон самтҳои афзалиятноки дорои таъсири мустақими маҳаллӣ муайян карда шуданд [15]. Бартарии чунин равиш дар он аст, ки лоиҳаҳо дар ҳамкорӣ бо шарикони маҳаллӣ амалӣ гардида, ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҷомеа равона мешаванд. Бо вуҷуди ин, ҳаҷми маҳдуд, муҳлати кӯтоҳи татбиқ ва парокандагии мавзуии лоиҳаҳо метавонанд ба ташаккули симои ягона ва фарогири Канада дар минтақа монеъ шаванд.

Дар Қазоқистон муносибатҳои иқтисодӣ, махсусан дар соҳаҳои истихроҷи уран ва маъдан, сармоягузорӣ ва ҳамкории тиҷоратӣ бештар рушд кардааст. Дар Қирғизистон ва Тоҷикистон лоиҳаҳои марбут ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, баробарии гендерӣ, ҳуқуқи инсон, тағйирёбии иқлим ва идоракунии маҳаллӣ аҳаммияти бештар доранд. Дар муносибат бо Ӯзбекистон имконияти ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф, кишоварзӣ, технология ва идоракунӣ тадриҷан васеъ мешаванд. Сарфи назар аз ин фарқиятҳо, модели минтақавии Канада бештар ба дипломатияи «нуқтаҳои таъсир» монанд аст. Канада ба ҷойи бунёди инфрасохтори бузурги фарҳангӣ лоиҳаҳои интихобӣ, шабакаҳои соҳавӣ ва шабақаҳои шарикиро истифода мебарад.

Омори кумаки байналмилалии Канада барои солҳои 2023–2024 низ нишон медиҳад, ки саҳми Осиёи Марказӣ дар муқоиса бо минтақаҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии ин кишвар нисбатан кам мебошад [16]. Аз ин рӯ, нуфузи Канада дар минтақа бештар хусусияти сифатӣ дорад. Эътибори донишгоҳҳои Канада, стандартҳои касбӣ, симои ҷомеаи таҳаммулпазир ва бисёрфарҳангӣ, инчунин натиҷаҳои лоиҳаҳои маҳаллӣ дар ташаккули муносибати мусбат ба ин кишвар аз ҳаҷми умумии ҳузури сиёсӣ муҳимтар арзёбӣ мегарданд.

Афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои модели нерӯи нарми Канадаро метавон аз чанд ҷиҳат арзёбӣ намуд. Афзалияти аввал мутобиқати нисбии паёмҳои сиёсати хориҷӣ бо таҷрибаи дохилии кишвар мебошад. Бисёрфарҳангӣ, муносибати мусбат ба муҳоҷират, волоияти қонун ва сифати баланди маориф на танҳо ҳамчун унсурҳои таблиғотӣ, балки ҳамчун хусусиятҳои

воқеии ҷомеаи Канада шинохта мешаванд. Мувофиқати арзишҳои эълоншуда бо таҷрибаи амалии кишвар эътимоди аудиторияи хориҷиро афзоиш медиҳад. Афзалияти дуюм чандирии институтсионалии модели Канада мебошад. Ниҳодҳои давлатӣ, сафоратҳо, донишгоҳҳо, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, диаспораҳо ва бахши хусусӣ метавонанд бидуни идоракунии пурраи мутамарказ дар самтҳои гуногун фаъолият намоянд. Ин хусусият доираи иштирокчиёни татбиқи нерӯи нармро васеъ намуда, имкони мутобиқ кардани барномаҳо ба шароит ва талаботи кишварҳои алоҳидаро фароҳам меорад. Афзалияти сеюм қобилияти Канада барои фаъолият дар доираи эътилофҳо ва созмонҳои бисёрҷониба мебошад. Ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ ба кишвар имкон медиҳад, ки маҳдудияти захираҳои худро ҷуброн намуда, таъсири сиёсӣ ва дипломатии худро бештар гардонад.

Дар баробари афзалиятҳо, модели нерӯи нарми Канада дорои як қатор маҳдудиятҳо мебошад. Маҳдудияти аввал набудани стратегияи ягонаи минтақавӣ нисбат ба тамоми фазои пасошӯравӣ мебошад. Ин ҳолат, аз як тараф, мутобиқ намудани сиёсатро ба хусусиятҳои кишварҳои алоҳида осон мекунад, аммо аз тарафи дигар, ба шинохти умумии сиёсати Канада ва ҳамоҳангии барномаҳои он таъсири манфӣ мерасонад. Маҳдудияти дуюм нобаробарии ҷуғрофии таваҷҷуҳ ва тақсими захираҳо мебошад. Украина ва то андозае Арманистон дар сиёсати Канада ҷойгоҳи муҳимтар доранд, дар ҳоле ки Осиёи Марказӣ дар канори афзалиятҳои асосии сиёсати хориҷии ин кишвар боқӣ мемонад. Маҳдудияти сеюм ба рақобати иттилоотӣ ва геополитикӣ алоқаманд аст. Дар шароите, ки Русия, Чин, Туркия, Иттиҳоди Аврупо ва ШМА дорои захираҳои бештар ва ҳузури нисбатан доимӣ мебошанд, паёмҳо ва ташаббусҳои Канада на ҳамеша ба доираи васеи аудиторияи кишварҳои пасошӯравӣ мерасанд. Маҳдудияти чорум эҳтимоли ба вуҷуд омадани ихтилоф байни имиҷи байналмилалӣ ва фаъолияти амалии Канада мебошад. Агар сиёсати муҳоҷират, муносибат бо халқҳои бумӣ, фаъолияти ширкатҳои истихроҷӣ ё маҳдудиятҳоии раводидӣ ба арзишҳои эълоншуда мувофиқат накунанд, ҷолибият коҳиш меёбад. Нерӯи нарм ба эътимод асос меёбад, эътимод бошад дар натиҷаи пайгирӣ ва мувофиқати гуфтору рафтор ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, сиёсати хориҷии Канада наметавонад танҳо ба бренди мусбати байналмилалии кишвар такя намояд.

Аз таҳлилҳо чунин бар меояд, ки таҷрибаи Канада барои Тоҷикистон аз ду ҷиҳат муҳим мебошад. Якум, он нишон медиҳад, ки давлати дорои иқтидори миёна метавонад тавассути ихтисосёбӣ дар ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ мавқеъ ва нуфузи худро дар арсаи ҷаҳон тақвият диҳад. Канада дар давраҳои гуногун сулҳпарварӣ, амнияти инсон, ҳифзи ҳуқуқи инсон, бисёрфарҳангӣ ва мусоидат ба рушди байналмилалиро ба унсурҳои муҳими симои хориҷии худ табдил додааст. Тоҷикистон низ метавонад дипломатияи об, ҳифзи пиряххо, сулҳсозӣ ва таъмини амнияти минтақавиро ҳамчун самтҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамдигарро тақвиятдиҳандаи нерӯи нарми худ рушд диҳад. Бо дарназардошти он, ки Тоҷикистон низ давлати начандон калон буда, барои таҳкими мавқеи худ дар арсаи байналмилалӣ бештар ба воситаҳои ғайринизомии таъсиргузорӣ такя мекунад, таҷрибаи Канада заминаи мушаххасеро барои ташаккули модели миллии нерӯи нарми Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Дуюм, модели шабакавии Канада аҳаммияти иштироки донишгоҳҳо, пажӯҳишгоҳҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва диаспораро дар татбиқи нерӯи нарм нишон медиҳад. Аз ин рӯ, муносибатҳои Тоҷикистон ва Канада набояд танҳо бо робитаҳои байниҳукуматӣ маҳдуд гарданд. Таҳқиқоти муштарак дар соҳаҳои ҳифзи пиряххо ва тағйирёбии иқлим, амнияти обию энергетикӣ, идоракунии захираҳои табиӣ, зеҳни сунъӣ ва муҳоҷират метавонанд барои ташаккули ҳамкориҳои дарозмуддат заминаи устувор фароҳам оваранд.

Самти аввал метавонад таъсиси барномаҳои ҳамкории илмӣ байни институтҳои таҳқиқотии Тоҷикистон ва донишгоҳу марказҳои таҳлилии Канада бошад. Самти дуюм ташкили мактабҳои тобистона ва барномаҳои табодули таҷриба ва стипендияҳои кӯтоҳмуддат барои муҳаққиқони ҷавон мебошад. Самти сеюм истифодаи имконияти Барномаи Канада барои ташаббусҳои маҳаллӣ (CFLI) ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои хурд дар

соҳаҳои тағйирёбии иқлим, иштироки занон, рушди маҳаллӣ ва маърифати экологӣ ба ҳисоб меравад. Самти чорум ҷалби ширкатҳои канадагӣ ба соҳаҳои технологияҳои сабз ва истихроҷу коркарди маъдан бо шарти риояи меъёрҳои экологӣ ва принсипҳои масъулияти иҷтимоӣ мебошад.

Ҳамзамон, нусхабардории бевосита ва механикии таҷрибаи Канада мувофиқи мақсад нест. Модели нерӯи нарми Тоҷикистон бояд бо назардошти таърих, фарҳанг, имкониятҳои иқтисодӣ ва афзалиятҳои миллии кишвар ташаккул дода шавад. Аз таҷрибаи Канада на шакли тайёри модел, балки принсипҳои асосии онро метавон истифода бурд. Эътимод замоне ба вуҷуд меояд, ки арзишҳои эълоншуда, сиёсати дохилии давлат ва фаъолияти он дар арсаи байналмилалӣ бо ҳам мувофиқ ва пайваста бошанд.

**Хулоса.** Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нерӯи нарми Канада дар кишварҳои пасошӯравӣ модели ягона ва мутамаркази маъмурӣ набуда, балки низоми шабакавии таъсиррасонӣ мебошанд. Он аз ҷолибияти модели иҷтимоию сиёсӣ, дипломатияи “қудрати миёна”, маориф ва илм, кумаки рушд, фаъолияти диаспораҳо ва ҳамкориҳои бисёрҷониба таркиб меёбад. Хусусияти асосии ин модел интихобӣ ва мутобиқшаванда будани он мебошад: миқёс, мазмун ва воситаҳои татбиқи нерӯи нарм вобаста ба аҳаммияти сиёсии кишвар, мавҷудияти шабакаҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои институтсионалӣ тағйир меёбанд. Натиҷаи асосии таҳқиқот муайян намудани се модели минтақавии нерӯи нарми Канада мебошад: модели фарогир ва ҳамгирошуда дар Украина, модели демократия ва диаспора дар Арманистон ва модели лоиҳавию интихобӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ.

Дар Украина модели фарогир ва ҳамгирошуда ташаккул ёфтааст, ки воситаҳои нерӯи нармро бо кумакҳои иқтисодӣ, амниятӣ ва дипломатӣ мепайвандад. Дар Арманистон диаспора ва дастгирии равандҳои демократӣ нақши марказӣ доранд. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бошад, равиши лоиҳавӣ ва интихобӣ бартарӣ дошта, Барномаи Канада барои ташаббусҳои маҳаллӣ (CFLI), робитаҳои иқтисодӣ, ҳамкориҳои илмию таълимӣ ва эътибори мусбати байналмилалии Канада ҳамчун воситаҳои асосии таъсир истифода мешаванд. Аз ин рӯ, самаранокии нерӯи нармро танҳо бо ҳаҷми маблағгузорӣ ё шумораи чорабиниҳои баргузоршуда муайян кардан мумкин нест. Давомнокии робитаҳо, сатҳи эътимоди шарикон ва ташаккули шабакаҳои устувори ҳамкорӣ дар арзёбии натиҷаҳои он аҳаммияти бештар доранд.

Барои Тоҷикистон ҳамкорӣ бо Канада дар самтҳои дипломатияи об ва ҳифзи пиряххо, муқовимат ба тағйирёбии иқлим, таҳсилоти олӣ, технологияҳои сабз, амнияти инсонӣ ва идоракунии фарогир дурнамои воқеӣ дорад. Тақвияти робитаҳои институтсионалӣ ва илмию таълимӣ метавонад муносибатҳои дуҷонибаро аз сатҳи тамосҳои маҳдуд ба шарикии мавзӯӣ, устувор ва дарозмуддат гузаронад. Ҳамзамон, таҷрибаи Канада нишон медиҳад, ки самаранокии нерӯи нарм пеш аз ҳама ба мувофиқати арзишҳои эълоншуда бо сиёсати дохилӣ ва фаъолияти амалии давлат дар арсаи байналмилалӣ вобаста мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Канада: «Мягкая сила» как основа внешней политики державы «Среднего ранга»/ URL: https://cyberleninka.ru/article/n/kanada-myagkaya-sila-kak-osnova-vneshney-politiki-derzhavy-srednego-ranga(санаи муроҷиат: 26.08.2026).
2. Nye J. S. Soft Power: The Means to Success in World Politics. - New York: PublicAffairs, 2004. - 191 p.
3. Melissen J. (ed.). The New Public Diplomacy: Soft Power in International Relations. - Basingstoke: Palgrave Macmillan, 2005. - 221 p.
4. Potter E. H. Branding Canada: Projecting Canada’s Soft Power through Public Diplomacy. - Montreal & Kingston: McGill-Queen’s University Press, 2009. - 368 p.
5. Global Affairs Canada. Canada and the European Union (EU). URL: https://www.international.gc.ca/world-monde/international_relations-relations_ internationales/eu-ue/index.aspx?lang=eng (санаи муроҷиат: 26.08.2026).

6. Global Affairs Canada. Canada’s international scholarship programs - Preliminary privacy impact assessment. URL: https://international.canada.ca /en/global-affairs/corporate/transparency/atip/impact-assessment/international-scholarship-preliminary (санаи мурочиат: 26.08.2026).
7. Global Affairs Canada. The Canada Fund for Local Initiatives. URL: https://www.international.gc.ca/world-monde/funding-financement/cfli-fcil/index. aspx?lang=eng (санаи мурочиат: 26.08.2026).
8. Global Affairs Canada. Statement on Russian disinformation. 28 October 2024. URL: https://www.canada.ca/en/global-affairs/news/2024/10/global-affairs-canada-statement-on-russian-disinformation.html (санаи мурочиат: 26.08.2026).
9. Global Affairs Canada. Canada’s international trade and investment agreements. URL: https://www.international.gc.ca/trade-commerce/trade-agreeme nts-accords-commerciaux/agr-acc/index.aspx?lang=eng (санаи мурочиат: 26.08.2026).
10. Global Affairs Canada. Economic, humanitarian and development assistance, and security and stabilization support -Ukraine. Updated 8 May 2026. URL: https://www.international.gc.ca/world-monde/issues_development-enjeux_developpement/response_conflict-reponse_conflits/crisis-crises/ukraine-dev.aspx?lang=eng (санаи мурочиат: 26.08.2026).
11. Global Affairs Canada. Canada–Armenia relations. Updated 18 September 2025. URL: https://www.international.gc.ca/country-pays/armenia-armenie/relati ons.aspx?lang=eng (санаи мурочиат: 26.08.2026).
12. Global Affairs Canada. Supporting Armenian Democracy. URL: https://www. international.gc.ca/transparency-transparence/armenia-armenie.aspx?lang=eng (санаи мурочиат: 26.08.2026).
13. Global Affairs Canada. Embassy of Canada to Kazakhstan, Kyrgyz Republic and Tajikistan, in Astana. URL: https://www.international.gc.ca/country-pays/kazakhstan/astana.aspx?lang=eng (санаи мурочиат: 26.08.2026).
14. Global Affairs Canada. Canada–Kyrgyzstan relations. URL: https://www.international.gc.ca/country-pays/kyrgyzstan-kirghizistan/relations. aspx?lang=eng (санаи мурочиат: 26.08.2026).
15. Global Affairs Canada. The Canada Fund for Local Initiatives — Kazakhstan, Kyrgyzstan, Tajikistan, Turkmenistan and Uzbekistan (2026). URL: https:// www.international.gc.ca/world-monde/funding-financement/cfli-fcil/kazakhstan-kyrgyzstan-tajikistan-turkmenistan-uzbekistan.aspx?lang=eng (санаи мурочиат: 26.08.2026).
16. Global Affairs Canada. Statistical Report on International Assistance 2023–2024. URL: https://www.international.gc.ca/transparency-transparence/inter nati onal- assistance-report-stat-rapport-aide-internationale/2023-2024.aspx?lang=eng (санаи мурочиат: 26.08.2026).
17. Desai-Trilokekar R., El Masry H. The Nexus of Public Diplomacy, Soft Power, and National Security: A Comparative Study of International Education in the U.S. and Canada // Journal of Comparative & International Higher Education. -2022- Vol. 14, No. 3b. - P. 111-126.
18. Rudderham M. A. Can Middle Powers Use Public Diplomacy to Ameliorate the Image of the West? // York Centre for International and Security Studies Working Paper. - 2008. - No. 46.
19. Cull N. J. Public Diplomacy: Lessons from the Past. -Los Angeles: Figueroa Press, 2009. - 61 p.

## МОДЕЛИ МЯГКОЙ СИЛЫ КАНАДЫ В ПОСТСОВЕТСКИХ СТРАНАХ: ПРИОРИТЕТЫ, НАПРАВЛЕНИЯ И ОПЫТ

В статье анализируются особенности формирования и применения мягкой силы Канады в постсоветских странах. Автор придерживается мнения, что политика Канады в этом пространстве не имеет единой централизованной модели, а носит сетевую, ценностно ориентированный и избирательный характер. Привлекательность демократической системы, политика мультикультурализма, двуязычие, высокое качество образования и имидж Канады как «средней державы» составляют ресурсную основу данной модели. Многосторонняя дипломатия, содействие местному развитию, поддержка гражданского общества, научно-образовательное сотрудничество, связи с диаспорами и цифровая дипломатия рассматриваются в качестве основных инструментов реализации мягкой силы Канады. На основе сравнительного и институционального методов, а также анализа опыта Украины,

Армении и стран Центральной Азии показано, что масштабы и формы присутствия Канады зависят от политического значения каждой страны, наличия социальных сетей взаимодействия и институциональных возможностей каждого субрегиона.

***Ключевые слова:*** *мягкая сила, Канада, постсоветское пространство, публичная дипломатия, средняя держава, мультикультурализм, образование, диаспора, гражданское общество, Центральная Азия.*

## CANADA'S SOFT POWER MODELS IN POST-SOVIET COUNTRIES: PRIORITIES, DIRECTIONS AND EXPERIENCE

The article analyzes the formation and application of Canada's soft power in post-Soviet countries. The author argues that Canada's policy in the region does not follow a single centralized model but is network-based, value-oriented, and selective in nature. The attractiveness of its democratic system, multiculturalism policy, official bilingualism, high-quality education and image as a "middle power" constitute the resource base of this model. Multilateral diplomacy, support for local development and civil society, academic and education cooperation, engagement with diasporas, and digital diplomacy are examined as the principal instruments of Canadian soft power. Drawing on comparative, and institutional methods, as well as an analysis of the experiences of Ukraine, Armenia and Central Asia countries, the article demonstrated that the scale and forms of Canada's engagement depend on the political significance of each country, the existence of social networks, and institutional capacity of each subregion.

***Keywords:*** *soft power, Canada, post-Soviet countries, public diplomacy, middle power, multiculturalism, education, diaspora, civil society, Central Asia.*

**Маълумот оид ба муаллиф:**

Дороншоева Некбахт Шоқосумовна, номзади илмҳои сиёсӣ, мудири Шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: +(992)935219683. Почтаи электронӣ: nekbaht2004@mail.ru ORCID: 0000-0003-1232-5569

**Сведения об авторе:**

Дороншоева Некбахт Шокосумовна, кандидат политических наук, заведующая отделом США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +(992) 935219683. E-mail: nekbaht2004@mail.ru ORCID: 0000-0003-1232-5569

**Information about Author:**

Doronshoeva Nekbakht Shoqosumovna. Candidate of Political Science's, head of the US and Canadian Department of the Institute for the study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: +(992)935219683. E-mail: nekbaht2004@mail.ru

ORCID: 0000-0003-1232-5569

**ТДУ 159.9+1(44)**

# КОНСЕПСИЯИ ХОТИР ВА ҲУВИЯТ ДАР ФАЛСАФАИ ПОЛ РИКЁР

**Файзализода Ҷумахон Хол**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи консепсияи хотир ва ҳувият дар фалсафаи Пол Рикёр ҳамчун пояи асосии дониши таърихӣ маълумот додааст. Пол Рикёр хотирро на танҳо қобилияти нигоҳдории гузашта, балки шакли асосии робитаи инсон бо воқеияти гузашта медонад. Ин таъриф нишон медиҳад, ки хотира падидаест, ки ба инсон имкон медиҳад чизе, ки дигар ҳузур надорад, дар шуури худ ҳозир созад.

Ин андеша аҳамияти онтологии хотираро таъкид мекунад. Яъне хотира танҳо нигоҳдории механикии рӯйдодҳо набуда, балки шакли махсуси ҳузурбахшии гузашта мебошад. Ба ҳамин маъно, инсон ба воситаи хотир идомадории ҳастии худро эҳсос мекунад.

Рикёр ҳамчунин таъкид мекунад, ки хотир бо масъалаи ҳақиқат робитаи амиқ дорад. Ӯ менависад, ки «даъвои хотир вафодорӣ ба гузашта аст». Ин ҷо масъалаи асосӣ он аст, ки хотир ҳамеша даъвои садоқат ба гузашта дорад, гарчанде ки ин садоқат мутлақ нест.

Ҷанбаи муҳими дигар дар консепсияи ӯ масъалаи шаҳодат мебошад. Ба гуфтаи ӯ «шаҳодат сохтори асосии дониши таърихиро ташкил медиҳад», яне шаҳодат ҳамчун пули миёни хотири инфиродӣ ва таърихи илмӣ амал мекунад.

Рикёр байни хотири инфиродӣ ва хотири коллективӣ низ фарқ мегузорад. Хотири инфиродӣ таҷрибаи шахсии инсонро нигоҳ медорад, дар ҳоле ки хотири коллективӣ шакли нигоҳдории таҷрибаи умумии ҷомеа мебошад. Маҳз ҳамин хотири ҷамъиятӣ асоси худшиносии таърихии миллатҳо ва ҷомеаҳо мегардад.

***Калидвожаҳо:*** *онтология, фалсафаи Ғарб, ҳувият, хотираи инфиродӣ, ҷомеа,консепсияи хотир,хотираи коллективӣ*

**Муқаддима.** Дар фазои фалсафаи муосир масъалаҳои хотир ва ҳувият ба яке аз мавзӯъҳои маркази таҳқиқоти инсоншиносӣ табдил ёфтаанд. Дар шароите ки инсон бештар ба масъалаҳои худшиносӣ, ҳифзи таҷрибаи таърихӣ ва муайянсозии ҷойгоҳи худ дар низоми иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мешавад, омӯзиши муносибати байни хотира ва ҳувият аҳамияти махсус пайдо мекунад. Хотир на танҳо воситаи нигоҳдории гузашта мебошад, балки механизми асосии ташаккули худшиносӣ, идомадории таҷрибаи инсонӣ ва ҳифзи ягонагии шахсият низ ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина, фалсафаи Пол Рикёр мавқеи хосро ишғол мекунад. Ӯ яке аз мутафаккиронест, ки масъалаи хотирро на танҳо аз нуқтаи назари маърифатӣ, балки дар иртибот бо таърих, ривоят, фаромӯшӣ ва бахшиш таҳлил намудааст. Рикёр нишон медиҳад, ки инсон худро на мустақим, балки тавассути забон, матн, ривоят ва хотири таърихӣ дарк мекунад. Аз ин нуқтаи назар, ҳувият ҳамчун падидаи собит не, балки ҳамчун раванди пайвастаи худтафсиркунӣ ва худшиносӣ фаҳмида мешавад.

Аҳамияти консепсияи Рикёр дар он аст, ки ӯ робитаи амиқи байни хотир ва ҳувиятро дар доираи ривояти шахсӣ ва ҷамъиятӣ шарҳ медиҳад. Ба андешаи ӯ, хотир асоси таърих буда, ривоят шакли сохторбандии таҷрибаи инсонӣ ва ҳувият мебошад. Ҳамзамон, фаромӯшӣ ва бахшиш низ ҳамчун унсурҳои ҷудонашавандаи ин раванд баррасӣ мегарданд, зеро онҳо имкони оштӣ бо гузашта ва ташаккули уфуқи нави ояндаро фароҳам меоранд.

**Ҳадафи мақола**и мазкур таҳлили консепсияи хотир ва ҳувият дар фалсафаи Пол Рикёр буда, вазифаҳои асосии он баррасии асосҳои герменевтикии хотир, нақши ривоят дар ташаккули ҳувият ва таҳлили ҷойгоҳи фаромӯшӣ ва бахшиш дар сохтори худшиносӣ мебошанд.

**Мавод ва усулҳо.** Ҳангоми омӯзиши масъала мо кӯшиш намудем аз маҷмуи сарчашмаҳои асосӣ, аз ҷумла китобҳои Пол Рикёр, ва дигар осори таҳқиқии олимон, пажӯҳишгарони ватанию хориҷӣ истифода барем.

**Натиҷаҳо.** Дар раванди омӯзиши масъала муайян гардид, ки хотир дар фалсафаи Рикёр асоси онтологии дониши таърихӣ буда, имкон медиҳад, ки гузашта ҳамчун таҷрибаи маънодор дар шуури инсон ҳифз гардад. Дар баробари ин, таърих ҳамчун шакли интиқодии хотир ба таҳлил ва бозсозии таҷрибаи гузашта мусоидат мекунад. Ҳамчунин фалсафаи Пол Рикёр дар доираи герменевтикаи феноменологӣ ташаккул ёфтааст, ки дар он масъалаи фаҳмиш ва тафсир мавқеи марказӣ дорад. Бар хилофи равишҳое, ки инсонро ҳамчун субъекти мустақиман худшинос дарк мекунанд, Рикёр бар он ақида аст, ки инсон худро танҳо ба таври ғайримустақим, тавассути рамзҳо, матнҳо ва ривоятҳо мешиносад. Аз ин рӯ, худшиносӣ ҳамеша бо раванди тафсир алоқаманд мебошад.

**Муҳокима.** Пол Рикёр (27.02.1913, 20.05.2005) яке аз саромадони герменевтикаи фалсафӣ буда, бешубҳа, яке аз чеҳраҳои барҷастаи фалсафаи нимаи дуюми асри XX ба ҳисоб меравад. Ин файласуфи маъруфи фаронсавӣ ҳадафи асосии таҳқиқоти худро дар таҳияи консепсияи кулли инсон тавассути ҳамгироии дастовардҳои ҷараёнҳои асосии фалсафии асри XX медид. Дар осори ӯ таъсири равияҳои гуногун, аз ҷумла фалсафаи ҳаёт, феноменология, экзистенсиализм, персонализм, психоанализ, герменевтика, структурализм, фалсафаи таҳлилӣ, ахлоқ, фалсафаи дин, таърих, сиёсат ва фарҳанг ба мушоҳида мерасад.

Паҳнои манфиатҳои илмӣ ва самти синтетикии андешаи Рикёр аз гуфтаҳои худи ӯ низ бармеояд. Ӯ менависад: «Ман ҳамеша ба психоанализ, забоншиносӣ, таърих ва этнология таваҷҷӯҳи доимӣ доштам...» [14,6]. Ин изҳорот нишон медиҳад, ки фалсафаи Рикёр бар асоси гуфтугӯи байнисоҳавӣ ва талош барои муттаҳид сохтани шаклҳои гуногуни дониш ташаккул ёфтааст.

Пол Рикёр дар идомаи андешаи худ таъкид мекунад, ки осори ӯ, аз ҷумла «Замон ва ривоят» ва «Худ ҳамчун дигаре», таъсири муҳити илмии Амрико ва анъанаҳои гуногуни фалсафиро дар худ таҷассум мекунанд [1, 24]. Ӯ ҳамчунин қайд менамояд, ки ҳамеша мекӯшид миёни мавқеъҳои ба ҳам муқобил нуқтаҳои иртибот ва ҳамгироиро пайдо намояд. Ба андешаи ӯ, чунин равиш мутолиаи васеи осори фалсафӣ ва илмиро талаб мекунад.

Ин гуфтаҳо нишон медиҳанд, ки хусусияти асосии андешаи Рикёр дар ҷустуҷӯи **муколамаи фалсафӣ** ва талош барои оштӣ додани равияҳои мухталифи фикрӣ ифода меёбад.

Мушкилии муайян намудани ҷойгоҳи Пол Рикёр дар таърихи тафаккури асри XX, пеш аз ҳама, ба доираи васеъ ва гуногунҷанбаи масъалаҳое вобаста аст, ки ӯ мавриди таҳқиқ қарор додааст [2, 152], инчунин ба шумораи зиёди мутафаккироне, ки андешаҳои онҳоро таҳлил намудааст. Дар байни онҳо метавон Платон ва Арасту, Августин, Кант ва Гегел, Гуссерл ва Нитше, Маркс, Ясперс ва Фрейдро ном бурд.

Чунин фарогирии мавзӯӣ, амиқии таҳлил ва навоварии усули фалсафии ӯ имкон намедиҳад, ки таълимоти Рикёр дар доираи як анъанаи маҳдуди фалсафӣ ҷой дода шавад. Бо вуҷуди ин, бо назардошти тамаркузи асосии ӯ ба масъалаҳои антропологӣ, дар даҳсолаҳои охири асри XX фалсафаи ӯ бештар бо истилоҳи **«герменевтикаи феноменологӣ»** тавсиф мегардад.

Рикёр фалсафаи худро ҳамчун фалсафаи рефлексивӣ тавсиф намуда, онро ба анъанаи феноменологияи файласуфи олмонӣ ва асосгузори феноменология Эдмунд Густав Албрехт Ҳусерл (8.04.1859 – 27.04 1938) ва герменевтика пайванд медиҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки таҷрибаи инсонӣ наметавонад берун аз забон дарк шавад, зеро маҳз забон воситаи асосии ифода ва интиқоли маъно мебошад. Ба ҳамин хотир, масъалаи хотир низ дар доираи забон ва тафсир фаҳмида мешавад [3,286; 4,2].

Асарҳои баъдии Пол Рикёр ба таҳлили ҷанбаҳои гуногуни вуҷуди инсон бахшида шудаанд, ки ба таври амиқ бо масъалаҳои таърихӣ пайванди доранд. Дар раванди таҳқиқи донишҳои таърихӣ, Рикёр ба масъалаи фарқгузорӣ миёни таърих ва афсона таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд.

Бо вуҷуди ин, ӯ ҳалли ин масъалаҳоро дар иртибот бо дигар мушкилоти муҳими таърихӣ, аз ҷумла муносибати байни хотир ва таърих, масъулияти субъектҳои таърихӣ ва худи таърихшиносон ҷустуҷӯ мекунад.

Бо кӯшиши ҳамгиро намудани равишҳои таҳлилӣ ва қитъавии фалсафа, ки ба ӯ имкони посух додан ба интиқодҳои ҳар ду анъанаро фароҳам месозад, Рикёр таърихро на танҳо ҳамчун соҳаи дониш, балки ҳамчун шакли махсуси вуҷуди инсон, пеш аз ҳама вуҷуди иҷтимоӣ, баррасӣ менамояд. Ин равиш ба ӯ имкон медиҳад, ки ҳам нақши таърихро дар ташаккули ҷомеа ва ҳам асосҳои методологии илми таърихро аз нав арзёбӣ кунад.

Дар тӯли фаъолияти илмии худ, Пол Рикёр масъалаи нақши забонро дар ташаккули маъно пайваста мавриди таҳқиқ қарор додааст [4,12]. Ӯ нишон медиҳад, ки истифодаи маҷозӣ ва эҷодии забон, бахусус истиора (метафора), қобилияти инсонро барои баёни худ такмил дода, уфуқи фаҳмиши ӯро нисбат ба олам васеъ мегардонад.

Аз дидгоҳи Рикёр, **герменевтикаи феноменологӣ** роҳи фаҳмиши ғайримустақими таҷрибаи инсонӣ тавассути забон мебошад. Ба ибораи дигар, инсон таҷрибаи худро мустақим не, балки тавассути рамзҳо, матнҳо ва сохторҳои забонӣ дарк ва тафсир мекунад.

Дар солҳои 1970-уми асри XX Пол Рикёр кӯшиш намуд, ки масъалаи рамзро аз нав баррасӣ намояд ва, ба гуфтаи худи ӯ, барои ин «маҷмӯи абзорҳои мувофиқтар»-ро ба кор барад. Дар ин замина файласуф истиораро яке аз муҳимтарин воситаҳои тафсири маъно мешуморад.

Истиора таҳлилро аз сатҳи калимаҳои ҷудогона ба сатҳи ибора ва гуфтор интиқол медиҳад ва ҳамин тавр Рикёрро мустақиман ба масъалаи **нововарии маъно** мерасонад. Ба назари ӯ, маънои ибораи маҷозӣ дар ягон калимаи алоҳида ҷой надорад; балки он дар натиҷаи таниш ва ҳамгироии маъноҳои гуногун, ки ҳангоми пайвастшавии калимаҳо ба вуҷуд меоянд ва шакл мегирад.

Аз ин рӯ, истиора вазифаи рамзии забонро ба таври возеҳ ифода мекунад: маънои аслӣ ба маънои маҷозӣ роҳ медиҳад ва ҳамин гузариш робитаи калима бо воқеиятро амиқтар месозад. Дар ин раванд фаъолияти эвристикии субъект низ тақвият меёбад, зеро истиора бо вайрон кардани мутобиқати маъмулии семантикӣ имконияти тавлиди маъноҳои навро фароҳам меорад.

Пол Рикёр бар он назар аст, ки рамзҳо, афсонаҳо, истиораҳо ва ривоятҳо метавонанд таҷрибаи инсониро ба тарзе интиқол диҳанд, ки забони оддии тавсифӣ аз иҷрои он нотавон аст. Агар забони тавсифӣ танҳо ҷанбаҳои зоҳирии воқеиятро баён кунад, пас забони эҷодӣ инсонро ба сатҳҳои амиқтар ва пинҳонтари ҳастӣ роҳнамоӣ мекунад. Маҳз тавассути чунин забон инсон метавонад ҳузури маъноҳои навро эҳсос намояд.

Дар китоби «Қоидаи метафора» (1975), Рикёр андешаи худро инкишоф дода, таъкид мекунад, ки гуфтори эҷодӣ дорои истиноди дуюмдараҷа аст, яъне чунин навъи ишора ба воқеият, ки шаклҳои нави будан дар ҷаҳонро ошкор месозад; «шаклҳое, ки дар доираи забони оддӣ ва истиноди мустақими он пинҳон мемонанд» [5,189-190].

Бинобар ин, истиора ҳамчун як механизми эвристикӣ амал мекунад: он воқеиятро аз нав тасвир менамояд ва тавассути пайваст кардани воқеият бо унсурҳои хаёлӣ ё ривоятӣ ба инсон имкон медиҳад, ки маъноҳои нави ҳастиро дарк намояд.

Рикёр нишон медиҳад, ки ин шаклҳо танҳо хаёл нестанд; онҳо воситаи шинохти амиқи воқеият мебошанд. Ин нуқта барои пайваст кардани Рикёр бо Юнг ва Ассман бисёр муҳим аст.

Ба андешаи Пол Рикёр, истиораҳои эвристикӣ ба инсон имкон медиҳанд, ки муносибатҳо ва иртиботҳои нави байни ашё ва падидаҳоро дарк намояд ва доираи қобилияти худро барои баён ва фаҳмиши худ васеъ гардонад.

Мисли ҳар гуна гуфтор, истиора низ як амали муоширатӣ мебошад, ки ҳамчун ҳодиса ба вуҷуд меояд, аммо дар сатҳи маъно дарк карда мешавад. Бо вуҷуди ин, танҳо истиораи зинда метавонад ҳамзамон ҳам ҳодиса ва ҳам маъно бошад.

Баръакс, истиораи мурда ҳангоми ба як ифодаи муқаррарии забонӣ табдил ёфтан хусусияти рӯйдодии худро аз даст медиҳад. Тавре худи Рикёр таъкид мекунад: «истиораҳои мурда дигар истиора нестанд» [6,145], зеро онҳо ба маънои аслӣ ҳамроҳ шуда, танҳо доираи маъноии онро васеъ мегардонанд.

Истиораи зинда бошад, дорои гардиши маҷозӣ аст, ки маъноҳои нав ва ғайричашмдошт тавлид мекунад. Ин маъно аз таниш байни тарзи маҷозии баёни воқеият ва фаҳмиши маъмулии мо дар бораи он ба вуҷуд меояд, ки ин яке аз муҳимтарин нуктаҳои Рикёр аст:

- Истиораи мурда - маънои нав намесозад, танҳо қисми луғат мешавад.
- Истиораи зинда - маънои нав эҷод мекунад.

Ба андешаи Пол Рикёр, барои дарки фарқиятҳо ва шабоҳатҳое, ки асоси истиораро ташкил медиҳанд, инсон бояд аз доираи истиноди мустақими дараҷаи аввал берун равад ва ба сатҳи **истиноди эҷодии дараҷаи дуюм** ворид шавад. Танҳо дар ин сурат метавон дарк кард, ки истиора чӣ гуна бо олам робита барқарор мекунад.

Барои фаҳмидани маънои истиора зарур аст, ки ҳам шабоҳат ва ҳам тафовути он бо тавсифи оддии воқеият баррасӣ гардад. Ба ибораи дигар, маънои истиора маҳз дар таносуби байни маънои аслӣ ва маънои хаёлӣ ташаккул меёбад. Дар истиораи зинда ин таносуб бояд нигоҳ дошта шавад, на ин ки аз байн бурда шавад, зеро маҳз ҳамин шиддати маъноӣ имконияти тафсири навро ба вуҷуд меорад.

Рикёр таъкид мекунад, ки истиораҳои зинда қодиранд шаклҳои нави тафсирро эҷод кунанд, ки на танҳо фаҳмиши инсонро нисбат ба воқеият тағйир медиҳанд, балки метавонанд ба рафтор ва муносибати ӯ бо ҷаҳон низ таъсир расонанд [6, 107]. Ин ҷо Рикёр як фикри хеле амиқ мегӯяд: **Истиора фақат маъноро тағйир намедиҳад - он инсонро тағйир медиҳад.**

Консепсияи Пол Рикёр дар бораи вазифаи ривоятии фарҳанг, ки аз солҳои 1980-уми асри XX ба таври возеҳ шакл гирифт, инчунин кӯшишҳои ӯ барои ҳамгиро намудани феноменология бо таҳлили забонӣ ва герменевтика бо фалсафаи таҳлилӣ, уфуқҳои нави таҳқиқотиро барои фалсафаи ӯ боз намуданд.

Дар ин марҳила Рикёр аз таҳлили унсурҳои ҷудогонаи фарҳанг, ки дар сатҳи калима ё ибора инъикос меёфтанд, тадриҷан ба таҳлили матнҳои фарҳангӣ ва баъдан ба баррасии худи фарҳанг ҳамчун як воҳиди таърихӣ мегузарад.

Ҳамин тавр, таваҷҷӯҳи ӯ аз сохторҳои хурди маъно ба шаклҳои васеи ривоятӣ ва таърихӣ интиқол меёбад, ки тавассути онҳо ҷомеаҳо таҷрибаи гузашта, ҳувият ва маънои ҳастии худро ташкил медиҳанд.

Ҳанӯз дар нимаи солҳои 1950-ум, дар қисми аввали асари худ «Таърих ва ҳақиқат» (1955), Пол Рикёр ба масъалаи робитаи байни баҳси фалсафӣ ва воқеияти таърихӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд. Ӯ қайд мекунад, ки «яке аз вазифаҳои асосии фалсафаи таърих муттаҳид сохтани равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар доираи як таърихи ягона мебошад» [7,86-87].

Ин масъала барои Рикёр танҳо як масъалаи таърихнигорӣ нест, балки мустақиман бо масъалаи инсон ҳамчун субъекти тафсир алоқаманд аст. Дар доираи герменевтикаи феноменологӣ, инсон на танҳо ҳамчун нозири таърих, балки ҳамчун иштирокчӣ ва тафсиркунандаи он баррасӣ мешавад.

Аз ин рӯ, тафсир барои Рикёр танҳо фаҳмиши матн ё воқеа нест, балки роҳи ворид шудани инсон ба контексти куллии фарҳанг мебошад.

Маҳз тавассути ин раванд шахс фаъолияти худро дар дохили фарҳанг маънодор месозад ва ҷойгоҳи худро дар таърих муайян мекунад. Ин ҷо як фикри бисёр муҳим пайдо мешавад: инсон берун аз таърих нест - ӯ ҳамеша дар дохили он зиндагӣ ва тафсир мекунад.

Дар асари сеҷилдаи худ «Замон ва ривоят», ки солҳои 1983, 1985 ба нашр расид, Пол Рикёр таҳқиқи масъалаҳои навоварии семантикӣ ва қобилияти гуфтори шоиронаро барои ошкор сохтани роҳҳои нави дидан ва вуҷуд доштан дар ҷаҳон идома медиҳад.

Дар маркази назарияи ривоятии ӯ мафҳуми сюжет (emplotment) қарор дорад. Сюжет унсурҳои гуногуни достон - аз ҷумла сабабҳо, ангезаҳо, амалҳои қаҳрамонон, рӯйдодҳо, тасодуфҳо ва шароитро ба як сохтори ягона муттаҳид менамояд.

Ба андешаи Рикёр, сюжет на танҳо амалҳо ва рӯйдодҳоро, балки худи вақтро низ синтез ва схематизатсия мекунад. Дар натиҷа, аз маҷмӯи унсурҳои пароканда як кулли маънодор ба вуҷуд меояд, ки дорои сифати нав ва фарққунанда мебошад.

Аз ин рӯ, «ривоят ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва ғанӣ гардидани мундариҷаи семантикии таҷрибаи таърихӣ мусоидат мекунад» [10, 42]. Ва албатта, ин ҷо Рикёр як фикри аҷоибе пешниҳод мекунад: вақтро инсон мустақим намефаҳмад - вақтро тавассути ривоят мефаҳмад.

Тезиси марказии «Замон ва ривоят» дар он аст, ки байни хусусияти замонии таҷрибаи инсонӣ ва амали ривоятсозӣ робитаи амиқ вуҷуд дорад. Ба андешаи Пол Рикёр таҷрибаи замонӣ танҳо дар шакли ривоятӣ баён ва дарк карда мешавад, зеро маҳз ривоят қодир аст воқеияти иҷтимоии инсонро тавассути ташкили таҷрибаи замонӣ ифода намояд.

Рикёр нишон медиҳад, ки робитаи байни замон ва ривоят дар доираи се сатҳи мимесис амалӣ мегардад: мимесис I, мимесис II ва мимесис III.[1] Ин се марҳила раванди гузариши таҷрибаи зиндагӣ ба матн ва бозгашти он ба зиндагии инсонро ифода мекунанд.

Ба андешаи Пол Рикёр, мимесис I ё пештасвир (préfiguration) марҳилаи ибтидоии ривоятсозӣ мебошад, ки ба фаҳмиши пешакии инсон аз амал асос меёбад. Ин сатҳ аз дарки фарқияти байни амали инсон ва фаъолияти оддии ҷисмонӣ оғоз мешавад. Мимесис I се ҷанбаи асосӣ дорад: сохторӣ, рамзӣ ва замонӣ, ки якҷоя заминаи маърифатӣ ва амалиро ташкил медиҳанд ва муайян месозанд, ки инсон чӣ гуна амалҳои худро дарк ва тафсир мекунад.

Мимесис II ё конфигуратсия (configuration) маркази асосии муносибати байни замон ва ривоят мебошад. Дар ин марҳила амалҳо ва рӯйдодҳои пароканда тавассути сюжет ба як ҳикояи муназзам табдил меёбанд. Амал дар доираи сюжети ривоят ба ҳодисаи маънодор мубаддал мегардад. Ҳамин тариқ, ривоят танҳо пайдарпайии воқеаҳо нест, балки ташкили онҳоро ба як кулли фаҳмо, пайваста ва мантиқӣ ифода мекунад [11, 152].

Мимесис III ё бозтасвир (refiguration) ба марҳилаи қабул ва хондани матн ишора мекунад. Дар ин сатҳ таҷрибаи ривоятӣ ба олами хонанда ворид шуда, фаҳмиши амалии ӯро тағйир медиҳад. Ин нуқтаест, ки дар он ҷаҳони матн ва ҷаҳони амали инсон бо ҳам вомехӯранд ва таҷрибаи инсон аз нав тафсир мегардад.

Ин модели сегонаи Рикёрро метавон чунин хулоса кард:

Мимесис I - ҳаёти пеш аз ривоят (таҷриба, анъана, қоидаҳо);

Мимесис II - сохтани ривоят (сюжет, тартиб, маъно);

Мимесис III - таъсири ривоят ба зиндагӣ (тафсири нав, худшиносии нав).

Амали нақл кардан ва тафсири ҳикояҳо ривоятро бо табдили амалии олам пайваст мекунад. Барои Пол Рикёр, герменевтика акнун ҳамчун раванди нақл, навиштан ва фаҳмиши ҳикояҳои бадеӣ ва ғайрибадеӣ дарк мешавад, ки тавассути онҳо замон, ривоят ва таърих бо ҳам пайваст мегарданд.

Дар асари «Замон ва ривоят» Рикёр мафҳуми ҳувияти ривоятиро пешниҳод мекунад. Ба андешаи ӯ, инсон шахсияти худро ҳамон гуна дарк мекунад, ки мо қаҳрамони як ривояти бадеӣ ё таърихиро мефаҳмем. Аз ин ҷиҳат, Рикёр ҳувияти ривоятиро «фарзанди нозуки таърих ва бадеӣ» [12, 355] меномад, зеро он хусусиятҳои маънофарини ҳарду навъи ривоятро муттаҳид менамояд.

Ӯ таъкид мекунад, ки ҳувияти ривоятӣ дар чорроҳаи ду шакли асосии матнҳои ривоятӣ ташаккул меёбад: аз як тараф, таърих ҳамчун ривояте, ки бо ҳуҷҷат ва воқеият интизом меёбад; ва аз ҷониби дигар, бадеият ҳамчун ривояте, ки озодии васеи тахайюлӣ дорад.

Худшиносӣ тавассути сюжет ташаккул меёбад, зеро сюжет унсурҳои гуногун ва парокандаи ҳаёти инсонро куллан муттаҳид ва синтез мекунад. Ҳамон тавре ки ҳикояи ҳаёт

[1] Mimesis (мимесис) аслан маънои тақлид, бознамоӣ ё таҷассумро дорад.

ҳамчун ривоят тадриҷан инкишоф меёбад, шахсияти инсон низ тавассути ҳамин ривоят ошкор мегардад. Бинобар ин, ҳувияти инсон на танҳо аз қиссаҳое, ки ӯ дар бораи худ нақл мекунад, балки аз қиссаҳое низ ташаккул меёбад, ки ӯ дар бораи дигарон нақл мекунад [13].

Дар асари охирини худ «Хотира, таърих, фаромӯшӣ», ки соли 2004 ба забони русӣ тарҷума шудааст[14], Пол Рикёр мафҳуми дониши таърихиро ба таври ҳамаҷониба таҳлил менамояд. Дар ин асар ӯ нақши хотирро дар қобилияти инсон барои азнавҳосилкунӣ ва табдил додани хотири ҳозира ба гузашта баррасӣ менамояд.

Дар ин замина, Рикёр робитаи мутақобилаи байни хотир ва фаромӯшкуниро меомӯзад ва нишон медиҳад, ки чӣ гуна ин ду раванд ҳам ба дарки таҷрибаи таърихӣ ва ҳам ба ташаккули ривояти таърихӣ таъсир мерасонанд. Барои ӯ, хотир танҳо нигоҳдории гузашта нест, балки шакли фаъолонаи тафсири он мебошад, дар ҳоле ки фаромӯшкунӣ ҳам метавонад ҳамчун аз даст додани маъно ва ҳам ҳамчун шарти аз нав сохтани он амал намояд.

Тавре ки муҳаққиқи рус Е. С. Маслов (соли таваллудаш 29.04.1977) қайд мекунад, истифодаи мафҳумҳои «таърих», «вақт» ва «пайдарпайии рӯйдодҳо» нишон медиҳад, ки усули ривоятии азхудкунии воқеият бар усули замонии дарки он асос ёфтааст. Аз ин рӯ, Пол Рикёр ва Дэвид Ҳерман «ривоятро ҳамчун воситаи маърифатии азхудкунии таҷриба дар замон арзёбӣ мекунанд» [15, 61-62]. Ин ҷо Рикёр ба як нуқтаи бисёр амиқ мерасад: бе хотир ривоят нест, бе ривоят таърих ва бе таърих ҳувият нест.

Асари «Хотира, таърих, фаромӯшӣ» аз се қисми асосӣ иборат аст, ки аз ҷиҳати мавзӯъ ва усули таҳлил аз ҳам фарқ мекунанд.

Қисми аввал ба падидаи хотир бахшида шуда, масъалаҳои объекти хотир, амали ба хотир овардан ва табиати хотири шахсӣ ва коллективиро баррасӣ менамояд. Дар ин ҷо Пол Рикёр кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки хотирро ҳамчун шакли асосии муносибати инсон бо гузашта маънидод намояд.

Қисми дуюм ба эпистемологияи таърих бахшида шудааст. Дар ин бахш ӯ се марҳилаи асосии донишҳои таърихиро ҷудо мекунад: марҳилаи ҳуҷҷатӣ, ки ба бойгонии шоҳидон ва далелҳо такя мекунад; марҳилаи тавзеҳӣ, ки дар он тафсири таърихӣ ташаккул меёбад; ва марҳилаи намояндагӣ, ки дар он таърих шакли хаттӣ ва ривоятӣ мегирад.

Қисми сеюм герменевтикаи шароити таърихии ҳастии инсонро пешниҳод мекунад. Дар ин ҷо Рикёр маҳдудиятҳои дониши таърихӣ, шартҳои замон ва мавҷудии онро, инчунин нақши фаромӯшкуниро дар робита бо хотир ва таърих таҳлил менамояд. Асар бо масъалаи бахшиш анҷом меёбад, ки Рикёр онро ҳамчун яке аз роҳҳои муҳимтарини муносибат бо гузашта,ислоҳи хатогиҳои таърихӣ ва барқарорсозии робитаҳои иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд.

Хотири таърихӣ аксар вақт ҳамчун ҷузъи хотири инфиродӣ ва коллективӣ (иҷтимоӣ) фаҳмида мешавад, яъне ҳамчун хотири гузашта ё, агар дақиқтар гӯем, ҳамчун намояндаи рамзи гузаштаи таърихӣ. Дар ин маъно, хотири таърихӣ на танҳо яке аз каналҳои асосии интиқоли таҷриба ва дониш дар бораи гузашта мебошад, балки ҳамчун ҷузъи муҳими худшиносии шахс, гурӯҳи иҷтимоӣ ва ҷомеа дар маҷмӯъ низ амал мекунад [16, 10].

Пол Рикёр хотир ва хусусиятҳои онро ҳамчун пояи онтологии дониши таърихӣ арзёбӣ менамояд. Ба андешаи ӯ, маҳз хотир имконият фароҳам меорад, ки таҷрибаи гузашта дар шакли нисбатан боэътимод бознамоӣ ва дарк карда шавад. Аз ин рӯ, хотир барои ташаккули донишҳои таърихӣ на танҳо манбаи маълумот, балки шарти аслии маънофаринии таърих мебошад. Ин ҷо Рикёр як фикри асосиро пешниҳод мекунад, яъне таърих аз хотир оғоз мешавад.

Пол Рикёр пеш аз ҳама масъалаи хотиру хотиррасониро дар заминаи истифода ва сӯиистифода аз хотир дар ҷомеаи муосир баррасӣ менамояд. Ӯ ин масъалаҳоро дар се сатҳ таҳлил мекунад:

1. Дар сатҳи патологӣ-терапевтӣ. Рикёр аз хотири басташуда сухан мегӯяд, яъне ҳолате, ки дар он таҷрибаҳои гузашта бо сабаби осеби равонӣ фурӯ нишонда ё саркӯб карда мешавад;

2. Дар сатҳи амалӣ. Ӯ мафҳуми хотираи манипулятсияшударо пешниҳод мекунад, ки дар он хотир метавонад аз ҷониби нерӯҳои сиёсӣ, идеологӣ ё иҷтимоӣ барои ташаккули тафсири муайяни гузашта, истифода шавад.

3. Дар сатҳи ахлоқӣ - сиёсӣ. Рикёр ба масъалаи хотири уҳдадоркунанда (пайвандкунанда) таваҷҷӯҳ мекунад, ки инсон ва ҷомеаро ба масъулият дар назди гузашта ва нигоҳдории адолати таърихӣ мепайвандад.

Ин ҷо Рикёр нишон медиҳад, ки хотир танҳо нигоҳдории гузашта нест, балки: хотир метавонад осеб бинад, идора карда шавад ва ё масъулият эҷод кунад.

Сипас Пол Рикёр масъала мегузорад, ки оё таърих роҳи ҳалли мушкилоти хотир мебошад ё худ метавонад ба монеаи фаҳмиши гузашта табдил ёбад. Ин масъала ӯро дубора ба баҳси эпистемологияи таҳқиқ ва навиштани таърих мебарад, ки қаблан дар китоби «Замон ва ривоят» баррасӣ шуда буд.

Дар ин замина саволи асосии Рикёр чунин аст: то чӣ андоза таърих аз хотир вобаста мебошад? Ба андешаи ӯ, таърихшиносон метавонанд дар бораи гузашта бештар аз он чизе бидонанд, ки одамон ба хотир меоранд, аммо сарчашмаи ибтидоии таърих ҳамоно хотир ва шаҳодат боқӣ мемонад.

Дар ин ҷо Рикёр ба мақоми шаҳодат аҳамияти махсус медиҳад. Шаҳодат ҳамчун изҳори шахсӣ («Ман он ҷо будам, бовар кунед») шакли аввалини пайваст кардани хотир бо таърих аст. Ба гуфтаи ӯ, хотири баёншуда аллакай як навъ гуфтугӯи субъект бо худ мебошад [14, 180].

Аммо мушкилоти асосӣ дар он аст, ки шаҳодат ҳамеша масъалаи эътимоднокиро ба миён меорад. Ин масъала танҳо бо хатари қаллобӣ маҳдуд намешавад, балки бо маҳдудияти худи хотири инсон низ алоқаманд аст. Бо вуҷуди ин, Рикёр таъкид мекунад, ки дар ниҳоят мо ҳеҷ далели дигаре барои тасдиқи рух додани воқеа надорем, магар шаҳодати касе, ки иддао дорад онро шахсан таҷриба кардааст [14, 204]. Ин ҷо Рикёр як масъалаи марказии таърихро мегузорад: таърих аз хотир оғоз мешавад, вале аз хотир болотар меравад.

Дар асари «Хотира, таърих, фаромӯшӣ», Пол Рикёр робитаи наздиктареро байни шарҳ (explanation) ва фаҳмиш (understanding) пешниҳод менамояд, назар ба он ки қаблан дар «Замон ва ривоят» тасаввур мекард. Агар дар асари пешинаи ӯ ин ду мафҳум бештар ҳамчун равандҳои ҳамгирошуда ба назар мерасиданд, дар ин ҷо Рикёр кӯшиш мекунад моделҳои фарқкунандаи онҳо ва муносибати мутақобилаи онҳоро дақиқтар муайян намояд. Барои ифодаи ин раванд ӯ аз модели «шарҳ/фаҳмиш» истифода мекунад [14, 259-260].

Ин модел дар он чизе ҷойгир аст, ки Рикёр, пайравӣ аз антрополог, фарҳангшинос ва таърихшиноси фаронсавӣ Мишел де Серто (17.05. 1925 - 9.01.1986), онро амалиёти таърихшиносӣ меномад. Ин мафҳум тамоми раванди таҳияи донишҳои таърихиро дар бар мегирад: аз ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо ва шаҳодатҳо то таҳқиқ, тафсир ва навиштани таърих [14, 193-194].

Ин тағйирот дар тафаккури Рикёр ӯро водор мекунад, ки масъалаи намояндагии таърихӣ (марҳилаи сеюми амалиёти таърихшиносӣ)-ро ҳамчун шакли махсуси бознамоии гузашта баррасӣ намояд, ки ҳам хусусияти ривоятӣ ва ҳам хусусияти риторикӣ дорад.

Дар ин замина ӯ бо такя ба таҳлили интиқодии асари «Метатарих: тахайюлоти таърихӣ дар Аврупои асри XIX» аз ҷониби мунаққиди адабӣ ва таърихнигори амрикоӣ Ҳейден Уайт (12.07.1928 - 5.03.2018) шаклҳои гуногуни намояндагии таърихиро таҳқиқ намуда, мекӯшад самти истинодии гуфтугӯи таърихиро муайян созад, яъне равшан кунад, ки гуфтугӯи таърихӣ чӣ гуна ба воқеияти гузашта иртибот пайдо мекунад. Ин ҷо Рикёр ба хулосае меояд, ки таърих танҳо ҷамъоварии факту далелҳо набуда, он ҳамеша шарҳ ва фаҳмиш мебошад.

Дар хулосаи «Хотира, таърих, фаромӯшӣ», Пол Рикёр ба масъалаи фаромӯшӣ таваҷҷӯҳ намуда, танишҳои мавҷуда байни хотир ва фаромӯшкунӣ, ғамхорӣ ва бахшишро таҳлил мекунад. Ӯ мепурсад: «Ба маънои муайян, бахшиш бо фаромӯшкунӣ ҷуфт мешавад: оё ин як навъ фаромӯшии хушбахтона нест? Ба маънои амиқтар, оё ин тасвири хотири оштӣ нест?» [14, 403],

Бо ин тарз, Рикёр кӯшиш мекунад бахшишро на танҳо ҳамчун як рӯйдоди ахлоқӣ, балки ҳамчун шакли махсуси муносибат бо гузашта фаҳмад. Бар хилофи бисёр мутафаккирони пешин, ӯ бахшишро бо раванди фаромӯшӣ пайванд медиҳад. Аммо ин фаромӯшӣ маънои аз байн бурдани гузашта ё рад кардани он нест; баръакс, он шакли оштӣ бо гузашта мебошад.

Аз ин рӯ, фаромӯшӣ дар психологияи Рикёр на танҳо муқобили хотир ва таърих аст, балки яке аз захираҳои муҳимтарини онҳо низ ба ҳисоб меравад, зеро маҳз тавассути фаромӯшии интихобӣ инсон метавонад бо гузаштаи худ оштӣ кунад ва роҳи идомаи зиндагиро пайдо намояд.

Ғайр аз ин, дар андешаи Пол Рикёр категорияи гуноҳ ҳамеша дар баробари категорияи бахшиш қарор мегирад. Ӯ нишон медиҳад, ки мафҳуми гуноҳи таърихӣ ногузир ба масъалаи ҳудуд ва вазни масъулият рӯ ба рӯ мешавад. Дар ин замина, бахшиш - гарчанде амри душвор бошад ҳам - ғайриимкон нест.

Ба андешаи Рикёр, бахшиш як навъ тӯҳфа мебошад, ки амалкунандаро аз вазнинии амали гузашта озод мекунад. Ин озодӣ маънои бекор кардани гузашта ё рад кардани гуноҳро надорад, балки маънои тағйир додани муносибат бо онро дорад.

Оқибатҳои гуноҳ ва бахшиш, ба гуфтаи олим, ҳамаи амалиётҳое, ки хотир ва таърихро ташкил медиҳанд, аз нав баррасӣ менамоянд ва дар фаромӯшӣ изи махсус мегузоранд [14,633]. Яъне бахшиш на танҳо як амали ахлоқӣ, балки як тарзи нави муносибат бо хотир ва таърих мебошад. Ҳамин тавр, Рикёр фикрашро чунин ҷамъбаст мекунад: гуноҳ инсонро ба гузашта мебандад, бахшиш ӯро аз гузашта озод мекунад.

Бо вуҷуди ин, худи Рикёр эътироф мекунад, ки ин мавзӯъ нотамом боқӣ мемонад ва ба таҳқиқоти минбаъда ниёз дорад.

Ба андешаи Пол Рикёр, бахшиш аз ривояти таърихӣ ҷудонашаванда аст, зеро ҳар гуна муносибат бо гузашта ҳамеша тавассути нақл ва тафсири он амалӣ мегардад. Осори гузашта метавонад аз даст равад ва дар ин маъно гузашта метавонад фаромӯш шавад, яъне берун аз доираи хотир қарор гирад. Аммо савол боқӣ мемонад: агар гузашта фаромӯш шавад, осори он дар куҷо боқӣ мемонанд?

Дар ҳамин замина мушкилоти хотири масдудшуда, манипулятсияшуда ва назоратшаванда ба миён меоянд. Хусусан дар мавриди хотири назоратшаванда, масъалаи танзими фаромӯшӣ тавассути авф, сензура ё дигар шаклҳои дахолати сиёсӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Бо ин роҳ, Рикёр нишон медиҳад, ки масъалаи фаромӯшӣ танҳо масъалаи равонӣ ё маърифатӣ нест, балки дорои ҷанбаҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ низ мебошад. Яъне фаромӯшӣ метавонад ҳам воситаи оштӣ ва ҳам абзори ҳокимият барои идора кардани хотири ҷамъиятӣ бошад.

**Хулоса.** Пайомадҳои сиёсии хотир, масъалаи тақсимоти одилонаи хотирро дар бар мегиранд, ки ҳадафи он ҷуброни нобаробарии байни изофагии хотир ва фаромӯшӣ мебошад. Яъне дар ҷомеа ҳамеша хатари он вуҷуд дорад, ки баъзе рӯйдодҳо аз ҳад зиёд нигоҳ дошта шаванд, дар ҳоле ки дигарон ба фаромӯшӣ супурда мешаванд.

Аммо Пол Рикёр таъкид мекунад, ки бахшиш аз доираи адолат берун меравад ва бештар ба олами раҳмат ва тӯҳфа тааллуқ дорад. Ба андешаи ӯ, бахшиш танҳо дар доираи ахлоқи олии муҳаббат имконпазир аст, ки дар анъанаҳои динӣ-рӯҳонӣ (Инҷилӣ) ҳамчун амри дӯст доштани душманон ифода шудааст. Ин амр, ба гуфтаи ӯ, «андозаи воқеии тӯҳфа» мебошад.

Аз ин рӯ, «калимаи бахшиш», мисли «калимаи муҳаббат», наметавонад танҳо дар чаҳорчӯбаи анъанавии фалсафаи ахлоқӣ шарҳ дода шавад. Мушкилоти бахшиш ва тӯҳфа бояд дар доираи васеътари фалсафаи субъект баррасӣ гардад [17, 304-305].

Ҳамин тавр, агар бахшиш вуҷуд дошта бошад ва дорои маъно бошад, пас он уфуқи муштаракеро барои хотир, таърих ва фаромӯшӣ ташкил медиҳад. Дар ҳамин замина Рикёр таҳқиқоти худро бо категорияи бахшиш ҷамъбаст намуда, изҳор медорад, ки бахшиш беҳтарин роҳи ба хотир овардани рӯйдодҳо барои таъмини оядаи муштараки умедбахш мебошад.

**Адабиёт:**

1. Гасилин В. Н. Поль Рикёр и его интерпретации / В. Н. Гасилин, О. Н. Бочкарёва // Аспирантский вестник Поволжья. – 2016. – Т. 16. - № 3-4. - С. 23-29.

2. Кибальчич Д. А. Мудрость философии: творческий путь Поля Рикёра / Д. А. Кибальчич // Философские науки. - 2013. - № 8. - С. 147-157.

3. Вдовина И. С. Феноменология во Франции: (историко-философские очерки) / И. С. Вдовина. - М.: Канон+: Реабилитация, 2009. - 400 с.

4. Михайлов И. А. Идея герменевтической феноменологии / И. А. Михайлов // Философская мысль. - 2016. - № 5. - С.1-15.

5. Рикёр П. Живая метафора. Седьмой очерк: метафора и референция / П. Рикёр; пер. с фр. Ф. А. Станжевского // HORIZON: феноменологические исследования. - 2015. - № 4 (1). - С. 175-219.

6. Рикёр П. Живая метафора. Восьмой очерк: метафора и философский дискурс / П. Рикёр; пер. с фр. Ф. А. Станжевского // HORIZON: феноменологические исследования. - 2013. - № 2 (2). - С. 106-150.

7. Рикёр П. История и истина / П. Рикёр. - СПб.: Алетейя, 2002. - 400 с. - (Gallicinium).

8. Рикёр П. Время и рассказ / П. Рикёр. - М.: СПб.: Унив. кн., 1998. - Т.1: Интрига и исторический рассказ. - 313 с.

9. Рикёр П. Время и рассказ / П. Рикёр. - М.: СПб.: Унив. кн., 2000. - Т.2: Конфигурация в вымышленном рассказе. - 224 с.

10. Губман Б. Л. Исторический опыт и нарратив в философии П. Рикёра / Б. Л. Губман // Философские науки. - 2014. - № 9. - С. 42-55.

11. Вдовина И. С. Феноменолого-герменевтическая методология анализа произведений искусства / И. С. Вдовина // Феноменология искусства. - М.: ИФ РАН, 1996. - С. 139-159.

12. Ricœur P. Temps et récit / P. Ricœur. - Paris: Ed. du Seuil, 1985. - T. 3: Le temps raconté. - 533 p.

13. Тета Ж.М. Нарративная идентичность как теория практической субъективности: к реконструкции концепции Поля Рикёра / М.-Ж. Тета // Социологическое обозрение. - 2012. - Т. 11. - № 2. - С. 100-121.

14. Рикёр П. Память, история, забвение / П. Рикёр. - М.: Изд-во гуманит. лит., 2004. - 728 с.

15. Маслов Е. С. Что такое нарратив? / Е. С. Маслов. - Казань: Изд-во Казан. ун-та, 2020. - 116 с.

16. Репина Л. П. Культурная память и проблемы историописания (историографические заметки): препринт WP6/2003/07 / Л. П. Репина. - М.: ГУ ВШЭ, 2003. - 44 с.

17. Ямпольская А. В. За пределами события: Поль Рикёр о даре и прощении / А. В. Ямпольская // Поль Рикёр: Человек - общество - цивилизация. - М.: Канон+: Реабилитация, 2015. - С. 302-314.

## КОНЦЕПЦИЯ ПАМЯТИ И ИДЕНТИЧНОСТИ В ФИЛОСОФИИ ПОЛЯ РИКЕРА

В данной статье автор предоставляет информацию о концепции памяти и идентичности в философии Поля Рикера как основной основе исторического знания. Поль Рикер рассматривает память не только как способность сохранять прошлое, но и как главную форму связи человека с реальностью прошлого. Это определение показывает, что память - это феномен, позволяющий человеку сделать нечто, чего больше нет, присутствующим в его сознании.

Эта идея подчеркивает онтологическую важность памяти. То есть память - это не просто механическое хранение событий, а особая форма присутствия прошлого. В этом смысле человек переживает непрерывность своего существования через память.

Рикер также подчеркивает тесную связь памяти с вопросом истины. Он пишет, что «притязание памяти - верность прошлому». Ключевой момент здесь заключается в том, что

память всегда заявляет о верности прошлому, даже если эта верность не является абсолютной.

Еще одним важным аспектом его концепции является вопрос свидетельства. По его мнению, «свидетельство составляет основу исторического знания», то есть свидетельство выступает мостом между индивидуальным сознанием и научной историей.

Рикер также различает индивидуальную и коллективную память. Индивидуальная память сохраняет личный опыт человека, в то время как коллективная память является формой сохранения общего опыта общества. Именно эта коллективная память становится основой исторического самосознания наций и обществ.

***Ключевые слова:*** *онтология, западная философия, идентичность, индивидуальная память, общество, концепция памяти, коллективная память*

## THE CONCEPT OF MEMORY AND IDENTITY IN THE PHILOSOPHY OF PAUL RICEUR

In this article, the author provides information on the concept of memory and identity in the philosophy of Paul Ricoeur as the fundamental basis of historical knowledge. Paul Ricoeur views memory not only as the ability to preserve the past but also as the primary form of human connection to the reality of the past. This definition demonstrates that memory is a phenomenon that allows a person to make something that no longer exists present in their consciousness.

This idea emphasizes the ontological importance of memory. That is, memory is not simply the mechanical storage of events, but a special form of presence of the past. In this sense, a person experiences the continuity of their existence through memory.

Ricoeur also emphasizes the close connection between memory and the question of truth. He writes that "the claim of memory is fidelity to the past." The key point here is that memory always claims fidelity to the past, even if this fidelity is not absolute.

Another important aspect of his concept is the issue of testimony. In his view, "testimony constitutes the foundation of historical knowledge," meaning that testimony acts as a bridge between individual consciousness and scientific history.

Ricoeur also distinguishes between individual and collective memory. Individual memory preserves a person's personal experience, while collective memory is a form of preserving the shared experience of society. It is this collective memory that becomes the basis for the historical self-awareness of nations and societies.

***Keywords****: ontology, Western philosophy, identity, individual memory, society, concept of memory, collective memory*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Файзализода Ҷумахон Хол – сарходими илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

**Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 33. **Телефон:** 918-50-63-24. **э-майл:** f.jumakhon@mail.ru

**ORCID:** 0009-0004-9058-8588

**Сведения об авторе:** Файзализода Джумахон Хол – главный научный сотрудник Отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, доктор педагогических наук, профессор. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудакӣ 33. **Телефон:** 918-50-63-24. **э-майл:** f.jumakhon@mail.ru **ORCID:** 0009-0004-9058-8588

**About the author:** Faizalizoda Jumakhon Khol is a senior researcher at the Southeast Asia Department of the Institute for Asian and European Studies of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor.Address: 33 Rudaki Ave., Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan.**Telephone:** 918-50-63-24. **E-mail:** f.jumakhon@mail.ru **ORCID:** 0009-0004-9058-8588

УДК: 32 (575.3)+321.1(575.3)

# ЗАМИНАҲОИ СИЁСИИ ТАШАККУЛИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ВА ХЕШТАНШИНОСӢ

**Муродзода Муҳсин Муқим -**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Муаллиф дар ин мақола заминаҳои сиёсии рушду такомули ҳувияти миллӣ ва хештаншиносиро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва нақши онро ҳамчун падидаи давлатӣ таҳлилу баррасӣ намудааст. Истиқлолияти давлатӣ, ақидаи миллӣ ва иродаи сиёсӣ омилҳои асосии муттаҳидкунанда ва ҳифзи асолат дар раванди таҳкими худшиносӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Инчунин таҳлилҳо нишон додаанд, ки сиёсати таърихнигории давлатӣ омили асосие шудааст, ки китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳар як хонадон тақсим гардид то ин ки ҳар як нафар таъриху тамаддуни худро бидонад, ки ин яке аз заминаҳои асосии асолати миллӣ ва давлатдорӣ мебошад. Ҳама ин талошҳо самараи сиёсиест, ки заминаи илмии хештаншиносиро дар зеҳни насли ҷавон устувор намуда ҳувияти миллиро дар онҳо инъикос менамояд. Дар ин мақола рушд ва ташаккули ҳувияти миллӣ раванди доимие дониста мешавад, ки дар он давлат, миллат ва фард бояд дар ҳамоҳангӣ барои рушди оянда ва як ақида устувор бошанд.

***Калидвожаҳо:*** *Миллат, давлат, сиёсат, ҷавонон, худшиносӣ, хештаншиносӣ, ҳувияти миллӣ, истиқлолият.*

**Муқаддима**. Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи ҳувияти миллӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсатшиносӣ ва давлатдорӣ табдил ёфтааст. Густариши равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ, тавсеаи фазои иттилоотӣ, афзоиши ҳаракати аҳолӣ, тағйирёбии арзишҳои иҷтимоӣ ва таъсири равандҳои трансмиллӣ давлатҳоро водор месозад, ки ба масъалаи ҳифз, таҳким ва рушди ҳувияти миллӣ ва шаҳрвандӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Дар чунин шароит ҳувияти миллӣ на танҳо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, балки ҳамчун омили муҳимми ҳамгироии сиёсӣ, суботи ҷомеа ва таҳкими давлатдорӣ аҳаммият пайдо мекунад.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҳё ва рушди арзишҳои миллӣ, ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ, таҳкими забони давлатӣ ва ташаккули фазои мустақили сиёсӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии мусоид фароҳам овард. Дар ин раванд ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ ҳамчун заминаҳои муҳимми муттаҳидсозии ҷомеа дар атрофи арзишҳо, манфиатҳо ва ҳадафҳои умумимиллӣ аҳаммияти хос пайдо намуданд. Ҳамзамон, рушди сиёсати давлатӣ дар самтҳои маориф, фарҳанг, ҷавонон ва ҳифзи хотираи таърихӣ барои таҳкими худшиносӣ ва хештаншиносии миллӣ мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши заминаҳои сиёсии ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ дар шароити муосир аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, барои дарки хусусиятҳои муносибати мутақобилаи давлат, миллат ва фард, инчунин муайян намудани нақши институтҳои сиёсӣ дар раванди ҳамгироии ҷомеа мусоидат мекунад. Мақолаи мазкур ба таҳлили омилҳои асосии сиёсии ташаккули ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ, аз ҷумла нақши истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ, сиёсати таърихӣ, маориф ва тарбияи шаҳрвандӣ равона гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот**. Муайян ва таҳлил намудани заминаҳои сиёсӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоии ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Дар доираи ин мақсад нақши истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ, сиёсати таърихӣ, низоми маориф ва тарбияи шаҳрвандии ҷавонон дар ташаккули ҳувияти миллӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

**Маводи таҳқиқотро** санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, асарҳои илмӣ оид ба миллат, ҳувияти миллӣ, худшиносӣ ва давлатдорӣ, инчунин маводи марбут ба сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, дар таҳқиқот осори таърихию сиёсӣ ва адабиёти илмии марбут ба масъалаҳои ҳувияти миллӣ, хештаншиносӣ ва хотираи таърихӣ истифода шудаанд.

Ҳамчунин, барои таҳлили масъала маводи марбут ба таърих ва фарҳанги тоҷикон, аз ҷумла асари бунёдии академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон», инчунин андешаҳо ва мавқеъҳои дар суханрониҳо, паёмҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироашуда мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин манбаъҳо барои муайян намудани накши сиёсати давлатӣ, хотираи таърихӣ ва арзишҳои миллӣ дар ташаккули ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ заминаи таҳлилӣ фароҳам оварданд.

**Методологияи таҳқиқот** ба муносибати системавӣ ба ҳувияти миллӣ ҳамчун падидаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтааст. Дар доираи ин муносибат ҳувияти миллӣ ҳамчун падидаи мураккаб ва бисёрҷанба дар робитаи мутақобилаи давлат, ҷомеа, институтҳои сиёсӣ, фарҳанг, маориф ва фард ташаккул меёбад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки ҳувияти миллӣ на танҳо ҳамчун маҷмӯи арзишҳо ва тасаввуроти фарҳангӣ, балки ҳамчун унсури муҳими ҳамгироии сиёсӣ ва таҳкими давлатдорӣ таҳлил карда шавад.

Дар баробари муносибати системавӣ, дар таҳқиқот унсурҳои муносибатҳои таърихӣ ва институтсионалӣ низ ба назар гирифта шудаанд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот** нишон медиҳанд, ки ташаккули ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамбастагии як қатор омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ вобаста мебошад. Истиқлолияти давлатӣ барои эҳё ва ҳифзи арзишҳои миллӣ заминаи асосӣ фароҳам оварда, ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ барои муттаҳидсозии ҷомеа нақши муҳим доранд. Сиёсати таърихӣ ва омӯзиши мероси миллӣ ба таҳкими хотираи таърихӣ ва худогоҳии шаҳрвандон мусоидат мекунанд. Дар ин раванд маориф ва тарбияи ҷавонон, инчунин ҳифз ва рушди арзишҳои таърихию фарҳангӣ, ҳамчун воситаҳои муҳими ташаккули ҳувияти миллӣ баромад менамоянд. Дар маҷмӯъ, ҳувияти миллӣ раванди доимӣ буда, таҳкими он ҳамкории давлат, ҷомеа ва фардро тақозо мекунад.

**Муҳокима**. Масъалаи ҳувияти миллӣ дар илмҳои сиёсӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими ҳамгироии ҷомеа ва таҳкими давлатдорӣ баррасӣ мешавад. Он метавонад ба таҳкими ваҳдати иҷтимоӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва суботи сиёсӣ мусоидат намояд.

Дар шароити Тоҷикистон ташаккули ҳувияти умумии шаҳрвандӣ аҳаммияти хос дошта, сиёсати давлатӣ дар ин самт бояд ба таҳкими ваҳдати ҷомеа, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва гуногунии иҷтимоию фарҳангӣ равона гардад. Ҳамин тариқ, ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳамчун омили муҳими ҳамгироии сиёсӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ мешавад.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ истиқлоли сиёсӣ падидаи созгорест, ки барои эҳёи арзишҳои миллати тоҷик ва рушду такомули ҳувияти мустақил шароити ҳуқуқӣ ба вуҷуд меорад. Бояд гуфт, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг ва маориф ба ҳифзи хотираи таърихӣ ва тарғиби мероси ниёгон равона гардидааст. Ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ ҳамчун омили муҳимтарин ва асоситарини муттаҳидсозии миллат дар атрофи ғояҳои ягонаи давлатдорӣ хизмат мекунанд.

Бояд донист, ки яке аз роҳҳои маъмултарин, ки назарияи сиёсиро бо ниёзҳои иштирокчиёни раванди сиёсӣ мепайвандад, мафҳуми «ҳувияти миллӣ» мебошад, ки барои таъмин намудани таҷдиди тартиботи ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар маҷмӯъ ва қонунигардонии самтҳои мушаххаси сиёсӣ пешбинӣ шудааст. Дар ҷаҳони муосир барои ҳар як давлат масъалаи ҳувияти миллӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Давлати тавоно ва пойдорро бидуни ваҳдати миллӣ, ҳисси ҷомеаи миллӣ, манфиатҳо ва арзишҳои муштараки миллӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ваҳдати миллӣ ҳар қадар мустаҳкамтар бошад, масъулияти шаҳрвандӣ ҳамон қадар баландтар ва эҳтимолияти амалҳои муштарак ба номи миллати онҳо зиёдтар мешавад.

Замони муосири рушди давлатҳои пасошӯравӣ давраи бунёди миллат ва ташаккули ҳувияти миллӣ мебошад, ки дар аксар давлатҳои минтақа ба анҷом нарасидааст. Дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта аз харитаи сиёсии ҷаҳон як давлати беназир - Иттиҳоди Шӯравӣ ва бо он як ҷомеаи беназири сермиллат ва сохтори иҷтимоию идеологӣ – «мардуми шӯравӣ» нопадид шуд.

Касби Истиқлолият барои давлатҳои пасошӯравӣ маънои онро надошт, ки шаҳварндони он боиси фавран ба як миллати воҳиду ягона муттаҳид мегарданд. Азбаски миллат на танҳо дар раванди рушди тӯлонии таърихӣ ташаккул меёбад, балки натиҷаи кӯшишҳои мақсадноки элитаи зеҳнӣ ва давлат мебошад, элитаи миллии давлатҳои тозаистиқлол ба ташаккули стратегияҳои бунёдӣ миллат ва ҳувияти миллӣ рӯ оварданд. Мо мутмаинем, ки ҳувияти миллӣ ин як тарҳи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки аз ҷониби элитаҳои миллӣ ва давлат ташаккул меёбад. Барои ташаккули фазои ягонаи фарҳангӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва эҷоди як системаи идентификатсия аз ҷониби давлат сиёсати миллӣ, таърихӣ, забонӣ амалӣ карда мешавад. Ҳувияти миллӣ дорои хусусияти таҳрикӣ мебошад ва ба ҳамин хотир он метавонад марҳилаҳои гуногуни ҳастии таърихии миллатро сабт намояд. Натиҷаҳои марҳилаи мушаххаси таърихиро арзёбӣ карда, барои рушди миллат самти навро сохтан мумкин аст [3, с. 30].

Хотираи иҷтимоӣ яке аз омилҳои сохтани ҳувияти миллӣ мебошад. Ҳувияти миллӣ дар раванди дарки миллат аз таърихи худ, вазъи кунунии он ва инчунин дурнамои эҳтимолӣ сохта мешавад. Раванди таърихӣ ба расмият даровардa шуда, идеализатсия мешавад ва он ба сохтор, барнома мубаддал мегардад, ки инкишофи онро бо раванди таърихӣ метавон моделсозӣ ва барномарезӣ кард.

Муҳимтарин омили бунёди миллат ва ҳувияти миллиро аз сиёсати таърихӣ мебояд ҷуст. Сиёсати таърихӣ тавассути эҷоди инфрасохтори хотираи миллӣ, таъсир ба фазои рамзӣ, эҷоди мифологияи миллӣ, тавассути асосноккунии идеологӣ иштироки сиёсӣ дар навиштани китобҳои дарсии таърих ва қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

Роҷеъ ба мафҳуми «сиёсати таърихӣ» мо пеш аз ҳама таъсири ҳадафноки давлатиро бо роҳҳои сиёсӣ ба ҳофизаи дастаҷамъӣ ва ҳувияти миллӣ мефаҳмем. Вобаста ба ин зикр бояд кард, ки сарварони сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, муассисаҳои илмии анъанавӣ, васоити ахбори омма, системаи маориф нақшофарони асосии сиёсати таърихӣ маҳсуб меёбанд. Бо вуҷуди омӯзиши техника ва технологияҳои муосир ва илмҳои замонавӣ, ҳар як ҷавонро мебояд, ки барои тарбия дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ талош намояд. Худшиносиву худогоҳии миллӣ барои шахсиятҳои бофарҳангу бомаърифати ҳар як қавм ва миллат беҳтарин хислат ва муҳимтарин машғулият ба ҳисоб меравад. Вақте ки шахс худро мешиносад, ӯ на танҳо ба қадри мероси ниёгон, анъанаву суннатҳои халқи худ ва дигар арзишҳои фарҳангии миллати хеш мерасад, балки бо ин роҳ тамоми сарватҳои маънавии аҳли башариятро ҳам арҷ мегузорад [2, с. 18].

Эҳсоси хештаншиносӣ ва ҳуввияти миллӣ ба назари мо бояд аз даврони кӯдакӣ дар ҳар як шахс ташаккул ва тарбия бояд дода шавад. Ҳимоя аз Ватани хеш ,хизмати содиқона намудан ва ҷоннисорӣ баҳри кишвари худ,ифтихор аз таърихи пурғановати худ,саҳмгузорӣ дар таҳкими истиқлоли давлати худ, муаррифи шоистаи мамлакати худ дар арсаи байналмилалӣ бояд дар зеҳни ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар оила,кудакистон ва минбаъд мактаб ба таври муддавом ҷойгир карда шавад. Ба ҳамин хотир омухтану донистани таърихи худ ба ҳар як сокини кишвар имкон медиҳад,ки сатҳи худогоҳии миллиаш баланд равад ва як ангезаи бузург баҳри хизмат ба Ватан гардад. Таҷрибаи кишварҳои гуногун нишон медиҳад,ки маҳз сатҳи олии худшиносии миллӣ дар дилхоҳ ҷомеа унсури муҳими таҳкими истиқлоли сиесӣ кишвар мегардад.

Роҷеъ ба надонистан ва воқиф набудан аз гузаштаи худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд кардааст: «Агар кас гузаштаи худро надонад, инсони комил нест!» ин гуфтаҳо дар воқеъ инсониятро воқиф месозад, ки ба омӯзиши гузаштаи худ диққати ҷиддие диҳад, то дар ҷомеа мақом ва мартабаи

худро ҳамчун инсони комил пайдо карда тавонад. Пас агар мо ки будани худрову гузаштаи худро надонем, чаро умр ба сар мебарем, пас аз он зиндагие, ки дорем чӣ суд аст баҳри мо, ки мо ҳатто гузаштаи худро намедонем. Надонистани гузаштаи худ ин фоҷиаи басо бузург аст ва зарбаи ниҳоят сахт аст ба пойдевори фарҳангу тамаддуне, ки миллат дар тули таърих бунёд кардааст [5, с. 4]. Яъне, агар инсон аз таъриху фарҳанг, тамаддун ва гузаштагони худ бархурдор набошад, пас чӣ хел метавонад даъвои ватандӯстиву худшиносӣ кунад ва ба кадом далел ҳимоягари таъриху фарҳанг ва тамаддуни бою пурғановати худ шуда метавонад? Агар аз рӯи ҳамаи он нуктаҳое, ки дарҷ гардиданд хулоса барорем, пас он шаҳрвандоне, ки ба мероси гаронбаҳои миллати худ таваҷҷуҳ надоранд ва аз таъриху фарҳанг, тамаддуни гузаштаи миллати худ воқиф нестанд дар мудати начандон тӯлонӣ хатари аз байн рафтани миллату тамаддун ва фарҳанг онҳоро таҳдид мекунад. Таърих гувоҳ аст, ки аз рӯи чунин беэҳтиётӣ ва воқиф набудан аз гузаштаи хеш қисме аз давлату миллатҳои абарқудрат пора-пора шуда, аз тамаддун ва фарҳанги офаридаи хеш маҳрум гардидаанд. Дар таърих ин гуна фоҷиаҳои даҳшатбор хело зиёд мебошанд.

Аз дарозои таърих шахс дарк мекунад, ки гузаштагони ӯ кӣ буд, дар кадом минтақа умр ба сар бурда, чӣ гуна фарҳанг дошта, чӣ гуна мақомеро соҳиб буданд, чӣ гуна бузургони илм доштанд, чӣ гуна робитаи хориҷӣ дар соҳаи сиёсӣ ё иқтисодӣ, илмӣ доштанд ва дар маҷмӯъ аз ҳама бурду бохти гузаштаи миллати худ ва аҳли башар бархурдор мешавад ва сабақи таърихие ба худ мегирад. Ҷиҳати дигари омӯхтани таърих аз он иборат аст, ки шахс аз он бохтҳои гузаштаи миллати худ аллакай хабардор мешавад ва кӯшиш мекунад ки чунин бохти дигареро такрор накунад, яъне ӯ соҳибтаҷриба мешавад. Бинобар ин омӯзиши таърих ба мо дар ин ҷода таҷрибаи кофӣ медиҳад [7, с. 35]. Таҷрибаи таърихӣ ба рӯи мо дарҳои зиёдеро дар оянда боз мекунад.

Шахси хештаншиносро, ки ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ, сабаб, натиҷа ва муҳимтар аз ҳама сабақи онро барои имрӯз ва оянда дарк кунад. Ба ҳамин маъно Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд кардааст: «Мо бояд аз таърихи гузашта сабақ бигирем ва барои ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро ба анҷом бирасонем» [8]. Таърих ин хотираест, ки дар худ ҳақиқатро дорост. Некро нек ва бадро бад ба қалам медиҳад. Аз ҳар як ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ ҳар як шахс сабаб, натиҷа ва муҳимтар аз ҳама сабақи онро барои имрӯз ва оянда бояд дарк кунад. Дар маҷмӯъ, ҳамаи он таҷрибаҳову донишҳое, ки ҷавонон дар рафти омӯхтани таърих ба худ мегиранд, воситаи тарбия дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва худоогоҳии миллии онҳо мегарданд.

Истиқлолият ҷомеаи Тоҷикистонро ба омӯхтани таърихи ватан ва дар баробари он омӯзонидани таърихи аҳли башар ва мақоми он дар ҷомеа роҳсипор намуд. Имрӯз ҳар як шаҳрванд ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихии хеш беш аз пеш ниёз доранд. Дар натиҷаи он тағйироти куллие, ки дар даҳсолаи охири асри XX дар ҷомеа ба амал омад, Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ташкил ёфт. Дар чунин шароит зарурияти пешниҳоди консепсияи нави тафаккури таърихӣ ба амал омад. Дар асару мақолаҳо ва "паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, алалхусус, дар китоби бисёрҷилдаи «Тоҷикон дар оинаи таърих» консепсияи нави тафаккури таърихӣ пешниҳод гардидааст. Ба шарофати ин консепсия шоҳроҳе гузошта шудааст, ки шаҳрвандон таърих ва фарҳанги қадимаи худро омӯхта сатҳи маданияти умумӣ ва сиёсии худро дар асоси анъанаҳои муфидӣ аҷдодон ғанӣ мегардонан [6, с. 17].

Хештаншиносӣ ва ҳувияти миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Миллати тоҷик, ки се даҳсоларо таҳти сиёсати 72 оқилонаву одилонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сипарӣ намуда истодааст, ба муваффақиятҳои беназир ноил шуд, ки саҳми ҷавонон низ дар ин дастовардҳо назаррас мебошад. Ин гуфта аз суханони Пешвои миллат маншаъ мегирад, ки борҳо фармудаанд: «Мо ифтихор дорем, ки ҷавонони бонангу номуси мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, неруи

тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, яъне ояндаи давлату миллат мебошанд» [4, с. 4]. Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон ҳамчун неруи пешбарандаи миллатти тоҷик дар параграфҳои минбаъдаи ҳамин диссертатсия муфассалтар баррасӣ хоҳад шуд.

Ҷавонон қувваи пешбарандаи ҷомеа ҳастанд. “Бисёр ҳодисаҳои инқилобӣ маҳз бо қувваи ҷавонон анҷом дода шудаанд, барои ҳамин ҳам тарбияи ҷавонон, насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ вазифаи муқаддаси ҷомеаи имрӯзаи мо мебошанд. Яке аз вазифаҳои давлат, ҳукумат ва умуман, ҷомеа дар он аст, ки ҷавононро бо роҳи худогоҳии миллӣ, ягонагӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳидоят намуда, аз хатоҳои наслҳои пешин сабақи таърихӣ бардоштанро омӯзанд”

Пешвоми миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамаддуни моддиву маънавии гузаштаи тоҷиконро на танҳо эҳё карданд, балки муҳимтар аз ҳама ба хидмати имрӯзиён гузоштанд. «Фарҳангу тамаддуни чи моддӣ ва чи маънавии гузашта, ки моли таърихи миллат аст, ҳамон вақто арзиши муҳим пайдо мекунад, ки агар ба барои манфиати насли имрӯзаи миллат ва давлати миллӣ хидмат кунад. Вай қабл аз ҳама, ба хотри баланд бардоштан ва таҳким бахшидани ҳувияти миллӣ, фарҳангӣ, миллии таърихӣ ва ифтихори ватандорӣ зарур аст».

Қайд кардан ҷоиз аст, ки маҳз яке аз вазифаҳои ҳувияти миллӣ таъмини ваҳдату иттиҳод дар ҷомеа мебошад. Дар ин қарина ҳувияти миллӣ муваззаф аст фаъолияти низоми мудирияти давлатро таъмин намояд. Ба ҳамин хотир ниҳоят муҳим аст,ки иртиботи қавии ҳувияти миллӣ ва ниҳодҳои давлати бо ҳам мувофиқ бошанд. Ислоҳот ва тағйирот дар ниҳодҳои дар боло номбаршуда танҳо дар сурати таҳкими ҷузъҳои ҳувияти миллӣ натиҷаи мусбат хоҳанд дод. Дар давраи ҷаҳонишавӣ ҳукуматҳо ҳамчун намояндагони миллатҳо дар рақобатҳо барои дастрасӣ ба манобеи ҷаҳонӣ иштирок карда, аҳолии худро аз хатарҳои гуногун ҳифзу ҳимоя мекунанд. Дар ин шароит ҳувияти миллӣ ба яке аз унсурҳои асосии муттаҳидкунанда табдил меёбад. Кишварҳои зиёде дар заминаи тақвият додани ҳувияти миллӣ тавонистанд ба қуллаҳои баланди тараққиёт расанд. Ватанро меҳвари асосии арзишҳо донистан ва тамоми қувваро барои ободонии он сафарбар кардан, танҳо дар заминаи болоравии ҳувияти миллӣ ба даст меояд. Миллатҳое, ки ин унсури асосии ватансозиро надоранд, сарватҳои худро тариқи масъулони беҳувияташ ба хориҷа равон мекунанд. Дар натиҷа сарватҳо тамом мешаванд, аммо ватан ҳамоно вайрона боқӣ мемонад. Обод будани ватан ин сохтани чанд иморати боҳашамат нест. Дар ин рақобатҳо ҳувияти миллӣ ҳамчун унсури аслии рақобатпазирӣ ва муқовимати миллӣ нақши ҳалкунанда дорад» [1, с. 80].

Хештаншиносӣ ва ҳувияти миллӣ ҳамчун тарҳи сиёсӣ дар ҳалли масъалаҳои иттиҳоду ваҳдати ҷомеа омили муҳим ва калидӣ ба ҳисоб меравад. Имрӯз таҳкими ҳувияти миллии шаҳрвандон, хусусан насли ҷавон дар Тоҷикистон самти афзалиятноки фаъолияти давлати муосир ва ҷомеаи шаҳрвандӣ шуда истодааст.

Рушд ва ташаккули ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ, ки инҳо ба ҳам бисёр наздик ҳастанд на танҳо раванди фарҳангӣ, инчунин як ду ибора як падидаи сиёсӣ ҳастанд. Дар шароити муосир ва равандҳои ҷаҳонишавӣ хусусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд заминаҳои сиёсие ҳастанд, ки нақши муҳим мебозанд.

Истиқлоли сиёсӣ нуқтаи гардишест, ки миллати тоҷикро аз тобеияти идеологии низомҳои абарқудрат озод намуда, ба як давлати озод табдил додааст. Бахусус дар мавҷудияти давлати соҳибистиқлол миллати тоҷик имкон пайдо кард, ки манфиатҳои худро муайян ва мушаххас намуда ва таъриху фарҳанги худро ҳифз ва нигаҳбонӣ кунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ниҳодҳои худ имрӯз ҳамчун як миллати бойу ғании хешро тарҳрезӣ намуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз бузургони гузаштаи миллат ба мисли Куруши Кабир ва Исмоили Сомонӣ дубора дар зери давлатдории Эмомалӣ Раҳмон эҳё гардиданд, ки ин ҷузъи сиёсати давлатӣ гардиданд ва арҷгузорӣ ба гузаштагон барои ваҳдати сиёсии ҷомеа зарур аст.

Дар дарозои таърих шахсияти роҳбар дар муттаҳид кардани табақаҳои мухталифи ҷомеа нақши рамзӣ дорад, ки дар замони муосир нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар муттаҳид сохтани тамоми тоҷикони ҷаҳон мушоҳида

менамоем. Шуҷоату матонад ва ҳушёрии сиёсӣ ҷиҳати ҳифзи забони давлатӣ, эҳёи ҷашнҳои миллӣ ба монанди идҳои Наврӯз, Сада, Меҳргон Тиргон ва муаррифии онҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ заминаи сиёсии эҳсоси ифтихори миллиро фароҳам намуда, миллатро дар арсаи ҷаҳон инъикос менамояд.

Агар суботи сиёсӣ вуҷуд надошта бошад хештаншиносӣ низ метавонад ба низоъҳои маҳалгароӣ табдил ёбад ва чолишҳову низоъҳои дохилиро ба бор орад. Бояд фаромуш накард, ки созишномаи сулҳ ва Ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминае фароҳам овард, ки мардум худро на ҳамчун намояндаи як минтақа, балки ҳамчун узви як давлати воҳид эҳсос мекунанд.

Дар доираи таҳлилу баррасии заминаҳои сиёсӣ роҷеъ ба ин таҳқиқот метавон якчанд хулосаҳоро ба даст овард, ки барои таҳкими минбаъдаи ташаккули ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Муайян карда шуд, ки натиҷаи муҳимтарини сиёсати дуруст дар он зоҳир мегардад, ки агар шаҳрванд "ҳувияти давлатӣ"-ро аз ҳама боло гузорад. Ин маънии онро дорад, ки эҳсоси "Ман тоҷик ҳастам" бояд нисбат ба мансубияти маҳаллӣ ё гурӯҳӣ аввалиндараҷа бошад ва чизи дигар ҷойгузини он набошад.

Мушаххас карда шуд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ, “ҳувияти миллӣ” ҳамчун "сипари сиёсӣ" хизмат мекунад. Хештаншиносии мустаҳкам ва қудратманд монеи ворид шудани ақоиди экстремистӣ ва бегонапарастӣ мегардад. Бояд донист, ки миллате, ки таърих ва асолати худро медонад, зудбовар ва осебпазир нахоҳад шуд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки сиёсати таърихнигории давлатӣ омили асосие шудааст, ки китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳар як хонадон тақсим гардид то ин ки ҳар як нафар таъриху тамаддуни худро бидонад, ки ин яке аз заминаҳои асосии асолати миллӣ ва давлатдорӣ мебошад. Ҳама ин талошҳо самараи сиёсиест, ки заминаи илмии хештаншиносиро дар зеҳни насли ҷавон устувор намуда ҳувияти миллиро дар онҳо инъикос менамояд.

Бояд гуфт, ки рушд ва ташаккули ҳувияти миллӣ раванди доимист, ки дар он Давлат, Миллат ва Фард бояд дар ҳамоҳангӣ барои рушди оянда ва як ақида устувор бошанд. Заминаи сиёсӣ ин чаҳорчӯбаест муайяне мебошад, ки барои рушду инкишофи озодонаи фарҳанг ва худшиносӣ шароит муҳайё менамояд. Дар ҳолати набудани низоми сиёсии босубот ва идеологияи созанда, “хештаншиносӣ” пароканда ва нобуд мегардад.

*Хулоса*. Дар таҳқиқот нишон дод, ки ташаккули ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ раванди доимӣ буда, ба омилҳои сиёсӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ вобаста мебошад. Истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ барои таҳкими ҳувияти умумии шаҳрвандӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ заминаи муҳим фароҳам меоранд. Сиёсати таърихӣ, омӯзиши таърих ва мероси фарҳангӣ, инчунин маориф ва тарбияи ҷавонон дар таҳкими худогоҳии миллӣ нақши муҳим доранд. Дар маҷмӯъ, ҳувияти миллӣ натиҷаи ҳамкории давлат, ҷомеа ва фард буда, таҳкими он ба ҳифзи ваҳдати миллӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва рушди устувори давлат мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ:


1. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Душанбе: Ирфон, 2008. –781 с.
2. Зокиров, Г.Н. Истиқлолияти сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2006. – С18.
3. Набиева, Р. Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои асри XXI [Матн] / Р. Набиева, Ф.М. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 210 с.
4. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2019 шаҳри Душанбе [Матн] // Омӯзгор. – 2019. – 28 декабр.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 апрели соли 2010. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – 25 с.
6. Р.Н. Асадуллоев, Молодёжь в процессах демократизации общественной жизни страны (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / Р.Н. Асадуллоев. – Душанбе: Сарпараст, 2004. – 201 с.
7. Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе, 2004. – Т.1. – 351 с.

8. Раҳмон, Э. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар, 21 майи соли 2021 шаҳри Душанбе [Матн] / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2021. – 24 май.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Э.Раҳмон. - Душанбе: Ирфон, 2012. - Ҷилди 11. (2010, июл– 2011, август). - 575 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 12 (2011, 25 август– 2012, 27 октябр) / Э.Раҳмон. -Душанбе: Ирфон, 2016. - 560 с.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 13 (2012, 27 октябр– 2013, 29 сентябр) / Э.Раҳмон. –Душанбе: Ирфон, 2016. – 560 с.

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ И САМОПОЗНАНИЯ

В данной статье автор анализирует и обсуждает политические основы развития и совершенствования национальной идентичности и самопознания в контексте глобализации и ее роли как государственного феномена. Государственная независимость, национальная идеология и политическая воля являются основными объединяющими факторами и обеспечивают сохранение самобытности в процессе укрепления самопознания.

Анализ также показывает, что государственная историографическая политика стала основным фактором, приведшим к распространению книги академика Бободжона Гафурова «Таджики» в каждом доме, чтобы каждый знал свою историю и цивилизацию, что является одной из главных основ национальной самобытности и государственности. Все эти усилия являются политическим плодом, который укрепляет научную основу самопознания в сознании молодого поколения и отражает в них национальную идентичность. В данной статье развитие и формирование национальной идентичности рассматривается как непрерывный процесс, в котором государство, нация и индивид должны находиться в гармонии для будущего развития и твердой веры.

**Ключевые слова:** нация, государство, политика, молодежь, самосознание, самопознание, национальная идентичность, независимость.

## POLITICAL BASIS FOR THE FORMATION OF NATIONAL IDENTITY AND SELF-KNOWLEDGEMENT

In this article, the author analyzes and discusses the political foundations of the development and improvement of national identity and self-knowledge in the context of globalization and its role as a state phenomenon. State independence, national ideology, and political will are the main unifying factors and the preservation of originality in the process of strengthening self-knowledge.

The analysis also shows that the state historiographical policy has become the main factor that led to the distribution of the book "Tajiks" by Academician Bobojon Gafurov to every household so that everyone knows their history and civilization, which is one of the main foundations of national originality and statehood. All these efforts are a political fruit that consolidates the scientific basis of self-knowledge in the minds of the younger generation and reflects national identity in them. In this article, the development and formation of national identity is considered a continuous process in which the state, nation, and individual must be in harmony for future development and a firm belief.

**Keywords:** Nation, state, politics, youth, self-awareness, self-knowledge, national identity, independence.

**Дар бораи муаллиф:**

**Муродзода Мухсин Муқим -** номзади илмҳои сиёсӣ, ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. muhsin.murodzoda@mail.ru

ORCID: 0009-0002-1530-8078

**Об авторе: Муродзода Мухсин Муким** — кандидат политических наук, ведущий научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe sity, Rudaki prospect №33. muhsin.murodzoda@mail.ru ORCID: 0009-0002-1530-8078

**About the author:**

**Muradzoda Muhsin Mukim** - candidate of political sciences, leading researcher of the Institute of Asian and European Studies of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe sity, Rudaki prospect №33. muhsin.murodzoda@mail.ru

ORCID: 0009-0002-1530-8078

## ИҚТИСОДИ ҶАҲОН/ МИРОВАЯ ЭКОНОМИКА/ GLOBAL ECONOMY

**УДК: 331.024.2 (5)**

# ТАМОЮЛ ВА ТАШАККУЛИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР ДАР МИСОЛИ ДАВЛАТҲОИ ШАРҚ

Муҳаммадализода Парвина
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**
Сафарова Марҷона Исроиловна
**Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ**

*Мақолаи мазкур ба таҳқиқи тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди сармояи инсонӣ дар ҷаҳони муосир бо такя ба таҷрибаи давлатҳои Шарқ бахшида шудааст. Дар он моҳият ва аҳаммияти сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ гардида, равишҳои гуногуни илмӣ-назариявии ташаккули он, аз ҷумла равишҳои маъмурӣ, такропистеҳсолӣ, пӯё, ҳамгироӣ, маҷмӯавӣ, маркетингӣ, меъёрӣ, ҷараёнӣ, вазъиятӣ ва ҳадафманд таҳлил шудаанд.*

*Таваҷҷуҳи махсус ба сармояи саломатӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сармояи инсонӣ равона гардидааст. Муаллиф аҳаммияти саломатиро ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, рушди иқтисодӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ нишон медиҳад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти ҳифз ва рушди саломатии аҳолӣ, пешгирии бемориҳо, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои тиббӣ баррасӣ шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки рушди самараноки низоми тандурустӣ ба таҳкими сармояи инсонӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *сармояи инсонӣ, сармояи саломатӣ, рушди сармояи инсонӣ, давлатҳои Шарқ, сармояи дониш, сармояи фарҳангӣ, тандурустӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ*

**Муқаддима.** Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати иқтисодиёти донишбунёд сармояи инсонӣ ба яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии давлатҳо табдил ёфтааст. Дар ҷаҳони муосир сатҳи рақобатпазирии кишварҳо на танҳо аз захираҳои табиӣ ва иқтидори истеҳсолии онҳо, балки аз сифати захираҳои инсонӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, вазъи саломатӣ, малакаҳои касбӣ ва қобилияти эҷодкоронаи аҳолӣ вобастагии зиёд дорад. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ ба рушди инсон ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон эътироф гардидааст.

Дар даҳсолаҳои охир масъалаи ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимон, сиёсатгузорон ва созмонҳои байналмилалӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки давлатҳое, ки ба рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, илм ва технология аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд, ба натиҷаҳои назарраси иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ноил мегарданд. Дар ин замина, таҷрибаи давлатҳои Шарқ, махсусан кишварҳое, ки тавонистаанд дар муддати нисбатан кӯтоҳ ба рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодӣ даст ёбанд, аҳаммияти хос дорад.

**Мақсади мақола** – омӯзиши тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди сармояи инсонӣ дар ҷаҳони муосир, таҳлили равишҳои асосии илмӣ-назариявии ташаккули он ва баррасии таҷрибаи давлатҳои Шарқ дар самти рушди сармояи инсонӣ мебошад. Дар асоси таҳлил нақши сармояи саломатӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сармояи инсонӣ ва таъсири он ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда мешавад.

**Маводҳо ва усулҳо.** Дар раванди таҳқиқоти мазкур корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба назарияи сармояи инсонӣ, сармояи саломатӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун заминаи назариявӣ истифода гардиданд. Ҳамчунин, маводи таҳлилии созмонҳои байналмилалӣ, маълумоти омории расмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии марбут ба рушди сармояи инсонӣ дар кишварҳои Шарқ мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

Дар ҷараёни таҳқиқот аз маҷмӯи усулҳои илмии маърифат истифода шудааст. Аз ҷумла, усулҳои таҳлил ва таркиб, муқоисавӣ, мантиқӣ, таърихӣ, иқтисодӣ-оморӣ ва низомӣ ба кор бурда шуданд. Бо истифода аз усули муқоисавӣ таҷрибаи давлатҳои Шарқ дар самти рушди сармояи инсонӣ ва сармояи саломатӣ таҳлил гардид. Усули низомӣ имконият фароҳам овард, ки сармояи инсонӣ ҳамчун низоми мураккаби иборат аз сармояи дониш, саломатӣ ва фарҳанг мавриди омӯзиш қарор гирад.

**Натиҷаҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар кишварҳои пешрафтаи Шарқ сиёсати давлатӣ ба рушди захираҳои инсонӣ, такмили низоми таҳсилот, баланд бардоштани сатҳи тахассус ва ҳифзи саломатии аҳолӣ равона шудааст. Таҳқиқот нишон дод, ки сармояи саломатӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳими сармояи инсонӣ ба рушди иқтисодӣ таъсири назаррас мерасонад. Беҳтар гардидани сатҳи саломатии аҳолӣ ба афзоиши қобилияти меҳнатӣ, кам шудани хароҷоти иҷтимоӣ ва баланд шудани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат мекунад. Дар ин замина, таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки татбиқи барномаҳои пешгирии бемориҳо, рушди инфрасохтори тандурустӣ ва истифодаи технологияҳои муосири тиббӣ натиҷаҳои мусбат ба бор меорад. Ҳамчунин, муайян карда шуд, ки сармояи дониш ва сармояи фарҳангӣ дар баробари сармояи саломатӣ унсурҳои муҳимтарини рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравaнд. Инкишофи онҳо барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таҳкими иқтидори инноватсионӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Муҳокима.** Натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ менамоянд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати афзояндаи иқтисодӣ сармояи инсонӣ ба яке аз омилҳои калидии рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфтааст. Таҷрибаи давлатҳои Шарқ нишон медиҳад, ки сармоягузории мунтазам ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, илм ва технология барои баланд бардоштани сифати захираҳои инсонӣ ва таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Таҳлили равишҳои гуногуни илмӣ-назариявӣ нишон медиҳад, ки рушди сармояи инсонӣ раванди бисёрҷанба буда, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва институтсионалиро дар бар мегирад. Дар ин замина, истифодаи равиши ҳамгироӣ ва маҷмӯавӣ барои арзёбии сармояи инсонӣ нисбат ба дигар равишҳо самаранoктар ба назар мерасад, зеро онҳо имконият медиҳанд, ки ҳамаи ҷузъҳои таркибии сармояи инсонӣ ҳамчун низоми ягона мавриди омӯзиш қарор гиранд.

Дар шароити бо суръат вусъат ёфтани равандҳои истеҳсолию муомилотӣ, ки дар тамоми бахшҳои фаъолияти иқтисодию иҷтимоӣ ба амал омада истодаанд, рушди ҳамаҷонибаи сармояи инсонӣ омили калидии рақобатпазирӣ шинохта мешавад. Дигар масъалаҳои муҳимми иқтисодиву иҷтимоии ҷамъият дар шароити пуртазод, барои интихоб намудани модел ва усулҳое, ки сармояи инсониро рушд медиҳад, равона мегардад. Дар робита ба ин масъала барои дарёфт ва истифодаи дуруст ва рушд додани сармояи инсонӣ аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ кӯшиши зиёд ба харҷ дода шудааст. Бояд зикр намуд, ки бо дар назардошти тайғиротҳо дар рушди илму техника талабот ба ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ аз нигоҳи стратегӣ низ тағйир меёбад. Сармояи инсонӣ чун категорияи мураккаби иқтисодӣ дорои имконият ва иқтидорҳое мебошад, ки барои дарёфти роҳҳои ҳавасмадгардонии ташаккул ва истифодаи сатҳи баланди он равишҳои илмӣ талаб карда мешавад. Дар ин замина аҳамияти инфрасохтори иҷтимоӣ чун омили муҳим ва калидии такрористеҳсоли сармояи инсонии босифат аҳамияти вижа касб менамояд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқиот муайян гардид, ки модели омӯзиш, таҳлил, инчунин исифодаи оқилонаи рушду ташаккули сармояи инсонӣ бояд заминаҳои таърихии пешниҳод ва истифодаи равишҳои маъмули ташаккули сармояи инсонӣ вобаста ба атрофи тадқиқоти мазкур, равиши беҳтаре коркард ва тавсия карда шавад. Дар ин замина омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, махсусан мамолики пешрафта ба мақсад мувофиқ мебошад. Баъзе равишҳои илман асоснокшуда, ки дар мамолики пешрафта мавриди истифода қарор доранд, дар ҷадвали 1.3.1. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1. Равишҳои илмӣ-назариявии ба ташаккули сармояи инсонӣ**

| **РАВИШҲО** | **ШАРҲИ МУХТАСАР** |
|---|---|
| МАЪМУРӢ | Ин равиш дар асоси танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ухдадориҳои вазифавӣ ташкил ва таъмин намудани низоми ташаккулёбӣ ва истифодаи мақсадноки сармояи инсониро дар бар мегирад |

| | |
|---|---|
| ТАКРОРИСТЕҲ-СОЛӢ | Ин равиш кӯшиши таъмини ташаккулёбии сармояи инсониро бо мавқеъгирӣ ба дараҷаи баланди такрористеҳсоли доимии сармояи инсонӣ дар бахшҳои фаъолиятро ифода мекунад |
| ПУЁ (ДИНАМИКӢ) | Ин равиш бо баррасии сармояи инсонӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ тавассути алоқамандии рушди диаллектикӣ, алоқамандии сабабӣ ва пайдарҳамии унсурҳои он вобаста дониста мешавад |
| ҲАМГИРОӢ | Таъмин намудани натиҷаи дилхоҳи ташаккул ва рушди сармояи инсониро дар барқарор намудани муносибатҳои байни унсурҳои низоми рушди сармояи инсонӣ ва қонуниятҳои ҳамкории зерсохторҳои алоҳидаро ифода мекунад. Яъне ҳамгироии илм, амалия ва дигар унсурҳои раванди ташаккули сармояи инсонӣ. |
| МАҶМУАВӢ | Равиши мазкур, ташаккул ва истифодаи мақсадноки сармояи инсониро бо ба назар гирифтани ҷанбаъҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, техникӣ, илмӣ, инвеститсионӣ ва ғайра тавсия менамояд |
| МАРКЕТИНГӢ | Таъмин намудани сатҳу сифати сармояи инсонӣ бо мавқеъгирии талаботи субъектҳои хоҷагидори иқтисодӣ фаҳмида мешавад. Яъне, замона тағйир меёбад ва соҳаҳо ба кадрҳои гуногун талабот доранд, бо ин мақсад зарурати бо талаботи онҳо мувофиқ ташаккул додани сармояи инсонӣ зарур аст. |
| МЕЪЁРӢ | Ташаккули сармояи инсониро дар асоси истифодаи мақсадноки меъёрҳо ва стандартҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда дар назар дорад. |
| ҶАРАЁНӢ | Ташаккули сармояи инсониро ҳамчун маҷмӯи амалҳои бо ҳам алоқаманд баррасӣ намуда, такмил ва ташаккули пайдарпайи онҳо шарти муҳим дониста мешавад. |
| ВАЗЪИЯТӢ | Истифодаи усулҳои гуногуни ташаккули сармояи инсониро вазъи мушаххаси кишвар, минтақа, шаҳрдорӣ, ташкилот муайян мекунад. |
| ҲАДАФМАНД | Ташаккули сармояи инсониро манфиатҳо ва ҳадафҳои давлат, ташкилот ва шахс муайян намуда, омезиши оптималии онҳо чун ҳадафи аслӣ таъмин карда мешавад. |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Аз руи ҷадвали тартибдодашуда муайян гардид, ки ба эътибор гирифтани тавсияҳои олимони ватанию хориҷӣ барои ташааккул ва рушди сармояи инсонӣ ва барои инкишоф додани сармояи зеҳнӣ тавия дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки танҳо бо муваффақ шудан дар самти донишандузӣ мо ба натиҷаи дилхоҳи сармояи инсонӣ ноил шуда наметавонем. Дар ин замина, маълум аст, ки муҳимтарин сармояе, ки имкони истифодаи захираи сармояи саводнокиро такмил медиҳад, сармояи саломатии инсон ба шумор меравад.

Ташаккул ва рушди инкишофи сармояи инсонӣ, барои таваҷҷӯҳ ва тақвияти сармояи саломатӣ. Дар иртибот ба ин масъала оид ба рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ дар илми иқтисодиёт дар ибтидои асри XX модели нави ташаккулдиҳӣ руи кор омадаст, ки сарчашмаи ин тайғиротҳо олими англиси соҳаи иқтисодиёт Майкл Гроссман аввалин шуда, саломатии инсонро ҳамчун сармоя ва қимматтарин дороии давлат илман асоснок намуда, иброз намудааст, ки «Саломатӣ на танҳо ҷиҳати ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ мусоидат мекунад, балки чун категорияи мустақили иқтисодӣ баромад карда, тамоюли рушд ва инкишофи давлатро муайян мекунад». Инчунин дар китоби «Талабот ба саломатӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ» оиди ин мавзӯъ қайд намуд, ки Эндрю Джонс, Найджел Райс ва Пол Контояннис монографияи М. Гроссманро омӯхта чунин қайд намудааст: «…М. Гроссман «Падар - асосгузори талабот нисбат ба модели саломатӣ мебошад». Ҳамин тариқ, М. Гроссман чунин мешуморад, ки «...сармояи дониш, ки одам дар ихтиёр дорад ба ҳосилнокии бозорию ғайрибозории он таъсир мерасонад. Дар чунин маврид сармояи саломатии он шумораи умумии вақти онро муайян мекунад, ки он метавонад харҷ намояд ва ба ин васила пул ба даст оварад ва мол истеҳсол намояд. Ба ақидаи ӯ сармояи саломатӣ сарват ё воситаи асосиест, ки дорандаи онро имконияти дар вақт ва ҷойи зарурӣ истифодабарии дониш, малака ва ғайраро имкон медиҳад. Нишондиҳандаи муҳими сармояи саломатӣ чун кагегорияи мустақили иқтисодӣ аз рӯйи ақидаи М. Гроссман ва ҷонибдорони ӯ, ин дарозумрӣ ба шумор меравад. Дарозумрӣ аз нигоҳи онҳо изофанамоии давраи иловагии фаъолиятро ифода мекунад, ки дар ин вақт шахс имкони истифодаи малака, дониш ва қобилияти ташкилотчигии худро пайдо намуда, онро бо пул иваз мекунад» [3].

Воқеан, сармояи саломатӣ молики худро имкон медиҳад, ки муддати вақти тулонӣ сармояи дониш ва сармояи фарҳангиро андухт намояд ва пул ба даст орад. Аз дигар ҷониб, ба ақидаи М. М. Грейбил розӣ шудан мумкин аст, ки чунин мешуморад: «Одамони нисбатан донишманд бо таваҷҷуҳ ба саломатии худ муносибатро беҳтар мекунанд, инчунин кӯшиш мекунанд, ки ҳаёти солим ва умри дароз дошта бошанд. Дар навбати худ нишондиҳандаҳои ба монанди сатҳу шароити ташкили фаъолияти тандурустӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои ин сектори бозори хизматрасониҳо сатҳу сифати инкишофи инсониро ташкил медиҳад, мақсаднок истифода менамояд»[2]. Сармоягузорӣ ба ҷанбаи таҳсилотии сармояи инсонӣ аз сармояи саломатӣ вобаста аст, яъне саломатии хуб имконияти меҳнати пурсамарро таъмин намуда, ҷиҳати дар оянда даромади бештар ба даст оварданро мусоидат менамояд.

Набудани сармояи саломатӣ аз байн рафтани маҳсулнокии сармояи инсонии фард ё ҷамъиятро ба миён меорад. Қайд шудааст, ки: «Инсони носолим ё коргар нест ва ё корманди ғайрисамаранок аст. Инҷо мушкилӣ на танҳо дар норасоии кувваи физиологӣ, ки сабаби қобияти пасти меҳнатӣ ва аз байн рафтани он аст. Мушкилӣ инчунин дар он аст, ки ба кор набаромадани як корманд бо сабаби беморӣ раванди банизомдаровардашудаи фаъолияти кулли коллективро вайрон мекунад, гарчанде, ки ҷойи онро як корманди дигар иваз карда метавонад. Ҳолати беморӣ ба ҷараёнҳои равонӣ таъсир расонида, завқи кориро аз байн мебарад, ки вазъи боздеҳии меҳнатиро паст мекунад, ин пеш аз ҳама дар натиҷаи меҳнати эҷодӣ мушоҳида мешавад» [7]. Аз ин бармеояд, ки сатҳи нокифояи саломатӣ ба фаъолнокии иҷтимоию иқтисодии одамон таъсири манфӣ гузошта, ташаккул ва инкишофи сармояи инсониро дар маҷмӯъ маҳдуд менамояд.

Ҳамин тариқ, ҷонибдорони мактаби илмии М. Гроссман аз Федератсияи Россия ва дигар ширкатҳо дар шароити гуногун, тавассути усулҳои гуногун робитаи алоқаманди сармояи инсониро бо дигар унсурҳои сармояи инсонӣ омӯхта, нақши онро дар ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ асоснок намудаанд. Албатта, дар ин радиф онҳо равишҳои гуногуни ташаккулдиҳии сармояи инсониро тавассути ҷалби инвеститсия ба саломатӣ коркард ва пешниҳод намудаанд, аз ҷумла, зиёд намудани ҳаҷми маблағгузориҳои давлатӣ, ройгон пешниҳод намудани хизматрасониҳои тиббӣ, ташкили суғуртаи ҳатмии тиббӣ, иловапулиҳо ҷудо кардани корфармо ҷиҳати барқарорнамоии саломатии кормандон ва ғайра.

Дар баробари олимони хориҷӣ, олимони ватанӣ низ ҷиҳати ташаккули сармояи инсонӣ тавассути беҳтаргардонии вазъи солимии аҳолии ҷумҳурӣ корҳои арзишманде анҷом додаанд. Аз ҷумла С.И. Исломов, Ш. Ш. Қодиров [5], И. С. Хоркашов[6], Р. М. Бобоҷонов[1] ва М. И. Каримов[4] А.А. Акрамов ва сармояи саломатиро ба сифати муҳимтарин қисми таркибии сармояи инсонӣ таҳқиқ намуда, ҳамзамон, ташаккули сифатию шуморавии онро кафолати асосии рушди сармояи инсонӣ мешуморанд.

Дар маҷмӯъ, аз тамоми ақоиди дар боло матраҳгардида бармеояд, ки сармояи саломатӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар худ ҷараёни ташаккулёбӣ, дастгирӣ, мукаммалгардонии саломатӣ ва қобилияти меҳнатии инсонро ифода мекунад. Мафҳуми «сармояи саломатӣ» чун категорияи иқтисодӣ ифодакунандаи муносибат ҷиҳати нигоҳдорӣ, ташаккулдиҳӣ, ҷонибдорӣ, барқарорнамоӣ, беҳтаргардонӣ ва мустаҳкамгардонии саломатӣ буда, талафоти инсонӣ ва бемориро коҳиш дода, қувваи қобили меҳнати инсонро таъмин мекунад ё амалкарди босуботи сармояи инсониро дар маҷмӯъ таъмин месозад.

Натиҷагириҳои масъалаи нақш ва аҳаммияти сармояи саломатӣ нишон медиҳанд, ки воқеан, саломатӣ заминаи асосиро дар андӯхт ва ташаккули қобилияти зеҳнии инсон гузошта, ҳамзамон сармояи инсониро қобили истифодабарӣ ва даромадбинӣ нигоҳ медорад. Аммо, новобаста аз муҳиммияти ин ду сармояи инсонӣ, дар сохтори ин сармоя агар сармояи фарҳанг мадди назар карда шавад, расидан ба натиҷае, ки онро мо интизорем ғайриимкон мегардад. Дар чунин маврид, омӯзиш, таҳлил ва ташаккули сармояи фарҳангӣ ҷанбаъҳои иқтисодию иҷтимоӣ дошта, метавонад дар рушди ҳамаҷонибаи сармояи инсонии рақобатпазир заминаи хуб гузорад.

Муъҷиза ё вижагӣ дар пешгирӣ. Фарҳанги тандурустии Ҷопон ба пешгирии бемориҳо, аз ҷумла муоинаи мунтазами тиббӣ ва тарзи ҳаёти солим таъкид мекунад. Ҳукумати Ҷопон масъалаи муоинаи мунтазами тиббӣ ва татбиқи барномаҳои дастгирии тарзи ҳаёти солимро на танҳо дар шароити давлат балки дар тамоми корхонаҳо пайваста назорат мебарад.

Технология ва инноватсия дар соҳаи тандурустӣ ва беҳдошти саломатӣ. Ҷопон масъалаи мавриди назарро аз ҷумлаи ҳадафҳои олие интихоб намудааст, ки дар амалияи тиббӣ

самаранокии ёрии тиббиро ба таври назаррас беҳтар мекунад. Илова бар ин ҷопониҳо чунин мешуморанд, ки фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи тандурустӣ бояд қобияти ошкор намудани тамоми муъҷизаҳои организми инсонро дошта, дар баробари ин барои бартараф намудани бемориҳо посух гуфта тавонад.

Дар қатори давлатҳои зикргардида Исроил аз ҷумлаи давлатҳои пешқадам ва ташаккулёфтаи ҳам низоми тандурустӣ ва ҳам солимии аҳолӣ шинохта шудааст, ки модели соҳаи тандурустии он инчунин бо чунин самаранокӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ фарқ мекунад:

1. Суғуртаи тиббии ҳатмӣ: Ҳар як шаҳрванди Исроил суғурта шудааст ва ба хидматрасонии тиббӣ дастрасӣ дорад, ки барои нигоҳдорӣ ва беҳтар кардани саломатии умумии аҳолӣ мусоидат мекунад.

2. Технологияҳои инноватсионӣ: Исроил бо навовариҳо ва стартапҳои тиббии худ машҳур аст, ки ба рушди табобатҳои нав мусоидат мекунанд. Дар ин давлат масъалаи ҳавасмандии эҷод дар самти инноватсия дар соҳаи тандурустӣ ё дар нигоҳдории салоатӣ дар ҷойи аввал гузошта шудааст.

3. Системаи пешгирӣ: Таваҷҷӯҳ ба пешгирӣ, санҷиши мунтазами саломатӣ ва маъракаҳои огоҳӣ оид ба тарзи ҳаёти солим ба нигоҳ доштани сатҳи баланди саломатии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Ҳар яке аз кишварҳои зикршуда дар ташаккул ва нигоҳдории сармояи тандурустӣ бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо равишҳои беназирро нишон медиҳанд. Тадқиқот ва навоварӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ ва таваҷҷӯҳ ба пешгирӣ дар нигоҳдории саломатии аҳолӣ нақши калидӣ доранд.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сармояи инсонӣ яке аз омилҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва баланд бардоштани рақобатпазирии давлат ба ҳисоб меравад. Ташаккул ва рушди самараноки сармояи инсонӣ ба истифодаи равишҳои гуногуни илмӣ-назариявӣ вобаста буда, онҳо имкон медиҳанд, ки имкониятҳои зеҳнӣ, касбӣ ва иҷтимоии инсон ба таври пурра рушд ёбанд. Дар ин замина равишҳои маъмурӣ, такрористеҳсолӣ, пӯё, ҳамгирой, маҷмӯавӣ, маркетингӣ, меъёрӣ, ҷараёнӣ, вазъиятӣ ва ҳадафманд ҳамчун заминаи назариявии ташаккули сармояи инсонӣ нақши муҳим мебозанд.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Ҷопон ва Исроил, нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба соҳаи тандурустӣ, рушди технологияҳои инноватсионӣ, дастрасии васеъ ба хизматрасониҳои тиббӣ ва татбиқи чораҳои пешгирии бемориҳо метавонад ба беҳтар шудани сатҳи саломатии аҳолӣ ва рушди сармояи инсонӣ мусоидат намояд.

Бояд қайд намуд, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури калидии низоми иттилоотии тандурустии ҷумҳурӣ захираҳои инсонӣ ё ба истилоҳ сармояи инсонӣ мебошанд, ки барои ташаккул ва идоракунии низоми иттилоотӣ дар ҳамаи сатҳҳо на танҳо барои ҷамоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоот, балки инчунин бо мақсади идоракунӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ сафарбар карда шудаанд. Дар ин замина ташкили оқилонаи раванди таъмини иттилоотии низоми идоракунии тандурустӣ шарти асосии ислоҳоти бомуваффақияти он ба ҳисоб меравад. Аммо хусусияташ аз он иборат аст, ки таъмини иттилоотӣ дар низоми идоракунии тандурустӣ бо саломатии инсон ҳамчун унсури муҳими рушди сармояи инсонӣ дар кишвар алоқаманд аст [8].

Ҳамин тариқ, сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисодиёт ба яке аз омилҳои асосии рушди устувори иҷтимоию иқтисодии давлатҳо табдил ёфтааст. Сатҳи рушди кишварҳо ҳарчи бештар аз сифати захираҳои инсонӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, вазъи саломатӣ, малакаҳои касбӣ ва иқтидори эҷодии аҳолӣ вобастагӣ пайдо менамояд.

Таҳлили таҷрибаи давлатҳои Шарқ нишон дод, ки сиёсати самараноки давлатӣ дар самти рушди маориф, тандурустӣ, илм ва технология барои таҳкими сармояи инсонӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ин кишварҳо тавонистаанд тавассути сармоягузории пайваста ба рушди инсон ба дастовардҳои назарраси иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ноил гарданд.

Ҳамчунин, таҳқиқот собит намуд, ки сармояи саломатӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сармояи инсонӣ ба ҳосилнокии меҳнат, сатҳи даромад, сифати зиндагӣ ва рушди иқтисодӣ таъсири бевосита мерасонад. Дар баробари ин, сармояи дониш ва сармояи фарҳангӣ низ ҳамчун омилҳои муҳимми ташаккули ҷомеаи муосир ва иқтисоди рақобатпазир нақши калидӣ доранд.

Рушди ҳамаҷонибаи сармояи инсонӣ бояд яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб равад. Татбиқи чораҳои муассир дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилот, беҳтар намудани хизматрасониҳои тиббӣ, рушди илм ва технология, инчунин таҳкими арзишҳои фарҳангӣ метавонад барои таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

## АДАБИЁТ:

1. Бабаджанов Р.М. Проблемы формирования институционального потенциала здравоохранения в Республике Таджикистан в контексте инновационного развития / Р. М. Бабаджанов, Ф.А. Эшонкулова // Экономика Таджикистана. – 2018. – № 3. – С. 131-134.

2. Грейбил М. М. Социальный и человеческий капитал как факторы благосостояния и развития. Москва.: 2003 стр.16.

3. И. Розмаинский, почему капитал здоровья накапливается в развитых странах и "проедается" в постсоветской России? (опыт посткейнсианского анализа) /Журнал "Вопросы экономики", 2011, №10, с. 113-131, 2) М. Е. Бурмистрова Движущие силы модернизации и их институционализация: капитал здоровья и социально-экономические эффекты его привращения –www. http://lomonosov-msu.ru/archive/Lomonosov_2013/structure_32_2371.htm

4. Каримов М.И. Теоретико-методологические основы исследования здоровья нации как социально-экономическая категория// Наука, новые технологии и инновации Кыргызстана №7, 2017. – С. 162.

5. Қодиров Ш. Ш. Таҳлили нишондиҳандаҳои вазъи саломатии кӯдакони синни томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш. Ш. Қодиров, А. С. Орипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 7. – P. 178-183.

6. Хоркашов И.С. Анализ социально-экономических угроз развития человеческого капитала в Республике Таджикистан. Вестник Таджикского национального университета. № 7 (55), Душанбе: Сино, 2009. - С. 39.

7. Экономика здравоохранения: учебное пособие для вузов / Под ред. А.И. Вялкова. - 3-е издание. - 2009. - 664 с

8. Нематова П.М. (Мухаммадализода П.М.) Совершенствовоание механизма информаценного обеспечения системы управления здравоохранением Таджикистана: афтореф. дисс…канд.эконом.наук – Душанбе, 2023. - С.28

## ТЕНДЕНЦИИ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ НА ПРИМЕРЕ СТРАН ВОСТОКА

Данная статья посвящена тенденциям и формированию человеческого капитала в современном мире, с акцентом на опыт стран Востока. В ней рассматривается роль и значение различных научных и теоретических подходов к формированию человеческого капитала, а также анализируются такие подходы, как административный, воспроизводимый, динамический, интегрированный, маркетинговый, нормативный, процессный, ситуационный и целевой.

Кроме того, особое внимание в статье уделено значимости капитала здоровья как неотъемлемой части человеческого капитала. В этом контексте анализируются и обсуждаются мнения зарубежных и отечественных ученых. Особенно внимание уделяется теории Майкла Гроссмана, экономиста, рассматривающего здоровье как капитал. Согласно его теории, здоровье является не только важным элементом жизни человека, но и ключевым фактором для экономического роста и развития.

Статья также анализирует опыт некоторых развитых стран в поддержании и улучшении здоровья населения, включая профилактику заболеваний, внедрение инновационных технологий и обеспечение доступности медицинских услуг. Этот опыт свидетельствует о том, что развитие здравоохранения в развитых странах оказывает значительное влияние на расширение экономических и социальных возможностей.

В заключение, капитал здоровья, знания и культурный капитал являются важнейшими составляющими человеческого капитала, которые способствуют устойчивому социально-экономическому развитию.

***Ключевые слова:*** *человеческий капитал, капитал здоровья, развитие человеческого капитала, научно-теоретические подходы, воспроизводство, здравоохранение, капитал знаний, культурный капитал, медицинские услуги, социально-экономическое развитие*

## TRENDS AND FORMATION OF HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT IN THE MODERN WORLD ON THE EXAMPLE OF EASTERN COUNTRIES

This article examines trends in the formation of human capital in the modern world, focusing on the experience of Eastern countries. It examines the role and significance of various scientific and theoretical approaches to human capital formation, including administrative, reproducible, dynamic, integrated, marketing, normative, process, situational, and targeted approaches.

Furthermore, the article places particular emphasis on the importance of health capital as an integral part of human capital. In this context, the opinions of international and domestic scholars are analyzed and discussed. Particular attention is paid to the theory of Michael Grossman, an economist who views health as capital. According to his theory, health is not only an essential element of human life but also a key factor in economic growth and development.

The article also analyzes the experience of some developed countries in maintaining and improving public health, including disease prevention, the introduction of innovative technologies, and ensuring access to healthcare services. This experience demonstrates that healthcare development in developed countries has a significant impact on the expansion of economic and social opportunities.

In conclusion, health capital, knowledge capital and cultural capital are the most important components of human capital that contribute to sustainable socio-economic development.

***Keywords:*** *human capital, health capital, development of human capital, scientific and theoretical approaches, reproduction, healthcare, knowledge capital, cultural capital, medical services, socio-economic development*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Муҳаммадализода Парвина Муҳаммадалӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ; телефон: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail:p.nematova@bk.ru ORCID: 0009-0004-7482-2960

Сафарова Марҷона Исроиловна - магистранти Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ почта: safarovamarjona.96@mail.ru.

**Сведение об авторах:** Мухаммадализода Парвина Мухаммадали – кандидат экономических наук, заведующая отделом Южной и Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ; телефон: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail:p.nematova@bk.ru

Сафарова Маржона Исроиловна – магистрант Института экономики и демографии НАНТ (Республика Таджикистан, г. Душанбе, e-mail: safarovamarjona.96@mail.ru).

**Information about the authors:** Muhammadalizoda Parvina Muhammadali – Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of South and East Asia, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan; phone: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail:p.nematova@bk.ru ORCID: 0009-0004-7482-2960

Safarova Marjona Isroilovna – Master’s student at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan (Republic of Tajikistan, Dushanbe, e-mail: safarovamarjona.96@mail.ru).

УДК:339.92(575.8)(09)

# ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР ДОИРАИ ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ (СОЛҲОИ 2015 - 2026)

**Шарифзода Искандар Иброҳим**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

*Мақолаи мазкур ба таҳлили ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (минбаъд ИИАО) бахшида шудааст. Дар мақола нақши иттиҳод дар рушди робитаҳои тиҷоративу иқтисодии Қирғизистон, густариши савдои мутақобила, ҷалби сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки иқтисод мавриди баррасӣ қарор мегирад. Диққати асосӣ ба самтҳои афзалиятнокӣ ҳамкорӣ, аз ҷумла савдо, саноат, энергетика, нақлиёт ва логитика, кишоварзӣ, рақамикунонӣ ва рушди инфрасохтор равона шудааст. Ҳамчунин нишондиҳандаҳои асосии савдои Қирғизистон бо кишварҳои узви иттиҳод ва таъсири онҳо ба рушди иқтисоди миллӣ таҳлил мегарданд.*

*Дар таҳқиқот имкониятҳо ва мушкилоти ҳамкориҳои иқтисодии Қирғизистон дар доираи бозори ягонаи ИИАО арзёбӣ шуда, масъалаҳои афзоиши содирот, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ, рушди коoператсияи истеҳсолӣ ва кам намудани монеаҳои тиҷоративу логистикӣ баррасӣ мешаванд. Муаллиф ба хулоса меояд, ки ИИАО барои Қирғизистон яке аз самтҳи муҳими ҳамкории иқтисодии хориҷӣ буда, истифодаи самарноки имкониятҳои бозори ягона метавонад ба рушди истеҳсолот, афзоиши содирот, ҷалби сармоя ва таҳкими мавқеи иқтисодии кишвар мусоидат намояд. Дар баробари ин, диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии кишвар шарти муҳими самаранокии чунин ҳамкорӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Қирғизистон, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, ҳамкориҳои иқтисодӣ, савдои хориҷӣ, содирот, воридот, сармоягузорӣ, логистика, рақамикунонӣ*

**Муқаддима.** Ҳамгироии иқтисодии кишварҳои пасошӯравӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, рақобатҳои ноадолатонаи қудратҳои ҷаҳонӣ, аз нав тақсимкунии захираҳои табиии минтақаҳо ва муборизаҳои геоиқтисодӣ яке аз омилҳои муҳими рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ба шумор меравад. Яке аз шаклҳои асосии чунин ҳамгирои дар фазои пасошӯравӣ Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё мебошад, ки ба таъмини ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи корӣ, инчунин ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодӣ равона шудааст. Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ба як платформаи муваффақ барои ҳамгироии иқтисодӣ табдил ёфтааст, ки ба густариши тиҷорат байни аъзоёнаш ва афзоиши нақши онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат карда истодааст. Бояд зикр намуд, ки Шартномаи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз 1 январи соли 2015 ба амал даромадааст ва то имрӯз ба натиҷаҳои назарраси ҳамгирой, дастгирии иқтисодӣ ва сармоягузории мутақобила ба хотири рушди устувор расидааст.

Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё як лоиҳаи хеле пуриқтидори иқтисодӣ, геополитикӣ ва идеологӣ буда, панҷ давлатро бо аҳолии бештар аз 188 миллион нафар муттаҳид мекунад. Қаламрави он 20 229 248 $км^2$ буда, 14%-и масоҳати заминро ташкил медиҳад, ки панҷяки захираҳои гази ҷаҳон, 15%-и нафт ва захираҳои қариб ҳамаи унсурҳои ҷадвали давриро дар бар мегирад [6] .

Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз рӯи истеҳсоли нафт дар ҷаҳон ҷои аввал; аз рӯи истеҳсоли газ дар ҷои дуюм; аз рӯи истеҳсоли ангишт дар ҷои шашум; аз рӯи истеҳсоли нерӯи барқ дар ҷои чорум; аз рӯи истеҳсоли пӯлод дар ҷои панҷум; аз рӯи истеҳсоли нуриҳои минералӣ дар ҷои дуюм; аз рӯи истеҳсоли оҳани рехтагарӣ дар ҷои дуюм; аз рӯи ҷамъоварии ғалладона ва лӯбиёгиҳо дар ҷои сеюм; аз рӯи истеҳсоли картошка ва гандум дар ҷои сеюм; аз рӯи истеҳсоли гӯшт дар ҷои чорум ва ғайра қарор дорад[16]. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар соли 2025 ба 3 триллион доллар расидааст[3]. Дар маҷмӯъ, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ дар ҷаҳон дар ҷои шашум қарор дорад. Қайд кардан ба маврид аст, ки 80-87%-и иқтидори умумии иқтисодии кишварҳои узви Иттиҳоди Авруосиё ба Россия тааллуқ дорад[9].

Мавқеи муҳими геостратегӣ дар минтақаи иқтисодии Авруосиё онро ба як маркази транзитии эҳтимолан муҳим табдил медиҳад, ки Аврупо ва Осиёро мепайвандад. Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз рӯи дарозии шабакаи роҳи оҳан дар ҷаҳон дар ҷои дуюм ва аз рӯи дарозии умумии шабакаи роҳҳо дар ҷои панҷум қарор дорад[5]. Яке аз бартариҳои муҳимтарини ИИАО, ки бо ягон гурӯҳи дигари ҳамгироии ҷаҳон беназир аст, таърих ва таҷрибаи муштараки он дар фаъолияти муштараки иқтисодӣ мебошад. Набудани монеаи забонӣ, таърихи муштарак ва фаҳмиши фарҳангҳои миллӣ - ҳоло омили муҳим ва ҳамзамон қувваи пешбарандаи равандҳои ҳамгироии Авруосиё мебошад.

Ҳамин тариқ, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё маҷмӯаи давлатҳоест, ки бо гузаштаи муштараки таърихӣ ва робитаҳои иқтисодӣ муттаҳид шудаанд. Имкониятҳои ИИАО ҳамчун созмони иқтисодӣ бо назардошти имкониятҳои бузург беназир мебошад. Савол дар он аст, ки чӣ гуна кишварҳои узв тавонистанд аз ин имконият барои тақвияти Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва баланд бардоштани он ба сатҳи роҳбарии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ истифода баранд.

Таҷрибаи ҷаҳонии ҳамгироии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки устуворӣ ва самаранокии иттиҳодияҳои минтақавии ҳамгиро ба дараҷаи назаррас аз иқтидори иқтисодии онҳо ва пеш аз ҳама, аз таъсири мусбати равандҳои ҳамгироӣ ба рушди иқтисодии кишварҳои узв вобаста мебошад. Аз ин рӯ, таҳлили таҷрибаи узвият ва арзёбии натиҷаҳои фаъолияти Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ИИАО аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳамияти муҳим дошта, барои муайян намудани самаранокии механизмҳои ҳамгироӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Ҷумҳурии Қирғизистон ба Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё 12 августи соли 2015 пайваст гардид, ки барои иқтисодиёти ин кишвар марҳилаи нави рушди муносибатҳои иқтисодии минтақавиро оғоз намуд.

Қарори Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ворид шудан ба ИИАО бо зарурати васеъ намудани бозорҳои содиротӣ, беҳтар намудани шароити савдо, таъмини дастрасии истеҳсолкунандагони миллӣ ба бозори ягонаи Иттиҳод, рушди ҳамкориҳои сармоягузорӣ ва истифодаи имкониятҳои бозори меҳнати кишварҳои узв алоқаманд буд. Барои иқтисодиёти Қирғизистон, ки дорои бозори дохилии нисбатан маҳдуд буда, ба савдои хориҷӣ ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ вобастагии назаррас дорад, ҳамкории иқтисодӣ бо икшвраҳои ИИАО аҳамияти стратегӣ пайдо намуданд.

Яке аз самтҳои асосии ҳамкориҳои Қирғизистон дар доираи ИИАО савдои хориҷӣ маҳсуб меёбад. Кишварҳои аъзои Иттиҳод, пеш аз ҳама Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон, дар сохтори муносибатҳои иқтисодии хориҷии Қирғизистон мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Дар солҳои баъди ҳамроҳшавӣ ҳаҷми савдои мутақобила бо кишварҳои ИИАО тамоюли умумии афзоишро нишон додааст. Гардиши тиҷорати мутақобилаи Қирғизистон бо кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё 2 маротиба аз 2,5 миллиард доллари ИМА дар соли 2015 то 5,0 миллиард доллари ИМА дар соли 2024 афзоиш ёфтааст[8, 7].

**Аҳамияти таҳқиқоти** мазкур аз он иборат аст, ки дар давоми солҳои 2015-2026 муносибатҳои иқтисодии Қирғизистон бо кишварҳои ИИАО марҳилаҳои гуногуни рушдро аз сар гузаронидааст. Дар ин давра ба равандҳои ҳамгироӣ на танҳо омилҳои дохилии иқтисодӣ, балки пандемияи COVID - 19, тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ, тағйироти логистикӣ ва геоиқтисодӣ низ таъсир расониданд.

Мақсади таҳқиқоти мазкур таҳлили самтҳо ва натиҷаҳои асосии фаъолият ва ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Қирғизистон бо кишварҳои аъзои ИИАО дар солҳои 2015-2026 мебошад. Барои нишон додани натиҷаҳои фаъолияти Қирғизистон дар доираи ИИАО дар таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

1. муайян намудани заминаҳои асосии ҳамроҳшавии Қирғизистон ба ИИАО;
2. таҳлили динамикии савдои мутақобила; содирот ва воридоти молу маҳсулот;
3. муайян намудани мушкилот ва дурнамои минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ғайраҳо.

**Методҳои тадқиқот.** Дар раванди таҳқиқот маҷмӯи усусҳои илмии назариявӣ ва таҳлилӣ истифода шудаанд. Ҳамчунин аз маълумотҳои расмии Кумитаи миллии омори Ҷумҳурии Қирғизистон ва Комиссияи иқтисодии Авруосиё истифода шудаанд, чунки Кумитаи миллии омори ҶҚ дар бораи савдои мутақобила бо кишварҳои ИИАО бюллетени

махсус нашр мекунад, аз ҷумла аз нашрияҳои солонаи солҳои 2024, 2025 ва маълумоти январ - майи соли 2026, ки дар бойгонии расмӣ дастрас мебошанд, истифода карда шудааст.

Барои таҳлили мавзӯъ ва нишон додани натиҷаҳои фаъолияти Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи ИИАО усулҳои зерин истифода карда шудаанд:

-Усули динамикӣ – барои муайян намудани тағйирёбии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар давраи 2015-2026;

- Усули муқоисавӣ – барои муқоисаи нишондиҳандаҳои Қирғизистон дар солҳои гуногун ва муқоисаи кишварҳои асосии шарики ИИАО;

- Усули таҳлили оморӣ – барои муайян намудани суръати афзоиш ва тайғироти ҳаҷми савдо ва ғайраҳо.

**Қисмати асосӣ.** Бозори Иттиҳод 188 миллион истеъмолкунанда дорад, ки барои истеҳсолкунандагон ҳамеша кушода мебошад. Дар ин бозор бартариҳо бештар ба амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, ҳаракати қувваи корӣ ва имконияти татбиқи лоиҳаҳои ҳамкорӣ дода шудааст. Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ба кишварҳои узв дастрасӣ ба бозори бузурги ягона бо аҳолии беш аз 188 миллион нафарро фароҳам овардааст, ки имкониятҳоро барои мубодилаи тиҷорат ва ҳамкорӣ афзоиш медиҳад. Он ба коҳиш додани монеаҳои гумрукӣ, содда кардани логистика ва коҳиш додани хароҷоти нақлиёт мусоидат мекунад[13, 120]. Кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё фаъолона дар самти навсозӣ ва рушди инфрасохтор, аз ҷумла долонҳои нақлиётӣ ва энергетикӣ, ки Аврупо ва Осиёро мепайванданд, кор мекунанд[10, 12].

Механизмҳои зерин қоидаҳои асоси иқтисодии ИИАО-ро ташкил медиҳанд:

- Иттиҳоди гумрукӣ: қаламрави гумрукии умумӣ бо тарифи ягонаи беруна, ки барои кишварҳои ғайриузв низ татбиқ мешавад, ҳамоҳангсозии чораҳо ва расмиёти ғайритарифӣ, таснифоти ягонаи молҳо ва рамзи гумрукӣ;

- Чор озодӣ: ҳаракати озоди молҳо, хизматрасонӣ, қувваи корӣ ва сармоя дар дохили кишварҳои узви ИИАО;

- Ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодӣ: иттиҳод мекӯшад, ки сиёсати макроиқтисодии кишварҳои узвро бо риояи меъёрҳои устуворӣ, ки таваррум, қарзи давлатӣ ва касри буҷетро маҳдуд мекунанд, ба монанди меъёрҳои Шартномаи Маастрихт, ҳамоҳанг месозад[4].

Ҳадафи асосии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишварҳои узв дар бозорҳои ҷаҳонӣ мебошад[7]. Барои расидан ба ин ҳадаф, кишварҳои узв кӯшиш мекунанд, ки ҳамкориҳои иқтисодии худро густариш дода, ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи кориро таъмин намоянд.

Ин ҳадафҳо асосан тавассути таъсиси бозорҳои умумӣ барои ба истилоҳ «чаҳор озодӣ» - бозори молҳо, бозори хизматрасонӣ, бозори сармоя ва бозори меҳнат ба даст оварда мешаванд. Ҳар як бозор барои Қирғизистон аҳамияти махсус дорад ва бартараф кардани монеаҳо дар фаъолияти ин бозорҳо имкон медиҳад, ки:

– афзоиши содироти молҳо ва хизматрасонӣ;
– эҷоди ҷойҳои нави корӣ;
– ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ;
– рушди саноат;
– ҳавасмандгардонии рақобат;
– ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ;
– беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ғайра[12, 2].

Ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Қирғизистон ба Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар соли 2015 як қадами муҳим дар самти рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо дигар кишварҳои Авруосиё - Арманистон, Беларус, Қазоқистон ва Россия ба шумор меравад. Дар заминаи чолишҳои муосир ба монанди ҷаҳонишавӣ, афзоиши протексионизм (ҳимояи бозор ва истеҳсолоти дохилӣ аз рақобати хориҷӣ) ва рақобати иқтисодӣ, иштирок дар чунин лоиҳаи ҳамгироӣ яке аз воситаҳои муассири сиёсати хориҷӣ мебошад. Ва инак, ёздаҳ сол мешавад, ки Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар раванди ҳамгироии иқтисодии он фаъолона иштирок менамояд. Дар ин давра иштироки кишвар дар доираи Иттиҳод таҷрибаи муайяни иқтисодӣ ва институтсионалӣ ба вуҷуд оварда, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои он на танҳо аз нигоҳи амалӣ, балки аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ низ арзёбӣ карда шаванд. Омӯзиши ҷанбаҳои илмӣ-назариявии ҳамгироии иқтисодӣ нишон

медиҳад, ки татбиқи як қатор назарияҳои ҳамгирой дар шароити Ҷумҳурии Қирғизистон ва раванди пайвастани он ба ИИАО ба хусусиятҳои иқтисодӣ ва сохтории кишвар мутобиқ буда, барои истифодаи имкониятҳои бозори ягона, густариши робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва таҳкими ҳамкориҳои истеҳсолӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, назарияҳои мазкур дар шароити мушаххаси Қирғизистон то андозае қобили татбиқ буда, узвияти кишвар дар ИИАО дар баробари мушкилоти мавҷуда, ба даст овардани як қатор натиҷаҳои мусбати иқтисодӣ низ мусоидат намудааст.

**1. Назарияи «Пешравии бузург». (Розенштейн-Родан).**

Азбаски кишвар дорои сатҳи пасти Q, S, D дар маҷмӯъ аст, сармоягузорӣ барои рушди истеҳсолоти (иқтисодиёти) кишвар ба «Пешравии бузург» аз берун ниёз дорад. Дар давраи пайвастани Қирғизистон ба Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, интизор меравад, ки сармоягузориҳои калон ба бахшҳои гуногуни кишвар, бахусус аз Русия ва Қазоқистон ворид шаванд. Тибқи назария, ин сармоягузориҳо бояд ангезаи бузурге барои рушди иқтисоди ин кишвар бошанд.

**2. Назарияи Пребиш-Сингер**

Муносибат байни кишварҳои рӯ ба инкишоф ва рушдёфта дар муддати тӯлонӣ ба кишвари рушдёфта фоида меорад. Ҳадафи асосии таъсиси Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё рушди иқтисодиёти онҳо тавассути пешбурди сиёсати протексионистӣ мебошад. Азбаски рақобат бо кишварҳои пешрафта хеле душвор аст, он имконияти рушди истеҳсоли худро маҳдуд мекунад.

**3. Назарияи «беҳтарин дуюм»**

Тибқи назарияи «беҳтарин дуюм», таносуби фоида ва хароҷоти иттиҳоди гумрукӣ ҳар қадар бештар бошад, ҳамон қадар беҳтар хоҳад буд, ки шумораи кишварҳои узв дар иттиҳод ва сохтори тиҷоратии қаблан вуҷуддоштаи онҳо беҳтар бошад. Дар ин замина, барои арзёбии самаранокии узвияти Ҷумҳурии Қирғизистон дар Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё таҳлили тағйироти ҳаҷм ва сохтори савдои хориҷӣ, динамикаи содироту воридот, гардиши мол бо кишварҳои узви ИИАО, инчунин таъсири коҳиши монеаҳои тиҷоратӣ ва фароҳам гардидани дастрасӣ ба бозори ягона аҳамияти махсус пайдо мекунад. Аз ин нуқтаи назар, таҷрибаи Қирғизистон метавонад ҳамчун заминаи эмпирикӣ барои муайян намудани дараҷаи мувофиқати назарияи «беҳтарин дуюм» ба воқеияти равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар доираи ИИАО хизмат намояд.

**4. Аҳамияти муҳим набудан (Бартарии кишвари хурд будан).**

Кишварҳои пешрафта нархи молро дар тиҷорати байналмилалӣ муайян мекунанд. Аз сабаби технологияи пешрафта ва захираҳои кофии худ, онҳо арзиши камтарини як воҳиди молро доранд. Ин вазъият ба кишварҳои хурд фоида меорад. Зеро кишвари хурде, ки ба як маҳсулот тахассус дорад, нисбат ба кишвари пешрафта арзиши камтар дорад. Аммо, азбаски нархро кишвари пешрафта муқаррар мекунад, тиҷорат барои кишвари хурде, ки молҳои худро ба он кишвар содир мекунад, хеле фоидаовар мегардад. Бо нархҳои баланд дар кишварҳои пешрафта, кишвари хурд ба онҳо мол содир мекунад. Дар айни замон, он молҳоро бо нархи пасттарин ворид мекунад[14].

Азбаски Қирғизистон хурдтарин кишвар дар ИИАО аст, мувофиқи назарияи «муҳим набудан» метавонад аз узвият дар иттиҳод фоидаи калон ба даст орад.

Натиҷаҳои иштироки Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи ИИАО низ ин фарзияро тасдиқ намуда, нишон медиҳад, ки узвият дар иттиҳод барои кишвар имкониятҳои мусоид фароҳам оварда, ба дастовардҳои назаррас дар соҳаҳои иқтисодӣ ва тиҷроатӣ мусоидат кардааст.

Тибқи натиҷаҳои иштироки даҳсолаи Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи ИИАО маълум мегардад, ки ин кишвар бо ворид шудан ба ИИАО ба натиҷаҳои баланд ноил гардидааст. Барои мисол, суръати афзоиши воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар дар солҳои 2015-2024 56,4% - ро ташкил додааст. ММД ба ҳар сари аҳолӣ аз 1,2 ҳазор доллари амрикоии соли 2015 то 2,4 ҳазор доллари амрикоиро дар соли 2024 ташкил додааст, ки дар миёни кишварҳои узв, мувофиқи ин нишондиҳанда дар ҷойи дуюм қарор гирифтааст. Суръати афзоиши воқеии ММД-и Ҷумҳурии Қирғизистон 109,0% дар муқоиса ба соли 2023 дар соли 2024 ташкил додааст. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба капитали асосӣ дар миёни солҳои 2015 – 2025 45,6% афзоиш ёфта, ба 2,9 миллиард доллари ИМА расид. Ҳамзамон интиқоли пул аз кишварҳои Иттиҳод дар солҳои 2015-2024 71,1% афзоиш ёфт. Яъне аз 1,63 миллиард доллар

дар соли 2015 то 2,79 миллиард доллар дар соли 2024 – ташкил намудааст. Ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 2,4 маротиба афзоиш ёфта, дар соли 2024 ба 6,7 миллиард доллар расид. Гардиши тиҷорати мутақобилаи Қирғизистон бо кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё 2 маротиба аз 2,5 миллиард доллари ИМА дар соли 2015 то 5,0 миллиард доллари ИМА дар соли 2024 афзоиш ёфтааст. Воридот 1,7 маротиба, аз 2,1 миллиард доллар дар соли 2015 то 3,5 миллиард доллар дар соли 2024 афзоиш ёфтааст[8, 8]. Содироти Қирғизистон ба кишварҳои иттиҳод чор маротиба (аз 410 миллион доллар то 1,7 миллиард доллар) афзоиш ёфтааст[15].

Яке аз натиҷаҳои асосии иштироки Қирғизистон дар Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё афзоиши содироти молҳои ватанӣ ба кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё мебошад. Ин раванд барои истеҳсолкунандагони маҳаллӣ имкониятҳои нави бозорӣ фароҳам оварда, дастрасии онҳоро ба бозорҳои кишварҳои узв осонтар намуд. Аз ҷумла, маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсулоти саноати сабук, либос, маҳсулоти хӯрокворӣ ва дигар молҳои истеҳсоли Қирғизистон ба бозорҳои Федератсияи Русия, Қазоқистон, Беларус ва Арманистон роҳ ёфтанд.

Яке аз натиҷаҳои дигари иштироки Қирғизситон дар доираи ИИАО интиқоли 142 бахши хизматрасонӣ ба бозори ягона иттиҳод ба шумор меравад. Дар натиҷаи ин тамоюл дастовардҳои зерин ба даст омаданд, ки имкониятҳои бештареро барои истеҳсолкунандагони дохилӣ фароҳам овард. Аз ҷумла:

- Эътирофи мутақобилаи иҷозатномаҳо ва сертификатсияҳои миллӣ дар сохтмон, муҳандисӣ, савдои яклухт ва чакана, таблиғ, иҷора ва лизинг, сайёҳӣ, кишоварзӣ, картография, метеорология ва дигар бахшҳо;
- Татбиқи шартҳои ғайритабъизӣ бидуни маҳдудиятҳои миқдорӣ ва сармоягузорӣ дар робита бо савдои хизматрасонӣ;
- Таъмини хизматрасонӣ бидуни зарурати таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар асоси иҷозатномаи дар кишвар гирифташуда;
- Беҳсозии танзими дохилии фаъолияти тиҷоратӣ дар бахши хизматрасонӣ;
- Муайян кардани самтҳои афзалиятнок барои либерализатсияи хизматрасонӣ[8, 16].

Дурнамои ин тамоюл пеш аз ҳама дар густариши тадриҷии бозори ягонаи хизматрасонӣ дар асоси нақшаҳои либерализатсия, ки аз ҷониби кишварҳои узв тасдиқ шудаанд, дар созишномаҳои ҳамкории маъмурӣ ва дар рушди бозори хизматрасонӣ дар иқтисоди инноватсионӣ вобаста хоҳад буд.

Дар давраи 2015-2024 содироти Қирғизистон ба кишварҳои узви ИИАО аз 410,2 млн доллар то 1,69 млрд доллар расидааст, яъне тақрибан 4,1 баробар афзоиш ёфтааст. Тақрибан 78 фоизи тамоми маҳсулоти нассоҷӣ, ки дар Қирғизистон истеҳсол мешаванд, ба кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё фиристода мешаванд ва то 60 фоизи маҳсулоти хӯрокворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ низ ба бозорҳои иттиҳод фиристода мешаванд. Боз як мисоли барҷаста, агар дар соли 2015 содироти моҳии нав яхкардашуда аз Қирғизистон 7 ҳазор долларро ташкил медод, имрӯз ин рақам ба 9,8 миллион доллар расидааст[15].

Тибқи иттилои Кумитаи миллии омори Ҷумҳурии Қирғизистон, дар соли 2025 гардиши молии он бо дигар кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё 5,9 миллиард долларро ташкил дод. Дар муқоиса бо соли 2024, гардиши мол 7,7% афзоиш ёфтааст. Саҳми бештари тиҷорати мутақобила байни Қирғизистон ва Россия дар ин давра бо Русия (64,9%) ва Қазоқистон (31,5%) ташкил додааст[11].

Аммо, номутавозинӣ низ дар бахши содирот ва воридот ба назар расиданд:

1. Содирот ба кишварҳои Иттиҳод 31,9 фоиз коҳиш ёфт (дар маҷмӯъ 1,152 миллиард доллар);
2. Даромад аз воридот 25 фоиз (4,772 миллиард доллар) афзоиш ёфт[1].

Гарчанде ки тиҷорат бо Қазоқистон ва Федератсияи Россия ба таври назаррас дар соли 2025 афзоиш ёфтанд, аммо тиҷорат бо Арманистон ва Беларус маҳдуд ва ночиз боқӣ монад.

Ҳаҷми тиҷорати мутақобилаи Қирғизистон бо кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар нимсолаи аввали соли 2026 3 миллиард долларро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 0,1% коҳиши ночизеро нишон медиҳад. Аз ҷумла, содирот ба кишварҳои ИИАО 5,3% коҳиш ёфта, воридот аз кишварҳои ИАО 1,1% афзоиш ёфтааст. Россия ва Қазоқистон шарикони асосии тиҷоратии берунаи Қирғизистон дар доираи ИИАО боқӣ мондаанд, зеро 67,1%-и ҳаҷми умумии тиҷорати мутақобиларо Россия ва 30,6%-ро Қазоқистон ташкил додаанд[2].

**Хулоса.** Бояд қайд кард, ки ҳамроҳшавии Қирғизистон ба Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё як қадами мантиқӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ ва амалӣ кардани манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад.

Бинобар сабаби он ки тамоми паҳлуҳои ҳамкориҳои иқтисодии Қирғизистонро бо кишварҳои узви ИИАО нишон додан имконнопазир аст, таҳқиқоти мазкур самтҳои калидии ҳамгироии иқтисодӣ равона карда шуд. Дар маҷмӯъ, метавон хулоса кард, ки узвияти Ҷумҳурии Қирғизистон дар ИИАО на танҳо барои густариши робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ замина фароҳам овардааст, балки ба тағйирёбии муҳити фаъолияти иқтисодии кишвар ва васеъ гардидани имкониятҳои ҳамкорӣ дар доираи бозори ягона мусоидат намудааст. Бо вуҷуди ин, истифода пурраи бартариҳои ҳамгирой ҳанӯз ба ҳалли як қатор мушкилоти сохторӣ, аз ҷумла баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ ва содиротӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот, беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ ва рушди коопертсияҳои истеҳсолӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, метавон таъкид намуд, ки дурнамои иштироки Қирғизистон дар ИИАО на танҳо аз ҳаҷми муносбатҳои тиҷоратӣ, балки аз қобилияти кишвар барои истифодаи самаранокии механизмҳои ҳамгирой ва табдил додани онҳо ба омили рушди устувори иқтисоди миллӣ вобаста хоҳад буд.

**Адабиёт**


1. В 2025 году Кыргызстан наторговал на 11,2 процента меньше — на $15,8 миллиарда. [Манбаи электронӣ]URL:.https://24.kg/ekonomika/362210_v2025_godu_kyirgyizstan_natorgoval_na112_protsenta_menshe_na158_milliarda/ (Санаи дархост: 18-08-2026)
2. Внешняя торговля Кыргызстана за первое полугодие достигла $7,9 млрд: детализация данных. [Манбаи электронӣ]URL:. https://news.kg/ru/news/vneshnyaya-torgovlya-kyrgyzstana-za-pervoe-polugodie-dostigla-7-9-mlrd?ysclid=msycx9p8xq993118890 (Санаи дархост: 19-08-2026)
3. Совокупный ВВП ЕАЭС достиг $3 трлн — инфографика. [Манбаи электронӣ]URL:. https://ru.sputnik.kz/20260326/sovokupnyy-vvp-eaes-dostig-3-trln---infografika-62173091.html?ysclid=msyg6wm893917492 (Санаи дархост: 17- 08-2026)
4. Taalaibekova K. Problems and prospects of the Kyrgyz Republic's participation in the EAEU. Постсоветские исследования. 2021;4(5):409–426.
5. Быстряков А.Я. (2012) Развитие интеграции на постсоветском пространстве // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия «Экономика». № 4. С. 28–33.
6. И.В. Андронова. Евразийский экономический союз: потенциал и ограничения для регионального и глобального лидерства. ВЕСТНИК МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ. Т. 11. № 2 (2016)
7. Каримов М. Н. (2020). Экономический потенциал Центральной Азии и перспективы его использования в условиях экономической интеграции. Вестник КазНУ, 40(4), 52-60.
8. Кыргызская Республика. Социально-экономическое развитие за 10 лет в ЕАЭС. [Манбаи электронӣ]URL:.EEC-Kyrgyzstan-Brochure.pdf (Санаи дархост:17-08-2026). Саҳ - 7
9. Медведева Т. Руслан Гринберг: «Никаких либералов нет» // Портал Культура. 2016. [Манбаи электронӣ]URL:. http://portal-kultura.ru/articles/ekonomika/126878-ruslan-grinberg-nikakikh-liberalov-net (Санаи дархост: 17- 08-2026).
10. Назарбаев, Н. А. Евразийский союз: от идеи к реальности / Н. А. Назарбаев // Вест ник Евразийского национального университета им. Л.Н. Гумилева. – 2018. – № 4. – С. 12-19. саҳ 12
11. На $5,9 млрд наторговал Кыргызстан с другими странами ЕАЭС в 2025 году. [Манбаи электронӣ] URL:. https://ru.sputnik.kg/20260218/kyrgyzstan-eaes-torgovlya-1099800579.html?ysclid=mswvso4gqe737012582 (Санаи дархост: 18- 08-2026)
12. Турусбеков Д. Б. Евразийский экономический союз во внешней политике Кыргызской Республики // Постсоветские исследования. 2023;6(6):610-616. стр - 2
13. Хасбулатов, Р. И. Перспективы евразийской интеграции в условиях глобальной неста бильности / Р. И. Хасбулатов. – Москва : Наука, 2022. – 263 с. саҳ 120
14. Э. Нуралиев. КЫРГЫЗСТАН ЖАНА ЕВРАЗЭС: АРТЫКЧЫЛЫКТАР ЖАНА КОРКУНУЧТАР. [Манбаи электронӣ]URL:.https://dergipark.org.tr/tr/download/article-file/656215 (Санаи дархост: 17-08-2026)
15. Экономика роста — что Кыргызстан получил за 10 лет в ЕАЭС. [Манбаи электронӣ]URL:. https://dzen.ru/a/aU1Gy9SrMzjMhd85?ysclid=mswv5r5q1a768123671 (Санаи дархост: 17-08-2026)
16. Экономический потенциал // Евразийская экономическая политика. [Манбаи электронӣ]URL:. www.eurasiancommission.org/ru/Pages/ses.aspx (Санаи дархост: 18-08-2026).


## ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО КИРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКИ В РАМКАХ ЕВРАЗИЙСКОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОЮЗА (2015–2026 ГГ.)


Данная статья посвящена анализу экономического сотрудничества Кыргызской Республики в рамках Евразийского экономического союза (далее – ЕАЭС). В статье рассматривается роль союза в развитии торгово-экономических связей Кыргызстана, расширении взаимной торговли, привлечении инвестиций и реализации совместных экономических проектов. Основное внимание уделяется приоритетным направлениям сотрудничества, включая торговлю, промышленность, энергетику, транспорт и логистику,

сельское хозяйство, цифровизацию и развитие инфраструктуры. Также анализируются основные показатели торговли Кыргызстана с государствами-членами союза и их влияние на развитие национальной экономики. В исследовании оцениваются возможности и вызовы экономического сотрудничества Кыргызстана в рамках единого рынка ЕАЭС, рассматриваются вопросы увеличения экспорта, повышения конкурентоспособности национальной продукции, развития производственного сотрудничества и снижения торгово-логистических барьеров. Автор делает вывод, что ЕАЭС является одним из важных направлений внешнеэкономического сотрудничества для Кыргызстана, а эффективное использование возможностей единого рынка может способствовать развитию производства, увеличению экспорта, привлечению инвестиций и укреплению экономических позиций страны. В то же время диверсификация национальной экономики и увеличение производственных мощностей страны являются важными условиями эффективности такого сотрудничества.
***Ключевые слова:*** *Кыргызская Республика, Евразийский экономический союз, экономическое сотрудничество, внешняя торговля, экспорт, импорт, инвестиции, логистика, цифровизация*

## ECONOMIC COOPERATION OF THE KYRGYZ REPUBLIC WITHIN THE EURASIAN ECONOMIC UNION (2015–2026)

This article analyzes the economic cooperation of the Kyrgyz Republic within the Eurasian Economic Union (hereinafter referred to as the EAEU). It examines the union's role in developing Kyrgyzstan's trade and economic ties, expanding mutual trade, attracting investment, and implementing joint economic projects. It focuses on priority areas of cooperation, including trade, industry, energy, transport and logistics, agriculture, digitalization, and infrastructure development. It also analyzes key indicators of Kyrgyzstan's trade with union member states and their impact on national economic development. The study assesses the opportunities and challenges of Kyrgyzstan's economic cooperation within the EAEU single market, exploring ways to increase exports, enhance the competitiveness of national products, develop industrial cooperation, and reduce trade and logistics barriers. The author concludes that the EAEU is a key area of foreign economic cooperation for Kyrgyzstan, and that effective use of the single market's opportunities can contribute to the development of production, increase exports, attract investment, and strengthen the country's economic position. At the same time, diversification of the national economy and increasing the country's production capacity are essential prerequisites for the effectiveness of such cooperation.
***Keywords:*** *Kyrgyz Republic, Eurasian Economic Union, economic cooperation, foreign trade, exports, imports, investment, logistics, digitalization*

**:Маълумот дар бораи муаллиф**

**Шарифзода Искандар Иброҳим,** ходими илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо и АМИТ. Суроға: ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи А Навоӣ 27/2. Тел: 186819999. E-mail: tojikfar10@mail.ru**ORCID: 0009-0007-9982-8316**

**:Сведения об авторах**

**Шарифзода Искандар Ибрахим.** научный сотрудник отдель Содружества Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: г. Душанбе, н. Сино, улица А. Навои 27/2. Тел: 186819999. Электронная почта: tojikfar10@mail.ru**ORCID: 0009-0007-9982-8316**

**:About the autho**

**Sharifzoda Iskandar Ibrohim.** Researcher, Department of the Commonwealth of Independent States Institute for the Study of Asian and European Countries, National Academy of .Sciences of TajikistanAddress: Dushanbe, Sino, st A. Navoi 27/2. Tel: 186819999. E-mail: tojikfar10@mail.ru **ORCID: 0009-0007-9982-8316**

## ҚОИДАҲОИ НАШРИ МАҚОЛАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Маҷалла мақолаҳоро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар ҳаҷми то 16 саҳифа пазируфта, ҳамроҳи мақола фишурдаи он низ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ талаб карда мешавад. Фишурдаи мақолаҳо набояд аз 1 саҳифа зиёд бошад. Матни мақола бояд дар принтер бо ҳуруфи андозаи 14 дар як рӯяи коғази сафеди андозаи стандартӣ (А4) чоп шуда, ҳар саҳифаи навишта аз 28 сатр (бо шумули замима ва ҳошияҳо), зиёд набошад. Ҳошияҳои дастнавис: аз боло ва поён – 2,5 см, аз чап ва рост – 3 см. Андозаи фосилаи байни сатрҳо – 0,5 см.

Ба дастнависҳо замима мегарданд:

а) маълумот роҷеъ ба муаллиф (ном, номи падар, номи хонаводагӣ, дараҷаи илмӣ, унвон, ҷойи кор, вазифа, нишонии ҷойи зист, шохис (индекс)-и шуъбаи почта, рақами телефони хона ва кор, нишонии почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад);

б) Мақолаи дар компютер чоп шуда, ҳамроҳ бо нусхаи электронӣ пешниҳод мешавад, ки дар он маводи муаллиф ба сурати парванда дар вожапардози Word анҷом шудааст; агар ҳуруфи лотинӣ ё дигар аломатҳо истифода шуда бошад, бояд онҳо бо нишондоди номашон ирсол гарданд.

Барои мақолаи илмӣ 2 (ду) тақриз ва маълумотномаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн талаб карда мешавад.

Сарлавҳаи мақола бо ҳарфҳои хурд ва аз матн бо фосилаи се сатр ҷудо карда мешавад. Иқтибосҳо бо сарчашма дақиқ муқоиса карда шуда, дар охири саҳифа асли онҳо аз ҷониби муаллиф оварда мешаванд.

Феҳристи манобеъ дар охири мақола (бо тартиби алифбо – нахуст ба хатти кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хориҷӣ оварда мешавад; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) бо шуморагузорӣ ва нишон додани маълумоти зайл оварда мешавад:

а) барои китобҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шаҳр ва соли нашр, теъдоди умумии саҳифаҳо мисли:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ч.1, Душанбе: Дониш. – 2018. - 563 с.

б) барои мақолаҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи мақола, номи маҷмӯаи мақолаҳо, китоб, рӯзнома, макони нашр, шаҳр (барои китоб), сол ва шумораи рӯзнома, маҷалла, мисли:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”.- № 2 (10) - 2018. – с. 70-78.

Дар дохили матн истинод ба манбаъ дар дохили қавси мураббаъ дода шуда, аз ҳам тавассути вергул ҷудо карда мешавад, мисол: [1, 75]; шумораи саҳифаҳои иқтибос бо воситаи вергул ё тире нишон дода мешавад, мисол: [2, 72-80].

Дар мақола аз тарафи муаллиф ё муаллифон бояд имзо гузошта шавад.

Дастнавис бояд бодиққат хонда шуда, бидуни ғалат пешниҳод гардад.

Дастнависҳое, ки бидуни риояи талаботи мазкур таҳия шудаанд, баррасӣ намешаванд.

Ҳайати таҳририя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ, таҳриру ислоҳ кунад ва ё ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад. Муаллифон пас аз саҳифабандии мақола онро хонда ризояти худро барои чоп ба таври хаттӣ тасдиқ мекунанд.

Масъулияти ақида ва муҳтавои мақолаҳо бар дӯши муаллифони онҳост.

## ПРАВИЛА ПУБЛИКАЦИИ ДЛЯ АВТОРОВ

К публикации в журнал принимаются статьи объемом не более 16 страниц на таджикском, русском и английском языках. Статьи сопровождаются резюме на таджикском, русском и английском языках, объем которого не должен превышать 1 страницы.

Текст должен быть отпечатан на принтере – размер шрифта 14 – с одной стороны белого листа бумаги стандартного формата (А4). На странице рукописи должно быть не более 28 строк, отпечатанных через два интервала (это относится также к примечаниям и сноскам).

Поля рукописи: верхнее и нижнее – 2,5 см, левое и правое – 3 см. Размер абзацного отступа – 0,5 см.

К рукописи прилагаются:

а) сведения об авторе (фамилия, имя, отчество, ученая степень, звание, место работы, должность, домашний адрес, индекс почтового отделения, номера служебного и домашнего телефонов, при наличии – адрес электронной почты);

б) статья должна быть отпечатана на компьютере и представлена редакции одновременно с CD, содержащей файл авторского материала, выполненного в текстовом редакторе Word; шрифты, если таковые использовались для латинских или иных символов, с указанием их названия.

Для научной статьи требуется 2 рецензии и *СПРАВКА* о проверке работы в системе «*Антиплагиат*».

Заглавие статьи печатается строчными буквами и отбивается тремя интервалами снизу от текста.

Цитаты тщательно сверяются с первоисточником и визируются автором на оборотной стороне страницы. Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) для книг – фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, Осиё ва Аврупо № 2, 2019 141 общая число страниц, например:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ч.1, Душанбе: Дониш.- 2018. - 563 с.

б) для статей – фамилия, инициалы автора, полное название статьи, название сборника, книги, газеты, журнала, где опубликована статья, город (для книг), год и номер газеты, журнала, например:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”. - № 2 (10). - 2018. С. 70-78.

Ссылки на литературу в тексте даются в квадратных скобках через запятой, например: [3, 272]; при цитировании указываются страницы через запятую или тире, например: [4, 272-280].

Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов – всеми соавторами.

Рукопись должна быть тщательно вычитана и сдана без опечаток. Рукописи, оформленные без соблюдения указанных требований, не рассматриваются.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку. Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.

Ответственность за подбор, точность фактов, цитат, и данных несут авторы опубликованных материалов.

***Ба матбаа супорида шуд 21.09.2026***
***Барои нашр имзо шуд 25.09.2026***
***Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 12. Андоза*** $70x100^{1}/_{16}$.
***Адади нашр 100 нусха. Супориши №__***

**МН «Дониш»**

***Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АМИТ***
***ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.***